ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2020. №1

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2020. №1

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2020. No.1

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2020

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 8 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карорматулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*

Исмоилов Шамсулло Исмоилович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва назарияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Абдусатторов Абдушукур — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳринисso Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ
– 2020. – №1. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №0038/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).© ДМТ, 2020

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт — *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Рахмонзода Абдуджаббор Азиз — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Юсуфзода Носирджон Салими — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан*

Рахматуллозода Сахидод — *Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент Академии наук Республики Таджикистан*

Назарзода Сайфиддин — *Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*

Исмоилов Шамсулло Исмоилович — *Доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и теории языкознания Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*

Абдуллозода Масрур Ахмад — *Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*

Абдусатторов Абдушукур — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета*

Кучарзода Аламхон — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондентАкадемии наук Республики Таджикистан*

Саидов Халимджон Азизович — *Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*

Муродов Мурод — *Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*

Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна — *Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*

Ходжаев Давлатбек — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*

Дустов Хамрохон Джумаевич — *Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2020. – №1. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №0038/ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2020

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 8 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvaḳhtzoda Kobiljon Khushvaḳht	*Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo	*Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Rahmonzoda Abdujabbor Aziz	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Yusufzoda Nosirjon Salimi	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Khorkashev Sakhidod	*Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Nazarzoda Saifiddin	*Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Ismoilov Shamsullo Ismoilovich	*Doctor of Philology, Professor of the Tajik language and theory of linguistics of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*
Abdullozoda Masrur Akhmad	*Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*
Abdusattorov Abdushukur	*Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Tajik Literature of the Tajik National University*
Kucharzoda Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Saidov Khalimdzhon Azizovich	*Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*
Mamadnazarov Abdusalom	*Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Khodzhaev Davlatbek	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*
Dustov Khamrokhon Dzhumaevich	*Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2020. – №1. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.© TNU, 2020

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ - Я З Ы К О З Н А Н И Е

УДК: 811.21/.22-54

АВВАЛИН ТАРҶУМАИ "ДОНИШНОМА"-И АБӮАЛӢ СИНО БА ЗАБОНИ РУСӢ

Сулаймонов С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити кунунии истиқлолияти сиёсӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҷума, бозгардон, таҳқиқ ва тарғибу ташвиқи мероси илмӣ ва фалсафии халқи тоҷик аз масъалаҳои муҳимми илмӣ, фарҳангӣ ва ҷаҳоншиносии миллат мебошад. Имсол ҷомеаи ҷаҳонӣ 1040-солагии яке аз саромадони андешаи миллии тоҷикон, табиби фарзона ва файласуфи бузург Шайхурраис Абӯалӣ Синоро ҷашн мегирад. Дар алоқамандӣ бо ин масъала мехостам, роҷеъ ба тарҷумаи русии яке аз асарҳои муҳимми фалсафии ӯ ба забони тоҷикӣ *"Донишнома"*-и Алоӣ, ки Ибни Сино дар он пояҳои асосии истилоҳоти илмӣ ва фалсафии забони тоҷикиро пайрезӣ кардааст, таваққуф намоям. Зикри мақом ва манзалати яке аз рукнҳои асосии миллат забони миллӣ имрӯз барои миллати тоҷик дар баробари таҳким бахшидани пояҳои давлат ва давлатдории миллӣ, яке аз масъалаҳои доғи рӯзи илм ва фарҳанг буда, бояд ҳамеша дар мадди назари ниҳодҳои давлатӣ ва зиёиён қарор дошта бошад.

Шайхурраис Абӯалӣ Сино мисли файласуф ва табиатшиноси бузурги Юнони қадим Арасту аз зумраи он шахсиятҳои шинохтаи фарҳангии ҷаҳон аст, ки дар бораи мақому мартабаи илмӣ ва фалсафии ӯ ҳазорҳо мақолаю китобҳо ва таҳқиқот дар ховаршиносӣ ва илми ҷаҳонӣ навишта шуда, ҷойгоҳ ва мартабаю манзалати ӯ дар қатори нобиғаҳои фарҳехтаи ҷаҳон қадршиносӣ шудааст. Вале ҳанӯз ҳам мероси гаронбаҳои ӯ бо пешрафти равандҳои илмии ҷомеаи ҷаҳонӣ диққати андешамандон, файласуфон, табибон ва забоншиносонро ба худ ҷалб сохта, донишмандони ҷаҳон дар жарфои мероси гаронбаҳои ӯ нуқтаҳои нав ба нави илмиро кашф менамоянд. Дар ин мақола мо ба омӯзиши паҳлуҳои мухталифи мероси ҷовидонаи ӯ даст назада, танҳо дар бораи тарҷумаи русии яке аз асарҳои машҳури ӯ *"Донишнома"*-и Алоӣ чанд андешаи худро баён месозем. Ин асар ба забони русӣ аз ҷониби яке аз файласуфони шинохтаи тоҷик академик Алоуддин Маҳмудович Баҳоваддинов ба забони тоҷикӣ тарҷума гардидааст [1]. А.М. Баҳоваддинов ғайр аз ин ки аз файласуфони шинохтаи тоҷик ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва яке аз асосгузорони илми фалсафаи навини тоҷик ба шумор мераванд, ҳамчунин аз ҷумлаи он фарзандони барӯманди халқи тоҷик буданд, ки дар тарҷума, тарғиб ва пажӯҳиши мероси фалсафӣ ва фарҳангии мутафаккирони форсу тоҷик ҳиссаи босазо гузоштаанд. Пеш аз баёни матлаби асосии тарҷума ин нуқтаро ишора бояд кард, ки иқдоми ватандӯстонаи академик А.М. Баҳоваддинов дар тарҷумаи "*Донишнома"*-и Ибни Сино барои тарҷума ва таҳқиқи осори мутафаккирони форсу тоҷик аз забони форсӣ (тоҷикӣ) ва забони арабӣ дар ҳудуди Иттиҳоди Шӯравии собиқ заминаи созгор омода карда, баъди он иқдомот ва чорабиниҳои муҳим барои тарҷумаи осори худи Шайхурраис ва дигар мутафаккирони форсу тоҷик андешида шуданд. Дар шароити кунунӣ дар пажӯҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқи АИ ҶТ "Маркази Синошиносӣ" таъсис ёфтааст, ки он бевосита ба тарҷума, тарғиб ва таҳқиқи осори ӯ машғул буда, дар ин ҷода дастовардҳои қобили мулоҳиза ба даст омадаанд, ки шарҳу баёни онҳо аз ҳадафҳои мақолаи мо берун аст.

Дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аз дастовардҳои боарзиши ховаршиносии он тарҷумаи асари доиратулмаорифии тиббии Ибни Сино *"ал-Қонун фи-т-тиб"* буд, ки онро арабшиносони шинохтаи СССР Ю.Н. Завадовский, П.Г. Булгаков, М.А. Салье, У.И. Каримов, С.Мирзоева ва дигарон аз соли 1937 то соли 1957 тарҷума карда, гуфтан метавон як инқилоби бузурги илмӣ ва фарҳангиро дар шинохти мероси илмӣ ва фалсафии халқи тоҷик дар даврони Шӯравӣ ва дар сатҳи арабшиносии ҷаҳон ба вуҷуд оварданд.

Воқеан, хизмати олимони фавқуззикр дар тарҷума ва омода кардани заминаи васеъ барои омӯзиши мероси тиббии Шайхурраис беҳамто ва нотакрор аст. Иқдоми дувум ва дигари ховаршиносии даврони Шӯравӣ тарҷумаи "*Донишнома"*-и Ибни Сино аз ҷониби академик А.М. Баҳовиддинов буд, ки барои тарҷумаҳои минбаъдаи илмӣ ва фалсафӣ роҳ кушод. Аҳаммияти илмӣ-амалӣ ва арзишманди тарҷума ва таҳқиқи "*Донишнома"* аз ҷониби А.М. Баҳоваддинов аз ду ҷиҳат муҳим аст: яке ин ки "*Донишнома*" баъди тарҷумаи франсузии он соли 1955 аз тарафи Муҳаммад Ашен [2], бори дувум ба забони русӣ аз ҷониби А.М. Баҳоваддинов анҷом дода шуд. Аҳаммияти дигари ин масъала дар он аст, ки тарҷумаи "*Донишнома*" ба забони русӣ [3] на танҳо хонандаи русзабонро ба мероси фалсафии андешаманди бузург ошно сохт, балки ин тарҷума дар оянда заминаи асосӣ барои тарҷумаи осори фалсафии донишмандони исломӣ аз забонҳои арабӣ ва форсӣ (тоҷикӣ) ба забони русӣ омода сохт, зеро А.М. Баҳоваддинов чун файласуфи касбӣ тавонист бо як маҳорати хосса "*Донишнома*"-и Ибни Синоро бо истилоҳоти пухта ва рехта, ки то ӯ назир надошт ва ё камназир буд, ба забони русӣ тарҷума намояд. Мавриди ёдоварист, ки ин гоми ватандӯстона ва фарҳангии файласуфи шинохта, дар доираҳои илмӣ ва махсусан, дар кори тарҷумаи осори донишмандони асрҳои миёна ҷонибдории хоссаро бархӯрдор гардид [4]. Масъалаи муҳимми дигаре, ки ба тарҷумаи "*Донишнома*" ба забони русӣ аз ҷониби А.М. Баҳоваддинов сахт пайвастагӣ дорад, ин аст, ки агар ба тарҷумаи мероси ниёгон аз забонҳои арабӣ ва форсӣ (тоҷикӣ) як назари иҷмолӣ андозем, ин ҳақиқат бароямон ҳувайдо мегардад, ки тарҷумаҳо аз забони форсӣ (тоҷикӣ) дар қиёс бо забони арабӣ камтар ба чашм мерасанд, гузашта аз ин, шумораи онҳо ба забонҳои аврупоӣ низ аз лиҳози каммият ва кайфият чандон назаррас нест. Дар ҳар сурат,омӯзиши ин масъала баррасии фарохтару бештар ва таҳқиқи мустақилро тақозо дорад.

Як нуктаи нозук ва дар айни замон ба ақидаи банда зарурие, ки ба аҳли илм ва муҳаққиқон бояд ироа намоем ин аст, ки дар тарҷумаи "*Донишнома*", на танҳо А.М. Баҳоваддинов, балки ходимони калони илмии Шуъбаи фалсафаи АИ Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон номзади илми таърих А.П. Колпаков ва И. А.Ализода низ ширкат варзидаанд. Мо бояд аз рӯйи масъулият ва ахлоқи илмӣ ҳисса ва мақоми А.М. Баҳоваддинов ва донишмандони мазкурро дар асоси истифода ва истинод ба ҳарду тарҷума то қадри имкон муайян созем, то дар фаҳмиши дурусти ин масъала рӯшание андохта бошем.

Аз сарчашмаҳо ва таҳқиқоти донишмандони пешин ва пасин ошкор аст, ки "*Донишнома*" ба забони порсии дарӣ (таъбир аз худи Ибни Синост -С.С.) [5] солҳои 1031-1035 ҳангоми хидмат дар дарбори Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Душманзиёр - яке аз ҳокимони дудмони Оли Бувайҳ навишта шудааст.

А.М. Баҳоваддинов дар муқаддимаи тарҷумаи худ, ки соли 1957 дар Сталинобод ба табъ расида буд, ишора менамояд, ки "*Донишнома*"-ро аз рӯйи чопи он дар Ҳайдаробод (Ҳиндустон) соли 1891 ва сипас қисмати "*Мантиқ*" ва "*Илоҳиёт*"-и онро, ки Аҳмади Хуросонӣ дар Теҳрон соли 1936 ба чоп омода карда буданд, ба анҷом расонидааст [6]. Чопи бахшҳои "*Мантиқ*", "*Табииёт*" ва "*Риёзиёт*"-и асари мазкур бо кӯшиши донишмандон - устодони донишгоҳи Теҳрон Муҳаммад Муин ва Машкут соли 1957 рӯйи чопро дидаанд. Доир ба ин ки чаро "*Донишнома*" ба забонҳои дигар мавриди тарҷума ва таҳқиқ қарор нагирифтааст, дар муқаддимаи тарҷумаи русии он А.М. Баҳоваддинов ишора менамояд, ки ман бо вуҷуди душвории тарҷумаи асар ҳамроҳ бо А.П. Колпаков бахши "*Мантиқ*" ва "*Илоҳиёт*"-и асарро соли 1947 ба забони русӣ тарҷума кардем, вале кӯшиши мо барор нагирифт, зеро тарҷума ҳанӯз ноқис ва номукаммал буд, аз ин ҷиҳат, мо онро ба чоп расонида натавонистем. Дар идомаи тарҷума ва ба чоп расонидани он, чуноне А.М. Баҳоваддинов зикр менамояд, узви вобастаи АИ СССР, профессор Е.Э. Бертелс, номзади илми филология М.О. Османов, номзади илми таърих А.П. Колпаков ва И.А. Ализода кумак кардаанд. А.М. Баҳоваддинов мушовирони тарҷумаи асар Парвиз Шод ва профессор Б.Э. Биховскийро ёд кардааст. Ҳамчунин, ҳангоми тарҷумаи асар тарҷумаи франсузии он аз ҷониби Муҳаммад Ашен, ки соли 1955 дар Париж ба табъ расида буд, мавриди истифодаи А.М. Баҳоваддинов қарор гирифтааст [7].

"*Донишнома*" ду бор ба забони русӣ: яке соли 1957 дар тарҷумаи А.М. Баҳоваддинов дар Сталинобод дар зери таҳрири М.Н. Османов ва бори дигар соли 1980 дар нашриёти "Ирфон" дар зимни осори баргузидаи мутафаккир ба забони русӣ зери таҳрири академик М.Д. Диноршоев ба чоп расидааст [8]. Ин буд ду таърихчаи табъу нашри "*Донишнома*"-и Ибни Сино.

Чун ба асли масъала - яъне бурду бохти тарҷумаи А.М. Баҳоваддинов гузарем, мехостам, гузориши масъала ва таҳқиқи онро ба ду бахш ҷудо намоям: 1) тарҷумаи А.П. Колпаков ва И.А Ализода ва фарқи он аз тарҷумаи А.М. Баҳоваддинов; 2) тарҷумаи А. М. Баҳоваддинов мақом ва арзиши он.

Аз оғози тарҷумаи файласуфи шинохта, яъне соли 1947 ва то рӯйи табъро дидани он дар соли 1957 чунин бармеояд [9], ки тарҷумонҳои "*Донишнома*" бо роҳбарии А.М. Баҳоваддинов, пеш аз ҳама, ба душвориҳои забонӣ рӯ ба рӯ шудаанд, ки дар натиҷа тарҷума ва чопи як асари на чандон бузургҳаҷми фалсафӣ 10 сол ба дарозо кашидааст. Душвории тарҷумаи русии "*Донишнома*" ба сурати умум ва осори донишмандони шарқи исломӣ ба сурати хос, дар ҳавзаҳои илмии даврони Шӯравӣ иборат аз он будааст, ки агар тарҷумаи чунин осор аз забонҳои чиноӣ, ҳиндӣ ва ғайра пештар оғоз ёфта бошад, вале он замон тарҷумаи осори мутафаккирони асримиёнагӣ аз забони арабӣ ва махсусан, форсӣ дар ҳавзаҳои илмии ҳатто даврои Шӯравӣ андак ба назар мерасад. Дар ин ҷода, танҳо тарҷумаҳои адабии академик И.Ю. Крачковскийро аз забони арабӣ ва Е.Э. Бертелсро аз забони форсӣ (тоҷикӣ) аз мероси адабии асримиёнагӣ номбар кардан мумкин асту бас. Аз ин ҷиҳат, тарҷумаи А.М. Баҳоваддиновро дар он даврон як такони муҳим дар роҳи тарҷума, шиносонидан ва пахшу нашр кардани мероси ниёгон ба забони русӣ қаламдод кардан мумкин аст. Аз муқоиса ва таҳқиқи тарҷума бо асли форсӣ (тоҷикӣ)-и он чунин бармеояд, ки А.М. Баҳоваддинов дар тарҷумаи худ методи аз ҳама санҷида ва мувофиқ ба ҷавҳари худи илми фалсафа - тарҷумаи маъноии истилоҳ ва мафҳумҳоро пеша карда, метавон гуфт, ки дар ин ҷода ба ҳадафи хеш комёб шудааст. Барои равшантар кардани услуб ва тарҷумаи А.М. Баҳоваддинов онро ба тарҷумаи А.П. Колпаков, ки ба эҳтимоли қавӣ тарҷумаи аввалӣ ва филологии "*Донишнома*" ба қалами ӯ тааллуқ дорад, қиёс менамоем.

Хушбахтона, чанд нусхаи тарҷумаи А.П. Колпаковро, ки дар китобхонаи Пажӯҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқ маҳфузанд, ман бо тавсияи академик М. Диноршоев пайдо карда, мавриди муқоиса қарор додам. Дар дастхати чопии А.П. Колпаков, ки зери рақамҳои 20, 21 маҳфуз аст, чунин навишта шудааст: "Бахши "*Табииёт*"-ро кормандони илмии Шуъбаи фалсафаи АИ РСС Тоҷикистон А.П. Колпаков ва И.А. Ализода дар марти 1952 ба анҷом расонидаанд." Поёнтар боз мехонем: "Кор аз 1 июн то 20 июни соли 1955 таҳрир шудааст". Азбаски мақоми як мақола ва ё гузориш барои нишон додани фарқи тарҷумаи А.М. Баҳоваддинов аз тарҷумаи А.П. Колпаков ва И.Ализода кофӣ нест, танҳо ба фарқи тарҷумаҳои ҷойдошта, дар сарлавҳа ва унвонҳо, истилоҳҳо ва баъзе ҷумлаҳои асар қаноат меварзем.

Сарлавҳаи мантиқи "*Донишнома*"-ро, ки чунин оғоз меёбад: "*Боз намудани ғараз андар илми мантиқ ва фоида андар вай*"[*] А.П. Колпаков чунин тарҷума кардаст: "Толкование акциденции в логике и её пользы", тарҷумаи А.М. Баҳоваддинов аз ин қарор аст: "Объяснение цели логики и ее пользы". Ҷумлаи зерини мантиқи "*Донишнома*": "*Донистан ду гуна аст: яке андаррасидан, ки ба тозӣ "тасаввур" хонанд, чунонки агар касе гӯяд "мардум" ё "парӣ" ё "фариштa" ва ҳар чи бад-ин монад, ту фаҳм кунӣ ва тасаввур кунӣ ва андарёбӣ. Ва дувум "гаравидан", чунонки бигаравӣ, ки "Парӣ ҳаст" ва "Мардум зери фармон аст" ва ҳар чӣ бад-ин монад ва инро ба тозӣ "тасдиқ" хонанд"* [10], дар тарҷумаи А.П. Колпаков мехонам: "Знание покоится в двух принципах: первое представление (*андаррасидан),* которое арабы называют "*тасаввур",* как например, если говорят, что

[*] Ҳамаи мисолҳо доир ба тарҷумаи "Донишнома" аз асли он, ки дар зимни осори мунтахаби мутафаккир соли 1980 дар Душанбе ба табъ расидааст ва аз тарҷумаи русии он аз нашри соли 1957 дар Сталинобод истифода шудаанд.

люди пери или ангелы и тому подобное, то этим самим (ты получаешь представление), ты представляешь и узнаешь о чем они хотят говорить; второе убеждение *(гаравидан)*, например, когда убеждаешься, что пери существует, народ подвластен и тому подобное и это по арабский называется подтверждение", А.М. Баҳоваддинов ин ҷумла ва истилоҳоти онро чунин тарҷума кардааст: "Познание бывает двух родов: первое - понятие (*андаррасидан)*, которое арабы называют "*тасаввур"*, как например, если кто либо скажет" "человек", "пери" или "ангел" и тому подобное, то ты поймёшь и представляешь, что он этим хочет сказать; второе - суждение (*гаравидан*), как например, когда ты утверждаешь: "пери существует, человек подвластен и тому подобное, что по арабский называют: "*тасдиқ*" [11]. Агар мазмуни ҷумлаи мазкурро таҳқиқ намоем, чунин берун меояд, ки таъбирҳои "*боз намудани ғараз андар илми мантиқ"* истилоҳҳои "*андар расидан" ва "гаравидан"* - ро А.П. Колпаков нодуруст тарҷума кардааст ва тарҷумаи дурусти онҳо "объяснение цели логики", "понятие" ва "суждение" мебошанд, чуноне онҳоро А.М. Баҳоваддинов тарҷума кардааст. Дар ҳама унвонҳои матолиби "*Донишнома*" А.П. Колпаков "*падид овардан*"-ро бо калимаи "раскрытие" тарҷума кардааст, ки онро ба вожаҳои "объяснение" ва "определение" таъбир кардан беҳтар аст, чуноне онҳоро А.М. Баҳоваддинов ин тарз мувофиқи мазмуну услуби фалсафии онҳо тарҷума кардааст. Истилоҳи "*лафз*"-ро А.П. Колпаков ба русӣ "слово" тарҷума кардааст, ки онро А.М. Баҳоваддинов дурустар ва наздиктар ба муродифи истилоҳи дигари мантиқӣ "*қавл"* чун "высказывание" ба қалам додааст. Таъбирҳои "*боз намудани куллии зотӣ ва аразӣ*"- ро А.П. Колпаков "нахождение сложного рода и акциденции (атрибуты)"; А.М. Баҳоваддинов "объяснение субстанционального и акцидентального общего" тарҷума кардааст. Тарҷумаи "*зотӣ*" ба маънии "сложный род" ё "родовой" ба куллӣ ғалат аст ва тарҷумаи дурусти он "субстанциональное" ё "сущностный" бояд тарҷума шавад, ки онро А.М. Баҳоваддинов ин тарз тарҷума кардааст. Истилоҳҳои *"қиёси хулф"* дар шакли нодурусти "*қиёси халф*", *"мисол* " ба ҷойи "анология" -"пример", "*ғоиб ва шоҳид"* ба ҷойи "известный и не известный" -"существующий и отсутствующий", "*пайдо кардани сурати қиёс*" ба ҷойи "о форме и содержании силлогизма" - "нахождение формы силлогизма и его сущности"; "*маҳсусот"* ба ҷойи "познаваемые при помощи чувства" - "ощущение"; "*осори зотӣ*" ба ҷойи "существенные особенности" - "родовые признаки"; *"илми тадбири оми мардум*" ба ҷойи "наука об управлении народом" - "наука об устройстве народных масс"; "*пайванди зотӣ"*- ро ба ҷойи "существенная связь" - эссенции" тарҷума кардааст. Як калимае, ки аз офаридаҳои зебои забонии Ибни Сино дар "*Донишнома"* мебошад ва он ҳам "*писаргар"* ба маънии падар аст, Алексей Павлович ба ҷойи "отец" – онро таҳтуллафз "сыносоздатель" тарҷума кардааст; *"қадим*" ба ҷойи "изначально" ё "изначальный" - "предшествует"; "*олимии воҷибулвуҷуд*" ба ҷойи "знание необходимо сущего" - "мировой смысл необходимо сущего"; "*лаззат"* ба ҷойи "удовольствие" - "благо"; "*тамомӣ ва нотамомӣ"* ба ҷойи "совершенство и не совершенство"; "законченное и незаконченное": *"кавну фасод*" ба ҷойи "возникающиеся и уничтожающиеся" - "создание и разложение"; "*ҷунбиши ҷойгоҳӣ*" ба ҷойи "движение на месте" - "колебание на месте"; "*аз ниҳоде ба ниҳоде*" ба ҷойи "из одного положения в другое" - "от одного свойства к другому"; *"такосуф ва тахалхул"* ба ҷойи "плотность и разреженность" - "плотность и рыхлость" тарҷума шудаанд. Як ҷумлаи аз ҷиҳати услубӣ аҷибе, ки Ибни Сино дар зери таъсири ҷумлаи зерини арабӣ: *"куллу ҷисмин мин ҳозиҳи аҷсом-ил- арбаъа бимо ҳува ҷисмун ҳува - ҳува"* сохтааст ва он чунин аст: "ҳар ҷисмеро аз ин чаҳор гуна табиате аст, ки вай ба вай вай аст ва сурати вай аст" ба ҷойи "каждому телу этих четырех элементов свойственна природа, благодаря которой это тело есть как таковое" -"каждому телу из этих четырёх элементов свойственна природа, что оно тело есть именно такое же тело, это есть его структура". Доманаи чунин мисолҳоро метавон ба дарозо кашид, вале бо ҳамин кифоят варзида, ишорат карданӣ ҳастем, ки А.М. Баҳоваддинов бешубҳа, аз тарҷумаи Алексей Павлович Колпаков истифода бурдааст, вале ӯ ба тарҷумаи А.П. Колпаков тағйироти ҷиддӣ ворид кардааст. Чунонки маълум аст, дар тарҷумаи асарҳои фалсафӣ бештар ба мазмун ва мундариҷаи матн диққат дода мешавад, то матн истилоҳан дуруст ва ба

мазмуни матн наздик тарҷума гардад. Аз ин рӯ, А.М. Баҳоваддинов маҳз ба ҷанбаи истилоҳӣ ва мафҳумии тарҷумаи "*Донишнома"* диққат дода, дар ин ҷода беш аз ҳама комёб шудааст. Дар тақвияти андешаи худ ин далелро оварда метавонад, ки ҳеҷ асари фалсафии асримиёнагӣ ва ҳатто асарҳои дигари Ибни Сино, ки ба забони русӣ "тарҷума шуда буданд, мисли тарҷумаи А.М. Баҳоваддинов аз "*Донишнома*" мавриди истифодаи таҳқиқот ва пажӯҳишҳо нагардида буданд. Гузашта аз ин, яке аз файласуфони шинохтаи Шӯравӣ В.К. Чалоян дар тақризе, ки ду сол баъди ба чоп расидани тарҷумаи "*Донишнома*" дар маҷаллаи "Вопросы философии" дарҷ карда буд, чунин менависад: "перевод этой книги на русский язык и ее издание, осуществленное профессором А.М. Багоуддиновым, является ценным вкладом в науку. Мы знаем, как трудно и сложно было переводить философское произведение с древнего языка форси-дари на современный русский язык, как трудно было осмыслить и передать сложную и во многих отношениях противоречивую систему взглядов Ибн Сины, сочетанием в ней перепатетизма с неоплатонизмом, материализма с идеализмом, научных знаний с религией исламом. Несмотря на все эти трудности, профессор А.М. Багоуддинов упешно справился со своей благородной задачей" [12]. Дар баробари дастовардҳои донишманди шинохта тарҷумаи ӯ ба андешаи банда низ аз баъзе хатоҳо холӣ нест. Истилоҳҳои "*қиёсҳои дуруст"* ба ҷойи "правильные силлогизмы" - "прямой силлогизм"; *"мушаккак*" ба ҷойи "по аналогии" - "подобие"; "*инният*" дар шакли "*аннийат"* омада, ба маънии "существование" тарҷума кардааст, ки онро ал-Форобӣ дар асараш "*Китоб ал-алфоз ал-мустаъмала фи-л-мантиқ*" ба маънии ҷавҳар ва зоти чиз маънидод кардааст; -*он чӣ варо моҳият ҷуз инният аст, на воҷиб-ул-вуҷуд аст",* ба ҷойи "то, у чего общая сущность отлична от индивидуальной, не является необходимо сущим" - "то, у чего специфическая сущность отличена от индивидуальной, не является не обходимо сущим"; *"сифати аразӣ*" ба ҷойи "акцидентальный атрибут" - "существенный атрибут"; "*сифатҳои пайвандӣ*", ки ҳамон "*ас-сифот-ал-изофийа*" мебошад, ба ҷойи "дополнительные или второстепенные атрибуты" - "атрибуты связи"; "*хушӣ"* ба ҷойи "наслаждение" - "благо"; "тахалхул" ба ҷойи "разреженность" - "рыхлость"; *"ҳадс*" ба ҷойи "интуиция" - "догадка" тарҷума шудаанд.

Агар хулосаи андешаҳои болоро натиҷагирӣ намоем, ба чунин натича омадан метавон:

1. Тарҷумаи "*Донишнома*"-и Шайхурраис Абӯалии Сино ба забони русӣ аз тарафи академик А.М. Баҳоваддинов як падидаи муҳимми фарҳангӣ ва як такони бузурге буд дар тарҷума, пахш ва тарғиби мероси фалсафии форсизабонон дар ҳавзаҳои илмии собиқ Шӯравӣ ва русзабонон.

2. А.М. Баҳоваддинов собит сохт, ки ӯ на танҳо файласуфи шинохта, балки тарҷумони моҳири мероси фалсафии ниёгон аз забони форсӣ (тоҷикӣ) ба забони русӣ мебошад.

3. Ба сурати амалӣ, танҳо баъди тарҷумаи "*Донишнома*", ки асоси тарҷумаҳои оянда ва баъдинаро ташкил дод, асарҳои мутафаккирони асримиёнагӣ мавриди тарҷума ва таҳқиқи ҷиддӣ қарор гирифтанд.

4. Муқоисаи тарҷумаи А.М. Баҳоваддинов бо дастхати А.П. Колпаков чунин хулосаро пеш оварад, ки ҳарчанд тарҷумаи аввалӣ ва филологии "*Донишнома*"-ро А.П. Колпаков ва И.Ализода анҷом дода буданд, вале онро бе коркард, таҷдиди назар ва таҳрири фалсафӣ аз ҷониби А.М. Баҳоваддинов ҳаргиз тарҷумаи салим ва илмии асари Ибни Сино "*Донишнома*" номидан мумкин нест.

5. Хизмати барҷастаи А.М. Баҳоваддинов дар ин аст, ки бо тарҷумаи "*Донишнома*" мероси фалсафии форсизабононро аз ҳавзаҳои маҳаллӣ ба доираҳои илмӣ ва фарҳангии русзабонон кашида, бо ин домана ва доираи таъсири фалсафаи ниёгонро фарохтар сохт. Имрӯз, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мардуми он ба 30-солагии истиқлолияти сиёсии кишвар омодагӣ доранд, месазад кору пайкор ва хизматҳои донишмандони фарзонаи миллат чун академик А.М. Баҳоваддинов ва дигаронро ба ёд оварда, иқдомоти меҳанпарастонаи онҳоро дар он даврони душвор арҷгузорӣ ва бо як қадршиносии мунсифона аз меҳнат, заҳмат, саъю талош ва ҷонбозиҳои ӯ дар роҳи илму фарҳанги миллатамон изҳори сипос намоем.

А Д А Б И Ё Т

1. Ибн Сина. Даниш-намэ. Книга знания. – Сталинабад: Таджикское Государственное Издательство, 1957.
2. Ҳамон ҷо саҳ.7.
3. Абу Али Ибн Сина. Авиценна. Сочинения. Том первый. – Душанбе: Дониш, 2005.
4. Дар "Маркази Синошиносӣ"-и Пажӯҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқи АИ ҶТ дар шароити кунунӣ тарҷумаи осори Шайхурраис дар 15 ҷилд ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ идома дорад.
5. Абӯалӣ ибни Сино. Осор. Ҷилди якум. – Душанбе: Дониш, 2005. - С.171.
6. Ибн Сина. Даниш-намэ. Книга знания. - С.5.
7. Ҳамон ҷо. саҳ.5.
8. Абӯалӣ ибни Сино. Осор. - Душанбе, 2005.
9. Ибн Сина. Даниш-намэ. Книга знания. - С.5-6.
10. Абӯалӣ ибни Сино. Осор. - Душанбе, 2005. - С.172.
11. Ҳамон ҷо, саҳ.172.
12. Чалоян В.К. "Книга знания" на русском языке. Ибн Сина. Даниш-наме / В.К.Чалоян; перевод и предисловие А.М. Баговаддинова. - Сталинабад, 1957. - С.181. Журн. "Вопросы философии" № 9. - М., 1959.

АВВАЛИН ТАРҶУМАИ "ДОНИШНОМА"-И АБӮАЛӢ СИНО БА ЗАБОНИ РУСӢ

Дар мақола роҷеъ ба тарҷумаи русии яке аз асарҳои машҳури Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино дар таърихи илм ва фарҳанги тоҷик "*Донишнома*"-и Алоӣ, ки ба забони форсӣ (тоҷикӣ) навишта шуда, дар он пояҳои асосии истилоҳоти фалсафӣ ба забони форсӣ (тоҷикӣ) бунёдгузорӣ гардидааст, сухан меравад. Ин асарро бори аввал файласуфи шинохтаи тоҷик академик А.М. Баҳоваддинов ба забони русӣ тарҷума карда, бо ин иқдоми худ заминаи ояндаи тарҷумаи осори илмӣ ва фалсафии донишмандони исломиро ба забонҳои арабӣ ва форсӣ (тоҷикӣ) дар Иттиҳоди Шӯравӣ бунёдгузорӣ кард. Дар мақола роҷеъ ба тарҷумаи аввалии ин асар аз ҷониби А.П. Колпаков ва И.А. Ализода ва дар бораи тасҳеҳу таҳрири минбаъдаи тарҷумаи илмии ин асар аз ҷониби А.М. Баҳоваддинов ва мулоҳизаҳо дар бораи тарҷумаи аввалии он сухан рафта, ин ақида пешкаш мегардад, ки: 1) А.М. Баҳоваддинов бо тарҷумаи ин асар барои тарҷумаи осори ниёгон аз забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ ба русӣ ва дигар забонҳо замина гузошт; 2) А.М. Баҳоваддинов бо ин тарҷума дар шинохти осори Ибни Сино дар ҳавзаҳои илмии Иттиҳоди Шӯравӣ хизмати босазо кард; 3) тарҷумаи "*Донишнома*" аз ҷониби А.М. Баҳоваддинов намунаи беҳтарини тарҷумаи осори фалсафӣ дар ҳавзаҳои илмии собиқ Шӯравӣ гардид; 4) тарҷумаи А.М. Баҳоваддинов Ибни Синоро чун яке аз созмондиҳандагони истилоҳоти фалсафӣ ва ирфонӣ муаррифӣ кард.

Калидвожаҳо: фалсафа, мантиқ, истилоҳ, ҳадс, қиёс, тасаввур, тасдиқ, андаррасидан, гаравидан, қиёси хулф, аразӣ, ҷавҳарӣ, зотӣ, забоншиносӣ, арабӣ, тоҷикӣ, форсӣ (тоҷикӣ), истилоҳи фалсафӣ.

ПЕРВЫЙ ПЕРЕВОД "ДАНИШНАМЕ ("КНИГА ЗНАНИЯ") АБУАЛИ ИБН СИНЫ НА РУССКОМ ЯЗЫКЕ

В статье речь идёт о первом переводе "Данишнаме" ("Книга знания") Абу Али ибн Сина, известного в европейской науке под именем Авиценна, с персидского (таджикского) языка на русский язык, осуществлённом академиком А.М. Богоутдиновым. В статье отмечается, что перевод этого философского памятника в свое время открыл путь к переводам средневековой арабофарсоязычной философии в бывшем Советском Союзе. Также анализируется стиль перевода и адекватность перевода философских терминов с персидского (таджикского) языка на русский язык. Рассматривается качества первоначального перевода памятника А.П. Колпаковым и И.А. Ализаде и делается соответствующие выводы о качестве их перевода на русский язык. Таким образом, в данной статье рассматривается перевод и место книги Ибн Сины "*Данишнаме*" в создании философской терминологии персидского (таджикского) языка, которые не потеряли своей актуальности и в настоящее время.

Ключевые слова: терминология, силлогизм, логика, субстанциональный, сущностный, акцидентальный, философия, Ибн Сина, персидский (таджикский) язык, арабский язык, силлогизм через невозможное.

FIRST TRANSLATION "DANISHNAME (" BOOK OF KNOWLEDGE) IBN SINA IN RUSSIAN

The article deals with the first translation of "Danishnam" ("Book of Knowledge") by Abu Ali ibn Sina, known in European science under the name Avicenna, from the Persian (Tajik) language into Russian, carried out by academician A.M. Bogoutdinov. The article notes that the translation of this philosophical monument at one time opened the way to translations of medieval Arabopharsian-speaking philosophy in the former Soviet Union. It also analyzes the style of translation and the adequacy of the translation of philosophical terms from the Persian (Tajik) language into Russian. The quality of the initial translation of the monument to A.P. Kolpakov and I.A. Alizade and draws appropriate conclusions about the quality of their translation into Russian. Thus, this article discusses the translation and place of Ibn Sina's book "Danishnam" in creating the philosophical terminology of the Persian (Tajik) language, which have not lost their relevance at the present time.

Keywords: terminology, syllogism, logic, substantial, essential, incidental, philosophy, Ibn Sina, Persian (Tajik) language, Arabic, syllogism through the impossible..

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сулаймонов Саидраҳмон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессори кафедраи филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 907-98-54-43**

Сведения об авторе: ***Сулаймонов Саидрахмон*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры арабской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 907-98-54-43**

Information about the author: ***Sulaimonov Saidrakhmon*** – Tajik national University, doctor of philological sciences, professor of the department of Arabic philology faculty of Asia and Europe languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 907-98-54-43**

УДК: 492.7.09+491.550

ТАФСИРҲОИ ҚУРЪОНӢ НАХУСТИН САРЧАШМАИ АНДЕШАҲОИ ЗАБОНШИНОСИИ АРАБУ АҶАМ

Исмонов К.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забон нахуст дар марҳилаи гуфторӣ ташаккул ёфта, сипас ба марҳилаи навишторӣ мегузарад, бад-ин гуна ки бидуни сабт гаштан дар китобе истеъмолаш аз нигоҳи гуфторӣ байни соҳибонаш роиҷ мегардад, вале дар айни чунин нашъунамо бархе забонҳо аз байн мераванд ва бештари хусусиятҳояшон барои таърих ношинохта боқӣ мемонад. Таърих шоҳид аст, ки бархе забонҳо, аз қабили модарзабони сомӣ, оромӣ, акадӣ ва ғ. дар чунин гузариш аз байн рафтаанд ва аз онҳо ба ҷуз ном ва бархе калимоту ибороте дар зимни забонҳои дигар чизе ба ёдгор намондааст [2, с.23]. Пайдоиш ва ташаккули забони арабӣ низ аз ин қонун берун нест. Бад-ин маъно, ки забони адабии арабӣ дар замони ҷоҳилият бо меҳвар қарор додани лаҳҷаи Қурайш шакл гирифтаву дар авохири асри VI ва авоили асри VII милодӣ қасоиди беназиреро, аз қабили муаллақоти даҳгона, ки баъдтар чун муътамадтарин далелу шоҳиди забонӣ ва қомусу девони араб унвон шудаанд, ба мерос гузошта бошад ҳам, вале дар он ҳеҷ андешаву таҳлиле, ки ҳамчун андешаи забонишиносӣ ба назар расад, дида намешавад. Ба ибораи дигар, қоидаҳои наҳвӣ ҳамчун посдори эъроби арабӣ мисли дигар илмҳои шаръӣ бинобар талаботу тақозои замон ба миён омадаанд. Чунончи, пеш аз Ислом ҳеҷ ангезае набуд, ки сабабгори зуҳури чунин илме гардад, зеро арабҳо дар замони ҷоҳилӣ аз донистани қоидаҳои забонии худ бениёз буданд ва бо саликаи фитрии худ бидуни андеша намудан атрофи қонуни забоние ҳарф мезаданд. Дар ин росто истеъдод ва зиндагӣ намудан дар бодия ба онҳо кумак менамуд. Вале пас аз интишори Ислом ва омезиши арабҳо ба дигар халқиятҳо, чун форсҳову набатиҳо ва румиҳо аз байн рафтани асолати арабӣ донишмандонро нигарон намуд, аз ин рӯ, ба ниҳодани қоидаҳои забоние, ки меъёри забони адабиро таҷассум мекард, иқдом намуданд. Бавижа роҳ ёфтани лаҳн (лаҳн аз ҷумлаи нахустин истилоҳоти забоншиносии араб ба шумор рафта, дар забони тоҷикӣ *иштибоҳ дар гуфтор* ва *ғалатхонии ҳаракатҳои эъробӣ* муодили он шуда метавонанд) дар эъроби Қуръон, дар ҳақиқат, барои донишмандони мусулмони арабу ғайриараб бисёр даҳшатовар буд. Бо назардошти он ки оёти карима бояд бехато ва бо фасоҳати намунавӣ хонда шавад, арабҳо қонунҳои меъёрӣ-қиёсиеро асос гузоштанд, ки дар асрҳои баъдӣ дар сурати илми меҳварии дигар илмҳои шаръӣ-арабӣ муҷассам гардид [3, с.24]. «Пайванди забони арабӣ бо Қуръон ангезае буд, ки мусулмононро ба мутолиа ва таҳқиқ перомуни ин забон во дошт. Ин таҳқиқ ба пайдоиши улуми мутааддид, аз қабили сарфу наҳв, маонӣ ва баён, балоғат, забоншиносӣ, фиқҳ-ул-луғат ва ғ. анҷомид» [1, с.6].

Донишманди муосири араб, Аҳмад Мухтор бо ишора ба нахустин омӯзаҳои забоншиносии араб мегӯяд: «Пеш аз Ислом аз арабҳо ҳеҷ гуна омӯзишҳои забоншиносие нақл нашудааст. Аз ин рӯ, таърихи пайдоиши забоншиносии арабҳо дар муқоиса ба

забоншиносии дигар миллатҳое, ки чандин аср пеш аз зуҳури Ислом ба омӯзишҳои забоншиносӣ таваҷҷуҳ доштанд, хеле дертар аст. Инчунин, дар оғози зуҳури Ислом низ таваҷҷуҳи арабҳо ба омӯзиши масоили забоншиносӣ не, балки ба баррасиву омӯзиши илмҳои шаръӣ нигаронида шуда буд. Чунончи дар нимаи асри дувуми ҳичрӣ ба тадвини китобҳои ҳадису фиқҳ ва тафсир рӯ оварданд ва маҳз пас аз фориғ шудан аз гирдовариву тадвини онҳо ба илмҳои ғайри шаръӣ, ки забоншиносӣ аз он шумор буд, шурӯъ кардand. Ҳамин аст, ки бештари таълифоти забоншиносии араб ба даврони ҳукмронии Аббосиён рост меояд» [5, с.79]. Вале бо ин ҳама дар асрҳои нахустини ҳичрӣ дар зимни ривоят ва навиштаҳои шаръӣ бархе баррасиҳои сарфию наҳвӣ ва балоғие сурат гирифтааст, ки онҳоро метавон нахустин талошҳои забоншиносонаи араб унвон намуд. Чунончи, Ибни Аббос дар тафсири оёт, пеш аз ҳама, ба шарҳу тавзеҳи маонии калимот мепардохт ва бо абёти шоирони пешазисломиву мухазрамин истишҳод менамуд, ё Абуласвад ад-Дуалӣ вақте ба котиб мегӯяд: «агар дидӣ, ки даҳонамро кушодам, дар болои ҳарф нуқтае гузор; агар лабҳои худро (бо ҳам) зам намудам, пас, нуқтае дар қисмати пеши ҳарф гузор, аммо агар касра хондам, дар зери ҳарф нуқтае бимон» [12, с.16], далели муътамаде дар таъйиди гуфтори боло мебошад.

Гузашта аз ин, пажӯҳишҳо сангнавиштаву навиштаҷотҳои папирусие, ки аз соли 22 ҳичрӣ ва аз замони хилофати Усмон ибни Аффон (р) ба даст омадааст, аз нуқтагузорӣ шудани ҳарфҳои арабӣ ва таваҷҷуҳ ба масъалаҳои забоншиносӣ дарак медиҳанд [10, с.68-69].

Бад-ин тартиб, аввалин андешаҳои забоншиносӣ дар партави оёти қуръонӣ ва шарҳу баёни луғавию наҳвии онҳо баён шудааст ва ба масобаи аввалин сарчашмаҳои андешаҳои забоншиносӣ ривоятҳо ва тафсирҳои қуръоние баромад мекунанд, ки аз Ибни Аббос, Ибни Муҷоҳид, Заҳҳок ва ғ. то ба имрӯз боқӣ мондаанд. Бавижа, аз Абӯсаид Абон китобе дар тафсири калимаҳои мушкили Қуръон боқӣ мондааст, ки ба сарчашмаи нахустин масъалаҳои забоншиносии араб будани тафсирҳои Қуръони карим далолати ошкор менамояд [6, с.39]. Ҳамин ҷойгоҳи ривоятҳои тафсирӣ дар фарогирии масоили забоншиносӣ аст, ки М.Ҳалвонӣ мегӯяд: «Дар тафсир талошҳои зиёди забоншиносӣ дида мешавад ва гумони ғолиб ин аст, ки забоншиносии араб бо ҳама бахшҳояш ҳангоми тафсири калимаҳои мушкили Қуръон ба баррасӣ кашида мешуд. Бешак, китобҳое, ки Абӯамр, Юнус, Кисоӣ ва дигарон дар робита ба маонии Қуръон навиштаанд, илова бар он ки аз қонунҳои забону ҳолатҳои эъробии қироатҳо маншаъ мегиранд, шакли рушдёфтаи маҳфилҳои илмии Ибни Аббосанд» [10, с.78].

Омӯзиши ривоятҳои нахустини тафсирӣ нишон медиҳанд, ки ҳатто истилоҳоти забоншиносии араб, аз қабили арабӣ, лаҳн, калом, маҷоз, эъроб [4, с.16], луғат, ҳарф, нуқта, феъл, исм, сила, қасам ва ғ. ҳамчун истилоҳ пеш аз шинохти илми наҳв аз ҷониби муфассирон корбурд шудаанд.

Таҳлили мазкур на фақат вижаи забоншиносии араб аст, балки ба андешаҳои забоншиносии классикии форсии тоҷикӣ низ рост меояд. Бад-ин гуна ки дар муқоиса бо китобҳои насриву назмие, ки дар асрҳои IX-X бо забони форсии тоҷикӣ бевосита таълиф шудаанд, асарҳои тарҷумашуда, хусусан, тарҷумаҳои тафсири Қуръони карим дар фарогирии вожагону қавоиди гуногуни дастурӣ аз ҷойгоҳи волое бархӯрдоранд. Ба таъкиди Ҷалол Матинӣ: «Усулан тафсирҳои форсӣ манбаи саршор барои забону адаби форсӣ аст, зеро дар дараҷаи аввал эътиқоди қавии мазҳабӣ ва диққату нуктасанҷии муфассирону мутарҷимон сабаб гардидааст, ки эшон, бахусус дар тарҷумаи оёти қуръонӣ ва интихоби алфози форсӣ дар баробари калимот ва таркиботи қуръонӣ диққату васвоси фавқулодае ба кор баранд. Ба ҳамин ҷиҳат, тафосири форсӣ теъдоди касире луғоту таркиботи нодиру қобили мулоҳизаи форсиро дар бар дорад. Ба илова, чун дар Қуръони маҷид мавзӯоти мухталифи ахлоқӣ, динӣ, фиқҳӣ, қисасӣ ва амсоли он мавриди баҳс қарор гирифтааст, луғот ва таркиботи форсии кутуби тафсир комилан мутанаввеъ аст, бар хилофи китобҳое, ки дар мавзӯе хос навишта шудааст, монанди «Ҳидоят-ул-мутааллимин фи-т-тиб» дар илми пизишкӣ ва «Ҳудуд-ул-олам мин-ал-машриқ ило-л-мағриб» дар ҷуғрофия, ки ҳар як муштамил бар як даста аз луғот аст» [11, с.18-19].

Дар ин ростo «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» аз нахустин тарҷумаҳои насрие ба шумор меравад, ки дар баробари фарогирии мавзӯоти гуногун дар худ андешаҳои забоншиносиеро низ ниҳон доштааст. Чи тавре Озарнӯш дар робита ба шевогӣ ва салосати забони «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ишора карда, мегӯяд: «Бегумон аз дилангезтарин мутуни порсии куҳан матни китобест, ки аз дербоз ба «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» машҳур аст. Калимот ва истилоҳоти гӯшнавоз, сара, ноб ва низ таркиботи устувор, аммо бепироя ва содиқона, ки аз самими рӯҳи форсҳо ҳазору сад сол пеш сарчашма гирифта, аз ин китоб ҷунге сохта, ки пайваста адиби форсихонро оромиш мебахшад. Шеваи гуфтор ва таквини иборат ва шумул ба андозаи онҳо бар маонии мавриди назар худ нишон медиҳад, ки дар он ду се қарни сукут забоне, ки дарӣ ном гирифтаву дар Хуросон ривоҷ ёфта буд, ончунон ки гоҳ тасаввур меравад, хом набуд ва бегумон дар шеъру наср таҷрибаҳои мутааддиде андӯхта буд» [7, с.26].

Дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» мушоҳида мешавад, ки мутарҷимон ҳарчанд аз овардани баҳсҳои сарфию наҳвии дар «Тафсири Табарӣ»-и Ҷарири Табарӣ омада худдорӣ намуда бошанд ҳам, вале дар бархе маврид тарҷумаи онро ногузир донистаанд. Чунончи мегӯянд: «Аммо ин оят, ки Худой гуфт, азза ва ҷалла: «Ва мо унзила ала-л-малакайни би Бобила Ҳорута ва Морута», инро (ду) гуна тафсир кардаанд. Гурӯҳе чунин хонанд, ки «ва мо унзила ала-л-малакайни», «лом»-ро ба сар хонанд. Ва гурӯҳе чунин хонанд: «ва мо унзила ала-л-маликайни», «лом»-ро ба зер хонанд. Аммо ин кас, ки «малакайн» хонад, «лом» ба сар, гӯянд: Ҳорут ва Морут ду фариштa буданд. Аммо он кас, ки «маликайн» хонад – лом ба зер, гӯяд: Ин Ҳорут ва Морут ду малик буданд аз одамиён, ки подшоҳи замин буданд» [8, с.83-85].

Дар ин гуфтори мутарҷимон дида мешавад, ки онҳо дар баробари истилоҳи фатҳаи арабӣ аз вожаи «сар» ва дар баробари «касра» аз вожаи «зер» истифода намудаанд, ки ин худ аз истилоҳофаринии эшон дар баробари истилоҳоти забоншиносии араб мебошад ва онро метавон нахустин таҷрибае дар ин ростo унвон кард.

Дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ба гунае ба этимологияи калимаҳо низ ишораҳо шудааст: «Ва «дарахт» ба забони паҳлавӣ “алам” бошад» [9, с.63]; «Ва аз баҳри он ӯро Ҷамшед гуфтанд, ки “ҷам” ба забони паҳлавӣ рӯшноӣ бошад ва “шед” офтоб бошад ва аз некуии ӯ буд, ки ӯро “Ҷамшед” хонданд» [9, с.312].

Чи тавре дида мешавад, мутарҷимон калимаҳои «дарахт» ва «Ҷамшед»-ро аз нигоҳи этимологӣ шарҳ додаанд, ки ин, аз як тараф, аз нахустин иқдомоти донишмандони тоҷик дар ҷодаи решашиносии вожаҳо унвон шуда, аз тарафи дигар, ба огоҳии онҳо аз забони паҳлавӣ дарак медиҳад.

Дар зимни асари мазкур баҳсҳои забоншиносие, аз қабили чи гуна аз як забон пайдо шудани забонҳои дигар [8, с.407], ҳамнишинии калимаҳову хусусияти тақдиму таъхири онҳо дар ҷумла [9, с.121] ва ғ. баён гаштаанд, ки метавон онҳоро ҳамчун нахустин баррасиҳои забоншиносӣ дар забони тоҷикӣ қаламдод кард.

Бад-ин тартиб, «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» дар забони тоҷикӣ метавонад ба масобаи аввалин китобе унвон шавад, ки дар он андешаҳои забоншиносӣ ба таври муъҷаз ҳам бошад, матраҳ гашта, дар баробари истилоҳоти забоншиносии араб истилоҳоти забоние муодилсозӣ шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуттаввоб Р. Мабоҳисе дар фиқҳ-ул-луға ва забоншиносии араб / Р.Абдуттаввоб; мутарҷим: Ш.Ҳамидризо. – Теҳрон, 1367. – 518 с.
2. Имел Бадеъ Яъқуб. Ал-Маоҷим-ул-луғавият-ул-арабия: бидоатуҳо ва татаввуруҳо / Имел Бадеъ Яъқуб. – Бейрут: Лубнон, 1985. Чопи дувум. – 208 с. [бо забони арабӣ]
3. Исмонов К.Б. Тобишҳои лексикӣ-грамматикии эъроб дар забони тоҷикӣ / К.Б. Исмонов. - Душанбе: Душанбе-Принт, 2015. – 192 с.
4. Қавзӣ И.Ҳ. Ал-Мусталаҳ-ун-наҳвӣ: нашъатуҳу ва татаввуруҳу ҳатто авохир-ил-қарн-ис-солис-ил-ҳичрӣ / И.Ҳ. Қавзӣ. – ар-Риёз, 1981. – 235 с. [бо забони арабӣ].
5. Мухтор А. Ал-Баҳсу-л-луғавӣ инда-л-араб маа диросатин ликазияти-т-таъсир ва-т-таассур / А.Мухтор. Чопи шашум. – ал-Қоҳира: Олам-ул-кутуб, 1988. – 383 с.

6. Нассор Ҳ. Ал-Муъҷам-ул-арабӣ: нашъатуҳу ва татаввуруҳу / Ҳ.Нассор. Ҷ.1. – Ал-Қоҳира, 1968. – 400 с. [бо забони арабӣ].
7. Озарнӯш Озартош. Таърихи тарҷума аз арабӣ ба форсӣ: аз оғоз то асри Сафавӣ / Озартош Озарнӯш. - Теҳрон, 1375. – 327 с. [ба забони форсӣ].
8. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ; таҳия ва таълиқоти Н.Ю. Салимов, Н.Ш. Зоҳидов, Н.И. Ғиёсов, А.А. Ҳасанов, А. Самиев. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. - К.1. - 884 с.
9. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ; таҳия ва таълиқоти Н.Ю. Салимов, Н.Ш. Зоҳидов, Н.И. Ғиёсов, А.А. Ҳасанов, А. Самиев. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. - К.2. - 744 с.
10. Ҳалвонӣ М. Ал-Муфассал фи таърих-ин-наҳв-ил-арабӣ / М.Ҳалвонӣ. Ҷ.1. – Бейрут: Муассисат-ур-рисола, 1979. – 312 с. [бо забони арабӣ].
11. Ҷалол Матинӣ. Тафсири Қуръони маҷид: нусхаи маҳфуз дар китобхонаи Донишгоҳи Кембриҷ, 1349. ҷ. 1. – 695 с. [бо забони форсӣ]
12. Шавқӣ З. Ал-Мадорис-ун-наҳвия / З.Шавқӣ. Чопи ҳафтум. –Ал-Қоҳира: Дор-ул-маориф, 1992. – 375 с. [бо забони арабӣ].

ТАФСИРҲОИ ҚУРЪОНӢ НАХУСТИН САРЧАШМАИ АНДЕШАҲОИ ЗАБОНШИНОСИИ АРАБУ АҶАМ

Мақола ба баррасии бозтоби афкори забоншиносии арабу аҷам дар зимни нахустин тафсирҳо бахшида шудааст. Дар мақола ишора ба он шудааст, ки ҳарчанд забони адабии арабӣ дар замони ҷоҳилият шакл гирифта бошад ҳам, вале дар ин давра ҳеҷ андешаву таҳлиле, ки ҳамчун андешаи забоншиносӣ ба назар расад, дида намешавад. Аввалин андешаҳои забоншиносӣ дар партави оёти қуръонӣ ва шарҳу баёни луғавию наҳвии онҳо баён шудааст ва ба масобаи аввалин сарчашмаҳои андешаҳои забоншиносӣ ривоятҳои тафсириест, ки аз Ибни Аббос, Ибни Муҷоҳид, Заҳҳок ва ғ. нақл шудаанд. Ҳатто аввалин асарҳои фарҳанггуна, ки бо унвони «Ғариб-ул-Қуръон» ёд мешаванд, гунае аз тафсирҳои забонии Қуръони карим ба шумор мераванд. Таҳлили мавзӯъ нишон медиҳад, ки чанде аз истилоҳот ва матраҳнамоии бархе масоили забоншиносӣ дар тафсирҳо ҳатто аз замони таъсиси наҳви арабӣ, ки аз ҷониби Абуласвад ад-Дуалӣ сурат гирифтааст, муқаддамтар аст. Аз баррасии мавзӯъ бармеояд, ки гунаҳое аз афкори забоншиносии форсии тоҷикӣ бори нахуст дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» инъикос ёфтааст. Дар мақола «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», ки асари тарҷумавист, ба унвони фарҳангномаи аввалини забони форсии тоҷикӣ унвон шудааст. Ин асар бо фарогирии моддаҳои зиёди луғавии форсии тоҷикӣ боз аз роҳҳои гуногуну сермаҳсули калимасозӣ истифода намуда, дар баробари ҳар вожаи арабӣ муодили форсии тоҷикии онро пайдо кардааст. Инчунин, дар зимни ин асар чанде аз қайдҳои этимологӣ ва дастурие оварда шудааст, ки аз бозтоби масоили забоншиносӣ дар он дарак медиҳад.

Калидвожаҳо: Қуръон, тафсир, «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», забоншиносӣ, наҳв, сарчашма, дастур.

КОРАНИЧЕСКИЕ КОММЕНТАРИИ ПЕРВОИСТОЧНИКИ АРАБСКОГО И ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКОЗНАНИЯ

Статья посвящена арабскому и таджикско-персидскому языкознанию на основе первых толкований «Корана». Как указано в статье, несмотря на то, что арабский литературный язык сформировался в доисламский период, в тот период не были написаны труды по языкознанию. Первые труды по языкознанию появились в описании и толковании стихов «Корана» и их лексического и грамматического толкования. К таким первоисточникам можно отнести рассказы-толкования Ибн Аббаса, Ибн Муджохида, Заххока и др. Более того, первое произведение соотносимое к современным словарям «Гариб-уль-Куръон» по сути является неким сборником толкований «Корана». Как показывает проведенный анализ, некоторые термины и постановка вопросов языкознания, приведенные в толкованиях, описаны еще до составления арабского синтаксиса, осуществленного Абдуласвадом аль-Даули в VII-VIII вв. В статье указано, что первые воззрения персидско-таджикского языкознания отражено в «Переводе «Тафсири Табари». В статье «Перевод «Тафсири Табари» по праву рассмотрен как первый персидский (таджикский) словарь. В этом произведении наравне со многими персидско-таджикскими словами, также приведена новая лексика с использованием множества способов словообразования, а также наравне с арабской лексикой искусно подобраны их эквивалент на таджикском языке. Более того, в этом произведении приведены этимологические и грамматические заметки, которые свидетельствуют об отражении вопросов языкознания в «Переводе «Тафсири Табари».

Ключевые слова: Коран, толкование, «Перевод «Тафсири Табари», языкознание, синтаксис, источник, грамматика.

CORANIC COMMENTS IS THE PRIMARY SOURCE OF ARABIC AND TAJIK-PERSIAN LINGUISTICS

The article is devoted to Arabic and Tajik-Persian linguistics based on the first interpretations of the “Koran”. As it is indicated in the article, despite the fact that the Arabic literary language was formed in the pre-Islamic period, there were not written any works on Linguistics at that time. The first works on Linguistics appeared in the description and interpretation of the verses of the “Koran” and their lexical and grammatical interpretation. Such primary sources include stories-interpretations by Ibn Abbas, Ibn Mujohid, Zahhok and others. Moreover, the first work correlated to modern “Garib-ul-Qur’on” dictionaries is essentially a collection of interpretations of the Koran. As the analysis shows, some of the

terms and formulation of linguistic issues given in the interpretations are described even before the compilation of the Arabic syntax, carried out by Abdulasvad al-Dauli in the VII-VIII centuries. The article states that the first views of Persian-Tajik linguistics are reflected in the Translation of "Tafsiri Tabari". The Translation of "Tafsiri Tabari" is rightfully considered as the first Persian (Tajik) dictionary in the article. In this work, along with many Persian-Tajik words, there is also given a new vocabulary with the use of variety word-formation methods, and their equivalent in Tajik is skillfully selected along with Arabic vocabulary. Moreover, this work contains etymological and grammatical notes that indicate the reflection of linguistic issues in The Translation of "Tafsiri Tabari".

Key words: Koran, interpretation, "Translation of "Tafsiri Tabari ", Linguistics, syntax, source, grammar.

Маълумотнома оид ба муаллиф: ***Исмонов К.Б.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 724025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru**. Тел.: **(+992) 917-44-40-40**

Сведения об авторе: ***Исмонов К.*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru**. Тел.: **(+992) 917-44-40-40**

Information about the author: ***Ismonov K.*** - Tajik National University, Candidate of Philology sciences, Associate Professor of Arabic Philology Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru.** Tel.: **(+992) 917-44-40-40**

УДК: 491.550

ВАЗИФАҲОИ ГРАММАТИКИИ ҲИССАЧАҲО ДАР АШЪОРИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Абдулазизов В.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳиссачаҳо калимаҳои ёридиҳандаеанд, ки муносибати субъективии гӯяндаро ба фикри гуфташуда ифода мекунанд. Ин гурӯҳи калимаҳо аъзои ҷумла шуда натавонанд ҳам, ҳамчун калимаи ёридиҳанда ба ҷумла ва қисмҳои алоҳидаи он тобишҳои модалӣ-маъноӣ дода, барои пурқувват шудани таъсири нутқ ёрӣ мерасонанд. Маъноҳои модалӣ ва тобишҳои гуногуни маъноие, ки ҳар як ҳиссача ифода менамояд, асосан дар матн ифода мегардад ва бо он зич алоқаманд мебошад [7, с.418].

Ҳиссачаҳоро аз ҷиҳати дар нутқ (шифоҳӣ ё хаттӣ) ба калима, ибора ва ё ҷумла алоқаманд буданашон ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: 1. Ҳиссачаҳое, ки ба калима ва ибораву ҷумла алоқаманд шуда метавонанд. Чунончи, ҳиссачаҳои **ана, мана, ҳу (ҳӯ, ҳо), фақат, ҳатто, ҳам, боз, -чӣ, -мӣ**, **не**… 2. Ҳиссачаҳое, ки фақат ба ҷумла алоқаманд мешаванд. Чунончи, ҳиссачаҳои **магар, наход, оё, мабодо, рафту, кошки, илоҳӣ, канӣ, мон, бигзор** [7, с.419].

Бояд гуфт, ки ҳиссачаҳо дар ҷумла ва матн вазифаҳои грамматикии муайяне низ доранд. Ба ин забоншиносони рус ҳанӯз солҳои 40 -уми садаи XX ишора кардаанд. Чунончи, олими рус, академик В.В. Виноградов таъкид кардааст: «Ақидае, ки гӯё ҳиссачаҳо ҳеҷ гуна вазифаи синтаксисӣ надоранд ва аз ҷиҳати грамматикӣ хилофи пайвандак ва пешоянд мебошанд, бояд ғалат ва тасодуфӣ дониста шавад» [6, с.706].

Дар забони тоҷикӣ ҳиссачаҳо ҳам мисли калимаҳои модалӣ (майлаш, хайр, қуллуқ…), нидоҳо (марҳабо, офарин…), таркибҳои рехта (ҳеҷ гап не, ба ҷонам…) ва амсоли инҳо ба вазифаи ҷумла омада метавонанд. Дар ин маврид низ маънои инҳо бо матн, бо гуфтаҳои пеш зикршуда зич вобаста буда, бе он номафҳум мебошад.

Дар мақолаи мазкур мо ҷиҳати дигари масъала – вазифаи грамматикии ҳиссачаҳоро дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи осори манзум (хоссатан, ашъори Камоли Хуҷандӣ) мавриди баррасӣ қарор доданием.

Маводи забони адабии тоҷик нишон медиҳад, ки ҳиссачаҳо дар ташаккули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ (бо ҷумлаи пайрави мубтадо, пуркунанда сабаб, шарт) саҳми муайяне доранд. Онҳо чун воситаи ёвари алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрав бо сарҷумла буда, дар ташаккули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ хизмат карда, ба ҷумла тобишҳои гуногуни

модалӣ (тахмин, тааҷҷуб, пурсиш...) медиҳанд. Ин воситаи ёрирасони грамматикӣ дар забони муосир (хоссатан дар осори мансур) зиёд истифода шавад ҳам, дар назм корбасти онҳо камтар аст.

Бояд гуфт, ки муҳаққиқони таърихи забон дар форсии миёна /паҳлавӣ/ истифода шудани пайвандакҳои «**ка», «ки»**-ро нишон додаанд [9, с.147; 8, с.20]. В.С. Расторгуева ҳамчунин таъкид мекунад, ки «В более редких случаях в качестве подчинительного союза в этом типе сложноподчиненных предложений использовались: 1) вопросительно-относительное местоимение «кӣ» /кто»/…»

М. Баҳор низ дар форсии миёна мавҷуд будани пайвандаки «**ку»**-ро нишон дода таъкид мекунад, ки дар шеваи Исфаҳон ҳоло ҳам ҳамин вазифаи наҳвиро адо мекунад.

Муҳаққиқони забони муосири озарбойҷонӣ [3] ва забони муосири ӯзбекӣ [4], низ дар он забонҳо чун воситаи алоқаи грамматикии ҷумлаҳои пайрави пуркунанда хизмат кардани ҳиссачаи – **«ку»-** ро қайд кардаанд [4, с.6]. «В азербайджанском языке частицы выступают в качестве одного из основных лексико-грамматических средств построения сложноподчиненных предложений» [3, с.123-135].

Муҳаққиқи забони муосири форсӣ А.Шафоӣ ҳамчун воситаи алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрав ба сарҷумла хизмат кардани ҳиссачаҳоро дар забони форсӣ зикр кардааст. Номбурда таъкид мекунад, ки «… дар баъзе ҷумлаҳои пайрав (ҷумлаҳои пайрави хилоф, муқоиса) ҳиссачаҳои **ҳам, низ** истифода мешаванд» [11, с.43].

С. Атобуллоев дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави мубтадо истифода шудани ҳиссачаи «-мӣ»-ро зикр карда бошад ҳам, дар алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрав саҳм доштани ин ҳиссачаро зикр накардааст. Ӯ инро «як тарзи махсуси ифодаи хабари сарҷумла» [5, с.102] меҳисобад. «Дар охири хабари сарҷумлаи ҷумлаи пайрави мубтадо, -менависад ӯ, -ҳиссачаи саволии «-**мӣ»** ҳамроҳ шуда меояд. Ин ҳиссача ба ҷумлаи пайрав тобиши саволӣ бахшад ҳам, дар охири ҷумлаи пайрав аломати савол гузошта намешавад. Чунончи: Гуноҳи ман-мӣ, ки инвалид гуфта ба армия қабул накарданд. *Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки* «ин ҳодисаро дар забони ҳозира ҳодисаи нав шуморидан мумкин аст, зеро намунаи онро мо аз «Гулистон»-и Саъдӣ, аз насри Зоконӣ, аз насри А.Дониш ва эҷодиёти С.Айнӣ тамоман дучор накардем. Ин тарзи ифода асосан хосси эҷодиёти Ҷ.Икромӣ ва Р.Ҷалил аст. С. Улуғзода ва А.Деҳотӣ онро фақат дар сарҷумлаи ҷумлаи пайрави пуркунанда кор фармудаанд. … Устод С.Айнӣ ҳамеша дар чунин мавридҳо ҳиссачаи саволии **магар** ва **оё** -ро кор мефармуд» [5, с.102].

Дар забони адабии муосири тоҷик бошад, дар алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрави сабаб «то як андоза нақш доштани» ҳиссачаи **«охир»-**ро забоншинос шинохта Ш.Рустамов зикр карда мисолҳо овардааст [10]. «… ҳиссачаҳо, - менависад ӯ, - барои ба ҳам алоқамандшавии калимаю ҷумлаҳо агарчи ҳамчун пайвандак истеъмол наёбанд ҳам, то як андоза рол мебозанд». Номбурда бо «ҷумлаҳои сабаби хулосавӣ» омадани ҳиссачаи «охир» -ро нишон дода, таъкид мекунад, ки «ин хел ҷумлаҳои пайрав одатан бо ҳиссачаи таъкидии **охир**, ки ҷиҳати ҳиссӣ ва ифоданокии ҷумлаҳои тасдиқиро пурқувват карда, ба ҷумлаи мураккаб оҳанги хулосавӣ мебахшад, сар мешаванд» [10, с.87].

Ба сифати воситаи ёрирасони алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрави пуркунанда истифодаи шудани ҳиссачаҳо дар рисолаи тадқиқотии «Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забони адабии тоҷик» бо мисолҳои возеҳу равшан нишон дода шудааст. Муаллифи рисола таъкид мекунад: «Ҳиссачаҳо низ чун воситаи ёвари алоқаи грамматикии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда хизмат карда, маънои таъкид, пурсиш ва тааҷҷубу нобоваріро қувватнок мекунанд». Муҳаққиқ дар забони адабии муосири тоҷик воситаи ёридиҳандаи алоқаи синтаксисии ҷумлаи пайрави пуркунанда будани ҳиссачаҳои **«-ку», «-мӣ», «-чӣ», «-дия», «магар», «чаро», «охир»** -ро таъкид карда аз осори адибони муосири тоҷик мисолҳо овардааст [2, с.102-108].

Баррасии лингвистии осори Камоли Хуҷандӣ нишон медиҳад, ки ин шоири шаҳир низ ҳиссачаҳоро дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ (аз ҷумла, бо ҷумлаи пайрави сабаб) хеле зиёд истифода бурдааст. Онҳо баробари ифодаи маъноҳои гуногуни ҳиссӣ – муассирӣ ва модалӣ ҳамчун воситаи ёрирасони грамматикӣ дар ташаккули ин воҳиди мураккаби

наҳвӣ хизмат кардаанд. Албатта, корбасти ҳиссачаҳо дар осори манзум дар муқоиса бо осори мансур маҳдудтар аст. Камоли Хуҷандӣ танҳо ҳиссачаҳои **«магар», «охир», «чаро»**-ро ҳамчун воситаи ёрирасони алоқаи ҷумлаи пайрави сабаб хеле устодонаву шоирона истифода бурдааст, ки ҳамзамон маъноҳои нозуки иловагии тахмин, пурсиш, тааҷҷуб, хулоса ва амсоли инҳоро ифода мекунанд.

Ҳиссачаи «магар» дар таркиби сарҷумла ё ҷумлаи пайрав омада, чун воситаи қувватдиҳандаи алоқаи грамматикии ҷузъҳои ҷумлаи мураккаб хизмат мекунад. Ҳиссачаи «**магар**» дар таркиби сарҷумла омада бошад, ба ҷумлаи пайрав пайвандаки **«ки»** гузоштан мумкин. Дар чунин ҷумлаҳо мавҷудияти пайвандак ҳатмӣ нест, зеро ҷумла бо интонатсияи махсус талаффуз мешавад. Вале ҳангоми дар ҷумлаи пайрав омадани ин ҳиссача гузоштани пайвандак имконнопазир аст. Агар пайвандак гузорем, хусусияти ҳиссӣ-ифоданокии ҷумла аз байн меравад, зеро ҳиссача истифода нашуда, оҳанги ҷумла низ тағйир меёбад [2, с.106].

Гул **магар** он бевафоӣ аз паи он кард,
К-аз дили маҷрӯҳи андалеб надонист [12, с.73].

Май ба суфӣ мадеҳ, ки он софӣ
Дархӯри ҳоли бесафоён нест.
Магар он дил, ки бар қарори худ аст,
Воқиф аз ҳоли дилрабоён нест? [12, с.181].

Дили заиф ба якбора нотавон шуд аз ӯ,
Падид нест нишонаш, **магар** ниҳон шуд аз ӯ [13, с.267].

Ҳиссачаҳои **«охир», «чаро»** низ ҳамчун воситаи қувватдиҳандаи алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрави сабаб ва сарҷумла хизмат мекунанд.

Ҳиссачаи **«охир»** дар таркиби сарҷумла ё ҷумлаи пайрав омада метавонад. Агар ин ҳиссача дар таркиби сарҷумла омада бошад, он дар алоқаи наҳвии ҷузъҳои ҷумлаи мураккаб нақше надорад. Агар дар таркиби ҷумлаи пайрав омада бошад, чун воситаи қувватдиҳандаи алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрав хизмат мекунад. Дар ин ҳолат ҷумла бо оҳанги махсус талаффуз шуда, дорои хусусияти баланди эмоционалист. Ҷумлаи пайрав маънои хулосавӣ, ҷамъбастӣ дорад [2, с.107].

Чунончи:

Бар синаи мо чанд ниҳад фурқати ту доғ,
Охир на ба ин сина таманнои ту кардем.
Чун рафт Камол аз назхарат талъати дидор,
Қатъи назар аз дидаи бинои ту кардем [13, с.288].

Дилу ҷон, то раҳанд аз банд, бикшо зулфи мушкинро,
Ба поят мефитанд ***охир***, раҳо кун як-ду мискинро [12, с.32].

Ҳиссачаи **«чаро»** дар таркиби ҷумлаи пайрав омада, чун воситаи қувватдиҳандаи алоқаи наҳвӣ саҳм мегиранд. Он ба ҷумла маънои тааҷҷуб, пурсиш ва суолро медиҳанд:

Чу ба ман нахоҳад, ки бӯяш расад,
Чаро зинда дорад ба ин бӯ маро [12, с.30].

Ҳамин тариқ, ҳиссачаҳо маъноҳои гуногуни ҳиссӣ – муассирӣ ва модалиро ифода карда, ҳамзамон чун воситаи ёрирасони алоқаи грамматикии ҷузъҳо (сарҷумла ва ҷумлаи пайрав)-и ҷумлаи мураккаби тобеъ хизмат мекунанд. Албатта, корбасти ҳиссачаҳо дар осори манзум дар муқоиса бо осори мансур маҳдудтар аст. Камоли Хуҷандӣ танҳо ҳиссачаҳои **«магар», «охир», «чаро»** ҳамчун воситаи ёрирасони алоқаи ҷумлаи пайрави сабаб хеле устодонаву шоирона истифода бурдааст,ки ҳамзамон маъноҳои нозуки иловагии тахмин, пурсиш, тааҷҷуб, хулоса ва амсоли инҳоро ифода мекунанд.

Ҳиссачаҳо бештар дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандак кор фармуда шуда, чунин ҷумлаҳо дорои хусусияти баланди эмотсионалию экспрессивианд ва ҳангоми гузоштани пайвандак ин хусусияташон аз байн меравад [2, с.108].

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулазизов В. Воситаҳои ёрирасони ҷумлаи пайрав / В.Абдулазизов // Маводи конфронси илмию амалии олимон ва мутахассисони ҷавони Тоҷикистон. Бахши забон ва адабиёти тоҷик. – Душанбе, 1990. - С.72-73.
2. Абдулазизов В. Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забони адабии тоҷик / В. Абдулазизов. – Душанбе, 2014. – 140 с.
3. Абдуллаев А.З. Сложноподчиненные предложения в современном азербайджанском языке: автореф. дис... д-ра филол. наук. / А.З. Абдуллаев. – Баку, 1963. - 136 с.
4. Арслонова Ф.И. Узбекские соответствия русских объектно-придаточных предложений: автореф. дис... канд. филол. наук. / Ф.И. Арслонова. - Ташкент, 1974. - 17 с.
5. Атобуллоев С. Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии тоҷик / С.Атобуллоев. – Душанбе: Дониш, 1957. - 193 с.
6. Виноградов В.В. Русский язык / В.В. Виноградов. - М., 1947. - С.706.
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Лексикология, фонетика ва морфология. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. – Душанбе: Дониш, 1973. – С.418-420.
8. Молчанова Е.К. Основные вопросы синтаксиса средне-персидского языка: Автореф. дис…канд. фил. Наук / Е.К. Молчанова. – 1966. - 19 с.
9. Расторгуева В.С. Среднеперсидский язык / В.С. Расторгуева. – М.: Наука, 1966. – С.133-149.
10. Рустамов Ш. Ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави сабаб дар забони ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1968. – 121 с.
11. Шафаи А.Б. Сложноподчиненные предложения в современном персидском языке: автореф. дис. д-ра филол. наук / А.Шафаи. – Баку, 1967. – 205 с.
12. Хуҷандӣ, Камол. Девон / Камоли Хуҷандӣ. – Д., 1983. - Ҷ. 1. – 560 с.
13. Хуҷандӣ, Камол. Девон / Камоли Хуҷандӣ. – Д., 1985. - Ҷ. 2. – 461 с.

ВАЗИФАҲОИ ГРАММАТИКИИ ҲИССАЧАҲО ДАР АШЪОРИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Дар мақола нақш, мақом ва вазифаҳои грамматикии ҳиссачаҳо дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави сабаб (бар асоси маводи мероси адабии шоири маъруфи асри XIV-и тоҷику форс – Камоли Хуҷандӣ) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таъкид мегардад, ки Камоли Хуҷандӣ ҳиссачаҳои муайянеро дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави сабаб хеле моҳирона ва устодона дар доираи қоидаву талаботи вазни арӯз истифода бурдааст. Ҳиссачаҳо маъноҳои гуногуни ҳиссӣ – муассирӣ ва модалиро ифода карда, ҳамзамон чун воситаи ёрирасони алоқаи грамматикӣ дар ташаккули ин воҳиди мураккаби наҳвӣ хизмат кардаанд. Албатта, корбасти ҳиссачаҳо дар осори манзум дар муқоиса бо осори мансур маҳдудтар аст. Камоли Хуҷандӣ танҳо ҳиссачаҳои **«магар», «охир», «чаро»- ро** ҳамчун воситаи ёрирасони алоқаи ҷумлаи пайрави сабаб хеле устодонаву шоирона истифода бурдааст, ки ҳамзамон маъноҳои нозуки иловагии тахмин, пурсиш, тааҷҷуб, хулоса ва амсоли инҳоро ифода мекунанд. Ҳиссачаҳо бештар дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандак кор фармуда шудаанд. Чунин ҷумлаҳо дорои хусусияти баланди эмотсионалию экспрессивӣ буда, ҳангоми гузоштани пайвандак ин хусусияташон аз байн меравад.

Калидвожаҳо: вазифаи грамматикӣ, алоқаи тобеъ, бепайвандак, восита, грамматикӣ, ёридиҳанда, маъноҳои модалӣ, сарҷумла, синтаксисӣ, ҳиссача, ҷумлаи мураккаби тобеъ, ҷумлаи пайрав.

ГРАММАТИЧЕСКИЕ ФУНКЦИИ ЧАСТИЦЫ В ТВОРЧЕСТВЕ КАМОЛА ХУДЖАНДИ

В статье рассматривается роль, значение, способ употребления и грамматические функции **частицы** в сложноподчиненных предложениях с придаточным предложением причины (на основе богатого языкового материала творчества известного таджикско – персидского поэта XIV в. – Камола Худжанди). Подчёркивается, что в составе сложноподчиненных предложений с придаточными причины поэт очень умело и мастерски в рамках жестких правил и требований аруза употреблял определенные и частицы. Частицы выражая различные эмоционально-экспрессивные значения, одновременно служать как вспомогательное средство грамматической связи в формировании данной синтаксической единицы. Естественно, что использование частиц в поэзии по сравнению с прозой ограничено. Камол Худжанди очень мастерски и поэтично использовал в своих произведениях только частицы **«магар», «охир», «чаро»** как впомогательное средство граматической связи в формировании этой сложной синтаксической единицы,что одновременно выражают и допольнительные значение предположение, вопрос, удивление,вывод и т.п. Частицы употребляются преимущественно в бессоюзных сложноподчиненных предложениях. Такие предложения обладают высокое эмоционально-экспрессивное свойства и при употреблении подчинительных союзов утеряется данная свойста.

Ключевые слова: грамматическая функция, подчинительная связь, бессоюзное, вспомогательное, главное предложение, грамматическое, местоименные суффиксы, модальное значение, подчинительный связь, придаточное предложение, синтаксическое, сложноподчиненное предложение, синтаксическое, средство, частицы.

GRAMMATIC PARTICULAR FUNCTIONS IN CREATING CAMOLA HUJANDI

The article considers the role, meaning, method of use and grammatical functions of a particle in complex sentences with a subordinate clause of reason (based on the rich language material of the work of the famous Tajik-Persian poet of the 14th century - Kamol Khujandi). It is emphasized that in the composition of complex sentences with subordinate reasons, the poet very skillfully and masterfully used certain particles within the framework of strict rules and requirements of the Aruza. Particles expressing various emotionally expressive meanings, simultaneously serve as an auxiliary means of grammatical communication in the formation of this syntactic unit. Naturally, the use of particles in poetry compared to prose is limited. Kamol Khujandi very skillfully and poetically used only “mahar”, “ohir”, and “charo” particles in his works as an auxiliary means of grammatical connection in the formation of this complex syntactic unit, which at the same time express assumptions, questions, surprise, conclusion, etc. .P. Particles are used primarily in union-free compound sentences. Such proposals have high emotional and expressive properties and when using subordinate unions this property is lost.

Keywords: grammatical function, subordinate connection, non-union, auxiliary, main sentence, grammatical, pronoun suffixes, modal meaning, subordinate connection, subordinate clause, syntactic, compound sentence, syntactic, means, particles.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдулазизов В.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷик. Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 919-14-27-48**

Сведения об авторе: ***Абдулазизов В.*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 919-14-27-48**

Information about the author: ***Abdulazizov Vakhobdzhon*** **-** Tajik National University, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Contemporary Tajik Literary Language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 919-14-27-48**

УДК: 4. 92. 7. 09

ШАХСИЯТИ СИБАВАЙҲ ДАР МИЗОНИ АНДЕШАҲО

Ҷалилов З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз аввалин мактабҳои грамматикӣ мактаби Басра мебошад, ки ба инкишофи минбаъдаи грамматикаи араб замина гузошт. Тахмин меравад, ки пайдоиши аввалин афкори забоншиносӣ дар ҳамин мактаб ва аз тарафи Абуласвад ад-Дуалӣ тарҳрезӣ шудааст. Ривоятҳои гуногунест, ки гӯё ад-Дуалӣ хатоҳои забонии мардумро алалхусус дар қироати Қуръони Карим, мушоҳида мекунад ва ҳамин иллат ӯро водор менамояд, ки дар ислоҳи ин ғалатҳо саҳм гирад ва мардумро бо асосҳои қавоиди дастури забони арабӣ ошно намояд.

Ҳамин тариқ, бо таъсири афкори грамматикии Юнони бостон ад-Дуалӣ ҳиссаҳои нутқи забони арабиро ба се қисм: исм, феъл ва ҳарф гурӯҳбандӣ менамояд, ки ин аввалин нуқтаи шаклгирии афкори забоншиносии араб маҳсуб мегардад.

Илми забоншиносии араб аввалин бор баъд аз он ки Абуласвад ад-Дуалӣ ба ҳаракот асос гузошт, дар Басра шакл гирифт. Баъд аз барқароршавии шаҳри Басра дар соли 636 мактаби дастурии Басра вусъат меёфт.

Як зумра олимони забоншиноси араб дастпарвардаи ин мактаб мебошанд. Асосан, гаҳвораи илми грамматикаи араб ҳамин мактаб ба ҳисоб меравад. Олимон бар он ақидаанд, ки шароити иқтисодиву маънавӣ ва ҷуғрофии Басра мусоидат намуд, ки он замонҳо макони илму маърифат гардад. Дар ин шаҳр тамаддунҳои гуногун роиҷ буданд.

Шаҳри Басра ба мактаби Ҷунди Шопури форсӣ, ки дар он тамаддунҳои юнонӣ, ҳиндӣ ва форсӣ омӯхта мешуд, наздик буд. [5, с.21]. Мутарҷимони барҷастаеро дар худ тарбия менамуд. Албатта, ҳамаи ин сабаб шуданад, ки Басра ба маркази тамаддуну маърифат ва илму фарҳанг табдил ёбад.

Ҳарчанд забоншиносии араб таърихи нисбатан куҳан дорад, аммо то замони мо аз он рӯзгор ба ҷуз чанд ривоят аз чигунагии пайдоиши забоншиносии араб, ки дар сарчашмаҳои таърихию адабӣ зикр шудааст, чизе дигаре дар даст нест.

Аммо, аввалин китоби нисбатан мукаммал ва бунёдии забоншиносии араб, ки дар тӯли асрҳо тамоми куллиёту ҷузъиёти нахустин афкори забоншиносии арабро барои мо равшан менамояд, «ал-Китоб»-и донишманди маъруфи эрониасл Сибавайҳ (тақ. 760- тақ. 797) мебошад.

Бузургии ин китоб дар сарфу наҳви арабӣ ба ҳаддест, ки аз тарафи ҳамаи забоншиносон ва дастурнависони минбаъдаи араб эътироф гардидааст. Масалан, Абуусмон Бакр ибни Муҳаммад ибни Бақияи Басрӣ (Мозинӣ), ки устоди Мубаррид ва Фазл ибни Язид аст, дар бораи азамати китоби Сибавайҳ чунин мегӯяд: «Ҳар кас хоҳад пас аз Сибавайҳ китоби бузурге дар илми наҳв таълиф намояд бояд, ки шарм дошта бошад ва аз ин кор худдорӣ кунад” [10, с.8].

Сибавайҳ аз дурахшонтарин чеҳраҳо дар забоншиносии араб аст, ки бо асари мондагори худ «ал-Китоб» асосгузори наҳви араб эътироф шудааст.

Дар робита ба шахсият ва фаъолияти ӯ ба забонҳои арабӣ ва форсӣ андешаронӣ ва таҳқиқоти зиёд сурат гирифтааст. Аз ҷумла, аз донишмандони гузаштаи арабу тоҷик Сайрофӣ, Абубакри Забидӣ, Замахшарӣ, Ибни Ҳуруф, Суютӣ ва дигар донишмандон дар робита ба ҳаёт ва асари маъруфи Сибавайҳ шарҳҳо навиштаанд. Аз донишмандони муосири араб бошад, пеш аз ҳама, метавон аз Алӣ Наҷдӣ, Хадиҷаи Ҳадисия, Ҷаъфар Зоҳидӣ, Ҳомид Ризо ва ғайра ёд кард, ки оид ба ин шахсият ва андешаҳои наҳвии ӯ таҳқиқот анҷом додаанд. Ҳарчанд дар осори гузаштагони мо, аз ҷумла Ҳаким Саноӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ, Шайх Саъдӣ, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Шамси Қайси Розӣ ва дигарон аз Сибавайҳ ҳамчун донишманди таъсиргузор ба наҳви Арабу Аҷам ба гунае ёд шудааст, вале дар забоншиносии муосири тоҷик ва шохаи арабшиносии он ин шахсият ҳанӯз ношинохта мондааст.

Дар ин мақола саъй мешавад, то дар бобати рӯзгору осор ва ҷойгоҳи Сибавайҳ дар мизони андешаҳои бузургони Арабу Аҷам таҳқиқоти муқаддамотӣ анҷом дода шавад.

Номи пурраи Сибавайҳ Абӯбишр Амр ибни Усмон ибни Қамбар мулаққаб ба Сибавайҳ аст, ки дар мавзеи Байзои Шероз дар соли 140 ҳичрӣ, баробар ба соли 760 мелодӣ ба дунё омадааст [7, с.91].

Сибавайҳ таҳсили ибтидоии худро дар зодгоҳаш, яъне дар худи Шероз шурӯъ карда ва дар синни чаҳордаҳсолагиаш ба Басра барои таҳсили илм раҳсипор шуд. Чунки дар он даврон Басра маркази илму дониш ба ҳисоб мерафт. Дар ҳангоми вурӯди Сибавайҳ ба Басра ду илми исломӣ дар он ҷо ривоҷ дошт; яке улуми динӣ ва дигаре улуми адабӣ. Улуми динӣ шомили қироъати қуръон, тафсир, фиқҳ ва ҳадис буд. Ва улуми адаби шомили луғат, сарф, наҳв, ривояти шеър ва ғайри инҳоро дар бар мегирифт.

Таҳсилот дар он замон низоми хоссе ба худ надошта балки ба як сурати ҳалқаҳои озод дар масоҷид ва ғайра ташкил мешуд. Сибавайҳ дар оғози таҳсил ба улуми динӣ пардохта, баъди чанде рӯ ба улуми адабӣ овард ва дар илми наҳв мақоми хоссаеро дарёфт. То ҷое, ки дар Басра пешво гардид.

Қифтӣ мегӯяд: Сибавайҳ дар рӯзҳои аввал бо фақеҳон ва ҳадисдонон ҳамнишин буд. Забидӣ овардааст, ки Сибавайҳ дар ҳангоми ёддошти ин ҳадис « ليس من أصحابي إلا من لو شِئْتُ لأخذت عليه ليس أبا الدرداء» дар назди Хаммад ибни Салама ибни Динор муҳдиси машҳур дар он замон онро чунин талаффуз кард **« ليس ابوالدرداء »:** яъне ба ҳолати марфуъаш зеро муътақид буд, ки **« ليس ابوالدرداء »:исми лайса аст,** Хаммад ибни Салама ба ӯ гуфт: иштибоҳ мекунӣ чунин нест, ки мепиндорӣ балки **«ليس»** дар ин ҳадис адоти истисно аст. Сибавайҳ гуфт: бояд ба дунболи илме биравам, ки ҳаргиз-ҳаргиз бар ман ъайб нагирӣ ва пас аз он ба Халил ибни Аҳмад пайваст.

Дар ривояти дигар омадаст, ки Сибавайҳ ба Басра рӯй овард ҳалқаи дарсии Хаммод ибни Саламаро лозим гирифт чун Сибавайҳ дар ҳадисе лаҳн кард ӯро барои лаҳн карданаш маломат карданд. Пас тасмим гирифт, ки то рӯ ба илме биоварад касе ӯро дар

он айбдор накунад. Ҳамин тавр, Сибавайҳ дар ҳалқаҳои дарсии наҳвдонону сарфдонон ҳузур дошт, саргаҳи донишмандони ин фан Исо ибни Амр ва Ахфаш, алалхусус Халил ибни Аҳмадро ба устодӣ хонда ва аз ӯ тамоми заруроти илми сурфу наҳвро омӯхт.

Дар ҳаёти хеш барои мушоҳидаи баъзе қонуниятҳои забони араб на ба бодия, балки ба водиҳои Ҳиҷозу Наҷд мисли устодаш Халил ибн Аҳмад ба сафар мебарояд. Баъди вафоти Халил ибн Аҳмад Сибавайҳ ба шаҳри Куфа рафта, бо забоншинос ал-Кисоӣ ва муаддиб ал-Амин ибн Рушд мулоқот намудааст.

Бархе бар ин ақидаанд, ки Сибавайҳ дар синни чаҳордаҳсолагиаш барои таҳсили илм роҳсипари Басра шуд зеро, ки дар он даврон Бағдод маркази илм ва дониш буд. Дар он ҷо яке аз барҷастатарин донишмандони илми луғат шуд.

Сибавайҳ ба қавли Шавқӣ Зайф ҷиҳати фаро гирифтани улуми динӣ ба Басра рафт ва ба ҳалқаи фуқаҳо ва муҳаддисин пайваст ва дар он ҷо бо донишмандони илми луғат ва наҳви арабӣ, аз ҷумла Ахфаши бузург, Халил ибни Аҳмади Басрӣ ошноӣ пайдо кард. Аз забони арабӣ ҳар чиро, ки мешунид ва ҳар ҷавоберо, ки меёфт ва ба ҳар чизе, ки аз роҳи шунидан огоҳ мешуд, ҳамаро навишта ҳифз мекард ва ба ин сурат тамоми назариёти Халилро дар боби сарфу наҳв фаро гирифт. Вай мисли Халил ибни Аҳмад дар бодия барои машварат бо мардум мерафт. Пас аз вафоти Халил муддате ба шогирдони худ, аз ҷумла Ахфаш тадрис кард ва дар айни замон ба таснифи "ал-Китоб" пардохт. Сипас, ба Бағдод рафт ва бо Кисоӣ – устоди Амин писари Ҳорунаррашид баҳсе кард ва дар баҳс ғолиб омад. Яҳёи Бармакӣ даҳ ҳазор дирҳам бар вай инъом дод, вале иқомати ӯ дар Бағдод дер давом накард ва ба сӯйи зодгоҳаш шитофт ва дар Шероз ё дар Ҳамадон чашм аз ҷаҳон пӯшид [5, с.57].

Алӣ Наҷдӣ бар ин андешааст, ки иллати тарки ватан кардани хонаводаи Сибавайҳ ин буд, ки онҳо истеъдоди фавқулодаи Сибавайҳро дар фаро гирифтани забони арабӣ аз кӯдакияш дарк карда буданд ва барои такмили дониши ӯ ба маркази фарҳангии он рӯзгор Басра ҳиҷрат карданд.

Дар Басра муддате нагузашт, ки орзуи дерини хонаводаи Сибавайҳ ҷомаи амал пӯшид. Мақоми илмие, ки Сибавайҳ ба худ ихтисос дода буд, зеҳни бисёр донишмандону муаррихонро, ҳатто дар таъйини маънои номаш ба худ кашид, ба гунае, ки дар ин бора қавлҳои мухталиф зикр шудааст [8, с.107].

Ибни Наттоҳи Махзумӣ мегӯяд: “Рӯзе дар ҳузури Халил ибни Аҳмад будам, таҳқиқоти адабӣ ва луғавии вайро мешунидам, ногаҳ Абӯбишр Сибавайҳ, ки ҷавони назифу хушлибос... буд, ворид шуд. Халил ибни Аҳмад барои эҳтироми ӯ гуфт: “Марҳабан би зоирин ло ямал” , яъне: марҳабо ба касе, ки аз зиёрат кардан хаста намегардад. Ин бузургтарин ситоише буд, ки Халил ба Сибавайҳ мекард”.

Мозинӣ аз қавли Ахфаш ривоят мекунад, ки рӯзе назди Юнус ибни Ҳабиб будам, ки гуфтанд Сибавайҳ омад. Юнус гуфт: “Аъузу биллоҳи минҳу”. Сибавайҳ даромад ва аз Юнус пурсид дар ин ибора, ки мегӯянд: "مَرَرْتُ بِهِ المِسْكِين""“мararту биҳи-л-мискин” чӣ андеша дорӣ? Юнус гуфт: Ҷоиз аст, ки онро маҷрур бихонем то бадал аз замир бошад. Сибавайҳ гуфт: Хуб мешавад, ки ба рафъ бихонем чунки дар маънӣ ин аст: "المسكينُ مررتُ به" “ал-мискину мararту биҳи”. Юнус гуфт: Ин иштибоҳ аст, зеро замир қабл аз исми зоҳир аст. Сибавайҳ гуфт: Халил инро ҷоиз донистааст ва чанд байт ба он шоҳид овардааст. Юнус боз гуфт: Ҷоиз нест, Сибавайҳ пурсид: Ба насб чигунааст? Юнус гуфт: Бинобар ҳол будан ҷоиз аст. Сибавайҳ гуфт: Магар шумо нагуфтаед, ки ҳол алиф ва лом намегирад? Юнус гуфт: Устодат дар ин боб чӣ гуфтааст? Сибавайҳ гуфт: Мансуб аст бинобар тараҳҳум, мадҳ ва зам. Юнус гуфт: Бисёр хуб мансуб аст бинобар тараҳҳум ва дигар сухан нагуфт [7, с.169].

Он чи номи Сибавайҳро то кунун зинда нигоҳ дошта ва нигоҳ хоҳад дошт, асари арзишманду бузурги ӯ дар илми наҳв “ал-Китоб” аст.

«Ал-Китоб» асарест, ки онро ба сабаби арзиш ва аҳаммияташ «Қуръон-ун-наҳв» мехонданд ва донишмандон ба нобиға будани Сибавайҳ бо таълифи ин асар шубҳа надоранд. «Ал-китоб» номест, ки на худи Сибавайҳ, балки дигарон ба асари ӯ ниҳоданд.

Зеро, дасти аҷал ба ин наҳвии ҷавон ҳатто фурсат надод, ки асари худро ба анҷом расонида, ба вай муқаддимаву хулоса нависад.

Ба таъкиди донишмандон «ал-Китоб» мусаввадае буд, ки муаллиф мехост баъд аз таҳрир ва бознависӣ номе шоиставу муносиб ба вай интихоб кунад. Аммо наҳвиён баъд аз ӯ ба хотири ин ки китоби дигаре ҷуз асари арзишманди Сибавайҳ шоистагии онро надорад, ки дар наҳв ба номи китоб хонда шавад, онро «ал-Китоб» номиданд [9, с.9].

Язид мегӯяд: «Ба пояи китоби Сибавайҳ дигар дар илме асаре таълиф нашудааст, зеро барои дигар китобҳои таълифшуда дар ин замина зарурист, ки аз дигар китобҳо барои хуб фаҳмо шудани матлаб истифода шавад, магар китоби Сибавайҳ, ки барои дарк кардани мисолҳо эҳтиёҷ ба китобе надорад» [1, с.5].

Хатиби Бағдодӣ бо истинод ба Муҳаммади Тамимӣ мегӯяд: мардуми Басра ба чаҳор китоб ифтихор мекунанд, ки дуи онҳо китоби «ал-Баён ва табйин» ва «ал-Ҳайавон»-и Ҷоҳиз аст ва севум «ал-Китоб»-и Сибавайҳ аст ва чаҳорум «ал-Ъайн»-и Халил ибни Аҳмад [2, с.174].

Абӯтаййиби Луғавӣ гуфтааст: “Сибавайҳ донишмандтарини мардум буд, китоберо таълиф кард, ки мардум онро «Қуръони наҳв» номиданд ва ӯ бобҳои он китобро ба лафзи худ ва Халил номгузорӣ кард” [3, с.65].

Сибавайҳ бо таълифи “ал-Китоб” зербинои наҳви арабро асос ниҳод. Ин асар дар тӯли таърих ва аз замони таълиф то ба имрӯз аз муҳимтарин ва машҳуртарин китоб дар наҳви арабӣ ба шумор меравад.

Шарҳҳои фаровоне, ки дар даврaҳои мухталиф бар он навишта шудаанд, аз аҳаммияти бисёр ва арзиши баланди ин асар гувоҳӣ медиҳанд.

“Ал-Китоб” асари ҷомеъ буда, дар он мисолҳои сарфу наҳв ва фиқҳуллуғаву илмуллуға ва баъзе нуктаҳои илми балоғат ба мушоҳида мерасад. Ба ин маъно, ки вақте дар баёни муайянӣ ва номуайянии исмҳо сухан мегӯяд, фақат бо зикр кардани аломатҳои он маҳдуд нагашта, балки дар баёни асл будани номуайянӣ ва фаръ будани муайянӣ, ё асл будани исм бар дигар ҳиссаҳои нутқ мепардозад. Дар ҳоле ки масъалаҳои дар боло ёдшуда имрӯз на дар наҳв, балки дар фиқҳуллуға ё худ забоншиносӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор мегиранд. Аз ин рӯ, бо боварӣ метавон гуфт, ки «ал-Китоб»-и Сибавайҳ сарчашмаи бунёдии тамоми забоншиносии араб ба ҳисоб меравад.

Сибавайҳ дар ин китоб дастури забони арабиро ба шеваи илмӣ тадвин кард ва дар китоби ёдшуда ҳама ҷанбаҳои сарфӣ ва наҳвии арабӣ ба таври густурда ва дақиқ баррасӣ ва тавсиф шудааст.

Сохтори «ал-Китоб»-и Сибавайҳ чунин таркиб ёфтааст, ки аввал бо баёни масоили наҳвӣ шурӯъ гашта, сипас шарҳу тавзеҳи масоили сарфӣ оварда шудааст ва пас аз он нуктаҳое аз савтиёти арабӣ ёд гаштааст. Дар ҳоле ки гоҳе масъалаҳои сарфӣ бо масоили наҳвӣ ва ин ду бо масъалаҳои савтиёт бо ҳам ба таври омехта баён шудаанд.

Асари бузурги Сибавайҳ ба таври мутлақ “ал-Китоб” ном гирифтааст ва дар фазилату бартарии он дар тӯли таърих суханони зиёд гуфта шудааст. Ҳанӯз ин асари арзишманд маъхази муҳим ва манбаи муътабари илми наҳви арабӣ дониста мешавад. Ба ин китоб донишмандону фозилон дар тӯли асрҳо шарҳу ҳошияҳои зиёд навиштаанд. Аз ҷумла, Сайрофӣ ва Абӯалии Форсӣ ба ин асар шарҳи муфассал навиштаанд.

Ҳар гоҳ ки мо дар бобати саҳми мардуми эрониасл дар забону фарҳанги арабӣ сухан мегӯем, беихтиёр дар пеши чашми мо асари арзишманди Сибавайҳи Шерозӣ “ал-Китоб” падидор мегардад.

Шуҳрати Сибавайҳ дар Басраву Куфа маҳдуд намегардад, чунончи наҳвиёни Мағрибу Андалус (Испания) нисбат ба Сибавайҳ ва китоби ӯ ҳамчун яке аз сарчашмаи аслии илми наҳв дар забони арабӣ менигаристанд.

Ин буд, ки дар қарнҳои чаҳоруми ҳичрӣ илми наҳв дар сарзамини Мағриб шукуфо шуд ва донишмандонеро дар арсаи забон дар он сарзамин ба майдон овард, ки аз ҷумлаи онҳо метавон Абулқосим ибни Усмон (ваф. 346 ҳ.) пешвои наҳви Мағриб – шореҳи

китобҳои «ал-Китоб»-и Сибавайҳ ва китоби «ал-Ъайн»-и Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ устоди Сибавайҳ ва Абӯбакри Забидиро ном бурд.

Метавон гуфт наҳвиёни Мағрибу Андалус асосан ба шарҳ ё хулосанависӣ дар қавоиди наҳвӣ машғул буданд. Амалкардашон ҷанбаи тақлидӣ дошт ва аз худ ҳеҷ гуна ибдоъ ва навоварӣ надоштанд, ба монанди Аҳмад ибни Абдулазизи Қуртубӣ (в.400,ҳ), Юсуф ибни Ябқо ва дигарон [6, с.424].

Пешвоёни наҳви забони арабӣ дар Андалус (Испания) ибни Сироҷ (ваф. 549)., Ҳасан ибни Софӣ мулаққаб ба ал-Малику-н-нуҳот дар он сарзамин машғул ба тадриси илми наҳв буданд ва махсусан дар мавриди омӯзиши китоби Сибавайҳ таваҷҷуҳи хос зоҳир менамуданд [4, с.15].

Аз таҳлилу баррасии рӯзгору осор ва ҷойгоҳи волои Сибавайҳ бармеояд, ки дар баробари забоншиносии арабӣ забоншиносии классикии форсии тоҷикӣ ва забоншиносии умумии кунунӣ низ мадюни бисёр андешаҳои забоншиносии ин шахсият аст.

Андешаҳое, ки Сибавайҳ дар робита ба савтиёт ва наҳви татбиқӣ баён намудааст, аз андешаҳои забоншиносии умумии кунунӣ на танҳо тафовут надорад, балки ҳатто дар масъалагузорию таҳлил ва натиҷагирӣ як навъ бартарӣ ҳам дорад. Ҳамин аст, ки чи дар гузашта ва чи дар имрӯз, аз ӯ ҳамчун забоншиноси беназир ва яке аз поягузорони наҳву балоғати арабӣ ёд мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. أبوبشر عمرو ابن عثمان بن قمبر الكتاب كتاب سيبويه تحقيق و شرح عبد السلام هارون الجزء الاول الطبعة الثالثة القاهرة 1999-م 1408ه-/446 ص/
2. أبو الطيب اللغوي، مراتب النحويين، ج، 2، مكتبة نهضة مصر ، 1955م./ص418/
3. أبو الطيب اللغوي، مراتب النحويين، ج، 2، مكتبة نهضة مصر ، 1955م./ص418/
4. خديجة حديثي، "كتاب سيبويه" مكتبة النهضة بغداد، الطبعة الاولى- 1385-1965، /ص305/
5. شوقي ضيف المدارس النحوية القاهرة, 2005- 386 ص
6. الطيب البكوش، "التصريف العربي من خلال علم الأصوات الحديث"، تونس ، 1973، م/ص302/
7. علي النجدي ناصف "سيبويه إمام النّحاة" ، القاهرة، 10 ربيع الأول سنة 1399../244ص/
8. علي النجدي ناصف "سيبويه إمام النّحاة" ، القاهرة، 10 ربيع الأول سنة 1399../244ص/
9. محمد عبد الخالق عضيمة الاستاذ بجامعة الازهر "فهارس كتاب سيبوبه و دراسة له" الطبعة الاول 1390- 1975 /ص912/
10. حمد الطنطاوي نشاة النحو و تاريخ اشهر النحاة الطبعة الثانية دار المعارف القاهرة 1995-284ص

ШАХСИЯТИ СИБАВАЙҲ ДАР МИЗОНИ АНДЕШАҲО

Дар мақола таъкид шудааст, ки Сибавайҳ ба назари донишмандони гузаштаву имрӯза аз бузургтарин шахсиятҳост, ки бо таълифи “ал-Китоб” зербинои наҳви арабро асос гузоштааст. Пеш аз Сибавайҳ тадқиқотҳои грамматикӣ танҳо намунаҳои забони классикии арабро дарбар мегирифт. Баъд аз ба миён омаданаш Сибавайҳи эрониасли Шерозӣ бо дониши худ таълимоти мактаби Басраро ҷамъбаст намуда, грамматикаи забони арабиро ба як низоми қавӣ дароварда, ба булуғи камол расонид. Асари ӯ аз замони таълиф то ба имрӯз аз муҳимтарин ва машҳуртарин китоб дар наҳви арабӣ ба шумор меравад. Шарҳҳои фаровоне, ки дар даврaҳои мухталиф бар он навишта шудаанд, аз аҳаммияти бисёр ва арзиши баланди ин асар гувоҳӣ медиҳанд. Аз таҳлилу баррасии рӯзгору осор ва ҷойгоҳи волои Сибавайҳ бармеояд, ки дар баробари забоншиносии арабӣ забоншиносии классикии форсии тоҷикӣ ва забоншиносии умумии кунунӣ низ мадюни бисёр андешаҳои забоншиносии ин шахсият аст. Андешаҳое, ки Сибавайҳ дар робита ба савтиёт ва наҳви татбиқӣ баён намудааст, аз андешаҳои забоншиносии умумии кунунӣ на танҳо тафовут надорад, балки ҳатто дар масъалагузорию таҳлил ва натиҷагирӣ як навъ бартарӣ ҳам дорад. Ҳамин аст, ки чи дар гузашта ва чи дар имрӯз, аз ӯ ҳамчун забоншиноси беназир ва яке аз поягузорони наҳву балоғати арабӣ ёд мекунанд.

Калидвожаҳо: Сибавайҳ, ал-Китоб, забоншиносӣ, донишмандони араб, забоншиносии арабӣ, забоншиносии форсии тоҷикӣ, Шероз, Басра, Ҳамадон.

РАССУЖДЕНИЯ О ЛИЧНОСТИ СИБАВЕЙХА

В статье констатируется, что Сибавайх по мнению великих ученых прошлого и современности является одним из великих личностей, который с сочинением книги “ал-Китоб” заложил основу арабского синтаксиса. До Сибавайха грамматические исследования охватывали только примеры классического арабского языка. После, с приходом на научную арену Сибавайх - представитель иранского Шираза своими знаниями подытожив и систематизировав учение филологической школы Басры, вознес его до совершенства. Его сочинение с периода его создания и до наших дней считается одним из известных книг арабского синтаксиса. Многочисленные трактовки, написанные в различные периоды относительно данного произведения, свидетельствуют о его высоком значении и ценности. Из рассмотрения и анализа жизни, наследия и высокого положения Сибавайха становится очевидным, что наравне с арабским языкознанием классическое персидско-таджикское языкознание и общее современное

языкознание также находятся под влиянием лингвистических идей этой великой личности. Мысли, которые высказал Сибавайх относительно фонетики и сопоставительной грамматики, не только не отличаются от нынешнего общего языкознания, даже имеет некоторое превосходство при постановке вопросов, анализе и подведении итогов. Это и является свидетельством того, что и в прошлом и сегодня о нем вспоминают как об неповторимом знатоке языка и основателе арабской грамматики.

Ключевые слова: Сибавейх, ал-Китаб, языкознание, арабские учёные, арабское языкознание, персидско-таджикское языкознание, Шираз, Басра, Хамадан.

DISCUSSIONS ON THE PERSONALITY OF SIBAVEIKH

The article states that Sibawayh, according to the great scientists of the past and the present, is one of the great personalities who, with the composition of the book “al-Kitob,” laid the foundation for Arabic syntax. Before Sibawayh, grammar studies covered only examples of classical Arabic. Then, with the advent of the scientific arena, Sibawayh, the representative of Iranian Shiraz, summing up and systematizing the teachings of the Basra philological school with his knowledge, lifted him to perfection. His composition from the period of its creation to the present day is considered one of the famous books of Arabic syntax. Numerous interpretations written in different periods regarding this work testify to its high significance and value. From the consideration and analysis of the life, heritage and high position of Sibawayh, it becomes obvious that, along with Arabic linguistics, classical Persian-Tajik linguistics and general modern linguistics are also influenced by the linguistic ideas of this great personality. Thoughts expressed by Sibawayh regarding phonetics and comparative grammar, not only do not differ from the current general linguistics, it even has some superiority in raising questions, analyzing and summarizing. This is evidence that in the past and today they remember him as a unique expert on the language and the founder of Arabic grammar.

Key words: Sibaveih, al-Kitab, linguistics, Arab scholars, Arabic linguistics, Persian-Tajik linguistics, Shiraz, Basra, Hamadan.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷалилов Зафар*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторе: ***Джалилов Зафар*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

Information about the author: ***Jalilov Zafar*** - Tajik National University, doctor Ph.D-and the Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 491.550

ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ НАЗАРИЯИ ЗАБОНШИНОСИИ КОМПЮТЕРӢ

Раҳимов Ф.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забоншиносии компютерӣ дар забоншиносии муосир ба ҳайси яке аз самтҳои густурда қобили ҳамешагии таҳаввул ба шумор меравад ва дар баробари ин, дар ин самт риштаҳо ва бахшҳои нави илмӣ ва амалӣ ба миён омада истодааст, ки забоншиносии пайкаравӣ, дискурси компютерӣ, компютинги иҷтимоӣ аз ҷумлаи ин соҳаҳост. Забоншиносии компютерӣ ҳамчун илми муосир муддати начандон тӯлониро аз сар гузаронидааст. Дар солҳои 50-уми асри XX дар асоси як қатор илмҳо, ба монанди математика, забоншиносӣ, информатика ва зеҳни сунъӣ, самти нави илм – забоншиносии компютерӣ пайдо шудааст. Забоншиносии компютерӣ бахше аз забоншиносии амалӣ буда, дар алоқамандӣ бо технологияҳои иттилоотӣ дар самти забоншиносӣ ба таҳқиқ ва пажӯҳиши самтҳои гуногуни забонӣ машғул мебошад. Марҳалаҳои асосии рушди ин илм ба заминаҳои таҳаввули усулҳои зеҳни сунъӣ тааллуқ доранд. Яъне, нимаи дуюми асри XX марҳалаи асосии рушди бемайлони техникаи компютерӣ ва илмҳои нав, ба монанди забоншиносии компютерӣ ба ҳисоб меравад. Ин ба он вобастагӣ дорад, ки асосан дар ин айём технологияҳои микропротсессорӣ ва компютерҳои пуриқтидоре сохта шуданд, ки ба рушди ин соҳа заминаҳои устувор гузоштанд. Бо пайдоиши шароиту имконоти мусоид корҳои таҳқиқотиву омӯзишӣ дар ин самт зиёд гардида, доираи омӯзиши забоншиносии компютерӣ низ хело ҳам васеъ гардид. Махсусан дар ин давра, муҳаққиқон дар пайи

баррасии масъалаҳои нисбатан муҳимми забоншиносӣ, корҳои зиёдеро ба сомон расониданд, ки барои омӯзиши минбаъдаи он самтҳои навро муайян сохт. Равандҳои ташаккулёбӣ ва батанзимдароии забон ҳамчун илм дар худ марҳалаҳои зиёд ва роҳҳои дарози таърихиро дар бар мегирад. Нутқи шифоҳӣ ҳамчун объекти забоншиносӣ мавқеи марказии ин илмро ташкил медиҳад. Дар марҳалаҳои рушди забон фикру ақидаҳо низ нисбат ба вай тағйир ёфтаанд. Дар гузашта агар ба хусусиятҳои дохилии қисматҳои забонӣ таваҷҷуҳ мекарданд, пас дар охирҳои асри XIX ва оғози асри XX нақши асосиро сохти таркибӣ ва расмии дохилии забон ташкил медод. Махсусан дар ин солҳо забоншиноси швейтсарӣ Фердинанд де Соссюр асосҳои ин илмро ҳамчун семиология ва забоншиносии сохторӣ, ба таври мухтасар дар китоби худ "Курси умумии забоншиносӣ" қайд кардааст. Олимон дар самти баррасии масъалаҳои забонӣ ҳамчун механизми ягона, системаи ҷудонашавандаи аломатҳоро, ки имкон медоданд дар навбати худ забони математикиро тасвир кунанд, диққати худро равона намудаанд. Соссюр якумин шуда муносибати сохториро ба забон ва махсусан тавсифи забонро тавассути омӯзиши муносибатҳои байни қисмҳои он пешниҳод намудааст. Вай калимаҳоро бо воҳидҳо ё аломатҳое дарк намуд, ки онҳо дар худ маънӣ ва садоҳои алоҳидаро доштанд. Консепсияи пешниҳоднамудаи олимони швейтсариягӣ ба назарияи забон ҳамчун системаи аломатҳои аз се қисм иборатбуда: забон (аз фр. Langue), нутқ (аз фр. parole) ва фаъолияти забонӣ (аз фр. langage) ворид гардид.

Ба саволи он, ки то кадом андоза забон системаи аломатҳоро ташкил медиҳад ва дар кадом самт дар доираи дигар илмҳо фаъолият мебарад, забоншиноси маъруф Фердинанд де Соссюр бо ҷавоби ба худ хос исбот кардааст ва нуқтаи муҳимми ақидаи ӯ ин аст, ки забоншиносӣ қисме аз семиология, яъне илми аломатшиносӣ мебошад. Гуфтан бамаврид аст, ки бо чунин андешаҳои ҷолиби худ Ф. де Соссюр пойдевори назариявии самти навро дар забоншиносӣ гузоштааст ва ақидаҳои ӯ дар рушди минбаъдаи забон дар пажӯҳишҳои бисёр олимон аз қабили Л. Елмслев дар Дания, Н. Трубетской дар Чехия, Л. Блумфилд, З.Харрис, Н. Хомский дар ИМА идома ёфтаанд ва ҳамчунин ин назарияҳо дар асрҳои XIX ва XX дар кори Ф.Фортунатов ва И. Бодуен де Куртене дида мешуд. Ишора кардан бамаврид аст, ки Бодуэн Де Куртенэ бо Ф. де Соссюр ҳамкории зич дошт. Агар Соссюр пойдевори назариявии забоншиносии сохториро гузошта бошад, пас Бодуен де Куртенэ шахсе ҳисобида мешавад, ки барои дар амал татбиқ кардани усулҳои пешниҳодкардаи Ф. де Соссюр асос гузоштааст. Махсусан, Бодуен де Куртенэ забоншиносиро ҳамчун илм муайян карда, бо усулҳои омории истифодашаванда ва вобастагиҳои функсионалиаш аз дигар илмҳои филология ҷудо кардааст [24].

Нақши асосиро дар рушду густариши забоншиносии компютерӣ сохт ва пайдоиши аввалин мошинаҳои электронии ҳисоббарорӣ (МЭҲ) гузоштааст.

Бояд гуфт, ки мошинаҳои электронии ҳисоббарорӣ аз рӯзҳои аввали пайдоиш ва рушди худ дар ҷомеа тағйиротҳои куллиро ба миён оварданд. Технологияҳои иттилоотии муосир дар тӯли инкишофи худ тадриҷан ба тамоми самтҳои фаъолияти инсонӣ ворид гардида, ба рушди зинаҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва илмӣ оварда расонид.

Бо вуҷуди ин дар баробари пайдоиши наслҳои нави компютерҳо ва забонҳои барномасозӣ дар солҳои 60-ум як қатор марҳалаҳои нав ва муҳим дар рушди ин самти илм ба миён омаданд. Инчунин маврид ба зикр аст, ки оғози забоншиносии компютерӣ аз заҳматҳои олим ва забоншиноси бузурги амрикоӣ Н. Хомский дар доираи ба танзимдарории сохторҳои забонӣ сарчашма мегирад. Натиҷаи таҳқиқотҳои бадастовардаи вай, дар ҳамбастагии забоншиносӣ бо математика ва ба танзим даровардани сохтори грамматикии забон баҳри рушди назарияи забони адабӣ, ки ба таври васеъ дар навишт ҳамчун забони табиӣ ва инчунин дар ҷузъҳои забонҳои сунъии барномасозӣ низ истифода мешаванд, басо назаррас аст. Аввалин таҳқиқотҳо ва аввалин коркарди маълумотҳо дар забоншиносии компютерӣ ба сохтани системаи тарҷумаи мошинӣ алоқамандии зич дошта, дар ин баробар системаҳои моделкунонидашудаи қобилиятҳои забонии одамон низ дохил мешаванд. Дар охирҳои солҳои 80-уми асри гузашта бо пайдоиш ва рушди босуръати шабакаҳои интернетӣ шумораи зиёди

иттилоотҳои матнӣ, ки танҳо дар шакли электронӣ дастрас буданд, пайдо шуданд [31]. Ин раванди бо суръат тараққикунанда ба он оварда расонид, ки технологияҳои иттилоотӣ ба ҷустуҷуӣ босифати нави марҳалаи рушди худ расиданд. Аҳаммияти коркарди автоматии матнҳо дар забон боиси пайдоиши масъалаҳои нав ва технологияҳои муосир гардиданд. Фаъолияти олимон ва муҳаққиқони соҳа ба як қатор масъалаҳои ҷойдошта, ба монанди бо суръати баланд кор карда баромадани ҷараёнҳои бузурги маълумотҳои батанзимдаровардашуда ва ғайра дар ин самт такони ҷиддӣ бахшиданд. Бо мақсади дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта дар ин самт нақши асосиро ҷудо карда гирифтани матнҳо, коркард ва истифодаи усулҳои оморӣ дар доираи таҳлили автоматӣ ташкил медиҳад. Ба ғайр аз ин, истифодаи усулҳои омории математикӣ ва омӯзиши мошинӣ имкониятҳои ҳалли масъалаҳои шинохти овозҳо ва сохтани системаи ҷустуҷуиро ба миён овард [32]. Ҳамин тариқ, забоншиносии компютерӣ аз он вақт то ин ҷониб тадриҷан рушд намуда, ба омӯзиши муҳимтарин масъалаҳои роҷеъ ба забон ва доираи омӯзиши он фаъолият намуда истодааст. Ин раванд дар забоншиносии муосир боз ҳам фаъол гардида, ба марҳалаи рушди асосии худ расидааст.

Яке аз соҳаҳои имрӯз густаришёфта дискурси компютерӣ ба шумор меравад, ки он бевосита бо забоншиносии пайкаравӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Ин, қабл аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки бидуни пайкараи забон таҳлили дискурсивии компютерӣ низ номумкин мегардад. Чи хеле ки маълум аст, дар дилхоҳ ҷамъияти илмӣ, касбӣ ва фарҳангӣ тачрибаҳои хуби забонӣ мавҷуд буда, дорои матнҳои муайяни батанзимдароварда ва мавзӯъҳои мушаххаси худ мебошанд. Дар улуми муосир ин гуна шакли батанзимдаровардашуда ва тачрибаро метавон дискурс номид. Дар таҳқиқи дискурсивӣ ба объекти омӯзиш на он қадар матнҳои конкретӣ дохил мешаванд, балки миқдори зиёди матнҳои иҷтимоӣ ворид мегарданд. Дар фазои иттилоотии муосир ду истилоҳ «дискурси компютерӣ» ва «дискурси электронӣ», -ро муродиф гуфтан мумкин аст, чунки ҳарду маънои матни иҳоташударо дар ҳолати гуфтор тавассути воситаҳои электронии алоқа, ва аниқтараш, бо воситаи компютерҳо ташкил медиҳанд, ки як қатор таҳқиқотҳоро дар мушкилиҳои ҷойдошта исбот кардаанд. «Дискурси-интернетӣ», чи хеле ки аз номаш маълум аст, таҳқиқи матнҳоро баҳри муошират дар Интернет ва ё шабаки Глобалӣ дар назар дорад. «Дискурси шабакавӣ» то андозае васеътар аст нисбат ба «дискурси-интернетӣ», чунки ки дар худ матнҳои иҳоташударо дар ҳолати гуфтор, ба монанди дар Интернет, инчунин дигар шабакаҳо, масалан, шабакаҳои локалиро дар бар мегирад. Ба ғайр аз ин, «дискурси-интернетӣ» ва «дискурси шабакавӣ» дар умум, хусусан аз мафҳуми дискурси компютерӣ баромадаанд [33]. Яъне, ҳарду истилоҳ дар амал бо як мақсад ва як мафҳум фаҳмида мешаванд.

Мафҳуми умумии дискурс имкон медиҳад, то ки дар замони муосир муҳити нави мухобиротӣ-иртиботӣ миёни омма рушд ёбад ва он шакли нави худ- дискурси компютериро ба амал овардааст. Дар самти таҳлили дискурси компютерӣ чанде аз забоншиносон ба монанди О. Ворон (1999), Е. Вавилова (2001), Е. Галачкин (2006), Н. Моргун (2003), Л. Ковалская (2003), Е. Горошка (2004), П. Кондрашов (2004), В. Михаилов ва С. Михаилов (2004) ва А.Кутузов (2006) машғул шуданд. Сарфи назар аз гуногунии истилоҳоте, ки забони мухобироти-иртиботии компютериро ифода мекунад, дискурси компютерӣ, дискурси электронӣ, интернет-дискурс ва ё худ дискурси интернетӣ ба таври умум мафҳумҳои мушобеҳанд, ки ҳам мубодилаи ахбор ва ҳам мухобироти байни одамонро тавассути компютер инъикос мекунанд, яъне дискурси компютерӣ муошърати байни одамон дар шабаки интернетӣ ва ё дигар навъи шабакаҳо мебошад. Муошърати компютерӣ ин мухобирот дар фазои маҷозӣ (виртуалӣ) аст, ки дорои аломатҳои ба худ хос ва фарққунанда мебошад. Хусусияти хосси ин навъи мухобирот аз истифодаи сигналҳои электронӣ барои мубодилаи ахбор иборат аст. Дар замони муосир якчанд имконияти муошърат ба воситаи компютер дар шабакаи дохилӣ ва ё дар шабакаҳои нисбатан васеътар. аз қабили шабакаи миллӣ ва ё ҳатто дар шабакаи глобалӣ мавҷуданд. То ҳол бо туфайли интернет фазои нави мухобираи электронӣ, ки дар нутқи хаттию шифоҳӣ бо ҳам тавъам меоянд, ташаккул ёфтааст. Дар навбати худ густариши технологияи иттилоотӣ ба

ҳаёт мафҳумҳои наверо ворид менамояд, ки ҳар яки он ифодаи махсусу мушаххаси худро талаб менамояд. Дар давоми солҳои охир мафҳуми дискурси компютерӣ ҳарчи бештар густариш меёбад. Вале фаҳмиши он аз тарафи одамон як хел нест ва то охир аломатҳо ва хусусиятҳои хосси он ҳанӯз муайян нашудааст. Инчунин, ба он бояд таваҷҷуҳ зоҳир намуд, ки ҷорӣ намудани дискурси компютерӣ ҳатман мавҷудияти воситаҳои техникӣ (компютерӣ инфиродӣ), омилҳои фаролингвистӣ (фосилаи фазоӣ ва замонии мансубият ба ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ ва монанди ин) доштани малакаҳои муайянро, ки табиист, дар истифодаи технологияи дахлдор истифода мешавад, талаб менамояд. Лексикаи компютерӣ “воситаҳои худнишондиҳии иштирокчиёни мухобирот гардида, ба таҳкими дискурси компютерӣ ваҳдати корпоративӣ хизмат менамояд” [35]. Е. Н. Галичкина мухобираи интернетиро ҳамчун таркиби мураккаби дискурсҳо маънидод мекунад, ки “дар худ аломатҳои ҳамаи навъҳои дискурсро бидуни мансубияти пурра ба ҳеҷ кадоме аз онҳо фаро гирифтааст” [34]. Барои ин мисол овардан мумкин аст, ки интиқоли почтаи шахсӣ (дискурси маишӣ), мубодилаи расмӣ ва талаби иттилоот (дискурси корӣ), баррасии масъалаҳои илмӣ дар гурӯҳҳои ахбор ва ё конфренсияҳо дискурси илмӣ, банерҳои таблиғотӣ (дискурси реклама) ва монанди ин дониста мешавад. Муошират электронӣ ҳам дар корҳои олимони ватанӣ ва ҳам дар корҳои олимони хориҷӣ, аз қабили Ю.Д. Бабаева А.Е. Войскунискива, О.В. Смислова мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба андешаи мо, дар байни ин корҳо таҳлили мухобироти интернетӣ, ки олими англис Девид Кристал анҷом додааст, аз пажӯҳишҳои ҷолиби диққат аст. Дар асоси назари муҳаққиқони гуногун мо дар кори худ навъҳои зерини дискурси компютериро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем. 1) веб-дискурс; 2) дискурси почтаи электронӣ; 3) дискурси муошират ғайрисинхронӣ; 4) дискурси муошират синхронӣ (чатҳо ва бозиҳо) дар интернет. Набояд аз мадди назар дур монд, ки веб-дискурс дискурси почтаи электронӣ ба нутқи хаттӣ рақобат доранд, вале ҳамзамон дар фазои маҷозӣ хусусиятҳои намуди нави дискурс, ки дар худ аломатҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттиро муттаҳид намудааст, равшантар зоҳир мегарданд. Ин навъи дискурс намуди нави нутқи бисёрпаҳлу ба шумор меравад. Бори нахуст аломатҳои асосии дискурси компютерӣ дар кори рисолаи диссертатсионии Е.Н. Галичкина [34], ки ба дискурси форумҳои интернетӣ бахшида шудааст, мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст.

Аломатҳои хосси ин намуди дискурсро ба таври зайл баррасӣ кардан мумкин аст: 1) ба канали муошират табдил ёфтани сигнали электронӣ; 2) маҷозӣ ва ё худ виртуалӣ будани муошират; 3) мавҷуд будани фосила ва вақти муайян; 4) бавосита будан ва ё худ тавассути воситаҳои техникӣ сурат гирифтани муошират, дискурс; 5) доштани дараҷаи баланди нуфузпазирӣ; 6) мавҷудияти фароматн; 7) дар маҷмӯъ фаро гирифтани унсурҳои ҳарфӣ, аломатҳои рамзии биноӣ ва рамзии шунавоӣ; 8) баробарҳуқуқ будани иштирокчиён аз ҷиҳати мақом; 9) интиқоли эҳсосот тавассути қиёфабозӣ ва “смайликҳо”; 10) муттаҳид намудани навъҳои мухталифи дискурс; 11) истифодаи ахлоқу рафтори хосси муошират компютерӣ.

Таърих гувоҳ аст, ки инсоният дар тӯли ҳастии худ баҳри ташкили шароити зисту зиндагонии арзанда кӯшиш ва талошҳои зиёд намудааст ва ин раванд то абад боқӣ хоҳад монд. Дар пайи талошҳо ва кӯшишҳои пайвастаи хеш башарият якчанд табаддулот ва инқилобҳои азимро низ аз сар гузаронидааст, ки ин инқилобҳо ба пешрафти азими илмиву оммавӣ ва техникӣ оварда расонидааст. Дар ин замина кӯшишҳои пайвастаи олимон, муҳандисону таҳқиқотчиён дар риштаҳои гуногуни илмӣ, бахусус илмҳои дақиқ бо мақсади ташкили тарзи муосири ҳаёт басо ҳам арзандааст. Ин кӯшишу талошҳои илмӣ дар пайи худ инқилобҳо ва кашфиётҳои азимеро ба бор овард, ки сабабгори рушди ҷомеаи башар гардид. Инқилобҳои иттилоотӣ табаддулоти ҷадидеро ба миён оварданд, ки ин табаддулотҳо дар навбати худ шакли зисту зиндагонӣ, фаъолияти одамон ва ҳатто тарзи фикронии ҷомеаро ба куллӣ дигаргун сохтанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ин инқилобҳои илмиву техникӣ, на танҳо баҳри рушди ҷомеа мусоидат намуданд, балки имкониятҳои хуби захирасозии манбаҳои гуногуни илмӣ-оммавиро баҳри мерос гузоштан ба наслҳои оянда фароҳам оварданд. Инчунин,

воситаҳои пуриқтидори захирасозӣ, коркард ва интиқоли иттилоотӣ низ ба миён омаданд. Дар ин замина дастрасии мардум ба маводҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ зиёд гардида сатҳи маърифатии ҷомеа тадриҷан рушд намудааст. Агар аз таърих ба даврони гуногун назар афканем, пас мебинем, ки дараҷаи донишу маърифатӣ омма дар зинаи нисбатан паст қарор дошт ва сабаби асосии ин, албатта, имкониятҳои маҳдуди дастрасӣ ба махзанҳои илмӣ унвон дода мешавад. Чунонки зикр гардид, ҳалли ин мушкилиҳо, албатта, бо инқилобҳои иттилоотӣ алоқамандии зич доранд.

Яке аз инқилобҳои аввалин ва басо ҳам муҳим, ки сабаби асосии таконёбӣ ва рушди ҷомеаи башар гардидааст, ин ихтирои алифбо ва хат ба шумор меравад. Мувофиқ ба сарчашмаҳои таърихӣ аввалин намунаи хатҳо тахминан 10-15 ҳазор сол муқаддам аз солшумории мо пайдо шудаанд. Кашфи алифбо ва хат қадами аввалин ва басо ҳам муҳим баҳри дастрасӣ, интиқол ва захирасозии манбаҳои иттилоотии хусусиятҳои гуногун дошта ба шумор меравад, зеро бо пайдоиши алифбо ва хат имкониятҳои васеи ҷамъоварӣ ва нигоҳдории захираҳои иттилоотӣ ба миён омаданд. Баъд аз пайдоиши алифбо ва хат дар давраҳои гуногуни таърихӣ воситаҳои асосии ҳифзи иттилоотро ашёҳои гуногун, ба монанди сангҳо, чӯбҳо, пӯсти ҳайвонот, барги дарахтон ва дигар олотҳое, ки дар онҳо имконияти сабти иттилоот вуҷуд доштанд ташкил медоданд. Бояд тазаккур дод, ки ин васоити захирасозии иттилоот аз як ҷониб, талаботи рӯзмарраи оммаро қонеъ нагардонида наметавонистанд, аз ҷониби дигар, баҳри сабти маълумотҳо меҳнати сангин ва басо вақти зиёд лозим мешуд.

Инқилоби дуюми иттилоотӣ бошад, баъди нимаи асри XVI ба ихтирои китобчопкунӣ рост меояд. Технологияи китобчопкунӣ барои дар ҳаҷми калон бо тартиби муайян ва бо сифати баланд захирасозӣ ва нигаҳдории маълумотҳои лозимӣ, маводҳои илмӣ бадеӣ ва дигар навъҳои манбаҳои илмӣ асос гузошт. Дар баробари рушди технологияи китобчопкунӣ аввалин китобхонаҳо, махзанҳои илмиву адабӣ ва дигар марказҳои маънавӣ, ки дастраси ҳамагон буд, ба миён омаданд. Ин кашфиёт беназир асоси рушди бемайлони сатҳи илмӣ, фарҳангӣ ва маърифати зеҳнии одамон гардид.

Инқилоби сеюми иттилоотӣ ба охирҳои асри XIX рост меояд, ки ба ихтирои барқ ба ҳаёти инсон дигаргунии куллӣ ворид намуд. Ихтирои барқ ба пайдоиши аввалин воситаҳои муосири электронӣ, аз қабили радио, телевизон, телефону телеграф ва ба ин монанд, ки баҳри дастрас намудани маълумотҳи зарурӣ ва сарфаи ками вақт мусоидат менамуданд, асос гузошт. Инчунин пайдоиши аввалин воситаҳои электронӣ баҳри расонидани саривақтии маълумотҳо ба омма заминаи мусоид гузошт.

Инқилоби чаҳоруми иттилоотӣ ба солҳои 70-80-уми асри XX рост меояд, ки бо пайдоиши технологияҳои микропротсессорӣ шурӯъ гардид. Солҳои ҳафтодум ва ҳаштодуми асри гузашта давраи рушд ва тараққӣ намудани компютерҳои фардӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин солҳо компютерҳое сохта шуданд, ки ҳаҷман хурд буда, хотираи васеи нигоҳдории маълумотҳоро дар худ доштанд. Инчунин, аз рӯйи суръатнокӣ дар муқоиса бо наслҳои пешин тафовути басо ҳам зиёд доштанд. Маҳз рушди ин соҳаи ҳаётан муҳим боиси пайдо гардидани имкониятҳои васеи захирасозӣ, интиқол ва коркарди маълумотҳо бо сифати баланд бо истифода аз усулҳои технологияҳои иттилоотӣ гардид. Дар марҳалаҳои рушди худ технологияҳои иттилоотӣ ба тамоми самтҳои фаъолияти инсонӣ таъсиргузор гардида, ба пайдоиши самтҳои нави омӯзишӣ низ асос гузоштааст. Олимони соҳа аз натиҷаҳои бадастовардаи худ қаноатманд нагардида, дар пайи амалӣ намудани мақсад ва ҳадафҳои аз ин ҳам мураккабтар шуданд ва дар натиҷа ба кашфи усулҳо ва воситаҳои нави таҳқиқот ва коркарди иттилоот ноил гардиданд. Маҳз дар ин давра як қатор таҳқиқотҳои илмӣ дар заминаи пайдоиши технологияҳои иттилоотӣ дар забоншиносӣ низ ба амал омаданд. Ҳамаи ин таҳқиқотҳо ва кӯшишҳои пайвастаи муҳаққиқони соҳа ба он оварда расонид, ки забоншиносӣ дар қатори дигар илмҳо рушд намуд ва дар худ як қатор самтҳои омӯзишии нав ба монанди “Забоншиносии компютерӣ”, “Забоншиносии пайкаравӣ”, “Забоншиносии интернетӣ” ва “Дискурси компютерӣ”-ро ба миён овард.

Забоншиносии компютерӣ имрӯзҳо яке аз самтҳои забоншиносӣ буда, бо истифода аз усулҳои технологияҳои иттилоотӣ дар доираи илми забоншиносӣ фаъолият менамояд ва баҳри омӯзишу пажӯҳиши самтҳои нави таҳқиқ дар ин самт хизмат мерасонад. Забоншиносии пайкаравӣ ҳамчун шохаи ҷудогона дар самти забоншиносӣ ба омӯзиш, таҳия ва созмондиҳии пайкараҳои забонҳои гуногуни дунё асос ёфтааст ва ҳамчун самти нави омӯзиш дар ин самт фаъолият намуда истодааст. Забоншиносии интернетӣ самти нави омӯзиш дар забоншиносии муосир ба ҳисоб рафта, ба таҳқиқи вижагиҳои забонии интернет бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ машғул мебошад. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар шароити муосир омӯзишу таҳқиқи як қатор илмҳои нав ба роҳ монда шудаанд. Дар забоншиносии муосир низ омӯзиши самтҳои алоҳидаи он дар алоқамандӣ бо технологияҳои иттилоотӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шудааст. Забоншиносон ҳамарӯза дар пайи таҳқиқотҳои худ самтҳои нави ин илмро кашф намуда, мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Яке аз самтҳои нави омӯзишӣ дар риштаи забоншиносӣ ин “забоншиносии пайкаравӣ” ба шумор меравад.

А Д А Б И Ё Т

1. Баевский, В.С. Лингвистические, математические, семиотические и компьютерные модели в истории и теории литературы / В.С. Баевский. - М.: Языки славянской культуры, 2001. – 336 с.
2. Анисимов, А. Компьютерная лингвистика для всех: Мифы. Алгоритмы. Язык / А. Анисимов. - Киев: Наук. думка, 1991. – 107 с.
3. Галичкина, Е.Н. Специфика компьютерного дискурса на английском и русском языках (на материале жанра компьютерных конференций): автореф. дис. ... канд. филол. наук / Е.Н. Галичкина. – Волгоград, 2001. – 19 с.
4. Галичкина, Е.Н. Специфика компьютерного дискурса на английском и русском языках [Текст]: автореферат дисс…канд. филол. наук: 10.02.20 / Е.Н. Галичкина. – Волгоград, 2001. – 23 с.
5. Долуденко, Е.А. Англицизмы в русскоязычном компьютерном жаргоне [Текст] / Е.А. Долуденко // Лингвистика. Перевод. Межкультурная коммуникация. – Пятигорск. 1999. – 25 с.
6. Пиотровский, Р.Г. Математическая лингвистика / Р.Г. Пиотровский, К.Б. Бектаев, А.А. Пиотровская. - М.: Высшая школа, 1977. – 383 с.
7. Фернандес-диас Г. Корпус языка политики и его приложение к преподаванию языка / Г. Фернандес-диас // Политическая лингвистика. - В. № 24 / 2008г.
8. Сичинава, Д.В. К задаче создания корпусов русского языка / Д.В. Сичинава // НТИ, сер.2, 2002, N 12 25-31 с.
9. Захаров В.П. Корпусная лингвистика / В.П. Захаров // Учебно-метод. пособие. - СПб., 2005г. - 48 с.
10. Соснина Е.П. Корпусная лингвистика в обучении языкам / Е.П. Соснина // Тез. докл. 36-й научно-тех. конференции проф.-препод. состава УлГТУ. - Ульяновск, 2003.

ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ НАЗАРИЯИ ЗАБОНШИНОСИИ КОМПЮТЕРӢ

Дар мақола сухан дар бораи ташаккул ва таҳаввули назарияи забоншиносии компютерӣ ва марҳалаҳои рушди он меравад, ки дар замони муосир яке аз самтҳои тараққиёфтаи забоншиносӣ ба шумор меравад. Гуфтан зарур аст, ки забоншиносии компютерӣ дар илми забоншиносии муосир дертар пайдо гардида, ба як қатор мушкилиҳои ҷойдошта дар забон мусоидат намуд. Дар ин самт, забоншиносии компютерӣ марҳала ба марҳала рушд намуда, ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни забонӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотии компютерӣ машғул аст. Яке аз соҳаҳои имрӯз рушдёфта ин дискурси компютерӣ ба ҳисоб меравад. Дискурси компютерӣ шакли нави дискурс буда, дар фазои иттилоотӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва компютерҳо ба амал омадааст ва ҳамчун як навъи муошират дар замони муосир ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар мақола сухан дар бораи самтҳои дигари забоншиносии муосир, аз қабили забоншиносии интернетӣ, забоншиносии пайкаравӣ, дискурси компютерӣ, компютинги иҷтимоӣ меравад, ки дар илми забоншиносӣ ба ҳайси яке аз самтҳои муҳим ва қобили таваҷҷуҳ бо саҳми технологияҳои иттилоотӣ пайдо шудаанд. Забоншиносии интернетӣ бахше аз забоншиносии компютерӣ буда, ба омӯзиши забон дар фазои иттилоотӣ - интернетӣ машғул мебошад. Ва ҳамзамон ҳамагуна унсурҳо ва падидаҳои нави дар забон пайдогардидаро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор медиҳад. Забоншиносии пайкаравӣ бошад, ба ҷамъоварии маводҳои забонии шакли электронидошта бо истифодаи воситаҳои техникӣ асос ёфтааст. Пайкараи забон ин ҳамон маводҳое, ки дар шакли хаттии анъанавӣ мавҷуданд, ба шакли ягонаи электронӣ ва бо тартиби муайян ҷамоварӣ гадидаанд, фаҳмида мешавад. Дискурси компютерӣ бошад, ин шакли нави гӯйише мебошад, ки дар фазои иттилоотӣ - интернетӣ миёни ду ва зиёда одамон сурат гирифта, хусусияти ба худ хосро касб менамояд. Ҳамин тавр, аз дигар самтҳои илми забоншиносии муосир метавон ёдовар шуд, ки дар замони муосир бо усулҳои технологияҳои иттилоотӣ марҳала ба марҳала рушд намуда истодааст.

Калидвожаҳо: забон, компютер, пайкара, Интернет, шабака, иттилоот, матн, дискурс, калима.

СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ТЕОРИИ КОМПЬЮТЕРНОЙ ЛИНГВИСТИКИ

В данной статье речь идет об истории становления и развития теоретических и практических основ компьютерной лингвистики, а также в определенной степени выявлены этапы поступательного развития компьютерной лингвистики в современном языкознании. Отмечается, что становление компьютерной лингвистики в современном языкознании происходило в сравнительно поздний период, начиная со второй половины двадцатого века. За такой короткий период своего развития данное направление способствовало развитию всего языкознания, содействуя при этом в решении определенных вопросов других направлений языкознания. Следовательно, в настоящее время мы можем заметить тот факт, что возможности компьютерной лингвистики используются во всех отраслях языка и в большинстве направлений современной лингвистики. Компьютерный дискурс является новой формой обшения, разработанной в информационном пространстве с использованием информационных технологий и компьютеров, и рассматривается в качестве формы общения в наше время. Интернет-лингвистика является частью компьютерной лингвистики и занимается изучением языков в информационном и онлайн-пространстве. В то же время он исследует все новые элементы и явления, происходящие в языке. Корпусная лингвистика основана на сборе электронных текстовых материалов с использованием технических средств. Под корпусом языка понимаются все материалы, которые доступны в традиционной письменной форме, в одной электронной форме и в определенном порядке. Компьютерный дискурс - это новая форма дискурса, которая происходит между двумя и более людьми в информационном и онлайн-пространстве. Таким образом, стоит упомянуть из других направлений современной лингвистики, что в наше время информационные технологии развиваются постепенно.

Ключевые слова:язык, компьютер, корпус, Интернет, сети, информация, текст, дискурс, слова.

FORMATION AND DEVELOPING OF THEORY OF COMPUTER LINGUISTICS

The article has given the meanings about the formation of theory of computer linguistics and process of its developing, which is accepted one of the best developed directions of linguistics in modern time. Computer linguistics appeared late in modern linguistics and it helped to solve many problems and present days it is developing stage by stage. For such a short period of its development, this direction contributed to the development of all linguistics, while helping to solve certain issues in other areas of linguistics. Therefore, at present, we can notice the fact that the possibilities of computer linguistics are used in all branches of the language and in most areas of modern linguistics. One of the main areas of development today is computer discourse. Computer discourse is a new form of communication developed in the information space using information technology and computers, and is considered as a form of communication in our time. Therefore, at present, we can notice the fact that the possibilities of computer linguistics are used in all branches of the language and in most areas of modern linguistics. Internet linguistics is part of computing linguistics and is engaged in language learning in the information and online space. At the same time it explores and investigates all the new elements and phenomena occurring in the language. Computer discourse is based on the collection of electronic textual materials using technical means. Language is understood to mean all the materials that are available in the traditional written form, in one electronic form and in a specific order. Computer discourse is a new form of discourse that takes place between two and more people in an information and online space. The same can be said of other areas of modern linguistics. Thus, it is worth mentioning from other directions of modern linguistics that in modern times information technology is developing gradually.

Key words: language, computer, memory, internet, information, discours, text, word.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳимов Фарҳод Ҳасаналиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи таърихи забон ва типология. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17.
E-mail: Idorakuni_92@mail.ru. Тел.: (+992) 907-90-59-25

Сведения об авторе: ***Рахимов Фарход Хасаналиевич*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **Idorakuni_92@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-90-59-25**

Information about the author: ***Rahimov Farhod Hasanalievich*** – Tajik National University, graduate student of the Deparment of the Histori of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **idorakuni_92@mail.ru.** Tel.: **(+992) 907-90-59-25**

УДК: 492.7.09

БА ВАЗИФАИ ҶУЗЪИ НОМӢ ОМАДАНИ КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ АРАБӢ ДАР ОЧЕРКИ ТАЪРИХИИ С. АЙНӢ “ҚАҲРАМОНИ ХАЛҚИ ТОҶИК ТЕМУРМАЛИК”

Афғонова М., Мирзоева З.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Садриддин Айнӣ нависанда, олим, забоншинос, адабиётшинос, пеш аз ҳама, донандаи хуби забони адабии тоҷикӣ, ҳомии забони тоҷикӣ буд. Осори гаронбаҳои нависанда сарчашмаи муҳиммест барои забономӯзӣ, таърихомӯзии ҳалқи тоҷик. Осори насрии нависанда, хусусан, очерки “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” дар бораи қаҳрамонии халқи тоҷик ба муқобили истилогарони муғул ҳикоят мекунад. Нависанда ҳангоми инъикоси ҳодисаву воқеаҳо, офаридани образҳо, тасвири симои персонажҳо аз хазинаи гаронбаҳои таркиби луғавии забон моҳирона, мавқеъшиносона истифода намудааст.

Нависанда дар корбурди калимаҳои иқтибосӣ, аз ҷумла иқтибосоти арабӣ ниҳоят эҳтиёткор буд. Лексикаи арабиро дар очерки таърихии нависанда аз ҷиҳати дараҷаи истеъмол ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: калимаҳои умумиистеъмол ва камистеъмол. Ба гурӯҳи аввал калимаҳое шомил мегарданд, ки дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил шуда маъмул гардида, дар мубодилаи афкор истифода мегарданд. Чунончи*: қиёс, таъйин, таълим, масъул, маълум, мудофиа* ва ғ; ба гурӯҳи дуввум калимаҳои арабие дохил мегарданд, ки нависанда онҳоро барои нишон додани воқеаҳои он замон, фардӣ кунонидани асар истифода намудааст.

Забоншинос Х. Ҳусейнов дар мавриди истифодаи чунин калимаҳо дар повести “Одина”-и устод Айнӣ чунин ибрози андеша дорад: “Маънои ин калимаҳои арабӣ, аз як ҷиҳат, барои хонанда ва ё шунаванда равшан набошад ҳам, дар матн маҳз барои ба хонанда кушода додани хислатҳои хосси қаллобонаи муллоён ва табибон як воситаи муҳим мебошад, ки мафҳуми услубии ин калимаҳо ба хусусияти авомфиребонаи онҳо вобаста мебошад ва нависанда дар матн ҳаминро қайд мекунад” [10, с.49].

Дар маводи таҳқиқи мо корбурди калимаҳои иқтибосии арабӣ дар таркибсозии феъл мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Таркибсозии феъл, хусусан феълҳои таркибии номӣ дар офаридани вожаҳои нав нақши муҳим доранд. Ба вазифаи ҷузъи номӣ дар баробари калимаҳои аслӣ, калимаҳои иқтибосӣ, хусусан иқтибосоти арабӣ зиёд истифода мегарданд. Нависанда аз тамоми имконоти забон истифода намуда, сухан ва фикрро муассиру ҷаззоб баён мекунад.

Мо низ ҳангоми баррасии мавод калимаҳои иқтибосии арабиро аз ҷиҳати дараҷаи истифода ба ду гурӯҳ ҷудо намудем:

1. Калимаҳои арабие, ки серистеъмоланд ва дар нутқи ҳаррӯзаи мо истифода мегарданд.

Дар ҷумлаи зерин калимаи арабии қиёс бо феъли ёвари кардан омада, феъли таркибии номӣ сохтааст. Вожаи қиёс ба маънои андоза гирифтан миёни ду чиз, андозагирӣ, муқоиса. 2. *фалс.* шакли хулосабарорӣ, ки аз ду муқаддима як хулосаи мантиқӣ бароварда мешавад (силлогизм); **қиёс кардан** а) ду чизро бо ҳам муқоиса кардан; б) тахмин кардан; дарёфтан. [8, с.671] маънидод гардидааст. Калимаи мазкур дар маводи мо ба маънои ду чизро ба ҳам муқоиса кардан корбаст гардидааст: *Ривоҷи чорводории ин сарзаминҳоро аз ҳамин* ***қиёс кардан*** *мумкин аст, ки танҳо чарогоҳҳои кӯҳистони Ҳисор, ки дар он вақтҳо он ҷо Чағониён номида мешуд, ҳарсола ба тариқи андоз барои ошхонаи Султон Санҷари Салҷуқӣ 24 ҳазор гӯсфанди ҳисорӣ медоданд [1, с.9].*

Дар ҷумлаи зерин калимаҳои арабии ***муддат, фароғ, рафоҳ, ҳукумат, айём, ғоят, таъна*** истифода гардида, ки калимаи ***фароғ*** дар шакли ***фароғат*** истифода мегардад. Калимаи ***рафоҳи ҳол*** арабии душворфаҳм буда, ба маънои некуаҳволӣ [2, с.154] омадааст. Вожаҳои дигар маъмуланд. Калимаҳои арабии ***қиём ва таъна*** бо феълҳои ёвари **задан** ва **намудан** омада, феълҳои таркибии номӣ сохтаанд. *Муддати сӣ сол ба фароғи бол ва рафоҳи ҳол ба*

ҳукумати Хоразм, ки дар он айём аз ғояти маъмурӣ (ободӣ) ***таъна*** *бар Мисру Хито* ***мезад, қиём намуд»*** [1, с.11].

Бояд зикр намуд, ки калимаи **қиём** ба маъниҳои мухталиф: 1. истодан, рост истодан, рост хестан, ростистӣ. 2. рост шудани офтоб дар болои сар (самтурраъс), ки дар нисфирӯзӣ ба амал меояд: **ба қиём омадани (***ё расидани***) офтоб, офтоби ба қиём омада (***ё расида***), вақти ба қиём омадани офтоб, то ба қиём омадани офтоб**. 3. саркашӣ, нофармонӣ, исён, шӯриш; **шӯру қиём** ошӯб ва исён; **қиём кардан // қиём намудан** бар зидди касе бархестан (ба по хестан), исён бардоштан, шӯриш кардан; **қиёми қиёмат** *д.* фаро расидани рӯзи қиёмат; **то қиёми қиёмат** то охири дунё. 4. рост истодан дар вақти намоз. 5. *маҷ.* ҳастӣ, вуҷуд, мавҷудият; 2. 1. об андохта ҷӯшонда ғафс кардани шакар. 2. шираи то ғализӣ ҷӯшондашудаи гиёҳ, бутта, мева *ва м. ин.*; **қиёми парпӣ, қиёми тахач, қиёми зирк, қиёми шакар, қиёми шираи мева; қиём гирифтан (ба қиём овардан);** ва ғ. [7, с.670] шарҳ ёфтааст. Дар ҷумлаи боло ба маънои ***шӯриш кардан*** омадааст. Феъли таркибии номии ***таъна задан*** ба маънои айб гирифтан омадааст.

Ҳаминро қайд кардан мумкин аст, ки бо калимаи арабии таъна дар забони тоҷикӣ калимаҳои таънасор, таънаомез, таънабор, таънаомезона ва ғайра сохта шудаанд, ки ин аз қудратмандии забони тоҷикӣ шаҳодат медиҳад.

Калимаи арабии ***ҳуҷум*** бо феъли ёвари ***кардан*** омада, феъли таркибии ***ҳуҷум кардан*** сохтааст, ки ба маънои ҳамла кардан омадааст: *Чингизиён, ки роҳгузар шуда аз он ҷо мегузаштанд, дубора ба Марв* ***ҳуҷум карда*** *боз касони бисёреро куштанд* [1, с.10].

Дар ҷумлаҳои зерин исми арабии асир бо феълҳои ёвари ***гирифтан*** ва ***афтодан*** омада феъли таркибии номӣ ***асир гирифтан ва асир афтодан*** сохтааст. Таркибҳои зикршуда аз ҷиҳати тобиши маъноӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Асир афтодан хосси услуби китобӣ буда, дар фарҳанг ба маънои асир афтодан - бандӣ шудан [8, с.87]; ва асир гирифтан ба маънои бандӣ кардан дар ҷанг; **асир кардан** а) гирифтор намудан, побанд сохтан; [8, с.87] шарҳ ёфтааст: *Бештарини ин ғуломонро ғуломҷаллобон аз сардорони қабилаи ҳамон қавмҳо ё аз сардори қабилае, ки аз қабилаи дигар дар вақти ҷанги қабилагӣ* ***асир гирифтаанд****, харида меоварданд. Як қисм ғуломоне ҳам буданд, ки дар вақти ҷанг бо ғайримусалмонон бевосита ба дасти аскарон* ***асир афтодаанд*** *[1, с.12].*

Аз ғуломон касоне ҳам буданд, ки ба подшоҳ ва ё ба ягон амалдори калон ба сабаби ҷонсупорона хизмат карданашон ба мартабаҳои олии ҳукумат мерасиданд [1, с.12].

Дар ҷумлаи зерин нависанда феълҳои таркибии номии сарф кардан, харҷ кардан, захира карданро истифода намудааст, ки исмҳои арабии харҷ, сарф, захира серистеъмоланд: *Табақаи ҳукмдорон дар навбати аввал даромади ҳукуматро ба манфиати шахсии худ* ***сарф мекард*** *ва боқимондаашро, агар хоҳад, ба корҳои умумӣ* ***харҷ мекард*** *ва агар ин корро нахоҳад, аз харҷи шахсӣ боқимондаашро барои шахси худ* ***захира карда****, хароҷоти умумии мамлакатро ба тарзи фавқулодда боз аз аҳолии меҳнаткаш меситонид [1, с.13].*

Дар ҷумлаи зерин феълҳои таркибии номии тарбият кардан, маданӣ намудан истифода шуда, ки мадани намудан ба маънои бофарҳанг намудан омадааст ва дар ин қолаб маълум нест: *Маданияти Моваруннаҳр як фарҳанги чунон пурсамаре буд, ки бисёр қавмҳои кӯчманчӣ ва ваҳширо ҳам тарбия карда, маданӣ намуд [1, с.14].*

Дар асар калимаҳои иқтибосии арабии умумиистеъмол бештар ба вазифаи ҷузъи номии феълҳои таркибии номӣ омада, калимаи нав сохтаанд. Ба вазифаи ҷузъи ёридиҳанда бошад, асосан феълҳои ёридиҳандаи кардан, шудан серистеъмоланд. Феълҳои таркибии номии **соҳиб шудан, исён кардан, даъват кардан,** ***итоат кардан, васеъ кардан, мадад гирифтан, муомила кардан, ҳоким шудан, тақсим ёфтан*** дар ҷумлаҳои зерин корбаст гардидаанд, ки аксар барои хонанда маълум аст: Хусусан, баъд аз барпо шудани давлати хоразмшоҳиён ин вилоят ҳам ба сифати маркази маданият соҳиб шуд [1, с.15]. Отсизи Хоразмшоҳ ба Султон Санҷари Салҷуқӣ **исён карда** буд. Султон Адиб Собирро аз Марв ба Хоразм фиристод, ки Отсизро ба итоат **даъват кунад**, Отсиз аз як тараф масъалаи итоатро гуфтушунид карда истода, аз тарафи дигар ду нафар фидоиро ба Марв пинҳонӣ фиристод, ки султонро бо сӯйи қасд Султон Санҷари Салҷуқӣ **итоат кард** [1, с.19]. Аҷаб

аст, ки Отсиз аз як тараф барои **васеъ кардани** мамлакати худ ба муқобили Санҷари Салҷуқӣ меҷангида бошад, аз тарафи дигар, дар ин ҷангу ҷидолҳо аз Қарахитоиён **мадад гирифта** ҳар сол ба онҳо хироҷи муайяне медод, ки хироҷгундорони Қарахитоиён ба ӯ монанди як волии ҳукмдори худ **муомила мекарданд**, яъне, Отсиз дар пайи манфиати насияи ба даст даромаданаш номаълум манфиати нақди дастдоштаи худро барбод медод [1, с.20]. Оқибат Такеш **ғолиб омада** подшоҳӣ ба номи ӯ монд ва Султоншоҳ ба як қисми Хуросон **ҳоким шуд** ва баъд аз вафоти Султоншоҳ он як қисми Хуросон ҳам ба Такеш гузашт ва қисми дигари Хуросонро подшоҳони Ғӯр гирифтанд, яъне, мероси салҷуқиён дар Хуросон дар миёни хоразмшоҳиён ва ғӯриён **тақсим ёфт** [1, с.20].

Дар забони осори нависанда дар баробари истифодаи калимаҳои иқтибосии умумиистеъмол калимаҳои арабиеро дучор омадан мумкин аст, ки ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ дохил мешаванд. Чунин калимаҳо низ ба вазифаи ҷузъи номии феълҳои таркибии номӣ истифода гардидаанд, нависанда дар асари хеш барои воқеӣ нишон додани вазъи сиёсию маданӣ ва иҷтимоии он замон истифода намудааст.

Дар ҷумлаи зерин калимаи шаҳна, ки ба маънои амалдори давраи феодалӣ, ки аз болои тартибу низоми аҳолӣ назорат мекард, “миршаб” [2, с.471] истифода гардидааст. Ин калимаро бе шарҳи луғат фаҳмидан душвор аст: *Чунончи, Белкотегин ғуломи Маликшоҳи Салҷуқӣ буда, дар Хоразм* ***шаҳна шуд*** *ва ғуломи ӯ Ануштагин баъд аз вафоти ӯ аз тарафи Маликшоҳ дар Хоразм ба ҳамон мансаб* ***таъйин гардид****, ки падари Қудбиддин Муҳаммад–Хоразмшоҳи аввал ҳамин кас аст [1, с.12].*

Дар ҷумлаҳои зерин бо феълҳои таркибии номии сафар кардан, вафот кардан, илҳоқ шудан, мадад гирифтан, эмин кардан истифода гардида, ки феъли таркибии номии илҳоқ шудан барои бештари хонандагон нофаҳмост. Феъли таркибии номии эмин кардан ба маънои бехавф кардан омадааст. Баъзе феълҳои таркибии номӣ ба чанд маъно истифода мегарданд. Масалан, феъли таркибии номии ҳаракат кардан ба маъниҳои ҷунбиш, ҷунбидан; *муқоб.* **сукун**; рафту омад, ҷунбуҷӯл. 2. фаъолияти сиёсӣ, ҷамъиятӣ барои расидан ба ягон мақсади муайян; **ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ**. 3. кӯшиш, саъй, тараддуд: **барои ин ҳеҷ ҳаракат лозим нашуд**. 4. аломатест, ки дар хатти арабӣ барои нишон додани садонокии ҳарф гузошта мешавад, аломатҳои диакритӣ**; ҳаракат кардан** а) ҷунбидан; б) равона шудан; в) дар рафтуой будан; г) кӯшиш ва тараддуд кардан [7, с.516] фаҳмида мешавад. Дар мисоли зерин ба маънои равон шудан ба ҷонибе кор фармуда шудааст: *Такеш ду-се бор ба Ироқи Аҷам* ***сафари*** *ҳарбӣ* ***карда*** *аз он ҷо ҳам як қисм аз мероси Салҷуқиён гирифта, дар соли 596 ҳиҷрӣ–1200 милодӣ* ***вафот кард*** *[1, с.21]. Султон Муҳаммад мехост, ки ҳамаи Хуросонро, ҳатто Ғазнинро ҳам, ки пойтахти Ғӯриён буда, дар замони Салҷуқиён ба мамлакати онон* ***илҳоқ шуда*** *буд, ба даст дарорад [1, с.21]. Султон Муҳаммад ҳам монанди падару бобоёни худ ба Қарахитоиён ҳар сол ба номи хироҷ моли муайяне медод ва дар вақти лозим шуданаш аз онҳо* ***мадад мегирифт*** *ва бо ҳамин роҳ пушти мамлакати худро аз онҳо* ***эмин карда****, ба пеш ба тарафи Хуросон ва Ироқ* ***ҳаракат мекард*** *[1, с.22].*

Дар ҷумлаи зерин феъли таркибии номии **талаф кардан** истифода гардидааст, ки имрӯз он дар қолабҳои **талаф ёфтан, талаф шудан** маъмул аст. Дар ин ҷумла феъли ёвари кардан бо феъли ёвари шудан ва ёфтан муродиф гардидааст: *Аммо дар Ҳулвон сармои сахт хеста дасту пойи аспу одами бисёреро аз лашкариёни ӯ талаф кард [1, с.23].*

Бо феъли ёвари **кашидан** сохтани феълҳои таркибии номӣ маъмул аст. Дар мисоли зерин бо исми арабии **интиқом** омада, феъли таркибии номии **интиқом кашидан** сохтааст, ки ин хосси услуби нависанда буда, дар ин қолаб қариб истифода намешавад. Қолаби маъмули он **интиқом гирифтан** аст: Ва ҳол он ки дар Ғазнин бозмондагони Ғӯриён ҳанӯз буданд, ки аз султон **интиқом кашидан** мехостанд *[1, с.23].*

Дар асар чида шуда омадани ҷузъҳои номӣ ба мушоҳида расид. Дар ҷумлаи зерин исмҳои арабии эътимод ва итоат бо феъли ёридиҳандаи доштан омада, феълҳои таркибии номӣ сохтаанд: *Хулоса, на дар байни ҳокимони вилоятҳои Султон Муҳаммад ва на дар байни сараскаронаш ягонагии пурра набуд ва инчунин, онҳо ба султон ҳам* ***эътимод*** *ва*

итоати комил **надоштанд**, *ки дар рӯзҳои сахт ҳамаашон дар зери роҳбарияти ӯ аз як гиребон сар бароранд [1, с.24].*

Калимаҳои арабии эълон, нуфуз, маҳрум, ҷалб, далер, маҳв бо феълҳои ёридиҳанда омада, феълҳои таркибии номӣ сохтаанд: *Аммо Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ халифаро бедин* **эълон кард**, *на танҳо ӯро, балки тамоми аҳволи хонадони Аббосиёнро, ки дар байни мусалмонони дунё қариб панҷсадсола* **нуфузи** *рӯҳонӣ* **доштанд**, *аз хилофат* **маҳрум кардан** *хост [1, с.25]. Албатта, Султон Муҳаммад бо ин корҳои худ нафрати умумии олами исломро ба худ ҷалб кард [1, с.25]. Ҳарчанд Чингиз сари савдои ба халифа ёрӣ додан надошта, балки билъакс, дар охир* **мавҳ кардани** *халифа низ дар нақшаи ҳарбии ӯ бошад ҳам, ин мактуб ба ӯ хеле ёрӣ дод–ин мактуб сусту ларзон будани ақибгоҳи султон ва аз олами ислом ҷудо шуда мондани ӯро ба Чингиз фаҳмонда, ӯро дар кори ҳуҷум* **далер кард** *[1, с.26].*

Дар ҷумлаи зерин чанд феъли таркибии номӣ: ба итоат овардан, тобеъ кардан, таклиф кардан истифода гардидааст, ки ҷузъҳои номӣ калимаҳои иқтибосии арабианд: *Муғулистонро* **ба итоат овардан** *ва хонҳои Туркистонро ба худ* **тобеъ карданаш**, *ҳамаро ягон-ягон навишта дӯстии худро ба Султон таклиф карда буд ва ӯро дар он мактуб азизтарини фарзандони худ шуморида буд [1, с.27].*

Дар ҷумлаи зер феълҳои таркибии номии соҳиб шудан, ба амал овардан, муоҳида кардан, ҳуҷум овардан корбаст гардидааст, ки калимаи муоҳида арабии душворфаҳм буда, ба маъноҳои аҳду паймон бастан бо якдигар, аҳдбандӣ бо ҳам. 2. *с.* иттиҳод ва созиши байни давлатҳо, ҳизбҳо, созмонҳо ва гурӯҳҳо дар роҳи ягон мақсад, созишнома, паймон, блок, пакт: **муоҳида бастан** созишнома бастан, шартнома бастан [6, с.841] истифода мегардад. Дар маводи мо ба маънии созишнома бастан омадааст: *Аз найманҳое ҳам, ки ба дасти Чингиз афтода буданд, қисмеро ба худ кашида хост, ки Гӯрхонро аз миён бардошта ба Туркистони Шарқӣ* **соҳиб шавад** *ва пеш аз* **ба амал овардани** *ин мақсад бо Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ* **муоҳида кард**, *ки ҳар ду аз ду тараф ба Гӯрхон* **ҳуҷум оваранд**, *ҳар кадоми ин ду муттафиқ, ки пештар ба пойтахти Гӯрхон дарояд, бештарини мамлакати Гӯрхон азони вай мешавад [1, с.30].*

Як хусусияти феълҳои таркибии номӣ дар он аст, ки ҷузъи онҳо аз ҳам дур мегарданд, аммо таносуби маъноии онҳо халал намеёбад. Чунончи: *Темурмалик ба замми ин ки лашкаркаши донишманди замони худ буд, дар кор фармудани яроқҳои ҳарбии он замон ҳам* **маҳорати** *фавқулодда* **дошт** *[1, с.35].* Ҷамъе, ки **қасди** поймол кардани мо **доранд**, агар тозиёнаҳои худро дар ин хандақ андозанд, хандақ анбошта (пур) мешавад» деҳқонон ва соири халоиқ, ки **қуввати** гурехтан **надошта** бошанд, дар ҷойи худ мақом созанд ва ҳар вақт, ки лашкари муғул расад, ба қадами итоат инқиёд пеш оянд ва ҳар ҳукму фармони онҳоро ба амал оранд *[1, с.40].* Дар ҷумлаи боло феъли таркибии номии **мақом сохтан** ба маънои дар ҷойи худ истодан омадааст.

Дар асар чидашавии ҷузъҳои номӣ зиёд ба назар мерасанд, ки ин аз маҳорати забондонии нависандаи боркибин шаҳодат медиҳад: Султон *Муҳаммад гоҳе бесабаб ва ё басабаби андак баъзе одамони калони худро мекушт, бинобар ин, саркардагон қалбан ба ӯ бовар ва садоқат надоштанд [1, с.34]. Аммо Кучлук ғалабаи қатъӣ карда, Гӯрхонро тамоман* **мағлуб ва маҳв карда**, *ба мамлакати вай соҳиб шуд [1, с.31]. Ӯ на танҳо худ мегурехт, балки сардорони хос ва писари далери худ Ҷалолиддинро ҳам ба гурез* **ташвиқ ва далолат мекард** *[1, с.32].*

Дар ҷумлаи зерин нависанда феълҳои таркибии номии ***нақб задан, рахна кардан, муқобилат накардан, таслим шудан, ташвиқ ва далолат кардан, фармон доданро*** *истифода намудааст. Феълҳои таркибии нақб задан ба маънии сӯрохӣ кардан дар девор ё биное аз таки замин бо кандани он ҷо [2, с.259]; рахна кардан-* **рахна кардан** а) шикоф кардан; сӯрохӣ ба вуҷуд овардан, роҳ кушодан; б) нуфуз кардан, даромада гирифтан *[7, с.155] омадааст: Муғулон дар зери як бурҷи қалъа* **нақб зада,** *панҷоҳ газ ҷойро* **рахна карданд**, *балки баръакс, чунон ки худи ӯ ба майдони ҷанг надаромада гурехт ва як қисми калони лашкариёни худро бо худ гурезонда бурд, аҳолиро ҳам аз чингизиён тарсонда, ба гурехтан,*

ба ***муқобилат накардан ва таслим шудан ташвиқ ва далолат кард****, ҳатто дар ин бора фармон дод [1, с.39].*

Феъли таркибии номии муттафиқ шуда ба маънои иттифоқ гардидан ба кор бурда шудааст. Феъли таркибии номии рахна андохтан дар ҷумлаи зер ба маънои маҷозии роҳ кушодан омадааст: *Ана, дар ҳамин шароит Султон Муҳаммад ба ҷойи он ки бо Кучлук* ***муттафиқ шуда*** *дар пеши роҳи Чингиз садде барпо намояд, ба муқобили вай аскар мекашид ва бо дасти худ дар девори ҳудуди худ* ***рахна андохта****, ба Чингиз роҳ кушода медод [1, с.35].*

Аз сабаби он ки асар дар бораи ҳодисаҳои ғоратгаронаи истилогарони муғул бахшида шудааст, феълҳои таркибии ҳимоят кардан, мусодира намудан, мудофиа кардан, сарф шудан, талафот расонидан, талаф кардан, ҳимоя намудан ва ғайра зиёд истифода гардидаанд: Ӯ *ҳамеша онҳо, дигаронро* ***ҷазоҳои*** *сахт* ***медод****,* ***мусодира мекард*** *ва мекушонд [1, с.35]. Ғойирхон боз як моҳи дигар аркро* ***мудофиа кард*** *ва то кушта шудани ҳамаи одамонаш ва ба сангборон кардани душман* ***сарф шудани*** *тамоми хиштҳои деворҳои қасри ҳукуматӣ истодагарӣ намуд [1, с.36]. Ин ҷанг қариб се моҳ дароз кашид ва аҳолӣ дар ин муддат бо хуруҷҳои мардона ва ҳуҷумҳои далерона ба душман* ***талафоти*** *куллӣ* ***расонда****, онҳоро аз шаҳри худ дур андохтанд [1, с.37]. Зеро чингизиён дар вақти ба канор наздик рафтани киштиҳо мумкин буд, ки онҳоро ба санги манҷаниқ зада, ғарқ кунанд ё бо зарфҳои пурнафт оташ зада сӯзонанд, ё ин ки бо тири камон киштинишинонро* ***талаф кунанд*** *[1, с.43].* Ҷавонони киштисаворро хӯрок ва осойиш дод ва устоҳоро фармуд, ки киштиҳои имрӯз ба ҷанг иштироккардаро **таъмир ва ислоҳ намоянд** ва шаш киштии он рӯз ба ҷанг набаромадаро **фармон дод**, ки ба сафар тайёр шаванд [1, с.43]. Мардуми шаҳр ва деҳоти атрофро, ки ба қалъаи хушкӣ ҷамъ шуда буданд, ба мудофиаи шаҳр **таъкид намуд** ва ба онҳо **тавсия кард,** ки ба ҳеҷ ҳилаву найранг ва ба тарсонишу таҳдид **таслим нашаванд** ва оқибати таслимшудагонро пеши назар оварда, то ҷон дар бадан доранд, шаҳри худро нигаҳдорӣ кунанд [1, с.50]. Ясовул аз бозуи Темурмалик дошта ба ӯ фармуд, ки тибқи одати муғул зону зада ба Қатағанӯғлон, ки сардори лашкар буд, **таъзим ва эҳтиром намояд** [1, с.92].

Дар ҷумлаи зерин феълҳои таркибии номии сайр кардан, фарш кардан, лош намудан истифода гардида, ки калиимаи фарш арабӣ буда, ба маънои ҳар чизе, ки ба замин густурда мешавад (*бурё, намад, гилем ва ғ.*). 2. қолин. 3. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* густурда (замин, хона, кӯча *ва ғ.)*; **мумфарш**, **сангфарш, тахтафарш** *[2, с.407-408] омадааст.* Нависанда феъли фарш карданро ба маънои маҷозӣ истифода намудааст, зеро бо ҷасад заминро намеороянд. Дар феъли таркибии номии лош намудан ҳар ду ҷузъ аслӣ буда, ба маънои бечон кардан кор фармуда шудааст: *Аммо Темурмалик дар ин муддат ором намеистод ва ҳар рӯз бо киштиҳо канори рӯдро* ***сайр карда****, ҳар аспу одаме, ки аз муғулон дар майдони тиррас ва дар чарогоҳҳо ба назараш намоён мешуд, бо тирҳои синашикоф ба заминашон фарш мекард ва ҳар шаб бо шабохунҳои ҷонфарсо урдугоҳи онҳоро* ***лош менамуд*** *[1, с.52].*

Калимаи наҷас арабӣ буда, дар мисоли зерин ба маънои нопок, мурдор кардани замин омадааст: Ҷасади мурдори ин палидон оби зулоли дарёи ватани моро ***наҷас мегардонад*** *[1, с.52].*

Аз таҳлилу баррасии маводи гирдовардашуда маълум гардид, ки калимаҳои иқтибосии арабӣ дар сохтани феълҳои таркибии номӣ дар асар мавқеи хос доранд ва дар асар нисбат ба калимаҳои аслӣ иқтибосоти арабӣ серистеъмоланд.

Дар асар ба вазифаи ҷузъи номӣ истифода гардидани калимаҳои арабии душворталаффуз кам мушоҳида гардиданд.

Нависанда он иқтибосоти арабиеро истифода намудааст, ки ниҳоят серистеъмол буда, дар нутқи ҳаррӯзаи мо дар истеъмоланд.

Муаллифи асар барои муассир баён кардани фикр, гурез аз такрор аз усули чидашавии ҷузъҳои номӣ истифода намудааст.

Ба вазифаи ҷузъҳои ёридиҳанда феълҳои кардан, шудан, гирифтан, андохтан, додан, намудан, кандан, ёфтан серистеъмоланд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Исёни Муқаннаъ. Очеркҳои адабию таърихӣ / С.Айнӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - 176 с.
2. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷ. 12. / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. - 563 с.
3. Айнӣ С. Дар атрофи забони тоҷикӣ ва форсӣ. Забон ва худшиносии миллӣ (мпҷмӯаи мақолаҳо) / С. Айнӣ. – Душанбе, 2007. – 231 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. – Душанбе: Дониш, 1985. - 355 с.
5. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н.Маъсумӣ. – Душанбе, 1959. - 295 с.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – М, 1969. - 951 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. – М, 1969. - 949 с.
8. Фарҳанги тафирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - Душанбе, 2008. - 950 с.
9. Фарҳанги тафирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2. - Душанбе, 2008. - 945 с.
10. Ҳусейнов Х. Забон ва услуби “Одина”-и устод С. Айнӣ / Х.Ҳусейнов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 254 с.

БА ВАЗИФАИ ҶУЗЪИ НОМӢ ОМАДАНИ КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ АРАБӢ ДАР ОЧЕРКИ ТАЪРИХИИ С. АЙНӢ “ҚАҲРАМОНИ ХАЛҚИ ТОҶИК ТЕМУРМАЛИК”

Дар мақола феълҳои таркибии номии бо калимаҳои арабӣ сохташуда таҳлилу баррасӣ гардидааст. Муаллифони мақола маводи зиёдеро аз очерки таърихии нависандаи бузурги тоҷик Садриддин Айнӣ “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” гирд оварда, аз ҷиҳати таркиби морфологӣ онҳро тасниф намудаанд. Муаллифони мақола дар мавридҳои зарурӣ аз фарҳангномаҳо маънои калимаҳои душворфаҳми арабиро шарҳу эзоҳ додаанд. Муаллифон дар асоси маводи фаровон аз очерки “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик”-и Садриддин Айнӣ лексикаи иқтибосии арабиро аз ҷиҳати дараҷаи истеъмол тасниф намуда, мулоҳизаҳои илмиашонро тавассути таҳлили мисолҳои фаровон исбот мекунанд. Ба назари муҳаққиқон калимаҳои иқтибосии арабӣ дар маводи тадқиқ серистеъмол буда, онҳоро аз ҷиҳати маънои семантикӣ таҳлил намудан муфид аст. Иқтибосоти арабиро вобаста ба дараҷаи истеъмол ба ду гурӯҳ ҷудо намудаанд: иқтибосоти умумистеъмол ва душворфаҳм, ё камистеъмол. Аз баррасӣ маълум гардид, ки дар асар нисбат ба калимаҳои аслӣ иқтибосоти арабӣ серистеъмоланд. Дар асар ба вазифаи ҷузъи номӣ истифода гардидани калимаҳои арабии душворталаффуз кам мушоҳида гардиданд. Гурӯҳи дигари калимаҳои арабӣ имрӯз аз истеъмол баромадаанд. Ҳангоми таҳлили мисолҳо муаллифон ба фарҳангномаҳо ва адабиёти илмӣ такя намуда, шарҳи калимаҳои душворфаҳмро овардаанд. Гурӯҳи дигари чунин калимаҳо ифодакунандаи истилоҳоти соҳаи иқтисодиёт буда, имрӯз дар истеъмол нестанд. Муаллифони асар муайян сохтаанд, ки нависанда барои муассир баён кардани фикр, гурез аз такрор аз усули чидашавии ҷузъҳои номӣ истифода намудааст. Муаллифон корбурди калимаҳои иқтибосии арабӣ дар таркибсозии феълро мавриди таҳлилу барррасӣ қарор додаанд. Таркибсозии феъл, хусусан феълҳои таркибии номӣ дар офаридани вожаҳои нав нақши муҳим доранд.

Калидвожаҳо: феъл, таркиб, калима, ҷузъ, феъли ёвар, таркиби номӣ, таркибсозӣ, арабӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ АРАБСКИХ ЦИТИРУЕМЫХ СЛОВ В КАЧЕСТВЕ ИМЕННОЙ ЧАСТИ В ИСТОРИЧЕСКОМ ОЧЕРКЕ С.АЙНИ «ГЕРОЙ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА ТЕМУРМАЛИК»

В статье рассмотрены составные именные глаголы, созданные арабскими словами. Авторы собрали обширные материалы из исторического очерка Садриддина Айни «Герой таджикского народа Темурмалик» и классифицировали их морфологическую структуру. Авторы статьи в нужных моментах интерпретируют трудные арабские слова с помощью толковых словарей. Авторы на основе данных из исторического очерка Садриддина Айни «Герой таджикского народа Темурмалик» классифицируют цитируемые арабские слова на основе степени использования и доказывают свои научные взгляды с помощью многочисленных примеров. По мнению исследователей, цитируемые арабские слова в исследуемом очерке используются часто и будет полезно проанализировать их на основе семантического значения. Арабские цитаты в зависимости от степени использования разделяются на две группы: часто используемые и трудно понимаемые или редко используемые. Из анализа исходит, что в данном произведении арабских ссылок больше, чем других словосочетаний. В произведении меньше встречаются труднопроизносимых арабских слов. Сегодня другая группа арабских слов вышла из оборота. В процессе анализа примеров авторы, ссылаясь на толковые словари и другие научные статьи, дают определения сложным словам, что является актуальным. Авторы изучили проблему использования цитируемых арабских слов в процессе построения глаголов. Структуризация глаголов, особенно именных составных глаголов, имеют важную роль в образовании новых слов.

Ключевые слова: глагол, структура, слово, часть, вспомогательный глагол, именная часть, структуризация, арабский.

USE OF ARABIC QUOTED WORDS AS A NAME PART IN THE HISTORICAL SKETCH OF S. AINI “HERO OF THE TAJIK PEOPLE TEMURMALIK”

The article deals with compound nominal verbs created in Arabic words. The authors collected extensive materials from the historical essay by Sadriddin Aini “Hero of the Tajik people Temurmalik” and classified their morphological structure. The authors of the article at the right moments interpret difficult Arabic words with the help of explanatory

dictionaries. The authors, based on data from the historical essay by Sadriddin Aini, “Hero of the Tajik people of Temurmalik,” classify quoted Arabic words based on the degree of use and prove their scientific views using numerous examples. According to the researchers, the quoted Arabic words are often used in the studied essay and it will be useful to analyze them on the basis of semantic meaning. Arabic quotes, depending on the degree of use, are divided into two groups: frequently used and difficult to understand or rarely used. From the analysis it follows that in this work of Arabic references more than other phrases. Less difficult to pronounce Arabic words are found in the work. Today, another group of Arabic words has gone out of circulation. In the process of analyzing examples, the authors referring to explanatory dictionaries and other scientific articles define complex words, which is relevant. The authors studied the problem of using quoted Arabic words in the process of building verbs. Structuring verbs, especially nominal compound verbs, have an important role in the formation of new words.

Key words: verb, structure, word, part, auxiliary verb, nominal part, structuring, Arabic.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Афғонова Моҳира Холмуродовна*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 93-304-30-33
Мирзоева Зулфия Мукимовна - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 98-107-40-45

Сведения об авторах: ***Афгонова Мохира Холмуродовна*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры гуманитарных дисциплин. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 93-304-30-33
Мирзоева Зулфия Мукимовна - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры гуманитарных дисциплин. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 98-107-40-45

Information about the authors: ***Afgonova Mohira Kholmurodovna*** - Tajik State Finance and Economic University, Assistant of the Department of Humanities. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Str. 64/14. Tel.: (+992) 93-304-30-33
Mirzoyeva Zulfiya Mukimovna - Tajik State Finance and Economic University, Assistant of the Department of Humanities. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Str. 64/14. Tel.: (+992) 98-107-40-45

УДК: 42

ҶОНИШИНҲОИ ИШОРАТӢ ҲАМЧУН МУАЙЯНКУНАНДАИ ИСМ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Қурбонова М. М., Қурбонова Г.М.
Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат

Масъалаҳои грамматикӣ дар илми забоншиносӣ ҳамеша актуалӣ маҳсуб меёбанд. Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳалли масъалаи ҷонишинҳо андешаҳои хеле зиёд баён шудаанд. Бахши грамматика қисми асосӣ дар истифодаИ усули тарҷумавӣ мебошад. Омӯзиши ҳама забонҳои дунё тавассути пешниҳоди грамматикаи забон сурат мегирад, аз ин рӯ, грамматика ҳамчун предмети асосӣ ҳамеша таълим дода мешавад.

Таҳқиқи ҷонишинҳо ба қатори масъалаҳое дохил мешавад, ки баҳсҳо дар атрофи он садсолаҳо боз идома ёфта истодаанд. Мавзӯи баҳс ҳатто дар бисёр мавридҳо худи санади ба ҳиссаҳои нутқ ҷудо кардани ҷонишинҳо гардида буд. Ҳалли ин масъала на фақат барои забоншиносии муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, балки дар маҷмӯъ барои забоншиносии муқоисавӣ актуалӣ мебошад. Муайян кардани умумият ва фарқияти маънои грамматикии ҷонишинҳои манфӣ дар ҷумла имконият медиҳад, ки доир ба сохтор, маъно ва тарзи истифодабарии онҳо дар забонҳои муқоисашаванда ба хулосаи илмӣ биёем.

Бояд зикр намоем, ки дар вақти таҳқиқи масъалаи интихобшуда аз адабиётҳои гуногуни грамматикӣ ба монанди «Практическая грамматика английского языка» К.Н. Качалова, Е. Израилевич; «Английский язык» -и А. Горишник, Н. Жуков, П. Игнатова, «A referance grammar of English» К.А. Клауз, асарҳои илмиву назариявии забоншиносони

тоҷик, ки дар ҳамин соҳа ба нашр расидаанд, истифода намудем. Аз он ҷумла, корҳои забоншиносон, Ҷамшедов П., Мамадназаров А., Камолиддинов Б., Қосимова М., Туйғунов Н., Маҷидов А., Бобомуродов Ш., Амонова ва дигар забоншиносони барҷастаи мо сармашқи кори мо гардиданд.

Ҷонишинҳои ишоратӣ дар забони англисӣ яке аз муайянкунандаҳои асосии исм ба шумор мераванд. Дар вақти истифодаи онҳо пеш аз исм истифодаи дигар муайянкунандаҳо ба монанди артиклҳо, ҷонишинҳои соҳибӣ, ҷонишинҳои номуайянии much, many, little, few ва some шарт нест. Агар пеш аз исм дар ҷумла ягон муайянкунандаи дигар омада бошад, ҷонишини ишоратӣ пеш аз он гузошта мешаванд: My aunt lives in that village.- *Холаи ман дар ҳамон қишлоқ зиндагӣ мекунад.* My uncle lives in that big house.- *Амаки ман дар хонаи калон зиндагӣ мекунад [8, с.67].*

Ҷонишинҳои ишоратӣ дар ҷумла пеш аз исмҳо омада онҳоро аз дигар аъзои ҷумла ҷудо менамоянд. Инчунин, ҷонишинҳои ишоратӣ ҳолати ҷойгиршавии исмҳоро низ ифода мекунанд, яъне дар масофаи наздик ё дур будани онҳоро муайян менамоянд: This old men is my Dad. - *Ин пирамард падари ман мебошад.* Do you know that young man?- *Амаки ман дар ҳамон хонаи калон зиндагӣ мекунад [6, с.90].*

Аз омӯзишҳо бармеояд, ки сухан дар бораи шахсҳои маълум, ҳам ба гӯянда ва ҳам ба шунаванда, рафта истодааст. Агар ҷонишини ишоратии this пеш аз исми country истифода бурда шавад, сухан дар бораи мамлакате меравад, ки гӯянда ва ё муаллиф дар он мамлакат ҷойгир аст. Вақте ибораи this country дар рӯзномаи англисӣ бошад, онро Англия тарҷума мекунанд: The exports of cotton from this cuntry increased last year.- *Содироти пахта аз Тоҷикистон соли гузашта хеле зиёд шуд.* - My relatives lived in this country 10 years ago. - *Хешу табори ман дар ин мамлакат 10 сол пеш зиндагӣ мекарданд [8, с.45].*

Агар сухан дар бораи мамлакате равад, ки муаллиф ё гӯянда дар он ҷо набошад, ҷонишини ишоратии that истифода бурда мешавад: My course mate was in Uzbekistan last year. He liked that country. - *Ҳамкурси ман соли гузашта дар Ӯзбекистон буд. Он давлат ба ӯ маъқул шуд [5, с.89].*

Ҷонишинҳои ишоратӣ дар ибораҳои ифодакунандаи замони амал, вақти ба вуқӯъ омадани амалро ифода мекунанд. Ҷонишини this замони ҳозира ва ҷонишини that - замони гузашта ва ояндаро ифода мекунад: It is only the beginning of May. - *Ҳоло танҳо аввали моҳи Май аст.* You can't bathe at this time of the year. - *Дар чунин вақти сол ба шумо оббозӣ кардан манъ аст.* My sister will go to Moscow this summer.- *Хоҳари ман ин тобистон ба Москав хоҳад рафт.* At that time grandfather was a student. - *Он замон бобои ман донишҷӯй буд.* I spent the Summer of 2000 in North. We had a lot of rain that Summer. - *Тобистони соли 2000-ро ман дар Шимол гузаронидам. Он тобистон хеле серобиш буд [8, с.67].*

Баъд аз ҷонишинҳои ишоратии this ва that барои дурӣ ҷустан аз такрори исми пештар истифодашуда калимаи one истифода бурда мешавад. Will you buy me another shoe?- *Ба ман пояфзоли дигар мехаред?* I don t like this one.- *Ин ба ман маъқул нест.* This cap is mine, and that one is yours.- *Ин кулоҳи ман аст, вай аз они шумо аст [6, с.37].*

Баъд аз ҷонишинҳои ишоратии these ва those ҷонишини ones истифода бурда намешавад: *Will you give me some other flowers? I do not like these .*

Ҷонишини ишоратии that барои гурез аз такрори исмҳо дар шумораи танҳо ва ҷонишини those дар шумораи ҷамъ истифода мешавад. The apple that I bougth yesterday is better than that I bougth today.- *Себе, ки ман дирӯз харидам аз имрӯза беҳтар аст. At our University there are a few students to those described in this journal. - Дар донишгоҳи мо чунин донишҷӯёни дар ин маҷалла тасвирёфта якчанд нафаранд [8, с.90].*

Ҷонишинҳои ишоратӣ дар ҷумла ба худ калимаи ивазкунандаро доранд. Онҳо дар забони англисӣ бо ёрии калимаи it ифода карда мешаванд:

What is this (that)? –Ин чист? It is a dictionary - Ин луғат аст.

Аммо:

-What are these (those)? -Инҳо чиҳоянд?

-They are dictionaries. - Инҳо луғатҳоянд [9, с.79].

Аз мисолҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки дар ду ҳолат истифодаи калима-ҷонишини **it** дуруст мебошад. Агар барои ҷонишинҳои this, that калимаи **it** ҷойивазкунанда бошад, барои ҷойнишинҳои these (those) калимаи **they** истифода бурда мешавад.

Ин амал дар вақти тарҷума ба забони тоҷикӣ бе ягон тағйирот ба амал меояд. Яъне, дар ҳарду ҳолат онҳо ба забони тоҷикӣ бо ёрии калимаи ин (инҳо) тарҷума шудаанд. Аслан, аксари муҳаққиқон зикр мекунанд, ки тарҷума як навъи санъати сухан аст ва тарҷумон бояд ҳамин санъатро моҳирона, устодона ба кор барад, то ин ки маънои асл дар асари тарҷумашуда коста нагардад. Тарҷума худ яке аз воситаҳоест дар таҳкими равобити гуногуни халқҳои олам. Тарҷума кардан ҳамеша ва дар ҳама даврҳо имконият фароҳам меовард, ки халқҳо ба ҳамдигар алоқаманд бошанд, аз урфу одат, маданият, фарҳанги ҳамдигар бархӯрдор гарданд. Тарҷума ҳамчун илм қонун ва қонуниятҳои худро дорад. Аз ин нигоҳ ҳар як мутарҷим уҳдадор аст, ки аз он огаҳ бошад ва дар тарҷума то ҳадди имкон аз он истифода барад [1, с.10].

«Забони тоҷикӣ дорои захираи хеле бои калимаву таркибҳост. Як гурӯҳ калимаву таркибҳо сермаъно буда, вобаста ба ифодаи фикр яке аз маъноҳои онҳо корбаст мегардад, гурӯҳи дигар маъноҳои зиёд надоранд ва танҳо як-ду маъноро ифода мекунанду бас, гурӯҳи сеюм ба ғайр аз маъноҳои аслии худ маъноҳои маҷозиро мефаҳмонанд. Аз ин рӯ, ҳангоми корбасти калимаю таркибҳо барои ифодаи мақсади худ калимаи мувофиқ ва маънои муносиби онро бояд истифода кард, вагарна маънои ҷумла тағйир меёбад ё ки мақсади гӯянда ё нависанда ба таври возеҳ ифода намеёбад [4, с.69].

Ҷонишини ишоратии **this** ҳамчунин барои ифодаи замонҳои ояндаи наздик ва замони гузашта истифода бурда мешаванд: Let's get together sometime, this Sunday.- *Биёед якҷоя ҷамъ шавем, ҳамин якшанбе.* Дар ин ҷумла *якшанбе* гуфта, рӯзи наздикро дар назар дорем: Father had to go to Khatlon this morning. - *Падарам ҳамин саҳар бояд ба Хатлон мерафт [8, с.132].*

Баъзан вақт ҷонишинҳои **this (these) that (those)** дар ҷумла бо тобиши эҳсосӣ истифода бурда мешаванд: Will this dog ever stop barking?- *Оё ин саг ягон вақт аз аккос задан мемонад?* Do you really believe those ideas?- *Оё ту дар ҳақиқат ба ин ақидаҳо боварӣ дорӣ? [8, с.79].*

Бояд зикр намоем, ки дар чунин ҳолатҳои зерин ба ҷонишинҳои ишоратӣ задаи асосӣ меафтад. Ҷонишини **that** инчунин ба вазифаи ҳоли дараҷа низ меояд: I did not know he was that upset.- *Ман намедонистам, ки ӯ чунин хафа шудааст.* He never gave me that much information. - *Ӯ ҳеҷ гоҳ ба ман ин қадар бисёр маълумот надода буд [6, с.76].*

Чи тавре дар боло ифода намудем, ҷонишинҳо **this, these** бо исмҳои дар наздик ҷойгирбуда, истифода бурда мешаванд ва ҷонишинҳои **that, those** бо исмҳои дар масофаи каме дуртар ҷойгирбуда истифода бурда мешаванд. Онҳо асосан дар ҷумла ба вазифаи артикли муайянӣ меоянд. Дар чунин ҳолат онҳо исмро, ки ба он тааллуқ дорад, аз дигар калимаҳои ҷумла ҷудо менамоянд. Онҳо инчунин муайян месозанд, ки на ягон калимаи дигар, балки ҳамон калимае, ки онҳо пеш аз он меоянд, дар ҷумла муайян мебошад.

Забоншинос Баҳриддинов М. қайд мекунад, ки «ҷонишинҳои ишоратӣ дар бисёр забонҳо, аз ҷумла дар забонҳои мавриди таҳқиқ ҳам ба вазифаи анафорӣ ва ҳам ба вазифаи дейктикӣ истифода мешаванд. Масалан:

Few exchanges in the history of sicence have leaped so boldly into the future as ***this*** one, which occured a thousand years ago in the region…[S. 1.]. ~ Фақат теъдоди каме аз мукотибаҳо, мисли ***ҳамин***, дар таърихи илм он қадар густохона ба оянда нигаронида шуда буданд, ки ҳазор сол пеш дар минтақае рух додааст….

He therefore betook himself to Merv, where he rose to prominence Justas Abu Muslim was rising against Umayyad rule from his base in ***that*** city [S. с.129]. Аз ***ҳамин*** сабаб ӯ аз нав ба Марв омад ва дар ин ҷо соҳиби эҳтиром гардид, айнан дар ***ҳамон*** даврае, ки Абумуслим исёнашро муқобили ҳукмронии Умавиён аз қароргоҳаш дар ***ҳамин*** шаҳр оғоз карда буд [Баҳриддинов М. 2018, 45 с]".

Дар бисёр ҳолатҳо ҷонишини ишоратии that ба ҷойи ҷонишини ишоратии it истифода мешавад, аммо маънояшро тамоман гум намекунад: Tell her that I miss her. I shall do that.- *Ба ӯ расонед, ки ман ӯро ёд мекунам. Албатта, мерасонам.* You said she was the one who stole money. - *Ту гуфти, ки ӯ пулро дуздидааст.*

Бояд зикр намоем, ки ҷонишини that барои дурӣ ҷустан аз такрори калима хеле зиёд мавриди истифода қарор мегирад: He hang his doughters portrait beside that of his wifes.- *Вай расми духтарашро дар назди расми занаш овехт.* These poems are not nerly as good as those you wrote last year.- *Ин шеърҳо аз шеърҳои порсол навиштаатон каме хубтаранд.* I entered by the door opposite to that opening into the garden.- *Ман аз дарвозае, ки рӯ ба рӯйи боғ буд, даромадам [8, с.45].*

Ҷонишин яке аз ҳиссаҳои мустақили нутқ мебошад, ки қариб дар ҳамаи забонҳои дунё вуҷуд дорад. Ҷонишин дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳам яке аз ҳиссаҳои мустақили нутқ ба шумор меравад. Ҷонишин ҳамчун гурӯҳи калимаҳои лексикӣ-грамматикӣ, аз вожаҳое иборат аст, ки ашё, аломат, сифат ва шумораро вобаста аз вазъият нишон дода, онҳоро номбар намекунанд, муайян карда мешавад [7, с.207]. Аз ин рӯ, баъзан ҷонишинҳоро ҳамчун калимаҳои ишоратӣ ё дейктикӣ меноманд, ки тавассути ишора ба шахс ва ашё, ки бо гӯянда ин ё он тараф робита доранд, муайян ё фарқ мекунанд. Онҳо бо ҳиссаҳои дигари нутқ –исм, сифат, шумора, муносибат доранд ва метавонанд хусусияти онҳоро дошта бошанд.

Умуман, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муайянкунандаҳои асосии исм на танҳо ҷонишинҳои ишоратӣ, балки артикл, худи исм низ дар падежи соҳибӣ ба сифати муайянкунандаи исм истифода бурда мешавад.

Бояд қайд намоем, ки исмҳо на танҳо дар падежи соҳибӣ, инчунин дар падежи умумӣ низ ба сифати муайянкунанда меоянд, ва доимо пеш аз исми ҷумла ҳамчун сифат ифода мешаванд. Дар натиҷаи омӯзиш ба хулосае омадан мумкин аст, ки ба сифати муайянкунандаҳои асосии исм дар ҷумла артикҳо, ҷонишинҳои some ва any, ҷонишинҳои ишоратӣ хизмат менамоянд, ки ҳанӯз дар забоншиносии муқоисавӣ аз зумраи мавзӯъҳои актуалӣ ва мубрам ба шумор мераванд. Бояд қайд намуд, ки мавзӯи ҷонишинҳо доираи хеле васеи ифодаро дорад. Паҳлуҳои гуногуни ифодаҳо дар асарҳои бадеӣ ва асарҳои илмиву назариявӣ гуногун ба назар мерасанд. Ҳолатҳое ҷой доранд, ки таҳқиқотҳои ҷуқури илмӣ асоснокшуда барои васеътар таҳлил намудани мавзӯъ лозим мешаванд, вале дар умум тавассути тадқиқ ва таҳлили мавзӯъ ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, махсусан муайянкунандаҳои исм дар забонҳои муқоисашаванда тафовут, монандӣ ва умумиятҳо ҷой доранд ва он таҳқиқотҳои пурратареро низ тақозо мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аракин. В. Д. Практический курс английского языка / В.Д. Аракин. – М.: Владос, 2003. – 515 с.
2. Буренина Л.К. Учебник английского языка / Л.К. Буренин, С.Б. Консон. – Москва, 1967. - 960 с.
3. Гордон. Е.М. Грамматика современного английского языка / Е.М. Гордон. И.П. Крылова. – М.: Высшая школа, 1980. – С. 268–304.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (ГЗАҲТ). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Қ.2. – Душанбе, 1985. – 420 с.
5. Каушанская В.Л. Грамматика английского языка / В.Л. Каушанская. – М.: Пресс, 2008. – 380 с.
6. Усмонов К. Грамматикаи назарии забони англисї / К. Усмонов. Китоби дарсї барои мактабњои олї. – Хуљанд: Нури маърифат, 2010. – 236 с.
7. Смирницкий А.И. Очерки по сопоставительной грамматике русского и английского языков / А.И. Смирницкий. – М., 1975. – 289 с.
8. Туйғунов Н. Х. Грамматикаи забони англисӣ / Н.Х. Туйғунов. - Душанбе, 2013. - 184 с.
9. Ҷумахонова А. Муайянкунандаҳои асосии исм дар забони англисӣ / А.Ҷумахонова // Паёми ДМонишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019. – С. 176.
10. Blokh, M.Y. A Course in Theoretical English Grammar / M.Y. Blokh. - M.: Vischaya Schkola, 1983. – 383 pp.
11. Close, P.A. A Reference Grammar for Students of English / P.A. Close. – M., 1979. – 341 pp.

ҶОНИШИНҲОИ ИШОРАТӢ ҲАМЧУН МУАЙЯНКУНАНДАИ ИСМ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақола андешаҳои муаллифон оид ҷонишинҳои ишоратӣ ҳамчун муайянкунандаи исм дар забони англисӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо нисбат ба забони тоҷикӣ мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор гирифтааст. Муаллифони мақола дар заминаи маводҳои таҳқиқотҳои ҷорӣ таҳлили муқоисавии ҷонишинҳои ишоратии забони англисиро дар муқоиса ба забони тоҷикӣ нишон додаанд. Муайянкунандаи исмҳо махсусан ҷонишинҳои ишоратӣ дар забони англисӣ қоидаҳои хосси худро дорад. Ин таври ифода ва қонуниятҳо дар аксар забонҳои дигар, аз он ҷумла дар забони тоҷикӣ нисбатан камтар ба назар мерасад. Ҷонишинҳои ишоратӣ ҳамчун муайянкунандаи исмҳо дар забони англисӣ асосан дар заминаи тағйиротҳои сохтории ҷумлаҳо ба миён меояд. Бояд зикр намуд, ки тағйирот қариб дар тамоми намуди ҷумлаҳо бо иваз шудани сохтори ҷумла ба миён меояд, ки ин тарзи ифода танҳои хосси забони англисӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар забони тоҷикӣ тағйирот нисбатан камтар аст, ки ҳангоми омӯзиш чандон мушкилӣ намеоварад. Мушоҳида мешавад, ки ҳангоми тарҷумаи ҷумлаҳо, ки аз лиҳози маъно ба тартиб омадаанд, иваз кардани мавқеи онҳо ифодаи ифода нодурустро аз лиҳози маъно ба миён меоварад. Бояд зикр намуд, ки ҷонишинҳои ишоратӣ ҳамчун муайянкунандаи исмҳо дар забони англисӣ қонуниятҳои хос доранд, ки ҳангоми тарҷума баъзе хусусиятҳои мураккабиро зоҳир менамоянд. Ин амал ба тарҷума баъзе нофаҳмиҳоро зам менамояд. Аз ин рӯ, донистани ҷойивазкунандаҳо ҳамеша имкон медиҳад, ки ифода аз лиҳози грамматикӣ дуруст баён ёбад, нозукиҳои таносуби маъно ва роҳҳои ифодаи ҷумлаҳо бомаврид гуфта шавад ва меъёрҳои забони адабӣ риоя гардад ва ҳам сухан фасеҳу зебо баён шавад.

Калидвожаҳо: ҷонишинҳои ишоратӣ, муайянкунанда, хусусият, тафовут, умумият, хусусияти хос, таҳлил, тафовут, сохтор, усулҳои тарҷума.

УКАЗАТЕЛЬНЫЕ МЕСТОИМЕНИЯ КАК ОПРЕДЕЛИТЕЛИ СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ

В статье автор рассматривает отличительные и соответствующие особенности указательных местоимений в английском языке и предлагает свои научные определения. Автор статьи провел сравнительный анализ определителей указательных местоимений на основе существующих материалов в таджикском и английском языках. Определители существительных в английском языке имеют свои особые правила. Подобные особенности в других языках встречаются реже, в том числе и в таджикском языке. В английском языке определители существительных образуются на основе служебных слов, которые не существуют в таджикском языке. Надо отметить, что изменения определения существительных можно встретить во всех видах предложений, которые свойственны только английскому языку. Указательные местоимения как определители существительных в английском языке в основном производятся на основе структурных изменений предложений. Надо отметить, что изменение структуры предложения можно наблюдать во всех типах предложений в английском языке, но такой характер изменений несвойствен таджикскому языку. Анализ показывает, что в таджикском языке такие изменения наблюдаются реже, по сравнению с английским языком. При переводе предложений изменение место указательных местоимений может привести к неправильному изложению смысла предложений. Указательные местоимения как определители существительных в английском языке имеют свои особые правила, которые при переводе могут вызывать определенные трудности. Эти свойство, которое часто неизвестно переводчику, может стать причиной неправильного перевода. Поэтому знание заменителей указательных местоимений создают возможность избегать неправильного перевода мысли, грамматической ошибки и соблюдать все стандарты литературного языка.

Ключевые слова: определители существительных, употребление, особенности, различие, общность, свойственные особенности, анализ, различие, структура, перевод.

INDICATIVE DEFINITIONS - DETERMINATION OF SUBSTANTIAL

In the article, the author considers the distinctive and corresponding peculiarities of demonstrative pronouns in the English language and offers his scientific points of view. The author of the article has conducted a comparative analysis of the determinants of demonstrative pronouns based on existing materials in the Tajik and English languages. Modifiers of nouns in English have their own special rules. Such intrinsic features are less common in other languages, including Tajik. In English, the modifiers of nouns are formed on the basis of official words that do not exist in the Tajik language. It should be noted that changes in the definition of nouns can be found in all kinds of sentences that are peculiar only to the English language. Demonstrative pronouns as modifiers of nouns in English are mainly made on the basis of structural changes in sentences. It should be noted that the change in the structure of the sentence can be observed in all types of sentences in the English language, but such a nature of changes is not typical of the Tajik language. Analyzes show that in the Tajik language such changes are less common compared to the English language. It should be noted that when translating sentences, changing the place of demonstrative pronouns can lead to an incorrect statement of the meaning of the sentences. Demonstrative pronouns as determinants of nouns in the English language have their own special rules, which, when translated, can reveal certain difficulties. These properties, which are unknown to the translator, may be the cause of the incorrect translation. Therefore, knowledge of substitutes for demonstrative pronouns makes it possible to avoid misinterpretation of thought, grammatical error and to comply with all standards of the literary language.

Key words: modifiers of nouns, usage, peculiarities, difference, commonality, characteristic features, analysis, difference, structure, translation.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Қурбонова Муътабар*** - Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Борбад 48/5.
Тел.: **(+992) 989-09-17-82**
Қурбонова Г.М. - Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Борбад 48/5. Тел.: **(+992) 906-55-05-95**

Сведения об авторах: ***Курбонова Муътабар*** - Институт предпринимательства и сервиса, ассистент кафедры иностранных языков **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад 48/5.
Тел.: **(+992) 989-09-17-82**
Ќурбонова Г.М. - Институт предпринимательства и сервиса, старший преподаватель кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад 48/5. Тел.: **(+992) 906-55-05-95**

Information about the authors: ***Qurbonova Mu'tabar*** – Institut of Entrepreneurship and service, Assistant of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Str. 48/5.
Tel.: **(+992) 989-09-17-82**
Qurbonova G.M., Institute of Entrepreneurship and Service, Senior Lecturer, Department of Foreign Languages.. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Str. 48/5. Tel.: **(+992) 906-55-05-95**

УДК: 42:491.550

ҶУМЛАҲОИ САВОЛӢ ДАР НУТҚИ МАЗМУНАН НАҚЛШУДА ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ИФОДАИ ОНҲО БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Саидова М.А.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Забон ҳамқадами ҷамъият буда, бо пешрафту инкишофи ҷамъият рушду нуму меёбад. Хусусан инкишофи иқтисодиёт чун дигар қишрҳои ҷомеа дар забон низ нақши худро мегузорад. Ҳар як тағйирот дар истеҳсолоти ҷамъият талаб мекунад, ки дар забон ифодаи худро чун воситаи муомилоти одамон иҷро карда тавонад [7, с.21]. Аз ин рӯ, ба қавли забоншиноси тоҷик Н. Маъсумӣ, "Мо забон ва қонунҳои инкишофи вайро вобаста ба таърихи халқу мамлакат меомӯзем, чунки забон ва қонунҳои инкишофи онро фақат ба шарте фаҳмидан мумкин аст, ки он бо таърихи ҷамъият, бо таърихи халқе, ки забони омӯхташаванда ба вай тааллуқ дорад ва он бунёдкунанда ва соҳиби ин забон мебошад, зич ва пайваста омӯхта шавад" [7, с.64].

Забони англисӣ яке аз забонҳои қадима мебошад. Он дорои сохтори мураккаб ва ифодаҳои гуногуни грамматикӣ аст, ки хусусиятҳои мураккабии онҳо таваҷҷуҳи таҳқиқотчиён ва забоншиносони мухталифро ба худ ҷалб менамояд. Нутқи мазмунан нақлшуда аз ҷумлаи мавзӯъҳое мебошад, ки дар забони англисӣ дорои сохтори мушаххас ва хусусиятҳои хосси ҳамин забон мебошад. Дар ин миён махсусан усулҳои ифодаи ҷумлаҳои саволӣ дар нутқи мазмунан нақлшуда то дараҷае мураккабии махсусеро зоҳир менамояд, ки ин тарзи ифода нисбат ба забони тоҷикӣ хеле фарқкунанда аст.

Агар нутқи гӯянда (шахси дигар) бе тағйирот оварда шавад, онро нутқи айнан нақлшуда мегӯянд: *Сафар ба ӯ рӯ оварда гуфт (суханони нақлкунанда): "Акои олим хушёр бошед" (суханони каси дигар) [3, с.340].*

Дар ҷумлаҳои боло нутқи каси дигар чи гунае ки гуфтааст, оварда шудааст (яъне бе тағйирот, бе тағйири хусусиятҳои луғавӣ, грамматикӣ ва услубии нутқ): *The teacher said; "The lesson is over".*

Дар ҷумлаҳои англисӣ низ нутқи гӯянда (яъне- the teacher-муаллим) айнан оварда шудааст. Ҳангоми айнан ифода кардани нутқи шахси дигар гӯянда дар аксар маврид суханони шахси дигарро бо нигоҳ доштани тарзи баён ва оҳанги он ифода мекунад.

Нутқи мазмунан нақлшуда баръакси қоидаҳои болост. Яъне, дар он гуфтаҳои шахси дигар бо тағйири хусусиятҳои луғавӣ, грамматикӣ ва услубӣ оварда мешаванд.

Ҳангоми ифодаи ҷумлаҳо аз нутқи айнан нақлшуда ба нутқи мазмунан нақлшуда дар забони тоҷикӣ ҷонишинҳо, шахсҳо, бандакҳо тағйир меёбанд. Онҳо бо шахс ва шумораи хабару мубтадои ҷумлаи пайрав мувофиқ кунонида мешаванд [3, с.341].

Дар забони англисӣ ҳамин қоида ва қонуниятҳои дар боло зикршударо дидан мумкин аст, аммо ҳангоми ифодаи ҷумлаҳо аз нутқи айнан нақлшуда ба нутқи мазмунан нақлшуда як қатор тағйирот ба вуҷуд меояд.

Ҷумлаҳои саволӣ дар нутқи мазмунан нақлшуда дар забони англисӣ асосан бо феъли *to ask* ва дар нутқи расмӣ аксар вакт бо феъли *inquire* ифода меёбанд. Ҳангоми баён сохтани савол агар феъл, баёнкунандаи савол ба нутқи мазмунан нақлшуда дар замони гузашта бошад, он гоҳ ҳангоми ифодаи саволи айнан нақлшуда ба мазмунан нақлшуда қоидаи мувофиқатии замонҳо пурра истифода мешавад. Ҷонишинҳои шахсӣ, соҳибӣ ва калимаҳои ифодакунандаи ҳол мувофиқ ба мазмуни баён тағйир меёбанд [1, с.124].

Дар нутқи мазмунан нақлшуда тартиби ҷумлаҳои саволӣ (умумӣ ва махсус) ба монанди ҷумлаҳои ҳикоягӣ мебошад. Саволҳои умумии забони англисӣ, ки бо феъли ёридиҳанда оғоз ёфта, тасдиқ ва ё инкори фикрро талаб мекунанд, асосан бо пайвандакҳои *if* ё *whether (оё)* сохта мешаванд.

Саволҳои умумӣ:

Direct speech:	Indirect speech:
I said to her “Have you lived here long?”	I asked her if she had lived there long.
He asked, “Do you speak English?”	He asked if(whether) I spoke English.
Lola: “Are you busy today Usmon?”	Lola asked Usmon if he was busy that day
Lola: “Were you at the meeting yesterday”	Lola asked Usmon if he had been at the meeting the day before
Lola: “Can you speak English?”	Lola asked Usmon if he could speak English
Lola: “Did it snow much last summer?”	Lola wanted to know if it had rained much last summer
Lola: “Will you come to the classes Usmon?”	Lola asked Usmon if he would come to the classes
Do you live far from the school”- the teacher asked.	The teacher asked Nina if she lived far from the school [10, с.89].

Ҷавобҳои кӯтоҳ. Ҷавобҳои кӯтоҳ ба саволҳои умумӣ дар нутқи мазмунан нақлшуда тавассути такрори феъли ёридиҳанда ва ё модалӣ (вобаста аз савол дар нутқи айнан нақлшуда) сохта мешаванд. Феъли ёридиҳанда метавонад аз рӯйи қоидаи ҷобаҷогузории замонҳо тағйир ёфта, пайвандаки **that**-ро қабул кунад.

-Have you been here before? -Yes I have.	He asked me if I had been there before and I said I had [12, с.120].

Саволҳои интихобӣ. Саволҳои алтернативӣ (интихобӣ), ки интихоби ду предмет, амал ва ғайраро талаб мекунанд, метавонанд, ки ҳам умумӣ бошанд ва ҳам махсус. Дар нутқи мазмунан нақлшуда ҳардуи саволҳо аз рӯйи қоидаҳои зикршуда ифода меёбанд:

Do you or does your mother usually do shopping?” the teacher asked me.	The teacher wanted to know if I or my mother did shopping in our family
“Have you met the new manager or not?” asked the secretary.	The secretary asked me if I had met the new manager or not [12, с.123].

Ҳангоми ифода кардани ҷавоб ба саволҳои алтернативӣ дар нутқи мазмунан нақлшуда ҷумлаҳои пурра истифода мешаванд:

-Are you going to the pioneer camp on Saturday or on Sunday? - On Sunday morning.	Granny asked me whether I was going to the pioneer camp on Saturday or on Sunday and who would see me off, Mother or Father. I said

- Who will see you off, your mother or your father? -My father will.	I was going on Sunday morning and (that) Dad would see me off [12, с.89].

Саволҳои махсус. Саволҳои махсус бошанд бо ҳамон зарф ва ҷонишинҳое ифода меёбанд, ки дар нутқи айнан нақлшуда истифода шудаанд. Ҳангоми ифодаи чунин намуди саволҳо калимаҳои саволӣ пайвандак шуда меоянд, ки сарҷумла ва ҷумлаи пайравро пайваст мекунанд. Қоидаи мувофиқатии замонҳо истифода мешавад. Агар савол дар нутқи айнан нақлшуда ба мубтадо бошад (яъне бо калимаҳои **what, who**) он гоҳ сохтори муайяни савол нигоҳ дошта мешавад ва қоидаи мувофиқатии замонҳо истифода мегардад:

Who discovered America" asked the teacher.

The teacher asked who had discovered America [10, с.94].

Намудҳои дигари саволҳои махсус тартиби худро тағйир медиханд. Яъне мубтадое, ки баъд аз калимаҳои пайвасткунанда меояд, баъд аз хабари ҷумла гузошта мешавад.

"What have you been doing lately" Nelly asked her friend.

Nelly asked her friend what he had been doing lately.

Дар ҷумлаҳое, ки савол ба пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол меояд, бетағйир меистанд:

"Whose book is it lying on the floor?" the teacher asked.

The teacher asked whose book it was lying on the floor.

"What mark have I got?" Mark asked.

Mark wanted to know what mark he had got.

Direct speech:	Indirect speech:
I said to her "Where do you live?"	I asked her where she lived.
I asked her, "Where are you going?"	I asked her where she was going.
Usmon: When do you usually get up, Lola?"	Usmon asked Lola when he usually got up
Lola: "How many students are there in the group?"	Lola wanted to know how many students there were in the group
He asked, "What language do you speak?"	He asked what language I spoke
She asked him, "Where did you buy the suit?"	She asked him where he had bought the suit.
He asked me, "What film have you seen lately?	He asked me what films I had seen lately [4, с.67].

Ҷавоби кӯтоҳ. Ҳангоми ҷавоб додан ба савол дар нутқи гуфтугӯӣ ҷавобҳои пурра хело ҳам кам истифода мешаванд, онҳо танҳо ҳамон қисматеро истифода мекунанд, ки маълумоти асосиро дорост. Ҷавобҳои кӯтоҳ ба саволҳои махсус дар нутқи мазмунан нақлшуда асосан аз ҷумлаҳои пурра иборатанд;

Дар нутқи расмӣ ҷавобҳои кӯтоҳро метавон бо ибораҳои зерин баён намуд: *he answered in the negative ё he answered in the affirmative.*

-When did you buy it? -When we lived in Dushanbe.	I asked when they had bought it, he said they had bought it when they lived in Dushanbe [10, с.142]

Агар дар нутқи айнан нақлшуда савол ба мубтадо бо феъли *to be* гузошта шуда бошад, он гоҳ тартиби калимаҳо метавонанд каме тағйир ёбанд:

Direct speech:	Indirect speech:
He asked "Who is that man?"	He asked who the man was Who was the man.
He asked what is the matter?	He asked what was the matter. He asked what the matter was.
He said, "Who is that boy?"	He asked who the boy was. He asked who was the boy [10, с.96].

Бояд зикр намоем, ки тартиби калима дар саволгузории нутқи мазмунан нақлшуда дар аксар маврид иваз намешавад. Агар савол ба хабари ҷумла гузошта шуда бошад, он гоҳ тартиби бевоситаи калима ҳамеша риоя карда намешавад. Масалан, дар ибораҳои зерин: *What is the time?, What is the mater?, What is the news?* тартиби калима дар нутқи мазмунан нақлшуда иваз карда намешавад. Дар забони англисии муосир ишора кардани шахсеро, ки савол ба ӯ тааллуқ дорад, зарур нест.

Ҳангоми ба савол ҷавоб додан одатан феълҳои *to answer* ва *to reply* истифода мешаванд.

His reply (answer) was that…Ӯ посух дод, ки…….

He said in reply- Дар чавоб ӯ гуфт, ки ……..

Умуман, омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки қоидаҳои махсуси зикршуда дар забони англисӣ нисбат ба забони тоҷикӣ нозукӣ ва то дараҷае мушкилоти худро доранд. Ҳамин гуна тағйиротро асосан дар қоидаи мутобиқатии замонҳо дидан мумкин аст, ки ба забономӯзон мушкилиҳо ва нофаҳмиҳоро ба миён меоварад. Дар нутқи айнан нақлшуда ҷумлаҳо вобаста аз мақсади баён аз лиҳози намуд метавонанд гуногун бошанд, яъне, ҷумлаҳои амрӣ, хитобӣ, саволӣ, хабарӣ ва ғайраҳо. Ҳангоми ифодаи онҳо дар нутқи мазмунан нақлшуда ҳар яке аз рӯйи қоидаҳои махсуси худашон баён мешаванд. Ҳангоми истифодаи қоидаҳои мувофиқатии замонҳо, ҳоли замон, макон ва қоидаҳои дигарро бояд ҳамеша дар назар дошт, то ки мантиқи сухан, тарзи дурусти ифода муқобили онҳо набошад. Сухан гуфтан - эҷод кардан аст ва риоя кардани мантиқ дар он муҳим мебошад. Ҳангоми баён намудани нутқи айнан нақлшуда тез – тез мавридҳое мешаванд, ки истифодаи қоидаҳои мувофиқатии замонҳо ва тавофутҳои дигар нодурустиҳоро ба вуҷуд меоранд. Аз ин рӯ, мантиқи ифода кардани ҷумлаҳо низ ҳамеша бояд дар назар гирифта шавад. Аз ин рӯ, ба назари мо дар алоҳидагӣ омӯхтан ва таҳлилу таҳқиқ намудани онҳо мувофиқи матлаб мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аракин. В.Д. Практический курс английского языка / В.Д. Аракин. – М.: Владос, 2003. – 515 с.
2. Блох. М.Я. Теоретическое грамматика английского языка / М.Я. Блох. – М.: Высшая школа, 1983. – 383 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1985. - 356 с.
4. Иқболов О. Грамматикаи забони англисӣ / О. Иқболов. - Душанбе, 2011. – 115 с.
5. Качалова К.М. Практическая грамматика английского языка / К.М. Качалова. – Москва, 1975. – 435 с.
6. Каушанская В.Л. Грамматика английского языка / В.Л. Каушанская, Р.Л. Ковнер и др. – М.: Пресс, 2008. – 380 с.
7. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб. Ҷ. 2. Забоншиносӣ / Н. Маъсумӣ. - Душанбе: Адиб, 2005. - 350 с.
8. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ – тоҷикӣ / А.Мамадназаров. – Душанбе, 2007. – 1079 с.
9. Резник Р.В. Грамматика английского языка /Р.В. Резкин, Т.С. Сорокин. – Москва, 2001. – 180 с.
10. Туйғунов Н.Ҳ. Грамматикаи забони англисӣ / Н.Ҳ. Туйғунов. – Душанбе, 2013. – 140 с.
11. Vorno U. Reported speech in English / U.Vorno. – Leningrad, 1971. - 190 p.
12. Perry J. The Sands of Oxus / J. Perry. - Mazda publishers, 1998. - 274 p.

ҶУМЛАҲОИ САВОЛӢ ДАР НУТҚИ МАЗМУНАН НАҚЛШУДА ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ИФОДАИ ОНҲО БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки грамматикаи забони англисӣ системаи мураккабе буда, қоидаҳои мураккаберо низ дорост, ки дар аксар маврид танҳо хосси ҳамин забон аст. Дар мақола андешаҳои муаллиф оид ба ҷумлаҳои саволӣ дар нутқи мазмунан нақлшуда дар забони англисӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо нисбат ба забони тоҷикӣ мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф дар заминаи тадқиқотҳои мавҷуда дар самти забоншиносии муқоисавӣ баъзе хусусиятҳои хосси нутқи мазмунан нақлшударо дар муқоиса ба забони тоҷикӣ нишон додааст. Дар мақола дар баробари пешниҳоди андешаҳои забоншиносони мухталиф таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои саволӣ дар нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ гузаронида шудааст. Муаллиф тавассути пешниҳоди андешаҳои мушаххас ва заминаи илмидошта, нозукиҳои ифодаи ҷумлаҳои саволиро дар забони англисӣ таҳлил менамояд. Дар забони англисӣ нутқи мазмунан нақлшуда дорои қонуниятҳои хос мебошад, ки он нисбат ба забони тоҷикӣ тафовутҳои гуногун дорад ва то дараҷае мураккаб низ ба шумор меравад. Ҳамин амал, махсусан дар қоидаҳои мувофиқатии замонҳо дида мешавад. Матлаби муаллиф низ дар мақолаи мазкур баррасии чунин қонуниятҳои хосси забони англисӣ ва муқоисаи он ба забони тоҷикӣ мебошад. Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки тағйиротҳои дар мақола таҳлилшуда ҳангоми ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда, ҳангоми тарҷумаи

адабиёти бадеӣ низ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ба баъзе мушкилоти тарҷума низ кумак расонида метавонанд.

Калидвожаҳо: нутқи мазмунан нақлшуда, тарҷума, хусусият, тафовут, умумият, принсипҳо, хусусияти хос, таҳлил, тафовут, ҷумлаҳои саволӣ.

ВОПРОСИТЕЛЬНЫЕ ПРЕДЛОЖЕНИЯ В КОСВЕННОЙ РЕЧИ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ И СПОСОБЫ ИХ ПЕРЕДАЧИ НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Анализы показывают, что грамматика английского языка имеет сложную систему и некоторые сложные правила свойственны только английскому языку. В данной статье автор рассматривает вопросительные предложения в косвенной речи в английском языке и подвергает анализу отличительные особенности этих предложений в сопоставительном плане. Автор показывает отличительные особенности вопросительных предложений в английском языке на основе существующих исследований и предлагает свои характеристики. Надо отметить, что в статье наравне с анализом исследований других языковедов проведен сравнительный анализ структур вопросительных предложений английского и таджикского языков. Автор статьи на основе существующих и изученных материалов рассматривает отличительные особенности выражения вопросительных предложений в косвенной речи в английском и таджикском языках. В английском языке косвенная речь имеет особые правила, которые во многом отличаются от таджикского языка. Эти особенности в основном можно наблюдать в согласовании времен английского языка. Поэтому основной целью автора статьи является анализ правил согласования времен английского языка, которые имеют особые трудности выражения, не встречающиеся в таджикском языке. Анализ показывает, что изучение отличительных особенностей выражения вопросительных предложений в косвенной речи в английском языке может также способствовать точному переводу художественной литератур с английского на таджикский язык, и в значительной степени обеспечить точность и достоверность перевода.

Ключевые слова: косвенная речь, перевод, особенность, отличие, общность, принципы, отличительные свойства, анализ, сопоставление, вопросительные слова.

INTERROGATIVE SENTENCES IN INDIRECT SPEECH IN THE ENGLISH LANGUAGE AND THE WAYS OF THEIR EXPRESSION INTO TAJIK LANGUAGE

Analyzes show that the English grammar has a complex system and some complex rules that are peculiar only to the English language. In this article, the author examines interrogative sentences in indirect speech in the English language and analyzes the distinctive features of these sentences in a comparative way. The author shows the distinctive features of interrogative sentences in the English language on the basis of existing research and offers his points of view. It should be noted that in the article on an equal basis with the analysis of studies of other linguists a comparative analysis of the structures of interrogative sentences with the Tajik language was conducted. The author of the article, on the basis of existing and studied materials, considers the distinctive features of the expression of interrogative sentences in indirect speech in the English and Tajik languages. In English, indirect speech has its own special rules, which are very different from the Tajik language. This feature can mainly be observed in the rule of sequence of the time of the English language. Therefore, the main goal of the author of the article is to analyze the rules of sequence of the time of the English language, which in many respects has a special difficulty of expression and is not observed in the Tajik language. Analyzes show that the study of the distinctive features of the expression of interrogative sentences in indirect speech in the English language can also facilitate the translation of fiction from English to Tajik, and to some extent contribute to the accuracy and reliability of the translation.

K**ey words**: indirect speech, translation, feature, difference, generality, principles, distinctive property, analysis, comparison, question words.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидова Мавзуна Абдулхакимовна*** – Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимова 64/14. E-mail: **mavzun.1234@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Саидова Мавзуна Абдулхакимовна*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14. E-mail: **mavzun.1234@mail.ru**

Information about the author: ***Saidova Mavzuna Abdulhakimovna*** – Tajik state University of Finance and Economics, senior teacher of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova Str., **64**/14. E-mail: **mavzun.1234@mail.ru**

УДК: 801.316.3

ЧАНД НУКТА ОИД БА МЕТАЛЛИ СИМОБ ВА ҲАММАЪНОИИ ВОЖАҲОИ ИФОДАГАРИ ОН ДАР БАЪЗЕ ЗАБОНҲО

Тухтасунов О.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Симоб ягона металли моеъ, аз ҳафтгонаи металлҳои дунёи қадим буда, дар гузашта дар истеҳсолу истифодаи тилло нақши муҳим бозидааст. Симоб дар табиат асосан дар намуди пайваст бо дигар унсурҳо вомехӯрад. Пайвасти сулфурии он – шангарф (киновар) паҳншудатарин маъдани симобдор ба шумор меравад ва аз он бо осонӣ ин металлро ҷудо намудан мумкин аст. Ин маъдан бо ранги сурхи хунии худ зоҳиран аз дигар минералҳо фарқ дорад, онро дар гузашта барои омода намудани рангҳои минералӣ низ васеъ истифода мекарданд. Конҳои минерали шангарфдор дар Тоҷикистон низ дучор мегарданд, хусусан, кони мавзеъҳои Кончоч ва Ҷиҷикрӯд аз ин минерал бой аст. Коркарди маъдани он конҳо ва истеҳсоли симоб дар Комбинати маъдани кӯҳии Анзоб ба роҳ монда шудааст. Аз рӯйи захираи минераллҳои симобдор ва истеҳсоли симоб Тоҷикистон дар байни давлатҳои Осиё ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Симоб ва аксар пайвастаҳои он моддаҳои заҳрноканд, вале гузаштагон худи симобро безаҳр дониста, ба сифати заҳр танҳо баъзе пайвастаҳои симобро истифода менамуданд.

Овардаанд, ки металли симоб 1500 сол пеш аз милод ба инсоният маълум буда, онро аҳли Миср, Байнаннаҳрайн, Ҳиндустон ва Хитой васеъ истифода мебурданд. Дар асрҳои IV-III то милод, аз ин металл мутафаккирони машҳури Юнони қадим Арасту ва Теофраст ёдовар гаштаанд. Оид ба усули ҳосилкунии симоб аз минерали шангарф тавассути бо ангишт тасфонидан, олими дигари юнонӣ - Диоскорид маълумот додааст [16, с.109].

Дар омӯзиши хосиятҳои симоб ва пайвастаҳои он мутафаккирони асримиёнагии Шарқ низ хизматҳои шоёне кардаанд. Дар охирҳои асри VIII милодӣ Ҷобир ибн Хайён (721-815), ки дар таърихномаҳои Ғарб бо номи Гебер машҳур гаштааст, дар асоси назарияи Арасту, назарияи сулфуру симобии пайдоиши металлҳоро кор кардааст. Ӯ бар он будааст, ки дар зери замин аз буғҳои хушк сулфур ва аз буғҳои нам симоб пайдо гашта, баъд аз ба ҳам пайвастани онҳо моддае ҳосил мегардад, ки тавлидкунандаи металлҳо мебошад. Оид ба сулфур Ҷобир ибн Хайён чунин меоварад: «Сулфур моддаи сахти якҷинса буда, таркиботи устувор дорад. Мабдаи он равғанӣ мебошад, вале равғани онро бо усули бухор ҷудо намудан ғайриимкон аст. Ҳангоми сахт тасфонидан бухор шуда чун рӯҳ нопадид мегардад. Агар ягон металл бо сулфур якҷоя тасфонида шавад, вазни он меафзояд. Ҷуз аз тилло, тамоми дигар металлҳо бо сулфур қобили пайваст шудан доранд» [11, с.17; 17, с.17-18]. Дар бораи симоб менависад, ки: «Симоб дар қишри замин вомехӯрад, вай ба ҳеҷ чиз намечаспад ва тез ҷорӣ мегардад. Бо сурб, қаълагӣ ва тилло, нисбати дигар металлҳо аз бисёр ҷиҳат хосияти шабеҳ дорад. Он бо нуқра бо осонӣ омезиш ёфта, онро нарм мегардонад, вале бо мис бо душворӣ, бо оҳан танҳо дар ҳолати истифодаи васоити асрораш номаълум омезиш меёбад» [11, с.17]. Мувофиқи назарияи пайдоиши симобу сулфурии металлҳо, мутафаккирон-кимёгарони Шарқ, низ дар пайравӣ ба олимони Юнони қадим, симобро модар ва сулфурро падари металлҳо медонистанд. Абӯрайҳони Берунӣ низ симобро модар, тавлидкунандаи металлҳо меҳисобид [11, с.18]. Олимони асримиёнагии Шарқ тарозуҳои палагиро, ки мисриёну юнониён истифода кардаанд, такмил дода, саҳеҳияти баркашии онҳоро то ба 5мг расонида буданд. Дар китоби таълимии мактабҳои олӣ «История химии» ва чанд рисолаҳои дигар маълумот оид ба сохт ва тарзи кори тарозуҳои қадимии Шарқ, ки дар асари Собит ибни Қорра бо номи «Китоб оид ба қарастун» дарҷ ёфтааст ва инчунин зичии ҳафт металли дунёи қадимро, ки Берунӣ муайян кардааст ва он натиҷаҳо дар рисолаи Абдурраҳмони Хозинӣ «Мизон ал-ҳикмат (Тарозуҳои ҳикмат)» (1121) низ оварда шудааст, ёд мегардад [11, с.18; 2, с. 141]. Аз ин маълумотҳо аён мегардад, ки Абӯрайҳони Берунӣ бо истифодаи он тарозуҳо тавонистааст,

зичии ҳафт металли дунёи қадимро хеле саҳеҳ чен кунад, ки аз бардошти илми муосир хеле кам фарқ дорад. Зичии металли симобро 13.56 муайян намудааст ва он аз нишондоди асл 13.59 ба 0.03 тафовут дорад. Ӯ овардааст, ки тамоми металлҳо ғайр аз тилло дар симоб шино мекунанд. Бале, аз ҳафт металли қадима: тилло, мис, нуқра, оҳан, симоб, сурб ва қаълагӣ танҳо зичии тилло аз зичии симоб зиёд аст ва ҳангоми ба зарфи симобдор ворид кардани порае аз тилло, он меғӯтад.

Яке аз хусусияти симоб дар он аст, ки он қобили махлут кардани як қатор металлҳоро дорад ва дар ҳарорати на он қадар баланд, 357°C бухор мегардад. Хусусан, металли тиллоро дар худ хуб ҳал менамояд ва зароб ҳосил мекунад. Ин хосияти симоб ба гузаштагон маълум буд, ки симобро барои аз таркиби ҷинсҳои табиӣ ҷудо намудани тилло ва нуқра, инчунин барои зарандуд намудани ашё истифода мебурданд. Заробро ба рӯйи маснуот молида, онҳоро метасфониданд ё муддате нигоҳ медоштанд, симоби таркиби махлут бухор гашта, пардаи зарҳалӣ дар сатҳи ашё боқӣ мемонд.

Дар гузашта кимёгарон ба ҳар металл ситорае ва ё ягон ҷирми осмонии дигареро ҳамтабиат ва муҳофиз медонистанд, ба металли тилло Офтоб, нуқра Моҳ, оҳан Миррих ва симоб сайёраи Уторидро, ки дар юнонӣ Меркурий мегӯянд, тавъам донистанд. Аз ин ҷо симобро дар баъзе забонҳои аҳли Ғарб, аз ҷумла дар забони англисӣ «Mercury», фаронсавӣ «Mercure» номидаанд, ки пайваст бо номи сайёраи Уторид (Меркурий) мебошад ва дар манобеи таърихии то миёнаҳои асри XVIII металли симоб ва ҳам сайёраи Уторид аломати (символи) ишоравии якхела доранд. Ҷадвали аломатҳои ишоравии моддаҳои гуногун, аз ҷумла симоб, ки дар «Варақаҳои Фарҳангистони Париж» (1718) сабт ёфтааст [7, с.126], гувоҳи ин гуфтаҳоянд.

Металли симоб дар забонҳои мухталиф, номҳои гуногун дорад. Номи лотинии симоб - «Hydrargirum», аз бахшҳои «Hydra» - об ва «argirum» – нуқра бунёд ёфта ба номи юнонии симоб «υδράργυρος» ҳамшакл аст, ки онро меросмонда аз забони юнонии қадим медонанд [16, с. 109]. Номи юнонии симоб «υδράργυρος» низ аз вожаҳои υδρά - об ва άργυρός – нуқра таркиб ёфтааст. Менависанд, ки симобро гӯё Арасту нуқраи моеъ номида бошад ва номи лотинии симоб- «Hydrargirum»-ро аввалин маротиба дар асарҳои мутафаккири румӣ Плиний (Гай Плиний), ки дар солҳои 23-79 милодӣ зистааст, дучор омадаанд [11, с.16]. Инчунин, ибораи лотинии «Argentum vivum»-ро, ки муродифи металли симоб дар ин забон мебошад, бо маънои «нуқраи зинда» оварда, онро ба гунаи олмонии симоб «Quecksilber», ки аз калимаҳои саксонии «Quick» – зинда ва «Silber» – нуқра шакл гирифта медонанд, ҳаммаъно арз мекунанд [16, с.109]. Номи булғории симоб «живак», озарӣ «ҷива»-ро дар равобит бо калимаи «жив»-и забонҳои славянӣ зикр кардаанд [16, с.109]. Бояд гуфт, ки дар «Бурҳони қотеъ» оид ба симоб чунин овардаанд: «Симоб – ҷиваро гӯянд ва муарраби он зайбақ бошад ва ҷузъи аъзами иксир аст, балки рӯҳи иксир ва рӯҳи ҷамеъи аҷсод аст» [3, с.190]. Яъне, ин овардаҳо нишон медиҳанд, ки чи гунае дар боло ишора рафт, симоб - ҷива таркиботи асосии иксир буда, онро маводи зояндаи тилло ва модари дигар металлҳо медонистаанд. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» вожаи «ҷива» бо гунаи «ҷева» оварда шуда, онро аз арабӣ - «симоб» ва «ҷевадор»-ро симобдор тавзеҳ додаанд [14, с.589]. (Аз чӣ бошад, ки дар «Бурҳони қотеъ» аз арабӣ будани вожаи «ҷива» сухан нарафтааст, номи арабии симоб «зайбақ» оварда шудааст). Дар китоби «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул мавҷудот», ки дар асри XII таълиф гаштааст, оид ба баъзе хосиятҳои симоб чунин овардаанд: «Ҷиваро «умм-ул-аҷсод» гӯянд. Ва бидон, ки ҷиваро баъзе аз маодин ованд ва баъзе аз санг гиранд ба оташ. Духони ҷива муфрад, мардумро мафлуҷ кунад ва самъ ва басарро табоҳ кунад. Саммест қаттол. Мор ҷиваро бинад, бигрезад ва аз бӯйи вай бимирад. Ва ҳар зарре ва симе, ки дар хок бувад, ва ба даст натавонанд овардан, қадре ҷива дар он афкананд, ҳамаи зарраҳои зару симро ба худ кашад» [6, с.141]. Соҳиби китоб нишон медиҳад, ки симобро аз конҳо бевосита ва аз таркиби сангҳо тавассути оташ дастрас мекунанд, яъне ин далолат аз он дорад, ки гузаштагон аз дучоргардии симоб дар табиат, ҳам дар шакли озод ва ҳам пайваст бохабар будаанд ва инчунин аз захрнокии буғҳои симоб дарак доштаанд, захролудгардӣ аз он

боиси фалаҷ ва табоҳ шудани шунавоӣ ва биноӣ мегаштааст ва аз таркиби хок тавассути симоб тиллову нуқраро ҷудо менамудаанд.

Чун аз рӯйи сохт вожаи «ҷива» ва шаклҳои булғориву озарӣ шабеҳанд, метавон ҳадс зад, ки шакли булғорӣ тавассути аҳли лӯлиён, ки дар асри XI аз шарқ ба он ҷо кӯч бастанд, иқтибос гаштааст ва шакли озарӣ аз аҳли форс дар даврони Сосониён вориди забони озарӣ шудааст, чунки даврањои зиёд мулкҳои Қафқоз зери тасарруфи давлати пуриқтидори форсҳо қарор доштанд. Ҳатто, дар забони муосири арманӣ ва гурҷӣ низ миқдори зиёди калимаҳои форсӣ дучор мегарданд.

Симобро дар забони русӣ «ртуть» мегӯянд. Дар луғатҳои этимологии забони русӣ якчанд фарзияҳо оид ба пайдоиши ин вожа оварда шудаанд. Бархе пайдоиши номи русӣ – славянии симоб - «ртуть»-ро, ки он дар чехӣ «rtut’», «rdut’», дар лаҳистонӣ «rtec trtec» ном дорад, ба калимаҳои даврањои гуногуни забонҳои литвонӣ «ritù ,risti, riẽsti», латишӣ «ritu, rist» ва олмонии қадим «ridan», ки маъноҳои даврзананда, ҳаракаткунанда ва амсоли инҳоро доштаст, мепайванданд [15, с.509] . Бархе забоншиносон пешниҳод намудаанд, ки он аз забони туркӣ аз номи сайёраи Уторид пайдо шуда ва иддае инро ғайриимкон медонанд [15, с.509]. Муҳаққиқи намоёни рус Фигуровский Н. А., ки дар пажӯҳиши этимологияи истилоҳҳои кимиёвӣ хизматҳои зиёде кардааст, дар ҷое пайдоиши номи русӣ – славянии симоб - «ртуть»-ро номаълум арз намуда меоварад, ки ин шакл дар сарчашмаҳои даврони руси қадим, аз асрҳои XII дучор мешавад. Худи ӯ ҳадс задааст, ки калимаи «ртуть», аз умумиславиянии «руди, руду», ки ранги сурхро мегӯянд, дар иртибот ба ранги минерали шангарф, ки аз он симобро дастрас мекунанд, пайдо шудааст [16, с.110]. Дар луғати этимологии дигаре калимаи «ртуть»-и русӣ аз вожаи умумиславянии «rътti» бо маънои даврзада лағжанда, ҳаракаткунанда тавзеҳ ёфтааст [20, с.345], ки инро аксар қобили қабул медонанд.

Маълум аст, ки забонҳои қадим ҳиҷогӣ буда, дар он ҳар ҳиҷо маъноеро ба худ дошт ва дар забонҳои қадим ҳодисаи полисемия маъмул буд. Гузаштагон ҳангоми номгузории ҷисму моддаҳо ягон хусусияти хосси онҳоро мадди назар мегирифтанд. Дар вақти таҳқиқоти этимологии вожаҳои қадим, албатта, ин хусусият ва инчунин қонунияти фонетикии шаклдигаркунии калимаҳоро метавон зери назар гирифт. Боз бояд дар назар дошт, ки забонҳо дар ҳама даврањои таърихӣ бо хазинаи фонетикии худ фарқ доранд ва ҳама овозҳо якбора вориди забон нагаштаанд, аз ин рӯ, ҳангоми иқтибос гаштани калимаҳои як забон ба забону гӯйишҳои дигар ногузир шаклдигаркунии вожаҳои иқтибосӣ ба вуҷуд меояд.

Ҳангоми маънибардорӣ аз вожаҳои ифодагари симоб, пеш аз ҳама, бояд хусусиятҳои хосси зоҳирии симоб, хусусан моеъ будани онро асос гирифт. Вожаи форсӣ-тоҷикии «симоб» дар асл калимаи мураккаб, аз ду калима: «сим» ва «об» таркиб ёфта, маънои «оби нуқра, нуқраи моеъ»-ро дорад. Вожаи «сим» барои ифодаи нуқра мероси қадим буда, шояд дар иртибот ба ранги сафед ва ҷилою дурахшаш ин номро гирифтааст. Бояд гуфт, ки дар калимаҳои зиёди тоҷикӣ-форсӣ чун симтан, симбар, симзада ва ғ. бахши «сим» ишора ба ранги сафеди нуқрагун дорад ва симу зар нуқраву тиллоро гӯянд. Дар вожаҳои пайдоиши форсӣ дошта, на танҳо об, инчунин ҳар чизи моеъ бо иловаи бахши «об» ном бурда шудаанд, чун дар вожаҳои зароб, намакоб, дӯғоб, пешоб, шароб ва ғ. Аз ин ҷо, вожаи форсӣ-тоҷикии «симоб» аз лиҳози маънӣ муродифи шаклҳои юнонӣ «υδράργυρος» ва лотинии «Hydrargirum» мебошад.

Шаклҳои дар забони англисӣ «Mercury», фаронсавӣ «Mercure» буда, ки бо номи сайёраи Уторид мепайванданд, шояд ба истифодаи пайвастаҳои он, ки хусусияти заҳрӣ доранд, алоқаманд бошад. Хусусан, пайвастаи он бо хлор - сулема яке аз заҳрҳои қотил аст. Калимаи «меркурий» бунёди худро аз бахшҳои «мер» (шаклҳои дигари он «мар», «мр», «мур», «мор», «мир» дар забонҳои қадим ва баъзе забонҳои муосир ифодагари маънои «ҷасади мурда», «марг», «кушанда» ва монанди инҳоро дорад [19, с.205-210]) бо маънои «кушанда» ва «кур» шаклдигаркардаи вожаи «кар, кара», ки яке аз маънои он «инсон,

халқ» [18, с.389] аст, гирифта ва шояд маънои луғавиаш «кушандаи инсон», яъне “заҳри қотил” бошад.

Номи дигари пайдоиши шарқӣ доштаи симоб - «ҷива (ҷева)» ва шаклҳои шабеҳсохти дар забонҳои булғориву озарӣ будаи он, шояд аз гунаи «зиава, ҷиава» бо маънои «оби зинда», яъне «моеи ҳаракатнок», бунёд ёфтааст ва дар ин ҳол он ба калимаи олмонии симоб - «Quecksilber» («Quick» – зинда ва «Silber») ҳаммаъно мебошад. Яъне, ин номҳо дар асоси хосияти серҳаракатӣ ва лағжонакии қатраҳои симоб ба он насиб гаштаанд. Бояд гуфт, ки дар забони ҳиндуи қадим вожаҳои «jiv» ва «jiva» маънои «зинда» ва “мавҷудоди зинда», дар авастоӣ “jva” маънои «зинда»-ро доранд [4, с.465; 10, с.175] ва ин водор мекунад, то бо итминон гӯем, ки вожаи «ҷива, ҷева» на иқтибос аз забони арабӣ, балки мерос аз забони гузаштагони аҳли форс, аз авастоӣ мебошад. Зеро забони ҳиндуи қадим ва авастоӣ шабеҳияти хеле зиёд доранд, баъзе муҳаққиқон онҳоро шохаҳои як забон медонанд ва нахустин хешигарии ин ду забонро бунёдгузори забоншиносии муқоисавӣ Расмус Христиан Раск ба исбот расонидааст [8, с.6]. Вожаи арабии «зайбақ» низ бояд бо вожаи «ҷива» ҳаммаъно ва аз гунаи «зайабак» шакл гирифта бошад. Дар «Бурҳони қотеъ» нисбати вожаи «зай» чунин овардаанд: «Зай – ҷон, ҳаёт ва зиндагиро гӯянд, ки нафас ва рӯҳ аст; ва ба ин маънӣ, ба касри аввал (яъне зӣ) ҳам омадааст, чунки дар амр ба ин маъонӣ гӯянд, ки «дер зӣ», яъне бисёр бимон ва пайваста зинда бош» [3, с.113]. Эҳтимоли пайдоиши вожаи арабии «зайбақ» аз «заробак» - и форсӣ низ буда метавонад (Заробак синонимӣ зарҳал - махлути тилло дар симоб, ки дорои ранги сафеди нуқрагун аст). Зеро дар «Ғиёс-ул-луғот» вожаи «зароб» ба маънии маҳлули тилло [5, с.391] ва дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи «обак» бо маънои «симоб, ҷева» тавзеҳ ёфтааст [13, с.889]. Табдили овоҳои «з» ба «ҷ» ва «ж», «р» ба «й» ва «к» ба «қ» дар забонҳо дар доираи қонуниятҳои фонетикии шаклдигаркунии вожаҳо мебошанд [12; 9, с.57]. Маълум аст, ки бадалгардии овои «р» ба «л» ва «й» ҳангоми иқтибос гаштан, дар шаклгирии вожаҳои забонҳои гуногун хеле зиёд дучор мегардад ва дар таърих дар аксар калимаҳои аз дигар забонҳо ба арабӣ иқтибосшуда овои «к» ба «қ» бадал шудаанд. Дар забони осетинӣ, ки шохае аз забони эрониҳо мебошад, металли нуқра ва ҳам ранги нуқрагунро бо вожаҳои «ævzist, ævzistæ» ифода мекунанд [1, с.212]. Аз таҳлили сохтори ин вожаҳои забони осетинӣ маълум мегардад, ки онҳо бунёди худро аз вожаҳои форсии «об» ва «зист» гирифтаанд, ки ин дар асл ба хосияти моеии симоб мувофиқат дорад.

Овардаҳои боло, муқоисаи сохтор ба маънои вожаҳои ифодагари симоб ва нуқра дар як қатор забонҳо, аз ҷумла лотинӣ, юнонӣ, форсӣ-тоҷикӣ ва ғ. нишон медиҳад, ки симобро шакли дигари металли нуқра, яъне оби нуқра - нуқраи моеъ пиндоштаанд. Чун, ҷузъи номи симобро дар ин забонҳо номи нуқра ташкил медиҳад, метавон гуфт, ки онҳо пеш аз кашфи симоб ба металли нуқра шинос будаанд. Вожаҳои форсии «ҷива, ҷева», озарии «ҷива», булғории «живак», русии «ртуть» ва ҳамшабеҳи он дар дигар забонҳои славиянӣ бошад, вобаста ба дигар хусусияти симоб, дар равобит ба серҳаракатии қатраҳои симоб пайдо шудаанд ва дар ин асос маънои луғавии вожаҳои «ҷива, ҷева» оби зинда, яъне моеи ҳаракаткунанда мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абаев В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка: Том 1. А-К / В. И. Абаев – М.-Л.: Изд. акад. наук СССР, 1958. – 655 с.
2. Абдуллозода Х. Физика дар осори олимони Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик (асрҳои IX-XVI) / Х.Абдуллозода, М. Абдуллозода; таҳрири С. Осимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – 460 с.
3. Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ.Ҷ.2./ Муҳаммадҳусайни Бурҳон. - Душанбе: Адиб, 2004. - 424 с.
4. Гамкрелидзе Т.В., Иванов Вяч. Вс. Индоевропейский язык и индоевропейцы (реконст. и историко-типологический анализ праязыка и протокультуры) / Т.В. Гамкрелидзе, Вяч.Вс. Иванов; с предисловием Р.О. Якобсона. Кн. 2. – Тбилиси: изд. Тбилисского Университета, 1984. – 1328 с.
5. Ғиёсуддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.1. / Муҳаммад Ғиёсуддин. - Душанбе: Адиб, 1987. - 480 с.
6. Муҳаммад ибни Маҳмуд ибни Аҳмади Тӯсӣ. Аҷоибнома (Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот) / Тӯсӣ, Муҳаммад ибни Маҳмуд ибни Аҳмад; зери назари С.Назарзода. – Душанбе: Эр-граф, 2016. - 604 с.
7. Микеле Джуа. История химии / Джуа Микеле; перевод с итальянского Г.В. Быкова, под ред. С.А. Погодина. – М.: Мир, 1966. – 452 с.

8. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию / И.М. Оранский. – М.: Наука, 1988. – 389 с.
9. Расторгуева В.С. Краткий очерк фонетики таджикского языка / В.С. Расторгуева. - Сталинабад: Ак.наук Тадж.ССР, 1955. - 80 с.
10. Симфонический санскритско-русский толковый словарь Махабхараты. – М., 2007. – 472 с.
11. Соловьев Ю.И. История химии. Развитие химии с древнейших времен до конца XIX века / Ю.И.Соловьев. - М.: Просвещение, 1983. – 368 с.
12. Тухтасунов О. Основные принципы формоизменения слов / О. Тухтасунов // International scientific journal «Science and world». - № 7. - Vol. 2. - Volgograd, 2016. - P.88-91.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. (иборат аз 2ҷилд). Ҷилди 1. А-О / Зери таҳрири М.А. Шукуров, В.А. Капранов ва диг. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ 2. / Зери таҳрири С.Назарзода, А.Сангинов ва диг. – Душанбе: Адиб, 2008. – 945 с.
15. Фасмер М. Этимологический словарь русского языка. В 4т. Т.3 (Муза- Сят) / М. Фасмер; пер. с нем. и доп. О.Н. Трубачева. -2-е изд. - М.: Прогресс, 1987. – 832 с.
16. Фигуровский Н.А. Открытие элементов и происхождение их названий / Н.А. Фигуровский. - М.: Наука, 1970. – 207 с.
17. Фигуровский Н.А. История химии. Учеб. пос. для студентов / Н.А. Фигуровский. - М.: Просвещение, 1979. – 311 с.
18. Эдельман Д.И. Этимологический словарь иранских языков Т.4. / Д.И. Эдельман; Ин-т языкознания РАН. – М.: Вост. лит., 2011. – 415 с.
19. Эдельман Д.И. Этимологический словарь иранских языков. Т. 5. / Д.И. Эдельман; Ин-т языкознания РАН. – М.: Наука-Вост. лит., 2015. – 566 с.
20. Этимологический словарь русского языка / Составитель Крылов Г.А. – СПб.: ООО «Полиграф услуги», 2005. – 432 с.

ЧАНД НУКТА ОИД БА МЕТАЛЛИ СИМОБ ВА ҲАММАЪНОИИ ВОЖАҲОИ ИФОДАГАРИ ОН ДАР БАЪЗЕ ЗАБОНҲО

Дар мақола аз таърихи истеҳсоли металли симоб ва чанде хусусиятҳои хосси он ёд шуда, дар гузашта онро якҷоя бо сулфур тавлидкунандаи дигар металлҳо пиндоштани мутафаккирони Юнони қадим ва ҳам Шарқ оварда шудааст. Муаллиф дар асоси хосиятҳои ин металл ва такя бар қонунияти фонетикии шаклбадалкунии калимаҳо, номи вожаҳои ифодагари симобро дар бархе забонҳо таҳқиқ карда, аз онҳо маънибардорӣ намудааст. Вожаи тоҷикӣ-форсии «симоб»-ро, ки аз ҷузъҳои “сим” бо маънои “*нуқра*” ва “об”, ки далолати моеъ буданро дорад, бунёдёфта арз намуда, бо номи лотинии он «Hydrargirum» ва юнонии «ὑδράργυρος» ҳаммаъно, бо маънои «*нуқраи моеъ*» овардааст ва қайд намудааст, ки гузаштагон нуқраву симобро на металлҳои гуногун, балки як металл пиндоштаанд ва боз таъкид дорад, ки чун бахше аз таркиби номи симобро номи нуқра ташкил медиҳад, инсон қабл аз симоб ба нуқра шинос будааст. Инчунин, дар мақола нишон дода шудааст, ки номи симоб дар як қатор забонҳои дигар низ ба хусусияти серҳаракатии қатраҳои он тавъам аст. Вожаи дигари ифодагари симоб дар забони форсӣ “ҷива, ҷева”-ро, ки дар баъзе фарҳангҳо онро аз забони арабӣ иқтибосшуда овардаанд, бо далелҳо собит мекунад, ки он вожаи меросӣ аз забони форсии қадим мебошад. Вожаи «ҷива» - ро муаллиф бо шаклҳои булғории номи симоб «живак», озарӣ «ҷива» ҳамзот ва бо ҷузъи «Quick»-и номи олмонии симоб - «Quecksilber», ки онро муҳаққиқон бунёд ёфта аз калимаҳои саксонии «Quick» - *зинда, ҳаракатнок* ва «Silber» - *нуқра* тавзеҳ додаанд, ҳаммаъно медонад. Номи русии симоб “ртуть” - ро низ бо ин маънӣ оварда, гунаи арабии “зайбақ”- “*симоб*”-ро бунёди форсидошта таъкид кардааст.

Калидвожаҳо: этимология, этимологияи номи металлҳо, нуқра, симоб, Аторуд - Меркурий, металли моеъ, ҷива, ҳалкунандаи тилло.

О СЛОВАХ ОБОЗНАЧАЮЩИХ РТУТЬ И ИХ СИНОНИМИЧНОСТИ В НЕКОТОРЫХ ЯЗЫКАХ

В статье приводятся сведения об истории выработки металлической ртути, его специфических особенностях и признание древнегреческих и восточных мыслителей того, что совместно с серой она порождает другие металлы. Также на основе специфических свойств ртути и фонетических закономерностей формоизменения слов, комментируются слова, являющиеся названием ртути в различных языках. Признав таджикско-персидское слово «симоб» синонимом латинского названия ртуть «Hydrargirum» и греческого названия «ὑδράρυρος», автор отмечает, что все они имеют значение «жидкое серебро». Кроме того, указано, что название серебро в целом ряде других языков связано со специфически быстрой подвижностью её капель. Другим словом, обозначающим ртуть, которое считается заимствованным персидским языком из арабского языка, является слово «чива (джива)». Его автор считает синонимичным и родственным с болгарской формой «живак», азербайджанской «чивя (живя)». Их связывает с частью «Quick» – немецкого названия ртути -«Quecksilber», и его этимологию лингвисты связывают с саксонским словом «Quick» – живой и «Silber» - серебро. Отмечается, что русское слово «ртуть» тоже синонимично с указанными словами и появилось на основе подвижности и текучести металлической ртути и арабская форма «зайбаќ (zajbaq)» имеет персидское происхождение.

Ключевые слова: этимология, этимология названий металлов, серебро, Уторид – Меркурий, жидкий металл, ртуть, растворитель золота.

HYDRARGYRUM EQUIVALENTS IN SOME LANGUAGES

The paper deals with history and some specifics of hydrargirum metal which ancient Greek and East scholars considered it the originator of other metals together with sulfur in those ancient times. The author researches the words expressing hydrargirum in some languages based on the properties of this metal and the phonetic rules of word-changes. The Tajik and Persian word «simob» is considered to be consisted of parts “sim” meaning “silver” and “ob” meaning liquid. It is viewed as the equivalent of Latin “Hydrargirum” and Greek «υδράργυρος» meaning «liquid silver». It is noted that ancient scholars didn’t differ silver and hydrargirum as two different metals but considered them one metal. And, it is also underlined that as the first part of the word “simob” is derived from the word “sim” i.e. silver, it shows that people had known about silver long before hydrargirum. As well, it is revealed that the name of hydrargirum relates to moving nature of its drops in a number of other languages. The other word for hydrargirum in Persian language considered to be borrowed from Arabic into Persian by some dictionaries is the word «jiva, jeva». The paper proves by facts that the mentioned word is an inherited old Persian. The author considers that the word “jiva” has the similar root with Bulgarian name of hydrargirum «djivak» and Azerbaijani word «jiva», and the same meaning with a «quick» part of German name of hydrargirum «Quecksilber» considered to be composed of Saxon words «Quick»- living or moving and «Silber»- silver. The author also considers the Russian name of hydrargirum “rtut” have the same meaning with “jiva” and underlines that the Arabic variant of hydrargirum “zaibaq” has Persian origin.

Key words: etymology, etymology of metal names, silver, hydrargirum, Mercury, liquid metal, jiva, gold solvent.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тухтасунов Обиддин*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров, дотсенти кафедраихимияи органикии амалӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, х. Мавлонбеков 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-764-33-32**

Сведения об авторе: ***Тухтасунов Обиддин*** **–** Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, доцент кафедры органической и прикладной химии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-764-33-32**

Information about the author: ***Tukhtasunov Obiddin*** - Khujand State University named after B. Gafurov, associate Professor of organic and applied chemistry. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlonbekova 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-764-33-32**

УДК: 491.550

ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Ёраҳмадзода Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ибораҳои фразеологӣ қисми муҳимму пурғановат ва маъмулу инкишофёфтаи забон ба ҳисоб рафта, бо рехтагиву устуворӣ ва яклухтмаъноии худ барои мукаммалтар гардидани таркиби луғавии забон нақши асосиро бозида, ба яке аз гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ дохил гардидааст. Дар мавриди худи мафҳуми ибора муҳаққиқони зиёди илми забоншиносӣ фикру мулоҳизаҳои хешро баён намуда, онро шарҳу тавзеҳ додаанд.

Муҳаққиқ М. Фозилов дар китоби худ “Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик” дар мавриди ибора сухан ронда, ибораро чунин таъриф додааст: “Маҷмӯи калимаҳо – камаш ду асоси мустақилмаъно, ки мувофиқи қоидаҳои грамматикӣ алоқаманд шудаанд, ибора номида мешавад. Ибора аз алоқаи ду ё зиёда калимаҳои мустақилмаъно ҳосил мешавад” [14, с.30].

Забоншинос М. Қосимова низ ба ин масъала рӯ оварда, чунин менигорад: “Ибораҳо аз ду ё зиёда калимаҳои мустақилмаъно бо ёрии воситаҳои грамматикӣ сохта мешаванд ва як мафҳуми мураккабро ифода мекунанд. Ибораҳо ба ҷузъҳо тақсим мешаванд, ки яке ҷузъи асосӣ буда, дигаре ҷузъи тобеъ аст, ҷузъи асосӣ ҷузъи тобеъро ба худ тобеъ менамояд” [4, с.254].

Дар бобати пажӯҳишҳо дар масоили ибора дар забоншиносии тоҷик метавон якчанд муҳаққиқи ин соҳаро ном бурд, ки бо таълифи мақолаву рисолаҳо, китобу монографияҳои худ ин масъаларо дар мадди аввал гузошта, аз рӯйи хел, хусусиятҳо ва дигар ҷанбаҳои фарогирандаи ибора корҳои таҳқиқотӣ ба анҷом расонидаанд. Аз ҷумла, мақолаҳои забоншиноси барҷастаи тоҷик Д.Т. Тоҷиев “Причастия в современном таджикском литературном языке”, “Осори мунтахаб”, мақолаи профессор Б. Камолиддинов ва И.Л. Николаев “Проблемы изучения словосочетания в современном таджикском языке”, мақолаи забоншинос М. Қосимова “Доир ба ибора дар забони тоҷикӣ”, рисолаҳои илмии муҳаққиқон А. Алиев “Хел ва воситаҳои алоқаи калимаҳо дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ” ва забоншиноси ҷавон С. Қурбонов “Ибораҳои исмӣ дар лаҳҷаҳои Бойсун”, китоби А. Мирзоев “Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ”, китоби забоншинос А. Халилов “Ибораҳои изофӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик”, рисолаи муҳаққиқи ҷавон Х. Камолов “Ибораҳои изофӣ (дар асоси “Таърихи Табарӣ”-и Балъамӣ)” ва амсоли инҳо.

Дар забони адабии муосири тоҷик забоншиносон ибораҳоро дар таҳқиқҳои худ ба навъҳои гуногун ҷудо кардаанд, ки дар баробари онҳо ибораҳои фразеологӣ низ ҷойгоҳу мартабаи хосро доро гардидаанд.

Ибораҳои фразеологӣ чуноне ки дар боло ишора гардид, қисмати аз ҳама калону ғанигардидаи фонди воҳидҳои фразеологии забон ба шумор мераванд.

Муҳаққиқи соҳаи фразеология дар забоншиносии тоҷик Ҳ. Маҷидов доир ба як навъи воҳидҳои фразеологӣ будани ибораҳои фразеологӣ андешаронӣ намуда, чунин менигорад: “Ибораҳои фразеологӣ, бо вуҷуди он ки аз ҷиҳати миқдор қисми калони захираи фразеологии забонамонро ташкил медиҳанд, фақат яке аз навъҳои воҳидҳои фразеологии забонамон мебошанд” [5, с.41].

Дар зери мафҳуми фразеология маҷмӯи ибораҳои махсуси пуробуранги бадеие фаҳмида мешавад, ки ба забони муайян хос буда, аз як забон ба забони дигар айнан тарҷума намешаванд. Ин хел ибораҳо дар ифодаи маъно ва шаклу таркиб устуворанд [1, с.20].

Забоншинос М. Қосимова ибораҳои фразеологиро дар китоби хеш “Таърихи забони адабии тоҷик” чунин таъриф додааст: “Ду ё зиёда калимаҳои мустақилмаънои ба ҳам марбути маънои бутуну яклухтдоштаро, ки бо ёрии воситаҳои грамматикӣ алоқаманд мегарданд ва ба ҷузъҳои синтаксисӣ ҷудо намешаванду як мафҳумро мефаҳмонанд, ибораҳои фразеологӣ (воҳидҳои фразеологӣ) меноманд” [4, с.112].

Забоншинос Б. Камолиддинов доир ба соҳаи фразеология андешаронӣ намуда, менигорад: “Ибораҳои фразеологӣ як ҳиссаи бойгарӣ ва ҳусну таровати ба худ хосси воҳидҳои фразеологии забони миллӣ ба шумор мераванд. Бештари онҳоро халқ меофарад. Аз ин лиҳоз, манзараҳои воқеии ҳаёти моддию маънавии ӯро саҳеҳу муъҷаз ва хеле равшан инъикос менамоянд ва бо ин хусусияташон чун як қисмати муҳимми лексикаи осори бадеӣ аҳаммияти бузурге пайдо мекунанд” [3, с.58].

Забоншинос М. Саломов воҳидҳои фразеологиро шаҳр дода, мегӯяд: “Воҳидҳои фразеологӣ яке аз муҳимтарин воҳидҳои луғавии ҳар як забон ба шумор рафта, инъикоскунандаи таҷрибаи таърихии соҳибони забон, офарандагони адабиёт, таърих, фарҳанг, урфу одат, расму оин, муносибату муошират, иҷтимоиёт ва муайянкунандаи қонуниятҳои таърихии раванди инкишофу забону ҳолати рӯҳии соҳибзабонон низ маҳсуб мешаванд” [8, с.206].

Ибораҳои фразеологӣ аз ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаъно ташкил ёфтаанд, алоқаи байни ин калимаҳо зоҳиран тобеъ аст, яъне яке аз ҷузъҳои таркиби калимаҳои дигарро ба худ тобеъ мекунад [6, с.25].

Ҷиҳати асосиву муҳимми ибораҳои фразеологӣ чун ҳамаи намудҳои воҳидҳои фразеологӣ дар устуворii лексикӣ ва ифодаи маънои яклухти онҳо зоҳир мешавад. Ибораҳои фразеологӣ баръакси ибораҳои синтаксисӣ дар қолаби воҳидҳои рехтаи забон як мафҳуми бутунро ифода мекунанд. Чунончи, “нуқтаи назар” – ақида, назар; “бедарди

миён” – муфт; “чашми танг” – хасисӣ; “забон баровардан” – гап задан; “лаб фурӯ бастан” – хомӯш шудан ва монанди инҳо [5, с.40].

Дар мақолаи мазкур сайъ карда мешавад, то яке аз гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ, яъне “Ибораҳои фразеологӣ дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ” мавриди баррасӣ қарор бигирад.

Ибораҳои фразеологиро аз ҷиҳати сохт ба навъҳои зиёд ҷудо кардаанд. Муҳаққиқ Ҳ. Маҷидов ибораҳои фразеологиро ба гурӯҳҳои зерин тасниф намудааст:

Гурӯҳи якум, ки аз ҳама серистеъмолтарин ибораҳои фразеологӣ дар фонди луғавии забонамон мебошанд, ибораҳои изофии фразеологӣ ба шумор мераванд, ки онҳоро дар навбати худ ба шохаҳои зиёде ҷудо кардан мумкин аст. Чанд мисол дар умум аз шохаҳои он: “хандаи субҳ”, “хаёли хом”, “фикри пухта”, “гурги борондида”, “мурғи посӯхта”, “тоҷи хурӯс”, “ошиқи печон”.

Гурӯҳи дуюми ибораҳои фразеологӣ аз рӯйи қолабҳои ибораҳои пешояндиву пасояндӣ ба вуҷуд омадаанд: “пеш аз ҳама”, “қабл аз вуқӯъ”, “аз дилу ҷон”, “ба чашм намоён”, “бо як овоз”, “мӯру малах барин”, “нӯги нохун барин”, “ба дил гирифтан”, “аз сар гузаронидан” ва монанди инҳо.

Дар гурӯҳи сеюм танҳо тартиби муайяни ҷузъҳо дида мешавад. Мисол: “забон баровардан”, “даст задан”, “сар додан”, “як зайл”, “ягон вақт”, “гап ҳамин” ва ғайра.

Ибораҳои фразеологиеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар асоси ибораҳои синтаксисии бо воситаҳои гуногуни грамматикӣ сохташуда ташкил ёфтаанд. Чунончи, “ба ибораи дигар”, “аз сари нав”, “ба қадри имкон”, “як сари қадам”, “забони бад расонидан”, “дами беғам задан”, “бо дасти чап хестан” ва ғайра [5, с.42-43].

Оид ба ҳама гуна навъҳои ибораҳои фразеологӣ як қатор рисолаҳову мақолаҳои таълифнамудаи муҳаққиқони забоншинос дар илми забоншиносии тоҷик ба назар мерасанд. Аз қабили забоншиносон Б. Махсумова дар мавзӯи “Ибораҳои фразеологӣ бо калимаи “даст”, Ҳ. Маҷидов дар мавзӯи “Ибораҳои фразеологии феълӣ”, А. Сангинов дар мавзӯи “Ибораҳои фразеологӣ дар фарҳанги “Баҳори Аҷам”, рисола дар хусуси “Ибораҳои фразеологии изофӣ”-и П. Холов, И. Ҳасанов “Дар бораи ибораҳои фразеологии синонимӣ”, “Дар бораи як типи ибораҳои фразеологии антонимӣ” ва монанди инҳо [5, с.101-103].

Дар қисмати ҷустуҷӯйи намунаҳо аз ғазалҳои Саъдӣ чунин ибораҳои фразеологӣ ба назар расиданд, ки мо дар мақолаи худ ба таснифи онҳо дар мадди аввал ба таснифоти забоншинос Ҳ. Маҷидов такя намудем, ки чунин аст:

1. **Ибораҳои изофии фразеологӣ:**

“**Ошиқи печон”.** Шахси ошиқ, ки гирифтори маҳбубааш шудаасту гирди ӯ ҳалқа мезанад [10, с.90].

Ба пойи хештан ояд ошиқи печон ба камандат,
Ки ҳар киро ту бигирӣ, зи хештан бираҳонӣ [9, с.19].

“Ғуломи ҳалқабаргӯш”. Дар фарҳанг ба ду маънӣ омадааст:

1. Он ки ҳамчун нишонаи ғуломӣ ба гӯшаш ҳалқа овезон кардаанд;
2. Шахси фармонбардор; хизматгори садоқатманд ва итоаткор [10, с.387].

Ғуломи ҳалқаи симини гӯшвори туам,
Ки подшоҳи ғуломони ҳалқабаргӯшӣ [9, с.30].

Ибораи фразеологии байти боло фарогири маънои дуюм, яъне шахси фармонбардор мебошад.

Шоир дар як байт ду ибораи фразеологиро якбора истифода намуда, онҳоро чунин овардааст:

“**Сарви равон”.** Киноя аз ёри хушқаду қомат, хушгуфтор [10, с.210].

“Гули хандон”. 1. Гули шукуфта; 2. Ҷавони шоду хандон [10, с.335].

Бисёр бувад сарви равону гули хандон,
Лекин на бад-ин сурату боло, ки ту дорӣ [9, с.35].

Ибораҳои фразеологии байт, яъне “сарви равон” ва “гули хандон” ба маънои ҷавони шоду хандон дар ғазал истифода шудааст.

“**Хандаи субҳ”.** Ба маънии дамидани субҳ [11, с.423].

Ҳам агар умр бувад домани коме ба каф ояд,
Ки гул аз хор ҳамеояду хандаи субҳ аз шаби торе [9, с.37].

“**Шӯри ишқ”.** Ба маънои сӯзу гудоз, дарду ғами ишқ [11, с.279].

Саъдиё, шӯри ишқ мегӯяд
Суханонат, на табъи ширингӯйӣ [9, с.65].

“Оби ҳаёт”. 1. Мувофиқи ривоёт чашмае, ки ба нӯшидани оби он гӯё инсон зиндагии абадӣ меёфтааст; 2. Оби дарёе, ки ба заминҳо таровату ободӣ мебахшад [11, с. 11].

Бар марги дил хуш аст дар ин воқеа маро,
К-оби ҳаёт бар лаби ёқутфоми ӯст [9, с.66].

Ибораи фразеологии “оби ҳаёт” дар байт ба маънии аввал, яъне чашмае, ки аз нӯшидани оби он шахс зиндагии абадӣ мегирад, омадааст.

“**Нури дида”.** Ба маънои шахси азизу муҳтарам [10, с.945].

Инон магар зи раҳмати маҳз офаридаанд,
К-ороми ҷону унси дилу нури дидаанд [9, с.106].

2. Ибораҳои фразеологии пешояндиву пасояндӣ:

“**Ба ҷон расидан”.** Ба маънои безор шудан, ниҳоят дилгир шудан [10, с.151].

Ки гар ба ҷон расад аз дасти душманонам кор,
Зи дӯстӣ накунам тавба ҳамчунон эй дӯст [9, с.81].

“Ҷон ба лаб омадан” маънии ба танг омадан, безор шуданро додааст: [14, с.353].

Бас гурсина хуфту кас надонист, ки кист,
Бас ҷон ба лаб омад, ки бар ӯ кас нагирист [9, с.138].

“Ҷон ба даҳон омадан”. Ба маънии безор шудан, азобу машаққати зиёд кашидан [14, с.654].

З-он айн, ки дидӣ асаре беш намондаст,
Ҷоне ба даҳон омада дар ҳасрати коме [9, с.83].

“Дуд ба сар баромадан”.

Завқе чунон надорад бе дӯст зиндагонӣ,
Дудам ба сар баромад з-ин оташи ниҳонӣ [9, с.28].

Дар байти боло ибораи фразеологии “дуд ба сар баромадан” маънои ба танг омадан, безор шудан, ба сутӯҳ омаданро ифода кардааст [14, с.353].

“Дил ба даст овардан”. “Дил ба даст овардан” ба маънои дили касеро шефтаю мафтуни худ гардонидан маънидод шудааст [13, с.282].

Паём додаму гуфтам, биё, дилам ба даст ор,
Ҷавоб додиву гуфтӣ, ки ман дилхушам бе ту [9, с.259].

3.Ибораҳои фразеологии бо тартиби ҷузъҳо ифодаёфта:

“**Сар додан”.** Дар фарҳанг ба маъноҳои гуногун омадааст:

1. Раҳо кардан (масалан, гӯсфандро ба чаро);
2. Худро фидо кардан, аз ҷони худ гузаштан;
3. Талоқ додан (зани худро);
4. Озод кардан (аз банду қайд);
5. Дар феълҳои таркибӣ омада якбора рӯй додани амалеро нишон медиҳад.

Дар байти зерин ибораи фразеологии “сар додан” ба маънои худро фидо кардан, аз ҷони худ гузаштан мавриди корбурд қарор гирифтааст [11, с. 208].

Саъдиё, дар пойи ҷонон гар ба хидмат сар диҳӣ,
Ҳамчунон узрат бибояд хостан тақсирро [9, с.54].

“**Қасди ҷон доштан”.** Ба маънии азм ва нияти куштани касеро кардан [10, с.672].

Эй, ки қасди ҷони ман дорӣ,
Сабр кун, то бубинамат назаре [9, с.18].

“**Ҷон додан”** ҳамчун воҳиди фразеологӣ ба маънои ҷони худро дар роҳи касе ё чизе қурбон кардан, мурдан дар байти зер мавриди истифода қарор дорад [12, с.655].

Дар ҳалқаи корзор ҷон додан
Беҳтар, ки гурехтан ба номардӣ [9, с.7].

“Дил бурдан”. Шефта кардан, ошиқ, мафтуни худ гардонидан [12, с.363].

Аз гулу маҳу парӣ дар чашми ман зеботарӣ,
Гул зи ман дил бурд ё маҳ ё парӣ? Не. Рӯйи ту [9, с.152].

бораҳои фразеологии “ба ҷон расидан”, “қасди ҷон доштан”, “ошиқи печон” , “ғуломи ҳалқабаргӯш”, “сарви равон”, “гули хандон” , “хандаи субҳ”, “сар додан”, “шӯри ишқ”, “оби ҳаёт”, “нури дида” ва чандеи дигар дар ҷадвали зерин ба гурӯҳҳо тасниф шуда чунин омадаанд:

Ибораҳои фразеологӣ дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ

Ибораҳои фразеологии изофӣ	**Ибораҳои фразеологии пешояндиву пасояндӣ**	**Ибораҳои фразеологӣ бо тартиби чузъҳо**
Ошиқи печон; Ғуломи ҳалқабаргӯш; Бахти баланд; Сарви равон; Гули хандон; Хандаи субҳ; Шӯри ишқ; Оби ҳаёт; Нури дида.	Ба ҷон расидан; Ҷон ба лаб омадан; Ҷон ба даҳан омадан; Дуд ба сар баромадан; Ҷон дар қадам рехтан.	Сар додан; Қасди ҷон доштан; Дил гирифтан; Ҷон додан; Тарки ҷон гуфтан; Сар рафтан; Дил додан; Дил бурдан; Ишқ варзидан.

Дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ ба монанди байтҳои дар боло дарҷгардида метавон як қатор ибораҳои фразеологиеро мушоҳида кард, ки тавонистаанд бо ҷаззобияти худ дили хонандаро ба тасхир оранд.

Ин ибораҳои фразеологиро дар навбати дуюм ба гурӯҳҳои ибораҳои фразеологии феълӣ ва ибораҳои фразеологии номӣ ҷудо намудаем, ки дар ин масъала рӯ овардаем ба таснифоти забоншинос М. Қосимова.

1. **Ибораҳои фразеологии феълӣ.**

“**Дил рафтан”** ва **“Ҷон парваридан”.**

“Дил рафтан” дар фарҳанг ба ду маъно омадааст: 1). Ба чизе майлу рағбат пайдо кардан; 2). Қуввати касеро гирифтан.

“Дил рафтан” ҳамчун ибораи фразеологӣ дар байти зерин маънои қуввати касеро гирифтанро додааст [10, с.66]. Ибораи фразеологии “ҷон парваридан” бошад, маънои боиси мадор ва қувват шудани чизе ба касеро доро аст [14, с.652].

Меравию андар паят дил меравад,
Боз меоиву ҷон мепарварӣ [9, с.26].

“Рӯй тофтан” – ба маънои рӯй гардонидан [11, с.343].

Рӯй тофтӣ аз мани мискин, ҷоно,
Ҳамеша заҳри фироқат ҳамечашам бе ту [9, с.259].

“Даст кашидан” – аз баҳри чизе ё касе гузаштан [10, с.452].

Он киро, ки дида дар ту рафт,
Зи ӯ даст кашидӣ, эй сарви хиромон [9, с.10].

“**Меҳр бастан”.** Ибораи фразеологии “меҳр бастан” ба маънои нағз дидан, ба касе дил бастан [12, с.238]:

Эй кош, к-он дилбари айёр, ки ман меҳр бастам,
Бори дигар бигузашт, ки кунад зинда ба бӯям [9, с.143].

“Тарки ҷон гуфтан” яке аз воҳидҳои фразеологии серистеъмолтарин буда, ин ибораи фразеологӣ дар шакли тафсилёфта дар ғазалиёти Саъдӣ ба маънои баромадани ҷон аз бадан ба кор рафтааст [14, с.50]. Чунончи:

Мо тарки ҷон аз аввали ин кор гуфтаем,
Онро, ки ҷон азиз бувад, дар хатар бувад [9, с.115].

“Ҷон бохтан”. Ин ибораи фразеологӣ маънои барои касе ё чизе худро фидо карданро ифода мекунад [14, с.654].

Ҷон бохтан ба кӯят дар орзуи рӯят,
Донистаам, валекин хунхори ногузирӣ [9, с.33].

“Дил кандан”. “Дил кандан” ба маънои аз касе дили худро гирифтан, бозпас гардонидан дар байти зерин тафсил ёфта, мавриди истеъмол аст [12, с.440].

Макун рағбат ба ҳар сӯе ба ёрони пароканда,
Ки ман дил аз дигар ёрон зи ҳар сӯе кандам [9, с.253].

“Дил шикастан”. Ба маънои дили касеро малул кардан, дили касеро шикастан [12, с.448].

Ман чаро дил ба ту додам, ки дилам мешиканӣ?
Ё чӣ кардам, ки нигаҳ боз ба ман менакунӣ? [9, с.18].

“Меҳр баркандан”. “Меҳр баркандан” ба маънои дил кандан аз касе [11, с.239].

Чӣ боз дар дилат омад, ки меҳр баркандӣ,
Чӣ шуд, ки ёри қадим аз назар бияфкандӣ [9, с.9].

1. **Ибораҳои фразеологии номӣ.**

“Дили нарм” – “дили сахт”. Дар байти зерин шоир ду ибораи фразеологии номиро ба кор бурдааст:

Лабат, донам, ки ёқут асту тан сим,
Намедонам, ки дили нарм дорӣ ё сахт [9, с.40].

Ибораи фразеологии “дили нарм” дар фарҳанг ба маънои дили бораҳм, дили меҳрубон [13, с.123] омадааст, ибораи фразеологии “дили сахт” ба маънои дили бетараҳҳум, дили хасис дар байт мавриди корбурд қарор гирифтааст [10, с.226].

“Чашмаи чашм” ба маънои ашк, оби дида.

Намешояд гирифтан чашмаи чашм,
Ки дарёи дарун меоварад ҷӯш [9, с.484].

“**Ороми дил” ва “марҳами ҷон”** ба маънои боиси осудагии хотир, роҳату осоиши дилу ҷон, тасаллобахши дил, ороми ҷон [11, с.224].

Эй зоти шарифу шахси рӯҳонӣ,
Ороми дилию марҳами ҷонӣ [9, с.21].

Ибораҳои фразеологие, ки ба гурӯҳҳои ибораҳои фразеологии феълӣ ва ибораҳои фразеологии номӣ дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ тасниф гардидаанд, дар ҷадвали зерин чунин омадааст:



Ҳамин тариқ, ибораҳои фразеологӣ навъи аз ҳама серистеъмолтарин дар системаи фразеология маҳсуб меёбанд. Ҳангоми баррасӣ бо такя ба ду навъи таснифоти ибораҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ ибораҳои фразеологии ғазалиёти Саъдии Шерозиро гурӯҳбандӣ намудем.

Вобаста ба таснифоти аввал, ки ибораҳои фразеологӣ ба 3 гурӯҳ - ибораҳои фразеологии изофӣ, ибораҳои фрзеологии пешояндиву пасояндӣ ва ибораҳои фразеологии бо тартиби ҷузъҳо ифодаёфта ҷудо шудаанд, дар ғазалиёти Саъдӣ аз ҳама бештар навъи ибораҳои фразеологии изофӣ дучор омаданд.

Аз рӯйи таснифоти дуюм, ки ба ибораҳои фразеологии феълӣ ва ибораҳои фразеологии номӣ тақсимбандӣ гардидаанд, дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ ибораҳои фразеологии феълӣ нисбат ба ибораҳои фразеологии номӣ бештар истифода шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Дурахши маънӣ (Мунтахаби мақолаҳои илмӣ). – Душанбе: Сино, 2013. – 132 с.
2. Забон – рукни тоат (маҷмӯаи мақолаҳо). Китоби шашум. – Душанбе, 2013. – 239 с.
3. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. Монография / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 186 с.
4. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX – X). Ҷилди 1. Китоби дарсӣ / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2012. – 566 с.
5. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони адабии ҳозираи тоҷик. Монография / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 103 с.
6. Маҷидов Ҳ. Таркиби лексикии воҳидҳои фразеологӣ / Ҳ. Маҷидов // Мактаби Советӣ. – 1986. - № 10. – С.25-28.
7. Мирзоева М.М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С. Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ. Монография / М.М. Мирзоева. – Душанбе: Матбуот, 2008. – 160 с.
8. Саломов М. Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозии фразеологии забони шеъри тоҷикӣ (дар асоси ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV). Монография / М. Саломов. - Душанбе, 2017. – 266 с.
9. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷ.2 / Саъдии Шерозӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – 416 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – М.: С, Э, 1969. – 951 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. – М.: С, Э, 1969. – 949 с.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – Душанбе, 2008. – 950 с.

13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. – Душанбе, 2008. – 945 с.
14. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта (фарҳанги фразеологӣ). Дар ду ҷилд / М. Фозилов. – Душанбе, 1963. – Ҷ.1. - 952 с; 1964. – Ҷ.2. - 802 с.

ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Дар ин мақола яке аз гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ, яъне ибораҳои фразеологӣ дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф ҳангоми таҳқиқоти маводи марбут ибораҳои фразеологиро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, бо овардани намунаҳо аз ғазалиёти Саъдӣ шарҳ медиҳад. Бояд зикр кард, ки ибораҳои фразеологӣ қисми муҳимму пурғановат ва маъмулу инкишофёфтаи забон ба ҳисоб рафта, бо рехтагиву устуворӣ ва яклухтмаъноии худ барои мукаммалтар гардидани таркиби луғавии забон нақши асосиро бозида, ба яке аз гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ дохил гардидааст. Мусаллам аст, ки ибораҳои фразеологӣ навъи аз ҳама серистеъмолтарин дар системаи фразеология маҳсуб меёбад. Ҳангоми баррасӣ бо такя ба ду навъи таснифоти ибораҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ ибораҳои фразеологии ғазалиёти Саъдии Шерозиро гурӯҳбандӣ намудем. Вобаста ба таснифоти аввал, ки ибораҳои фразеологӣ ба 3 гурӯҳ – ибораҳои фразеологии изофӣ, ибораҳои фрзеологии пешояндиву пасояндӣ ва ибораҳои фразеологии бо тартиби ҷузъҳо ифодаёфта ҷудо шудаанд, дар ғазалиёти Саъдӣ аз ҳама бештар навъи ибораҳои фразеологии изофӣ дучор омаданд. Аз рӯйи таснифоти дуюм, ки ба ибораҳои фразеологии феълӣ ва ибораҳои фразеологии номӣ тақсимбандӣ гардидаанд, дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ ибораҳои фразеологии феълӣ нисбат ба ибораҳои фразеологии номӣ бештар истифода шудааст. Зиёд будани ибораҳои фразеологӣ дар ғазалҳои Саъдӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар асри XIII ниҳоят ғаниву рангин будааст ва бомавқеву моҳирона истифода кардани онҳо аз ҷониби шоир маҳорати баланди сухандонии ӯро нишон медиҳад.

Калидвожаҳо: ибора, ибораҳои фразеологӣ, фразеология, забони тоҷикӣ, ғазалиёти Саъдии Шерозӣ, ибораҳои фразеологии изофӣ, ибораҳои фразеологии пешояндиву пасояндӣ, ибораҳои бо тартиби ҷузъҳо ифодаёфта, ибораҳои фразеологии феълӣ, ибораҳои фразеологии номӣ.

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ВЫРАЖЕНИЯ В ГАЗЕЛЯХ САДИ ШИРОЗИ

В данной статье рассматривается одна из групп структуры фразеологических единиц, т. е. фразеологические выражения в газелях Саади Ширози. Автор при анализе фактического материала, распределив их на группы, обосновывает их примерами, приведенными из газелях Саади. Следует отметить, что фразеологические выражения являются основной, богатой, важной и развитой частью языка, со своей структурой и устойчивостью играют важную роль в улучшении лексической структуры языка и принадлежат к одной из групп фразеологических единиц. Безусловно, фразеологические выражения являются самыми продуктивными в фразеологической системе. При рассмотрении, опираясь на два вида классификации фразеологических выражений в таджикском языке, в газелях Саади Ширози классифицировали фразеологические выражения. Согласно первой классификации, в которой фразеологические выражения распределяются на 3 группы – изафетные, приставочно-суффиксальные фразеологические выражения и фразеологические единицы, выраженные составными частями, в газелях Саади Ширози больше всего встречаются изафетные фразеологические выражения. Согласно второй классификации, которая делится на глагольные и именные фразеологические выражения, в газелях Саади Ширози, по сравнению с именными, больше всего употребляются глагольные фразеологические выражения. Употребление фразеологических выражений в газелях Саади Ширози свидетельствует о том, что словарный состав таджикского литературного языка XIII века был богатым и разнообразным и их уместное употребление поэтом говорит о его высоком таланте как знатока слова.

Ключевые слова: выражение, фразеологические выражения, фразеология, таджикский язык, газели Саади Ширози, изафетные фразеологические выражения, приставочно-суффиксальные фразеологические выражения, фразеологические единицы с выраженными составными частями, глагольные фразеологические выражения, именные фразеологические выражения.

PHRASEOLOGICAL EXPRESSIONS IN GAZELLE SAADI SHIROZI

In given become is considered one of the groups of the structure of the phraseological units, t. e. phraseological expressions in gazelle Saadi Shirozi. The author at analysis of the actual material, having distributed them on groups, justify their example, brought from gazelle Saadi. It should be noted that phraseological expressions are the main, rich, important and developed part of the language, with their structure and stability play an important role in improving the lexical structure of the language and belong to one of the groups of phraseological units. Certainly phraseological expressions are the most productive in phraseological system. When considering, resting in two types of the categorization of the phraseological expressions in tadzhik language, in gazelle Saadi Shirozi classified the phraseological expressions. According to first categorization, in which phraseological expressions are distributed on 3 groups – izafetion, prefixed-suffixed phraseological expressions and phraseological expressions by component parts, in gazelle Saadi Shirozi most all meet izafetion phraseological expressions. According to the second categorization, which is divided on verbs and names phraseological expressions, in gazelle Saadi Shirozi in contrast with names most of all are used the verbs phraseological expressions. Using the phraseological expressions in gazelle Saadi Shirozi is indicative of that vocabulary composition of

the tajik literary language in XIII age was rich and varied and their appropriate use on the part of poet shows about his high talent as connoisseur of the word.

Key words: expression, phraseological expressions, phraseological, tadzhik language, gazelle Saadi Shirozi, izafetion phraseological expressions, prefixed-suffixed phraseological expressions, phraseological expressions by component parts, verbs phraseological expressions, names phraseological expressions.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ёраҳмадзода Ш.Х.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17.
Тел.: **(+992) 987-36-93-94**

Сведения об авторе: ***Ёрахмадзода Ш.Х.*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. Тел.: **(+992) 987-36-93-94**

Information about the author: ***Yorahmadzoda Sh. Kh.*** - Tajik National University, graduate student of the Department of History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17.
Tel.: **(+992) 987-36-93-94**

УДК: 491.550:621

КАЛИМАҲОИ ХОССИ ШЕВАИ ИФОДАГАРИ МАФҲУМҲОИ ТИББИВУ БИОЛОГӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ТОҶИКӢ

Қурбонов С.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Қисмати лексикии лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба таври зарурӣ мавриди тадқиқ қарор нагирифтааст. Бо таъсири забони адабӣ маҳдуд шудани доираи лаҳҷаҳо зарурати омӯзиши лаҳҷаҳои тоҷикиро бештар мегардонад. Дар қабати лексикии лаҳҷаҳои тоҷикӣ калимаҳои хосси шева мавқеи муҳимро касб менамоянд. Дар забоншиносии тоҷик калимаҳои хосси шева ба таври зарурӣ омӯхта нашуда, дар шинохти меъёри забонии ин қабати лексикӣ забоншиносон андешаи ягона надоранд. Аз таҳқиқи асарҳои мансуб ба лаҳҷашиносии тоҷик бармеояд, ки муҳаққиқон дар корҳои илмии худ ба ин мавзӯъ камтар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд ва «нуқтаи назари бештари аҳли тадқиқот фақат бо зоҳирбинӣ маҳдуд монда, шарҳи илмии масъаларо ба тамом дар бар намегирад” [10, с.62]. Барои бозгӯии хусусиятҳои забонии ин гурӯҳи лексикӣ, омӯзиши роҳҳои ташаккули он дар асоси таснифоти мавзӯӣ (тематикӣ) заминаи мусоиди илмӣ фароҳам меорад.

Дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ калимаҳои ифодагари мафҳумҳои тиббиву биологиро чун қабати алоҳидаи лексикӣ метавон тасниф намуд, ки ташаккули онҳо аз омилҳои гуногуни забониву таърихӣ, фарҳангӣ ва ғ. сарчашма мегирад. Доираи истеъмол, ифодаи маъноӣ ва сохти морфологии ин қабати лексикӣ дар забоншиносии тоҷик ниёз ба омӯзиш дошта, ин масъала дар даврони муосир диққати муҳаққиқони соҳаро бештар ба худ ҷалб намудааст [ниг.: 6, с.27]. Олимони соҳа ин қабати лексиро ҳамчун ифодагари ташаккули фарҳанги умумиинсонӣ бозгӯӣ намудаанд [7, с.4].

Дар асоси баррасии маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи ҶӮ ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ин қабати лексикиро вобаста ба ифодаи мафҳум ба ин зергурӯҳҳо метвон тасниф намуд: а) гурӯҳҳои **тиббӣ**: *аксавара // акъсвара* –девонавазъ (Нӯшор); **аласма** (Ҷавдор) саръ, масруъ (касалӣ); **бисмил** (Нилу) – як навъи захм; **айратиру** (Ғеш) рихинак, гармичаи рӯй; **айру** (Хуфар) – шукуфаи тар; **айрун** (Сина) шукуфа; **ғарм** (Даштиҷум) – як навъ касалии ҳайвонот; **даба** (Ҳакимӣ) – дабба, чурра, боди фатақ; **пъхч** (Даштиҷум) – насибахӯрак, захми (обилаи) нӯги забон; **сурон** (Қӯрғонча) – зуком; **тапча** (Хумдон, Шуле) – доначаҳои сурх, ки дар бадан мебарояд; **тол** (Дарбанд) – як навъ касалии ҳайвоноти хонагӣ; **хурусони́** (Нилу) – гулӯзиндонак; **ҳасаб** (Кӯлдара, Наврӯҳо) – бемории сирояткунандаи ҳайвонот; **ҳаспа** (Кӯлобии Ҳисор) – домана, ҳасба; навъи бемории пӯст, ки мисли сурхча (сурхакон) медамад; **чънг** (Ҷанубии Кӯлоб) – бемории фалаҷ (шал) ва ғ.;

б) ***анатомӣ***: *алъхша* – ҷоғ (Лахш); **анголак** (Санги Маликӣ, Қӯрғонча, Сина) – ҷоғ; **барға** (Ғарбии Кӯлоб, Кӯлобии Ҳисор) –қафаси сина; **доли** (Пилдон, Қӯшағба) – шона; **карок** (Доробӣ) – хекиртак; **кърак** (Хонақо, Ховалинг) – чуқурчаи зери хекиртак; (Данғараи Боло) устухони бинӣ; **лахшов** (Ғорон) –ҷоғ; **малағда**: **малағдайи сар** (Шимолии Кӯлоб) – нармии фарқи сари кӯдак; **мангал** (Самсолиқ, Ховалинг, Шашволон) –дасту пой; (Дари Ниҳон) шаклу шамоил; **тълох** (Вахё) –испурч, сипурз, супурз ва ғ.;

в) **зоологӣ:** *алибоч // алибоҷ* – калхот, парандаи морхӯр, чӯҷабар – Шимолии Кӯлоб); **аласпа** (Ниёзбегиён, Марғзори Сир) – як навъи гунҷишки алобулои болаш сурхчатоб; **амбу** (Кӯлоб) – як навъи занбӯре, ки дар танаи сангу харсангҳо аз регу лой лона месозад; **аша** (Вахё) – як хел гамбускчаи лӯнда; **баари́** (Порвор) – лочин; **боврик** (Хумдон) – як навъи паранда аз ҷинси кабк; **воғ** (Лангари Шоҳ) – парандаи хокистарранг аз ҷинси уқоб; (Қаротегинӣ); **вос** (Ғорон) – каллаи гӯсола; **гълела** (Ниёзбегиён) – парандаи бедонамонанд; **ғълба** (вахёӣ-қаротегинӣ) – акка, алошақшақа; (тоҷикони Вахон, Шимолии Кӯлоб) саги пешонасафед; саги алобуло; **жанг** (тоҷикони Вахон) – ришк, мағлесак; **залич** (Доробӣ, Даштиҷум, Кангурт, Лангари Шоҳ, Нӯшор, Кишти Поён, Самсолиқ) – паранда аз ҷинси гунҷишк; **иқра** (Кулумбаи Боло) – кирми зери пӯсти гов; **калар** (Пилдон) – калламуш; **карбас** (Нилу) – калтакалоси хурдчуссаи заҳрнок; **лумай//лъмай** (Шимолии Кӯлоб) – парандаест, аз ҷинси гунҷишк; **сама** (Зевар, Маланд) – як навъи ҳашорот, ки рӯ-рӯйи об парвоз кунад; **сичиғна** (Хиҷборак, Ярхаб) – як навъи паранда аз ҷинси боша; табу (Обиборик); як навъи занбӯр; **чарда** (Бадахшон) – мурғи ҳилол, як навъ парандаи кӯҳӣ аз ҷинси кабк; шем (Токак) – навъи такка; **шуг** (Қалъанак, Ялдамич) – як навъи кирм; **шунг** (Бадахшон) – гӯшмоҳӣ, садаф ва ғ.;

г) ботаникӣ: *варқо* – кабӯтари ёбоӣ (Дараи Ниҳон); **андалғаз** (Қозидеҳ) – буттаи кӯҳӣ; **анқор** (Қӯрғонча, Сина) – як навъи гиёҳи кӯҳии хушбӯй; **асвош** (Кӯлобии Ҳисор) – гиёҳ; **аҷик** (Ҷанубии Кӯлоб) – гиёҳи саҳроӣ; **бориҷе** (Кӯлобии Ҳисор) – гиёҳ аз ҷинси камол (ров); **вагина** (Хуфар) – растании талхмаза; **вағнич** (Кӯлобии Ҳисор, Ромит) – навъе буттаи кӯҳӣ; **виғна** (Дари Ниҳон, Сина) // **биғна** (Қӯрғонча) – як навъи растании сӯзанбарг; **ғъжда** (Навдонак) – ҷойи барҷастаи танаи дарахт; **ғъҷа** (Самсолиқ) – ширеши дарахт; **жоба** (Порашт) – газна; **зағ** (Бадахшон) – растании хордори кӯҳӣ; **исфарза** (Дари Ниҳон) – навъи гиёҳи кӯҳӣ; **йаранно** (Дари Ниҳон) – як навъи ҳино; **йорти́** (Бадахшон) – қарақоти кӯҳӣ; **кажур** (Дари Ниҳон) – як навъ гиёҳи кӯҳии шифобахш; **какра** (Ӯшор) – навъи растании талх; **калмоч** (Нилу) – як навъ гиёҳи кӯҳӣ; **калоф** (Хумдон, Шулмак) – як навъи растанӣ; **касруф** (Кӯлобии Ҳисор) – навъи растании аввали баҳор; **кек** (Ховалинг) – килк, қамиш; **кинг** (Вахёӣ-Қаротегинӣ) – алафи баргҳояш караммонанд; **кучала//къчала** (Қаротегинӣ) – растании давоӣ; **кълок** (Гурдхам) – ношпӯтӣ; **кърахка** (тоҷикони Вахон)– растании кӯҳӣ; **къруш//куруш//къръш** (Вахёӣ-Қаротегинӣ) – растании офтобпарастмонанд; **лифток//лифтоқ** (Шимолии Кӯлоб, Ғарбии Кӯлоб) // **лъфток//лъфтоқ** (Ҷанубии Кӯлоб) // **дефток** (Бойсун, Қӯрғонча) – буттаест чун токи ангур; **лосвеш** (тоҷикони Вахон) – як навъи растании кӯҳӣ; **манглух** (Ҷанубии Кӯлоб) – растанӣ аз ҷинси най (қамиш); **марз** (Вахёӣ-Қаротегинӣ) – растании буттагӣ; **модел//модил** – гиёҳи баргаш ба сир монанд; **модрағ** (Ғорон, тоҷикони вахон) – хома, эфедра; **мундос** (Ёхсу) – растании сершира; **пардам** (Қаротегин) – як навъ гиёҳи истеъмолӣ; **патрум // патръм** (Қалъанак, Ялдамич) – растании паҳнбарг; **пуш** (Сина) – растании буттагӣ; **пӯда** (Сина) – мавизи навъи паст; **пърк** (Данғараи Боло, Кангурт, Даштиҷум, Кишти Поён) – пиёзи кӯҳӣ; **пъчахч** (Бадахшон) – лӯбиёи норасида (нопухта); **сано** (Кӯлдара, Наврӯҳо) – як навъ гиёҳи баргаш ба барги бед монанд; **сатри́** (Сангдара, Лағмон, Зиракӣ, Даҳана) – як навъи алаф; **сива** (Карш, Хуфар) – буттаи хорноки кӯҳӣ; **сира** (Хумдон, Шулмак) – латтахор; **сури** (Шимолии Кӯлоб) – як навъи гули хушбӯйи сафед; **сънил** (Ҷанубии Кӯлоб) – як навъи растанӣ; **сърай** (Шимолии Кӯлоб) – як навъ буттаи гулаш арғувонӣ; **страхс** (тоҷикони Вахон) – зира; **тилли́** (Нилу, Хуфар) – дарахти кӯҳии хорнок, ки шабеҳи бодом аст; **тотала** (Хуфар) – гиёҳи ревоҷмонанд; **турч** (Қаротегин) – саморӯғ (як навъи занбӯруғ); **урсук** (Ғорон) – арчаи калонҳаҷми сарсабз; **хинич** (Сина) – растании хушбӯй аз ҷинси шибит; **хулул** (Кӯлобии

Ҳисор, Шимолии Кӯлоб) // **ҳулӯл** (Қӯрғонча) – хуч, насрин, настаран; **хума** (Сина) – буттаи хушбӯйи кӯҳӣ; **чабарғ//чаварғ** (Вахё) – як навъ олучаи кӯҳӣ; **чаблули** (Муминобод, Сарихосор, Ховалинг) – як навъи растанӣ; **чавроғ** (Қалъанак) – як навъи буттаи кӯҳӣ; **чахир** (Кӯлобии Ҳисор) – як навъи растанӣ; **ҷигор** (Ҷанубии Кӯлоб) – як навъи занбурӯғ; **ҷенҷик** (Шимолии Кӯлоб) – як навъи буттаи кӯҳӣ ва ғ.

Аз таҳлилу баррасии маводи мансуб ба лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи ҶӮ ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ бармеояд, ки доираи корбасти мафҳумҳои ифодагари соҳаи ботаникӣ нисбат ба тиббиву анатомӣ ва зоологӣ васеътар мебошад.

Ин навъи калимаҳо вобаста ба мавқеи корбасти худ дар ин ё он лаҳҷаи тоҷикӣ як қатор хусусиятҳои забониро доро мебошанд, ки бозгӯии онҳо дар муайян намудани ташаккул ва вазъи кунунии забони зиндаи халқ замина фароҳам меорад.

Бо вуҷуди умумият бо забони адабӣ дар лаҳҷаҳо калимасозӣ раванди хоссаро низ касб менамояд, ки ин нуктаро профессор Ҷӯраев Ғ. дақиқ қайд менамояд: “Ҳарчанд ки роҳу қолабҳои калимасозӣ дар лаҳҷаҳо тақрибан мисли забони адабист, лекин дар бобати маҳсулнокӣ ва ё истеъмоли ин ё он масолеҳи морфологӣ, қолабҳои анъанавӣ-таърихӣ ҷиҳати хосси ин ё он лаҳҷа (шева) ба назар ҳамоно ҷилвагар шуда меистад” [10, с.40]. Дар ташаккули калимаҳои хосси шева калимасозӣ нақши арзанда дорад. Дар ин қабати лексиии лаҳҷаҳо калимаҳои сохта сермаҳсул буда, корбасти воситаҳои калимасоз якранг намебошад. Дар лаҳҷаҳои мавриди тадқиқ сермаҳсултарин пасванди калимасоз пасванди **–ак** ба шумор меравад: **аловък** (кӯлобии Ҳисор) – навъи гунҷишк; **ахсанак** (Кӯлобии Ҳисор) – банги девона; **анголак** (Қӯрғонча, Сина) – ҷоғ; **гарък** (Порвор)– шабушак; ғубак (Сина) – буттаи кӯҳии бесамар; **ғулак** (Сина) –як навъ гунҷишки хокистарранг; **дафък //дафак** (Ёхсу, Сарихосор, Ховалинг) – пардаи дил; қафаси сина; (Бадахшон) – қисми болоии рубоб; (тоҷикони Вахон) – сӯрохии сӯзан; **дорак** (Дари Ниҳон); (Сина) – нӯги пистон; **испарак** (Кангурт, Данғараи Боло) – гиёҳест худрӯй, ки аз он дар бофандагӣ ранги зард ҳосил мекунанд; **лойак** (Карш, Маланд) – сипурз; **мошак** (Сина) – боқило (навъи зироат); **пупалак** (Даштиҷум) – як навъи шапалак; **рискак** (Сина) – гиёҳи бехмевадори шабеҳи пиёз; **рухак** (Кӯлобии Ҳисор) – як навъи зардолу; сурак (Яхч) – нонхӯрак (ҳашарот); **сӯрчак** (Қӯрғонча) – мазоҳ кардан; **тефък** (вахиёӣ-қаротегинӣ) банди даст ва китф (дар якҷоягӣ); **тосак** (Лахш) – гулӯзиндонак, хунноқ (бемории гузаранда); (Даҳана, Зиракӣ, Лағмон, Муминобод) – як навъи зуруфот; **чӯлак** (Сина) – сӯфитӯрғай. Дар лаҳҷаҳои ҷануб дар шакли -ук омадани ин пасванд камтар ба қайд гирифта шуд: **бубук// бувак** (Қаротегин) – ҳашароти бадбӯй; **пахук** (Ғорон) – як навъи ҳашарот. Пасвандҳои **-ча, -а, -ин,** ва **-ӣ** дар ин қолаби лексикӣ сермаҳсул намебошанд: ҷинқарча (Сина) навъи гунҷишк; сара (Даштиҷум, Ховалинг) хуб, нағз; (Ҳакимӣ) – ҷувона; тара (Порвоғ, Хумдон, Ховалинг) – як навъи сабзавот; **кишта** (Қӯрғонча)– себқоқ; бачгин//бадгин (Ёл, Порвор) чӯҷаи ҳамагуна паранда; **фихин** (Сангдара) – як навъ касалӣ; лоғар; бекора; **барги́** (Қӯрғонча) – гӯсфанду буз ва барраю бузғолае, ки фақат дар вақти хазонрезӣ бо барги дарахтон парвариш карда мешаванд; **бобурги́** (Нилу) – як навъи кабки хурдҷусса ва ғ.

Дар қолаби калимаҳои мураккаб низ омадани калимаҳои хосси шева зиёд ба назар мерасад. Дар ин шаклгириҳои морфологӣ исм мавқеи муҳим дорад: **андалғаз** (Қозидеҳ, Кулумбаи Поён) – буттаи кӯҳӣ, ки навдаи онро чун чароғ дар даврaҳои пеш истифода мебурданд; **пушқоқ** (Сина) – мавизи навъи паст; **хармахараки** (Сина) – як навъи амрӯди сиёҳи кӯҳӣ; **тарсвара** (Қаротегин) –касалии рӯҳӣ; **бовадустак** (Нилу) – халилихӯрак, какана (ҳашарот); **момодустак** (Сина) – халилихӯрак (ҳашароти болдор); **бурчин** (Маргзори Сир) – як навъи парандаи хокистарии мурғобимонанд; **испағул** (Вахё) – растании зуфмонанд; навбаст (Лахш) – ҷавона; **нулпатак** (Пунбачӣ, Самсолиқ, Шашволон) – парандаи минқордароз; **овка//овикаҳ** (Сарихосор, Лахш, Хӯҷаи Тоф, Ярхаб) як навъ алаф, ки дар ҷойҳои намнок мерӯяд; (Ховалинг) – як навъ касалии ҳайвонот; **тарфов** (Шимолии Кӯлоб) – навъи таом аз дӯғоб, равғани маска; як навъи парандаи ало аз ҷинси сӯфитурғай ва ғ. Дар ташаккули калимасозии мураккаби ин қабати лексикии лаҳҷаҳо сифат ва феъл серистеъмол намебошанд: **ганданафасак** (Дари Ниҳон) – як навъ ҳашароти бадбӯй; **қопагъл** (Сарихосор, Ховалинг) – гули зарди калон-калон; **овлъпак** (Войдара) –нармии

сари кӯдак, ҷойи мулоими фарқи сари тифл; **састирак** (Лахш) – як навъи сафедор; **хафхър** (Марғзори Сир, Хумдон) – як навъи парандаи кабудчатоб; **ҷъзбанд** (Даштиҷум, Муминобод) – як навъи бутта ва ғ. Доираи шаклгириҳои морфологии ин қабати лексикӣ дар забоншиносии тоҷик ниёз ба омӯзиш дорад. Вобаста ба табиати лаҳҷаҳо як калима дар шаклҳои гуногуни морфологӣ омада, ифодаи маъноии он тағйир меёбад:

лик –ангушти хурди дасти инсон; ваҷаб, ченаки дарозӣ;

ликак –аккол, чӯбчаи хурде, ки ҳангоми акколбозӣ бо чӯбдаста (акколдаста) мезананд; номи ҷузъи дук (асбоби ресандагӣ); номи як қисми сипор (амоч); ларзон, ҷунбонак;

ликзанӣ– акколбозӣ, навъи бозии бачагон;

ликӣ–ченак (андоза) –ишир, ки баробари ангушти хурд аст;

чаблик –ченак (андоза)-ишир, ки баробари як ангушти ишоратӣ бошад, воҳиди андозаи маводи обӣ.

Дар асоси калимасозӣ доираи ифода тавассути калимаҳои хоссаи шева васеъ мегардад: **ғълба** (Вахё) – акка, алошақшақа; (тоҷикони вахон, Шимолии Кӯлоб) саги пешонасафед; саги алобуло; **ғълбакабуд** (Шимолии Кӯлоб, Қаротегин) – карок, куркури каррок (паранда); **ғълбалийок** (Нӯшор, Лангари Шоҳ) – парандаи хурдҷуссаи зард, ки пари зери шикамаш сурхчатоб аст ва ғ.

Дар ин қабати лексикии лаҳҷаҳо муродифоти луғавӣ фаровон корбаст мешавад: **зуком**– *кезик* (Файзобод); *сурон* (Қӯрғонча); *сарору* (Вахё); **чоғ**– *алъхша* (Лахш, Пилдон); *анголак* (Қӯрғонча, Сина); **девона** – *тареле* (Қалъанак); *аксавара // акъсвара* (Қаротегин) ва ғ.

Вобаста ба мавқеи корбаст як калима дар лаҳҷаҳои гуногун барои ифодаи мафҳумҳои тиббиву биологӣ ба чанд маъно корбаст мешавад: **бубук// бувак** (Қаротегин) – як навъи ҳашароти бадбӯй; (Нӯшор, Ярхаб)– як навъ занбӯри хокистарранг, ки дар тарқиши девору сутунҳо ва ғ. лона мемонад; (Шимолии Кӯлоб) –хӯса, пӯсти коҳ ҷойкардашудаи гӯсолаи навзоди нобудшуда, ки бо мақсади ором намудани модагов назди вай мемонанд; (Қӯшағба) –як навъи растании хушбӯю хуштаъм; (Ярхаб) –як навъ парандаи кӯҳӣ ба калонии бум; (Ёл) –забонак, забонча ва ғ.

Як хусусияти муҳимми калимаҳои хосси шева дар он мебошад, ки он хусусиятҳои таърихии забонро ҳазорсолаҳо маҳфуз нигаҳ медоранд [2, с.12; 8, с.6]. Ин хусусиятро дар ифодаи калимаҳои хосси шеваи мансуб ба соҳаи тиб ва биология мушоҳида менамоем. Дар лаҳҷаи Қӯрғонча калимаи классикии **калахч** серистеъмол аст. Шарҳи маънии калимаи «калахч»-ро мо аз «Луғати фурс» дарёфтем, ки ба маънои рӯйбасти ҷароҳат бошад [1, с.57]. Дар шеваи ҷанубӣ-шарқии забонамон ҳам калахч ба маънии қабати болоии ҷароҳат, лабу даҳони парсинбаста, хушкшуда маъруф аст: *Даҳон-ъш клахч* баст-аст. Дар китоби «Луғати лаҳҷаҳои ҷанубӣ» дар шакли **кълахч** чунин эзоҳ ёфтааст: сиёҳие, ки дар танаи дарахт ҳосил мешавад [3, с.202].

Дар лаҳҷаи Қӯрғонча калимаи «*қалахч*» маънои «рӯйбасти ҷароҳат»-ро дорад: *Ту бепарвогӣ накун, қалахч-аш хеза гард.*

Дар осори Рӯдакӣ ин маъниро мебинем:

Дасту каффу пои пирон пуркалахч,
Риши пирон зард аз бас дуди нахч [5, с.339].

Калимаи **яшк** (дандони пеши хук) дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ шаклҳои яшк ва ашкро дошта, тобишҳои маъноияш гуногун мебошад. Дар лаҳҷаи Қӯрғонча дандони буруномадаи хукро гӯянд: *Яшкойи хуг-а дида ҷош-да шишт.* Дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ин калима дар шакли ***ашк*** ба ҳамин маъно истифода мешавад. Дар ин шеъри Фирдавсӣ калимаи мазкур айнан бо ҳамин маъно омадааст:

Яке зиштрӯ буду болодароз,
Сару гардану яшк ҳамчун гуроз [8, с.638].

Дар «Луғати фурс» дар шакли «яшг» чунин маънидод гаштааст: «Дандони бузургтарин бувад дар пеши лаби морон ва дадон ва монанди ин аз ҷонварон» [1, с.163].

Дар мисраъҳои зерин диққати моро калимаҳои «хилм» ва «хим» ҷалб намуд:

Ду ҷӯи равон аз даҳонаш зи хилм,

Ду хирман зада бар ду чашмаш зи хим [5, с.420].

Дар лаҳҷаи Қӯрғонча ҳангоми бемории исҳол гӯянд: *Ду рӯз-ай дарун-аш хилм мегузара.*

Калимаи **хим** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» «ифлосӣ, чирке, ки дар гӯшаи чашм пайдо мешавад» маънидод гаштааст [ниг.: 8, с.478]. Дар лаҳҷаҳои ҷануб бо калимаи «хилдиқ», дар лаҳҷаҳои Ӯротеппа (Ғончӣ) бо калимаи «хилм» ифода меёбад. Дар баъзе лаҳҷаҳои шимол, аз ҷумла лаҳҷаи Қӯрғонча, дар шакли «хима» меояд: *Чушм-ош хима баст-ай, шир чӯш хим-еш чушм-о-ша тоза тоза шава.*

Дар ин қабати лексикӣ мавқеи калимаҳои иқтибосӣ назаррас намебошад. Корбасти калимаҳои туркӣ нисбат ба дигар забонҳо зиёдтар мушоҳида гардид: **арқадор** (Сина) – оне, ки гирифтори бемории саръ аст; **дулта** (Данғараи Боло, Ховалинг) – як навъи гурги калонҷусса, ки ба кафтор шабоҳат дорад; (Мӯминобод) калонҷусса, бузургҷусса; **къмъч** (Шунг) – устухони чорбанд, кос; **нимбош** Балҷувон) – як навъ бутта, ки кирмакпарварон бо мақсади танидани кирмак ба сари хавоза мегузоранд; **чайма** (Даштиҷум, Сичароғ, Хирманҷо) – исҳол, касалии дарунавӣ; (Ялдамич) – касалии асп, ки пас аз араққунӣ гирифтори он мешавад ва ғ.

Дар ифодаи мафҳумҳои тиббиву биологӣ калимаҳои баромадашон суғдӣ низ ба кор рафтаанд: **вағри** (Қӯрғонча) омос, варам **виғна** (Дараи Ниҳон, Сина) // **биғна** (Қӯрғонча) – як навъи растании сӯзанбарг; **ғъжда** (Навдонак) – ҷойи барҷастаи танаи дарахт; **модрағ** (Ғорон, тоҷикони Вахон) – хома, эфедра; **пуғанак** (Кӯлобии Ҳисор) – бӯйи модарон; **чарғоба** (Қӯрғонча) – обсабз; **мағлесък//махлесък** (Бадахшон, Қӯрғонча) – ҳайвонаки дарандаи шабеҳи муш, ки гӯё аз ақиби чорвои калон ба шиками он даромада, аъзои дохилии ӯро мехӯрдааст ва ғ.

Дар ин қабати лексикии лаҳҷаҳо калимаҳои зиёде мавҷуданд, ки ҳуқуқи ба забони адабӣ ворид шуданро доранд: **модрағ** (Ғорон, тоҷикони Вахон) – хома, эфедра; **анголак** (Самсолиқ, Қӯрғонча, Сина) – ҷоғ; **ҷигор** (Ҷанубии Кӯлоб) – як навъи занбурӯғ; **мошак** (Сина) – боқило (навъи зироат); калахч (Қӯрғонча) – рӯйпӯши ҷароҳат; **рухак** (Кӯлобии Ҳисор) – як навъи зардолу; **навбаст** (Лахш) – ҷавона, гӯсолаи нари аз яксола зиёд; **кишин** (Учқул) – чиркин, ифлос; (Сичароғ, Учқул); **кишта** (Қӯрғонча) – себқоқ; **сурон** (Қӯрғонча) –грипп; **тара** (Порвоғ, Хумдон, Ховалинг) – як навъи сабзавот, ки истеъмол мекунанд; **хуч** (вахиёӣ-қаротегинӣ, Шимолии Кӯлоб, Ғарбии Кӯлоб) – настаран, насрин; зиришк ва ғ.

Дақиқ муайян кардани ҷанбаҳои ташаккули ин қабати лексикӣ бо ифодаи тобишҳои нозуки маъноӣ, доираи корбасти онҳо барои бозгӯии вазъи кунунии лаҳҷаҳои тоҷикӣ, инчунин раванди таърихии забон ва навгониҳои он заминаи илмӣ фароҳам меорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Асадии Тӯсӣ. Луғати фурс (ба тасҳеҳи Фатҳуллоҳ Муҷтабоӣ– Алиашрафи Содиқӣ) / Тӯсӣ, Асадӣ. – Теҳрон, 1365 ҳиҷрӣ. –248 с.
2. Қурбонов С. Лаҳҷа нумуи дигари забони куҳан / С.Қурбонов. – Душанбе, 2010. –175 с.
3. Маҳмудов М. Луғати лаҳҷаҳои ҷанубӣ / М.Маҳмудов, Ғ.Ҷӯраев. –Душанбе: Дониш, 1997. –290 с.
4. Основы иранского языкознания. Новоиранские языки. - М.: Наука, 1982. - 544 с.
5. Осори Рӯдакӣ. –Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. –543 с.
6. Патаева В.Д. Лексика народной медицины в тункинском говоре бурятского языка / В.Д. Патаева // Вестник Бурятского государственного университета, 2009. - № 10.– С. 26-30.
7. Пенюкова И.В. Народная медицинская лексика как фактор формирования общечеловеческой культуры (на материале диалектизмов западной брянщины) / И.В.Пенюкова // Теория и практика инновационных технологий в АПК материалы научной и учебно-методической конференции научно-педагогических работников и аспирантов ВГАУ; под общей редакцией В.Н. Плаксина. –М., 2018. –С. 100-110.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ (Ҷилди яку ду). –Москва:Советская энсиклопедия, 1969. –Ҷ.1. - 951; -Ҷ.2. - 952 с.
9. Ҷӯраев Ғ. Луғати мунтахаби калимаҳои хоси шева / Ғ.Ҷӯраев, М.Маҳмудов, Қурбонов. –Душанбе: Эр-Граф, 2018. –133 с.
10. Ҷӯраев Ғ. Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ / Ғ.Ҷӯраев. –Душанбе, 2017. –320 с.

КАЛИМАҲОИ ХОССИ ШЕВАИ ИФОДАГАРИ МАФҲУМҲОИ ТИББИВУ БИОЛОГӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ТОҶИКӢ

Қисмати лексикии лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба таври зарурӣ мавриди тадқиқ қарор нагирифтааст. Бо таъсири забони адабӣ маҳдуд шудани доираи лаҳҷаҳо зарурати омӯзиши лаҳҷаҳои тоҷикиро бештар мегардонад. Дар қабати лексикии лаҳҷаҳои тоҷикӣ калимаҳои хосси шева мавқеи муҳимро касб менамоянд. Дар

забоншиносии тоҷик калимаҳои хосси шева ба таври зарурӣ омӯхта нашуда, дар шинохти меъёри забонии ин қабати лексикӣ забоншиносон андешаи ягона надоранд. Аз таҳқиқи асарҳои мансуб ба лаҳҷашиносии тоҷик бармеояд, ки муҳаққиқон дар корҳои илмии худ ба ин мавзӯъ камтар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Барои бозгӯии хусусиятҳои забонии ин гурӯҳи лексикӣ, омӯзиши роҳҳои ташаккули он дар асоси таснифоти мавзӯӣ (тематикӣ) заминаи мусоиди илмӣ фароҳам меорад. Дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ калимаҳои ифодагари мафҳумҳои тиббиву биологиро чун қабати алоҳидаи лексикӣ метавон тасниф намуд, ки ташаккули онҳо аз омилҳои гуногуни забониву таърихӣ, фарҳангӣ ва ғ. сарчашма мегирад. Аз таҳлилу баррасии маводи мансуб ба лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи ҶӮ ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ бармеояд, ки доираи корбасти мафҳумҳои ифодагари соҳаи ботаникӣ нисбат ба тиббиву анатомӣ ва зоологӣ васеътар мебошад. Вобаста ба мавқеи корбаст як калима дар лаҳҷаҳои гуногун барои ифодаи мафҳумҳои тиббиву биологӣ ба чанд маъно корбаст мешавад: **бубук// бувак** (Қаротегин) – як навъи ҳашароти бадбӯй; (Нӯшор, Ярхаб) – як навъ занбӯри хокистарранг, ки дар тарқиши девору сутунҳо ва ғ. лона мемонад; (Шимолии Кӯлоб) – хӯса, пӯсти коҳ ҷойкардашудаи гӯсолаи навзоди нобудшуда, ки бо мақсади ором намудани модагов назди вай мемонанд; (Қӯшағба) – як навъи растании хушбӯю хуштаъм; (Ярхаб) – як навъ парандаи кӯҳӣ ба калонии бум; (Ёл) – забонак, забонча ва ғ. Доираи истеъмол, ифодаи маъноӣ ва сохти морфологии ин қабати лексикӣ дар забоншиносии тоҷик ниёз ба омӯзиш дошта, ин масъала дар даврони муосир диққати муҳаққиқони соҳаро бештар ба худ ҷалб намудааст. Олимони соҳа ин қабати лексиро ҳамчун ифодагари ташаккули фарҳанги умумиинсонӣ бозгӯӣ намудаанд. Дар асоси баррасии маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи ҶӮ ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ин қабати лексикиро вобаста ба ифодаи мафҳум ба зергурӯҳҳо метавон тасниф намуд. Ин навъи калимаҳо дар шаклҳои гуногуни морфологӣ омада, дорои як қатор хусусиятҳои забонӣ мебошанд. Дар мақола оид ба гурӯҳбандии калимаҳои хосси шеваи ифодагари мафҳумҳои тиббиву биологӣ, ташаккули онҳо бо роҳҳои гуногуни забонӣ, сохти онҳо, иқтибосоти ин қабати лексикӣ, нигаҳдошти асолати таърихии забон тавассути ин вожаҳо маълумот оварда шудааст. Дақиқ муайян кардани ҷанбаҳои ташаккули ин қабати лексикӣ бо ифодаи тобишҳои нозуки маъноӣ, доираи корбасти онҳо барои бозгӯии вазъи кунунии лаҳҷаҳои тоҷикӣ, инчунин раванди таърихии забон ва навгониҳои он заминаи илмӣ фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: шева, лексика, калима, тиббӣ - биологӣ, раванд, иқтибос, анатомия, лаҳҷа.

ВЫРАЖЕНИЕ МЕДИКО-БИОЛОГИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В ТАДЖИКСКИХ ГОВОРАХ

Народная медицинская лексика в современной науке оценивается как фактор формирования общечеловеческой культуры. Выражение медико-биологической терминологии в таджикских говорах имеет некоторое особенности. Изучение формирования диалектной лексики имеет первостепенное значение, и в этом контексте определяется исторический процесс развития языка и его новизна. В таджикских говорах для выражения медико-биологической терминологии есть особые способы. Современная лексика таджикских диалектов не изучалась в полном объеме. Лексика, выражающая медико-биологические термины в этих диалектах, отражающая процесс развития и языковую новизну, их сравнение с литературными видами и выражениями в других диалектах, имеет важное значение. Для определения и интерпретации диалектов этот лексический слой является основанием. В таджикских диалектах выражение медико-биологических понятий можно классифицировать как отдельный лексический слой, формирование которого состоит из различных языковых, исторических, культурных и других факторов. Анализ материалов таджикских диалектов Сурхандарьинской долины и южных говоров таджикского языка показывает, что область применения терминов ботанического поля шире, чем медицинских, анатомических и зоологических. Слова разных диалектах могут использоваться в нескольких смыслах для выражения медицинских и биологических концепций. Для изложения и интерпретации диалектов необходимо изучить масштабы употребления, значения и морфологическую структуру этого лексического слоя в таджиксих говорах. Надо отметить, что этот вопрос привлек внимание исследователей в данной области современного языкознания. Безусловным достоинством статьи являются примеры, на основе которых осуществляется анализ лексических особенностей медико-биологической терминологии таджикских говоров Сурхандарьинской области и южного таджикского диалекта.

Ключевые слова: говор, лексика, слово, медико-биологические, пороцесс, заимствование, анатомия, диалектизм.

THE SPECIFIC OF WORDS EXPRESSING MEANINGS OF MEDICINE AND BIOLOGY

The lexical part of tajik dialects is not learnt properly. With influence of tajik literary language, the circle of dialects were limited and become more necessity. The words concerning dialect take important place in the lexical layer of the tajik dialects. In the tajik linguistics the words concerning dialect were not learnt well and the researchers have not single idea about this lexical layer. From stadying of the tajik literary work concern that scientists pay more attention about this theme. About the interpretation and specifics of the language these lexical group and the ways of developing it in the bases of thematic classification will bring a favorable scientific foundation. In the tajik dialects the words expressing meaning of medicine and biology as the lexical layer can classificate, because of their growing are from different factors of language, history, culture and others take the source. The circle of use, expressing meaning and the structure of lexical layer need for studiing, and this problem attract the scientists of modern time. The scientists of this sphere expressed the lexical layer as a development humanity culture. An analysis of the materials by the Tajik dialects of the Surkhandarya Valley and the

southern dialects of the Tajik language shows that the field of application of the terms of the botanical field is wider than medical, anatomical and zoological. Depending on the place of use, the word in different dialects can be used in several senses to express medical and biological concepts. From learning material of tajik dialects of Surkhondaryo area of Uzbek Republic, and the southern dialect of lexical layer according to the interpretation we can classificate them by subgroups. These kind of words come in different types morphology and they have several language specifics. In this article was given the division by groups words expressing meanings of medicine and biology, different ways of their development borrowing of this lexical layer, the original backgrounds of the language history according these words. Defining the spheres of factors of this lexical layer with interpretation of delicious meaning, the circle of their use for expressing the nowadays situation of tajik dialects and also the historical process of the language and and its novelty will bring scientific bases.

Key words: dialect, lexica, word, biomedical, medicine, process, borrowing.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қурбонов Содиқ Ҳамрқулович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, докторанти кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанба, х.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kurbonzoda 64@mail.ru**. Тел.: **(+992) 907-73-96-02**

Сведения об авторе: ***Курбонов Содик Хамрокулович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант кафедры история языка и типологии филологического факультета.
E-mail: **kurbonzoda 64@mail.ru**. Тел.: **(+992) 907-73-96-02**

Information about the author: ***Kurbonov Sodiq Hamroqulovich*** **-** Tajik National University, Associate professor, Departmen of language history and typology, Faculty of philological sciences. E-mail: **kurbonzoda 64 @mail.ru.**
Tel.: **(+992) 907-73-96-02**

УДК: 491.550-56:42-56

РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФЕЪЛӢ ДАР ЗАБОНҲОИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Муродов Ф.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забон ҳамчун системаи воҳидҳои маънодор ҳамеша дар алоқамандӣ бо ҷомеа ва, пеш аз ҳама, дар алоқамандӣ бо соҳибони худ шароити таърихӣ, урфу одат, мафкура, малакаю ҷаҳонбинӣ ва дигар паҳлуҳои фарҳангии ҳаёти онҳо рушду такомул ёфта, алоқамандона бо онҳо захира ва сохтори худро такмил медиҳад. Агар он дар ибтидо ё марҳилаҳои аввалини инкишофи худ ба соҳибонаш ҳамчун воситаи муошират хизмат намояд, пас аз авҷи инкишофи худ он ҳамчун воситаи асосии рушд ва ҳифзи захираи маънавию арзишҳои фарҳангӣ хизмат намуда, соҳибони худро ҳамчун миллат ё қавмият муаррифӣ менамояд.

Воҳидҳои забон ба таври системанок аз поён ба боло ҷойгир буда, пеш аз ҳама, натиҷаи ташаккул, таҳаввул ва рушду такомули таърихии забон ба ҳисоб мераванд. Заминаи асосии ташаккули воҳидҳои маънодор, пеш аз ҳама, воҳидҳои фонетикӣ – овозҳо, зада, ҳиҷо ва оҳанг буда, дар шакли бевосита ва бавосита дар ташаккули воҳидҳои маънодор иштирок мекунанд. Системанокии воҳидҳои маънодори забон аз калима шурӯъ шуда, таркибу, ибора, ҷумла ва матнро дар бар мегирад. Ба туфайли калимаҳо дар заминаи қолабҳои синтаксисӣ баъзан воҳидҳое дар забон шакл мегиранд, ки зоҳиран ба воҳидҳои синтаксисӣ монанд бошанд ҳам, аз ҷиҳати маъно хусусиятҳои маънӣ омилҳои ташаккул ва мавқеи корбаст аз онҳо ба куллӣ фарқ мекунанд. Ба ин гурӯҳ воҳидҳои ҷудогона ва таърихан ташаккулёфта зарбулмасалу мақол, афоризмҳо, панду ҳикматҳо, таркибу ибора ва ҷумлаҳои рехтаю устувор ва яклухту маҷозимаъно ё худ фразеологизмҳо дохил шуда, ҳар яке аз ин гурӯҳҳо дорои маъно ва аломатҳои фарқкунанда буда, дар заминаи ин хусусиятҳояшон аз якдигар фарқ намуда ба туфайли онҳо ҳамчун воҳиди алоҳида аз ҳастии хеш дарак медиҳанд. Дар ин миён фразеологизмҳо бо аломатҳои хосси яклухтмаъноию устуворию таркиб заминаи маҷозии ташаккули худ дар байни дигар воҳидҳои маънодори забон ва умумияту наздикии худ бо воҳидҳои лексикӣ – калимаҳо, мавқеи махсус дошта, бо як қатор аломатҳои барҷастаи худ аз дигар воҳидҳои забон ба куллӣ фарқ мекунанд [8, с.18-26]. Воҳидҳои фразеологӣ мансуби як халқу миллати

ҷудогона ва дорои урфу одат, эътиқод ва русуму анъанаи махсус набуда, дар тамоми забонҳои дунё ба мушоҳида мерасанд. Онҳо дар ҳар як забон масолеҳи тайёри нутқи дар тӯли ҳазорсолаҳо ташаккулёфта буда, ба урфу одат, эътиқод ва мафкураю ҷаҳонбинии соҳибзабонон алоқаи зич, ногусастанӣ ва бунёдӣ доранд. Ин аст, ки дар забони гузашта ва имрӯзаи тоҷикӣ бо истилоҳоти гуногуни **муаббирот, таъбирот**, **фразеологизм, ибораи фразеологӣ, ибораи рехтаю устувор, воҳиди фразеологӣ** ва дар забони англисӣ бо истилоҳоти **phraseology, phraseological units, phraseological fusion, phraseological combination, idiom** ва монанди инҳо ном бурда шуда, ба сифати воҳидҳои махсус ва ҷудогонаи забон мавриди омӯзиши васеъ қарор гирифтаанд [5, с.12-14].

Истилоҳи нисбатан маъмул барои ифодаи мафҳуми ин гурӯҳ воҳидҳои маънодор дар забон истилоҳи **phraseological unity** ё худ **воҳиди фразеологӣ** ба шумор рафта, мундариҷаи онҳоро дар худ метавонад инъикос намояд. Масалан, фразеологизмҳои **шуълаи умед** – **ray of sunshine** (айнан: шуълаи дурахши офтоб) «аломатҳои умедбахш, умедворкунанда *дар коре ё ҳолате*», **гурги борондида** – **old hand** (айнан: дасти куҳан) **«одами ботаҷриба», каждуми таги бурё** – **a snake in the grass (**айнан: мор дар алаф), **дили касеро шикастан** – **to break somebody's heart (**айнан: дили касеро шикастан) **аз фикр баргаштан** – **to change somebody's mind** (айнан: фикрро тағйир додан) «фикрро дигар кардан» ва монанди инҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ далел шуда метавонанд:

… нутқи оташини лектороне, ки онҳоро **гурги борондида** меноманд ва корашонро ба тарозудори кордидаи сари бозор шабоҳат додан мумкин [9, с.32].

Дар мисоли дигар: The first two would make him feel like an idiot, the last one **would break his heart** [12, с.69]. – *Дутои аввал ӯро девона мекард, охиронаш дили ӯро мешикаст.* Julie started toward the phone, and as she moved away, Mike wondered if the evening would somehow end up **breaking his heart**. [12, с.131]. – *Ҷули ба сӯйи телефон рафт ва ҳангоме, ки ӯ дур шуд, Майк ба тааҷҷуб монд оё ин бегоҳ бо кадом як сабаб бо дилафсурдагии ӯ ба анҷом мерасад.* He was a good friend, she thought, then quickly **changed her mind**. [12, с.23]. – *Ӯ дӯсти хуб буд, вай фикр мекард, баъд фикрашро зуд иваз кард.*

Чуноне ки мушоҳидаҳои воҳидҳои фразеологии дар боло дар доираи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ омада нишон медиҳанд, фразеологизмҳо ҳамчун унсури рехтаю устувори забон сохтори ягона надошта, дар қолабҳои гуногун тарҳрезишуда, ба назар мерасанд. Онҳо, пеш аз ҳама дар заминаи қолабҳои муайяни синтаксисӣ дар забонҳои мазкур ба вуҷуд омада, дар баробари умумиятҳо аз ҷиҳати сохтор дар байни фразеологизмҳои феълии ду забон тафовутҳои зиёд дида мешаванд. Ин тафовутҳо аз шаклҳои ибтидоии онҳо маншаъ гирифта, пеш аз ҳама, дар шаклҳои масдарии онҳо ва мавқеи ҷойгиршавии ҷузъҳои номӣ ва феълӣ дар доираи фразеологизмҳои феълии ин ду забон ба мушоҳида мерасанд. Барои мисол, дар воҳидҳои фразеологии феълии тоҷикии **аз дил гузарондан** "ба хотир овардан", **ба рӯйи касе давидан** "беэҳтиромӣ кардан", **дар пӯст нағунҷидан** "бисёр хурсанд шудан" ва англисии **to break somebody's heart** (айнан: дили касеро шикастан) "касеро ноумед кардан", **to hate somebody's guts** (айнан: шиками касеро бад дидан) "касеро зиёд бад дидан", **to rock the boat** (айнан: қаиқро ҷунбондан) "мушкилот эҷод кардан", ки ҳар ду гурӯҳ дар заминаи ду ҷузъ –ҷузъи феълӣ ва номӣ ташаккул ёфтаанд, тафовутҳои сохториро баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ташаккули фразеологизмҳои феълӣ дар забони тоҷикӣ ҷузъи номӣ – **аз дил, ба рӯйи касе**, **дар пӯст** дар аввал омада, ҷузъи феълӣ – **гузарондан, давидан, нағунҷидан** дар охири фразеологизм мавқеъ мегирад, ки ин ҷойи устувор ва доимии онҳост. Баръакс, дар воҳидҳои фразеологии забони англисӣ ҷузъи феълӣ **to break.., to hate..., to rock...** дар аввали фразеологизм омада, ҷузъи номӣ дар охир меояд ва ин сохтори онҳо ҳам дар шакли масдарӣ ва ҳам дар шакли тасрифӣ ва ё истеъмолӣ ҳифз карда мешавад. Мисол: Ҳатто Аҳмадҷони машкоб қариб даъвогар шуда, **ба рӯйи ман давид** [4, с.165]. Аз гиряи ту душманҳо хурсанд мешаванд, **ба пӯсташон намеғунҷанд** [4, с.170]. Онҳо, агар тавонанд, **сояи ҳамдигарро аз девор метарошанд** [6, с.24]. Миршаб **аз дил гузаронд**, ки қӯшбегӣ худаш-ку урусбоз аст [4, с.206].

Julie started toward the phone, and as she moved away, Mike wondered if the evening would somehow end up **breaking his heart**. [12, с.131]. Sometimes he absolutely **hated his brother's guts**. [12, с.99] – *Баъзан вақт ӯ бародарашро комилан бад медид.* "He didn't **rock my boat**," her mother had informed her matter-of-factly. [12, с.89]. – *«Ӯ мушкилӣ эҷод накард», бе эҳсосотона модараш ба ӯ хабар дод.*

Чунончи маълум аст, воситаи ифодаи муайянӣ ва ишора ба ашёи муайян дар забони англисӣ артикли «**the»** ва дар забони тоҷикӣ пасоянди "–**ро"** мебошад. Вобаста ба ин низ дар таркиби фразеологизмҳои феълии забони англисӣ ва тоҷикӣ тафовути муайяне низ дида мешавад. Дар забони англисӣ агар ба вазифаи ҷузъи номӣ ҷонишин ё исмҳои хос ё ҷинс ояд, вазифаи артикл ба онҳо гузашта, дар ҷумла навишта намешавад. Масалан, дар фразеологизми **to rock the boat** ба вазифаи ҷузъи номӣ калимаи **boat** дар шакли муайянӣ бо артикл омада бошад ҳам, дар шакли **to rock somebody's boat** ва **to rock John's boat** артикли «**the»** мавқеи худро аз даст дода, навиштанаш дар забони англисӣ хилофи қоида мебошад. Вале агар дар ҷузъи номӣ муносибатҳои соҳибӣ набошад, артикл навишта мешавад. Масалан, фразеологизми феълии **to have the heart**. Мисол:

The six candidates are so determined not **to rock the boat** that they are in danger of saying nothing of interest [11, с.31]. – *Шаш номзад барои мушкилот эҷод накардан ин қадар ба мақсад мувофиқ мебошанд, ки барои аз манфиат сухан нагуфтан дар хатаранд.* She **didn't have the heart** to go into detail about it, …… [12, с.23] – *Ӯ оиди ин муфассал гуфта натавонист.*

Мушоҳидаҳои пешакӣ нишон медиҳанд, ки ин воқеият дар забони тоҷикӣ дигар аст. Дар таркиби фразеологизмҳои феълӣ мавқеи пасоянди "–**ро"** дар забони тоҷикӣ устувор буда, дар ягон ҳолат ва ҳеҷ гоҳ наметавон онро сарфи назар намуд. Дар ҳолати бо роҳи сунъӣ ин пасояндро партофтан мазмуни ҷумла мантиқан ва услубан хато шуда, дарки онро душвор мегардонад. Масалан, дар таркиби фразеологизмҳои феълии к**оҳи куҳнаро бод додан** «кори нодаркори гузаштаро аз нав рӯ кардан», **айши касеро талх кардан** «зиндагии касеро талх кардан», **ҷони касеро ба ҳалқ овардан** «азият додан», **сари касеро хӯрдан** «муҷиби бадбахтии касе шудан», с**ари калобаро гум кардан** «сарҳисоби худро гум кардан», **думро хода кардан** «шармандавор гурехтан» пасоянди "–**ро"** унсури ҳатмии таркибӣ ба шумор рафта, он на танҳо дар ташаккули категорияи муайянӣ, балки дар ташаккули сохтор ва маънои яклухти фразеологизмҳо низ нақши фаъол дошта, сарфи назар кардани он боиси аз байн рафтани сохту маънои яклухти фразеологизм мешавад. Барои ифодаи муносибатҳои соҳибӣ ҷузъи номии фразеологизм новобаста аз он бандакҷонишин ё калимаи алоҳида қабул менамояд, ҳамоно пасоянди "–**ро"** навишта мешавад. Устувории мавқеи пасоянди мазкурро дар таркиби фразеологизмҳои мазкур аз ҷумлаҳои зайл низ ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст:

Коҳи куҳнаро бод надеҳ, пиракӣ [1, с.143]. Акнун **айши ҷавонҳоро талх кардан** ҳоҷат набудагист [1, с.157].

Ҷонамро ба ҳалқам овардааст. **Сари** бечора **модарашро хӯрд**, акнун навбати ман [1, с.182]. **Сари калобаамро гум кардам** [1, с.276]. Ҳа, зуд **думашро хода карда**, худро мусичаи бегуноҳ нишон доданӣ шуд [1, с.310].

Маълум аст, ки пешоянду пасояндҳо асосан бо исмҳо омада, ба онҳо вобастаанд. Дар ташаккули сохтории воҳидҳои фразеологии феълӣ дар забонҳои тоҷикию англисӣ ба ҷуз илова бар калимаҳои мустақилмаъно ва воситаҳои ифодаи муайянию номуайянӣ пешоянду пасояндҳо низ нақши фаъол доранд. Онҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологии феълии пешояндцори забони тоҷикӣ мавқеи устувор дошта, ивазнашаванда мебошанд ва мундариҷаи яклухти сохторию маъноии онҳоро бидуни пешоянд тасаввур кардан ғайри имкон аст. Чунончи, аз хусусиятҳои сохтории фразеологизмҳои **аз як гиребон сар баровардан, аз гӯр гирифта ба гӯр задан, ба изори касе кайк даромадан, аз об хушк баромадан, дар байни обу оташ мондан** маълум аст, пешояндҳои **ба, аз дар** дар ташаккул додани онҳо нақши муҳим дошта, новобаста аз ҳиссаи номустақили нутқ буданашон фразеологизмҳои мазкурро бе онҳо тасаввур кардан номумкин аст:

Ба пеши шумо омадани мо бо ҳамин мақсад, ки дар ин бора маслиҳат кунем, гапро як ҷо монем, **аз як гиребон сар бароварда**, комиссияро пешвоз гирем… [3, с.25]. Зафар ном дӯсташон бериоя **ӯро** боб мекард – **аз гӯр гирифта ба гӯр мезад** [10, с.22]. – Ҳозир **ба изораш кайк даромад**, ба тарафи район рафт [10, с.49]. Ин тоифа зӯр мезанад доим **аз об хушк барояд** [10, с.77]. Ҳамин тариқа, мулло Муҳиддинхӯҷаи хатиб **дар байни обу оташ монда** бошад ҳам, зоҳиран батамкин ва салобатро аз даст надода, донаи тасбеҳ гардонда, гуфт... [2, с.207].

Айнан ҳамин гуна умумиятро дар забони англисӣ низ метавон мушоҳида кард. Дар ташаккули сохту маънои яклухти фразеологизмҳои феълии забони англисӣ низ ба монанди забони тоҷикӣ пешояндҳо саҳми муҳим дошта, аз унсурҳои асосии сохтории онҳо ба шумор мераванд. Чунончи, аз сохту таркиби фразеологизмҳои феълии **to be about to do something, to go into detail, get under somebody's skin, to bring somebody down to earth, to be hard on somebody** низ бармеояд, пайвандакҳои **about, into, under, down, on** низ дар созмони онҳо нақши муҳим дошта, онҳоро аз ҷиҳати синтаксисӣ шакл додаанд. Мисол:

She **was about to say** hello when Andrea spoke up. [12, с.31] – *Ӯ салом гуфтанӣ буд, ки Эндри ба гап даромад.* She didn't have the heart **to go into detail about it**, …… [12, с.23]. A student of the Method school, he has **to get under the skin** of the character he portrays. [11, с.265]. – *Хонандаи мактаби Метод, ҳикоят мекунад, ки ба ӯ лозим меояд аз хатти тасвирӣ шикоят барад.* That his brotherly support included teasing, insults, and the occasional zinger **to bring Mike down to earth** might have struck some as heartless, but how else was he supposed to do it? [12, с.25]. – *Дастгирии бародаронаи вай ба ғазаб овардан, таҳқир карданро дар бар мегирифт ва шӯхии ногаҳонӣ барои Майкро ба зиндагии муқаррарӣ шояд ба баъзеҳо ҳамчун сангдилӣ ба назар мерасид, аммо боз чӣ гуна ӯ инро бояд иҷро мекард?* "Oh, stop it," she'd said. "Don't **be so hard on him**." [12, с.31] – *«Оҳ бас аст» вай гуфт. «Ба вай ин қадар сахтгир набош».*

Ҳамин тариқ, воҳидҳои фразеологӣ ба сифати масолеҳи тайёри бинокории забон дар забони зиндаи халқ вобаста ба урфу одат, расму анъана ва мафкураю ҷаҳонбинии соҳибзабонон ба вуҷуд омада, рехтаю устувор гардидаанд. Онҳо дар баробари умумиятҳои маъноӣ ва ягонагии аломатҳо боз ба хусусиятҳои фарқкунанда соҳиб буда, ин фарқиятҳо ба сохтор ва заминаю қолабҳои ташаккул ва дараҷаи устувории унсурҳои ёрирасон марбутанд. Фразеологизмҳои феълӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар баробари доштани умумиятҳои мушаххас ба фарқиятҳои муайян соҳиб мебошанд, ки ин ба гуногунии сохтор ва заминаю қолабҳои ташаккули онҳо далолат менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Акобир Ҷ. Пазмонӣ / Ҷ. Акобир. – Душанбе: Адиб, 1991. – 320 с.
2. Акобиров Ю. Дунё ба умед / Ю. Акобиров. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 336 с.
3. Икромӣ Ҷ. Асархои мунтахаб. Ҷ.3. Шодӣ / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – 384 с.
4. Икромӣ Ҷ. Духтари оташ / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 528 с.
5. Кунин А.В. Курс фразеологии современного английского языка / А.В. Кунин. – Москва: Феникс, 1996. – 381 с.
6. Кӯҳзод У. Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим / У. Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 189 с.
7. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х. Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 406 с.
8. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 1982. – 104 с.
9. Муҳаммадиев Ф. Палатаи кунҷакӣ / Ф.Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 368 с.
10. Фирӯз Б. Тору пуд / Б. Фирӯз. – Душанбе: Маориф, 1985. – 208 с.
11. Judith Siefring. Oxford Dictionary of Idioms / S. Judith, Second edition, New York: OXFORD University Press, 2004. – 340 с.
12. Nicholas Sparks. the guardian, London: Sphere, 2003. – 434 с.

РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФЕЪЛӢ ДАР ЗАБОНҲОИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола баъзе хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии феълӣ дар забонҳои муосири тоҷикӣ ва англисӣ тадқиқ шудааст. Воҳидҳои фразеологии феълӣ дар асоси қолабҳои муайяни воҳидҳои синтаксисӣ сохта шуда, бо мурури замон рехтаю устувор мешаванд. Онҳо аз ҷиҳати маъно гурӯҳҳои махсуси воҳидҳои

забонро ташкил менамоянд. Воҳидҳои фразеологии феълӣ дар ҳар як забон ҳамчун масолеҳи тайёри забон барои ифодаи нутқи муассиру ҷаззоб васеъ истифода бурда мешаванд. Пайдоиши маънои ҷаззобу муассири онҳо ба урфу одат, эътиқод, зиндагӣ ва ҷаҳонбинии соҳибзабонон робитаи зич дорад. Воҳидҳои фразеологии феълӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз ҷиҳати сохт гуногун буда, дар асоси қолабҳои гуногуни таркибу ибора ва ҷумлаҳои озоди синтаксисӣ сохта мешаванд. Воҳидҳои фразеологӣ феълӣ аз ду ҷузъ – ҷузъи номӣ ва ҷузъи феълӣ иборат мебошанд. Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавқеи ҷойгиршавии ҷузъҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологии феълӣ фарқ намуда, дар забони тоҷикӣ ҷузъи номӣ дар аввал ва ҷузъи феълӣ пас аз он ва дар забони англисӣ бошад ҷузъи феълӣ дар аввал ва ҷузъи номӣ пас аз он меояд. Бояд гуфт, ки мавқеи пасоянди “–**ро**” (ҳамчун ифодаи муносибати бевосита) дар таркиби воҳидҳои фразеологии феълӣ дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо артикли «**the**» дар таркиби воҳидҳои фразеологии феълӣ дар забони англисӣ устувор мебошад. Агар ба вазифаи ҷузъи номии воҳидҳои фразеологии феълӣ дар забони англисӣ ҷонишини соҳибӣ ё исми шахс ояд ва ё ҷузъи номӣ апострофи «**‘s**» қабул намояд, вазифаи артикли «**the**» ба онҳо гузашта, артикл навишта намешавад. Вале дар забони тоҷикӣ пасоянди “–**ро**” дар ҳама ҳолат ҳамчун унсури асосии грамматикӣ ҳамеша навишта мешавад.

Калидвожа: воҳидҳои фразеологии феълӣ, таркибу ибора, ҷумлаҳои озоди синтаксисӣ, забон, ҷузъи номӣ, ҷузъи феълӣ.

О СТРУКТУРНЫХ ОСОБЕННОСТЯХ ГЛАГОЛЬНО- ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматриваются некоторые структурные особенности глагольно-фразеологических единиц в современном английском и таджикском языках. Глагольно-фразеологические единицы образуются на основе синтаксических конструкций, и они становятся устойчивыми с течением времени. По своему содержанию и по своим значениям они представляют особые группы языковых единиц. Глагольно-фразеологические единицы широко используются как готовый материал любого языка для выражения действенной и впечатлительной речи. Значение их эффективности и впечатлительности имеет близкую связь с обычаями, убеждениями и миропознаниеми носителей языка. По структуре глагольно-фразеологические единицы в таджикском и английском языках разные, и они образуются на базе разных структурных оборотов и синтаксических конструкций. Глагольно-фразеологические единицы состоят из двух частей: именная часть и глагольная часть. Проведенное исследование показывает, что составная часть глагольно-фразеологических единиц по своим особенностям структуры данной единицы отличаются в таджикском и английском языках. В таджикском языке именная часть приводится в начале, а затем присоединяется глагольная часть, но в английском языке они находятся в обратном положении. Место послелога “**-ро**” (как средство выражения определенности и переходимости действия на объект) в таджикских глагольно-фразеологических единицах является определенным и устойчивым, как и в английском языке определенный артикл «**the**» имеет свою устойчивую позицию. Если притяжательное местоимение или родительный падеж используются как именная часть глагольно-фразеологических единиц в английском языке, тогда не употребляется определенный артикль **«the»**. В таджикском языке во всех случаях послелог **«-ро»** употребляется как основной грамматический элемент без исключения.

Ключевые слова: глагольно-фразеологические единицы, синтаксические единицы, язык, именные и глагольные части, составная часть.

ON SOME STRUCTRAL CHARACTERISTICS OF VERBAL PHRASEOLOGICAL UNITS IN THE MODERN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The following article discusses some structural characteristics of the verbal phraseological units and it analyses the above-mentioned problem in the modern Tajik and English languages. Verbal phraseological units are formed on the bases of the fixed syntactic units and they become steady in the course of time. According to the meaning they are considered to be special groups of the language units. Verbal phraseological units are widely used as a set expression to express the affective and attractive speech in every language. The origin meaning of their affection and attraction has close links with the customs, confidence and outlook of the native speakers. According to the structure the Tajik-English verbal phraseological units are varied and they are formed on the basis of the different set expressions and syntactic sentences. Verbal phraseological units consist of two parts – nominal and verbal parts. The author’s researches have shown that the components are different in Tajik – English verbal phraseological units. In Tajik language the nominal part comes first and verbal part then but in English it is vice versa. The location of postposition “**–po**” (as a way of expressing certainty) in the Tajik verbal phraseological units is steady in the comparison with the definite article «**the**» of the English verbal phraseological units. If possessive pronouns or genitive case come as nominal verbal phraseological units in English the definite article «**the**» isn’t used. But in Tajik the postposition “**–po**” is used as a basic grammatical element in any case.

Key words: verbal phraseological units, syntactic units, language, nominal and verbal parts, components.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муродов Файзалӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забонҳои аврупоии факултаи муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 988-00-91-95**

Сведения об авторе: ***Муродов Файзали*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры европейских исследований факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 988-00-91-95**

Information about the author: ***Murodov Fayzali*** – Tajik National University, senior teacher of the European studies of the faculty of International relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 988-00-91-95**

УДК: 811.21/.22-54

МАВҚЕИ КАТЕГОРИЯИ ШАХС ДАР ҶУМЛАҲОИ МУАЙЯНШАХС ВА НОМУАЙЯНШАХС

Кенҷазода М.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Категорияи муайянӣ субъекти амал ва ҳолатро чун шахси муайян ифода мекунад. Категорияи номуайянӣ субъекти амалро чун шахси номуайян (бештар дар ҷумлаҳои номуайяншахс) ифода мекунад, зеро дар ин ҷумлаҳо на зикри соҳиби амал, балки худи амал муҳим аст. Категорияи ҷомеъ (умумишахс) субъектро чун дилхоҳ шахсе, ки ба амалу ҳолати ҷумла нисбат дода мешавад, ифода мекунад. Ба андешаи профессор Б. Камолиддинов *«Дар ҷумлаҳои яктаркибаи феълӣ соҳиби амалу ҳолат дар мақоми мубтадо бо калима ё ибора ифода наёфта бошад ҳам, дар як маврид бо ёрии бандакҳои феълӣ ифода меёбад, вале шахси он гоҳе воқеист (муайяншахс), гоҳе ғайривоқеист (номуайяншахс ва умумишахс), дар мавриди дигар хабари ҷумла аз ин имконот тамоман маҳрум мемонад (бешахс)»* [6, с.13]. Ифодаи ин категорияҳо чун категорияи шахс, бо он ки баъзеи онҳо бо васоити муайяни пешниҳоди субъект алоқаманданд, бо шаклҳои феъл маҳдуд намешаванд; шаклҳои шахси дуюми ҷамъ бо категорияи ҷомеъ, шахси якум ва дуюм бо категорияи муайянӣ, шахси сеюми ҷамъ бо категорияи номуайянӣ тавъаманд. Дар баробари шаклҳои феълӣ, нақши муҳимро дар ифодаи категорияи шахс ҷонишинҳо мебозанд. Аммо ҳамон як шакли феълӣ ё ҳамон як ҷонишин метавонад ба категорияҳои гуногун хизмат кунад. Чунончи, шакли феъли шахси сеюми ҷамъ субъекти номаълумро метавонад дар қолаби ҷумлаи яктаркибаи номуайяншахс ё ҷумлаи муайяншахс, ё ин ки умумишахс ифода кунад. Ба ҳамин монанд, мафҳуми ҷомеъ чун инъикоси амалу ҳолат дар дилхоҳ қолаби ҷумлаи муайяншахс, бешахс, чумлаҳои дутаркиба, яктаркиба зуҳур мекунад.

Шарти бавуҷудоии мафҳуми номуайяншахс ё умумишахс дар ҷумла ҳоло муайян карда нашудааст. Таснифоти ғайримунтазами гуногунхелии семантикӣ-услубии категорияи шахс, яъне воситаҳои ифодакунандаи субъекти муайян ё номуайян, ё ин ки умумӣ, ки аз тарафи гӯянда интихоб карда мешавад, ба таснифоти грамматикии ҷумла ягон муносибате надорад ва маҳаки таснифоти ҷумлаҳои сода шуда наметавонад. Воситаҳои пешниҳоди субъект аз маҷмӯи матнҳо муайян карда мешавад ва таълимоти он ба нутқ ва услубиёти наҳв тааллуқ дорад. Вобаста ба ҳамин, ин ё он тарзи пешниҳоди субъект бо навъҳои иртиботии нутқ, ки системаи онҳо амиқ омӯхта нашудааст, муайян карда мешавад. Чунончи, барои оид ба амалҳои яккарата ё мушаххас маълумот додан категорияи муайяни шахс созгор аст, барои ифодаи маълумоти ба умум тааллуқдошта тарзҳои пешниҳоди субъекти умумӣ лозим аст. Бояд қайд намуд, ки категорияи умумишахс маъмулан хосси назму насри лирикӣ аст, зеро он як воситаи наздикшавии тасаввуроти муаллиф бо хонанда буда, як тарзи пардапӯшона ифода намудани матлаб мебошад. Аз ҷониби дигар, бояд нақши воситаҳои гуногуни ифодаи шахс дар сохтори наҳвӣ ва услуби нутқи китобию гуфтугӯйӣ муйаян карда шавад. Ба ҳамин андоза зоҳиршавии шахс хосси ситуатсия ва мундариҷаи нутқ буда, зикр накардани субъект, умумикунонии амал ва мубтадои грамматикӣ махсусияти нутқи китобиро дар жанрҳои услубҳои расмӣ-коргузорӣ ва илмӣ нишон медиҳад. Тарзҳои пешниҳоди субъект дар ин ҷо

бо воситаҳои ташкили наҳвии муносибатҳои субъективӣ - объективӣ дар категорияи фоилӣ муттаҳид мешавад. Наздикшавии муродифоти сохтор (заминро шудгор кардаанд - замин шудгор шудааст) ба воситаи умумӣ, номуайянии пешниҳоди субъекти амал такя мекунад ва дар баробари ин, зикр нагардидани субъект барои таҷвизи он ба объекти амал ва бо ин ба предмети тавсифшуда мубаддал шудани объект шароит фароҳам меорад. Муқоиса кунед: Хӯрокро боиштиҳо мехӯрад – хӯрок боиштиҳо хӯрда мешавад – хӯрок иштиҳоовар аст. Бояд дар назар дошт, ки категорияҳои семантикӣ - услубӣ, муайяншахсӣ, номуайяншахсӣ ва умумишахсӣ аз рӯйи аломати мавҷуд будан ё набудани субъект дар ҷумлаҳои бешахс ва ҳамаи дигар ҷумлаҳое, ки дар онҳо дар бораи амал, ҳолат, аломати субъект маълумот дода мешавад, аз ҷиҳати сохтор мутақобиланд. Дар муайян намудани ҳайати қолаби ҷумла аз миқдори ками ҳатмии ҷузъҳо дар ташкили асоси предикативии ҷумла бо ин ё он маънои типпиро асос гирифта, афзалияти ҷумлаҳои яктаркибаи бешахс, муайяншахс ва дутаркибаро ба назар гирифтан лозим аст. Г.А. Золотова таъкид мекунад, ки «*Зуҳур накардани субъект дар ҷумлаҳои муайяншахс, ки онҳоро ба типи ҷумлаҳои яктаркиба ворид кардаанд, асос шуда наметавонад, чунки он ё аз ягон тарзи ифодаи субъекти гуфташуда, ё аз нопуррагии матн шаҳодат медиҳад. Масалан, дар ҷумлаҳои: Ҳасрат. Андӯҳгинам. Беморам - дар хусуси ҳолати шахси гӯянда маълумот дода мешавад ва ба категорияи шахси якум тааллуқ дорад. Агар сухан дар хусуси ҳолати рӯҳии шахси дигар равад, дар бораи ин шахс бояд дар матн ишорае шуда бошад. Агар субъекти шахси якум ё дуюм дар ҷумла номбар нашуда бошад, вале он аз матн маълум бошад, пас ин гуна ҷумлаҳоро ба қатори ҷумлаҳои дутаркибаи нопурра дохил кардан лозим аст*» [4, с.165]. Интихоби тарзи ифодаи субъекти ҳолат на аз рӯйи аломати шахс доштан ё надоштани ҷумла, балки аз ҷиҳати фарқи муқобилгузории амалу ҳолат, тобеият ва ғайритобеият, амалу ҳолати субъект вобаста ба ифодаи он сурат мегирад. Қобили зикр аст, ки ҷумлаҳои феълии бемубтадо чун зинаҳои гузариш ба ҷумлаҳои яктаркибаи бешахс ва хелҳои гуногуни он бояд дида баромада шаванд.

«*Сохтори ҷумлаи бешахс (бемубтадо), ки ба истеъмоли шакли бешахси феъл асос ёфтааст, чун воситаи тасвири ғаразноки амал ба субъекти номаълум ё номуайян хизмат мекунад. Он чун ивазкунандаи қолабҳои ҷумлаи дорои шахс барои пардапӯшона ифода кардани матлаб истифода мешавад. Чунончи: Киро пахш кардаанд? Бачаҳо, одам пахш карда шудааст*» [2, с.147.]

Парадигмаи ҷумлаи дорои шахс на бо парадигмаи феълӣ, на бо шакли асосии субъект маҳдуд намешавад. Азбаски сухан оид ба қолаби ҷумла меравад, парадигма бо сохтори минималии он, ки фақат ифодаи субъектро, на ҷузъҳои дигари наҳвии асоси предикативиро дар бар мегирад, маҳдуд мешавад. Тағйироти ҷузъии мавзӯи шахс дар ҷузъҳои объектӣ, атрибутивӣ ва ҳолии ҷумла имкон дорад, вале он дар сатҳи ибора ё вусъатёбии факултативии ҷумла, бе ба вуҷуд овардани қолаби дигаргуншудаи он зуҳур мекунад. Аломати грамматикии сохторҳои муайяни хелҳои ҷумла, ки категорияи шахси исмҳо бо категорияи шахси ҷонишинҳо ва феълҳо алоқаманд аст, парадигмаи шахс мебошад. Истилоҳи «шахс», «шахсият», ки бо исмҳо ва феълҳою ҷонишинҳо корбаст мешаванд ва дар ибтидо чун омоним ба назар мерасанд, дар истифодаи наҳвӣ зич алоқаманданд.

Ҳамин тариқ, аз ҳадди муқарраршудаи хусусияти сарфидошта берун баромада, ҷанбаи наҳвии категорияи шахсро дидан мумкин аст, ки бо ҳам алоқаманданд. Таносуби шаклҳои шахсият: бешахсият // дутаркиба: яктаркибаро барқарор кардан мумкин аст, вале бо баҳои ба тарзи дигар тақсим кардани феълҳо ба хотири принсипи мунтазамии таснифот. Дар баробари ин, дар алоқамандӣ бо мафҳуми баёншудаи шахси наҳвӣ ва бо мақсади гурез аз такрори истилоҳӣ, муносибтар аст таносуби шахсият // бешахсиятро чун мубтадоӣ // бемубтадо ифода намуд. Ҷумлаҳои яктаркибаи бемубтадо (ё якҷузъа) ба ҳамаи дигар ҷумлаҳои дутаркибаи мубтадодор (ё дуҷузъа) муқобиланд. Ҷумлаҳои мубтадодор, дар навбати худ, ба ҷумлаҳое, ки мубтадояшон ҳамеша шахси сеюмро ифода мекунад ва мубтадояшон ифодакунандаи шахс аст, ҷудо мешаванд: чун қолабҳои муайяншахс, номуайяншахс ва умумишахс. Сохтори наҳвии ҷумлаҳои номинативӣ аз нуқтаи назари

категорияи шахс, асосан, ба мафҳуми категориявӣ - семантикии аъзои асосӣ вобаста аст. Мутаносибан ҷумлаҳои номинативӣ ба ҷумлаҳои предметӣ, ки аз исмҳои мушаххас ташкил шудаанд ва ҷумлаҳои абстракт, ки аз исмҳои ғайривоқеӣ ташкил ёфтаанд ва мафҳуми ҳаракат, аломат ва ҳолати субъектро ифода мекунанд, ҷудо мешаванд. Ҷумлаҳое, ки ҳаракат, аломат ва ҳолати шахсро ифода мекунанд, бе мубтадо шуда наметавонанд: ин аломатҳо соҳиби амалро талаб мекунанд. Ифода нашудани мубтадо низ чун дар дигар навъҳои ҷумлаҳои мубтадодор дар наҳв муҳим аст, инчунин он метавонад чун падидаи категорияи таркибӣ - услубии муайяншахс, умумишахс ва номуайяншахс шарҳ ёбад. Ҷумлаҳои унвонии предметӣ ба ҷумлаҳои номуайяншахс наздик мешаванд, зеро аз ҷиҳати маънои наҳвӣ шахси сеюмро ифода мекунанд, вале мафҳуми шахс ба онҳо шартан истифода мешавад, чунки бо мафҳуми аломат муносибати дутарафа надоранд.

Ҳамин тавр, муносибати ин ё он ҷумла ба категорияи наҳвии шахс бо будан ё набудани аломати шахсият (мубтадо) ва барои ҷумлаҳои мубтадодор бо мафҳуми яке аз се шахс мувофиқи мавқеи субъект дар мубодилаи нутқ муайян карда мешавад. Метавон гуфт, ки омӯзиши масъалаи шахс ҳамчун категорияи грамматикӣ дар илми забоншиносӣ танҳо дар доираи худи қолаби ҷумла маҳдуд нагардида, доманаи фарохтар аз ҷумларо, ба мисли матн ва умуман алоқаи байни ҷумлаҳо, вазъияти нутқ, ки фарогири ҳолатҳои гуногуни коммуникатсия аст, дар бар мегирад.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматика русского языка. - М.: Изд-во АН СССР, 1954. - Т.II. - Ч.1.
2. Грамматикаи забони адабии тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1985. - Ҷ.1. – 365 с.
3. Виноградов В.В. Русский язык / В.В. Виноградов. - М., 1947.
4. Виноградов, В.В. Основные вопросы синтаксиса предложения / В.В. Виноградов // Вопросы грамматического строя. - М., 1955.
5. Золотова, Г.А. Очерк функционального синтаксиса русского языка / Г.А. Золотова. - М.: Наука, 1973. – 352 с.
6. Камолиддинов, Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. - Душанбе: Собириён, 2010. – 280 с.
7. Қосимова, М.Н. Структура ва семантикаи ҷумлаҳои соддаи насри асри XI / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 1986. – 87 с.
8. Лекант, П.А. Синтаксис простого предложения в современном русском языке / П.А. Лекант. - М.: Высщая школа, 1986. – 175 с.
9. Ниёзмуҳаммадов, Б. Забоншиносии тоҷик / Б. Ниёзмуҳаммадов // Асарҳои мунтахаб. - Душанбе: Дониш, 1970. - 384 с.
10. Норматов, М. Ҷумлаҳои содда дар забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 184 с.
11. Основы построения описательной грамматики современного русского литературного языка. - М., 1966.
12. Руднев, А.Г. Синтаксис простого предложения / А.Г. Руднев. - М., 1960. – 160 с.

МАВҚЕИ КАТЕГОРИЯИ ШАХС ДАР ҶУМЛАҲОИ МУАЙЯНШАХС ВА НОМУАЙЯНШАХС

Мақола ба масъалаи мавқеи муайянӣ ва номуайянӣ дар ҷумлаҳои сода бахшида шудааст. Муаллифи мақола кӯшиш менамояд, ки вобастагии категорияи шахсро дар ҷумла ба мундариҷаи он алоқаманд шуморад ва онро дар асоси мисолҳои мушаххас шарҳ медиҳад. Муаллиф дар такя ба андешаҳои муҳаққиқони рус ва тоҷик кӯшиш менамояд, ки мавқеи категорияи шахсро дар ду гурӯҳи ҷумлаҳои содаи яктаркиба нишон диҳад. Дар заминаи ҳамин назар алоқамандии категорияҳои зикршударо бо мақсади фикре, ки дар ҷумла ифода мегардад, таъкид менамояд. Маҳз мақсад метавонад муайян ё номуайян // умумӣ будани шахсро дар ҷумла нишон диҳад. Яъне, агарчи шаклҳои феълӣ –хабарҳо ба шахсони ҷудогона мушаххас далолат мекунанд, мақсади ҷумла метавонад бештар равшан созад, ки ҷумла ба кадом хели категорияи шахс мансуб аст. Дар муайян намудани хели ҷумла дар баробари шаклҳои феълӣ ҷонишинҳо низ нақши муҳим доранд. Дар ин маврид мумкин аст, ки онҳо дар хабари ҷумлаҳои яктаркиба ишора гардида бошанд. Барои тақвияти андешаҳо ва мавқеи худ муаллиф аз адабиёти бадеии муосир ҳамчун намунаи забони адабии имрӯза мисолҳо меоварад. Ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ муаллиф аз методҳои назариявии илми забоншиносӣ, таҳлили контентӣ, аналогия ва индуксия истифода мебарад.

Калидвожаҳо: категорияи грамматикӣ, категорияи шахс, модалият, замон, шаклҳои феълӣ, ҷумлаҳои муайяншахс, ҷумлаҳои номуайяншахс, ҷонишинҳо.

КАТЕГОРИЯ ЛИЧНОСТИ В ОПРЕДЕЛЕННОЧНЫХ И НЕОПРЕДЕЛЕННЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЯХ

Статья посвящена вопросу места и роли категории личности в структуре простого предложения в таджикском языке. Автор уделяя особое внимание роли категории личности в структуре простого определенноличного и

неопределенноличного предложения, подчеркивает, что всесторонее выявление особенностей данной категории достигается только при ситуативном анализе. Автор с опорой на рассуждения русских и таджикских ученых постарался показать место категории личности в двух группах простых односоставных предложений. На основе данного взгляда автор потверждает связь указанных категорий с целью мысли, которая выражается в предложении. Именно цель может показать определенность или неопределенность//общность личности в предложении. То есть, хотя глагольные формы – сказуемые конкретно указывают на отдельные личности, цель предложения может еще больше внести ясность в то, что к какой категории личности относится предложение. Для потверждения своих мыслей и позиции автор приводит примеры из современной художественной литературы как образца современного литературного языка. При исследовании темы автор использовал теоретические методы науки о языке, контентный анализ, аналогию и индукцию.Самый яркий признак категории личности как элемента значения предикативности предложения состоит в том, что личность в грамматическом смысле противопоставляется, выражается в том, что они выражаются местоимениями имеющими значение противопоставления. В данной ситуации выявляется не только сруктурно-грамматическая особенность предложения, но и тематика текста и дискурса.

Ключевые слова: категория, модальность, личность, простое предложение, коммуникативная единица, речевая ситуация.

REFLECTIONS ABOUT THE ROLE OF PERSONALITY CATEGORY IN A STRUCTURAL FORM OF PROPOSAL

The article is devoted to the question of the place and role of the category of personality in the structure of a simple sentence in the Tajik language. The author, paying particular attention to the role of the category of personality in the structure of a simple definite-faced and indefinite sentence, emphasizes that a comprehensive identification of the features of this category is achieved only with a situational analysis. The author, relying on the reasoning of Russian and Tajik scholars, tried to show the place of the personality category in two groups of simple single-compound sentences. Based on this view, the author confirms the connection of these categories with the goal of thought, which is expressed in the sentence. It is the goal that can show certainty or uncertainty // the commonality of the personality in the sentence. That is, although verb forms - predicators specifically indicate individual personalities, the purpose of the sentence can further clarify what category of personality the sentence belongs to. To confirm his thoughts and position, the author gives examples from modern fiction as an example of a modern literary language. In exploring the topic, the author used the theoretical methods of the science of language, content analysis, analogy and induction. The most striking feature of the category of personality as an element of the meaning of predicative sentence is that the person is grammatically opposed, expressed in the fact that they are expressed in pronouns having the meaning of opposition . In this situation, not only the structural-grammatical feature of the sentence is revealed, but also the subject matter of the text and discourse..

Key words: category, modality, personality, simple sentence, communicative unit, speech situation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторант. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. E-mail: kenjazoda-1978@mail.ru

Сведения об авторе: ***Кенджазода Манучехра Солех*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: kenjazoda-1978@mail.ru

Information about the author: ***Kenjazoda Manuchehra Solekh*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, doctoral student. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

УДК:811.21/22 (575.3)

НОМВОЖАҲОИ НУҶУМӢ ДАР АШЪОРИ ФОРСӢ-ТОҶИКИИ АЛИШЕРИ НАВОӢ-ФОНӢ ВА ТАҲЛИЛИ ЛУҒАВИИ ОНҲО

Додарова Т.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Амир Низомиддин Алишери Навоӣ (1441-1501), ки осори форсии тоҷикиашро бо тахаллуси Фонӣ эҷод намудааст, аз чеҳраҳои тобони адабу фарҳанги Осиёи Марказӣ ба шумор рафта, ҳамчун арбоби барҷастаи давлатӣ, суханвари тавоно ва поягузори адабиёти классики ӯзбек шинохта шудааст. Доир ба рӯзгору осори ин симои равшани адабу фарҳанг дар замони зиндагиаш андешаву хотироти нек рӯйи коғаз омада, бунёди

навоишиносӣ аз ҳамон вақт гузошта шуда буд. Мо инро дар заҳматҳои илмию адабии ҳамасронаш Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ, Султон Ҳусайни Бойқаро, Муҳаммад ибни Ховандшоҳ ибни Маҳмуди Мирхонд ва писараш Ҳумомиддин Хондмир, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Абдурраззоқи Самарқандӣ, Зайниддини Восифӣ, Муҳаммади Бобур ва дигарон, ки бо Алишери Навоӣ дӯстию рафоқат, ҳамкорию ҳамнишинӣ ва эътиқоду эҳтироме доштаанд, дармеёбем. Баробари пайдоишу инкишофи илми шарқшиносӣ роҷеъ ба рӯзгору осори Алишери Навоӣ мақолаву рисолаҳои илмии гуногунҳаҷму бешуморе ба табъ расидаанд. Дар ҷодаи навоишиносӣ метавон заҳамоти пуразриши В. В. Бартолд, Садриддин Айнӣ, Е. Э. Бертелс, И. Кондар, А. Н. Болдирев, И. С. Брагинский, Ҳ. Сулаймонов, Рукниддин Ҳумоюнфаррух, А. Мирзоев, В. Абдуллоев, А. Қаюмов, Қ. Боровиков, Расул Ҳодизода, Аълохон Афсаҳзод, Муҳаммадяъқуб Воҳиди Ҷузҷонӣ, Суима Ғаниева, А. Ҳайитматов, А. Шомуҳаммадов, Алии Муҳаммадӣ, Сайид Аббоси Санчоракӣ ва дигаронро ёдрас шуд. Дар таҳқиқу тадқиқ ва омӯзишу баррасии рӯзгор, ҳаёти сиёсию фарҳангӣ ва адабии Алишери Навоӣ махсусан устод Садриддин Айнӣ бо рисолаи калонҳаҷми худ «Алишери Навоӣ» саҳми арзандае дорад ва ӯро аз поягузорони аввалини навоишиносӣ дар садаи ХХ бояд донист.

Навоишиносӣ ба муносибати таҷлили ҷашнҳои 500, 525 ва 550-солагии зодрӯзи ин шахсияти адабу фарҳанг доманаи васеътаре паҳн намуд. Ба ин муносибат асарҳои ӯ борҳо ба забони модариаш ба табъ расида, ба забонҳои гуногуни мардуми собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он тарҷумаву нашр гардиданд. Агар аҳли таҳқиқ амиқтар нигоҳ намоянд, хоҳанд дид, ки дар Тоҷикистон низ роҷеъ ба ҳаёту эҷодиёти пурбаракати Алишери Навоӣ рисолаву мақолаҳои зиёде навиштаву ба нашр расидаанд.

Мероси илмиву адабии Алишери Навоӣ гуногунпаҳлуву пурмуҳтаво буда, бо забони гуворои модарӣ барои хоссу ом фаҳмо эҷод гардидаанд. Вай ҳамчун як чеҳраи саррофи сухан дар истифодаи санъатҳои бадеӣ ва истеъмоли вожаҳои хушоҳанги форсии тоҷикӣ, ибораю таъбирҳои мардумӣ, мақолу зарбулмасалҳо, номвожаҳои улуми замон ва ғайра барои рангину намакин баромадани осори бадеияш хастанопазирона кор гирифтааст. Барои ин мебояд, ки боре ба девонҳо, маснавиҳои ‘‘Хамса’’ ва дигар офаридаҳои килки сеҳрангези ӯ ҳам ба забони модарияш - туркии чиғатоӣ, ки имрӯз ӯзбекиаш мехонем ва ҳам ба забони форсии тоҷикиаш мурочиат ва боварӣ ҳосил намуд.

Гуфта шуд, ки ӯ дар баробари хастагинопазирона ба адабиёту фарҳанги туркитаборон хидмат намудан, ба адабиёти форсии тоҷикӣ низ дилбастагии алоҳида дошт, ба ин забон бо тахаллуси Фонӣ шеър мегуфтааст ва аҳли таҳқиқ дақиқ намудаанд, ки мавсуф дар синни 15-солагияш дар байни аҳли қалами вақт ҳамчун шоири зуллисонайн (донандаи хуби ду забон); забони модарӣ ва забони форсии тоҷикӣ, шуҳратманд гардида буд. Вай асосан ба талаботи сарфу наҳви забони адабии асри ХУ тоҷик риоя кунад ҳам, дар истеъмоли калимаҳои хушоҳанг, ибораву таъбирҳои рехтаи халқӣ ниҳоят борикбин аст. Забони ашъори Навоӣ-Фонӣ ҳам ба туркии чиғатоӣ ва ҳам ба забони форсии тоҷикӣ асосан аз забони гуфтугӯии халқ дур набурда, аз он дар ҷомаи шеър моҳиронаву устокорона кор гирифтааст.

Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ вобаста ба сохту муҳтавои ашъораш ва маъниофаринӣ дар баробари истифодаи бемайлон аз забони равон, санъатҳои лафзию маънавии ҳар ду адабиёт аз номвожаҳои ҷуғрофӣ монанди Чин, Ҳалаб, Эрон, Юнон, Турон, Ғӯр, Ҳирот, Хуросон, Макка, Мадина, Ҳинд, Араб, Аҷам, Сипоҳон, Туркистон, Уммон, Бадахшон ва ғайра, номвожаҳои асотирии мардумони форситабору туркинажод, монанди Рустам, Суҳроб, Ҳотам, Юсуф, Зулайхо, Лайлӣ, Маҷнун, Ширин, Исо, Сулаймон, Билқис ва ғайраҳо, номвожаҳои афсонаву ривоятҳои динӣ, монанди Одаму Ҳавво, Тӯфону Нӯҳ, Дами Исо, Асои, Тӯбо, Оташи Намруд, Мӯсо ва ғайра, номвожаҳои марбут ба рӯйдодҳо ва шахсони таърихӣ Афлотун, Маҳмуд, Аёз, Фағфур, Ҳоқон, Санҷар, Халлоҷ, Султон Ҳусайни Бойқаро ва ғайра, номвожаҳо аз воқеаҳои фарҳангӣ, монанди Анварӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Хоҷа Ҳофиз, Мавлоно Ҷалолуддини Балхии Румӣ, Авесто, Монӣ Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва ғайра, номвожаҳои нуҷумӣ монанди

Фалак, Ноҳид, Моҳ, Муштарӣ, Хуршед, Офтоб, Зуҳра, Кайвон, бурҷҳои осмонӣ ва ғайра огоҳона истифода бурдааст.

То имрӯз оид ба номвожаҳои ҷуғрофии мавзеъҳои алоҳидаи Тоҷикистон як силсила рисолаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва асару мақолаҳои илмӣ-оммавӣ ба нашр расидаанд, ки ҳар кадомашон ба таҳлилу баррасӣ ва ҳаллу фасли баъзе паҳлуҳои масоили мухталифи топонимияи маҳалҳои гуногуни ҷумҳурӣ бахшида шудаанд [1, с.9]. Вале аз ин нигоҳ ба номвожаҳо дар осори бадеии адибони класикиамон, умуман, камтар таваҷҷуҳ шудааст.

Дуруст аст, ки ин номвожаҳо бештар ба таври умумӣ дар бахши адабиётшиносиамон ба сифати санъати талмеҳ мавриди истифода қарор гирифтаанд, вале ба хусусиятҳои грамматикии онҳо ва махсусан, таҳлили луғавӣ ва маъноии онҳо бошад, ҳанӯз таваҷҷуҳи хоссае дода нашудааст. Ба ҳамин маънӣ, дар мақолаи мазкур тасмим гирифта шуд, ки пиромуни хусусиятҳои номвожаҳои нуҷумии ашъори форсии тоҷикии Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ баъзе мулоҳизаҳои аввалияи худро баён намоем.

Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ барои бо либоси шинам оро додани мероси адабии худ аз дарёфтҳои улум ва тамоми имконоти забонии форсии тоҷикии замонаш моҳирона истифода намуда, бад-ин васила тавонистааст омӯхтаҳову андӯхтаҳои худро ҳаддалимкон ба кор барад. Яке аз инҳо огоҳии тамом доштани ӯ аз илми нуҷум ва тасаввури ӯ аз пешиниёни банӣ-башар дар бораи пайдоиш, сохти кайҳону сайёраҳо, ситораҳо ва ҷойгиршавии онҳо дар осмони бекарон будааст. Дар мавриди истифодаи истилоҳоти нуҷумӣ ва сипеҳршиносӣ шоир аз маънои кулли онҳо истифода нанамуда, ҳар кадомеро вобаста ба мазмуну мундариҷаи осораш маҷозану талмеҳан кор фармудааст. Ин тарзи истифодабарию маъносозӣ ба шоири зуллисонайн имкон фароҳам овардааст, ки забони осораш ва баёни андешаҳояшро ғанитар гардонад.

Дар забоншиносии муосир дар бораи сохтори топоним ва микротопонимҳои тоҷикӣ, ташаккули топонимияи таърихии бисёр манотиқи Тоҷикистон, хусусиятҳои онҳо заҳматҳое анҷом ёфтаанду [1] боз ҳам омӯзиши ин номвожаҳо идома дорад. Аммо номвожаҳои нуҷумӣ ва кайҳонӣ, онҳоро низ инсонҳо дар тӯли таърихи дароз ва омӯхтаву андӯхта, хусусиятҳои зоҳирию ботинии онҳоро дарк намуда, номгузорӣ кардаанд, пажӯҳише ба назар намерасад. Осмон, Замин, Кайвон, Хуршед, Офтоб, Моҳ, Зуҳал, Зуҳра, Муштарӣ, Сурайё, , Суҳайл, Парвин, Уторид, Фалак барин номҳо, ки маншаи луғавию маъноӣ доранд, дар баробари дар сари худ истиқлолияти забонӣ доштан, барои ифода намудани ҷирмҳои муяйяни осмонӣ дар адабиёт мавриди истифодаи бадеӣ қарор гирифтаанду забони осори бадеиро ғанӣ ва ҳунари маъниофарии эҷодкорро афзудаанд. Мо инро дар мисоли ашъори форсии тоҷикии Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ то ҳадди имкон ба мушоҳида гирифтаем.

Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ вобаста ба сохту муҳтавои баъзе абёти ашъори форсии тоҷикиаш ва рангинбаён намудани забони офаридаҳояш дар баробари истифода аз имкониятҳои васеи забон аз номвожаҳо ё истилоҳоти нуҷумӣ низ кор гирифтааст. Масалан, номвожаи “Муштарӣ”-ро гирем:

Муштарӣ - номи бузургтарин сайёраи манзумаи Офтоб-Юпитер, ки онро Бирҷис ва Ҳурмуз низ меноманд. Муштарӣ дар фалак ё осмони шашум ҷойгир аст ва ситорашиносони қадим онро муборак шуморида, Саъди Акбар ва Қозии фалак низ ном бурдаанд. Навоӣ-Фонӣ дар як ғазалаш номвожаҳои “Муштарӣ” ва Зуҳра”-ро ин тавр мавриди истифода қарор дода, онҳоро дар тасвири бадеӣ бидуни “Моҳ” ва “Хуршед намебинад ва мегӯяд:

Муштариву **Зуҳра** бар атрофи **Маҳ** дорад қирон,
То бувад бар даври **Хуршед**и рухат дурҳои гӯш! [3, с.194].

Дар ин ҷо дар баробари истифода шудани номвожаҳои ‘‘Муштарӣ’’ ва “Зуҳра", ҳамзамон аз ҷирмҳои осмонӣ номҳои ‘‘Моҳ’’ (Моҳтоб), ‘‘Хуршед’’ (Офтоб) ёд гардида, ба сифати ҳусну ҷамоли маъшуқа кор фармуда шудаанд.

Мисоли дигар, номвожаҳои нуҷумие, монанди **“Чарху анҷум”, “Ноҳид”, “Муштарӣ”, “Тир”, “Миррих”, “Кайвон”**-ро шоир дар шабе мебинад, ки сармаст аз майкада берун омадааст:

Шабе, к-аз майкада масту сарафрозон бурун оям,
Намояд **чарху анҷум** сабзаву шабнам таҳи поям.
Нишоти мастиям чун дар суруд орад, ба ҳар нағма
Кунам **Ноҳид**ро дар гиря аз мастона ғавғоям.
В-агар муфрид шавад мастию дар лаъб оварам пӯя,
Мидод аз Муштарӣ в-он гаҳ давот аз **Тир** бирбоям.
Зи **Кайвон** тоҷу аз **Миррих** теғашро чу бирбудам,
Барам ин ҷумларо дар базми **Моҳ**у маҷлис ороям [3, с.255-256].

Аввалан, **чарху анҷум** осмону ситорагонанд**,** ки дар маҷмӯъ ҳамаи ҷирмҳои осмониро дар худ фаро гирифтаанд. Яъне, ҳамаи номвожаҳои нуҷумӣ дар ниҳоди ин таркиб ҷой доранд. Сониян, вожаи дигари нуҷумӣ **Ноҳид** дар байти дувум, вобаста ба муҳтавои он истифода шудааст, ки дар ин бора поёнтар, дар шарҳи вожаи нуҷумии **Зуҳра** сухан хоҳад рафт.

Тир ҳамоно сайёраи **Уторид** аст ва **Уторид** ё сайёраи **Тир** ё **Меркурий** дар илми ҳайат, илм барои ҷисмҳои осмоншиносӣ ва ситорашиносӣ буда, онро дабири фалак номидаанд.

Кайвон - номвожаи нуҷумист ва номи дигараш сайёраи Зуҳал мебошад, ки бар фалак ё осмони ҳафтум ҷой дорад ва онро мардум ‘‘Наҳси Акбар’’низ ном мебаранд. Ин ситораро мардум барои он ‘‘Наҳс’’ гуфтаанд, ки гӯё ба сарашон бадбахтию бадтолеъӣ меорад. Бад-ин маънӣ, ки таъсири бади ситораҳо гӯё сабаби бадбахтии мардум мешудааст. Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ “тоҷ аз сари Кайвон гирифтам” гуфта, маънии ниҳониашро, ки Кайвонро - бадиро мағлуб намудан аст, дар он ҷой намудаву ҳамзамон аз санъати талмеҳ кор гирифтааст. **Миррих** бошад, дар байти севум, ҳамчун номвожаи нуҷумӣ номи сайёраи Баҳром (Марс) аст, ки мунаҷҷимони қадим онро ҳамчун барангезандаи ҷангу ҷидол ва муноқишаҳои номатлуб ҳисоб мекарданд. Қаҳрамони лирикии Навоӣ-Фонӣ сархуши базми тараб аст ва бо нохушиҳо сар ба сар шуда, онҳоро мағлуб ва вақти хешро ҳамроҳашон дар базми **Моҳ,** ки таҷассумгари зебоиҳо мебошад, хуш карданист.

Дар шеъри Алишери Навоӣ-Фонӣ бо номвожаи нуҷумии **Зуҳра**, ки муродифи он **Ноҳид** (Аноҳита) мебошад, метавон дучор омад. Зуҳраро дар фарҳанги нуҷуми куҳан ‘‘Саъди Асғар’’ низ гуфтаанд. Мардум ин ситораро ‘‘Мутриби фалак’’, ‘‘Зуҳраи чангӣ’’,‘‘Лӯлии фалак’’, ‘‘Зуҳраи барбатнавоз’’ низ хондаанд ва олиҳаи зебоӣ, суруду рақс ва хушиву хурсандӣ баршуморидаанд. Зуҳра аз равшантарину дурахшонтарин ситора ба шумор меравад. Аз ин нигоҳ, онро «Зуҳраи заҳро» низ гуфтаанду мегӯянд. Мавқеи ҷойгиршавии Зуҳра дар Осмон бурҷи Мизон аст. Зуҳра ё Ноҳид нисбат ба Замин баъд аз Уторид қарор гирифтааст. Ин сайёраи осмонӣ дар ашъори зиёди суханварони Шарқ талмеҳан мавриди истифода омадааст, ки яке аз онҳо Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ мебошад. Мисолҳо:

Аҷаб, ки **Зуҳра** паси кори хеш биншинад,
Ба ноз шоҳиди мо чун ба рақс бархезад? [3, с.138].

Чу хӯрд бода ба хиргоҳи моҳи ман **Ноҳид**,
Зи баҳри базми вай оҳанги хиргаҳӣ овард [6, с.113].

Дар ривоятҳо омадааст, ки гӯё ‘‘Зуҳра’’ дар байни мардум замоне раққоса ва дар чангнавозӣ устоди машҳур будаву дар базмҳо табъҳоро болида медоштааст. Боре ӯро мардум меранҷонанд ва ӯ гӯё ба Осмон парвоз карда, ба сифати ситора мегардаду дар Осмон мемонад, ки ин чандон ба ҳақиқат монанд нест, вале ситорае, ки хеле равшану тобон аст, ахтаршиносон ба хотири ин ‘‘Зуҳра’’-и чангӣ, «Зуҳра» ном ниҳода буданд.

Олими эронӣ Муҳаммадҷаъфари Ёҳаққӣ зимни ривоятҳо доир ба Зуҳра фаротар рафта, менависад: “...Дар манобеи туронӣ мебинем, ки Зуҳра ё Иштор, ки ҳамон Бедухт аст, “Ашторуд” ё “Аштруд” номида шуда ва маликаи Осмон лақаб ёфтааст. Ҳамчунон дар Таврот ҳаст, ки банӣ-Исроил дар замони Сулаймон парастиши “Ашторуд”-ро пеша карданд ва онро маликату-с-само номиданд... Бинобар китобҳои нуҷуми куҳан рӯзи одина (яъне, ҷумъа) ба Зуҳра ихтисос дошта ва шояд ҳамин далел аст, ки дар шеъри форсӣ ин рӯз шодиовар ва тарабангез шумурда шудааст” [2, с.210].

Дигар аз номвожаи нуҷумӣ, ки дар ашъори форсии тоҷикии Навоӣ-Фонӣ дучор мешавем, ситораи **Суҳо** мебошад.

Мисол:

Ба сунъ нуҳ фала короста сареъу рафеъ,
Дар он кавокиби соир зи Меҳр то ба Суҳо [6, с.235].

Суҳо - номи ситораи бисёр хурд дар Банотуннаъш (номи галаситорае, ки онро ба тоҷикӣ "Ҳафт Додарон" мегӯянд), ки паҳлуи ситораи дувум ва се ситораи байнаш меистад ва тезии назарро ба он меозмоянд.

Дар ин байт шоир ҳаҷми ҷирмҳои осмониро, ки калонтаринашон **Офтоб** асту хардтаринашон **Суҳо**ст, дар муқоиса ёдовар шуда, таъкид менамояд, ки ин ҳамаро аз хурд то калон Худованд халқ кардааст.

Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ дар қасидаи аввали силсилаи «Ситтаи зарурия»-и худ «Рӯҳу-л-қудс» мадҳу ситоиши Офаридгорро мекунад, ки ҳазору як тарҳро кашидаву бино кардааст (Зиҳӣ ба хомаи қудрат мусаввири дунё, - Ҳазор нақши аҷаб ҳар замон аз ӯ пайдо.) ва, аз ҷумла, нуҳ табақи осмону дувоздаҳ бурҷи онро. Шоири нуҷумдон менависад:

Фарози ҷумла нуҳум қалъа чун бино кардӣ,
Ба даври қалъа фикандӣ буруҷро мурво.
Чу ҳиснро ба адад сохтӣ дувоздаҳ бурҷ,
Ки ҳар яке ба дигар навъ гашт ҷилванамо.
Аз он дувоздаҳ шуд аввалин чарогоҳе,
Ки аз барои **Ҳамал** гашт соҳаташ маръо.
Дигар яке ба гулу лола марғзори назаҳ,
Ки **Сарв**и чарх хиромид дар ӯ зи баҳри чаро.
Чу хинги чарх барорастӣ зи баҳри хиром,
Ба зери зин-ш кашидӣ чу пайкари **Ҷавзо**...
Ба бурҷи дигар **Ақраб** ба ҷунбиш овардӣ,
Чу каждуме, ки кунад хона дар қадимбино.
Фарози бурҷи дигар сохтӣ камонхона,
Ки чарх **Тир**и бало афканад сӯйи дунё.
Зи саҳми новаки ӯ **Ҷадди**ро рамонидӣ,
Ки чуст чун бузи кӯҳӣ ба авҷ аз он пайдо… [6, с.236-237].

Бо овардани ин мисол, ки дар қасида аз дувоздаҳ бурҷи осмонӣ ёдоварӣ шудааст, метавон бе шакку райб бовар кард, ки Навоӣ-Фонӣ аз донандагони қатории илми нуҷуми замони худ не, балки то ба ҳадди устодӣ будааст.

Дар ашъори форсии тоҷикии шоири зуллисонайн Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ метавон боз бо номвожаҳои нуҷумии Осмон ба таври умумӣ, ки фарогири ҳамаи ҷирмҳо мебошад, Офтоб (Хуршед), Моҳ, Зуҳал, Парвин Суҳайл ва ғайра дучор омад, ки ҳама дар истифодаи суханвар бори маънӣ кашидаанд ва шеъри ӯро ширину намакин сохтаанд.

Илова бар ин ҳама, дар эҷодиёти Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ номвожаҳои нуҷумӣ ба ин ё он муносибате, бештар дар муқобилаву муқоиса ба симоҳои лирикии офаридааш ва таҷассуми рӯҳияи онҳо дар шеъри ғиноӣ истифода гардидаанд, ки пажӯҳиши ҳамаҷонибаи онҳо дар баҳо додан ба забони ашъори шоир муфид буда, кори муфассали минбаъда дониста мешавад.

Ниҳоят Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ дар ашъори форсии тоҷикиаш бо бинишу дониши фарох, баҳравар будан аз илми нуҷум ва диди амиқи эҷодӣ ба ҳама ашёи дунё таваҷҷуҳ намуда, забони баён ва сабки гуфтори осорашро ғанӣ, пурбор ва хотирмон намудааст. Истифодаи номвожаҳои нуҷумӣ дар ашъори мавсуф хаёлоти ӯро рангину ширин сохта, хонандаро во медоранд, ки ба андеша фурӯ равад, фикр кунад, кӯшиши ба умқи маънии офарида расида тавонад. Ин дар адабиётшиносӣ талмеҳан овардани номвожаҳои нуҷумӣ дар шеър аст, ки назари муҳаққиқони адабиётро бештар ба худ мекашад.

А Д А Б И Ё Т

1. Маҳмадҷонов О.О. Топонимия ва микротопонимияи қисмати шимолии води Ҳисор / О.О.Маҳмадҷонов. - Душанбе: Шуҷоиён, 2010. - 228 с.
2. Ёҳаққӣ, Муҳаммадҷаъфар. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ / Муҳаммадҷаъфари Ёҳаққӣ; таҳия ва шарҳу тавзеҳот ва таълиқот Рустами Ваҳҳоб. – Душанбе: Бухоро, 2014. - 748 с.
3. Навоӣ, Амир Алишер. Девони форсӣ / Амир Алишери Навоӣ; ба тасҳеҳи Сайиаббос Растохези Сончоракӣ. – Кобул: Амир, 1395. - 418 с.
4. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. – Москва: Советская эециклопедия. 1969. – Ҷ.1. – 952 с.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. – Москва: Советская эециклопедия, 1969. – Ҷ.2. - 950 с.
6. Фонӣ, Амир Алишер. Девони форсӣ (мунтахаб). Амир Алишери Фонӣ; мураттиб ва муаллифи сарсухан Алии Муҳаммадӣ. –Душанбе: Ирфон, 1993. – 320 с.
7. Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. Меҳру Муштарӣ (Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Адиб, 2010. – 320 с.
8. Навоӣ, Алишер. Ӯн беш тоилик. Девони Фонӣ. Бешинчи том (Ҳкитоб); нашрга Тайёрловчи Ҳамид Сулаймон. – Тошканд: Бадеӣ адабиёт нашриёти, 1965. – 456 б.
9. Абдуманнони Насриддин. Куллиёт осор. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 764 с.

НОМВОЖАҲОИ НУҶУМӢ ДАР АШЪОРИ ФОРСӢ-ТОҶИКИИ АЛИШЕРИ НАВОӢ-ФОНӢ ВА ТАҲЛИЛИ ЛУҒАВИИ ОНҲО

Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ (1441-1501) адибу мутафаккири асри ХУ буда, ба забони модарияш туркии чиғатоӣ, ки имрӯз ӯзбекии қадим мехонанд ва форсии тоҷикӣ аз худ осори зиёди бадеӣ ва илмӣ ба мерос гузоштааст. Мавсуф барои сурудани ашъори ғиноӣ ва навиштани достонҳои зиёду офаридани симоҳои барҷаста баробари аз забони модариаш кор гирафтан, аз забони форсии тоҷикӣ устокорона аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода намуда тавонистааст. Дар мақолаи мазкур дар бораи номвожаҳои нуҷумӣ ва корбурди онҳо дар ашъори форсии тоҷикии Навоӣ-Фонӣ сухан меравад. Шоир дар ашъораш аз номвожаҳои нуҷумӣ, монанди Зуҳра, Муштарӣ, Зуҳал, Миррих, Суҳо, дувоздаҳ бурҷи осмонӣ, Суҳайл, Уторид дар мавридҳои зарурӣ истифода намуда, вобаста ба муҳтавои асарҳояш ба онҳо мазмуну маънои тоза додааст. Агар ин номвожаҳо дар ашъори шоир аслан ба маънои аввалӣ, яъне талмеҳан истифода шуда бошанд, муаллиф дар мақола кӯшиш намудааст, ки маънии забонӣ ва маншаи баромаду таърихияташонро ҳаддалимкон нишон диҳад. Минбаъд, ҳамаҷониба омӯхтани он барои ба забони асарҳои адиби зуллисонайн баҳои арзанда додан муфиду арзишманд мебошад. Муаллиф чунин хулосабарорӣ менамояд, ки Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ дар ашъори форсии тоҷикиаш бо бинишу дониши фарох, баҳравар будан аз илми нуҷум ва диди амиқи эҷодӣ ба ҳама ашёи дунё таваҷҷуҳ намуда, забони баён ва сабки гуфтори осорашро ғанӣ, пурбор ва хотирмон намудааст.

Калидвожаҳо: Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ, номвожаҳои нуҷумӣ, корбурд, муҳтаво, ашъори форсии тоҷикӣ, Зуҳра, Муштарӣ, Зуҳал, Парвин, Суҳо, Уторид, забон, ҳусни баён, маъниофарӣ.

АСТРОНИМЫ В ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ПОЭТИКЕ АЛИШЕРА НАВАИ И ИХ СЛОВАРНЫЙ АНАЛИЗ

Амир Алишер Наваи-Фани (1441-1501) литератор и ученый ХУ века, на своем родном тюрко-джигатайском языке, который сегодня считается древним узбекским языком и на персидско-таджикском языке оставил после себя большое литературное и научное наследие. Он при сочинении лирических произведений, написания многочисленных поэм и сотворения великих образов сумел мастерски использоваь не только свой родной, но и персидско-таджикский язык. В данной статье речь идет об астронимах и их использовании в персидско-таджикском наследии Наваи-Фани. Поэт в своих сочинениях использовал такие астронимы как Венера, Юпитер,Сатурн, Марс, Сухо, двенадцать знаков зодиака, Сухайл, Уран и в зависимости от содержания своих произведений придал им новое значение и содержание. Если эти астронимы в сочинениях поэта и использовались в первозданном значении, автор статьи постарался показать их языковое значение и их историческое происхождение. В последующем, их всестороннее изучение будет очень ценным при достойном оценивании произведений поэта-биллингвиста Амира Алишера Наваи-Фани. Автор также заключает, что Амир Алишер Наваи-Фани в своих произведениях написанных на персидско-таджикском языке своим проницательным и широким взглядом, а также имея хорошие знания в области астрономии, своим глубоким творческим взглядом на мирские вещи, делает язык своих произведений еще более богатым, наполненным и запоминающимся.

Ключевые слова: Амир Алишери Наваи-Фани, астрономы, использование, содержание, персидско-таджикские произведения, Венера, Юпитер,Сатурн, Марс, Сухайл, Уран, язык, изящество речи, сущность значений.

ASTRONIMES IN THE PERSIAN-TAJIK POETICS OF ALISHER NAVAI AND THEIR GLOSSARY ANALYSIS

Amir Alisher Navai-Fani (1441-1501) is a writer and scholar of the twentieth century, in his native Turkic-Dzhigatay language, which today is considered the ancient Uzbek language and in the Persian-Tajik language, left behind a large literary and scientific heritage. When composing lyric works, writing numerous poems and creating great images, he was able to masterfully use not only his native language, but also the Persian-Tajik language. This article is about astronomers and their use in the Persian-Tajik heritage of Navai-Fani. In his writings, the poet used such astronomers as Venus, Jupiter, Saturn, Mars, Suho, the twelve signs of the zodiac, Suhail, Uranus and, depending on the content of his works, gave them a

new meaning and content. If these astronomers were used in the poet's works in their original meaning, the author of the article tried to show their linguistic meaning and their historical origin. Subsequently, a comprehensive study of them will be very valuable in a worthy assessment of the works of poet-billing writer Amir Alisher Navai-Fani. The author also concludes that Amir Alisher Navai-Fani, in his works written in the Persian-Tajik language with his penetrating and broad look, and also having good knowledge in astronomy, his deep creative outlook on worldly things, makes the language of his works even richer, filled and memorable.

Keywords: Amir Alisheri Navai-Fani, astronomers, use, content, Persian-Tajik works, Venus, Jupiter, Saturn, Mars, Suhail, Uranus, language, grace of speech, essence of meanings.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Додарова Тобон Шерхоновна*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимова 64/14. Тел.: **(+992) 93-907-05-73**

Сведения об авторе: ***Додарова Тобон Шерхоновна*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: **(+992) 93-907-05-73**

Information about the author: ***Dodarova Tobon Sherkhonovna*** - Tajik State Financial and Economic University, Assistant of the Tajik Language Department. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Nakhimov 64/14. Tel.: **(+992) 93-907-05-73**

УДК 811.112.2 (075.8)

БАЗОВЫЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ ФУНКЦИОНАЛЬНО-СЕМАНТИЧЕСКОЙ КАТЕГОРИИ ТАКСИСА

Архипова И.В.
ФГБОУ ВО «Новосибирский государственный педагогический университет»

В настоящей статье рассматривается функционально-семантическая категория таксиса и описываются ее базовые характеристики. Согласно функционально-семантической концепции данной категории таксис трактуется как функционально-семантическое поле (ФСП), формируемое элементами разных языковых уровней (морфологического, лексико-грамматического, синтаксического).

В качестве базовых характеристик категории таксиса описываются такие как: временная сопряженность действий, относящихся к единому временному периоду; целостность временного периода; признак однородности действий по степени их конкретности/обобщенности; ограниченность таксисных отношений рамками высказывания; полипредикативность; полиглагольность; аспектуальность; единый диктальный план («диктум-диктум» отношения) и полипропозитивность.

Предложно-девербативные и деепричастные конструкции рассматриваются как средство реализации значений зависимого таксиса в немецком и русском языках.

Собственно таксисные значения одновременности/разновременности репрезентируются в полипропозитивных высказываниях немецкого и русского языков, содержащих эксплицитные показатели таксисных отношений в «чистом виде» (см. высказывания с предлогами *w?hrend, vor, nach, seit,in, bei, mit;после, до, во время, с* и др.). Обстоятельственно-таксисные значения одновременности актуализируются в немецких высказываниях с предлогами *in, bei, mit,unter*и в русских высказываниях с деепричастиями/ деепричастными конструкциями.

О грамматической категории таксиса впервые в 1972 году пишет лингвист Р.О. Якобсон. Именно он вводит термин «таксис» как «греческий прообраз» предложенного Л. Блумфилдом термина «порядок» (order) и определяет его следующим образом: «Таксис характеризует сообщаемый факт по отношению к другому сообщаемому факту и безотносительно к факту сообщения» [19, с.95-114].

Отечественный языковед А.В. Бондарко и его последователи (М.Б. Нуртазина, Л.Н. Оркина, Т.Г. Акимова, Н.А. Козинцева, С.М. Полянский и др.)представляют *функционально-семантическую концепцию* категории таксиса [4; 5; 6; 8; 9; 10; 11 и др.].

А.В. Бондарко определяет таксис как «выраженное в высказывании значение отношения во времени между действиями (в широком смысле, включая любые репрезентации предикатов в составе предикативного комплекса, элементы которого относятся к одному и тому же временному плану (прошлого, настоящего или будущего)» [4; 5]. Данный признак является *доминирующим* в общей семантической характеристике таксиса.

По мнению А.В. Бондарко, категория таксиса «включает такие отношения во времени, как: а) одновременность, предшествование и следование (собственно хронологические связи); б) сопряженность во времени основного и сопутствующего действий; в) связь действий во времени в сочетании с причинными, условными, уступительными, пояснительными [4, с.13-14]. В качестве релевантного семантического признака называется *целостность временного периода*, охватывающего действия, выражаемые в высказывании.

Семантической доминантой категории таксиса являются значения одновременности/разновременности, выступающие «в чистом виде» или совмещенные с другими нехронологическими значениями [13, с. 9].

К базовым характеристикам таксиса следует отнести также признак *однородности действий* по степени их конкретности/обобщенности и *ограниченность* таксисных отношений рамками высказывания [4; 13].

Таксис понимается как выражаемая в *полипредикативных* конструкциях временная соотнесенность действий в рамках единого темпорального плана, при этом *полипредикативность* высказывания является важным признаком данной функционально-семантической категории. А.В. Бондарко в своих работах неоднократно подчеркивает важность понятия «полипредикативный комплекс». Как отмечает А.В. Бондарко, данный комплекс включает «разные типы полипредикации в сложных предложениях, предложениях с однородными сказуемыми и сверхфразовых единствах, а также конструкциях с неполнопредикативными (вторично-предикативными) структурами (деепричастными и причастными оборотами)» [17, с.241].

Термин «полипредикация» носит условный характер и распространяется также на различные типы осложненных высказываний, характеризующихся дополнительной предикативностью [13, с.12]. Таковыми являются, например, предложения с причастными и именными (адъективными, девербативными) конструкциями.

С признаком *полипредикативности* тесно связан признак *аспектуальности,* в связи с чем таксисные ситуации трактуются как «аспектуально-таксисные», а также признак *полиглагольности* [17, с.235; 13, с.15]. Признак *полиглагольности* предполагает наличие не менее двух глагольных форм (финитных / нефинитных), каждая из которых образует собственную пропозицию (полную или редуцированную) [13, с.15-16].Таким образом, таксисные значения репрезентируются как в полипредикативных высказываниях или собственно «полипредикативных комплексах», так и в высказываниях с полупредикативными структурами (причастиями, деепричастиями, девербативами, герундиальными конструкциями и т.д.).

Отечественный лингвист А.В. Бондарко является представителем Санкт-Петербургской школы функциональной грамматики и описывает данную категорию на материале современного русского языка. Он определяет таксис как функционально-семантическое поле (в дальнейшем – *ФСП*), формируемое различными средствами (морфологическими, синтаксическими, лексическими), объединенными функцией выражения временных отношений между действиями в рамках целостного временного периода, охватывающего комплекс действий, выраженных в высказывании.

Такие языковеды, как М.Б. Нуртазина, Л.Н. Оркина, Т.Г. Акимова,Н.А. Козинцева, Н.В. Семёнова и др. также анализируют аспектуально-таксисные ситуации в современном русском языке.

М.Б. Нуртазина дает характеристику аспектуально-таксисных высказываний с видо-временными формами прошедшего времени в современном русском языке, выделяя соответствующие аспектуально-таксисные категориальные ситуации [Нуртазина, 1985, 2008, 2010]. Она рассматривает аспектуально-таксисные отношения в комплексе с рядом других отношений, сопряженных с характеристикой соотношения действий во времени (квалитативности, пояснения, с элементами обусловленности и др.) [8, с.3-15].

Л.Н. Оркина изучает выражение соотнесенности действий во времени в сфере *независимого* таксиса в высказываниях с формами настоящего и будущего времени в современном русском языке [10; 11]. Она разрабатывает систему субкатегоризации типов аспектуально-таксисных ситуаций в высказываниях с формами настоящего и будущего времени и классифицирует таксисные ситуации по признаку временной локализованности/нелокализованности [11]. По ее мнению, категория таксиса тесно взаимодействует с категориями временной локализованности и аспектуальности, в частности, категория временной локализованности находит выражение в комплексе всех языковых средств, формирующих таксисные отношения [11]. Аспектуальность же представлена в различных типах и разновидностях таксисных ситуаций, которые определяются с точки зрения видовой характеристики комплекса действий в рамках целостного временного периода [11].

Н.В. Семёнова в своей работе «Категория таксиса в современном русском языке» выявляет концептуальные основания семантики таксиса и анализирует способы актуализации семантики таксиса в полипропозитивных высказываниях современного русского языка [15; 16].

По мнению Н.В. Семёновой, категориальные признаки таксиса выступают в виде: а) *временной сопряженности действий*, отнесенности их к единому временному периоду, *целостность* которого детерминирована перцептивной деятельностью субъекта; б) *полипропозитивности* и в) однородной модус-диктумной характеристики пропозиций языка[15; 16].

Н.В. Семёнова, как и С.М. Полянский, отмечает, что модель таксисной сопряженности предполагает *диктальный* план, т.е. соотношение по принципу «диктум + диктум». Отклонения от этой модели приводят к осложнению семантики таксиса или нейтрализации его значений [15; 16].

Как отмечает С.М. Полянский, собственно таксисные значения формируются только в диктумной части высказываний, точнее, при сочетании *«диктум + диктум»* в процессе семантического взаимодействия пропозиций [14, с.46-47].При семантическом взаимодействии же диктума (пропозиции) и модуса (пропозициональной установки) речь идет, по мнению того же С.М. Полянского, не о категории таксиса, а об относительном времени или о согласовании времен [14, с.46-47].Таким образом, категория таксиса предполагает соотнесение во времени референциально однотипных ситуаций в полипропозитивных высказываниях с диктум-диктумными отношениями.

Все представители функционально-семантической концепции категории таксиса определяют таксис как разноуровневое *функционально-семантическое поле (ФСП)*, формируемое грамматическими, лексическими, лексико-грамматическими и словообразовательными средствами языка. Данное ФСП является сложным иерархическим полем, имеющим компактную полицентрическую структуру с двумя сферами или **микрополями**: *зависимого* и *независимого* таксиса, каждое из которых, в свою очередь, обладает своими центральными и периферийными компонентами [4; 5; 6; 17].

В микрополе *независимого таксиса* современного русского и немецкого языков выделяется несколько центральных компонентов. К ним относятся различные типы сложных предложений: сложноподчиненные предложения с придаточными времени, бессоюзные предложения условно-временной семантики, а также сложносочиненные и слитные предложения в немецком

языке [4; 12; 13; 14]. К периферии ФСП независимого таксиса относятся сложноподчиненные предложения с придаточными изъяснительными, условия, уступки, причины, а также сложносочиненные и слитные предложения с несобственно хронологическими отношениями (причинно-следственными, пояснительными и др.) в немецком языке [12; 13; 14].

Микрополя *зависимого таксиса* русского и немецкого языков, описываемые в работах А.В. Бондарко, Т.Г. Акимовой, Н.А. Козинцевой, М.Б. Нуртазиной, Л.Н. Оркиной, Н.В. Семёновой, О.М. Безродновой, С.М. Полянского, И.В. Архиповой и др., образуется деепричастными, причастными и предложно-падежными конструкциями.

Проведенный сопоставительный функционально-семантический анализ высказываний с предложно-девербативными и деепричастными конструкциями в немецком и русском языках позволил определить центральные / периферийные компоненты данных микрополей в обоих языках, а также выявить специфику реализуемых таксисных значений.

Центральными компонентами функционально-семантического микрополя зависимого таксиса являются высказывания с наибольшей степенью специализации таксисной функции, содержащие эксплицитные показатели таксисных отношений в «чистом виде». В немецком языке таковыми являются полипропозитивные высказывания с девербативами с предлогами *w?hrend, vor, nach, seit* и, реже, *in, bei, mit* в темпоральном значении, а в русском языке–с предлогами *после, до, во время, с* и др. (*nach seiner Ankunft–после прибытия*; *bei der Befragung – при опросе*; *bei der Verlesung–при оглашении приговора*; *mit der Ankunft – с приездом*; *seit der Rückkehr– после возвращения*; *seit dem Abschied – после прощания*; *vor der Scheidung – перед разводом*; *seit\nach der Scheidung – после развода* и др.). Ср.:

(1)(а) **Nach seiner Ankunft** verliebte sich der Arzt aber schnell in das krisengeschüttelte Land. (www.aargauerzeitung.ch, *gecrawltam 28.03.2018*).

б) …**вскоре после прибытия** самолета из Нью-Йорка у таможенного контроля появилась семейная пара в сопровождении разнокалиберных детей в интервале возрастов от 4 до 10 лет. (В. Смит. Американец в России — оказывается это очень просто и даже интересно! // «Знание-сила», 2014).

(2) (а) Der Posten ist **seit dem Abschied** von Matthias Sammer im vergangenen Juli vakant. (www.lessentiel.lu, *gecrawltam 28.03.2018*).

б) Через полчаса **после прощания** с ним раздался стук в дверь моей квартиры … (Е.М. Мелетинский. Моя тюрьма).

(3) (а) **Seit der Rückkehr** von LeBron James läuftes in Cleveland schlechter als erwartet.(www.dzonline.de, *gecrawlt am 27.03.2018*).

(б) На конференции **после возвращения** ребята рассказывали, как загрустили, глядя на зарубежные хоровые коллективы, и воспрянули, когда высокое жюри, услышав их, подняло головы от столов... (Тропинка к истокам русской культуры // «Народное творчество», 2004).

(4) (а) **Vor der Scheidung** hatte es viele heftige Auseinandersetzungen mit der Ex-Frau gegeben, die zu massive Abwertungen führten. (www.zdf.de, *gecrawltam 27.03.2018*).

(б) Так отец **перед разводом** с ненавистью говорил о маме – а потом, **после развода**, опять ее любил, издалека, и до смерти вспоминал ее с нежностью.(Г. С. Померанц. Записки гадкого утёнка).

(5) (а) Der Anwalt habe die Anklageschrift offenbar weder selbstgelesen noch **bei der Verlesung** richtig zugehört.(www.fnp.de, *gecrawltam 28.03.2018*).

(б) Лион Фейхтвангер, присутствовавший на этом процессе, рассказывая о нем в книге «Москва 1937», делится своим наблюдением: **при оглашении приговора** перечислялись фамилии подсудимых с прибавлением роковых слов: Приговорить к расстрелу… Приговорить к расстрелу… К расстрелу…». (Б. Фимов. Десять десятилетий).

(6) (а) **Bei der Befragung** erklärte der Schütze, er habe ein altes, familiars Problem regeln wollen. (www.hoefner.ch, *gecrawltam 26.03.2018*).

(б) **При опросе** пять жителей Дома правительства добровольно, независимо друг от друга сообщили: и они слышали, что у Шахурина нашли какие-то страшные бумаги. (А. Терехов. Каменный мост).

(7) (а) **Mit der Ankunft** am Bosporus habe ich mein erstes Etappenziel erreicht (www.journal.lu, *gecrawltam 26.03.2018*).

(б) Открытие ресторана совпало **с приездом** в Москву большого знатока вин Жерара Депардье (Юрий Зубцов. Чем пахнет январь // «Домовой», 2002.01.04).

При соотнесении во времени основного действия/события глагольного предиката и побочного (сопутствующего) действия/процесса девербативного существительного в полипрозитивных высказываниях (1-7) эксплицируются *собственно таксисные* значения одновременности (см. высказывания 5-7) и разновременности (предшествования/следования) (см. высказывания 1-4).

Периферийными конституентами микрополя зависимого таксиса являются в немецком языке высказывания с предлогами *in, bei, mit* и *unter,* эксплицирующие отношения *обстоятельственного* или *сирконстантного таксиса*. Обстоятельственно-таксисные значения одновременности (модально-, медиально-, кондиционально- и каузально-таксисные) эксплицируются в следующих полипропозитивных высказываниях. См. примеры 8-11:

(8) Eines abends, nachdem er **in trostlosem Hinbr?ten** seine gewohnte Flasche Wein getrunken hatte, f?rchtete er das fr?he Zubettgehen …(H.Hesse).

(9) Trudi l?chelt, **bei geduldiger Neigung des Kopfes**, sie ?ffnet ihre Handtasche ... (S. Lenz).

(10) Die beiden Herren lachten, w?hrend die Mutter ihr aufs?ssiges Kind **mit einem Kopf sch?tteln** ermahnte (Th. Mann).

(11) **Unter polizeilicher Beobachtung** hatte das Wohnhaus im vergangenen Jahr mehrfach gestanden. (www.come-on.de, *gecrawltam 25.03.2018*)

В русском языке обстоятельственно- или сирконстантно-таксисные отношения одновременности эксплицируются, как правило, в полипропозитивных высказываниях с деепричастиями деепричастными оборотами (см. высказывания 12-14).

(12) Он помолчал, **наклонив голову**, и о чём-то подумал. (Ю. О. Домбровский. Обезьяна приходит за своим черепом).

(13) На родительском собрании классная руководительница, **качая головой**, сказала, что дела плохи, что Павел «съехал» по всем предметам, что домашние задания он выполняет крайне редко и то, как правило, небрежно, «левой рукой». (Е. Павлова. Вместе мы эту пропасть одолеем! // «Даша», 2004).

(14) В Риме, **наблюдая** за ходом матча на огромном экране, толпа в 40-градусную жару собралась на центральной площади – Пьяццадель Пополо.(Г. Степанов. Два инфаркта и 14 украденных браслетов // «Известия», 2002.06.19).

Таким образом, таксис является функционально-семантическим полем (ФСП) со сложной полицентрической структурой и формируется разноуровневыми языковыми единицами. Сложная полицентрическая структура ФСП таксиса характеризуется различием функций зависимого/ независимого таксиса и наличием центральных/периферийных компонентов в каждом из микрополей. Микрополя независимого таксиса русского и немецкого языков включают: сложноподчиненные предложения с придаточными времени, бессоюзные предложения условно-временной семантики, сложносочиненные и слитные предложения. К периферии микрополя независимого таксиса относят сложноподчиненные предложения с придаточными изъяснительными, условия, уступки, причины в немецком и русском языках, а также некоторые сложносочиненные и слитные предложения с несобственно хронологическими отношениями (причинно-следственными, пояснительными и др.) в немецком языке. Микрополе зависимого таксиса в русском языке образуют высказывания с деепричастными, причастными и предложно-падежными конструкциями.

Собственно таксисные значения одновременности/разновременности репрезентируются в полипропозитивных высказываниях немецкого и русского языков, содержащих эксплицитные

показатели таксисных отношений в «чистом виде» (см. высказывания спредлогами *w?hrend, vor, nach, seit,in, bei, mit;после, до, во время, с*и др.). Обстоятельственно-таксисные значения одновременности актуализируются в немецких высказываниях с девербативами с предлогами *in, bei, mit, unter* и в русских высказываниях с деепричастиями и деепричастными оборотами.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Архипова И.В. Высказывание с предложными девербативами в современном немецком языке / И.В. Архипова // Вестник Новосибирского государственного педагогического университета. – 2012. – Т.9. – №5. – С.95-104.
2. Архипова И.В. Предложный девербатив как конституент зависимого таксиса современного немецкого языка / И.В. Архипова // Вестник Новосибирского государственного педагогического университета. – 2016. – № 4. – С. 135-142.
3. Безроднова О.М. Причастия и деепричастия в функционально-семантическом поле таксиса (на материале немецкого и русского языков): автореф. дис... канд. филол. наук / О.М. Безроднова. – Уфа, 2009. – 22 с.
4. Бондарко А.В. Функциональная грамматика / А.В. Бондарко. – Л.: Наука, 1984. – 134 с.
5. Бондарко А.В. Основы функциональной грамматики: Языковая интерпретация времени / А.В. Бондарко. – СПб: Изд-воСПбГУ, 1999. – 258 с.
6. Бондарко А.В. Анализ глагольных категорий в системе функциональной грамматики / А.В. Бондарко // ACTA LINGUISTICA PETROPOLITANA. Труды Института лингвистических исследований РАН / Отв. ред. Н. Н. Казанский. Т. XI. Ч. 1. Категории имени и глагола в системе функциональной грамматики / Ред. М. Д. Воейкова, Е. Г. Сосновцева. – СПб.: Наука, 2015. – С.21-36.
7. Долженко Н.Г. Русское предложение с девербативным оборотом: синтаксический статус и семантические модели / Н.Г. Долженко. - Екатеринбург: Изд-во Ура. Ун-та, 2004. – 260 с.
8. Нуртазина М.Б. Выражение аспектуально-таксисных отношений в высказываниях с формами прошедшего времени в современном русском языке: автореф. дис. …канд.филол. наук / М.Б. Нуртазина. - Л., 1985. – 17 с.
9. Нуртазина М.Б. Опыт функционально-коммуникативной интерпретации семантики таксиса: монография / М.Б. Нуртазина. – АСТАНА: ЕНУ им. Л.Н. Гумилева, 2008. – 334 с.
10. Оркина Л.Н. Аспектуально-темпоральная характеристика высказываний с семантикой обусловленности в современном русском языке: автореф. дис. …д-ра филол. Наук / Л.Н. Оркина. - Санкт-Петербург, 2000. – 42 с.
11. Оркина Л.Н. Отношение обусловленности уступительного типа в неспециализированных структурах: монография / Л.Н. Оркина. – Чебоксары: Чувашский государственный педагогический институт им. И.Я. Яковлева, 2004. – 94 с.
12. Полянский С.М. Зависимый таксис в высказываниях с причастием I (на материале современного немецкого языка) / С.М. Полянский // Лингвистические исследования 1989. Функционирование грамматических категорий / АН СССР. Ленинградск. отделение Ин-та языкознания; Редкол.: А.М. Мухин (отв. ред.) и др. – М., 1989. – С. 121-129.
13. Полянский С.М. К установлению признаков функционально-семантической категории таксиса / С.М. Полянский // Функциональный анализ значимых языковых единиц в парадигматике и синтагматике: межвуз. сб. науч. тр. / Новосибирск. гос. пед. ин-т; Редкол.: С. М. Полянский (отв. ред.) и др. –Новосибирск: НГПИ, 1991. – С. 3-18.
14. Полянский С.М. Таксис – относительное время – эвиденциальность / С.М. Полянский // Сибирский лингвистический семинар. – № 2(2). – Новосибирск, 2001. – С. 34-47.
15. Семёнова Н.В. Категория таксиса в современном русском языке: дис. ... д-ра филол. наук: 10.02.01 / Н.В. Семёнова Великий Новгород, 2004. –394 с.
16. Семёнова Н.В. Категория таксиса в современном русском языке: монография / Н.В. Семёнова. – Издательство: LAPLAMBERT Academic Publishing, 2012. – 420 с.
17. Теория функциональной грамматики. Введение. Аспектуальность. Временная локализованность. Таксис / редкол.: А. В. Бондарко (отв. ред.) и др.; АН СССР, Ин-т языкознания. – Л.: Наука, 1987.
18. Шустова С.В. Грамматическая категория и роль среды в функциональной грамматике / С.В. Шустова // Функциональные свойства единиц языка: коллективная монография. Сер. Прикамское научное собрание / Некоммерческое партнерство «Прикамский социальный ин-т»; редкол.: Ерофеева т. и. и др. – Пермь, 2011. – С. 255-266.
19. Якобсон Р.О. Шифтеры, глагольные категории и русский язык / Р.О. Якобсон // Принципы типологического анализа языков различного строя: сб. статей / сост. и предисл. О. Г. Ревзиной. – М.: Наука, 1972. – С. 95–114.

ТАВСИФОТИ ПОЙГОҲИИ КАТЕГОРИЯИ ФУНКСИОНАЛӢ-СЕМАНТИКИИ ТАКСИС

Дар мақолаи мазкур тавсифоти пойгоҳии категорияи майдони функционалӣ-семантикии таксис дар забонҳои русӣ ва олмонӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Таксис ҳамчун майдони мураккаби иерархии майдони функционалӣ-семантикӣ тавзеҳ мегардад, ки бо воситаи воҳидҳои забонии сатҳҳои гуногун ташаккул ёфта, сохтори зичи чандмарказӣ бо ду майдони маҳдуд (таксиси вобаста ва вобастанабуда) мебошад. Ба қисматҳои марказии майдони маҳдуди таксиси новобастабудаи забони русӣ ва олмонӣ нисбат дода мешаванд: чумлаҳои

мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон, ҷумлаҳои бепайвандаки дорои семантикаи шартӣ – замонӣ, инчунин ҷумлаҳои мураккаби пайваст, инчунин ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва чида дар забони олмонӣ. Ба майдони маҳдуди ғайримарказии таксиси вобастанабуда ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо навъҳои гуногуни ҷумлаҳои пайрав (шарҳдиҳанда, шарт, гузашт ва ғайра), инчунин ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва ҷумлаҳои чида бо муносибатҳои хронологӣ (боисӣ-оқибатӣ, тавзеҳӣ ва ғ.) дар забони олмонӣ нисбат медиҳанд. Майдони маҳдуди таксиси вобаста дар забони русӣ фикри баёншударо бо конструксияҳои феъли ҳол, сифати феълӣ ва таркиби пешояндцори номӣ ташаккул медиҳанд. Дар мақола махсусият ва вижагиҳои мубрамияти маъниҳои таксисӣ бо девербативҳо ва феъли ҳол дар забони русӣ ва олмонӣ муайян карда шудаанд. Дар асл маъниҳои таксисии яқвақтӣ/гуногунвақтӣ дар гуфтаҳои полипропозитивӣ мубрам арзёбӣ мегарданд, ки дори нишондиҳандаҳои эксплитситии муносибатҳои таксисӣ дар ҳарду забон мебошанд: пешояндҳои *w?hrend, vor, nach, seit, in, bei, mit; баъд, то, дар вақти, бо* ва ғайра. Маъниҳои ҳолатӣ-таксисии яквақтагӣ дар фикри баёншудаи забони немисӣ бо девербиватҳо бо пешояндҳои *in, bei, mit,unte r* ва фикри баёншуда дар забони русӣ бо феъли ҳол мубрам арзёбӣ мегарданд.

Калидвожаҳо: таксис, майдони функсионалӣ-семантикии таксис, майдони функсионалӣ-семантикии таксиси вобаста, майдони функсионалӣ-семантикии таксиси вобастанабуда, қисматҳои марказии майдони функсионалӣ-семантикии таксиси вобаста.

БАЗОВЫЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ ФУНКЦИОНАЛЬНО-СЕМАНТИЧЕСКОЙ КАТЕГОРИИ ТАКСИСА

В предлагаемой статье рассматриваются базовые характеристики функционально-семантической категории таксиса в русском и немецком языках. Таксис трактуется как сложное иерархическое поле функционально-семантическое поле (ФСП), формируемое языковыми единицами различных уровней, и имеющее компактную полицентрическую структуру с двумя микрополями (зависимого и независимого таксиса). К центральным компонентам микрополя независимого таксиса русского и немецкого языков относят: сложноподчиненные предложения с придаточными времени, бессоюзные предложения условно-временной семантики, а также сложносочиненные и слитные предложения в немецком языке. К периферии микрополя независимого таксиса относятся сложноподчиненные предложения с различными типами придаточных (изъяснительными, условия, уступки и др.), а также сложносочиненные и слитные предложения с несобственно хронологическими отношениями (причинно-следственными, пояснительными и др.) в немецком языке. Микрополе зависимого таксиса в русском языке образуют высказывания с деепричастными, причастными и предложно-именными конструкциями. В статье были определены специфика и характер актуализации таксисных значений девербативами и деепричастиями в немецком и русском языках. Собственно таксисные значения одновременности/разновременности актуализируются в полипропозитивных высказываниях, содержащих эксплицитные показатели таксисных отношений в обоих языках: предлоги *w?hrend, vor, nach, seit, in, bei, mit; после, до, во время, с* и др..Обстоятельственно-таксисные значения одновременности актуализируются в немецких высказываниях с девербативами с предлогами *in, bei, mit,unte r*и в русских высказываниях с деепричастиями.

Ключевые слова: таксис, функционально-семантическое поле таксиса, функционально-семантическое поле зависимого таксиса, функционально-семантическое поле независимого таксиса, центральные компоненты функционально-семантического поля зависимого таксиса.

THE BASIC CHARACTERISTICS OF THE FUNCTIONAL-SEMANTIC CATEGORY OF TAXIS

This article discusses the basic characteristics of the functional-semantic category of taxis in the Russian and German languages. Taxis is treated as a complex hierarchical field, functional-semantic field (FSP), formed by language units of different levels and having a compact polycentric structure with two microfields (dependent and independent taxis). The central components of the microfield of the independent taxis of the Russian and German languagesinclude: complex sentences with subordinate clause of time, conjunctionless sentences of conditional-temporal semantics, as well as compound and contracted sentences in German. The periphery of the microfield of the independent taxis includes complex sentences with various types of subordinate clauses (complement, adverbial clause of condition, concessive, etc.), as well as complex and contracted sentences with improper chronological relations (causative-consecutive, explanatory, etc.) in the German language. In the Russian language, the micro-field of a dependent taxis is formed by statements with adverbial participial, participial and prepositional-nominal constructions. The article defines the specificity and character of actualization of taxis values with deverbative and adverbial participlesin the Russian and German languages.Proper taxis values of simultaneity/divergence are actualized in polypropositive statements containing explicit indicators of taxis relations in both languages: prepositions *während, vor, nach, seit, in, bei, mit;после, до, вовремя, с* etc.Adverbial taxis values of simultaneity are actualized in German statements with deverbatives with prepositions *in, bei, mit, unter* and in Russian statements with adverbial participles.

Географические названия с элементами топографии встречаются в английской версии как простые и составные. Примерами простых форм являются *Lea* (Derbishire) и *Eye* (Cambridgeshire) из древнеанглийских элементов leah, что означает "wood, woodland clearing or glade, pasture, meadow" (лес, вырубка леса, пастбище, луг) [Mills: 382] и, eg как "island, land partially surrounded by water, dry ground in a marsh, wellwatered land, promontory" (остров, земля частично окружена водой, мыс) [Mills: 382]. Большинство топографических имен являются составными и состоят из более старого топографического названия.

Датское и норвежское влияние на процесс формирования топонимов на английском языке стало следующим по хронологии и силе влияния. Это началось в середине 9-го века нашей эры и совпало с датским завоеванием Англии. Сначала викинги совершили набег на Британские

острова и оставили их после очередного грабежа. Затем датчане поселились в восточной Англии, а норвежцы – в западной; и с этого момента мы можем говорить об их влиянии на формирование и преобразование английских географических названий. Как датские, так и норвежские викинги говорили на древнескандинавском диалекте (Old Norse), используя его различные диалекты. Скандинавы принесли в Англию много своих имен; в других случаях они заменяли некоторые компоненты существующих имен своими словами и корнями; в третьих случаях они просто меняли звучание предыдущих имен, «адаптируя» их к своему языку для удобства произношения. Например, слово “Earth” (земля) от староанглийского “*eorþe*” означает “ground, soil, dirt, dry land; country, district" (земля, почва, суша, страна, район) также используется (наряду с *middangeard*) как "the (material) world, the abode of man" (материальный мир, обитель человека) (в противовес к небесам или преисподней), от прото-германской *ertho* (источник из старых фризских языков *erthe* “earth” старого саксонского языка *ertha*, старонорвежского *jörð*, среднедатского *eerde*, датского *aarde*, древневерхнего немецкого *erda*, немецкого *Erde*, готического *airþa*, возможно из расширенной формы праиндоевропейского корня **er-** “earth, ground”. *Earth* (земля), рассматриваемая как планета, была названа так примерно в 1400 году.

Географический термин *landscape* (ландшафт) происходит с 1600 года, означает “painting representing an extensive view of natural scenery” (картина, представляющая обширный вид на природный пейзаж) от датского *landschap,* второй смысл от среднедатского *landscap* (регион), из *land* +*-scap*. Данный термин художественный, но он также и географический термин, который в источниках приводятся его смысл как “tract of land with its distinguishing characteristics” (участок земли с его отличительными признаками) и это является расширенным смыслом с 1886 года.

В древнеанглийском и древненорвежском языках было много схожих слов, как по звуку, так и по значению, например, *stone, stan* (камень, стан) в древнеанглийском языке соответствовало stain в древненорвежском. В связи с этим в некоторых терминах мы наблюдаем замену древнескандинавских элементов более ранними древнеанглийскими языками. Например, *Stainton* – скандинавизированное *Stanton* [Ekwall: 436], оба в значении “tun on stony ground” (посёлок на каменистой почве) [Ekwall: 438]; древненорвежское *rauthr* вытеснило древнеанглийское read с аналогичным значением “red (красный) *Rawcliffe* в значении *“red cliff”* (красная скала), *Rawmarsh* в значении *“red marsh”* (красное болото) [Ekwall: 382].

Древний норвежский язык вызвал изменения в звуках в древнеанглийских терминах. Несмотря на близкое сходство обоих языков, некоторые древнеанглийские звуки были проблематичными для скандинавов, особенно звуки [ʃ] и [tʃ]. Поэтому на территориях, оккупированных викингами, Shipton начал звучать как *Skipton, Cheswick* как *Keswick* [Ekwall: 25].

Обогащая словарный запас географических терминов английского языка, ключевую роль играют латинские и французские слова. Таким образом, анализируя словарь английского языка, мы можем найти много заимствований из вышеперечисленных языков. В английском мы также можем увидеть большое количество латинских и французских аффиксов: ***re-, - age-, -ous, anti-, counter-, pro, -ism-, -able*** и т. Д. Многие географические термины английского языка под влиянием заимствований изменили свои значения или вышли из употребления.

В отличие от скандинавских слов, французские слова заимствованы в основном из верхних слоев общества, и имеют так называемый «аристократический» характер. Среди этих заимствований мы находим слова, которые обозначают понятия феодальной иерархии – различные феодальные титулы, правосудие и справедливость, военные дела, жизнь феодального двора, слова, относящиеся к музыке, литературе, изобразительному искусству, различным областям наук.

Другим источником этимологии терминов были слова немецкого происхождения, которые были заимствованы из французского языка. Дело в том, что во время завоевания Галлии германцами-франками – французский язык заимствовал ряд немецких слов, которые

образовали довольно значительный словарный слой в Германии. Когда французский язык пришел в Англию после нормандского завоевания, некоторые из этих слов вошли в английский как французские узы. Французские слова германского происхождения столкнулись с оригинальными английскими словами и образовали некоторые географические термины с ними, например:

Географический термин *forest* появился в конце XIII века, означает “extensive tree-covered district, especially one set aside for royal hunting and under the protection of the king” (обширная покрытая деревьями местность, особенно выделенная для королевской охоты и находящаяся под защитой короля), от старофранцузского *forest* (лес), “forest, wood, woodland” (современный французский *forêt*). Вероятно, в конечном счете, этот термин произошел еще и от позднелатинского (средневекового латинского) *forestem silvam* (внешний лес), термин из Капитулярий Карла Великого, обозначающий *the royal forest* (королевский лес). Данный термин пришло в средневековую латынь *foris*, возможно, через Германский источник, родственный древнему высокогерманскому языку *forst* от латинского *foris* (outside – снаружи). Если это так, то смысл – «за пределами парка», являющийся главным или центральным огороженным лесом.

Другая теория показывает, что через средневековый латинский *forestis*, изначально “forest preserve, game preserve” (лесной заповедник) из латинского *forum* в юридическом смысле “court, judgment” (суд, суждение), другими словами "land subject to a ban” (земля, подлежащая запрету).

Термин *valley* произошло в 1300 году, от англо-французского *valey* (долина), старофранцузско *valee* (XII в.), от вульгарной латыни *vallata*, от латинского *vallis* и *a valley* от неизвестного происхождения. А термин *vale* означающий “river-land between two ranges of hills” (река-земля между двумя грядами холмов) происходит от старофранцузского *val* (долина) (XII в.), от латинского *vallem* (номинативный *vallis, valles*).

Географический термин *wood*, который является синонимом слова *forest*, происходит от староанглийского *widu*, ранее *widu tree* (деревья, лес, роща; вещества, из которых сделаны деревья), от прото-германского языка *widu* (источник также из старонорвежского viðr, датского и шведского *ved* древневерхненемецкого *witu*), от праиндоевропейского *widhu* (также источник из валлийского *gwydd*, гэльского *fiodh* и староирландского *fid*).

Термин *village* (деревня) произошло в конце XIV в., означает “inhabited place larger than a hamlet but smaller than a town” (населенный пункт больше, чем село, но меньше, чем городе), от старофранцузского *vilage* “houses and other buildings in a group” (дома и другие строения в группе) (обычно меньше, чем город), от латинского *villaticum* (усадьба с надворными постройками). Существительное употребляется в единственном числе среднего рода *villaticus*, которая имеет отношение ко двору или вилле, от слова *villa, country house (*вилла дачный домик) (от праиндоевропейского корня *weik-* (клан). Как прилагательное данный термин произошел в 1580-х гг. *Village idiot* (деревенский идиот) и записан с 1825 г.

Географический термин *rock,* который означает “stone, mass of mineral matter” (камень, масса минерального вещества), происходит с 1300 года, от древнеанглийского слова *rocc* (*stanrocc* “каменная скала или обелиск”) и непосредственно от старого северофранцузского *roque*, который роднит со средневековой латынью *rocca*, от вульгарной латыни *rocca,* неопределенного происхождения, согласно Кляйну, иногда говорят, что он из кельтского языка.

В среднеанглийском языке он, по-видимому, использовался главным образом для образований скал, а не для отдельных камней. Значение “precious stone, especially a diamond” (драгоценный камень, особенно алмаз) – это сленг США 1908 года, а значение “crystallized cocaine” (кристаллизованный кокаин) засвидетельствовано с 1973 года на сленге западного побережья США. Образное использование слова “sure foundation” (верное основание) (особенно в отношении Христа) относится к 1520-м годам; но также и к 1520-м годам как “source of danger or destruction” (источник опасности или разрушения) применительно к кораблекрушениям (например, на скалах). Также используется атрибутивно в названиях животных, которые часто встречаются в скалистых местообитаниях, как *rock lobster* (лангусты) (1843).

Культурные и торговые отношения между Англией и Италией процветали во времена Ренессанса. В XIV веке англичане приезжали в Италию, чтобы посетить исторические места, жизнь итальянцев, их моду и кухню. Вернувшись домой, они принесли не только впечатления, но и новые слова, укоренившиеся в разговорном английском. Многие из этих слов имеют корни и в таджикском языке, поэтому их легко узнать, но некоторые требуют перевода. Например, термин volcano происходит с 1610 г. От итальянского термина *vulcano* "burning mountain" (горящая гора) от латинского *vulcanus* (Вулкан – римский бог огня, также огонь, пламя, вулкан). Более ранняя форма этого термина в английском языке была *volcan* (1570-е годы), от французского языка.

Последнее сильное влияние иноязычных слов на английские слова было связано с франко-нормандским влиянием, вызванным завоеваниями норманнов в 1066 году. Это не привело к массовой смене слов, поскольку нормандский язык был языком аристократии, бюрократии и политической элиты, в то время как большинство населения по-прежнему говорит на старом английском языке. Конечно, произошло отдельное изменение слов и терминов, но основные изменения произошли из-за изменений в звуках. Большинство вновь созданных французских топонимов происходит от слова *Beaumont* – "beautiful hill" (красивый холм), *Beauchief* – "beautiful headland or hillspur – (красивый мыс, холм или горный хребет» [Mills: 28].

Другие французско-нормандские слова и названия пришли с завоевателями; их заменили прежние древнеанглийские имена *Richmond, North Yorkshire, strong hill* [Mills: 128]; *Rougemont* [Reaney, 194]; Монастырь *Rievalux* объединяет в своем названии название реки Рай и древние французские долины в смысле «долина» [Reaney: 194]. Замена английских элементов в именах аналогичными французскими элементами также распространена. Наиболее типична замена древнеанглийского поля старой французской деревней [Cameron: 89]. *Enville, Staffordshire* можно найти в Книге Судного Дня в виде *Efnefeld* и *Turville* в хрониках 796 г. н е. имеет форму *Thyrefeld* [Mills: 336].

Проанализировав источники происхождения английских географических терминов и названий различного происхождения, мы сделали вывод о существовании 4 основных источников терминов данной области. Итак, из всех выбранных нами единиц – 30,5% имеют кельтское происхождение, 22,5% – латинское, 55% – скандинавское, 9,5% – нормандское.

ЛИТЕРАТУРА

1. Ермолович Д. И. Имена собственные на стыке языков и культур. Заим- ствование и передача имен собственных с точки зрения лингвистики и теории перевода/Д.И. Ермолович. – М.: Изд–во Р. Валент, 2009. – 200с.
2. Ильин Б.А. История английского языка. — М.: Изд–во Книга по требованию, 2011 . – 420 с.
3. Хайрутдинов Д.Р. Географическая терминология: арабские, русские, английские параллели: автореф. дис. на соиск. учен. степ. канд. филол. наук (10.02.20) / Д. Р. Хайрутдинов – Казань, 2009 – 109с.
4. Cameron D. The words between the spaces: buildings and language/ D. Cameron, A. Thomas. – L.: Routledge, 2008. – 378p.
5. Discover local history in our library [Электронный ресурс]. — Режим до- ступа: http://www.nationalarchives.gov.uk. — The national archives. – (Дата обращения: 10.04.2018).
6. Ekwall E. Concise Oxford Dictionary of English Place–Names/ O.: Oxford University Press, 2018 . – 242c.
7. Hakluyt R. The Principal Navigations, Voyages, Traffiques, and Discoveries of English Nation / Richard Hakluyt, 1589.
8. Mills A.D. A Dictionary of British Place Names / Oxford University Press, 2003. – 1184 p.
9. Percy Reaney H. A Dictionary of English Surnames/ N. Y.: Taylor & Francis e–Library, 2008. – 3618 p.
10. Smith H. English Place – Names Elements/ L.: Routledge, 2008. – 378c.

ХУСУСИЯТҲОИ ПАЙДОИШИ БАЪЗЕ ИСТИЛОҲОТИ ГЕОГРАФИИ АНГЛИСӢ

Дар мақола муаллиф якчанд таҳлили этимологии истилоҳоти ҷуғрофӣ ва номҳои топонимиро ба забони англисӣ баррасӣ намудааст. Истилоҳоти ҷуғрофии англисӣ ва баъзе номҳои ҷуғрофӣ як падидаи хеле мураккаби забоншиносӣ мебошанд. Онҳо дар зери таъсири бисёр омилҳо, аз ҷумла забт шудани ҷазираҳои Британиё аз ҷониби ишғолгарони хориҷӣ, ташаккул ёфтаанд. Тааҷҷубовар нест, ки принсипи аввалини таснифи номҳои ҷойҳои англисӣ муайян кардани этимологияи забон аст. Забони англисиро боз забони тобриттӣ (келтӣ, иберияғӣ), британиёӣ, лотинӣ, забони англисӣ, норвегии қадим, данӣ, фаронсавӣ, норманӣ номидан мумкин аст. Ҳар яке аз ин забонҳо бо номҳои ҷуғрофӣ ба забони англисӣ ифода ёфтаанд, илова бар ин, ҳар кадоми онҳо ба истилоҳҳои мавҷуда таъсир расонида, мувофиқи қонунҳои худ фонетика ва транслитератсияи худро тағйир додаанд. Номҳои

ҷойгиршавии англисӣ, ба монанди дигар номҳои ҷуғрофӣ, мувофиқи анъана тибқи се принсипи асосӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Ба таври сохторӣ, ҳама номҳои ҷуғрофии англисиро метавон ба ду гурӯҳи калон тақсим кард: оддӣ (иборат аз як унсур) ва мураккаб, ки аз ду ё якчанд унсур иборатанд: номҳои оддӣ одатан ба як унсури намоёни манзара (теппа, водӣ, харобаҳо) дода мешаванд ва хеле кам ба маҳалҳои аҳолинишин дохил мешаванд.

Калидвожаҳо: топонимҳо, истилоҳоти ҷуғрофӣ, этимология, забони англисӣ, падидаи забоншиносӣ, забонҳои хориҷӣ, дериватсия, пайдоиши калимаҳо.

ОСОБЕННОСТИ ПРОИСХОЖДЕНИЯ НЕКОТОРЫХ АНГЛИЙСКИХ ГЕОГРАФИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ

В статье автор рассматривает некоторые этимологические анализы географических терминов и названий местностей (топонимов) в английском языке. Английские географические термины и некоторые географические названия – очень сложное лингвистическое явление. Они были сформированы под влиянием многих факторов, в том числе завоевание Британских островов со стороны иностранных захватчиков. Не удивительно, что первый принцип классификации английских географических названий заключается в определении этимологии языка. Английский язык можно назвать добриттским (кельтский, иберийский), британским, латинским, древнеанглийским, старо-норвежским, датским, французским, норманнским языками. Каждый из этих языков представлен в географических названиях на английском языке, кроме того, каждый из них влиял на существующие термины, модифицируя их в соответствии с законами их собственной фонетики и транслитерации. Английские топонимы, как и другие географические названия, традиционно классифицируются в соответствии с тремя основными принципами. Конструктивно все английские географические названия можно разделить на две большие группы: простые (состоящие из одного элемента) и сложные, состоящие из двух или более элементов: простые имена обычно даются одному видимому элементу ландшафта (холм, долина, руины) и редко относятся к человеческим поселениям. (Только если они принадлежали ферме или части близлежащего населенного пункта, в этих случаях местному населению не нужно было подробно указывать поселение).

Ключевые слова: топонимы, географические термины, этимология, английский язык, лингвистическое явление, иностранные языки, заимствование, деривация, происхождение слов.

FEATURES OF THE ORIGIN OF SOME ENGLISH GEOGRAPHICAL TERMS

In the article, the author considers some etymological analyses of geographical terms and place names (toponyms) in the English language. English geographical terms and some geographical names are a very complex linguistic phenomenon. They were formed under the influence of many factors, including the conquest of the British Isles by foreign invaders. It is not surprising that the first principle of classification of English geographical names is to determine the etymology of the language. English can be called Brittan (Celtic, Iberian), British, Latin, old English, old Norwegian, Danish, French, and Norman languages. Each of these languages is represented in geographical names in English; in addition, each of them influenced existing terms by modifying them according to the laws of their own phonetics and transliteration. English place names, like other geographical names, are traditionally classified according to three main principles. Structurally, all English geographical names can be divided into two large groups: simple (consisting of one element) and complex (consisting of two or more elements): simple names are usually given to one visible element of the landscape (hill, valley, ruins) and rarely refer to human settlements. (Only if they belonged to a farm or part of a nearby locality, in these cases the local population did not need to specify the settlement in detail).

Keywords: geographical names, geographical terms, etymology, English language, linguistic phenomenon, foreign languages, borrowing, derivation, origin of words.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Асадова Моҳчеҳра Рустамовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. Суроға. 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **93-523-06-78**. E-mail: **honey7758@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Асадова Мохчехра Рустамовна*** – Таджикский национальный университет, ассистент общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **93-523-06-78**. E-mail: **honey7758@mail.ru**

Information about the author: ***Asadova Mohchehra Rustamovna*** –Tajik National University, assistant of the Department of English language . **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.Phone: **93-523-06-78**. E-mail: **honey7758@mail.ru**

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ - Л И Т Е Р А Т У Р О В Е Д Е Н И Е

УДК: 891.550+297

ТАФСИРҲОИ ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ БА ҚУРЪОНИ КАРИМ

Абдуқодирзода Саидмукаррам
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забеҳуллоҳи Сафо оид ба таълифоти дар мавриди қуръоншиносӣ анҷомдодаи Кошифӣ чунин маълумот додааст: “Мулло Ҳусайн Воизи Кошифӣ (м. 910 ҳ.) чанд таълиф дар тафсири Қуръони карим дорад: Нахуст, “Ҷавоҳир-ут-тафсир литуҳфат-ил-Амир” аст, ки ба номи Амир Алишери Навоӣ таълиф шуда ва муҷаллади аввали он ба соли 890 ба поён расида ва ҷилди дувуми он нотамом мондааст. Аҳаммияти ин тафсири форсӣ, махсусан, дар ин аст, ки дар муқаддимаи он, ки ба чаҳор “асл” мунқасим мегардад, тавзеҳоти муфиде дар бораи шинохти Қуръону фазоили он навишта шуда. Китоби дигари Мулло Ҳусайн дар тафсир, ки он низ ба форсӣ аст, “Мавоҳиби Алийя” ё “Тафсири Ҳусайнӣ” аст, ки Кошифӣ онро баъд аз итмоми ҷилди аввали “Ҷавоҳир-ут-тафсир” бар вақҳи ихтисор таълиф намуда ва ба соли 899 аз таълифи он фароғат ёфтааст. “Мавоҳиби Алийя” дар Теҳрон ба табъ расидааст. Ҳамин муаллиф тафсире ба сураи «Юсуф» дорад ба номи “Ҷомеъ-ус-ситтин”. Иллати ин тасмия он аст, ки оёти сураи мазкурро дар шаст фасл тафсир намудааст. Илова бар ин, “Ҷомеъ-ус-ситтин”, ба сабаби истишҳодоти муаллиф ба қасасу ҳикоёт ва ашъори форсии мухталиф, ҷанбаи адабӣ низ дорад” [5, с.88-89].

Бо диққат ба қавли мазбур ба чанд нуктаи муҳим метавон ишора кард: якум, Мулло Ҳусайн Воизи Кошифӣ дорои се тафсир будааст, ки номҳояшон дар иқтибоси мазкур дарҷ шудааст; дуюм, тафсири нахустин – “Ҷавоҳир-ут-тафсир литуҳфат-ил-Амир” ба номи Амир Алишери Навоӣ таълиф шудааст; сеюм, муҷаллади аввали тафсири якум соли 890 ҳиҷрӣ ба поён расида, ки ба 1484 мелодӣ баробар аст, ҷилди дувуми он нотамом мондааст; чорум, тафсири “Мавоҳиби Алийя” ё “Тафсири Ҳусайнӣ” баъд аз итмоми ҷилди аввали тафсири аввалини муаллиф бар вақҳи ихтисор таълиф шудааст, ки таърихи итмоми он соли 899 ҳиҷрӣ будааст, ки ба 1493-1494 мелодӣ рост меояд; панҷум, “Ҷомеъ-ус-ситтин” тафсири сураи «Юсуф» буда, ба сабаби оёти сураи мазкурро дар шаст фасл тафсир намудани муаллиф чунин номгузорӣ шудааст.

Бино ба қавли Забеҳуллоҳи Сафо, ки дар охири қавли мазкураш омадааст, “ба сабаби истишҳодоти муаллиф ба қасасу ҳикоёт ва ашъори форсии мухталиф” китоби “Ҷомеъ-ус-ситтин” молики ҷанбаи адабӣ ҳам мебошад. Аз ин ишораи муҳим манзури мо таъкиди ҷанбаи адабии китобҳои тафсир мебошад, ки ин ҷо дар мисоли як тафсир ба он ишора шудааст. Аммо бояд гуфт, ки ҷиҳатҳои адабии тафсирҳои Кошифиро аз мухтассоти дигар ҳам ҷустуҷӯ кардан мумкин аст, ки мавзӯи баҳси ҷудогона мебошад.

Ҳар се тафсири Кошифӣ ба забони форсии тоҷикӣ навишта шудаанд. Дар ин миён китоби муҳим ва тафсири машҳур “Мавоҳиби Алийя”, ё худ “Тафсири Ҳусайнӣ” мебошад, ки борҳо ба чоп расидааст. Сафо дар Теҳрон ба табъ расидани онро хабар медиҳад, ки зоҳиран, он нахустин нашри китоби мазкур дар ҶИЭ мебошад. Чопи теҳронии китоб дар соли 1317 ҳиҷрии шамсӣ ба тасҳеҳи Ҷалоли Ноиинӣ сурат гирифтааст, ки ба таърихи 1939 мелодӣ баробар аст [10].

Чунон ки маълум аст, тафсирнигорӣ пеш аз Ҳусайн Воизи Кошифӣ собиқаи дерина дорад, дар ин хусус ҳам ба забони арабӣ ва ҳам форсӣ таълифоти зиёде ба вуҷуд омадаанд, ки номгӯи онҳоро ба таври муфассалу мухтасар ҳам дар манобеи асримиёнагӣ ва ҳам дар асарҳои илмии муҳаққиқони муосир дучор шудан мумкин аст. Баъзе тафсирҳое ҳам ба миён омадаанд, ки ба ду забон: арабӣ ва форсӣ навишта шудаанд, вале теъдоди чунин тафсирҳо бисёр андак аст. Нуктаи муҳим дар ин масъала ба забони порсӣ навиштани тафсир мебошад, ки ба ҳусни таваҷҷуҳи махсуси муфассирин ба забон ва фарҳанги миллӣ далолат мекунад. Аз ҷумлаи тафсирҳои ба забони порсӣ қабл аз Кошифӣ навишташуда китобҳои тафсири зиёдеро метавон номбар кард, ки баъзе комилу муфассал, иддае комили

мухтасар, шуморе аз онҳо комили дар ҳадди васат ва бархе нотамому номукаммал ҳастанд. Дар ин миён тафсирҳои машҳури пеш аз Кошифӣ “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” ба забони порсии дарӣ, тафсири машҳури Шайх Абулфутӯҳи Розӣ ва тафсири “Тоҷ-ут-тароҷим”-и Абулмузаффари Исфароинӣ ба шумор меоянд.

Китобҳои тафсири Ҳусайн Воиз зинаи дигаре аз тафсирнависӣ ба Қуръони карим мебошанд. Бинобар ин, дар идома ба муаррифӣ ва баҳс перомуни онҳо пардохта мешавад.

“**Ҷавоҳир-ут-тафсир литуҳфат-ил-Амир**”. “Ҷавоҳир-ут-тафсир литуҳфат-ил-Амир”, ки бо унвонҳои “Тафсир-ал-арӯс” ва “Тафсир-уз-заҳровайн” ҳам номида мешавад, тафсири аввалини Кошифӣ бар Қуръони карим буда, аз ду ҷилд иборат аст. Ҳоҷӣ Халифа дар китоби “Кашф-уз-зунун” навишта, ки ““Ҷавоҳир-ут-тафсир” муштамил бар “Тафсири Заҳровайн” аст, лимавло Ҳусайни Кошифӣ” [4, с.408]. Манзур аз мафҳуми “заҳровайн” он аст, ки номи сураҳои Бақара ва Оли Имронро дар якҷоягӣ “заҳровайн” мегуфтаанд. Ба назар мерасад, ки Ҳоҷӣ Халифа аз ҷилди дуюми тафсири мазкур огоҳ набудааст. Ҷалоли Ноинӣ “Ҷавоҳир-ут-тафсир...”-ро тафсири бузург номидааст [13, с.30], ки шояд аз назари ҳаҷм бошад.

Ҷилди аввали “Ҷавоҳир-ут-тафсир” дар соли 1484 ба номи Амир Алишери Навоӣ таълиф шудааст, ки шомили сураҳои якум то чаҳоруми Қуръон мебошад. Таърихи итмоми ҷилди аввали асар дар охири ҳамин ҷилд ҳамроҳ бо шеъри мадҳияе ба номи Амир Алишери Навоӣ сабт аст, ки байти аввалу охири он чунин аст:

Гар наёяд ҳисоби умр ба сар,
Фиканам тарҳи дафтаре дигар...
Дилаш аз файзи худ гиромӣ дор,
Номи ӯ то ба ҳашр номӣ дор [13, с.23].

Ҷилди дуюми асар ду сол баъд аз таърихи мазкур оғоз карда мешавад, вале то ба охир нарасида, нотамом мондааст. Сабаби нотамом мондани он ба мо маълум нест, шояд аз он ҷиҳат бошад, ки ба андешаи муфассир анҷом додани тафсири комилтаре ба шеваи дигар хутур карда бошад. Чунки дар охири ҷилди аввал менависад, ки “ба дастёрии тавфиқи илоҳию мададгории таъйиди номутаноҳӣ муҷаллади аввал аз китоби “Ҷавоҳир-ут-тафсир литуҳфат-ил-амир” симати итмому сифати ихтитом пазируфт ва итмоми боқии муҷалладот аз ионати ҳазрати воҷибулатийёт марҷуст...” [13, с. 13]. Вале бо ин ҳама умедворӣ ин кор нотамом мемонад. Ба ҷойи он Кошифӣ тафсири “Мавоҳиби Алийя”-ро низ ба номи Амир Алишери Навоӣ таълифу тадвин месозад.

Нусхаи муаррифишудаи ин тафсир, ки дар Китобхонаи Маҷлис, дар Теҳрон маҳфуз аст, бо ояти ҳаштоду чоруми сураи Нисо ба охир мерасад. Дар ҳошияи ҳамин нусха сабаби нотамом монданашро чунин нигошта, ки “чун ҳазрати мусаннифин тафсирро ба ин ҷо расонид, хатми ҳаёт намуду доъии Ҳақро иҷобат фармуд”, аммо чунин нест.

“Ҷавоҳир-ут-тафсир” ҳамчун беҳтарину муфассалтарин тафсири Ҳусайн Воизи Кошифӣ эътироф шудааст. Муаллиф тафсири мазкурро бар асоси равиши маърифатии мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат ва “матолиби сӯфиёна” навиштааст. Равиши тафсирнависии Кошифӣ дар ин асар чунон аст, ки дар он калимоти уламою урафо ва ашъори шоиронро бисёр зикр карда, чошнии ирфону андешаҳои ахлоқии бузургонро ба ҳам омезиш додааст. Бо ин ҳол арзиши адабии китобро дучанд намудааст.

Шеваи нигориш дар ин тафсир бештар ҷанбаи адабӣ дошта, илова бар фарогирии матолиби сӯфиёна, аҳаммияти ин тафсир беш аз ҳама аз он ҷиҳат аст, ки он ҷанбаи назарӣ ҳам дорад. Ҳусайн Воиз дар оғоз, ҳамчун муқаддима, дар хусуси шинохти Қуръон ва фазоили он тавзеҳоти комилеро ироа кардааст. Инчунин, дар чаҳор фасл дар бораи бисту ду илм аз улуми марбут ба тафсири Қуръон маълумот додааст.

Ановини чаҳор фасли мазкур, ки “асл” номида шудаанд, ба ин қарор аст:

Асли нахустин – дар чаҳор унвон ва дар ин асл аз фазоили Каломуллоҳу номҳои он ва мабоҳиси ҳудусу ҷуз он сухан гуфтааст.

Асли дувум – дар баёни ҷомеияти Қуръон ва чигунагии иншиоботи улум аз он, дар панҷ унвон.

Асли севум – дар зикри алфозе, ки миёни муфассирон маъмул аст, дар ҳашт унвон.

Асли чаҳорум – дар матолиби мутафарриқа, ки шинохтани онҳо дар илми тафсир лозим аст ва ин асл шомили шаш унвон аст.

Чунин усули муқаддиманигорӣ нодир буда, дар камтар китоби тафсир равише ҳамгуни он дучор мешавад, аммо айни онро дар ҳеч як китоб наметавон пайдо кард. Аз ин ҷиҳат, муқаддимаи тафсири мазкур қимати баланди илмӣ дошта, аҳаммияти назарии онро дучанд мегардонад.

Ҳамаи сарчашманигороне, ки дар бораи тафсири мазкури Кошифӣ сухан ба миён овардаанд, ба он арзиши зиёд қоил шудаанд. Масалан, Волаи Исфаҳонӣ дар "Хулди барин", ки дар соли 1667 таълиф шудааст, оварда, ки "гавҳаре ба он ҳусну баҳо аз дурҷи табаҳҳури ҳеч як аз уламо бар бисоти зуҳур ҷилванамо нагашта" [14, с. 311].

Дар бораи мундариҷаи "Ҷавоҳир-ут-тафсир литуҳфат-ил-Амир"-и Кошифӣ, ки "тафсирест дар ҷамъияти никоту фавоид ва баҳрест маъдани ҷавоҳири завоҳири фароид" [13, с. 69], дар тазкираи "Маҷолис-ун-нафоис"-и Алишери Навоӣ чунин омадааст: "...ва аз мусаннафоташ (Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар назар аст – С. А.) яке "Ҷавоҳиру-т-тафсир" аст, ки сураи ал-Бақарараро як муҷаллад навишта, ки ба қатъи мунсиф сад ҷузв наздик аст" [2, с.268]. Яъне, тафсири мавриди назар, мувофиқи ин қавл, танҳо сураи "ал-Бақара"-ро дар бар мегирад ва аз суханони муаллиф дар охири иқтибос маълум мешавад, ки ин сураро Кошифӣ муфассал тафсир карда, ки ба сад ҷузв наздикӣ доштааст.

Бино ба маълумоти Расули Ҷаъфариён, "Ҷавоҳир-ут-тафсир" ба дастури шоҳ Аббоси Сонӣ аз ҷониби Файзи Кошонӣ "ислоҳ" шудааст [3, с.23]. Номи китоби "ислоҳӣ"-и Файзи Кошонӣ "Танвир-ул-мавоҳиб" буда, таҳти унвони "Ҳавошии Файз бар "Мавоҳиби Алийя"-и Кошифӣ" машҳур будааст [3, с.23]. Агар диққат кунем, дар қавли болоӣ омехтагӣ ба назар мерасад: Ҷаъфариён китоби дар заминаи тафсири Кошифӣ навиштаи Файзиро нахуст ба "Ҷавоҳир-ут-тафсир" нисбат медиҳад ва сонӣ унвони машҳураи китоби Файзиро "Ҳавошии Файз бар "Мавоҳиби Алийя"-и Кошифӣ" зикр мекунад. "Мавоҳиби Алийя" унвони аслии тафсири дигаре аз Кошифӣ мебошад, ки баъдтар дар бораш сухан хоҳад рафт.

"**Мухтасар-ул-ҷавоҳир**". Ин китоби мухтасар шомили хулосае аз "Ҷавоҳир-ут-тафсир" аст, ки дар бораи асли он дар фавқ сухан рафта буд. Чунин ақида ҳам мавҷуд аст, ки ин тафсир ба монанди дигар тафсирҳои Кошифӣ ба форсӣ навишта шуда, дорои бист ҳазор байт буда, аз оғоз то анҷоми Қуръонро фарогир мебошад [13, с. 43].

"**Ҷомеъ-ус-ситтин**". Тафсире дигар аз навиштаҳои Кошифӣ буда, танҳо тафсири сураи «Юсуф»-ро дар бар мегирад. Аз ин ҷиҳат аст, ки бо номи "Тафсири сураи «Юсуф»" ҳам шинохта мешавад. Дар ин асар оятҳои сураи мазкур дар шаст фасл тафсир шудаанд, бинобар ин, бо номи мазкур номида шудааст. Дар оғози тафсир муқаддимае ҳам нигошта шудааст. Ҷанбаи адабии ин тафсир аз назари баҳрагирии муфассир аз қиссаю ҳикояҳо ва ашъори мухталифи порсӣ мушаххас мешавад.

Тафсири мазкур аз рӯйи муҳтаво тафсирест таърихӣ, ахлоқӣ ва ирфонӣ. Аз нигоҳи сохтор ҳам бо махсусиятҳои хосси худ ҷалби таваҷҷуҳ мекунад. Муаллиф ба муносибатҳои гуногун оятҳои сураҳои дигарро ҳам ба тафсир ворид сохта, ба ашъори шоирон низ тамассук ҷуста, ба равиши мунҳасир ба фард матолиби китобро тадвину тасниф намудааст.

Бояд гуфт, ки бо номи "Ҷомеъ-ус-ситтин" дар сарчашмаҳо, китобҳои феҳрист ва асарҳои илмӣ-таҳқиқӣ китобҳои зиёде ба номи муфассирони гуногун муаррифӣ шудаанд. Ба назари мо, бояд ҳамаи чунин китобҳои ҳамном аз назари қиёсӣ омӯхта шаванд, то муаллифи аслӣ ва фарқияти онҳо муайян карда шавад.

"**Мавоҳиби Алийя**" ё "**Тафсири Ҳусайнӣ**". Номи аслии тафсири машҳури Ҳусайн Воизи Кошифӣ "Мавоҳиби Алийя" буда, баъд аз марги муаллиф китобаш бо номи "Тафсири Ҳусайнӣ" машҳур шудааст. Сабаби чунин тағйири унвон дар он аст, ки номи аслии муаллифи тафсир Ҳусайн будааст. Муаллиф "Тафсири Ҳусайнӣ"-ро ба номи Низомиддин Амир Алишери Навоӣ таълиф кардааст, бинобар ин, номи аслии асар ба исми Навоӣ иртибот дорад. Чунон ки Ҷалоли Ноинӣ овардааст, "ваҷҳи тасмияи ин китоб ба "Мавоҳиби Алийя" он аст, ки чун номи Низомиддин, дастури донишпарвари Бойқаро Алӣ буд, аз ин рӯ, ин тафсирро "Мавоҳиби Алийя" хондааст [13, с.79].

Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба навиштани тафсири “Мавоҳиби Алийя” дар моҳи муҳаррами соли 897 ҳичрӣ, мувофиқ ба 1491-92 мелодӣ, дар шаҳри Ҳирот шурӯъ карда, онро дар рӯзи дувуми моҳи шавволи соли 899 ҳичрӣ, мутобиқ ба 1493-94 мелодӣ ба поён расонидааст. Дар охири китоб, баъд аз овардани мадҳ ва зикри ному ситоиши Амир Алишери Навоӣ, дар таърихи хатми он чунин навишта шудааст: “Ва фарзанди арҷманд (манзур фарзанди муаллиф Фахриддин Алии Сафӣ – А. С.)... дар таърихи итмоми ин рубоӣ иншод фармуда ва эроди он дар охири ин авроқ муносиб намуда ва ҳувайдо:

Бо хома, ки ин номаи иқбол навишт
В-анҷоми сухан ба айману-л-фол навишт,
Гуфтам: маҳу рӯзу соли таърих навис,
Филҳол “дувум зи шаҳри шаввол” навишт” [8, с.364].

Модаи таърих дар ин рубоӣ таркиби “дувум зи шаҳри шаввол” буда, агар ба ҳисоби ҷумал ҳисоб карда шавад, соли 899 ҳосил мешавад, ки таърихи хатми асар буда, ба соли мелодии 1493-94 баробар аст.

“Мавоҳиби Алийя” ҳам, ба монанди тафсирҳои дигари муфассир, ба равиши аҳли суннат ва ҷамоат таълиф шуда, ба сабке навишта шудааст, ки аз назари омехтагии насри сара бо назми дилнишин, фарогирии ашъори ширину дилпазири порсӣ, шеърҳои пурмуҳтавои арабӣ, баҳрагирӣ аз гуфтаҳо ва андешаҳои орифону сӯфиёни машҳур ва дар хилоли оёт овардани калимоту мафоҳими ирфонӣ ҷанбаи қавии адабӣ дорад. Чунонки Муҳаммадхонӣ таъкид кардааст, “дар ҳеч тафсири форсӣ ҳаммонанди ин тафсир аз сурудаҳои шоирони бузурги форсигӯ баҳра гирифта нашудааст” [12, с.390].

Бино бар ақидаи Алавимуқаддам, Кошифӣ дар ин тафсираш “гирди масоили сарфию наҳвию балоғии оёт нагаштаву фақат ба тарҷумаву тафсири оёт пардохта ва гоҳ-гоҳ ашъореро дар зимни оёту тафсири онҳо овардааст” [7, с.22]. Дар овардани ашъор дар тафсир мубтакир набудани Кошифӣ ҳам дар идомаи қавли мазбур зикр шудааст. Ба ин маънӣ, ки муфассирони пеш аз Кошифӣ ҳам дар тафсирҳояшон аз ашъор истифода кардаанд.

Ҳузури шеър дар тафсирро мо ба таври ҷудогона баррасӣ хоҳем кард. Ин ҷо танҳо барои шиносоии муқаддамотӣ ба тариқи овардани ашъор дар тафсир як мисол меоварем. Масалан, Ҳусайн Воиз пас аз тарҷума ва тафсири ибораи “асҳобу-л-ухдуд” аз сураи “Буруҷ” ба таври зерин шеър овардаст: “Асҳобу-л-ухдуд – худовандони шикофҳо дар замин ва эшон бутпарастон буданд аз асҳоби Зуннувоси Яманӣ ва дар замони ӯ соҳире буд коҳину мутааббид, ки мадори мулк бад-ӯ будӣ. Чун ба синни шайхуха расид, ба арзи малик расонид, ки ман пир шудааму заъфи куллӣ ба қувои ман роҳ ёфта, назм:

Дида аз ҳар шуоъ тира шавад,
Гӯш вақти самоъ хира шавад.
На забонро маҷоли гӯёӣ,
На тани хастаро тавоноӣ.

Салоҳ он аст, ки ҷавоне асили оқили тезфаҳм ба ман супорӣ, то он чи донистаам, ба вай омӯзам...” [1, с.328].

Чунон ки аз мазмуни порчаи шеърии болоӣ бармеояд, дар ҳасби ҳол, барои баёни вазъи ҳолати ҷисмонии шахси муайян суруда шудааст, ки моҳиятан барои тақвияти фикри гӯянда оварда шудааст.

Тафсири “Мавоҳиби Алийя”, ё худ “Тафсири Ҳусайнӣ” дар байни донишмандони қуръонпажӯҳ шуҳрати ҷаҳонӣ дорад. Кошифӣ аз ҳамон оғози ба итмом расидани китоби тафсираш ҷонибдорону пайравон пайдо кард ва то имрӯз аз аҳаммияти кораш чизе кам нашудааст. Китоби мавриди назарро донишмандони ҳамаи фирқаҳо ва мактабҳои фиқҳии ҷаҳони ислом истифода мекунанд ва аз матолиби он суд меҷӯянд. Китобҳои “Тарҷумат-ул-хавос”-и Алӣ ибни Ҳасани Заворагӣ (қисмати охири умри Кошифиро дар Ҳирот дарёфта ва аз маҳзари вай баҳра гирифтааст) ва “Минҳоҷ-ус-содиқин”-и Мулло Фатҳуллоҳи Кошонӣ, ки муаллифонашон аз аҳли ташайюъ ҳастанд, дар пайравии “Тафсири Ҳусайнӣ” навишта шудаанд. Дар ин бора боз сухан хоҳад рафт.

Ҳам муфассироне, ки асарҳояшонро ба забони арабӣ таълиф кардаанд ва ҳам муаллифони форсинавис, дар таълифоти худ аз “Мавоҳиби Алийя” баҳраҳо гирифтаанд. Муаллифи тафсири “Рӯҳ-ул-баён” Исмоил Ҳаққии Барусавӣ, ки тафсираш ба забони арабӣ аст, аз шумори чунин муфассирон мебошад.

Ҳамин тавр, машҳуртарин тафсири Ҳусайн Воизи Кошифӣ “Мавоҳиби Алийя”, ё худ “Тафсири Ҳусайнӣ” мухтасаре аз “Ҷавоҳиру-т-тафсир”-и худи муаллиф буда, мисли он ва соири таълифоти диниаш ба равиши аҳли суннат ва ҷамоат таълиф шудааст. Дар ин тафсир “дар хилоли оёту қасас аз калимоти ирфонию ашъори ширину дилпазири форсӣ” мисол овардани муаллифро Ноинӣ аз ҷумлаи муҳимтарин вижагии он донистааст, ки дар воқеъ, андешаи саҳеҳ ва қобили қабул аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Тафсири Ҳусайнӣ / Ҳусайн Воизи Кошифӣ: нусхаи хаттии № 726, маҳфуз дар Ганҷинаи нусахи хаттии китобхонаи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Маркази фарҳангии ба номи профессор Шарифҷон Ҳусейнзодаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 343 варақ.
2. Навоӣ, Амир Низомуддин Алишер. Маҷолис-ун-нафоис / Амир Низомуддин Алишери Навоӣ; тарҷумаи Фахрии Ҳиротӣ ва Ҳакимшоҳ Муҳаммади Қазвинӣ; ба саъю эҳтимоми Алиасғари Ҳикмат; таҳия, тасҳеҳ, таҳқиқ ва муқаддимаву тавзеҳоти Урватулло Тоиров ва Муҳриддин Низомов. – Душанбе, 2018. – 528 с.
3. جعفریان، رسول. ملا حسین واعظ کاشفی و کتاب روضة الشهدا / رسول جعفریان // آینهٔ پژوهش. – مرداد و شهریور1374. – شمارهٔ 33. – صص. 20-38.
4. حاجی خلیفه، کاتب چلبی. کشف الظنون / حاجی خلیفه کاتب چلبی : جلد اول، چاپ استمبل، 1310 .
5. صفا، ذبیح الله. تاریخ ادبیات در ایران / ذبیح الله صفا. – چاپ هشتم. – جلد چارم. – تهران: فردوس، 1378. – 780 ص.
6. صفا، ذبیح الله. تاریخ ادبیات در ایران / ذبیح الله صفا. – چاپ هشتم. – جلد پنجم. – تهران: فردوس، 1378. – 778 ص.
7. علوی مقدّم، سیّد محمّد. کاشفی و تفسیر قرآن / سیّد محمّدعلوی مقدّم // فصل نامهٔ تخصصی ادبیات فارسی دانشگاه آزاد اسلامی مشهد. – ص. 9-35.
8. قرآن مجید مترجم مع تفسیر حسینی : ترجمه از حضرت شاه ولی الله محدث دهلوی، تفسیر از حضرت ملا حسین الواعظ الکاشفی. – کراچی – لاهور : تاج کمپنی لمیٹد،1373. – 1394 صح.
9. قرآن مجید مترجم مع تفسیر حسینی : ترجمه از حضرت شاه ولی الله محدث دهلوی، تفسیر از حضرت ملا حسین الواعظ الکاشفی. – کراچی – لاهور : تاج کمپنی لمیٹد، 1373. – 1384 صح.
10. کاشفی، کمال الدین حسین. مواهب علیّهٔ یا تفسیر حسینی ؛ با تصحیح و مقدمه و حاشیه نگاری سیّد محمّد رضا جلال نایینی. – جلد یکم. – تهران، 1317 هجری شمسی. – 501 صح. – ص. 7-113.
11. کاشفی، کمال الدین حسین.جواهر التّفسیر لتحفة الامیر/ کمال الدین حسین کاشفی ؛ نسخهٔ متعلق به کتاب خانهٔ مجلس شورای ملی جمهوری اسلامی ایران.
12. محمدخانی، علی اصغر. تفسیر قرآن در ادب فارسی / علی اصغر محمدخانی // فرهنگ نامهٔ ادب فارسی دانش نامهٔ ادب فارسی : به سرپرستی حسن انوشه. – جلد دوم. – تهران: وزارت فرهنگ و ارشاد اسلامی، سازمان چاپ و انتشارات، 1381. – 1537 صح.
13. نایینی، سیّد محمّد رضا جلال. در آمد تفسیر مواهب علیّه //کاشفی، کمال الدین حسین. مواهب علیّهٔ یا تفسیر حسینی ؛ با تصحیح و مقدمه و حاشیه نگاری سیّد محمّد رضا جلال نایینی. – جلد یکم. – تهران، 1317 هجری شمسی. – 501 صح. – ص. 7-113.
14. والهٔ اصفهانی، محمد یوسف. خلد برین / محمد یوسف والهٔ اصفهانی : نسخهٔ دست نوشتهٔ فارسی کتابخانهٔ ملی ملک. – شمارهٔ 4176.

ТАФСИРҲОИ ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ БА ҚУРЪОНИ КАРИМ

Ҳусайн Воизи Кошифӣ донишманди мутабаҳҳири замони худ буда, аз ӯ то ба замони мо се китоби тафсири ба Қуръони карим навиштааш боқӣ мондааст. Аввалин тафсири ӯ таҳти унвони “Ҷавоҳир-ут-тафсир литуҳфат-ил-Амир” ба номи Амир Алишери Навоӣ таълиф шудааст. Муҷаллади аввали ин тафсир соли 890 ҳичрӣ ба поён расида, ки ба 1484 мелодӣ баробар аст, ҷилди дувуми он нотамом мондааст. Тафсири дуюми Ҳусайн Воиз “Мавоҳиби Алийя”, ки бо номи “Тафсири Ҳусайнӣ” машҳур аст, баъд аз итмоми ҷилди аввали тафсири аввалини муаллиф бар ваҷҳи ихтисор таълиф шудааст, ки таърихи итмоми он соли 899 ҳичрӣ буда, ки ба соли 1493-1494 мелодӣ рост меояд. Тафсири сеюм “Ҷомеъ-ус-ситтин” унвон дошта, шомили тафсири сураи «Юсуф» буда, ба сабаби оёти сураи мазкурро дар шаст фасл тафсир намудани муаллиф чунин номгузорӣ шудааст. Тафсирҳои мазкур танҳо китобҳои динӣ нестанд, бинобар истишҳодоти муаллиф ба қасасу ҳикоёт ва ашъори форсию арабӣ, овардани ақволи орифони машҳур ва равиши муҳокимаронияҳои адабӣ қимат ва арзиши бузурги адабӣ ҳам доранд. Дар ин мақола муаллиф ба муаррифии китобҳои тафсири ба Қуръони карим навиштаи Ҳусайн Воизи Кошифӣ пардохта, дар баробари ишораҳои муҳимме, ки оид ба сохтор ва мазмуну мундариҷаи ҳар се тафсир ироа шудаанд, манзури нигоранда таъкиди ҷанбаи адабии китобҳои тафсир мебошад. Ҳар се тафсири мазкур ба забони форсии тоҷикӣ навишта шудаанд. Дар ин миён китоби муҳим ва тафсири машҳур “Мавоҳиби Алийя”, ё худ “Тафсири Ҳусайнӣ” мебошад, ки ба хатти арабиасоси форсии тоҷикӣ борҳо ба чоп расидааст, вале то ҳанӯз ба хатти кириллии тоҷикӣ нашр нашудааст.

Калидвожаҳо: Ҳусайн Воизи Кошифӣ, тафсир, Қуръон, “Ҷавоҳиру-т-тафсир”, “Мавоҳиби Алийя”, “Тафсири Ҳусайнӣ”, арзиши адабӣ.

КОММЕНТАРИИ ХУСАЙНА ВАИЗА КАШИФИ К КОРАНУ

Хусайн Ваиз Кашифи был великим ученым своего времени, и до нас дошли три его комментария к священной книге Коран. Первый его комментарий под названием “Джавахир-ут-тафсир литухфат-ил-Амир” написан на имя Амира Алишера Наваи. Перый том данного комментария был написан в 890 году хиджры, который равен 1484 году, его второй том остался так и незаконченным. Второй комментарий Хусайна Ваиза Кашифи под названием “Мавохиб Алийя”, который известен под названием “Тафсири Хусайни” и составлен после завершения первого тома первого комментария автора с сокращениями в 899 году хиджры, который равен 1493-1494 годам. Третий комментарий под названием “Джомеъ-ус-ситтин” охватывает суру «Юсуф» и назван так автором потому, что комментарий аята данной суры состоит из шестидести разделов. Данные комментарии являются не только религиозными произведениями, они также имеют важное литературное значение, так как в них приведены различные примеры из персидской и арабской поэзии, жизнеописание великих мыслителей и стили литературных суждений. В данной статье автор автор представляя комментарии Хусайна Ваиза Кашифи к Священному Корану, указывает на важность структуры, содержания и смыслов всех трех комментарий и подчеркивает художественные аспекты данных произведений. Все три комментария написаны на персидско-таджикском языке. Среди них особо отмечается комментарий под названием “Мавохиб Алийя» который известен под названием “Тафсири Хусайни”, и издан на персидско-таджикском языке на основе арабской письменности, но ни разу не издан на таджикском языке на основе кириллицы. е.

Ключевые слова: Хусайн Ваиз Кашифи, комментарий, Коран, “Джавахир-ут-тафсир литухфат-ил-Амир”, “Мавохиб Алийя”, “Тафсири Хусайни”, литературное значение.

HUSAYN WAIZ KASHIFI'S COMMENTS ON THE QURAN

Husayn Vaiz Kashifi was a great scholar of his time, and three of his comments on the holy book of the Qur'an reached us. His first commentary entitled “Jawahir-ut-tafsir litukhfat-il-Amir” is written in the name of Amir Alisher Navai. The first volume of this commentary was written in the year 890 of the hijra, which is equal to 1484, its second volume remained unfinished. The second commentary of Husayn Vaiz Kashifi under the name “Mawohib Aliyya”, which is known as the “Tafsiri Husaini”, was compiled after the completion of the first volume of the author’s first comment with abbreviations in 899 hijra, which is equal to 1493-1494 years. The third commentary entitled “Jome-us-sittin” covers the Surah “Yusuf” and is named so by the author because the commentary of the verse of this surah consists of sixty sections. These comments are not only religious works, they also have important literary significance, as they provide various examples from Persian and Arabic poetry, a biography of great thinkers and styles of literary judgments. In this article, the author, introducing the comments of Husayn Vaiz Kashifi to the Holy Quran, points out the importance of the structure, content and meanings of all three comments and emphasizes the artistic aspects of these works. All three comments are written in Persian-Tajik. Among them, a commentary entitled “Mawohib Aliyya”, which is known as “Tafsiri Husaini”, and published in Persian-Tajik based on Arabic script, but has never been published in Tajik based on the Cyrillic alphabet, is especially noted. e.

Key words: Husayn Vaiz Kashifi, commentary, Koran, “Javahir-ut-tafsir litukhfat-il-Amir”, “Mawohib Aliyya”, “Tafsiri Husayini”, literary meaning.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Абдуқодирзода Саидмукаррам* – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, докторанти кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. Тел.: (+992) 988-31-50-50

Сведения об авторе: ***Абдукодирзода Саидмукаррам*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, докторант кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. Тел.: **(+992) 988-31-50-50**

Information about the author: ***Abdukodirzoda Saidmukarram*** - Tajik National University, candidate of philological sciences, associate professor, doctoral candidate of the department of history of Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 988-31-50-50**

УДК: 891.550 (091)

ПАЙДОИШИ УНСУРҲОИ ЖАНРИИ НАЗМИ ТАСАВВУФӢ

Солеҳов М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи ирфони исломӣ барои ташаккули ҷунбиши сӯфия бахусус ҳавзаҳо, марказҳо ва доираҳои фарҳангие мисли Бағдоду Басра, Баҳрайну Ироқ ё Ҷазира дар ибтидо саҳми бунёдӣ доштанд. Ин ҷунбиши фикрӣ, ки дарунгарову тафаккурсоз буд, ниёз ба васоити тафаккурсоз дошт, зеро иштиҳор ва бақои худро таъмин кардан мехост. Ҷараёни ҳолати мазкур дар марокизи фавқуззикр, аллакай, таҷриба шуда буд. Ин буд, ки пас аз паҳн гардидан дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон низ эҳтиёҷи ҷараёни мазкур ба каломи ҳунарии манзуму мансур беш аз пештар гардид. Рӯ овардани мутасаввифону орифон ба каломи ҳунарӣ барои тарафайн - ирфону орифон ва каломи бадеъ басо пуразришу серманофеъ буд. Зеро каломи ҳунарӣ, пеш аз ҳама, барои баёни мақосиду изҳори аҳдоф ва хосса муассириву ҷаззобияти сухани сӯфиёну орифон хидмат намуда, барои рушду таҳаввулоти ин ҷараёни фикрӣ ва бақои исму корномаи сӯфиёну орифон мусоидат кардааст. Зиёда аз ин бархӯрди мазкур тадриҷан шакли нави адабиёт - каломи ҳунарии мансуру манзумро тавлид кард, ки он осори адабӣ- ҳунарии ҷовидонаву беқиёси миллиро падид овард ва дар тамоми анвои адабӣ намунаҳои комилу сараи сухани ҳунарӣ эҷод гардид.

Тибқи қазовати Муҳаммади Ғаззолӣ, “Олами улвӣ олами ҳусну ҷамол аст ва асли ҳусну ҷамол таносуб аст ва ҷамоли он олам, ки ҳар ҷамолу ҳусну таносуб, ки дар ин олами маҳсус ҳаст, ҳама самараи ҳусну ҷамоли он олам аст” [7, с.555]. Ин отифаву нафосати беқиёс дар вуҷуди ориф ҳиссиёту ғалаёнеро нисбат ба маҳбубу маъбуд бармеангезад. Тавъам бо он алҳони мусиқӣ, овози мутриб ва қироати шеър он барангезишро таҳкиму тақвияти хос эҳдо менамояд. Авҷи барангезандагӣ қироати Қуръон аст, ки шунаванда ва хосса соликро комилан ба ваҷд меорад.

“Ҷаласа, – менависад Е.Э. Бертелс, – бо қироати бахше аз Қуръон оғоз мегардид ва сипас шайх ба минбар мешуду мавъиза мекард ва пас аз он мавъиза ҷойи худро ба суруду тарона медод” [4, с.54]. Суоле ба миён меояд, ки манзур аз суруду тарона кадом шакли шеърӣ аст? Албатта, нахустин ашъори сӯфиёна ва аввалин шуарои сӯфӣ аз мардумони араб буда, дар ин бора муҳаққиқон: А.Ҷ. Арберри, Е.Э. Бертелс, Э.Браун, Т.Бройн, А.Е. Кримский, А.Зарринкӯб, Қ. Ғанӣ, С.Нафисӣ ва дигарон баҳс кардаанд. Аз ҷумла, Т.Бройн менависад: “Ҳамаи девонҳои шуарои эронӣ илова бар ашъоре дар қолабҳои муҳимми суннатӣ, шомили ашъори кӯтоҳтаре низ ҳастанд, ки қитъаот ё муқаттаот хонда мешаванд” [6, с.15].

Метавон гуфт, ки барои сӯфия шакл чандон муҳим нест, балки дарунмоя – мазмун арзиш дорад, ки ҳолати ваҷдро барангехта тавонад. Ба назари Т.Бройн, “Дар миёни ашъори кӯтоҳтар қолаби дигаре бо номи чоргонӣ ё чорпора нақши бисёр муҳимтар аз муқаттаот дар шеъри сӯфиёна ифо кард. Ин қолаби шеърӣ қадимтарин навъи шеърӣ аст, ки тавассути урафои Эронӣ хонда ё суруда шудаанд” [6, с.16]. Ин буд, ки яке аз ашъори Робияи Адвия, Боязиди Бастомӣ, Мансури Ҳаллоҷ ва дигарон намунаҳои сершумори шеърӣ дар сарчашмаҳо таъкид шудааст. Фаразан, Абӯнасри Сарроҷи Тӯсӣ дар китоби “Ал-ламаъ фи-т-тасаввуф” номи 20 тан сӯфиро, аз қабили Яҳё Маози Розӣ, Иброҳими Хаввос, Ҷунайди Бағдодӣ, Абӯбакри Шиблӣ ва дигаронро зикр карда, аз онҳо 197 байт овардааст, ки он ашъор ба забони арабист [8, с.175]. Воқеан дар зуҳури ашъори ирфонии араб нақши ашъори мазҳабӣ-динии араб, ки аз Каъб ибни Зуҳайр ва ташаккули он аз фаъолияти Ҳиссом Абдулвалид ибни Собит (вафот 672 м.) маншаъ мегирад, басо ҷолиб аст [1, с.143-157].

Оид ба маншаъҳову зуҳури шеъри сӯфиёнаи форс-тоҷик асосан ду асаре, ки зиндагиномаи Шайх Абӯсаид Абулхайрро фаро гирифтаанд, иттилоъ медиҳанд, ки аз манобеи дараҷаи авваланд. Фаразан, дар “Мақомоти Шайх Абӯсаид” омадааст, ки ӯ дар

даврони кӯдакӣ ҳамроҳи падараш дар маҷлисҳои самоъ ҳозиро мешудааст: “Чун ба самоъ машғул шуданд, қаввол ин ду байт бигуфт:

Ин ишқ, бале, атои дарвешон аст,
Худкуштанашон вилояти эшон аст.
Дунёву дирам на зиннати Яздон аст,
Ҷон кард фидо кори ҷавонмардон аст.

Чун қаввол ин байт бигуфт, дарвешонро ҳолате падид омад ва ин шаб то рӯз бар ин байт рақс мекарданд ва дар ин ҳолат буданд” [3, с.293].

Ғолибан дар назми тасаввуфӣ аҳли тадқиқ Шайх Абӯсаид ибни Абулхайрро (967-1049) яке аз пешгомон медонанд. Тибқи тасдиқи С.Нафисӣ, шайх беш аз 700 рубоӣ ва 80 ғазал гуфтааст.

Дар хусуси пеш аз Шайх Абӯсаид мавҷуд будани ғазали ирфонӣ дар “Мақомот” ҳикояи ҷолибе аз забони ӯ оварда шудааст: “Боре қавволе пеши Шайх ин байт мехонд:

Андар ғазали хеш ниҳон хоҳам гаштан,
То бар ду лабат бӯса занам, чун-ш бихонӣ.

Шайх аз қаввол пурсид, ки: - Ин байти кист? – Гуфт: Аз Аммора. Шайх бархост ва ба ҷамоати сӯфиён ба зиёрати хоки Аммора шуд” [3, с.221]. Ин ҳам мусаллам аст, ки оид ба нахустшоири сӯфӣ баҳсҳо хеле зиёданд. Профессор Р.Ҳодизода дар ин бора менависад, ки: “Ҳарчанд зумрае шеъри ирфониро аз Бобо Тоҳир, Бобо Афзал ва Бобо Кӯҳӣ сар мекунанд, аммо дар ин миён Бобо Кӯҳӣ шоири аввалини ирфонист, ки аз ӯ девон ба ҷой аст ва дар ин девон нуктаҳои умда ва афкору ақоиди ирфонии он замон бештар ва тамомтар инъикос ёфтааст. Аз ин ҷиҳат, ашъори Бобо Кӯҳиро мо метавонем аз намунаҳои аввалини назми ирфонӣ баршуморем” [9, с.93]. Вале қавли фавқ низ чандон муътамад нест. Ба назари мо, қавли нисбатан саҳеҳ ба шарқшинос Т.Бройн мутааллиқ аст, ки ӯ оид ба зуҳури шеъри ирфонии форс-тоҷик баҳс ба миён оварда навиштааст: “Чоргонӣ нахустин қолаби шеърие буд, ки урафо барои баёни андешаҳо ва таҷрибаҳояшон ба кор гирифтаанд” [6, с.25]. Агар қазовати фавқуззикри Т.Бройн оид ба нахустқолаби шеъри ирфонӣ бошад, ки чоргонӣ мегӯяд, инчунин, донишманди мазкур роҷеъ ба нахустшоири ҷодаи ирфон низ баҳс ба миён оварда хабар медиҳад, ки Бобо Тоҳир аввалин шоири ҷунбишии тасаввуф аст ва “нахустин сӯфие, ки мешавад ӯро ба унвони шоир шинохт, ҳам ӯст” [6, с.26].

Чуноне маълум шуд, дар хусуси нахустшоири сӯфӣ ихтилофи назарҳо манзур мегардад, ки симоҳои гуногуни ҷараёни тасаввуф, ба анвои адабии манзум ва мушаххасан ба кадом навъи адабӣ рӯ овардаанд. Аввалин навъи адабии манзуми адабиёти ирфонӣ кадом аст? Онро кадомин сӯфии эҷодкор аввалин шуда эҷод кардааст. Е.Э. Бертелс дар ин бора бо такя бар қазовати Л.Массинъон менависад: “Агар пайдоиши тасаввуфро дар Эрон бо номи Иброҳими Адҳам (ваф.160-162) вобаста кунем, он гоҳ бояд бипазирем, ки тасаввуф дар Эрон дар оғози садаи сеюми ҳиҷрӣ густариш доштааст. Фаъолияти нахустин мубаллиғони тасаввуф дар Эрон, пеш аз ҳама, хитоб ба васеътарин қишрҳои мардум будааст. Онҳо аз деҳкада ба деҳкадае мерафтанд, ба панду андарз мепардохтанд. Барои ин забони хоссе лозим буд, ки барои ҳама мафҳум бошад” [4, с.75]. Шояд аз ҳамин сабаб будааст, ки эҷодкорони сӯфӣ ба забони мардумони одӣ, кӯчаву бозор рӯ овардаанд. Яке аз сабабҳои рӯ овардани мутасаввифон ба каломи манзум муассирӣ ва забони ифода, ҷаззобию хушалҳонии каломи манзум будааст, зеро:

Сухан гарчи мансур некӯ бувад,
Чу манзум гардад, накӯтар шавад.

Ин буд, ки ба фарҳанги мардумӣ – эҷодиёти шифоҳӣ ва ё фолклор ва хосса ба жанри рубоӣ рӯ овардани сӯфиёни эҷодкор бесабаб набудааст.

Ба андешаи шарқшиноси рус Е.Э. Бертелс, “Тасаввуф мебоист аз шеър ҳамчун муносибтарин абзори таъсир ба рӯҳият мухотабон ёрӣ бигирад... ва он шеъре буд, ки дар маҳфилҳо хонда мешуд, то ин ки ҷонибдорони бештарое пайдо шавад” [4, с.76]. Муҳаққиқи мазкур Бобо Кӯҳиро нахустин сӯфии соҳибдевон медонад, ки қавли ӯ доир ба ин симои эҷодӣ машкук ба назар мерасад.

Дар баъзе аз манобеъ Боязиди Бистомӣ (802-882) нахустин эҷодкори ашъори сӯфиёна эътироф мешавад. Чунончи, “Аввалин байтҳои сӯфиёна аз тарафи асосгузори тасаввуфи Хуросон, шайхи шӯридаҳол Боязиди Бистомӣ гуфта шудааст” [3, с.220]. Дареғо, ки намунаҳои шеърӣ аз ӯ маҳфуз намондааст ва аз ин рӯ, мушаххас маърифат намудани қазовати мазкур муҳол аст, ки Бертелс Е.Э. оид ба зуҳури шеъри сӯфиёнаи форс-тоҷик сомон додааст, мураввиҷии тасаввуф дар қаламрави Эрон ва рӯ овардани сӯфия ба каломи ҳунарӣ аст, ки муҳаққиқи мазкур дар ин бора менависад: “Бахши азими муҳоҷирони низомии тозӣ, ки ба Хуросон кӯчида буданд, нахустин мубаллиғони ин таълимоти тоза буданд. Дар шимоли Эрон ин мубаллиғон асосан сипоҳиёне буданд, ки аз Басра ва Кӯфа омада буданд. Дар садаи дуюми ҳичрӣ Шайхи машҳур Иброҳими Адҳам, ки арабе асил, аз қабилаи Банни Тамим буд, нахустин мактаби ирфониро бунёд кард” [4, с.81], ки ин мактаб барои зуҳури макотиби дигари қаламрави Моваруннаҳру Хуросон нақш гузоштааст. Аз намояндагони ин мактаб, ки кору фаъолияти Шайх Иброҳими Адҳамро идома бахшидааст, Шақиқи Балхӣ аст. Дуруст аст, ки дар ирфони араб вобаста ба иштиҳори анвои адабӣ - ғазал мавқеъ доштаву дар ирфони қаламрави Моваруннаҳру Хуросон ин падида басо мураккабу печида сурат гирифтааст. Тибқи қазовати донишмандони соҳа, аҳли ирфони араб бо назардошти мушкилоти забонӣ натавонистанд ба ҳампешагони форсу тоҷики худ ёрӣ расонанд.

«Дар ин замон назми форсӣ-тоҷикӣ ба рушд оғоз карда ва ҳанӯз сабки ягона ташаккул накарда буд» [4, с.82].

Қазоватҳои фавқуззикрро метавон чунин ҷамъбаст намуд, ки мутасаввифон барои муассирии сухан ва ҷалби таваҷҷуҳи бештари мухотабон дар оғози зуҳури тасаввуф ва аносири оғозини он зуҳду ишқ ба каломи ҳунарӣ рӯй биоранд. Рӯ овардани мутасаввифон ба каломи ҳунарӣ ва хосса ба шеър дарки неруи сухан, муассирии каломи мавзун ва маърифати отифаву зебоӣ низ ҳаст.

Оид ба нахустин гӯяндаи шеъри сӯфиёнаи форс-тоҷик ихтилофи назар бошад ҳам, ҳақ ба ҷониби Е.Э. Бертелс, Т. Бройн аст, ки онҳо бо далоилу асноди қавитар Бобо Тоҳири Урёнро нахустин эҷодкори ин навъи адабӣ медонанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдусатторов, А. Таърихи адабиёти араб. Китоби аввал / А. Абдусатторов. – Душанбе: Деваштич, 2009. – 228 с.
2. Бухороӣ, Муҳаммад Авфӣ. Лубоб-ул-албоб / Муҳаммад Авфии Бухороӣ: аз рӯйи чопи Э. Браун ва Муҳаммади Қазвинӣ; бо тасҳеҳи С. Нафисӣ. – Теҳрон, 1335. – 1085 с.
3. Абдуллоев, А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII / А. Абдуллоев, С. Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1986. – 260 с.
4. Бертелс, Е.Э. Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф / Е.Э. Бертелс: тарҷумаи Сируси Яздӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1382. – 723 с.
5. Бройн, Т. Ҳакими иқлими ишқ. Таъсири мутақобилаи дину адабиёт дар зиндагӣ ва осори Ҳаким Саноӣ (Тарҷумаи Маҳёри Алавии Муқаддам ва Муҳаммад Ҷавводи Маҳдавӣ) / Т. Бройн. – Теҳрон: Остони Қудс, 1378. – 575 с.
6. Бройн, Т. Шеъри сӯфиёнаи форсӣ (Тарҷумаи Маҷдуддини Кайвонӣ) / Т. Бройн. – Теҳрон: Нашри марказ, 1378. – 189 с.
7. Ғаззолӣ, Абӯмуҳаммад. Кимиёи саодат. Ҷилди 1. / Абӯмуҳаммади Ғаззолӣ: таҳияи Д. Дӯст ва Қ. Элчибоев. – Душанбе: Эр-граф, 2008. – 669 с.
8. Низомов, М. Тасаввуф / М. Низомов // Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Душанбе: Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2011. – С. 174-177.
9. Ҳодизода, Р. Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик / Р. Ҳодизода. – Душанбе : Адиб, 1999. – 187 с.
10. Шарифзода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик: аз аҳди қадим то оғози асри XIII / Х. Шарифов, М. Нарзиқул. – Душанбе : ТоРус, 2017. – 415 с.

ПАЙДОИШИ УНСУРҲОИ ЖАНРИИ НАЗМИ ТАСАВВУФӢ

Дар мақолаи мазкур омилҳои зуҳури шеъри ирфонии форс-тоҷик ва нахустин шоирони сӯфӣ, ки дар ин арса гом ниҳодаанд, номбар мешаванд. Зиёда аз ин, баҳси сарчашмаҳо, қиёси ахбори онҳо ва ақоиди адабиётшиносон дар хусуси нахустин намунаҳои шеърии шуарои сӯфӣ низ баҳс рафтааст. Дар мақола авзои сиёсӣ-таърихӣ ва печидагии рӯзгори мардумони араб хосса дар замони ду тан аз хулафои рошидин низ ба таври иҷмолӣ баҳс ба миён омадааст. Муаллифи мақола таъкид мекунад, ки нахустин зоҳидону убод, ки ба каломи ҳунарӣ рӯ овардаанд, аз мардумони араб буданд ва тадриҷан ин анъана ба халқҳои Хуросону

Мовароуннаҳр писанд омад ва онҳо низ заминаҳои миллии зуҳури шеъри сӯфиёнаро дар қаламрави фарҳангу адабиёти халқҳои форсу тоҷик пайдо намудаанд. Муаллифи мақола дар ин бора баҳсҳои фаровони муҳаққиқони сершуморро қиёсан зикр намуда, зиёдтар такя ба тадқиқотҳои Абдулҳусайни Зарринкӯб, Е.Э. Бертелс ва Томас Бройн кардааст, ки созгор ба воқеияти таърихист. Масалан, муаллифи мақола ба қазоватҳои се тан аз муҳаққиқони фавқуззикр такя намуда, нахустин жанри шеърии адабиёти сӯфиёнаро чаҳоргонӣ, чаҳорпора ва ё рубоиву дубайтӣ медонад, ки саҳеҳ аст, зеро жанри мазкур такя ба фарҳанги шифоҳии мардумӣ дорад ва ин падида ба устувории суннат замина хоҳад шуд. Оид ба нахустэҷодкори шеъри сӯфиёна муаллифи мақола баҳси хешро бо он хотима мебахшад, ки тибқи пажуҳишҳои мутахассисони номдори соҳа Е.Э. Бертелс, Т. Бройн Бобо Тоҳири Урён аввалин шоири сӯфӣ аст.

Калидвожаҳо: тасаввуф, ирфон, назм, шеър, чаҳоргонӣ, рубоӣ, дубайтӣ, анъана, навоварӣ, манзум.

ВОЗНИКНОВЕНИЕ ЖАНРОВЫХ ЭЛЕМЕНТОВ СУФИЙСКОЙ ПОЭЗИИ

В предлагаемой статье упоминаются факторы возникновения персидско-таджикского мистического стиха и первые поэты этого направления. В дополнение к этому рассмотрены сведения источников, сопоставление этих сведений и взгляды литературоведов касательно первых стихотворных примеров поэтов-суфиев. В статье в общих чертах рассмотрена политическая обстановка и сложности жизни арабских племен в период правления двух праведных халифов. Автор статьи подчеркивает, что первые аскеты и благочестивые, которые обратились к художественному слову, были арабами и постепенно эта традиция проникла в Хорасан и Мавераннахр и представители этих регионов заложили основу суфийского стиха в пространстве распространения персидско-таджикской культуры и литературы. Автор статьи, в сопоставительном ключе анализируя мнения множества исследователей, более всего придерживается взглядов Абдулхусайна Зарринкуба, Е.Э. Бертельса и Томаса Бройна, что соответствует исторической действительности. Например, автор статьи, опираясь на суждения трёх упомянутых выше исследователей, утверждает,что первым жанром суфийской поэзии было четверостишие, рубаи или дубайти. С этим можно согласиться, так как этот жанр имеет устные народные корни, и это обстоятельство способствовало устойчивости традиции. Относительно первого поэта-суфия, автор статьи соглашается с тем, что, по мнению известных исследователей вопроса Е.Э. Бертельса и Т. Бройна, Бобо Тохир был первым поэтом-суфием.

Ключевые слова: суфизм, мистика, поэзия, стих, четверостишие, рубаи, традиция, новаторство, ритмическое.

THE ORIGIN OF THE GENRE ELEMENTS OF SUFIAN POETRY

In this article, the factors of the appearance of the Persian-Tajik mystical verse and the first poets of this direction are mentioned. In addition to this, information from sources, a comparison of this information, and the views of literary scholars regarding the first poetic examples of Sufi poets are examined. The article outlines the political situation and the difficulties of life of the Arab tribes during the reign of two righteous caliphs. The author of the article emphasizes that the first ascetics and the pious who turned to the word of art were Arabs and gradually this tradition penetrated into Khorasan and Maverannahr and the representatives of these regions laid the foundation for the Sufi verse in the space of the spread of Persian-Tajik culture and literature. The author of the article, in a comparative vein, analyzing the opinions of many researchers, most of all supports the views of Abdulhusain Zarrinkub, E.E. Bertels and Thomas Broin, which corresponds to historical reality. For example, the author of the article, relying on the judgments of the three researchers mentioned above, claims that the first genre of Sufi poetry was quatrain, rubyai or dubai. One can agree with this, since this genre has oral folk roots and this circumstance contributed to the stability of the tradition. Regarding the first Sufi poet, the author of the article agrees that E.E. Bertelsa and T. Broin Bobo Tohir was the first Sufi poet.

Key words: Sufism, mysticism, poetry, verse, quatrains, rubyes, tradition, innovation, rhythmic.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Солеҳов Мирзо Одинаевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17.
Тел.: **(+992) 981-06-78-75**

Сведения об авторе: ***Солехов Мирзо Одинаевич*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры история таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17.
Тел.: **(+992) 981-06-78-75**

Information about the author: ***Solehov Mirzo Odinaevich*** - Tajik National University, lecturer department tajik literature history. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Tel.: **(+992) 981-06-78-75**

УДК: 398

ДУ СУТУНИ ЯК МЕТАСИСТЕМА
(баъзе масоили назарии иртиботи адабиёт ва фолклор)

Раҳмонов Ҳ.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз авохири қарни XIX то кунун чунин ақида роиҷ будааст, ки адабиёт ва фолклор, яъне эҷодиёти бадеии мардумӣ ҳарду ҳамчун аносири муҳимми фарҳанги бадеӣ маҷмӯан системаҳои мустақили поэтикӣ ҳастанд ва иртиботи онҳо ба қавле гӯшту нохунро мемонад, яке манбаи зуҳури дигаре ва баръакс, дуввумӣ ҳамчун сарчашмаи сужету образҳо ва ғояҳои адабии аввалӣ рисолат дорад. Ин ҳамбастагӣ ва доду ситади ҳарду системаи поэтикӣ ба таври ҳамеша идома дорад ва аз навтарин таҳқиқоти олимони соҳа чунин хулоса мешавад, ки чаҳорчӯбаи ковишу пажӯҳишҳо аз марзи халқият ва заминаҳои фолклории эҷоди ин ё он адиб кайҳо баромада, навъҳои мураккаби таҳлилу баррасиҳо роҷеъ ба истифодаи бошуурона ва нохудогоҳи поэтикаи фолклорӣ аз ҷониби адибон ба зуҳур омадааст.

Мо адабиёт, яъне адабиёти бадеии хаттии ҳунарӣ ва фолклорро ҳамчун эҷоди мардумии бидуни муаллифони мушаххас ва маҷмӯи ривояту гуфторҳо ва тарзи хоси фаҳму дарки зуҳуроти ҳаёт ду сутуни як метасистема номидем, ки аз мавқеи илми фалсафаи ҳунар дуруст менамояд. Аз ин мавқеъ, дарки ҳамагуна объект (чизе, ки набошад, хоҳ падидаи адабӣ бошад, хоҳ як гуфтору ривоят, ки дар он завқу салиқаи мардумӣ аён аст) барои инсон маҳдуд аст. Мо наметавонем ҳар як объектро бо ҷузъиёти сершумораш яку якбора дарк бикунем, барои дар ягонагии том даровардан зарур аст, ки иртиботи дохилии он ҷузъиётро ҷӯё шавем. Ҳамин тавр, категорияи система ҳосил мешавад.

Аммо дар фаҳмиши система мураккабиҳои зиёде пешорӯямон қарор мегирад: аввалан, барои муайян кардани функсияи ин ё он объект мо боистӣ, ки онро бо объектҳои дигар ба қиёс бигирем, ҳамин тавр, метасистема ҳосил мешавад, ки дорои сохтори мураккаб аст. Агар функсияи объектро донистанӣ шавем, сохтори он объектро таҳқиқ карданамон зарур меафтад. Хуллас, иртиботи ҳамдигарии ҷузъиёти объект барои тавзеҳи функсияи он маънои системаро медиҳад.

Ҳамин тавр, проблемаи адабӣ - фолклорӣ, ки ба ҳайси ду системаи мустақили эстетикӣ, яъне адабиёт ва фолклор баррасӣ мешавад, барои адабиётшиносии умумӣ аҳаммияти назариявию методологӣ дорад. Ба қавли яке аз муҳаққиқони фолклор У. Далгат, «миёни системаи адабиёт ва системаи фолклор муносиботи системасозе вуҷуд доранд, ки таъбиру тавзеҳи онҳо моҳияти проблемаи адабиву фолклориро ошкор месозад» [9, с.9].

Воқеан, дар шароити равобити байнисистемавӣ фолклор ҳамчун маҷмӯи авомили сабксозу шаклофаранда хазинаи маводест, ки аз ҷониби адибон барои тасвири рӯҳия ва дунёи ботинии инсон истифода мешавад.

Дар таҳқиқи ин мавзӯот ду паҳлуи пажӯҳишҳо – баррасии таъсири фолклор ба адабиёт (корҳое дар чаҳорчӯби «нависанда ва фолклор») ва омӯзишу таҳлили таъсири худи каломи бадеъ ба соҳаи эҷодиёти бадеии мардумӣ маълум мебошанд ва асосан дар филологияи тоҷик ҳамин навъи корҳои илмӣ бештар ба назар мерасанд. Ин қабил заҳамот муқаддимаи соҳаи иртиботи фолклор ва адабиёт мебошанд, зеро ба андешаи фолклоршиноси маъруфи рус А.М. Новикова, «таърихи инкишофи адабиёт ва фолклори ҳар халқ – ин раванди пайдоиш ва рушди таърихии ду соҳаи мустақили ҳунари миллии поэтикист, ки бо ҳам аз нигоҳи таърих мушобеҳоти зиёде доранд» [15, с.3].

Адабиёт ва фолклори тоҷик, ба мисли халқҳои дигари олам, ҳамеша ба ҳам наздик буданд, чунки дар муҳити як кишвар ва фазои як забони миллӣ, дар заминаи як таърихи миллӣ арзи вуҷуд мекарданд. Аз нигоҳи бадеият фолклор ва адабиётро як системаи умумии навъӣ муттаҳид мекард, ки дар умум ба эпос, лирикаву дром радабандӣ мешуд, ҳарчанд ин таснифот, чи дар адабиёт ва чи дар фолклор, тафовутҳо ва вижагиҳои хосе дорад. Фолклор ва адабиётро системаи ба ҳам монанди жанрҳои он муттаҳид мекард ва

мекунад. Таърихан фолклор ва адабиёти тоҷикро поэтикаи таърихан ташаккулёфтаи он ба ҳам меовард.

Дар контексти адабиёти ҷаҳон тафовути миёни адабиёту фолклор ҳамчун тафовути миёни ду системаи эстетикӣ аз ҷониби аксар муҳаққиқони адабиётшинос фаҳму дарк шудааст, яъне ду навъи таъбиру тавзеҳи воқеият. Ин фикри кайҳо собитшуда аст, агар бигӯем, ки адабиёт ва фолклор фазои ягонаи каломи бадеъро фароҳам меоранд.

Аз ин ҷиҳат ҳақ ба ҷониби профессор С. Жукас аст, ки ба таври образнок онҳоро бо Ҳомеру Данте, яке аз Юнони қадим ва дигареро аз саргаҳи адабиёти Интибоҳи Аврупо, дар ҳоли қиёс мегузорад: «Асари бадеӣ дар радифи асари фолклорӣ на ба он маъност, ки Ҳомер ва Данте якдигаррро танг карда мебароранд, онҳо қодиранд, ки дар як пораи таърих ҳамсоягӣ дошта бошанд, зеро ду қутби ба ҳам алоқаманди эҷоди бадеиро ташкил медиҳанд» [10, с.8].

Аз ин рӯ, проблемаҳои марбут ба муносибати фолклору адабиёт бояд дар ду зовия: пайдарҳамии таърихӣ ва таносуби ду тарзи эҷод баррасӣ шаванд. Бар асоси ин принсип, тасдиқ кардан мумкин аст, ки образи фолклорӣ ба асари бадеӣ интиқол ёфта, мазмуну моҳияти аввалияи худро гум мекунад, он ба унсури сохтори нави бадеӣ табдил меёбад. Аммо барои таҳлили маънои нави он лозим меояд, ки мазмуни фолклории он, маънои образи фолклорӣ дар ҷойгоҳи аслиаш дигаргун карда шавад. Ин қадами аввал дар омӯзиши анъанаи фолклорӣ дар адабиёти муосир мебошад.

Вобаста ба шарҳи ин маъно, консепсияи олими маъруфи булғор Б. Ничевро ба ёд овардан лозим аст, ки фарқи асосии фолкору адабиётро дар мувофиқат накардани функсияи коммуникативии онҳо мебинад. Ӯ менависад: «Фолклор системаест, ки дар мухолифати миёни шиносу ношинос, миёни вариант ва нусхаи асл ҳамеша аввалиҳо эътибор доранд. Адабиёт, баръакс, чунин системаест, ки чизи нав, чизи ношиносу номафҳумро дар мадди аввал мегузорад, чизе, ки аз нигоҳи эстетикӣ эътибор дошта бошад» [14, с.44].

Яке аз вижагиҳои дунёи фолклор – гармонияи ба ҳам зидҳо, ҳалли ихтилофоти ҳастии башарист. Ин гармонияро олими бузурги назарияпардоз А.А. Потебня бо як навъ рӯҳияи романтикӣ чунин шарҳ додааст: «Замоне ки, масалан, одами соҳибмаълумот аз ҳама ҷонибҳо бо муаммоҳои бесарунӯг иҳота шудааст ва дар анбуҳи ин падидаҳои майда - чуйда робитаву гармонияҳои онҳоро меҷӯяд, барои назми мардумӣ ин робитаҳо маълуманд, барои вай холигоҳи донишу маърифат нест, сирре на дар ин дунёву он дунё вуҷуд надорад. Илм оҳиста, вале пайваставу бардавом ин ягонагии зеборо барҳам мезанад» [16, с.15].

Бояд таъкид кард, ки ягон ҷузъиёти назарияи фолклорро бидуни ба эътибор гирифтани мероси бузурги олимони асрҳои XIX-XX шарҳ додан имкон надорад. Муҳимтарин масоили назарияи фолклор ба таври муфассал дар таҳқиқоти Ф.И. Буслаев, А.А. Потебня, А. Н. Веселовский ва пайравони онҳо ҳаллу фасл шудаанд. Баъзе масъалаҳои умда дар таълифоти таърихию фолклорӣ низ баррасӣ шудаанд.

Махсусан дар рушди назариёти ин соҳа корҳои илмии В.Я. Пропп – бузургтарин мутахассиси фолклористика аҳаммияти бунёдӣ доранд. Ӯ дар қиёс аз дигар уламои суханшинос, ҷамъи сифату вижагиҳои фолклорро вобаста ба тарзи пайдоиш ва корбурд, чигунагии функсияҳо, вобаста ба принсипҳои эстетика ва нақши иҷтимоияшон таҳқиқ мекард.

Тибқи ғояҳои илмии ӯ, протсеси эҷодӣ дар фолклор на танҳо бо раванди эҷодӣ дар адабиёт монанд нест, балки усулан фарқ мекунад, зеро ҳар кадом қонунмандиҳои худро доранд.

«Дар мактабҳои анъанавии адабиётшиносӣ ба камол расида, мо баъзан тасаввур намекунем, ки асари ҳунарӣ метавонад дигаргуна дар тафовут аз асари бадеии муаллифи мушаххас ба вуҷуд ояд. Доиман дар хаёламон ҳаст, ки касе дар ибтидо ин асарро офаридааст, яъне муаллифи аввал вуҷуд дорад. Аммо тарзу усули дигари офариниши асари бадеӣ низ имконпазир аст. Аз ҷиҳати генетикӣ фолклор бояд бо забон наздик бошад, ки на муаллиф дорад ва на касе онро ихтироъ кардааст. Вай новобаста аз иродаи одамон,

вобаста ба қонунмандиҳои хеш дар муҳите пайдо мешавад ва тағйир меёбад, ки дар инкишофи таърихии халқҳо шароити мувофиқ ба вуҷуд омада бошад» [17, с.21-22]. Гуфтан мумкин аст, ки иқтибоси мазкур мағзи консепсияи фолклоршиносии В.Я. Проппро ташкил додааст.

Фолклор дар маҷмӯъ, системаҳои жанрӣ, сужету образҳои он натиҷаи раванди эҷодии қонунмандонаест, ки механизми онҳо бояд бо ҳама мураккабиҳо ва махсусиятҳояш маърифат шавад. Яке аз вазоифи муҳимми адабиётшиносӣ ҳамин аст, ки маълум кунад: чӣ тавр дар пояи воқеияти муайян – муносиботи иҷтимоӣ, масоили этнографӣ ва ҳаводиси таърихӣ ва низоми тасаввурот ин ё он падидаи фолклорӣ – жанр, сужет образ аз рӯи қонуниятҳои мушаххас ба вуҷуд меоянд.

Ба ин олими санҷидакор муяссар шудааст, ки як силсила қонунҳои умумии танзимкунандаи равандҳои эҷодиро ошкор намуда, сифатҳои вижаи эҷоди фолклориро муайян намояд. Барои дарки ин паҳлуи афкори илмии Пропп асарҳои мондагори ӯ – «Ҳандаи маросимӣ дар фолклор», «Мотиви таваллуди муъҷизанок», «Эдип дар партави фолклор» маводи асосӣ ба шумор мераванд.

Ин ҷо ҳам натиҷаи таҳлилҳои олим ва ҳам худи методикаи таҳлил, принсипҳои методологии ӯ муҳим мебошанд. В.Я. Пропп дар фолклор бо таваҷҷуҳи махсус ҳамон вазъу ҳолатҳоеро ба таҳқиқ мегирад, ки сужету мотивҳо, ба қавли худи ӯ, ошкоро ба ягон воқеияти таърихӣ, ба ягон ҳодисаи муайян рабт намегиранд», онҳо дар асоси кадом як протссеси фикрӣ, ки то ҳол маълум нашудаву баррасӣ нагардидаанд, яъне инъикоси хоси дигаргуниҳои таърихӣ мебошанд. Ҳамон тавре ки олим хулоса мекунад, фолклор ҳамчун натиҷаи маърифати тазодҳои таърихӣ ва маишӣ, ихтилофоти миёни наву куҳна арзи ҳастӣ мекунад. Ин гуна падидаҳои фолклориро Пропп гибридӣ, яъне пайвандӣ меномад.

Ба андешаи дигари ӯ, падидаҳои фолклорӣ на ҳамчун инъикоси бевоситаи ҳастӣ, балки ҳамчун маҳсули ихтилофот, зиддияту мухолифати ду давраи ба ҳам номутаносиб, ду тарзи зист ва идеологияи онҳо арзи вуҷуд мекунанд [17, с.28]. Барои дарёфти сирри ин ё он сужет ё мотиви фолклорӣ боистӣ се чиз ба инобат гирифта шавад: аввалан, субстрат ё мабдаи этногафии он дар оғозгоҳаш пайдо карда шавад; баъдан, тасаввуроти ба он алоқамандро маълум кардан лозим, сониян, роҳу усули тӯлонии аз як мабдаъ то факти фолклорӣ табдил ёфтанашро муқаррар кардан зарур меояд.

Вобаста ба ин андеша суоле мехезад, ки магар барои омӯзиши фолклор ҳамчун навъи махсуси ҳунар аз марзи филология берун баромада, ба илмҳои мустақили дигар, мисли этнография ё мардумшиносӣ, ё илмҳои хоси ҳунаршиносӣ, аз қабили мусиқашиносӣ ё хореография такя кардан лозим аст? Ба ин пурсиш назариётчии маъруф, муаллифи китоби «Назарияи фолклор» профессор В.П. Аникин посухи ҷолиб додааст: «Ҳама илмҳои ҳамҷавор бо фолклористика фолклорро дар марзи предмети худашон ва бо методу усулҳои хосашон мавриди таҳқиқ қарор медиҳанд. Мо аҳаммияти ин илмҳоро дар омӯзиши фолклор инкор намекунем, аммо ба чунин назарем, ки барои фаро гирифтани ҳама вижагиҳои фолклор сарҳади филологияро тарк кардан мумкин нест.

Махсусиятҳои фолклориро тавассути усулу рӯйкардҳои худи ин илм, яъне фолклоршиносӣ омӯхтан натиҷабахш аст. Барои ин фаразан, сеҳру афсун ё дуохониро мисол овардан мумкин аст. Ҳамчун падидаи эҷоди гуфторӣ мардумӣ он мавзӯи баҳси этнография шуданаш мумкин аст. Этнограф дар ин жанри шифоҳӣ назари мардумиро ба имкони муваффақ шудан ба ин ё он ҳадаф бо кумаки матни тайёр пайгирӣ мекунад, аммо ӯ матни фолклориро ҳамчун маҳсули рӯзгору маишати мардумӣ баррасӣ мекунад, ба паҳлуҳои дигари масъала дахл намекунад» [1, с.5]. Дар маҷмӯъ, ин олим зимни маърифати назарии ҷойгоҳ ва вазифаҳои фолклор бештар ба мафҳуми «анъанаи фолклорӣ» такя кардааст.

Ба андешаи мо, принсипҳои умумие, ки адабиёти рушдкардаро бо фолклор пайванд мекунад, халқият, ҳувияти миллӣ ва гуманизми эҷод аст. Дар замонаш барои А.С. Пушкин ва ҳамзамонони ӯ, инчунин аҳли нақди ҳамон давра такя кардан ба анъанаҳои ҳунарии мардумӣ масъалаи асосӣ ба ҳисоб мерафт ва гумон буд, ки бидуни фолклор адабиёти классикии рус арзи ҳастӣ бикунад. Аз ин рӯ, соли 1822 А.С. Пушкин дар яке аз мақолоташ,

ки назми русиро бо франсавӣ ба қиёс мегирифт, навишта буд, ки адабиёти рус бояд аз ҷиҳати миллӣ пуробуранг бошад, зеро барои ин заминаи боэътимод – хазинаи назми шифоҳии мардумӣ дастрас аст: «Мо забони худро дорем, аз он беҳтар – расму ойин, таърих, сурудҳо, афсонаҳо ва ғайра» [20, с.75].

Ин андешаи Пушкинро баъдан мутафаккири бузурги рус В.Г. Белинский таквият дод ва натиҷааш ин шуд, ки беҳтарин намунаҳои назму насри классикии рус дар робита ва дар асоси назми мардумӣ ба вуҷуд оварда шуд. Ин равияро В.Г. Белинский бо гуфтори зеринаш ба ҳукми қонун даровард: «Ҳарчанд адабиёти бадеии русӣ аз назми мардумӣ ташаккул наёфта бошад ҳам, аммо маҳз дар эҷодиёти Пушкин эҷоди мардумӣ падид омад ва ҳамакнун яке аз масоили бисёр таваҷҷуҳбарангези адабиёти русӣ масъалаи халқият дар адабиёт шудааст» [3, с.653].

Н.Г. Чернишевский низ назми мардумиро хазинаи арзишманди миллӣ номида, асоси онро анъанаҳои фолклорӣ эътироф намуда, бо муҳаббат навиштааст, ки «он барои касе, ки мардуми худро дӯст медорад, хеле шавқовару зебову гуворост» [21, с.308].

Ин ҷо месазад таъкид кард, ки дар таҳқиқоти солҳои ахир баробар бо фолклоршиносӣ истилоҳоти «фарҳанги мардумӣ» ва «фарҳанги суннатӣ»-ро зиёд истифода мебурдагӣ шудаанд. Зоҳиран, миёни ин ислоҳот тафовуте нест, аммо назари муҳаққиқон мухталиф аст. Аз нигоҳи фарҳангшиносӣ, зери истилоҳи фарҳанг ё маданияти суннатӣ «куллиёти фарҳанги анъанавии маънавӣ ва қисман фарҳанги моддӣ низ фаҳмида мешавад» [24, с.303], ки арзишҳои сифатан собитшуда доранд ва «барои аксар гурӯҳҳо ва қишрҳои иҷтимоӣ дорои аҳаммият мебошанд» [12, с.18].

Суннативу анъанавӣ будан мазмуни арзишиву меъёрии ин фарҳанг, инчунин механизмҳои иҷтимоии интиқоли онро мушаххас мекунад ва халқияти ин фарҳанг асос мегирад аз маҷмӯи муносиботи иҷтимоӣ, расму ойину одатҳо, стереотипҳо ва тасаввуроти мардумӣ. Аз рӯи ин фаҳмиш, фолклор ҳамчун зерсистемаи фарҳанги суннатӣ мақому ҷойгоҳ пайдо мекунад ва дар шаклҳои махсус иттилооти суннатии мансуб ба ин ё он этносро ҷамъоварӣ ва танзим мекунад. Ба қавли дигар, «фолклор забони хоси фарҳанги суннатӣ аст, ки аз забонҳои дигар – кандакориву нақшу нигор, мелос, иттилооти рамзӣ, ки бо олами ашё (маводи фарҳанги моддӣ) интиқол меёбад, фарқ дорад» [23, с.8-9].

Аҷиб аст, ки худи муҳаққиқони ин масъала чунин марзгузориҳои семантикии истилоҳоти мазкурро ҳамчун гувоҳи номуйянии назариявӣ дар сарҳади фолклоршиносӣ ва этнология меҳисобанд. Ин проблемаи духӯрагии истилоҳоти пешниҳодгардида қариб дар ҳама таҳқиқоти нисбатан маъмули олимони ғарбӣ ба назар мерасад. Онҳо хеле кӯшиш кардаанд, ки ҷойгоҳи фолклорро дар анбуҳи дигар истилоҳоти марбут ба фаъолияти эҷодии мардумӣ мушаххас намоянд ва махсусиятҳои онро дар тафовут аз таълимотҳои дигари мардумшиносӣ маълум созанд [6; 8; 11; 28].

Аммо проблемаи мушаххас кардани худи предмети омӯзиши фолклоршиносӣ то кунун ҳал нашудааст. Сабабашро олими фарҳангшинос К.В. Чистов дар истифодаи «васеъ» ва «маҳдуд»-и ин истилоҳ мебинад [22, с.164-175]. Дар бархе таҳқиқоту баррасиҳо фолклор ҳамчун падидаи махсуси замони гузашта ва куҳнашуда эътироф мешавад. Бо ин истилоҳ танҳо баъзе навъҳои эҷоди шифоҳӣ – суруду рақс ва бозиҳоро муаррифӣ мекунанд.

Баъзе аз анвои хоси маишати авомуннос – нақлу гуфторҳои омиёна, бозичаҳои истеҳсоли мардум, ашёи шуғли мардумро, ки дар фазои эмпирикӣ бо эҷодиёти гуфтории мардум узван алоқаманданд, аз падидаи фолклор ҷудо карданӣ мешаванд. Барои сарфи назар шудани чунин ихтилофот баъзе муҳаққиқон ба категорияи фолклор на танҳо ҳунарҳои амалии тасвирӣ, балки донишу ҳикмати мардумро низ шомил мекунанд [7, с.137-138].

Ҳамин тавр, истилоҳи «фолклор» аз замони ба муомилоти илмӣ даровардани он аз ҷониби Уилям Томсон дар соли 1846 то кунун маънову мазмуни ягона ва аз ҷониби ҳама олимон эътирофшударо надорад. Дар ин хусус даҳҳо асарҳои илмиву таҳқиқотиро метавон номбар кард [4; 6, с.3-21; 11, с.3-8; 13; 17; 18; 19].

Дар ҷаласаи махсус оид ба ҳифзи фолклор дар ЮНЕСКО, ки 1-уми марти соли 1985 дар Париж баргузор шуд, таърифи зерин пешниҳод шуд: «Фолклор (ба маънои фарҳанги

суннатии мардумӣ) эҷодиёти сарҷамъонаи гурӯҳҳо ва афродест, ки ба анъанаҳо асос ёфтааст ва орзуву омоли ҷомеаро ифода мекунад, таҷассуми воқеияти аслии фарҳангӣ ва иҷтимоии ин ё он мардум мебошад. Намунаҳо ва арзишҳои фолклорӣ асосан шифоҳӣ ва ё тарзу усулҳои дигар, тақлиду имитатсия интиқол меёбанд, шаклҳои фолклор – забон, адабиёти шифоҳӣ, мусиқӣ, рақс, бозиҳо, мифология, расму ойинҳо, ҳунармандиҳо, меъморӣ, инчунин дигар навҳои эҷодиёти бадеӣ ба шумор мераванд [27, с.8].

Чунин рӯйкардро нисбат ба истилоҳи фолклор ба эътибор гирифта, муҳаққиқи барҷастаи фарҳанги суннатӣ К.В. Чистов пешниҳод кард, ки миёни онҳо чаҳор консепсияи асосӣ ҷудо карда шавад:

1) сотсиологӣ (яъне фарҳанги мардумӣ таҷриба ва дониши авомуннос аст, ки ба тариқи шифоҳӣ аз насл ба насл мегузарад);

2) эстетикӣ (яъне фолклор ҳамчун иртибот ё коммуникатсияи «бадеӣ» фаҳмида мешавад);

3) филологӣ (яъне фолклор ҳамчун алоқамандии анъана бо каломи бадеъ);

4) назариявӣ – коммуникативӣ (фолклор ҳамчун системаи аломату рамзҳост, ки баромадаш дар фарҳанги то замони пайдоиши хат мерасад [24, с.303].

Ҳоло он нишонаи фолклор – асосан ба анъанаҳои деҳқонӣ мансуб будан ва характери намоишӣ доштанаш, ки дар асарҳои классикии В.Я. Пропп ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири фолклор дониста мешуд, аз он ҷиҳат рад карда мешавад, ки универсалӣ будани ин категорияро гӯё барҳам мезанад.

Ҳамин тариқ, ба фарҳанги суннатӣ анъанаҳои аз як насл ба насли дигар интиқолёфтаи ҷашнию маросимӣ, оилавию маишӣ ва этнопедагогии як мардум, инчунин фарҳанги бадеии мардумӣ, арзишҳои бадеии ин ё он халқ ва шаклҳои гуногуни мавҷудияти онҳо дар умумиятҳои этникӣ шомил мегарданд.

Фарҳанги бадеии мардумӣ гуфта, эҷодиёти шифоҳии мардумӣ, мусиқии мардумӣ, рақс, эҷодиёти декоративии дастӣ, театри фолклорӣ ва ғайра фаҳмида мешавад. Ҷашнҳои миллии мардумӣ, маросимҳо, эҷодиёти бадеӣ аз қадимулайём арзишҳои ахлоқиву маънавӣ ва ормонҳои мардумиро ифода карда, сатҳи худшиносӣ, характер, стереотипҳои рафторро бо истифодаи воситаҳои этнопедагогика муаррифӣ мекарданд.

Воситаи асосии ошкор намудани аносири фарҳанги суннатӣ ва мазмуну маъноҳои гуногуни он, меъёрҳо ва арзишҳои он, бешубҳа, эҷоди бадеии он адибонест, ки ба осори онҳо унсурҳои муҳимми эҷодиёти бадеии мардумӣ ва фарҳанги суннатии мардумӣ таъсир гузоштааст. Адабиёти пургановати форсии тоҷикӣ намунаи барҷастаи чунин таъсир гирифтанҳо аз фарҳанги мардумист.

Муҳаққиқи варзидаи адабиёт ва фолклори мардумони порсизабон И.С. Брагинский тавассути таълифоти арзишмандаш бо унвони «Из истории таджикской народной поэзии» дар омӯзиши сарчашмаҳои фолклорӣ ва мотивҳои назми мардумӣ саҳми бориз гузоштааст. Ӯ хеле аз аносири эҷодиёти бадеии мардумиро аз давраи ибтидоӣ то қарнҳои миёна мавриди таҳлил қарор дода, аз ин равзана ба осори Ибни Сино, Умари Хайём, Анварӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол ва Абдурраҳмони Ҷомӣ назари таҳқиқ афкандааст [5].

Маҳз бо ташаббуси ин олими зиндаёд гурӯҳи олимон ба ин масъала, яъне иртиботи адабиёту фолклор, бавижа дар насри бадеӣ шурӯъ намуда буданд. Ин ҳадафро бо он асоснок карда буд, ки «маҳз дар асарҳои насрии афсонавӣ арзишҳои умумибашарӣ, меъёрҳои асили ахлоқӣ, орзуву омоли мардум, консепсияи халқӣ - гуманистии шахсият – шахсияти олиҳиммат, боҷасорат, накухоҳу накукор ва инсонпарвар таҷассум ёфтаанд» [26, с.9].

Дар таҳқиқи муаммоҳои омӯзиши анъанаҳои фолклорӣ ва фарҳанги суннатӣ саҳми олимони маъруфи тоҷик - С.Айнӣ, Б. Ғафуров, А. Мирзоев, Р. Амонов, В. Асрорӣ, А. Сӯфизода, Равшани Раҳмонӣ, таҳқиқоти филологии Е.Э. Бертелс, А.А. Фрейман, В.А. Лившитс, корҳои илмии муарриху шарқшиносон А.Ю. Якубовский, С.П. Толстов, олимони кишварҳои Ғарб А. Кристенсен, Г. Нюрберг, Э. Бенвенист, В. Хеннинг, олимони ironӣ - М. Баҳор ва С. Нафисӣ басо арзишманд аст.

Дар масъалаи иртиботи байниҳамдигарии адабиёт ва фолклор аз саҳми олимони маъруфи тоҷик Р. Амонов, В. Асрорӣ, Р. Раҳмонӣ, А. Сӯфизода сухан гуфтан зарур аст. Ба мушаххас намудани ҷойгоҳ ва арзиши образҳои фолклорӣ, тарзи сухани омиёна ва фразеологизмҳо, бунёди асари бадеӣ бар асоси мотивҳои фолклорӣ рисолаи доктории олими маъруф Воҳид Асрорӣ бо унвони «Фолклор ва эҷодиёти нависанда дар адабиёти шӯравии тоҷик (дар мисоли эҷодиёти устодон Айнву Лоҳутӣ)» ихтисос дорад [2].

Муаллиф бамарид қайд намудааст, ки «ба эҷодиёти мардумӣ таваҷҷуҳ намудани асосгузорони адабиёти шӯравии тоҷик – устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ имкон фароҳам овард, ки онҳо бо сарчашмаи ғояҳои олӣ ва санъати сухан ошно гардида, халқият ва миллияти осорашонро таъмин кунанд» [2, с.12].

Дар ин миёна аз монографияи басо пураразиши Э.А. Швартс таҳти унвони «Оид ба таҳқиқи фолклори Эрон» ёдрас шудан лозим аст, ки дар заминаи як силсила осори шарқшиносони русу Ғарб иншо шудааст [25]. Дар ин китоб маводи тӯли анқариб сад сол таълифшуда роҷеъ ба фолклори форсӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар он кулли жанрҳои эҷодиёти шифоҳии мардуми Эрон, инчунин маводи этнографӣ ва мушоҳидаҳои шахсии муаллиф баён шудаанд.

Таҳқиқоти назарии олимони ironӣ, аксаран адабиётшиносону муаррихони таърихи адабиёт қобили таҳсин аст. Моҳияти анъанаҳои фолклориро дар адабиёти бадеӣ Байҳақӣ хеле шоирона баён кардааст: «Дар аксар луғатҳои забони форсӣ фарҳанги омиёнаро ба дарахте шабоҳат медиҳанд, ки қисматеро хокпӯш мекунанд ва як қисмати хурде аз он берун аз хок мемонад. Бо гузашти айём он шохаи беруни хок реша мегирад ва онро дар ҷойҳои дигар мешинонад. Ҳамин тавр, аз як шоха дарахти нав мерӯяд» [29, с.9].

Муҳаққиқ С. Берн дар яке аз мақолоташ моҳияти фолклорро чунин шарҳ додааст: «Мавзӯоти фолклорӣ дар се категорияи асосӣ ва якчанд категорияҳои иловагӣ замина дошта метавонад. Категорияҳои аслӣ инҳоянд: 1) Тахайюл ва боварҳои одамон нисбат ба пайдоиши замину осмон, олами набототу ҳайвонот, ҷомеаи башарӣ, маънавият ва муъҷизаҳо, сеҳру афсун ва тибби мардумӣ; 2) Анъана ва расму ойинҳое, ки ба сиёсату иқтисод, маросиму одатҳои мардум, вижагии заҳмати онҳо, ҷашнвораҳои тақвимӣ, бозиҳо ва дилхушиҳо, фароғат ва вақти холии мардум дахл доранд; 3) Достонҳо ва ривоятҳо, суруду мақолҳо, ҳикояҳо оид ба таърих (реалӣ ва тахайюлӣ), чистону тезгӯякҳо ва ғайра» [30, с.20].

Аз мулоҳизоти баёншуда метавон чунин хулоса кард, ки фолклор ҳамчун ҷузъи таркибии фарҳанги суннатӣ эҷодиёти шифоҳии бадеии мардумӣ, ривояту қиссаҳо, афсонаву сурудҳоро фаро мегирад, ки аз як насл ба насли дигар гузашта, дар маҷмӯъ, арзишҳои моддиву маънавии мардумро таҷассум мекунад.

Ба фарҳанги суннатии мардумӣ анъанаҳои ҷашниву маросимӣ, оилавию маишӣ ва педагогии ин ё он этнос, инчунин фарҳанги бадеии мардумӣ, шаклу воситаҳои зуҳури онҳо миёни ин он мардум дохил мешавад.

Фарҳанги бадеии мардумиро эҷодиёти шифоҳии халқ, мусиқии мардумӣ, рақс, эҷодиёти декоративии дастӣ, театри фолклорӣ ва ғайра намояндагӣ мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Аникин В.П. Теория фольклора. Курс лекций / В.П. Аникин. – 3-е изд. – М.: КДУ, 2007. – 432 с.
2. Асрори В.М. Фольклор и творчество писателя в таджикской советской литературе (на примере творчества С. Айни и А. Лахути): автореферат дисс. … докт. фил. наук: 642 / В.М. Асрори. – Душанбе, 1968. – 159 с.
3. Белинский В.Г. Полное собрание сочинений. Т.5 / В.Г. Белинский – М., 1954. – 314 с.
4. Богатырев П.Г. Вопросы теории народного искусства / П.Г. Богатырев. – М., 1971. – 281 с.
5. Брагинский И.С. Из истории таджикской народной поэзии. Элементы народно - поэтического творчества в памятниках древней и средневековой письменности / И.С. Брагинский. – М.: Изд-во АН СССР, 1956. – 496 с.
6. Гусев В.Е. Фольклор: история термина и его современное значение / В.Е. Гусев // Советская этнография. – 1966. – № 2. – С. 3-21.
7. Гусев В.Е. Фольклор / В.Е. Гусев, Х. Штробах // Свод этнографических понятий и терминов: народные знания, фольклор, народное искусство. – М., 1991. – 310 с.
8. Гусев В.Е. Эстетика фольклора / В.Е. Гусев. – Л., 1967. – 187 с.
9. Далгат У.Б. Литература и фольклор / У.Б. Далгат. – М.: Наука, 1981. – 304 с.

10. Жукас С.О. Соотношение фольклора и литературы / С.О. Жукас // Фольклор: поэтика и традиция. – М: Наука, 1982. – 344 с.
11. Кагаров Е.В. Что такое фольклор? / Е.В. Кагаров // Художественный фольклор. – Т.4. – М., 1929.
12. Каргин А.С. Народная художественная культура / А.С. Каргин. – М., 1977. – 215 с.
13. Мамонтова Н.Н. Проблемы изучения традиционных форм культуры и понятие «народное искусство» / Н.Н. Мамонтова // Научные чтения памяти В.М. Василенко: Сборник статей. - Вып. I. – М., 1997. – 343 с.
14. Ничев Б. Увод в южнославянский реализм. –/ Б. Ничев // Проблемы фольклора. – М., 1975. – 280 с.
15. Новикова А.М. Фольклор и литература (Проблемы их исторических взаимоотношений в русской фольклористике) / А.М. Новикова // Фольклор и литература: Сборник научных трудов. – М, 1982. – 178 с.
16. Потебня А. Мысль и язык / А. Потебня // Эстетика и поэтика. – М., 1976. – 204 с.
17. Пропп В.Я. Фольклор и действительность. Избранные статьи / В.Я. Пропп. – М.: Наука, 1976. – 323 с.
18. Русское народное поэтическое творчество: Пособие для вузов / Под общ. ред. П. Г. Богатырева / П.Г. Богатырев. – 2-е изд. – М., 1956. – 310 с.
19. Соколов Ю.М. Русский фольклор / Ю.М. Соколов. – М., 1938. – 187 с.
20. Фен Л.А. Фольклор в творчестве Пушкина / Л.А. Фен // А. С. Пушкин (1837-1937): Сборник статей и материалов. – Саратовское обл. изд-во, 1937. – 95 с.
21. Чернышевский Н.Г. Полное собрание сочинений / Н.Г. Чернышевский. – М., 1949. – Т.2. – 325 с.
22. Чистов К.В. Фольклор в культурологическом аспекте / К.В. Чистов // Гуманитарий: Ежегодник Петербургской гуманитарной академии. – СПб., 1995. – 185 с.
23. Чистов К.В. Народные традиции и фольклор. Очерки теории / К.В. Чистов. – Л., 1986. – 187 с.
24. Чистов К.В. Фольклор // Культурология. XX век. Энциклопедия. В 2 т. Т. 2. / К.В. Чистов. – СПб., 1998. – 384 с.
25. Шварц Э.А. К истории изучения фольклора Ирана / Э.А. Шварц. – Душанбе: Дониш, 1974. – 168 с.
26. Энциклопедия персидско-таджикской прозы. Кабуснаме. Синдбаднаме. Сказки. – Душанбе: Главная научная редакция Таджикской Советской Энциклопедии, 1986. – 476 с.
27. Newsletter // Published by Nordic institute of folklore. – Turku, 1987. – №1.
28. Funk and Wagnals Standard Dictionary of Folklore, Mythology and Legend. New York, 1949. - Vol. I. - P. 393–403.
29. بیهقی، حسینعلی. پژوهش و بررسی فرهنگ عامه ی ایران. آستان قدس، 1367 .– 78 ص .
30. شمیسا،سیروس.فرهنگ اشارات ادبیات فارسی-تهران:انتشارات فردوسی(جلد 1و2) ،1377.– 921 ص .

ДУ СУТУНИ ЯК МЕТАСИСТЕМА

(баъзе масоили назарии иртиботи адабиёт ва фолклор)

Дар таҳқиқоти адабиётшиносии солҳои охир ба масъалаи иртиботи адабиёти бадеии хаттии ҳунарӣ ва эҷодиёти лафзии мардумӣ таваҷҷуҳи олимон хеле афзуда, он ба яке аз проблемаҳои пурбаҳси улуми гуманитарӣ табдил ёфтааст. Асосан дар таълифоти илмии серушмори ин соҳа ду ҷанбаи чунин таҳқиқ – омӯзиши таъсири падидаҳои фолклорӣ ба адабиёт (корҳое дар контексти «нависанда ва фолклор») ва таҳқиқи таъсири худи адабиёт ба соҳаи эҷодиёти мардумӣ ё фарҳанги мардумӣ дақиқтар мегардад. Таъсири ҳамдигарӣ, иртибот ва махлутшавии фолклор ва адабиёт далели раднопазири мубоҳисаҳои илмист, ки бо назардошти онҳо тасаввуроти мо ҳам аз фолклор ва ҳам аз адабиёт дар умум ғанитар хоҳад гашт. Муаллифони каломи бадеъ дар солҳои охир вижагиҳои фолклорро амиқтар омӯхта, натиҷаи онро барои барҷаста намудор гардонидани фардияти эҷодии хеш истифода мебаранд ва тавассути чунин ҳамгироӣ осори гаронарзиш ба бор меояд. Образи фолкорӣ баробари ворид шудан ба адабиёт мундариҷа ва муҳтавои аввалияи хешро аз даст дода, ба унсури сохтусози ҷадиди бадеӣ табдил меёбад. Аммо барои таҳқиқи мазмуни нави он зарур аст, ки муҳтавои образи фолклорӣ таҷдиди назар шавад ва ин иқдоми муҳим барои омӯзиши анъанаҳои фолкорӣ дар адабиёти муосир мебошад. Дар мақолаи мазкур муаллиф ба коркардҳои назарии олимони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ марбут ба масъалаи иртиботи фолклору адабиёт таваҷҷуҳ намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки принсипҳои умумии ҳамгироии фолклор ва адабиёти бадеӣ, бешубҳа, халқият, арзишҳои миллӣ ва умумӣ, ҳамчунин гуманизми эҷодиёт аст. Таваҷҷуҳи хосса ба шарҳу тафсири истилоҳоте, аз қабили «фарҳанги мардум» ва «фарҳанги суннатӣ» дода шудааст. Муаллиф ба ин хулоса аст, ки таҳти мафҳуми фарҳанги суннатӣ кулли фарҳанги мардумии маънавӣ ва қисман модиро, ки барои аксарияти гурӯҳҳои иҷтимоӣ арзиш доранд, фаҳмидан лозим аст.

Калидвожаҳо: фолклор, фарҳанги суннатӣ, анъанаҳои мардумӣ, каломи бадеъ, раванди эҷодӣ, фарҳанги мардум, иртиботи ҳамдигарӣ, низом, образнокӣ.

ДВЕ ОПОРЫ ОДНОЙ МЕТАСИСТЕМЫ

(некоторые теоретические вопросы литературно-фольклорной проблемы)

В литературоведческих работах последних лет проблема взаимоотношений литературы с народно-поэтическим творчеством и традиционной культурой оказывается одной из наиболее актуальных и в то же время дискуссионных. В основном в многочисленных исследований по этой тематике определились две стороны таких изучений - изучение фольклорных влияний на литературу (работы типа «писатель и фольклор») и изучение влияний самой литературы на область народного поэтического творчества. Взаимодействие, взаимовлияние и взаимопроникновение фольклора и литературы является общепризнанным фактом, с учетом которого наполняется наши представления, как о фольклоре, так и о литературе в целом. Авторы художественных произведений

основательно изучают различные свойства специфики фольклора, чтобы тем самым обогатить собственную художественную индивидуальность и дать ей проявиться в оригинальном творчестве. Переходя в литературу фольклорный образ, теряет своё первоначальное содержание, он становится элементом нового художественного строя. Но для критического анализа его нового смысла необходимо преобразовывать фольклорное содержание, смысл фольклорного образа в сферах его собственного функционирования. Это представляется первым шагом в изучении фольклорной традиции в современной литературе. В данной статье автор акцентирует свое внимание на теоретических разработках как отечественных, так и зарубежных исследователей по литературно-фольклорной проблеме. По мнению автора, общими принципами, роднящими прогрессивную литературу и фольклор, являются народность, национальная самобытность и гуманизм творчества. Особое внимание уделено различным трактовкам терминов «народная культура» и «традиционная культура» и их различиям. Автор приходит к выводу, что под традиционной культурой необходимо понимать всю народную традиционную духовную и отчасти материальную культуру, ставшую общезначимой для большинства социальных групп.

Ключевые слова: фольклор, традиционная культура, фольклорные традиции, художественное произведение, творческий процесс, народная культура, взаимовлияние, система, образность.

TWO PILLARS OF ONE METASISTEM

(about some aspects of a literary-folklore problem)

In the researches of literature of last years the problem of mutual relations of the literature with national-poetic creativity and traditional culture appears one of the most actual and at the same time debatable. Basic ally in numerous researches on these subjects two parties of such studying - studying of folklore influences on the literature (type works «the writer and folklore») and studying of influences of the literature on area of national poetic creativity were defined. Interaction, interference and folklore and literature interosculation is an admitted fact with which account it is filled our representations, both about folklore, and about the literature as a whole. Authors of works of art thoroughly study various properties of specificity of folklore thereby to enrich own art individuality and to allow to it to be shown in original creativity. Passing in the literature a folklore image, loses the initial maintenance, it becomes an element of a new art system. But for the critical analysis of its new sense it is necessary to transform the folklore maintenance, sense of a folklore image in spheres of its own functioning. It is represented the first step in studying of folklore tradition in the modern literature. The author focuses the attention to theoretical workings out both domestic and foreign researchers concerning a literary-folklore problem In the article. According to the author, the general principles, making related the progressive literature and folklore, the nationality, national originality and humanism of creativity are. The special attention is given various treatments of terms «national culture» and «traditional culture» and to their distinctions. The author comes to a conclusion that it is necessary to understand all as traditional culture national traditional spiritual and partly the material culture which has become valid for the majority of social groups.

Key words: the folklore, traditional culture, folklore traditions, a work of art, creative process, national culture, interference, system, figurativeness.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳмонов Ҳ.А.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. E-mail: hafizrahmon@mail.ru. Тел.: (+992) 900-90-04-29

Сведения об авторе: ***Рахмонов Х.А.*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **hafizrahmon@mail.ru**. Тел.: **(+992) 900-90-04-29**

Information about the author: ***Rahmonov Kh.A.*** - Tajik National University, the senior lecturer of the department of the theory of the newest Tajik-Persian literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **hafizrahmon@mail.ru.** Tel: (**+992) 900-90-04-29**

УДК: 891.550:016:929

УБАЙДИ ЗОКОНӢ ВА “НАВОДИР-УЛ-АМСОЛ”- И Ӯ

Ғаффоров Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз осори бадеии дорои аҳаммияти бузурги ахлоқӣ-эстетикии Убайди Зоконӣ – ин “Наводир-ул-амсол”- и вай ба ҳисоб меравад. Аммо, бояд қайд намуд, ки асари мазкур нисбат ба ҳама осори мансури Убайд шуҳрат ва маъруфияти камтар дорад. Сабаби ин, пеш аз ҳама, дар арабӣ будани забони асар аст. Агар дар тамоми рисолаҳои Убайд вожаҳову ибораҳо ва таъбирҳову амсоли арабӣ ва аҳодису оятҳои қуръонӣ ҷо-ҷо ба назар бирасанд ва агар қисмати аввали рисолаи “Дилкушо”- и вай иборат аз ҳикоёти арабӣ бошад, “Наводир-ул-амсол” пурра бо забони арабӣ навишта шудааст. Дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ ягона асар, ки бо забони арабӣ таълиф гардидааст, ҳамин асари ӯст. Бешубҳа, дар аксари нусхаҳои хаттии осори мансури Убайд партофта шудани асари мазкур дар ҳамин арабӣ будани забони он аст. Эҳтимол меравад, ин ҳолат ба иллати бебаҳра будани котибон аз забони арабӣ рух додааст. Омили дигаре ҳам дар ин маврид вуҷуд дорад, ки онро ҳам нодида гирифтан нашояд. Ин омил дар сабки пардози асар нуҳуфтааст, ки бо шеваи баёни Убайд – ин нависандаи ҳазлгӯву масхарапардоз тамоман муғоират дорад: сабки орӣ аз нақду истеҳзо ва киноёту танз. Миёни тамоми осори мансури Убайд “Наводир-ул-амсол”- и ӯ аз ҳайси шеваи пардохт ва ё сабки баён куллан ва ҷиддан фарқ менамояд, он ягона асарест, ки, аз як тараф, фикру андешаи муаллиф дар саропои муҳтавои он бепардаву рамз ва, аз тарафи дигар, ғояи он панду андарз аст. Бо ин ду хусусияти асосии худ асари мазбур аз дигар осори мансури Убайд фосилаи назаррасро касб менамояд.

Убайди Зоконӣ “Наводир-ул-амсол”- ро дар соли 727 ҳ. / 1328 навишта, онро ба вазири маъруфи Султон Абӯсаиди Баҳодурхон – Хоҷа Алоуддин Муҳаммад мебахшад [2, с.90]. Аммо, тибқи маълумотҳои дигар, Убайд мехостааст тавассути вазири мазкур ин асари худро манзури худи элхон гардонад [9, с.198]. Вале вазир дар ин мавзӯъ миёнаравӣ накарда, мақсади Убайдро амалӣ намегардонад. Ин асар дар даврони дар Бағдод умр ба сар бурдани Убайд таълиф гардидааст. Шояд бо навиштани асари мазкур Убайд мехост, то авзои иқтисодии хешро каме сомон бахшад, зеро даврони дар Бағдод истиқомат кардани вай сахттарин лаҳзаҳои ҳаёти ӯ ба шумор мерафтанд. Аммо, эҳтимол меравад, Хоҷа Алоуддин Муҳаммад дар подоши асари Убайд ӯро мавриди иноёти хеш қарор намедиҳад, зеро пас аз ин ҳам, чунонки худи Убайд дар ашъори худ борҳо зикр карда, вай доимо дар Бағдод мубталои аҳволи сангин ва қарзҳои зиёд будааст.

“Наводир-ул-амсол”- и Убайди Зоконӣ дар тамоми нусхаҳои хаттии осори ӯ, ки таҳти №№ 195, 555/3, 555/13, 1063, 1660, 2556 ва 12469-475 дар Китобхонаи Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз мешаванд, вуҷуд надорад. Ҳатто, дар қадимтарин нусхае ҳам, ки таҳти рақами шартии № 555/13 дар ганҷинаи мазкур маҳфуз аст, ачиб аст, ки ин асари арабии Убайд мавҷуд нест. Нусхаи мазбур ба ҷиҳати қадимӣ будани худ бисёр муътабар аст, котиби он Ибни Майман ибни Абдуллоҳ ибни Умар Алҳофиз Алмуаллим Абарқӯҳӣ онро соли 707 ҳ. / 1405, яъне баъди 35 соли вафоти муаллиф истинсох кардааст [3, с.262]. Дар нусхаи мазкур асарҳои мансури Убайд: “Ахлоқ-ул-ашроф”, “Рисолаи риш” ё “Ришнома”, “Даҳфасл”, “Панднома” ё “Садпанд”, “Рисолаи дилкушо” ва “Мактуби қаландарон” дар қисмати ҳавошии он китобат шудаанд.

Дар нусхаи омоданамудаи муҳаққиқи тоҷик Ҷобулқо Додалишоев низ, ки аз рӯйи нусхаи таҳти рақами шартии № 555/13 ва нусхаҳои Эрону Фаронса ба вуҷуд омадааст, “Наводир-ул-амсол” вуҷуд надорад.

Аз муҳаққиқони даврони шӯравӣ Мӯсо Раҷабов, бо ин ки оид ба эҷодиёти Убайд ва ақидаҳои фалсафӣ-иҷтимоии вай рисолаи илмиеро соли 1958 бо забони русӣ таҳти унвони “Мировоззрение Убайда Зоконӣ” навиштааст, дар фасле, ки ба эҷодиёти Убайд

бахшидааст, оид ба “Наводир-ул-амсол”- и адиб сухане нагуфтааст [10]. Холиқ Мирзозода, муҳаққиқи даврони шӯравии тоҷик, агарчи дар иртибот бар ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Убайди Зоконӣ, роҷеъ ба осори ҳам манзум ва ҳам мансури адиб, ақидаҳои иҷтимоӣ, фалсафӣ ва ахлоқии адиб мақолаи калонҳаҷми қобили таваҷҷуҳе навишта ва онро соли 1939 дар се шумораи рӯзномаи “Газетаи муаллимон” ба чоп расонидааст, дар ин мақолаи худ оид ба “Наводир-ул-амсол” маълумоте надодааст [6; 7; 8]. Аммо, ҳамин муҳаққиқ, баъдтар – соли 1977 дар ҷилди дувуми китоби маъруф ва мондагори хеш – “Таърихи адабиёти тоҷик”, дар фасле, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти адиб зери унвони “Низомиддин Убайди Зоконӣ” бахшидааст, оид ба “Наводир-ул-амсол” ва сабабҳои таълифи он сухан ронда, ҳамчунин роҷеъ ба чигунагии муносиботи мутақобилаи Убайд ва Хоҷа Алоуддини вазир маълумот додааст [9, 198]. Вале зимнан бояд қайд кард, ки маълумоти Холиқ Мирзозода дар қисмате, ки вай ба ҳаёти адиб бахшидааст, ҷой дода шуда, дар қисмате, ки ба эҷодиёти Убайд ихтисос додааст, дар бобати “Наводир-ул-амсол” чизе наовардааст.

Хушбахтона, дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар ягона нусхае, ки зери рақами шартии МФЭ / 169 19 ҳифз карда мешавад, “Наводир-ул-амсол”- и Убайди Зоконӣ мавҷуд аст. Ин нусха аз ҷониби Алиасғари Ҳалабии Ардабилӣ тарҷума, таҳия, тасҳеҳ ва тавзеҳ шуда, соли 1383 ҳ.ш./2005 дар нашриёти “Асотир”- и Теҳрон дар 370 саҳифа ба табъ расидааст [5]. Хусусияти қобили таваҷҷуҳи нусхаи мазкур дар он инъикос мегардад, ки мутарҷим амсоли “Наводир-ул-амсол”- ро аввалан дар гунаи асл, яъне бо забони арабӣ оварда, баъдан, тарҷумаи форсии онро илова намудааст. Ин агар, аз як сӯ, дар нигоҳ бар афкори аслии муаллиф, ки бо забони арабӣ овардааст, қобили мулоҳиза бошад, аз сӯйи дигар, дар муқоисаи ҷумалот ва амсоле, ки бо ду забон оварда шудаанд, басо судбахш мебошад. Аз ҷониби дигар, таҳияи дузабонаи асари мазбур дар омӯзиши забони арабӣ барои форсизабонон ва омӯзиши забони форсӣ барои арабзабонон аз манфиат орӣ нест.

“Наводир-ул-амсол” асари кӯчак аст, чунонки мутарҷими он - Алиасғари Ҳалабӣ дар муқаддимае, ки ба китоби омоданамудаи худ қайд намудааст, тахминан фарогири 200 ҷумлаву амсол мебошад [1, с.180-181]. Муҳаққиқи мазбур омили хурдии “Наводир-ул-амсол”- ро дар сабки баён ва шеваи пардози худи муаллиф мебинад, ки иборат аз кӯтоҳбаёнӣ ва муъҷазгӯйист.

Дар ҳақиқат, дар асари мазбур ҳар андеша ва назари ахлоқии Убайд, ки муаллиф аз онҳо ба унвони амсол ном гирифтааст, ба таври бисёр муъҷаз матраҳ гардида, дар онҳо ниҳояти кӯтоҳбаёнӣ ба гунаи ғайриоддие эҳсос мегардад. Дар “Наводир-ул-амсол”, умуман, 180 масал истифода гардидааст, ки шумори умумии ҷумалоти он то ба 200 мерасад. Амсоли бакоргирифтаи муаллиф дар бештари маворид моли худи вай нестанд, онҳо ба суханони паёмбар, халифаҳо, салотину шоҳон, вазирон, ҳакимону донишмандон, сӯфиён ва намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеаи даврони ӯ тааллуқ доранд. Аммо, дар асари мазкур амсоле низ вомехӯранд, ки моли худи Убайданд ва истиқлоли андарзпардозии ӯро далолат мекунанд. Хусусияти фарқкунандаи ин ду навъи андарзпардозӣ ё амсолгӯйии Убайд дар он инъикос мегардад, ки амсолеро, ки дар асари вай ба риҷоли фавқуззикр тааллуқ доранд, ӯ онҳоро аз номи худи эшон баён кардааст ва амсолеро, ки ба эҷоди худи адиб тааллуқ доранд, беунвонанд. Ин ҷиҳат дар дарёфт ва тафриқаи сухани бузургон ва худи муаллиф кумаки хубе менамояд.

Риҷоле, ки Убайд аз онон амсол меорад, иборатанд аз роҳбарон ва намояндагони адёни гуногун, монанди: Нӯҳ, Довуд, Сулаймон, Иброҳим, Юсуф, Исо, паёмбари ислом, Алӣ, Маъмуни халифа, Ҳорунаррашид; ҳакимону донишмандон ба мисли: Арасту, Афлотун, Булинос, Диюҷонис, Луқмон, Буқрот, Сукрот, Ҷолинус, Фисоғурас, Озарбод, Ибни Сино, Асмоӣ; сӯфиёну орифон, монанди: Абӯдардо, Ҷунайди Бағдодӣ, Шайх Шақиқи Балхӣ; шоҳону султонҳо амсоли: Анӯшервон, Ардашер, Бузургмеҳр, Яздигурд, Доро, Искандар, Абулъайно; вазирон ва аркони маъруфи давлатӣ ба мисли: Баҳлул (надими Ҳорунаррашид), Соиди вазир (вазири Абулъайно).

Бояд қайд намуд, ки назари Убайд бар кулли риҷоли мазкур нек аст, чун ҳикматҳои хешро аз забони онон ироа медорад. Чунонки аз риҷоли фавқуззикр дида мешавад, миёни

онҳо намояндагони адёни қабл аз ислом низ вуҷуд доранд ва, ҳатто, чанде аз онон марбут бар оини зардуштиянд. Ин ҷо ин нуктаро қайд кардан бамаврид аст, ки Убайд аз назаргоҳи таҳаммулгароӣ бар риҷоли мазкур дида дӯхтааст ва дар арзишгузории ӯ таассуботи диниву ақидавӣ ҷой надорад. Убайд аз ҳар сухани арзишманд ва дорои бори ахлоқиву маънавӣ суд меҷӯяд ва бар соҳиби он, бе нигоҳ ба тааллуқоти динии вай, арҷ мегузорад. Инро ҳам бояд зикр намуд, ки ҷуз аз риҷоли фавқуззикр ашхоси беном низ дар “Наводир-ул-амсол” иштирок менамоянд, ки бо номҳои маҷҳули ҳаким (ду бор), сӯфӣ, аҳмақ, яҳудӣ истифода гардидаанд. Убайд ҷиҳати табйини арзишҳои ахлоқӣ аз онон низ манфиат мегирад ва суханони онҳоро низ ба ҷиҳати дорои арзиши маънавӣ буданашон арҷ мениҳад.

Мавзӯъ ва мундариҷаи “Наводир-ул-амсол” пурра пандуахлоқӣ буда, он дар заминаи амсол, яъне андарзҳои бузургони пешини муаллифи он, ки номгӯйи онҳо дар боло оварда шудааст, матраҳ гардидааст. Амсолу ҳикматҳои муаллиф фарогири чунин мавзӯот мебошанд: некӣ кардан, аз бадӣ дурӣ ҷустан, шукр кардан аз зиндагонӣ ва неъматҳои он, неъмати шукрро дар ниҳоди хештан ҳифз намудан, таблиғи бениёзӣ ва, бар хилофи он, дурӣ ҷустан аз тамаъ ва ҳирс, ба сахтиҳои тақдир маъюс нагаштан, аз зиндагӣ хушнуд будан, парҳез кардан аз худситоӣ, таҷрибаи рӯзгорро ба кор бурдан, оини дӯстиро хуб ба кор гирифтан, аз душманиву адоват бо дигарон дурӣ кардан, дар кору пешаи худ содиқ мондан, дар зиндагӣ ба кору амали шоиста машғул будан, қадру иззати меҳмонро ба ҷой овардан, эҳтироми замин ва кишоварзӣ, нисбат бар дигарон ҳалиму меҳрубон будан, қадри тандурустиро донистан, аз адаб, саъю кӯшиш, кору амал ва дарёфти дӯстон дурӣ наҷустан, фурсати умрро боақлона ба кор бурдан ва дар зиндагонӣ ба аъмоли нек машғул будан, аз айбҷӯйӣ, суханчинӣ, дурӯғгӯйӣ, ҳасад, тамаъ, бедонишӣ ва дигар амалҳои бад ҳазар кардан, дар ҷавонӣ ба корҳои шоиста ва манфиатовар шуғл варзидан, парҳез кардан аз одамони бадкору бадахлоқ, хашму ғазабро фурӯ бурдан ва ҳангоми гирифторӣ ба хашм сабру таҳаммулро пеша кардан, аз дуздӣ ва корҳои зишт доимо барҳазар будан, аз убури мушкилоти басаромада ноумед нашудан ва, бар хилофи ин, аз ояндаи нек умедвор гаштан, аз ришваву моли ҳаром дидаву дил барбастан, кам хӯрдан, доимо аз пушти донишандӯзӣ шудан, дар роҳи сангини илмомӯзӣ таҳаммул кардан, нисбат ба фурӯдастон бобахшишу гузаштқор будан, ба ободкорӣ машғул будан ва нисбат ба он чи вуҷуд дорад, бо эҳтиром муносибат кардан ва ғ. Чун мавзӯоти бакоргирифтаи муаллиф дар ин асар ниёз ба таҳқиқоти алоҳидаро доранд, бинобар ин, мо дар ин хусус суханро ба анҷом мерасонем.

Дар хулосаи он чи матраҳ гардид, чунин нуктаҳоро метавон зикр кард:

1. “Наводир-ул-амсол” яке аз арзишмандтарин осори насрии Убайди Зоконӣ аст ва бо сабку салиқаи махсуси худ аз кулли асарҳои дигари адиб фарқи назаррас дорад.

2. Асари мазкур орӣ аз танзу киноёт, ки саропойи муҳтавои дигар осори мансури адибро фаро гирифтааст, буда, дар он андешарониҳои холисона ва бепардаи муаллиф инъикос ёфтаанд.

3. Андешаҳои Убайд дар “Наводир-ул-амсол” ба пуррагӣ дар чаҳорчӯби ахлоқ баррасӣ гардида, онҳо дар гунаи амсолу ҳикам таҷассум ёфтаанд.

4. Дар ягон ҷойи асари мазкур нишоне аз дуруштгӯйӣ ва дағалпардозии муаллиф, ки дар кулли осори дигари мансури вай дида мешавад ва гоҳе дар бархе аз онҳо ин равиш ба ҳадди ифрот мерасад, мушоҳида намешавад.

5. Ҳама амсол ва ҳикматҳои “Наводир-ул-амсол” оинаи ахлоқу маънавиётанд ва метавонанд дар рушду тараққии хисол ва сифоти ҳамидаи инсонӣ хидмати шоистае намоянд. Аз ин ҷиҳат, ҳама мавзӯоти бакоргирифтаи Убайди Зоконӣ, ки намунаҳои он дар фавқ оварда шуданд, дар тарбияи ахлоқии хонандагони худ саҳми босазо хоҳанд гузошт. Хосса дар ҷаҳони имрӯз, ки тундбоди афкори ғайриинсонии таассуботу ифротгароӣ аз хориҷ ба Тоҷикистон таъсироти манфӣ мегузорад, шиносоӣ бо афкори инсонпарварона ва таҳаммулгароёнаи Убайд бар суди хонандагони он хоҳад буд.

6. Бо ин ки “Наводир-ул-амсол” бо забони арабӣ аст ва бо ин ки то ба ҳол дар Тоҷикистон бо ҳуруфоти кириллиасоси тоҷикӣ нашр нагардидааст, он тавассути муҳаққиқони эронӣ ба форсӣ тарҷума гардидааст ва тарҷумаи он сазовори таҳсин ҳам

ҳаст. Баргардон кардани он аз расмулхатти форсӣ ба тоҷикӣ дар оянда, аз як тараф, дар шинос гаштани мардуми тоҷик бо оро ва дараҷаи ҷаҳонбинии ниёгони худ ва, аз тарафи дигар, дар тараққӣ додани ҷаҳонбинии ахлоқии мардум саҳми босазое хоҳад гузошт.

А Д А Б И Ё Т

1. Ардабилӣ, Алиасғари Ҳалабӣ. Муқаддима / Алиасғари Ҳалабии Ардабилӣ // Зоконӣ, Убайд. Рисолаи дилкушо. Бо инзимоми рисолаҳои “Таърифот”, “Садпанд” ва “Наводир-ул-амсол” / Убайди Зоконӣ. Тасҳеҳ ва тарҷума ва тавзеҳи Алиасғари Ҳалабӣ.- Теҳрон: Асотир, 1383 ҳ.ш. - С. 280-281
2. Бақоев М. Убайди Зоконӣ / М. Бақоев // Очеркҳо аз таърихи адабиёти тоҷик. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV.- Қисми дуюм. Муҳаррири масъул: Расул Ҳодизода. - Душанбе: Дониш, 1983. - 229 с.
3. Зоконӣ, Убайд. Девон / Убайди Зоконӣ. Дастхат. Мутааллиқ ба асри XIV.- №555 / 13. - Душанбе: Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон, 707 ҳ. / 1405 милодӣ.- 310 с.
4. Зоконӣ, Убайд. Осор / Убайди Зоконӣ; бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҷобулқо Додалишоев; зери назари Асғари Ҷонфидо ва Аълохон Афсаҳзод. - Душанбе: Дониш, 1991.- 212 с. (бо хатти форсӣ).
5. Зоконӣ, Убайд. Рисолаи дилкушо. Бо инзимоми рисолаҳои “Таърифот”, “Садпанд” ва “Наводир-ул-амсол” / Убайди Зоконӣ; тасҳеҳ ва тарҷума ва тавзеҳи Алиасғари Ҳалабӣ. - Теҳрон: “Асотир”, 1383 ҳ.ш. - 370 с.
6. Мирзозода, Холиқ. Сатиранависи бузург Убайди Зоконӣ / Холиқ Мирзозода // “Газетаи муаллимон”. - Органи КХМ ва Союзи коркунони мактабҳои ибтидоӣ – миёна ва Союзи марказии коркунони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои тадқиқотӣ, коркунони равшаннамоӣ – политикии РСС Тоҷикистон.- №32 (594), 14-уми июли 1939. - С. 6.
7. Мирзозода, Холиқ. Сатиранависи бузург Убайди Зоконӣ / Холиқ Мирзозода // “Газетаи муаллимон”.- Органи КХМ ва Союзи коркунони мактабҳои ибтидоӣ – миёна ва Союзи марказии коркунони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои тадқиқотӣ, коркунони равшаннамоӣ – политикии РСС Тоҷикистон.- №35 (596), 30-юми июли 1939. - С. 4.
8. Мирзозода, Холиқ. Сатиранависи бузург Убайди Зоконӣ / Холиқ Мирзозода // “Газетаи муаллимон”.- Органи КХМ ва Союзи коркунони мактабҳои ибтидоӣ – миёна ва Союзи марказии коркунони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои тадқиқотӣ, коркунони равшаннамоӣ – политикии РСС Тоҷикистон.- №36 (597), 12-уми августи 1939. - С. 3-4.
9. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик / Х. Мирзозода. Китоби 2 (асрҳои XII-XV).- Душанбе: Маориф, 1977. - 394 с.
10. Раджабов Муса. Мировоззрение Убайда Зокони / Муса Раджабов. - Сталинабад: Таджикгосиздат, 1958. - 113 с.

УБАЙДИ ЗОКОНӢ ВА “НАВОДИР-УЛ-АМСОЛ”- И Ӯ

Дар мақола дар атрофи як асари бадеии Убайди Зоконӣ зери унвони “Наводир-ул-амсол”, ки бо забони арабӣ таълиф ёфтааст, таҳқиқот бурда шудааст. Убайди Зоконӣ яке аз нависандагони пурмаҳсули адабиёти асри XIV форсу тоҷик ба ҳисоб рафта, аз худ осори гаронбаҳои насрӣ, монанди: “Ахлоқ-ул-ашроф”, “Ришнома”, “Садпанд”, “Дилкушо”, “Таърифот” ё “Даҳ фасл”, “Мактуби қаландарон” ва “Наводир-ул-амсол”- ро ба мерос гузоштааст. Чунонки муаллифи мақола қайд менамояд, аз осори зикршуда ҷуз аз рисолаҳои “Дилкушо” ва “Наводир-ул-амсол” дигарон бо забони форсӣ навишта шуда, рисолаи “Дилкушо” аз ду қисмат: қисмати ҳикоёти арабӣ ва қисмати ҳикоёти форсӣ иборат буда, “Наводир-ул-амсол” пурра бо забони арабӣ таълиф гардидааст. Асари охирини Убайд ягона асаре мебошад, ки муҳтавои он куллан бо забони арабӣ аст. Ба ақидаи муаллифи мақола, ин, агар аз як тараф, аз дониши жарфи Убайд аз забони арабӣ далолат кунад, аз ҷониби дигар, омили камаҳаммиятӣ ва дар қиёс бо осори форсии адиб маъруфият пайдо накардани асари мазкур гардидааст. Дар сарчашмаҳо ва манобеъ зикр нагаштани “Наводир-ул-амсол” шояд ба мучиби ҳамин забони арабии он бошад, ки муаллифини онҳо ё зикри онро дареғ доштаанд, ё ба моли Убайд будани он шубҳа мекардаанд. Муҳаққиқони садаи гузашта ва муосир ҳам дар хусуси ин асари Убайд тақрибан чизе нагуфтаанд. Муаллифи мақола қайд менамояд, ки “Наводир-ул-амсол” пурра асари пандуахлоқӣ буда, шиносоӣ бо он дар тарбияи маънавиву эстетикии хонандагон саҳми арзандае хоҳад гузошт. Афкори пандуахлоқии муаллиф *дар* шакли ҷумлаҳои мухтасар ва камшумор матраҳ гардидаанд, ки ин услуб муъҷазбаёнӣ дар асарро таъмин намудааст. Ҳатто, қисмати зиёди амсолу ҳикматҳо иборат аз як ҷумла буда, фикр дар онҳо ба тариқи басо кӯтоҳ баён гардидааст. Муаллиф чунин мешуморад, ки ин тарзи баёни нависанда дар шавқангезӣ ва таъсирбахшии бештари суханони пандомезаш мусоидат карда, таваҷҷуҳи хонандагонашро ба худ бештар ҷалб менамояд.

Калидвожаҳо: амсол, ахлоқ, девон, куллиёт, “Наводир-ул-амсол”, наср, Убайди Зоконӣ, панду ҳикмат, рисола, ҳакимон

УБАЙД ЗОКОНИ И ЕГО “НАВОДИР-УЛЬ-АМСОЛ”

В данной статье исследован один из художественных трактатов Убайда Зокони – “Наводир-уль-амсол”, написанный на арабском языке. Убайди Зокони является одним из самых плодотворных писателей персидско-таджикской литературы XIV века, оставивший драгоценное прозаическое наследие, состоящее из таких трактатов,

как “Ахлок-уль-ашроф” (“Этика аристократии”), “Ришнома” (“Книга о бороде”), “Садпанд” (“Сто назидательных советов”), “Дилкушо” (“Очаровательное послание”), “Таърифот” / “Дань фасл”, (“Хваление” / “Десять частей”), “Мактуби каландарон” (Письма бродячих аскетов) и “Наводир-уль-амсол” (“Редкие наставления”). Как отмечает автор статьи, из вышеприведенных произведений, кроме “Дилкушо” и “Наводир-уль-амсол”, остальные написаны на персидском языке. “Дилкушо” состоит из двух частей, первая из которых написана на арабском, а вторая на персидском языках. Но “Наводир-уль-амсол” целиком написан на арабском языке. По словам автора статьи, это, с одной стороны, свидетельствует о глубоком знании Убайда арабского языка, с другой, обусловливает малое обращение читателей к этому произведению, в сравнении с персидскими произведениями автора, основной причиной этого является нераспространенность и неизвестность упомянутого трактата. Может быть, причиной неупоминания “Наводир-уль-амсол” в письменных классических источниках является язык его изложения, который является арабским, поэтому их автора или не указывали, или сомневались в авторстве Убайда относительно вышеупомянутого трактата. Автор отмечает, что “Наводир-уль-амсол”, в целом, является дидактическим произведением и его содержание имеет определенное значение в морально-нравственном воспитании своего читателя. Дидактические взгляды автора изложены в очень коротких и малочисленных предложениях, обеспечивающих локаничность произведения. Даже большинство назидательных мыслей Убайда в нем изложены в одном предложении, в простой форме, что заслуживает особого внимания. Автор считатет, что такая манера изложения способствует его занимательности и, таким образом, завоевывает благосклонность и симпатию своего читателя.

Ключевые слова: примудрость, нравственность, диван, сборник, “Наводир-уль-амсол”, проза, Убайд Зокони, назидание, трактат, ученые.

UBID ZOKONI AND HIS “NAVODIR-UL-AMSOL”

This article explores one of the artistic treatises of Ubaid Zokoni - Navodir ul-Amsol, written in Arabic. Ubaidi Zokoni is one of the most fruitful writers of Persian-Tajik literature of the XIV century, who left a precious prosaic legacy consisting of treatises such as “Akhlok-ul-ashrof” (“Ethics of the aristocracy”), “Rishnoma” (“The Book of the Beard”) , “Sadpand” (“One Hundred Enlightening Tips”), “Dilkusho” (“The Enchanting Message”), “Tarifot” / “Yes Bean,” (“Praise” / “Ten Parts”), “Maktubi Kalandaron” (Letters from Wandering Ascetics) and Navodir-ul-Amsol (Rare Instructions). As the author of the article notes, from the above works, except “Dilkusho” and “Navodir-ul-Amsol”, the rest are written in Persian. “Dilkusho” consists of two parts, the first of which is written in Arabic, and the second in Persian. But Navodir-ul-Amsol is entirely written in Arabic. According to the author of the article, this, on the one hand, indicates a deep knowledge of the Ubayd Arabic language, on the other hand, leads to a small appeal of readers to this work, in comparison with the Persian works of the author, the main reason for this is the non-proliferation and unknownness of the mentioned treatise. Perhaps the reason for not mentioning “Navodir-ul-Amsol” in the written classical sources is the language of its presentation, which is Arabic, therefore their author was either not indicated or doubted the authorship of Ubaid regarding the above treatise. The author notes that Navodir-ul-Amsol, as a whole, is a didactic work and its content has a definite value in the moral education of its reader. The didactic views of the author are set forth in very short and small sentences that ensure the work's locality. Even the most instructive thoughts of Ubide in it are set forth in one sentence, in a simple form, which deserves special attention. The author believes that this manner of presentation contributes to his amusement and, thus, wins the favor and sympathy of his reader.

Keywords: wisdom, morality, sofa, collection, “Navodir-ul-amsol”, prose, Ubaid Zokoni, edification, treatise, scholars.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ғаффоров Шоҳрух*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 904-77-55-40**

Сведения об авторе: ***Гаффоров Шохрух*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики обучения таджикского языка и литература. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 904-77-55-40**

Information about the author: ***Gafforov Shohrukh*** - Tajik National University, Ph.D. in Philology, associate professor of the Tajik language department and methods of teaching the Tajik language and literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 904-77-55-40**

УДК: 491.550

ЗАБОН ВА САБКИ БАЁНИ ҲИКОЯИ КӮДАКОНАИ ТОҶИК

Турсунова М.Ҳ.
Колеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Забони ҳикояҳои кӯдаконаи адабиёти тоҷик аз назари ибораю ҷумлаорой, корбурди вожаю таъбирот ва таркиботи нодир, зарбулмасалу мақол ва санъатҳои бадеӣ яксон нест. Адибони мо дар корбурди аносири луғавию грамматикӣ синну соли кӯдаконро ба инобат гирифтаанд. Масалан, ҳикояҳое, ки барои бачагони синни томактабӣ ва хурди мактабӣ эҷод шудаанд, танҳо аз нақли сужети кӯтоҳ ва муколамаҳои хурд иборатанд. Ин шева дар ҳикояҳои Мустафо Шарқӣ, Акобир Шарифӣ, Дадаҷон Раҷабӣ ва бархе аз ҳикояҳои Болта Ортиқов ба мушоҳида мерасад. Нависанда дар ин маврид ҳикояро бо шарҳи мухтасари мушоҳидаи қаҳрамони хурдсол, ки аз тамошои муҳит таассуроти ҷолибу ғайримуқаррарӣ бардоштааст, оғоз менамояд. Ё нахуст ба тасвири ҳолату рӯҳияи ӯ мепардозад, ки дар аксари маврид ровӣ худи қаҳрамон аст. Ровии ҳикоя дар хусуси воқеаю зуҳуроте, ки ба ин рӯз тааллуқ дорад ҳарф мезанад, рафтори ҳамсолони худро шарҳ медиҳад, аз рафтори хуби калонсолон истиқбол менамояд ва ё муносибати хатои онҳоро нисбат ба худу атрофиён мазаммат мекунад.

Суханварон тавассути мулоҳизаронии қаҳрамонони хурдсол кӯшиш менамоянд, ки муносибати онҳоро бо арзишҳои ахлоқию иҷтимоӣ дигаргун созанд ва маънаван кӯдакону наврасонро қадршиносу босипос тарбият намоянд. Кӯдакон одатан ду ҳолати ботинии хешро зуд-зуд ба зоҳир меоваранд. Якум, мушоҳидаи амиқи воқеаю ашё, дуюм пурсиши маънию моҳияти чизҳо ва сабаби зуҳури ҳодиса. Кунҷковӣ, рамузфаҳмӣ, дарки имою ишораҳои калонсолон, пофишорӣ барои расидан ба мақсад, тафовутгузорӣ миёни рафтори одамон, ростгӯию ҳақиқатбаёнӣ, танқиди беибои ошкорои калонсолон, муҳокимаи кирдори дигарон дар суҳбату бозиҳои худ, фавран изҳори нафрат намудан нисбати падидаҳои нохушнудкунанда, парҳез кардан аз истифодаи чизҳое, ки ба ҷисми инсон зарар мерасонанд ва як зумра хислатҳои дигари атфол мағзу моҳияти ҳикояҳои нависандагони тоҷикро ташкил медиҳад.

Аз ин дидгоҳ, нависандаи ҳикояи кӯдакона барои худ зарур мешуморад, ки дар интихоби калимаю ибора ва ҷумлаю таркибу таъбирот ҳунари махсус зоҳир намояд. Забони баёни ӯ тарзе бошад, ки амали аз кӯдак содиршуда ва ё дунёи хаёлоту андешаҳои ӯ барои дигарон омӯзанда бошад. Масалан, дар оғози ҳикояи Акобир Шарифӣ «Рӯзи таваллуди бибӣ» мехонем: «Имрӯз рӯзи таваллуди бибиямон. Ману Барзу аз пагоҳӣ боз давутоз ва маслиҳат дорем, ки ба ӯ чӣ туҳфа кунем. Чизе ки ман мехоҳам, ба Барзу маъқул намешаваду чизе ки Барзу мехоҳад, ба ман.

Барзу мегӯяд, ки ба бибиямон дастпӯшаки ҷомашӯӣ ва собуну вазелин харида диҳем. Дастпӯшак барои он ки бибиямон вақти ҷомашӯӣ азоб накашанд. Вазелин барои ба дастҳояшон молидан. Дастҳои бечора бибиямон аз ҷомашӯӣ шахшул шудагӣ» [4, с.3].

Ҳарчанд аз назари назокати баён забони ин ҷумлаҳои он қадар ширадор набошад ҳам, вале мулоҳизаю мушоҳидаи дурусти хурдтаракон ва камоли меҳрубонии онҳо нисбати модаркалони хеш арзиши гуфтори нависандаро афзудааст.

Ҳамин гуна азму ният ва ҷуръат дар амали кӯдаконаро тарзи нигориши ҳикояҳои адиби ёдшуда «Худкардаро даво не», «Шодӣ «Касал», «Болои сӯхта намакоб…», «Мусобиқа», «Қасос» ва ғайра собит мекунанд. Баёни воқеа аз забони қаҳрамони ровӣ ва тавзеҳи сабаби вуқӯи ҳодисаҳо дар қисмати аввали ҳикояҳо шавқи хонандаро нисбати мундариҷаи куллии он афзун менамояд.

Аксаран нависандагон оғози ҳикояҳои хешро ҳамон вақте бо шеваи хос баён месозанд, ки сухан аз пайванди инсон бо мавҷудоти табиат равад. Адиби соҳибсабк бо чунин равиш майли хонандаро пурра ба тарафи асари бадеӣ равона месозад, яъне психологияи ӯро тасхир менамояд ва ба ҷаҳонбинии ӯ таъсир мерасонад. Ин ҳолатро адабиётшинос Шамсиддин Солеҳов «тасвири таҳлилӣ ва таҳлили психологӣ» номидааст, ки барои

такмили сохтори ҳикоя мусоидат намуда, мавзӯю масоил ва ҳодисаю воқеаи дар он инъикосшавандаро мушаххасу аниқ месозад [1, с.130].

Ҳикояи Мустафо Шарқӣ «Одам ва паланг…» айнан бо чунин равиши адабӣ оғоз мегардад: «Ман маркабро пасттарин ҳайвон медонам. Дар мавриде, ки вай гургро мебинад, аз роҳ рафтан боз истода, ҳамон дам ҳангос мезанад, гӯё бо ин гуфтанӣ мешавад: «Ман ҳамин ҷо, ҷанобам, чӣ коре, ки бо ман мехоҳед, кардан гиред». Гург хурсанд шуда назди маркаб меояд ва гӯшти ӯро канда – канда хӯрдан мегирад. Маркаб то даме, ки аз хунравӣ беқувват гардида, ба замин наафтад, аз ҷояш намеҷунбад ва танҳо ҳиққос мезанаду бас. Хуллас, аҳмақии маркаб бисёр аст. «Чун хар аҳмақ» гуфтани одамон ҳам аз ҳамин сабаб ба вуҷуд омадааст» [6, с.74].

Сипас, нависанда ба тасвири лаҳзаҳои дигари ҳикоя идома мебахшад ва, чи хеле аз порчаи болоӣ равшан аст, зимнан аз монандии миёни одами гумроҳу маркаб ёдовар мешавад. Адиб бидуни шарҳу тавзеҳ ё талқин шуҷоату далерӣ ва талош барои зистанро дар ниҳоди хонандаи хурдсол бедор мекунад. Мустафо Шарқӣ айни ҳамин ҳолати табиии харро, ки ҳайвони хонагӣ мебошад, дар муқобили сиёҳию ҳуҷуми якбораи гургон дар ҳикояи «Хатари безарар» рӯйи коғаз меорад. Персонажҳои ҳикоя Нурҷон ва Роҳила шоҳиди ин воқеа мешаванд ва Нурҷон ҷасорат нишон дода, харро аз зери дандони гург халос менамояд.

Адибон ба василаи ворид кардани чунин лаҳзаҳое, ки номутаносибии табиат ва зӯру бозуи тавоноро нисбати сусту заиф нишон медиҳанд, рӯҳи мубориз доштанро тарғиб месозанд. Нақли ровӣ ва нишондодҳои бадеии ӯ дар ҳикояи кӯдакон сабки ҷолиберо ба вуҷуд меоварад. Ҳамзамон бо иваз кардани макони зуҳури ҳодиса ва аз муҳити якмароми иҷтимоӣ ба дашту саҳро ва кӯҳистон кӯч додани он низ метавонад ба равиши эҷодии нависанда дигаргунӣ ворид намояд. Дар баробари макон инчунин тағйир додани замони бадеӣ низ ба забони асар таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, барои дарки забони адабиёти бадеӣ дарки замони ҳодиса низ муҳим аст.

Бояд ёдовар шуд, ки бештари калимаҳои нодири забони тоҷикӣ на дар забони илмию расмӣ, балки дар забони зиндаи мардум боқӣ мондаанд. Хусусан, дар шеваю лаҳҷаҳои мардуми кӯҳистон вожаҳои ноб маҳфуз монда, ба ҳамон маъние, ки ҳазор сол пеш корбаст мешуданд, истифода мегарданд. Аксари адабиётшиносон ва забоншиносони тоҷик бар мабнои осори сардафтари адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ чунин мегӯянд, ки корбасти дурусти забони ғаноманди халқ аз ин адиби тавоно шурӯъ шудааст. Ба гуфтаи забоншинос Ҳ.Рауфов устод Айнӣ истифодаи имкониятҳои «забони гуфтугӯиро яке аз манбаъҳои боэътимод» қарор дода буд [2, с.16].

Дар ҳикояҳои Баҳром Фирӯз истифодаи огоҳона аз луғати зиндаи мардум зиёд ба назар мерасад. Бо боварӣ метавон гуфт, ки забон ва услуби Баҳром Фирӯз ба адибони дигар хос нест. Ӯ равиши вижаи баёни худро дорад. Дар ҳикояҳои ӯ калимаву таркибҳои нодир ва сирф тоҷикона зиёд мустаъмал аст. Бо вуҷуди он ки баъзе аз калимаҳои корбастнамудаи суханвар дар фарҳангҳо тавзеҳ ёфтаанд, қариб аз истеъмол мондаанд. Масалан, дар ҳикояи «Духтари падар» мехонем: «Падараш - Ҳалими духтур дар зери чорпояи зери *воиш* чорзону нишаста, рӯзнома мехонд» [12, с.129].

Калимаи воиш дар фарҳанг чунин ташреҳ шудааст: « وائشчӯбҳои бар сари сутунҳо баста, ки токи ангур болои онҳо шоху навда паҳн мекунад, хавоза» [3, с.280].

Дар ҳикояи зикргардида нависанда калимаи лахшакро, ки ифодакунандаи як навъи таом аст, ба кор бурдааст: «-Ҳа-а, - табассум кард падар. - Ҳасан – амакаш дар ҷавонӣ аз таги дег пасмондаи оши *лахчака* мегирам гӯён ба дег афтода буд» [12, с.135].

Вожаи лахчак//лахшак لخچك //لخشكдар фарҳанг ба маънии оши хамираш порча-порчаи чоргӯша буридашуда, туппа тавзеҳ гардидааст [3, с.716].

Калимаи ҳалунчак ҳамчун ҷойи хоби муваққатию тобистонии кӯдак ва нишастгоҳи бодгирӣ дар ҳикояи Баҳром Фирӯз «Шаҳрӣ» истифода шудааст: «Ҳамту, ҷанг мекунанд. Ба кунҷак рост мемонанд. Баъд, зоча ҳам намедиҳанд. Ба *ҳалунчак* фақат Зумраду Шаҳлоро мешинонанд. Зочаро ҳам фақат ба ҳамонҳо медиҳанд. Таго, таго хӯрок хӯрдан ҳам наметонанд» [11, с.88].

Лафзи ***мултонӣ*** дар гӯйиши мардуми тоҷик ба маънии хатокор корбаст мешавад. Аслан Мултон номи маҳалле дар сарзамини Ҳинд аст ва мултонӣ ба ҳамон нафаре нисбат пайдо мекунад, ки аслан аз он ҷост. Зимнан мултонӣ касест, ки бо урфу одати мардуми таҳҷоӣ ва русуми онҳо мутобиқ шудан намехоҳад: «Пазмон шуд, аммо дандон ба дандон монда тоқат карду нарафт. «Зайнаб дониста монад, ки аз рафтани вай ғам намехӯрам, - мегуфт вай. - Сарам амон бошад... Муҳсин калон шавад, аз ду сар дада, гуфта меояд, як рӯз не, як рӯз мефаҳмад, ки модари ***мултони***аш маро ба ҳамин аҳвол расонд. Ман каму беш арақ хӯрам ҳам, қатори дигарон будам. Ба гапи ким-киҳо парида, аҳмақ шуду баромада рафт. Мардум тамошо карданӣ буданд. Писарам мефаҳмад, ягон рӯз худаш кофта меояд. Агар наояд... Хайр садқаи сар» [11, с.94].

Баҳром Фирӯз тавассути ҳикояҳои кӯдаконаи хеш боз якчанд калимаҳои зеборо, ки шояд корбурди онҳо ба ҷойи калимаҳои дурушталаффузи туркӣ созгор аст, умри дубора бахшидааст. Мисол, дар гӯйиши мардуми тоҷик калимаи ***саршир***ро ба маънии равғани рӯйи шир хеле кам истифода мебаранд. Имрӯз ҷойи ин калимаи зеборо лафзи туркии қаймоқ гирифтааст. Дар ҳикояи «Ҳақиқати талх» ин вожа аз забони персонаж садо медиҳад: «Худи Салим бачаи бад не, аммо гоҳ-гоҳ зӯъмию якравӣ дорад. Азбаски ӯ харобу лоғару рангпарида аст, очаам баъзан аз ман рустӣ ба вай саршир медиҳад. Гурбаи шум барин чанд бор аз хонаи дарун саршир хӯрда, лабонашро лесида баромаданашро дидам. Бо вуҷуди ин, думчаи мурӯд барин гардани борикаш, каллаи ошкаду барин калонашро базӯр дошта истодааст. Амакам мегӯянд, ки биниашро кашӣ, ҷонаш мебарояд. Қувваташ нест, пуф кунед, меғалтад» [11, с.172].

Аҷиб он аст, ки дар ин фиқра илова ба калимаи ёдшуда, боз чанд таъбиру мақолҳои халқӣ ба кор рафтаанд.

Дар гуфтугӯи китобӣ ва халқӣ замини мансуб ба як оиларо замини наздиҳавлигӣ мегӯянд. Ин ибора дар забони ҳикояи Баҳром Фирӯз ба шакли замини рӯйидарича омадааст, ки то андозае гӯшнавоз аст: «Ман он ҷонварро бардошта, ба тарафи ҳавлии бобоям давидам. Салим аз қафоям метохт. Ҳавлии бобоям дур не, дар он дасти сой, пеши ***замини рӯидаричаамон***» [11, с.173].

Дар ҳикояи «Бузғола ва писарак» масдари ***бонистан*** ба маънии нигоҳубин кардан ё поидани ҳайвон хеле хуб ба кор рафтааст. Он дар муколамаи қассоби бераҳм ва кӯдаки сода чунин ифода меёбад:

«— Амак, ин Сиёҳаки ман...

— Додот ба пули ин барои ту сафедакаша мехарад. Чӣ фарқ дорад?! Сиёҳак бошад ҳам, калонак шудаст, гӯшт гирифтаст. Расо ***бонистӣ***-да-а?

— Амак, ин азони ман...

— Акнун азони ман шуд, писар. Э, ту наход нафаҳмӣ?

— Бидиҳед, амакҷон, - зорӣ мекард Дидор. — Накушед... вай... вай... дуои бад мекунад» [11, с.214].

Калимаи ***тавора*** дар гуфтугӯи халқ ба мушоҳида кам расад ҳам, вале дар адабиёти муосир гоҳ-гоҳ аз он истифода мешавад. Устод Лоиқ Шералӣ дар шеъри «Ватан» онро хеле моҳирона истифода бурдааст:

Ватан сар мешавад аз гоҳвора,
Зи шири поку аз пистони модар.
Ватан сар мешавад аз он тавора,
Ки онро сохта дастони модар [13, с.88].

Ин вожа бо номҳои чапарак, чиғ ва девори аз шоҳҳо бунёдгардида ба кор меравад. Баҳром Фирӯз дар ҳикояи «Даканг», ки дар бораи хурӯсе сухан меравад, меоварад: «Хурӯс аз ҳеҷ чиз ва ҳеҷ кас биме надошт. Ҳатто ба муқобили мардони чӯбу санг ба даст мусаллаҳ бебокона рост мерафт. Боре вай бо тӯдаи мурғон аз зери тавора раҳ ёфта, ба полизи мо даромада баҳузур ковоков мекард, ки хабар ёфтам» [10, с.91].

Вожаи ***зов***ро нависандаи мавриди назар ба маънии дара, шикофии байни кӯҳҳо, гузаргоҳи танг дар кӯҳҳо ва теғаи кӯҳ ба кор бурдааст: «Мо харҳоро ба роҳ андохтем ва лаҳзае нагузашта, ба деҳча даромадем. Заминҳои нав аз хоби зимистон бедоршудаи деҳа,

боғҳо, тавораҳои аз санги қайроқи сой чидагии заминҳои рӯйидарича, сафедорҳои қатори сари роҳ, қӯруқу чашмаву сой, шаху зовҳо — ҳама ба ман ошно буданд, гӯё ҳеҷ дигар нашудаанд. Аммо онҳо пештара барин хушрӯй ва аҷиб набуданд. Ким-чӣ хел ба назар оддӣ ва хурд менамуданд» [11, с.48].

Дар забони ҳикояҳои Баҳром Фирӯз бо намунаҳои ҷолибу муассири зарбулмасалу мақолҳо метавон дучор омад, ки дар мавридҳои муайян ва зарурӣ ба кор рафтаанд. Дар маҷмӯаи «Муаллими сахтгир»-и адиби мазкур мо бо чанд таъбирҳо ва ибораҳои фразеологӣ дучор омадем, мисоли:

«Моҳирона чап додани хурӯс» [10, с.91], «сар нафуровардан» – ба маънои тан надодан, мағлуб нашудан, мубориза бурдан, истодагарӣ кардан дар баробари тарафи муқобил [10, с.91], «хурӯсбози гузаро» [10, с.92], «як қади найза баланд шудани офтоб» [10, с.93], «дока барин кандани ранги рӯйи Ҳабиба аз таҳдиду тақъиби Даканг» [10, с.94], «ҳанг аз сар паридан» [10, с.106], «моҳи ҷавзои саховат» [10, с.107], «ба чашми якдигар хок напошидан» [10, с.114], «сари кор сарро кафонидан» [10, с.117], «рӯдаро кандани бори вазнин» [10, с.117], «пичинг паронидан» [10, с.118].

Ин навъи гуфтор дар китоби «Ҳақиқати талх» низ зиёд ба чашм мерасад: «ҳар зоғеву як доғе» [11, с.59], «зимистон мераваду рӯсиёҳии ангишт мемонад» [11, с.106], «дард аз Худою гила аз ҳамсоя» [11, с.115], «аз ганда пӯст меканд, аз нағз пӯстин» [11, с.122], «аз гови шохзан, оғили холӣ беҳтар» [11, с.169], «кулол дар мундӣ об хӯрдагиаш барин» [11, с.232], «худхӯруму худшавам [11, с.244], «меҳри боимҷон аз каду тофтагӣ» [11, с.248].

Ин масалу мақол ва таъбирҳо мавридҳои истифодаи муносиби худро доранд. Масалан, дар ҳикояи «Бобо» ҳангоми муколами набераю бобо ҳангоми пурсиш ин зарбулмасал садо медиҳад: «Тухмдузд — шутурдузд мешавад мегӯянд. Касе, ки дар бачагиаш харбуза дуздад, калон шавад, гов медуздад» [11, с.44].

Корбурди зиёди калимаву таъбирҳо ва мақолҳои халқӣ дар аксари ҳикояҳо далели он аст, ки нависанда барои ба меъёрҳои забони адабӣ мувофиқ кардану ба таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ворид кардани баъзе аз онҳо кӯшиш ба харҷ дода, дар ин самт ба муваффақият ҳам ноил гардидааст.

Бояд ёдовар шуд, ки дар баробари ҳамин гуна расоии калом, инчунин дар сабки навиштори Баҳром Фирӯз камбудӣ ба назар мерасад. Масалан, дар ҳикояти «Рамида» калимаи «сонӣ», ки маънои «баъд, пас, пас аз он; сонитар, баъдтар, баъди гузашти замоне…» [116, с.261] -ро дорад, 23 маротиба истифода шудааст, ки се маротиба дар шакли «сонитар» аст [10, с.97-106].

Ба назари мо, дар баробари норасоии сабки нигориш донистан, шояд ин такрор далели содагиву оммафаҳмии матни асари бадеӣ, алалхусус ба завқу зеҳни кӯдакон наздик кардани забони ҳикоя аст. Дар гуфтугӯи омиёна калонсолон ҳам вақте мехоҳанд ба кӯдакон дар бораи ягон ҳодиса ё чизе нақл кунанд, ҳатман барои ҷалби хотири кӯдак калимаи «сонӣ» -ро вобаста ба лаҳҷаву шеваи гуфтугӯии маҳалли худ қасдан ба кор мебаранд. Ин ҷо нависанда ҳам аз ҳамин дидгоҳ калимаи мазкурро бисёр истифода бурдааст. Ғайр аз ин, таъсирпазирии нависандаро аз сарчашмаи асосии илҳом ё таъсири омилҳои иҷтимоӣ дар интихоби мавзӯъро ҳам дар ин маврид нодида набояд гирифт. Зеро ҳикояи «Рамида» ва ба ин монанд ҳикояҳои Баҳром Фирӯз аз «дардҳои ҷамъият» сарчашма мегиранд ва нависанда ҳам мехоҳад бо ҳамин роҳ ба дунёи андеша ва ҷаҳонбинии кӯдакону наврасон ворид шуда, назари чун дилашон ҳанӯз тозаи онҳоро нисбат ба ҳодисаҳои таассуфбарангези иҷтимоӣ- вайроншавии оилаҳо, бадбинии модарандару падарандар во дорад. Аз ин рӯ, ба ҳеҷ ваҷҳ ин шеваи истифодаи калимаҳо, яъне «такрор»-ҳои таъкидӣ ва ҷолибро ҳамчун заъфи таълифи ҳикояҳои нависанда нишон додан аз ҳадди инсофи адабӣ берун аст.

Бештари ҳикояҳои барои бачаҳои синни калони мактабӣ навиштаи Болта Ортиқов низ аҳаммияти омӯзишӣ ва таърихӣ доранд. Аз ин рӯ, дар рафти баёни ҳодисаҳо ва анъанаҳои таърихӣ ин суханвар калимаҳои ҷолибу нодирро хеле хуб истифода менамояд. Масалан, калимаи ***роҳатиҷон***ро шояд дар замони мо касе ба маънии як навъи шарбат надонад. Маълум мегардад, ки онро замоне дар Самарқанд тайёр мекардаанд: «Онҳо

(роҳатиҷонфурӯшон –Т.М.) яхи чилларо бо кафчаи дандонадор тарошида, бо шиннии тути балхӣ меомехтанду роҳатиҷон тайёр мекарданд» [7, с.278-288].

Бо таъбири халқии «*дарз* рафтани девор», ки маънои кафидану дур шудани хиштҳои деворро дорад, дар ҳикояи «Лавҳ» вомехӯрем: «Аз ин ҷост, ки вақти заминҷунбии сахт, ҳанӯз дар замони худи Темурланг афтида хароб гардиданд. Пештоқҳои баланд дарз рафтанд» [10, с.311], «Баъди чандин асрҳо зилзила ба амал омад. Девору равоқҳои масҷиди ҷомеъ дарз рафтанд» [7, с.312]. Калимаи дӯғоб дар лаҳҷаҳои гуногун дар шакли *чолоб* ҳам вомехӯрад. Маъмулан, дар оби сард равону хушоб кардани ҷурғотро чолоб мегӯянд. Равшан мегардад, ки ин вожа дар Самарқанд низ мустаъмал будааст: «Дар кӯчаву бозорҳои шаҳр чолобфурӯшону машкобҳо ташнагии мардумро шикаста наметавонистанд» [7, с.287].

Вожаи *сияҳдуг* имрӯзҳо дар баъзе лаҳҷаҳои Тоҷикистон истифода мешавад. Албатта, онро асосан одамони аз миёнсолӣ гузашта ба забон меоранд. Лафзи мазкур ба одаме нисбат дода мешавад, ки кораш равнақ намегирад ва пеш намеравад: «Маро «танбал», «сиёҳдуг» мегуфтӣ. Лекин ман кам чида бошам ҳам, вазнин шавад гуфта, ба даруни пахтаам чойник барин санг наандохта будам» [9, с.107].

Калимаи *заваррав* дар фарҳанг чунин тавзеҳ ёфтааст: болори (чӯби) асосии боми хона, ки болорҳои дигар ба болои он гузошта мешаванд [3, с.498].

Болта Ортиқов онро айнан ба ҳамин маънӣ дар ҳикояи «Касб» ба кор мебарад: «Миродил дар болои забаррав истода, ба хонаи сохта истодааш болор мепартофт» [8, с.342]. Дар осори Болта Ортиқов таъбирҳои халқӣ фаровон ба мушоҳида мерасанд. Нависанда ба хотири рангинтар сохтани забон ва сабки баёни ҳикояҳои кӯдаконаи хеш аз ин унсурҳои наҳвӣ истифода кардааст:

Масалан, «ба такковӣ гузаштан» – «- Чаро номи девори набудагиро мондаанд, бобо? – ба такковӣ гузашт Шодмон» [10, с.285].

Рӯйи дафтарро сиёҳ кардан – ба маънии навиштан: «- Печаку қандалот- чӣ?- рӯйи дафтарашро сиёҳ мекард ҷавонзани айнакӣ» [10, с.290].

Тахир шудан – хира шудан, ранг тағйир ёфтан: «…Алав аз меъёраш каме баланд ояд, қиём месӯзад. Ҳалво тахир мешавад» [10, с.291].

Пойи харидорон канда нагардидан – муштарии зиёд доштан: «Ба ин ҷиҳат, аз пеши дӯконаш пойи харидорон канда намегардид, доимо серодам буд» [7, с.299].

Ҳангу манг мондан – ба маънии ҳайрон шудан: «Вале пеш аз Самарқанд баромаданаш фармуд: то бозгаштан масҷиде бунёд кунанд, ки бинандагон ҳангу манг монанд» [7, с.318].

Дар ҳикояҳои Болта Ортиқов корбурди зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун омили ғаномандии мундариҷаи ҳикояҳо хидмат намудаанд. Аз ҷумла, «Тарбузи аз бағал афтода» [8, с.360], «Тар буррӣ – сар буррӣ» [8, с.376], «Нафси бад – балои ҷон» [8, с.388], «Замони ночорӣ. Дасти касе равғанин бошад, ба сари худаш мемолид» [10, с.301], «Ханда накун ба хешат, давида биёяд ба пешат» [9, с.107] ва ғайра.

Аз намунаҳои болоӣ чунин бармеояд, ки нависандагон бо ёрии ҳикояҳои хурд ба кӯдакону наврасон моҳияти панду зарбулмасалҳои халқиро меомӯзониданд. Ҳатто нависандагон барои ҳамин ҳам номи пурра ё ҷузъе аз номи ҳикояҳояшонро аз мақолу зарбулмасал, аз таркиби он мегиранд. Масалан, ҳикояи «Худкардаро даво не», «Болои сӯхта намакоб»-и Акобир Шарифӣ далели ин гуфта шуда метавонанд. Дар ҳикояи «Худкардаро даво не» нависанда қаҳрамони манфиро, ки он худи гӯянда аст, танқиду мазаммат карда, ӯро дар охир бо мақоли «Худкардаро даво не, вовайлои пинҳонӣ» андарз медиҳад. Тарҳи чунин ҳикояҳо собит мекунад, ки матни пурраи онҳо ба сифати шарҳу тафсири мақолу зарбулмасал хидмат кардааст ва дар навбати худ мақолу зарбулмасал ҳам барои кушода додани мақсади асосии муаллиф нақш бозидаанд.

Корбурди моҳиронаи санъатҳои бадеӣ ҳамеша барои равонию узубати забони асар ва сабки нигориши он боис мешавад. Дар ҳикояҳои бачагона санъати ташбеҳ мақоми хос дорад, зеро адибон барои фаҳмонидани сифату моҳияти ашё ё дар ҳоли қиёс овардани рафтору кирдори атфолу наврасон аз ин санъат истифода менамоянд. Ин санъат дар ҳикояҳои Баҳром Фирӯз фаровон ба кор рафтааст: «Офтобхӯрда, пӯсти баданаш мис

барин сурхча метофт» [11, с.109]. Баҳром Фирӯз хурӯси Даканги моргазидаи ба назар ором хобидаро, ки баъди куштани мор худаш ҳам ба ҳалокат расида буд, ба як тӯп атлас монанд кардааст: «Монанди як тӯп атласи рангин ором хобидани ӯро (Дакангкро – Т.М.) ҳеҷ дар тасаввур ғунҷонида наметавонам [10, с.95].

Санъати тавсиф барои кушодани ҷаҳони ботинии инсон ва симои зоҳирии мавҷудот аҳаммияти муҳим дорад. Болта Ортиқов дар ҳикояи «Сим» дар хусуси ҷасорати наврасоне нақл менамояд, ки барои ба хатти аз симчӯб афтодаи нерудор барнахӯрдани галаи аспон дар рӯзи зимистон талош меварзанд. Адиб барои он ки хунукии сахтеро, ки сабаби кандашавии сим гардидааст, тасвир намояд, ин тавсифро дар зимни манзара ба кор гирифтааст: «Атроф хомӯш. Чириқ-чириқи гунҷишкҳо ҳам шунида намешуд. Ҳатто *зоғи алои пӯстинғафс*, ки дар болои барф бозӣ карданро дӯст медорад, дар лаби девори ҳавлӣ қадам намезад. Равед, ки табиат дар таки барф – дар хоб монда буд» [8, с.327].

Ба ҳам омехта ба кор гирифта шудани ташхису тамсил, ташбеҳ… дар ҳикояи Б.Ортиқов «Супориши хонагӣ» [8, с.347-350], ки дар он нависанда аломатҳои китобатӣ («.» «,» «!» «?» «:»)-ро барои бо танқиди ҳаҷвӣ тарбияву таълим додани қаҳрамони ҳикоя - Мирзотанбал ба сухан медарорад, далели ҳунари баланди нависандагии муаллиф мебошад:

- Хайр, майлаш, -розӣ шуд Мирзотанбал ва аломати вергулро гирифта ба охири ҷумлаи «Ту аз мактаб кай омадӣ» гузоштанӣ шуд.

- Не, не Мирзотанбал, шумо хато кардед, ин ҷойи ман нест, - гуфта худро қафо кашид аломати вергул.

Мирзотанбал вергулро монда, нуқтаро гирифтанӣ буд, ки вай ҳам худро ақиб кашид.

- Не, не ман дар охири ҷумлаҳои нақлӣ гузошта мешавам.

Мирзотанбал нуқтаро монда нигоҳ кард, ки аломати хитоб симчӯб барин қомати худро нишон дода истодааст. «Эҳтимол, ҷойи ҳамон будагист» - аз дил гузаронд ва онро гирифта мондан шуд.

Аломати хитоб ҳам сар ҷунбонда, дар ҷояш меистод.

- Охир маро гаранг кардетон-ку! – ниҳоят оташин шуд Мирзотанбал… [8, с.348].

Саволу ҷавоб дар ҳикояҳои бачагона, агар бо мақсади пешкаш кардани маълумоти тоза ба хонанда сурат гирифта бошад, арзиши адабии онҳоро меафзояд. Чунин саволу ҷавоб дар ҳикояи «Ҳалвои бедуд» баръало мушоҳида мешавад:

«- Ҳалвои бедуд? – ҷавонзани айнакӣ аз навиштан бозистода, ба модаркалонам нигарист. – Аҷабо, ду сол ин ҷониб ба омӯхтани касбу кори қаннодӣ машғуламу ин номро бори аввал мешунавам.

- Гапатон дуруст, духтарам, - иқрор мешуд модаркалонам. – Дар ҳақиқат ҳам, бисёр солҳо боз ҳалвои бедуд намекунанд. Зеро мардум ба он эҳтиёҷ надоранд.

- Чаро эҳтиёҷ надоранд, оча?

- Замонҳое, ки қанду шакар намерасид, - мефаҳмонд модаркалонам, - ҳалвои бедудро бисёр мекарданд…» [7, с.291].

Дар ҳикояҳои Мустафо Шарқӣ санъати муколама хеле хуб истифода гардидааст. Бахусус, дар ҳикояи «Замбӯруғ» суҳбати байни писарбача Ҳирко ва политсаю немисҳо хеле саргармкунандаю мутаассир аст. Ҳирко барои он ки фашистонро ба доми партизанҳо афтонад, ба саволҳои душманон кӯтоҳу нимғурма ҷавоб медиҳад. Ҳангоми посухҳо мутафаккирона гап мезанад, ҳаракатҳояшро дигаргун месозад ва худро аз тамоми ҳодисаҳо барканор вонамуд карда, нафрати фашистонро нисбати аскарони шӯравӣ зиёд мекунад: «Политсай ба ҷӯшу хурӯш омада, гуфт:

- Гап зан, натарс!

Ниҳоят Ҳирко оҳиста гуфт:

- Се –чор нафарашонро дидам, лекин…

- Чӣ лекин? – пурсид политсай ба ҳаяҷон омада.

- Лекин милтиқҳояшон азони шумо барин не, ким- чӣ хел…

- Милтиқҳои шикорӣ барин…» [6, с.70].

Хонандаи зирак аз ибораи «Милтиқи шикорӣ» мефаҳмад, ки Ҳирко партизанҳоро дар назар дорад ва ин неруи пинҳонии ҳарбӣ душмани рақами аввали фашистон мебошанд.

Саволу ҷавоб дар ҳикояҳои бачагона, агар бо мақсади пешкаш кардани маълумоти тоза ба хонанда сурат гирифта бошад, арзиши адабии онҳоро низ меафзояд. Чунин саволу ҷавоб дар ҳикояи Болта Ортиқов «Ҳалвои бедуд» баръало мушоҳида мешавад:

«- Ҳалвои бедуд? – ҷавонзани айнакӣ аз навиштан бозистода, ба модаркалонам нигарист. – Аҷабо, ду сол ин ҷониб ба омӯхтани касбу кори қаннодӣ машғуламу ин номро бори аввал мешунавам.

- Гапатон дуруст, духтарам, - икрор мешуд модаркалонам. – Дар ҳақиқат ҳам, бисёр солҳо боз ҳалвои бедуд намекунанд. Зеро мардум ба он эҳтиёҷ надоранд.

- Чаро эҳтиёҷ надоранд, оча?

- Замонҳое, ки қанду шакар намерасид, - мефаҳмонд модаркалонам, - ҳалвои бедудро бисёр мекарданд…» [7, с.291].

Ҳамин тавр, аз баррасии масоили вобаста ба забон ва сабки ҳикояҳои кӯдакона ба ин қарор расидан мумкин аст, ки нависандагон дар нигориш ба душворбаёнӣ роҳ надодаанд. Воқеаю рӯйдодҳои маълуму мафҳум тасвир ёфта, ҳар як адиб ба равиши хосси эҷодӣ кӯшиш намудааст, ки унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии забони адабии ҳозираи тоҷик, зарбулмасалу мақолҳо, таъбирҳои халқӣ, калимаҳои нодири маҳфуз дар шеваю лаҳҷаҳо ва санъатҳои бадеиро устодона ба кор барад. Дар муқоиса бо адибони дигар забони баёни Баҳром Фирӯз пурбору ғаноманд буда, тарзи тасвири ӯ аз нақли холӣ иборат нест, балки таҳлилҳои психологӣ дар мағз-мағзи сужети ҳикояҳо ҷой гирифта, дар равшантар боз кардани характери қаҳрамонҳо, мақсаду ҳадафҳои онҳо, инчунин қиёфа ва олами ботинии персонажҳо хидмат кардаанд.

Нависанда Болта Ортиқов кӯшиш намудааст, ки калимаю ибора ва таъбирҳои нодиреро, ки дар луғати шеваи мардуми Самарқанду музофоти он ба василаи касбу ҳунарҳо, амсоли боғбонӣ, чорводорӣ, зироаткорӣ, ширинипазӣ, нонвоӣ, дуредгарӣ ва дигар пешаҳо боқӣ мондаанд, дар ҳикояҳои кӯдакона ба кор бурда, ба онҳо умри дубора ато намояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Солеҳов Ш. Поэтикаи жанри ҳикояи солҳои 70-80 қарни XX. Масъалаи замон ва макони бадеӣ / Ш.Солеҳов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 170 с.
2. Рауфов Ҳ. С.Айнӣ ва инкишофи лексикаи забони адабии тоҷик. Муҳаррир Раҳим Ҳошим / Ҳ.Рауфов. – Душанбе: Дониш, 1978. –48 с.
3. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 1. А – Н.; тартибдиҳандагон: С.Назарзода, А.Сангинов, Р.Ҳошим, Ҳ.Рауфзода. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. - 950 с.
4. Шарифӣ, Акобир. Кори имрӯзаро ба фардо нагузор / Акобир Шарифӣ. – Душанбе: Маориф, 1980. – 112 с.
5. Шарифӣ, Акобир. Ҳадя (маҷмӯаи шеъру ҳикояю достонҳо) / Акобир Шарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 112 с.
6. Шарқӣ, М. Ҳикояҳо / М. Шарқӣ. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 100 с.
7. Ортиқов Б. Достони Самарқанд: Повест ва ҳикояҳо: (Барои наврасон ва ҷавонон) / Б. Ортиқов. – Душанбе: Адиб ,1991. – 320 с.
8. Ортиқов Б. Повест ва ҳикояҳо. (Барои синни миёнаи мактабӣ) / Б. Ортиқов. – Душанбе: Маориф,1984. – 400 с.
9. Ортиқов Б. Доғи хун: Повесть ва ҳикояҳо (Барои бачаҳои синни миёна ва калони мактабӣ) / Б. Ортиқов. – Душанбе: Маориф, 1982. – 112 с.
10. Фирӯз, Баҳром. Муаллими сахтгир / Баҳром Фирӯз. – Душанбе: Адиб, 2007. – 126 с.
11. Фирӯз, Баҳром. Ҳақиқати талх. Ҳикояҳо / Баҳром Фирӯз. – Душанбе: Ирфон, 1981. –288 с.
12. Фирӯз, Баҳром. Тору пуд: Повест ва ҳикояҳо. (Барои бачагони синни миёна ва калони мактабӣ) / Баҳром Фирӯз. – Душанбе: Маориф, 1985. – 208 с.
13. Шералӣ, Лоиқ. Куллиёт. Ҷилди 1. Ашъор / Лоиқ Шералӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. - 560 с.

ЗАБОН ВА САБКИ БАЁНИ ҲИКОЯИ КӮДАКОНАИ ТОҶИК

Мақолаи мазкур ба баррасии забон ва сабки баёни ҳикояҳои кӯдаконаи тоҷик бахшида шудааст. Забони ҳикояҳои кӯдаконаи адабиёти тоҷик аз назари ибораю ҷумлаорӣ, корбурди вожаю таъбирот ва таркиботи нодир, зарбулмасалу мақол ва санъатҳои бадеӣ яксон нест. Муаллифи мақола қайд менамояд, ки адибони мо дар корбурди аносири луғавию грамматикӣ синну соли кӯдаконро ба инобат гирифтаанд.

Масалан, ҳикояҳое, ки барои бачагони синни томактабӣ ва хурди мактабӣ эҷод шудаанд, танҳо аз нақли сужети кӯтоҳ ва муколамаҳои хурд иборатанд. Инчунин муаллиф ишорат менамояд, ки нависандагон бо ёрии ҳикояҳои хурд ба кӯдакону наврасон моҳияти панду зарбулмасалҳои халқиро меомӯзониданд. Ҳатто нависандагон барои ҳамин ҳам номи пурра ё ҷузъе аз номи ҳикояҳояшонро аз мақолу зарбулмасал, аз таркиби он мегиранд. Тарҳи чунин ҳикояҳо собит мекунад, ки матни пурраи онҳо ба сифати шарҳу тафсири мақолу зарбулмасал хидмат кардааст ва дар навбати худ мақолу зарбулмасал ҳам барои кушода додани мақсади асосии муаллиф нақш бозидаанд. Муаллиф аз баррасии масоили вобаста ба забон ва сабки ҳикояҳои кӯдакона ба чунин хулоса омадааст, ки нависандагон дар нигориш ба душворбаёнӣ роҳ надодаанд. Воқеаю рӯйдодҳои маълуму мафҳум тасвир ёфта, ҳар як адиб ба равиши хосси эҷодӣ кӯшиш намудааст, ки унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии забони адабии ҳозираи тоҷик, зарбулмасалу мақолҳо, таъбирҳои халқӣ, калимаҳои нодири маҳфуз дар шеваю лаҳҷаҳо ва санъатҳои бадеиро устодона ба кор барад.

Калидвожаҳо: ҳикоя, нависанда, калима, таркиб, таъбирот, вожа, мақолҳои халқӣ, зарбулмасал, сабки нигориш, санъатҳои бадеӣ.

ЯЗЫК И СТИЛЬ ИЗЛОЖЕНИЯ ТАДЖИКСКИХ ТАДЖИКСКИХ ДЕТСКИХ РАССКАЗОВ

Данная статья посвящена рассмотрению языка и стиля изложения таджикских детских рассказов. Язык детских рассказов таджикской литературы неоднозначен с точки зрения словосочетаний, построения предложений, использования слов и интерпретаций, уникального состава, пословиц и поговорок и художественных приёмов . Автор статьи отмечает, что наши литераторы при использовании словарных и грамматических элементов берут во внимание возраст детей.Например, рассказы написанные для детей дошкольного и младшего школьного возраста, состоят только из рассказа краткого сюжета и коротких бесед. Также автор указывает ,что писатели с помощью коротких рассказов прививают детям и подросткам значение народных пословиц и поговорок. Для этого писатели даже полное название или часть названия берут из пословиц и поговорок, или из его состава. Основа таких рассказов доказывает, что полный их текст служит в качестве толкования или комментария значения пословиц и поговорок, а пословицы и поговорки в свою очередь служат для раскрытия основной цели писателя. Автор при рассмотрении проблем относительно языка и стиля изложения детских рассказов пришел к такому выводу, о том, что писатели не допустили сложного изложения в своих сочинениях. События и приключения в рассказах изображены на понятном десткому мировоззрению языке и каждый писатель постарался мастерски изображать словарные и морфологические элементы современного таджикского языка, пословицы и поговорки, народные толкования, редкие слова в говорах и наречиях, а также художественные приёмы.

Ключевые слова: рассказ, писатель, слово, состав, интерпретация, народные пословицы и поговорки, стиль изложения, художентвенные приёмы.

LANGUAGE AND STYLING OF TAJIK TAJIK CHILDREN'S STORIES

This article is devoted to the consideration of the language and style of presentation of Tajik children's stories. The language of children's stories of Tajik literature is ambiguous in terms of phrases, constructing sentences, using words and interpretations, unique composition, proverbs and sayings and artistic techniques. The author of the article notes that when using vocabulary and grammar elements, our writers take into account the age of children. For example, stories written for children of preschool and primary school age consist only of a short story and short conversations. The author also indicates that writers, using short stories, instill in children and adolescents the meaning of folk proverbs and sayings. For this, the writers even take the full name or part of the name from proverbs and sayings, or from its composition. The basis of such stories proves that their full text serves as an interpretation or commentary on the meaning of proverbs and sayings, and proverbs and sayings in turn serve to reveal the main purpose of the writer. The author, when considering problems regarding the language and style of presenting children's stories, came to the conclusion that the writers did not allow a complex presentation in their writings. Events and adventures in the stories are depicted in a language that is understandable to a childish worldview, and each writer tried to masterfully depict the vocabulary and morphological elements of the modern Tajik language, proverbs and sayings, folk interpretations, rare words in dialects and dialects, as well as artistic techniques.

Keywords: story, writer, word, composition, interpretation, folk proverbs and sayings, presentation style, artistic techniques.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Турсунова Моҳира Ҳалимовна*** – Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, декани факултети таъриху филология. **Суроға:** **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, х. Мавлонбеков 1.. Тел.: **(+992) 92-765-01-08**

Сведения об авторе: ***Турсунова Мохира Халимовна*** **–** Педагогический колледж Худжандского государственного университета им. Б.Гафурова, кандидат филологических наук, декан факультета истории и филологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1.. Тел.: **(+992) 92-765-01-08**

Information about the author: ***Tursunova Mohira Halimovna*** **-** Pedagogical College of Khujand State University named after B. Gafurova, candidate of philological sciences, dean of the faculty of history and philology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlyanbekova 1.Тел.: **(+992) 92-765-01-08**

УДК: 491.550

ВИЖАГИҲОИ ИФОДАИ ХУШОҲАНГӢ ДАР АШЪОРИ ШОИРОНИ САБКИ ХУРОСОНӢ

Муртозоев Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Асоси барӯмандию арзиши бузурги илмӣ-таърихии миллати тоҷик дар баробари дигар арзишҳои оламшумули ӯ ба бузургии осори адабӣ ва адибони барҷастаи он низ вобастааст, ки таҳлилу таҳқиқи ин ёдгории бегазанд вазифаи муҳимми аҳли илму таҳқиқ ба шумор меравад.

Рушди имрӯзаи илми ҷаҳонӣ ва равандҳои бемайлони ҷаҳонишавӣ боиси он грдидааст, ки алоқамандию

Аз таърихи адабиёти тоҷику форс маълум аст, ки осори манзуми он, асосан, дар чаҳор услуби шеърӣ, бавижа, дар қолаби чаҳор сабки адабӣ-хуросонӣ, ироқӣ, ҳиндӣ ва бозгашт эҷод шуда, то замони мо омада расидааст.

Сабки хуросонӣ яке аз нахустин сабкҳои адабиест, ки дар минтақаи Хуросон ба миён омада, аз охири асри IX то охири асри XI вуҷуд доштаст. Вижагии асосии ин сабк дар он зоҳир мегардад, ки осори дар асоси сабки хуросонӣ таълифшуда хеле сода буда, далели он аст, ки аксари шоирон барои ба фаҳми мардум наздик будани ашъори худ кӯшиш кардаанд. Агар бо назари таҳлил ба вижагиҳои забонии ин сабк нигоҳ кунем, дармеёбем, ки он ба анҷоми ташаккулёбии забони адабии тоҷикӣ мусоидат кардааст. Намояндагони барҷастаи ин сабк, ки қариб дар ҳамаи қолабҳои шеърӣ – фард, байт, рубоӣ, дубайтӣ, қитъа, ғазал ва маснавӣ шеър эҷод кардаанд, Рӯдакӣ Дақиқӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ ва умуман ҳамаи шоироне, ки аз охири асри IX то охири асри XI эҷод кардаанд, ба шумор мераванд.

Дар асрҳои баъдина, ки сабкҳои ироқӣ, ҳиндӣ ва бозгашт маъмул шуда буд, боз шоироне низ буданд, ки эҷодиёташон услубан хуросонӣ буд ва ё дар ду сабк эҷод кардаанд. Тибқи таҳлил мо ба натиҷае расидем, ки шумораи шоироне, ки намунаи осорашон дар китоби “Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ” (Душанбе: “Адиб”, 2007.- 480 с.) оварда шудааст, 61 нафар мебошад.

Барои он ки вижагиҳои забонии ашъори шоирони ин сабк муайян карда шавад, пеш аз ҳама, зарур аст, ки хусусиятҳои савтии забони ашъори шоирони ин сабк ё ҳамин марҳилаи таърихӣ мавриди паӯҳиш қарор дода шавад. Зеро, мавҷудияти воҳидҳои забон ва бунёду асоси онро овозҳо ташкил медиҳанд. Илме, ки доир ба овошиносӣ машғул аст, онро фонетика ё савтиёт меноманд. Ба дигар маъно, фонетика ин илм дар бораи сохтмони овозии забон аст.

Сохтори овозии инсон яке аз масоили муҳимми ин илм ба шумор меравад. Доир ба ин масъала дар тамоми осори илмии муҳаққиқони савтшинос маълумоти боарзише дода шудааст. Овозҳои нутқ ё ба истилоҳ фонемаҳои забони тоҷикӣ ҳамзамон бо таърихи забон рушд карда, вобаста ба вазъиятҳои иҷтимоию лингвистӣ то андозае ба тағйирот низ дучор шудаанд. Дар таҳқиқоти хеш муҳаққиқони забоншинос Л. В. Зубова дар китоби “Язык поэзии Марины Цветаевой (Фонетика, словообразование, фразеология)”, Е. Г. Сомова дар китоби “Звуковая метафора в поэтическом тексте”, О. Г. Ревизина дар мақолаи “Языковой знак в поэтическом тексте” ва дигарон баҳсҳои муфассали илмӣ намуда, мавқеи воҳидҳои фонетикиро дар ташаккули забони осори манзум мавриди баҳсу баррасӣ қарор додаанд. Гузашта аз ин, Ферденант де Сосюр ва А. П. Журавлевро ном бурдан метавон, ки дар бораи илми савтиёт ва алоқаи овозу маъно назарияҳои худро пешкаш намудаанд. Аз олимони тоҷик, асосан, профессор Т. Н. Хаскашев доир ба илми савтиёт машғул гардида, паҳлуҳои гуногуни савтиёти забони тоҷикиро нишон додааст [12, с.200].

Ба андешаи М. Саломов, агар ба таърихи омӯзиши хусусиятҳои савтии забони тоҷикӣ назар кунем, маълум мешавад, ки ин илм “дар марҳилаҳои аввали инкишофи таърихи забони адабии тоҷикӣ ба хотири ба низом даровардани талаботҳои илми арӯз ба вуҷуд

омада буд ва дар ҳамин замина баъзе хусусиятҳои савтии забон чун садоноку ҳамсадо, дарозию кӯтоҳии садонокҳо, ҳиҷо бо хусусиятҳояш, мутаносибии ҳиҷоҳо дар байтҳо, лаҳн ва ғайра дар низоми илми арӯз мавқеи махсус пайдо кардаанд” [ниг. М. Саломов 2007, с. 47].

Системаи фонемаҳои ҳар як забон ба ду гурӯҳи калон - садонокҳо ва ҳамсадоҳо ҷудо мешаванд. Дар мавриди теъдоди ҳамсадоҳо дар байни муҳаққиқони овошинос баҳсҳо камтар ба назар расад ҳам, доир ба муайян кардани шумораи садонокҳо андешаҳои гуногун ва мухталиф ба назар мерасад. Ҳамин масъала доир ба низоми садонокҳои забони тоҷикӣ то имрӯз мавҷуд аст. Масалан, Лутфулло Бузургзода дар мавриде садонокҳои забони тоҷикиро аз ҳашт фонема - и, й, у, ӯ, у, о, а,э иборат дониста бошад, боз дар дигар маврид Л. Бузургзода ва Б. Ниёзмуҳаммедов миқдори садонокҳоро ҳафт фонема – и, й, у, ӯ, о, а, э нишон додаанд, В.С. Расторгуева шаш фонема-и, у, ӯ, о, а, э-ро ба рӯйхати садонокҳои забони тоҷикӣ дохил намудааст. Т.Н. Хаскашев бошад, дар китоби “Фонетикаи забони адабии тоҷикӣ” оид ба хусусиятҳои забонӣ ва воҳидҳои фанни фонетика, умуман ҳамаи нозукият ва қоидоти фонетикаи забони тоҷикӣ маълумоти арзишманду боэътимодро зикр кардааст.

Мувофиқи нишондоди олимон, илми арӯз бо илми савтиёт алоқаи ҷудонопазир дорад. Зеро арӯз ин қоидаву тартиботи шеъргӯӣ буда, варианти хаттии он тавассути фонема-ҳарфҳо сурат мегирад. Дар забони шеър вобаста ба талаботи илми арӯз вазифаи асосиро садонокҳо иҷро мекунанд, таъкид мекунад М. Саломов. Аммо ҷолиб ин аст, ки муҳаққиқони шеъри арӯзи тоҷикӣ Х. Шарифов ва У. Тоиров дар китоби “Назмшиносӣ” аз таърихи арӯзи тоҷикӣ ёдовар шуда, вобаста ба вижагиҳои овозии шеър меъёр ва андозаҳои ҳиҷосозиро муайян кардаанд, ки минбаъд чун қонуни сохтории фонетикии шеър мавриди истифодаи шоирон қарор гирифтааст. Онҳо вобаста ба вижагии алифбои имрӯза теъдоди садонокҳоро дар арӯз нисбат ба низоми савтии забони тоҷикӣ бештар нишон додаанд. “Таркиби ҳиҷоҳои шеъри арӯзиро дувоздаҳ овози садонок (а, и, у, о, ӯ, э, ӣ, у, е,ё,ю, я) ва бисту чаҳор овози ҳамсадо (б, в, г, ғ, д, ж, з, й, к, қ, л, м, н, п, р, с, т, ф, х, ҳ, ч, ҷ, ш, ъ) ташкил медиҳанд” [15, с.38]. Аз ин нишондод маълум шавад, ки дар илми арӯз баръакси қоидаҳои фонетикаи меъёрии забони тоҷикӣ ҳарфҳои ётбарсарро низ ба гурӯҳи садонокҳо дохил кардаанд.

Ногуфта намонад, ки дар фонетикаи забони адабии тоҷикӣ ва илми арӯзи тоҷик на фақат дар мавзӯи садонокҳо, балки оид ба ҳамсадоҳо ва миқдору хусусият, мавқеъ ва саҳми онҳо дар сохтани калима, ҳиҷо ва оҳангнокию мутаассирии каломи мавзун муҳаққиқон баҳсҳои зиёде карда бошанд ҳам, аммо он таҳқиқотҳо ба ин соҳаи забоншиносӣ ҳоло каманд.

Дар шеър ҳамаи аломат-овозҳо нақши муҳимму ҷолибе доранд. “Ҳатто аввалин овоз ё фонемае, ки дар оғози калимаи ин ё он шеър ифода ёфтааст, дар ҷалби таваҷҷуҳи хонандаю шунаванда ва ифодаи маъно нақши муҳим мебозад” [Саломов 2017, с. 52].

Чунонки болотар гуфтем, илми арӯз бо илми савтиёт алоқаи хеле наздик дорад, то ба ҳадде ки бе иштироки яке дигареро тасаввур кардан нашояд. Аз сабаби ҳамин қаробат ва талаботу мизонҳои ин ду фан дар осори манзуми сабки хуросонӣ баъзе вижагиҳои савтӣ, аз қабили ҳодисаи аллитератсия, имола, мутобиқат, мувофиқат, монандшавӣ, тахфиф, афзоиш, коҳиш, ҷойивазкунӣ, бадалшавӣ ва хусусиятҳои фоносемантикии баъзе ҳарфҳои хаттии арабии тоҷикӣ баринҳоро зикр намудан мумкин аст.

Яке аз вижагиҳои асосии услуби нутқи шифоҳию хаттии шоирон, ки ҳанӯз аз замонҳои пешин маъмул буда, то ба имрӯзҳо идома дорад, аллитератсия мебошад. Аллитератсия, ки маънои нағмаи ҳуруф, такрори ҳарфро ифода мекунад, дар назм ҳодисаест, ки дар як мисраъ, байт ё ғазале шоир як ҳарф-ҳамсадоро чандин маротиба такрор менамояд, ки он хушоҳангии сухани гуфташударо адо карда тавонад. Бино бар нишондоди забоншиносон, доир ба мафҳуми аллитератсия дар забони шеъри тоҷикӣ ҳарчанд Р. Мусулмониён барин муҳаққиқон андешаҳои худро иброз намуда бошанд ҳам, аммо то ҳол ин мафҳум ба таври васеъ шарҳи худро наёфтааст.

Азбаски овозҳои ҳамсадо дар бунёди калимаҳо ҳамчун фонемаҳои калимасоз бештар нақш доранд, иштироки онҳо низ дар ҳдисаи аллитератсия бештар ба назар мерасад. Ҳамчунин фонемаҳои садонок дорои вижагиҳои сифатие мебошанд, ки ин навъ хусусият дар фонемаҳои садонок дида намешавад. Масалан, ҷарангнокию беҷарангӣ хосси ҳамсадоҳо буда, аз ҷиҳати талаффуз аз садонокҳо фарқ мекунанд. Бинобар ин, ҳодисаи аллитератсия низ бештар тавассути чунин анвои садонокҳо ифода меёбад.

Назарияи ифодаи аллитератсия аз ҷониби О.В. Фомушкина ба таври хеле густарда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ӯ дар таққиқоти худ доир ба ин мафҳум чунин мегӯяд: “Аллитератсияро ҳамчун зуҳуроти бо семантика алоқаманд баррасӣ бояд кард. Муносибати овозӣ-маъноӣ зимни истифодаи аллтератсияро метавон ҳамчун шарти асосии ифодаи он номид. Дар ин сурат истифодаи аллитератсия метавонад ё корелиятсияи мустақими байни овози нутқ, аз ҷумла нутқи хаттӣ ва овозҳои муҳити атроф (дар ин сурат метавон дар бораи механизми тақлидиовозии аллитратсия сухан гуфт), ё ин ки мансубияти ассотсиятивӣ (таъсирбахшӣ)-и овози нутқ бо ягон тимсоли равонӣ дар шуури шунаванда ва хонанда ба амал ояд” [11, с.6].

Дар ин росто, метавон ба натиҷае расид, ки дар забони шеър чун аллитератсия такрори ҳуруф дар як мисраъ ё байт аст, пас ин ҳодисаро метавонад дилхоҳ ҳамсадое адо намояд. Яъне, ҳарф барои ба вуҷуд овардани ҳодисаи аллитератсия озод аст.

Мисолҳои гирдоварда далели онанд, ки ба таври такрор овардани ҳамсадоҳои якхела ва ё ҳаммахраҷ дар нутқ ду ҷанбаи муассирӣ дорад. Як навъи такрор, ки боиси душвории талаффуз мегардад, онро танофури ҳуруф ва гурӯҳи дигар, ки боиси хушоҳангӣ дар нутқ мегардад, онро аллитератсия (занги ҳуруф) ё ифодаи хушоҳангӣ меноманд.

Мо тасмим гирифтем, ки дар ин мақола бештар доир ба хушоҳангии ҳуруф дар ашъори шоирони сабки хуросонӣ баҳс намуда, мавқеъ ва вижагиҳои ифодаи онҳоро таҳлил намоем.

Аллитератсияи забонӣ дар осори шоирони сабки хуросонӣ хеле бисёр дида мешавад, ки ин аз хушоҳангии осори онҳо хабар медиҳад. Ҳатто дар як байт шеъре, ки ба Баҳроми Гӯр нисбат дода мешавад ин ҳодисаи савтӣ-нағмаи ҳуруфро мушоҳида карда метавонем, ки дар ҳамсадои **м** ба вуҷуд омадааст:

Мана**м** он пили да**м**ону **м**ана**м** он шери яла,
Но**м** Баҳро**м** **м**арову падара**м** Бӯҷабала.

Ҳамсадои “б”

Туро саломат **б**од, эй гули **б**аҳору **б**иҳишт,
Ки сӯи қиблаи рӯят намоз хонандӣ [16, Шаҳиди Балхӣ, с.61].

Ин ҳодисаро гоҳо дар такрори як калима ва калимаҳои ҳамгун низ дидан мумкин аст ва ҳамчунон на як ҳамсадо, балки якчанд ҳамсадо дар як байт ба аллитератсия меояд, ки шоирон онҳоро барои хушоҳангӣ истифода кардаанд, масалан, ҳамсадоҳои *д, с, т, р, м* дар байти зерин:

Аз **с**ад ҳазо**р** **д**ӯ**ст** яке **д**ӯ**ст** **д**ӯ**ст** не
В-аз **с**ад ҳазо**р** **м**а**рд** яке **м**а**рд** **м**а**рд** не [16, Шокири Бухороӣ, с.86].

Ва ё ҳамсадоҳои *м, г, р* дар ин байт:

Мага**р** чаш**м**и **М**аҷ**н**у**н** ба абр а**н**да**р** аст,
Ки гул **р**анги **р**ухсо**р**и Лайло **г**и**р**ифт [16, Робиаи Балхӣ, с.114].

Ҳамсадои “ҳ”:

Майи софӣ биёр, эй бут, ки софист,
Ҷаҳон аз моҳ то он ҷо, ки моҳист [16, Дақиқӣ, с.331].

Ҳамсадои “п”:

Маро ғармҷобе би**п**ухтӣ ба **п**ай,
Ба **п**ай гар би**п**ухтӣ, туӣ рӯса**п**ӣ [16, Хуҷистаи Сарахсӣ, с.360].

Ҳамсадои “ш”:

Эдун ба мавқиъе ба мудорои рӯзгор,.
К-аз не**ш** нӯ**ш** маккиву аз мода**ш**ер **ш**ир [16, Ибни Фазли Чағонӣ, с.366].

Ҳамин тавр, аз ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ бисёр байтҳоро овардан мумкин аст, ки ба ҳодисаи аллитератсия намуна шуда метавонанд. Аммо дар ин маврид аллитератсияро аз ассонанс фарқ карда, ба овозҳои алифбои тоҷикии арабиасос, ки ҳарфҳои *сод, син, се*-ро дар алифбои кириллиасоси тоҷикии имрӯза танҳо бо як фонемаи “с” ва ҳарфҳои “з”, “т” низ чунинанд, ки дар алифбои классикӣ бо як чанд шакл китобат шуда, талаффузашон ҳам то андозае бо иштироки узвҳои садобароранда аз ҳам фарқ доштанд, ба инобат бояд гирифт.

Хулоса, аз таҳлили аллитератсия ба ҳайси яке аз ҳодисаҳои савтии забони осори манзуми сабки хуросонӣ ба ин натиҷае расидан мумкин аст, ки вожаҳое, ки дар таркиби овозии онҳо ҳарфҳои ҳамгун ё ҳаммахраҷ ба назар мерасад, дар баробари ҷалби таваҷҷуҳи хонанда ва ё шунаванда вазифаи муҳимми ифодаи маъноиро низ бар дӯш доранд, зеро ҳадафи ҳар як шоир аз истифодаи ҳодисаҳои гуногуни савтӣ ва воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ ба хонанда ё шунаванда расонидани маънои калима, ибора ва ҷумла мебошад. Дар ин раванд саҳми шоирони нахустин сабки эҷодии адабиёти тоҷику форс хеле бузург аст, зеро онҳо на фақат шеърияту адабиёти ахлоқиву бадеиамонро баланд бардоштанд, балки забони миллии тоҷикиро серҷило намуда, таркиби луғавиашро дар тӯли асрҳои зиёд ғанию сарватманд гардонидаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ (таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз Худоӣ Шарифов ва Абдушукур Абдусатторов). – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.
2. Балаш, М.А. О роли звуковой организации поэтического текста в его понимании (на материале стихотворения А. Ахматовой) / М.А. Балаш // Текст: структура и функционирования. – Барнаул: Из–во Алт. ун–та, 1994. – С.28–42.
3. Балаш, М.А. Фоносемантическая структура текста как фактор его понимания. Экспрементальное исследование: автореф. дис… канд. филол. наук: 10.02.19 / М.А. Балаш. – Горно–Алтайск, 1999. – 21 с.
4. Журавлев, А.П. Фонетическое значение / А.П. Журавлев. – Л.: ЛГУ, 1974. – 159 с.
5. Қосимова, М.Н. Мухтасар оид ба истилоҳоти забоншиносии пешин / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. – 113 с.
6. Қосимова, М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (ҷилди 1) / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. – 490 с.
7. Мусулмониён, Р. Ду нишони шеъри олӣ / Р. Мусулмониён // Порсии дарӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1373. – С.143–149.
8. Насируддини Тусӣ. Меъёр–ул–ашъор (таҳияи У. Тоиров ва дигарон) / Тусӣ, Насируддин. – Душанбе: Ориёно, 1992. – 152 с.
9. Соссюр, Ф. Труды по языкознанию / Ф. Соссюр. – М., 1977. – 695 с.
10. Урватуллои Тоир. Таҳқиқ ва таълими арӯз / Тоир, Урватулло. - Душанбе, 1995. – 194 с.
11. Фомушкина, О.В. Аллитерация как композиционный прием в поэтическом тексте: дис…канд. фил. наук: 10.02.19 / О.В. Фомушкина. – М:, 2013. - 191 с.
12. Хаскашев, Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик / Т.Н. Хаскашев. – Душанбе: Маориф, 1989. - 407 с.
13. Хаскашев, Т.Н. Становление и развитие нормы таджикского литературного произношения / Т.Н. Хаскашев. – Душанбе: Ирфон, 2001.
14. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор [таҳияи У. Назир ва Д. Хоҷа] / Нисорӣ, Хоҷа Ҳасан. – Душанбе: Шарқи озод, 1998. – 116 с.
15. Шарифов, Х. Назмшиносӣ / Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ҳумо, 2005. – 384 с.
16. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. - 480 с.

ВИЖАГИҲОИ ИФОДАИ ХУШОҲАНГӢ ДАР АШЪОРИ ШОИРОНИ САБКИ ХУРОСОНӢ

Сабки хуросонӣ яке аз аввалин сабкҳоест, ки ашъори нахустин шоирони адабиёти классикии форсу тоҷик тавассути он ифода ёфтааст. Ин сабк дорои хусусиятҳои ҷолиби забонию адабӣ мебошад. Ҳангоми таҳлилу таҳқиқ маълум мегардад, ки ашъори шоирони ин сабк аз нигоҳи забонӣ ва фарогирии воҳидҳои забон хеле сода ба назар мерасад, вале ифодаи баён ва маъно то андозае душвор буда, шарҳу тавзеҳро тақозо менамояд. Муҳаққиқони минбаъдаи сабкшиносӣ ба натиҷае расидаанд, ки бо ин сабк шеър гуфтан хеле мушкил аст, зеро бо вуҷуди сода будани сохтораш ифодаи баёни матлаб маҳорати баланди эҷодӣ ва донистани вижагиҳои луғавию грамматикии хосро тақозо менамояд. Яке аз чунин вижагиҳои сабки мазкур низоми фонетикии он ба шумор меравад. Замони ташаккулёбии сабки хуросонӣ дар сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон ба замони анҷоми ташаккулёбии забони адабии тоҷикӣ рост меояд. Дар мақолаи мазкур дар ҳамин замина баъзе вижагиҳои фонетикии забони ашъори шоирони ин сабк ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Забони тоҷикӣ бо вижагиҳои фонетикии худ барои ҳар як адиб барои ифодаи ҷаззобу дилкаш заминаҳои мусоидеро фароҳам сохта метавонад. Маҳз тавассути системаи фонетикии забон ва ҳодисаҳои фонетикӣ забони шеър бо асосҳои шеъри арӯзӣ робитаю алоқамандӣ пайдо мекунад. Дар рафти

таҳқиқ маълум карда шуд, ки низоми садонокҳои забони тоҷикӣ дар муқоиса бо арӯз фарқ доштааст, яъне муҳаққиқони арӯзшинос шумораи садонокҳоро 12-то гуфтаанд, ҳол он ки ин теъдод дар таърихи забони адабии тоҷикӣ ҳамагӣ 8-то муайян карда шудааст. Аллитератсия ба ҳайси категорияи ҳодисаи фонетикӣ хосси забони шеър буда, паҳлуи дигари таҳияи мақолаи мазкурро фаро мегирад. Хушоҳангӣ яке аз вижагиҳои хосси забони шоирони сабки хуросонӣ аст, ки инро ба истилоҳ аллитератсия меноманд ва он барои ҷолиб гардидани ифодаи баён хизмат менамояд.

Калидвожаҳо: забон, сабк, калима, шеър, арӯз, садонок, ҳамсадо, фонетика, ҳодисаҳои фонетикӣ, аллитератсия.

ОСОБЕННОСТИ ВЫРАЖЕНИЯ БЛАГОЗВУЧНОСТИ В ПОЭЗИИ ПОЭТОВ ХОРАСАНСКОГО СТИЛЯ

Хорасанский стиль является одним из первых стилей, посредством которого сичинялись первые стихи поэтов классической таджикско-персидской литературы.Данный стиль имеет особые языковые и художественные качества. При анализе и исследовании выясняется, что поэзия поэтов использующих данный стиль с языковой точки зрения и охватом языковых единиц кажется несложным,но выражение поэтической речи и значения в какой-то мере сложная и требует разъяснения. Последующие исследователи стилистики пришли к такому выводу, что сочинение стихов с использованием данного стиля очень сложно, так как несмотря на несложность стуктуры, выражение своей мыслии требует от поэтов высокого творческого мастерства и знания словарно-грамматических особенностей. Одним из таких особенностей данного стиля считается его фонетическая система. Период формирования хорасанского стиля в литературных кругах Маверранахра и Хорасана приходится на период формирования таджикского литературного языка. В данной статье на этой основе подвергуты рассмотрению и анализу некоторые фонетические особенности языка поэзии поэтов данного стиля. Таджикский язык своими фонетическими особенностями может создать благоприятные условия для каждого поэта. Именно посредством фонетической системы языка и фонетических явлений язык поэзии приобретает связь с основами классической поэтической метрики аруз. В ходе исследования было выявлено, что система гласных таджикского языка имеет различия в сравнении с арузом, то есть исследователи аруза определили 12 гласных, тогда как данная цифра в литературном таджикском языке составляет 8 гласных.

Ключевые слова: язык, стиль, слово, стих, аруз, гласный, согласный, фонетика, фонетические яления, аллитератсия.

FEATURES OF EXPRESSION OF ACCELERATION IN POETRY OF POETS OF THE KHORASAN STYLE

The Khorasan style is one of the first styles through which the first poems of the poets of classical Tajik-Persian literature were composed. This style has special linguistic and artistic qualities. In the analysis and research, it turns out that the poetry of poets using this style from a linguistic point of view and the coverage of linguistic units seems simple, but the expression of poetic speech and meaning is somewhat complicated and requires explanation. Subsequent stylistic researchers came to the conclusion that writing poetry using this style is very difficult, because despite the simple structure, the expression of one's thought requires high creative skill and knowledge of vocabulary and grammar features from poets. One of these features of this style is its phonetic system. The period of formation of the Khorasan style in the literary circles of Maverranakhr and Khorasan falls on the period of the formation of the Tajik literary language. In this article, on this basis, some phonetic features of the poetry language of poets of this style are examined and analyzed. The Tajik language with its phonetic features can create favorable conditions for each poet. It is through the phonetic system of language and phonetic phenomena that the language of poetry acquires a connection with the foundations of the classical poetic metric of Aruz. The study revealed that the Tajik vowel system has differences compared to Aruz, that is, Aruz researchers identified 12 vowels, while this figure in the literary Tajik language is 8 vowels.

Keywords: language, style, word, verse, aruz, vowel, consonant, phonetics, phonetic phenomena, alliteratsia.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муртозоев Х.*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рудаки, 17

Сведения об авторе: ***Муртозоев Х.*** - – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

Information about the author: Murtozoev H. - - Tajik National University, Ph.D. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave.

УДК: 491.55

СОХТОР ВА ТАРКИБИ “АС-СИТТИНУ-Л-ҶОМЕЪ ЛИ-Л-ЛАТОИФИ-Л-БАСОТИН”-И ИБНИ ЗАЙДИ ТӮСӢ

Қаландаров Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мақоми тафосири куҳан дар таҳаввули қиссаҳои қуръонӣ хеле назаррас буда, ин тафосир хусусиятҳои вижаи худро доранд. Қиссаҳо дар матни Қуръон хеле кам муттасилу пайваста нақл шудаанд. Аз достонҳои мансуб ба пайғамбарон танҳо достони Юсуф (а) аст, ки дорои инсиҷоми хоссест.

“ас-Ситтину-л-ҷомеъ ли-л-латоифи-л-басотин”, тафсири сураи Юсуф (а) буда, асари арзишманди Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Зайди Тӯсӣ мебошад, ки бо кунияти Абӯбакр ва бо лақабҳои Хоҷа Имом, Тоҷуддин, Сайфунназар, Ҷамолу-л-аимма маъруф аст.

Ӯ аз донишмандони маъруфи асрҳои XI-XII мебошад, ки дар бораи ҷараёни зиндагиаш маълумоти зиёде дар даст нест. Чунончи, Муҳаммад Равшан, мусаҳҳеҳи китоби “ас-Ситину-л-ҷомеъ” мегӯяд, “кӯшиш дар роҳи шинохти Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ бесуд монд. Аз ҷустуҷӯй дар китобҳои риҷол ва табақоти муфассирон низ ном ва ёде аз вай ба даст наёмад” [7, с.319].

Оид ба ҷараёни зиндагии ӯ ҳамин қадар маълум аст, ки ӯ дар Хуросон мезистааст ва аз аҳли Тӯс ба шумор мерафтааст. Номбурда донишманде буд, ки ба давлатҳои Ироқу Озарбойҷон мусофират карда, дар ҳама шаҳрҳо бо иқболи халқ рӯ ба рӯ шудааст. Аз вай дархост мекунанд, ки дар фанни мавъиза китобе таълиф намояд, вале ӯ фурсат пайдо накардааст, то замоне, ки дар Озарбойҷон фароғате ёфтааст, тафсири сураи “Юсуф” - ро таълиф кардааст.

Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ аз уламои тавонои Шарқ буда, бо дониши фаровон ва огоҳии комил аз таърихи дину мазҳаб, фарҳангу адабиёт, фалсафа, тафсир ва тамаддуни исломӣ ба сифати як воизи хушзавқ дар нимаи асри ёздаҳ роҳи омӯзиши Қуръону тафсир ва баррасиҳои воқеъбинонаро пеш гирифта, дар ин замина бо таълифи китоби “ас-Ситину-л-ҷомеъ ли-л-латоифи-л-басотин” дар пешрафти илми тафсир ба забони форсӣ- тоҷикӣ саҳми бориз гузоштааст.

Китоби “ас-Ситтину-л-ҷомеъ ли-л-латоифи-л-басотин” – и Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ тафсири “Аҳсан-ул-қасас”, яъне сураи “Юсуф” (а) буда, муфассалтарин тафсири сураи мазкур аст. Китоби мазкурро Ибни Зайди Тӯсӣ бо забони форсӣ ва равиши сӯфиёна иншо намудааст, ки аз муқаддима ва шаст (60) фасл иборат буда, муаллиф ҳар як фасли онро бо латифа, назира, ҳикоя, мавъиза, шеър, ишорат, байт, қисса, хабар, бисот, ибора ва нукта зебу зинат додааст.

Нависанда дар шаст фасл саргузашту моҷароҳои зиндагии Юсуф(а)-ро бо ҳикоёту нукоти дилангез, қиссаю латифа ва тамсилоту ашъори зиёди дилпазир баён намудааст. Ин асар арзиши баланди адабӣ дорад.

Агар бигӯем, ки дар ин маврид тафсирҳои куҳани Қуръони Маҷид, махсусан тафсирҳои ирфонӣ аз пурбортарин сарчашмаҳо ҳастанд, муболиға нахоҳад буд. Зеро каломи илоҳӣ сарчашмаи асили аҳли ирфон буда, мардони ин маслак бо тафаккуру тааммул ва хониши ошиқонаи хеш аз чеҳраи арӯсҳои маънавии Қуръони маҷид ниқоб барандохта, бо дидори ҷамоли воқеии паёми осмонӣ нуктаҳое андӯхтаанд, ки маншаи илҳому пайравии муфассирони баъдӣ қарор гирифтааст [7, с.434].

Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ дар зимни шарҳи ҳар як ояти сураи Юсуф(а) аз 1 то 6 латифа, қисса, шеър ё абёти алоҳида, ишорат, нукта, хабар овардааст. Инчунин, муаллиф дар китоби мавриди назар 140 ҳадис зикр кардааст, ки 83 ҳадис ба забони арабӣ ва 57 ҳадис ба забони форсӣ мебошад.

«ас-Ситтину -л-ҷомеъ ли-л-латоифи-л-басотин» аз шаст фасл иборат аст. Номи китоб низ худ гӯёи бахшҳои шастгона аст. Дар ҳар фасл нигоранда нахуст ояте аз сураи «Юсуф» меоварад, сипас аз қавли Шайх-ул- Имом шаъни нузул ва муташобиҳоти онро баён мекунад ва ба шарҳу

тафсири оят мепардозад. Сипас, боз ба баёни қисса мегузарад ва баъди нақли қисмате аз он ашъори ирфонӣ ва ҳикоёти ибратбахш меорад [6, с.320].

Масалан, дар фасли шашум муаллиф дар баёни вақҳи тасмияи сураи Юсуф (а) бо номи Аҳсан-ул-қасас чунин тавзеҳ медиҳад: “Худованди азза ва ҷалла мефармояд: “Наҳну нақуссу алайка аҳсана-л-қасаси” (Сураи «Юсуф», ояти 3)

Мо бо фурӯ фиристодани ин Қуръон бар ту беҳтарин қиссаҳоро бароят қисса кардем [3, с.11].

Дар ин маврид Ибни Зайд сабаби номгузории сураро чунин тавзеҳ додааст:

“Қола-л- Имому разия-л-Лоҳу анҳу: Суммия қиссату Юсуфа аҳсанун ло лиҳусни, суратиҳи ба-л-лиҳусни сиратиҳи лианна ҳусну-с-сурати юбло таҳта-т- туроби ва ҳусну-с- сирати ябқо ало мамарри-л- аққоби” [4, с.48].

Яъне, достони ҳоли Юсуфро неку гуфт, на аз баҳри ҳусни Юсуф, балки аз баҳри сирати ӯ гуфт, чунки ҳусну зебоӣ дар таҳти туроб мепӯсад, аммо ҳусни сират дар равзанаи таърих боқӣ мемонад. Аммо ин ки гуфтем, ки сураташ некутарин суратҳо буд, аз баҳри он ки Подшоҳи олам Одамро халқ кард, ҳар чӣ дар олам ҳусну ҷамол буд, бад-ӯ хилқат кард. Пас, ниме аз он ҳусну ҷамолро ба Юсуф(а) арзонӣ дошт, боқиро дар миёни кулли халоиқ бигзошт. Ва он ки гуфтем, сираташ некутарин сиратҳо буд, аз баҳри он ки дар муқобили ҷафо вафо кард ва дар муқобили зиштӣ оштӣ кард ва дар муқобили лаимӣ каримӣ кард.

Баъдан Ибни Зайди Тӯсӣ ба зермаънии ин ояти карима ишорат карда менависад:

“Пас, Подшоҳи олам хабар дод дар ин қисса аз ҳусни сирати ӯ, на аз ҳусни сурати ӯ, то агар натавонӣ, ки сурати худро чун сурати ӯ гардонӣ, боре сирати худро тавон чун сирати ӯ гардонид”.

Инчунин, роҷеъ ба сухани Худованди азза ва ҷалла: Наҳну нақуссу алайка аҳсана-л-қасаси (2,Сураи “Юсуф”, ояти 3) назоир меорад. Ан-назоир:

Худованди азза ва ҷалла дар сураи “Ҳуд”, ояти 120 мефармояд: “Ва куллан нақусу алайка мин абнои-р-русули” (1, “Ҳуд”, ояти 120) (Ва ҳар чизеро ҳикоят мекунем бар ту аз ахбори паёғамбарон).

Худованди азза ва ҷалла дар сураи “Нисо”, ояти 164 мефармояд: “Ва русулан қад қасаснохум алайка мин қабл” (Ва чунонки фиристодем паёғамбароне, ки қиссаи эшон гуфтаем бар ту пеш аз ин).

Худованди азза ва ҷалла дар сураи “Каҳф”, ояти 13 мефармояд: “Наҳну науқуссу алайка набааҳум би-л-ҳаққи” (5, “Каҳф”, ояти 13) (Мо мехонем бар ту хабари эшонро ба ростӣ).

Худованди азза ва ҷалла дар сураи “Наҳл”, ояти 118 мефармояд: “Ва ала-л-лазина ҳоду ҳаррамно мо қасасно алайка” (Ва бар яҳуд ҳаром карда будем, он чи қисса кардем бар ту) [2, с.408].

Назоир ҷамъи назира буда, маънии мислу монандро дорад. Яъне, Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ оятҳое, ки бо оятҳои мавриди назар шабеҳ буда, муроди муфассир аз он вожаи қисса аст, ки дар ҳамаи ин оятҳо истифода шудааст.

Корбурди шеър дар тафосир бар аслу аркони фанни тафсирнависӣ пайванд мегирад. Аз ин ҷост, ки Заркашӣ, Суютӣ ва устодони дигари (аз ҷумла Ибни Зайди Тӯсӣ) ин илм шеърро чун маъхази муҳимми тафсирнависӣ ёд кардаанд [10, с.565-566]. Бинобар ин, барои гуворо сохтани қисса шеъре меорад:

Гарчи рӯю сурати Юсуф наку буд,
Хулқу табъаш хубтар аз рӯйи ӯ буд.
Хулқу хӯяш ҳамчу Юсуф барфарозад,
Ҳар киро монанди Юсуф хӯ наку буд.
Лоҷарам дар хок рӯяш чун куҳан шуд,
Достони хулқи ӯ ҳамвора нав буд.

Муфассир дар такя бар ояти мазкур насаби Юсуфро тавас-сути ҳадис баён менамояд: “Қавлуҳу алайҳи-с-салом: “Ал-карим ибну-л-карим ибну-л-карим ибну-л-карим Юсуф ибни

Яъқуб ибни Исҳоқ ибни Иброҳим” (ал-Карим яъне: Юсуф(а), ибну-л- карим яъне: Яъқуб (а) ибну-л- карим яъне: Исҳоқ (а) ибну-л- карим яъне: Иброҳим (а).

Тавре ки пештар баён кардем, Ибни Зайди Тӯсӣ дар ҳар фасл оятеро шарҳ дода, зимни тафсири он оят ахбору ҳикоёту тамсилотеро овардааст, ки шояд манбаи онҳо исроилиёт ё ахбору ривоёти бузургони ислом бошанд. Аз ҷумла, дар ояти мобаъд чор хоби Юсуф (а)-ро, ки дар синни 7, 9, 10 ва 11- солагӣ дида буд, нақл карда, инчунин номҳои ситораҳое, ки Юсуф (а) дар хоб дида буд, зикр мекунад. Номи ин ситораҳо дар Қуръони Карим зикр нашудааст, аммо дар аҳодиси Пайғамбарамон (с) зикри номи он ситораҳо мавҷуд аст. Ин масъаларо Ибни Зайди Тӯсӣ дар фасли ҳафтум ва ҳаштум қайд намуда, баён мекунад:

“Худованди азза ва ҷалла дар сураи “Юсуф”, ояти 4 мефармояд: “Из қола Юсуфу лӣ абиҳи ё абатӣ иннӣ раайту аҳада ъашара кавкабан...”. Яъне: Юсуф (а) ба падараш гуфт: Эй падар, ман ёздаҳ ситора ва офтобу маҳтобро дар хоб дидам, ки ба ман саҷда мекарданд.

Асҳоби таҳқиқ ва арбоби тадқиқро дар он хоб, ки Юсуф дид, суханҳост. Гурӯҳе гуфтанд, хоби аввалаш он буд, ки дар ҳафтсолагӣ ба хоб дид, ки ёздаҳ асо аз замин руста буд, яке кӯчак аз паси он баромад ва бол гирифт, то аз ҳама даргузашт. Пас, он ёздаҳро аз бун барканд. Ин хобро бо падар гуфт, падараш гуфт: “Ин хобро ба бародаронат магӯй” [4, с.59].

Баъдан дар миёни хоби аввалу дуюм ду сол сипарӣ шуд. Ҳангоме ки нуҳсола шуда буд, боз хоб дид, ки бо бародарон бар саҳро шуда, ҳар яке аз эшон ҳезум бастанд, Юсуф он ҳезумҳоро нигоҳ кард, ҳамаро сиёҳ дид ва они худро сафед дид. Марде биёмаду қубоне дар дӯш ниҳода, он ҳамаро бикашид ва они ӯ аз ҳама зиёдат омад. Он хоб бо падар гуфт, падараш гуфт: “Ин хобро ба бародаронат магӯй” [4, с.60].

Баъ аз ин хоб ду соли дигар рӯ ба рӯ боз хоб дид, ҳамчуноне ки муфассир баён мекунад:

Дар даҳсолагӣ ба хоб дид, ки замин мегирист ва мегуфт: “Ё асафо, ало Юсуфа”. Пас гуфт: “Туро чӣ бошад”. Гуфт: “Бад-он мегирям, ки Юсуфро бар пушти ман бикашанд ва қасди куштани ӯ кунанд, пас замин бишкофт ва ӯро дар худ паноҳ дод”. Ин хобро бо падар гуфт, падараш гуфт: “Ин хобро ба бародаронат магӯй” [4, с.60].

Бори чорум дар ёздаҳсолагӣ ба хоб дид, ки ёздаҳ ситора ва офтобу моҳ вайро саҷда карданд. Ин хобро ба падараш гуфт, падараш гуфт: “Ин хобро ба бародаронат магӯй”.

Ва гуфт ин хоб чунин буд, ки Юсуф вақти нимрӯз сар дар канори падар ниҳода хуфта буд. Яъқуб (а) назар дар офтобу рӯйи ӯ мекард ва гуфт: Надонам офтоб боҷамолтар аст, ё ин чеҳра бокамолтар аст, ин ҳангом Юсуф аз хоб бедор шуда гуфт: “Иннӣ раайта аҳада ашара кавкабан ва-ш-шамса ва-л-қамара лӣ соҷидин” (Сураи “Юсуф”, ояти 4). Юсуф падарашро гуфт: На ин чеҳра боҷамолтар аст, агар нури ин чеҳра аз нури офтоб дар майдони иноятӣ Ҳақ сабақ гирад, на рӯи худи моҳу офтоб ӯро саҷда накардӣ. Гуфт: “Ай фарзанд, чӣ мегӯй”. Гуфт: “Инни раайта аҳада ашара кавкабан” (2,Сураи “Юсуф”, ояти 4). Ва Яъқуб чун ин бишунид, ба худ биларзид, дилаш ба оташи дард бирён шуд, гунаҳош ба сони заифон шуд. Юсуф гуфт:

Ё Абатӣ, шуморо чӣ расид? Гуфт: - Ҳарчанд, ки ин хоб таъвили иззу давлат дорад, валекин аз вай бӯйи фурқату меҳнат меояд.

Баъдан Ибни Зайди Тӯсӣ масъалаҳоеро баён месозад, ки дар зимни сураи Юсуф (а) зикр нашудааст, аз ҷумла номҳои ситораҳое, ки Юсуф (а) дар хоб дида буд.

“ Қола-л- Имом разия-л-Лоҳу анҳу: Балағани ан Ҷобир ибни Абдуллоҳ анна раҷулайни мина-л-яҳуди атаё набийя алайҳи-с-салом ва қола ё Муҳаммад мо асмоу кавокиби-л-лати раоҳо Юсуф (а) фӣ-л-маноми, фа атрақа-н- набию раъсаҳу соатан сумма қола атуъмину би-л-Лоҳи ва расулиҳи лав ахбартукумо би асмоиҳо? Қола: бало ё Муҳаммад фақола ухбирукумо камо ахбарани Раббӣ Азза ва Ҷалла ва ҳия **Ҳарбо, Ториқ, Зайёл, Зулкатифайн, Қобйн, Соб, Ъамурон Масбаҳ, Филақ, Ҳаруҳ, Фаръ.** Яъне, Пайғамбар, алайҳи-с-салом, гуфт: “Хабар дод маро Ҷабраил аз Худованди азза ва ҷалла, ки ин ёздаҳ ситораро ба хоб дид, бо моҳу офтоб ӯро суҷуд карданд, номҳои эшон ин буд. (чуноне, ки дар боло номбар кардем). Он ду ҷуҳуд гуфтанд: “Ё Муҳаммад, рост гуфтӣ, бад-он Худое, ки ҷони халқ дар қабзаи қудрати Ӯст, ки дар китоби мо номи ситорагон ҳамин аст, ки ту гуфтӣ”. Пас гуфтанд: “Ҳар касе, ки аз илми ғайб хабарро

росту дақиқ диҳад, ба ҷуз Расули ҳақ касе дигар набошад”. Пас гуфтанд: “Ашҳаду ан ло Илоҳа илла-л-Лоҳу ва аннака Муҳаммада-р- расулу-л-Лоҳ” [4, с.67-68].

Агар нигоҳе ба матни ин тафсир бикунем, ки баҳрабардорӣ аз шеър бештар барои исботи муддао ва таъйиди назар сурат гирифтааст. Муаллиф дар ин гуна мавридҳо ашъореро, ки бо мавзӯъ наздику мувофиқ аст, оварда, барои муассир сохтани сухани худ аз шеър кумак гирифтааст. Байт:

Рӯйе, ки Худои осмон орояд,
Маъшуқаи наққош ба кораш н-ояд,
Ӯро, ки зи тавфиқ мадад афзояд,
Аз тарси аду рӯй бад-ӯ нанмояд.

Ибни Зайд барои пуробуранг шудани сухан боз кӯшиш намудааст, ки ин шарҳи мавзӯъ ва масъалаҳои мавриди назарро бо ақволи Ҳукамо зинат диҳад.

Ҳакиме гуфтааст: Ҳар, ки сирри худ ошкор кунад, кор бар худ душвор кунад. Аҳли таҳқиқ гуфтанд: "Изо тазойақа садрука ан сиррика фасадру ғайрика азяқ" (Чун сирри ту аз садри ту берун ояд дар садри дигарон кай монад).

Он гуна, ки қаблан баррасӣ ёфт, инчунин дар ин бахшҳо муфассир ҳикояеро аз Робиаи Адавияи Басрӣ истифода бурдааст: Дарвеше ба хонаи Робиа рафт, савол кард, гуфт: "Порае нонам бидеҳ, ки гуруснаам". Гуфт: "Дуруғ магӯй, ки гуруснагӣ сирре аз асрори Ҳақ аст, онро дар синаи мухлисе ниҳад, ки нигаҳ дорад, на дар синаи муфсиде, ки ба арзгоҳ орад".

Дар ин асар то ҷое касрати истишҳод ба шеъри форсӣ дида мешавад ва дар миёни тафсирҳои адабию ирфонии Қуръони карим дар ин замина тафсири “ас-Ситтин-ул-ҷомеъ ли-л-латоифи-л-басотин”-и Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ имтиёзи хос дорад. Муфассир дар чандин маврид аз ашъори шоирони гузашта ва муосири худ истифода намудааст. Рубоӣ:

Дар ишқ агар нигаҳ надорӣ асрор,
Аз оташи ҳичрон-т табаҳ гардад ҳол.
Аз гуфтани асрор бидидам бисёр,
Сарҳои азизи ошиқон бар сари дор.

Хулоса, тафсири “ас-Ситтину-л-ҷомеъ ли-л-латоифи-л-басотин”-и Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ аз ҷумлаи муфассалтарин тафсирҳои сураи “Юсуф” буда, муаллиф дар шаст фасл онро анҷом додааст. Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ зимни шарҳи оёт, дар баробари ахбору ривоёти бузургони ислом, ҳикоёту тамсилот ва ашъори диловезу нукоти дилчаспе овардааст, ки арзиши адабии асарро боло бурдааст. Дар ҳар фасл муаллиф роҷеъ ба моҷароҳои зиндагии Юсуф ва падару бародаронаш, иртиботи ӯ бо Зулайхо ҳикоётеро илова кардааст, ки то замони ӯ дар тафсирҳои Қуръон ва ҳатто дар китобҳои қасаси паёмбарон набуд [8]. Ба монанди се хоби Зулайхо, моҷарои Яъқуб ва канизи ӯ, вохӯрии Зулайхо ва Юсуф дар бозори Миср, қиссаи Қориа бинти Толун, фирори Зулайхо аз Юсуф ва ғайра [9]. Тафсирҳои сураи “Юсуф”, ки баъд аз ӯ таълиф шудаанд, аз ин асари Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ таъсири зиёде гирифтаанд. Ба монанди “Ҳадоиқ-ул-ҳақоиқ”-и Муниддини Воиз ва “Ҷомеъ-ус-ситтин”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ки дар асри 15 таълиф шудаанд. Ин тафсир ба гурӯҳи тафсирҳои адабӣ-ирфонӣ дохил шуда, яке аз маъхазҳои асосии достонҳои ҳамноми “Юсуф ва Зулайхо” –и Ҷомӣ ва пайравони ӯ мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. ал-Қуръон-ул- Карим би-р-расми-л- Усмонӣ. - Димишқ: Дору ғори ҳироин, бидуни таърихи нашр. - 604с.
2. Ал-Қуръон-ул- Карим ва тарҷамату маониҳи ила -л-Луғати-л- форсия. – Мадина: Маҷмаъ ал-Малик Фаҳд, 1417. - 928 с.
3. Ғаззолӣ Тӯсӣ, Аҳмад. Аҳсан-ул-қасас / Аҳмад Ғаззолӣ Тӯсӣ: тарҷумаи Афшин Соҷидӣ. – Теҳрон, 1388. – 257 с.
4. Зайди Тӯсӣ, Аҳмад ибни Муҳаммад. ас-Ситтину-л-ҷомеъ ли-л латоифи-л- басотин / Аҳмад ибни Муҳаммад Зайди Тӯсӣ; ба эҳтимоми Муҳаммад Равшан. - Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1384. - 812 с.
5. Қуръони Карим. Мутарҷим Шоҳ Валиюуллоҳи Деҳлавӣ. - Теҳрон: Эҳсон, 1385. – 630 с.
6. Муин, Муҳаммад. Нусхаи хаттии тафсири сураи Юсуф(а) дар маҷмӯаи мутааллиқ ба китобхонаи миллии Рашт / Муҳаммад Муин // Яғмо. – 1327. - №5. – С.320.

7. Муин, Муҳаммад. Моҳномаи Яғмо / Муҳаммад Муин. - соли аввал. - №7. – С. 319.
8. Насриддинов Ф. Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафсири куҳани форсӣ-тоҷикӣ / Ф.Насриддинов. - Хуҷанд: Ношир, 2012. - 576 с.
9. Низомов М. Мулоҳизаҳо дар бораи сарчашмаҳои достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Ҷомӣ / М.Низомов // Номаи Донишгоҳ (маҳаллаи илмии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров), 2015, №1 (42).- С. 62-68.
10. Низомов М. Таҳлили мундариҷаи ғоявӣ ва сохтори “Достони Духтари Бозиға”аз маснавии “Юсуф ва Зулайхо”-и Ҷомӣ / М.Низомов // Паёми Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав, 2015, № 4 (34).- С. 35 - 40.
11. Суютӣ, Ҷалолиддин. ал- Итқон фӣ улум-ил-Қуръон / Суютӣ Ҷалолиддин: тарҷумаи форсӣ ба қалами Сайидмаҳдӣ Ҳоирии Қазвинӣ.Ҷ.2.-Теҳрон: Амир Кабир,1384. - 820 с.

СОХТОР ВА ТАРКИБИ “АС-СИТТИНУ-Л-ҶОМЕЪ ЛИ-Л-ЛАТОИФИ-Л-БАСОТИН”-И ИБНИ ЗАЙДИ ТӮСӢ

Хоҷа Имом Тоҷуддин Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Зайди Тусӣ аз донишмандони маъруфи асрҳои XI-XII мебошад, ки дар бораи ҷараёни зиндагии ӯ маълумоти зиёде дар даст нест. Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ аз уламои тавонои Шарқ буда, бо дониши фаровон ва огоҳии комил аз таърихи дину мазҳаб, фарҳангу адабиёт, фалсафа, тафсир ва тамаддуни исломӣ ба сифати як олими аллома ва воизи хушзавқ роҳи таълифро ба самти Қуръону тафсир ва баррасиҳои воқеъбинона пеш гирифта, дар ин замина бо таълифи китоби “ас-Ситтину-л-ҷомеъ ли-л-латоифи-л-басотин” дар пешрафти илми тафсир ба забони форсии тоҷикӣ саҳми бориз гузоштааст. Ӯ аз донишмандони маъруфи асрҳои XI-XII мебошад, ки дар бораи ҷараёни зиндагиаш маълумоти зиёде дар даст нест. Чунончи, Муҳаммад Равшан, мусаҳҳеҳи китоби “ас-Ситину-л-ҷомеъ” мегӯяд: “кӯшиш дар роҳи шинохти Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ бесуд монд. Аз ҷустуҷуй дар китобҳои риҷол ва табақоти муфассирон низ ном ва ёде аз вай ба даст наёмад”. Оид ба ҷараёни зиндагии ӯ ҳамин қадар маълум аст, ки ӯ дар Хуросон мезистааст ва аз аҳли Тӯс ба шумор мерафтааст. Номбурда донишманде буд, ки ба давлатҳои Ироқу Озарбойҷон мусофират карда, дар ҳама шаҳрҳо бо иқболи халқ рӯ ба рӯ шудааст. Аз вай дархост мекунанд, ки дар фанни мавъиза китобе таълиф намояд, вале ӯ фурсат пайдо накардааст, то замоне, ки дар Озарбойҷон фароғате ёфтааст, тафсири сураи “Юсуф” - ро таълиф кардааст. Китоби “ас-Ситтину-л-ҷомеъ ли-л-латоифи-л-басотин” –и Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ тафсири “аҳсан-ул-қасас”, яъне сураи “Юсуф” буда, муфассалтарин тафсири сураи мазкур аст. Ин китобро, ки Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ бо забони форсӣ ва равиши сӯфиёна иншо намудааст, аз муқаддима ва шаст фасл иборат буда, муаллиф ҳар як фасли онро бо латифа, назира, ҳикоя, мавъиза, шеър, ишорат, байт, қисса, хабар, бисот, ибора ва нукта зебу зиннат додааст. Нависанда дар шаст фасл саргузашту моҷароҳои зиндагии Юсуфро бо ҳикоёту нукоти дилангез, қиссаю ҳикоёт ва тамсилоту ашъори зиёди дилпазир баён намудааст. Ин асар арзиши баланди адабӣ дорад. Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ дар зимни шарҳи ҳар як ояти сураи Юсуф (а) аз 1 то 6 латифа, қисса, шеър ё абёти алоҳида, ишорат, нукта, хабар овардааст. Инчунин, муаллиф дар китоби мавриди назар 140 ҳадис зикр кардааст, ки 83 ҳадис ба забони арабӣ ва 57 ҳадис ба забони форсӣ мебошанд.

Калидвожаҳо: Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ, Қуръон, сураи Юсуф, тафсир, сохтор, таркиб, ҳикоят, тамсил, шеър.

СТРОЕНИЕ И СОСТАВ ПРОИЗВЕДЕНИЯ ИБН ЗАЙДА ТУСИ"АС -СИТИН-АЛ-ДЖОМЕЪ ЛИ-Л-ЛАТОИФ-УЛ-БАСОТИН"

Ходжа Имам Тоджуддин Ахмад ибн Мухаммад ибн Зайд Туси является одним из выдающихся мудрецов XI-XII вв., о творчестве которого нет достаточных сведений. Ахмад ибн Мухаммад ибн Зайд Туси является одним из выдающихся ученых Востока, осведомленный своим потенциалом знаний об истории религии и вере, культуры и литературы, философии, науки о тафсире, об исламском мире, в качестве ученого-богослова и талантливого проповедника, занимался толкованием Корана и реалистическим рассмотрением познания мира, написав книгу "Ас -Ситин-ал-джомеъ ли-л-латоиф-ул-басотин", внес свой весомый вклад в дело развития науки о тафсире на персидском и таджикском языках. Он один из самых известных ученых XI-XII веков, о жизни которого имеется мало информации. Как пишет Мухаммад Равшан, автор книги «Ас-Ситин аль-Джаме», «Попытки установить личность Ахмада ибн Зейда аль-Туси были тщетными. В книгах риджолов и толкователей тоже не упоминается его имя». О его жизни известно, что он жил в Хорасане и был из Туса. Он был ученым, который путешествовал по Ираку и Азербайджану и его тепло встречали люди во всех городах. Его попросили написать книгу на тему проповеди, но у него не было возможности, пока не нашел покоя в Азербайджане и написал комментарий к Суре «Юсуф». Книга "Ас -Ситин-ал-джомеъ ли-л-латоиф-ул-басотин" Ахмада ибн Мухаммад ибн Зайда Туси - комментарии "ахсан-ул-касас", то есть суры "Юсуф", даёт подробнейший комментарий данной суры. Книга, которая Ахмадом ибн Мухаммадом ибн Зайдом Туси сочинена на персидском языке и по - суфийски, состоит из предисловия и шестидесяти разделов, которые украшены анекдотами, поэтическим подражанием, новеллами, стихами, бейтами, сведениями, фразами и мнениями. Писатель в шестидесяти разделах, рассказах, вдохновляющими словами и баснями описывал страдания и трудности жизни Юсуфа. Данное литературное произведение обладает высокой моральной ценностью. Ахмад ибн Мухаммад ибн Зайд Туси при толковании каждого отрывка из суры Юсуфа приводит из 1 до 6 анекдотов,

рассказов, отдельных стихов или двустиший. Автор также в книге изложил 140 хадисов, из которых 83 изложены на арабском языке и 57 на персидском языке.

Ключевые слова: Ахмад ибни Зайди Туси, Қуръон, сура Юсуф, толкование, структура, состав, рассказ, образ, стихотворение.

THE STRUCTURE AND CONTENT OF "AS-SITIN-AL-JOME' LI-L-LATOIF-UL-BASOTIN" OF IBNI ZAYDI TUSI

Khoja Imom Tojuddin Ahmad ibn Muhammad ibni Zaydi Tusi is one of the most famous scientists of the XI-XII centuries. There is much little information about his autobiography. Ahmad ibn Zaydi being a capable scientifist of the East who, with his excellent knowledge and absolute understanding of the history of religion, culture, literature, philosophy, interpretation and Islamic culture, engaged with interpretation of Qur'an, interpreting and studying the real as a scholar and theologian and an interesting preacher. In this regard, the writing of the book "as-Sitin-al-jome' li-l-latoif-ul-basotin"made a significant contribution to the development of the science of interpretation. He is one of the most famous scientists of the XI-XII centuries, about whose life there is little information. According to Muhammad Ravshan, author of As-Sitin al-Jame, "Attempts to establish the identity of Ahmad ibn Zeid al-Tusi were futile. In the books of the Rigols and interpreters, his name is also not mentioned". It is known about his life that he lived in Khorasan and was from Tus. He was a scientist who traveled through Iraq and Azerbaijan and was warmly welcomed by people in all cities. He was asked to write a book on the theme of the sermon, but he did not have the opportunity until he found peace in Azerbaijan and wrote a commentary on Surah Yusuf. The book "as-Sitin-al-jome' li-l-latoif-ul-basotin" of Ahmad ibni Zayd Tusi is interpretation of "ahsan – ul - kasa", notably "Yusuf" sura and is considered the most complete interpretation of present sura. Ahmad ibni Zayd Tusi has written present book in Persian language and made with Sufi direction. It consists of introduction and sixty items and author decorated each items with anecdote, poetic imitation, story, moral admonition, poem, signs, beit, tale, report, phrase and point. In the sixty items, the writer expressed the events and incident of Yusuf's life with inspiring stories, tales, novels and fable and various pleasant poetries. This work has a high literary value. While explanation of each fragments of Yusuf sura Ahmad ibni Zayd Tusi brought from 1 to 6 anecdotes, tales, poem or separate beits, signs, point and report. Also, in present book the author has noted 140 Hadiths, where 83 Hadiths are in Arabic language and 57 of them are in Persian language.

Key words: Ahmad Ibn Zaydi Tusi, Quron, Sura Jusuf, interpretation, structure,composition, the story, an image, a poem.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қаландаров Бурҳониддин*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **burhonidinq@bk.ru.** Тел.: **(+992) 917-10-17-11**

Сведения об авторе: ***Каландаров Бурхониддин*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **burhonidinq@bk.ru**. Тел.: **(+992) 917-10-17-11**

Information about the author*: Kalandarov Burhoniddin* - Tajik National University, the doctoral Ph.D Ph.D. student of the Department of History of Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **burhonidinq@bk.ru.** Tel.: **(+992) 917-10-17-11**

УДК: 891.1

ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ АДАБИЁТИ УРДУ ДАР ҶАНУБИ ҲИНДУСТОН

Саидзода В.С.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар адабиёти сермиллати мардуми Ҳиндустон адабиёт ба забони урду, ки роҳи тӯлонӣ ва мураккаберо тай намудааст, мақоми махсусро ишғол мекунад. Ин адабиёт дар асоси миллияти ҳиндустонӣ пайдо шуда, ниёз, умед ва орзуҳои халқҳои Ҳиндустонро инъикос карда, дар таъсири мутақобила ва наздикӣ бо адабиёти форсу тоҷик рушд ёфтааст. Асарҳои фанонопазири шоирони бузурги Шарқ – Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хисрав, Умари Хаём, Мавлонои Балхӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Ҷомӣ, Низомӣ ва дигарон барои бисёр наслҳои шоирони ин сарзамин, ки бо забони урду асар меофариданд, ҳамчун сарчашмаи илҳоми фаъолият қарор гирифтааст.

Фарҳанги ғанию бесобиқаи мардуми Ҳинд аз қадим аст, ки диққати ҷаҳониёнро ба худ ҷалб намуда, ба фарҳанги мардуми форсизабон низ бетаъсир набудааст.

Чун омӯзиши адабиёти форсизабони Ҳинд, ки дар замони ҳукмронии форсизабонҳо дар Ҳиндустон яке аз адабиётҳои ғанию сермаҳсули Ҳиндустон мебошад, ба мо имкон медиҳад, то аз вазъи забон, адабиёт, таърих, фарҳангу маданияти он замони таърихии мардуми Ҳинд воқиф бошем. Аз ҷониби дигар, омӯзиши адабиёти форсизабони Ҳиндустон, бешубҳа, як қисми ҷудонашавандаи адабиёти форс-тоҷик низ ба шумор меравад. Зеро ҳарчанд он адабиёти ҳиндиасос бошад ҳам, бешубҳа, рӯҳу садои тоҷикӣ дорад.

Мардуми тоҷик чун дигар халқиятҳо бо ин ё он намунаи адабӣ ва фарҳангии мардуми Ҳиндустон аз замонҳои хеле қадим шиносоиро шурӯъ намуданд ва оқибат, дар Тоҷикистон ба илми ҳиндшиносӣ замина фароҳам омад.

Дар асрҳои XIV-XVII анъанаи бағоят муҳимми адабӣ ташаккул ёфт, ки бо асарҳои назмию насрӣ адбиёти урдуро бою ғанӣ гардонд.

Як қатор омилҳои таърихӣ, сиёсӣ ва мазҳабӣ мусоидат намуданд, ки забони урду аз шимол дида, маҳз дар Дакан (самти ҷануб) ташаккулу такомули бештаре ёбад. Артиши бисёрҳазорнафараи фотеҳони мусалмон, ки қисми асосии онро мардуми таҳҷоии мавзеъҳои ҳиндунишини Панҷоб ташкил медоданд, инчунин бисёре аз мулозимон, тоҷирон, ҳунармандону донишвароне, ки аз қисми шимол муҳоҷир карда буданд, забони ҳиндавиро фаровон истифода мебурданд.

Забони дакҳинӣ дар шимоли Ҳиндустон дар асоси лаҳҷаи ҳиндустонӣ (*кҳари болӣ*)[1] ташаккул ёфтааст ва дар султонати Деҳлӣ бо номи «ҳиндавӣ» маъмул буд. Ин забон дар асоси шеваи *кҳари болӣ* пайдо шуда бошад ҳам, ғайр аз ин, дар он баъзе аломатҳои таъсири забонҳои бангару, браҷҳ, бунделӣ ва дигар лаҳҷаҳои шимоли Ҳинд дида мешуд. Забони ҳиндавӣ дар ҳукумати Баҳманидҳо, Одилшоҳон ва Қутубшоҳон, ки ба ҷануб оварда шуда буд, бар хилофи забони шимол, «дакҳинӣ», яъне «*ҷанубӣ*», «*даканӣ*» номида шуд [2, с.116].

Дар асри XIII Аловиддин Хилҷӣ пеш аз дигар ҳукмронони мусулмонон, вилоятҳо ва атрофи давлатҳои Деҳлии марказиро ба зери тасарруф дароварда, онро то ба минтақаи ҷануб бурда расонд. Дар минтақаи ҷануб ғайр аз вилояти Маҳараштра, ки бо яке аз шеваҳои забони ориёӣ гуфтугӯ мекарданд, гурӯҳи забонҳои дравидӣ амал мекарданд. Аммо аз забони ориёӣ бо куллӣ фарқияти зиёд доранд.

Бинобар ҳамин, мансабдорон, савдогарон, аскарон, сӯфиён ва дигар мардумоне, ки аз шимол дар ҷануб маскун шуда буданд ва бештар луғоти арабӣ-форсиро истифода мебурданд.

Албатта, муҳоҷирони аз минтақаи шимол омада, ҳамин забонро, ки «ҳиндӣ», ҳиндавӣ ё «забон-ул-Ҳиндустон» ё «дакҳинӣ» ном дошт, истифода мебурданд [2, с.118].

Дувумин ҳодисаи асосии таърихӣ, ки ташаккули забони урдуро дар ҷанубии Ҳиндустон ривоҷ дод, дар асри XII дар давраи ҳукмронии Муҳаммад Туғлак аст, ки пойтахтро ба шаҳри Девагирӣ (баъдан Давлатобод) оварда, аҳолиро бо он ҷо кӯчонд. Мақсад чӣ гунае набошад ҳам, лекин он дар раванди забон нақши асосиро бозид ва дар ҳамин минтақа, дар зери таъсироти ҷараёнҳои динӣ, таърихию сиёсӣ урду ҳамчун забони адабӣ ташаккул ёфт. Дохилшавии мусулмонон ба ҷануб ба он оварда расонд, ки забони форсӣ-тоҷикӣ ба Маҳараштра таъсир расонд.

Дар миёнаҳои асри XIV, вақте ҳукумати сулолаи Туғлақҳо суст шуда, рӯ ба нузул оварда буд, ҷануб аз ҳукумати марказӣ сар кашида, хусусан, сулолаи Баҳманиҳо (аслашон ҳиндуҳо) давлати мустақили худро таъсис медиҳанд, ки нисбати давлатҳои шимоли Ҳиндустон, ки таъсироти фарҳанги мардуми Эронзамин ва мардуми араб дида мешуд, пурқуваттар буданд. Агар ба муаллифи китоби таърихӣ-тадқиқотии «Таърих-ул-фариштa» (Таърих-е фариштa) назар кунем, коргузорӣ дар бахшҳои сиёсию иҷтимоии

[1] Кҳари болӣ – лаҳҷа (диалект), ки дар самти шимолу ғарбии Деҳлӣ ҳамчун забони гуфтугӯӣ паҳн шуда буд. Дар асоси он забонҳои адабии имрӯзаи ҳиндӣ ва урду ташаккул ёфтааст.

давлати баҳманиҳо бо забони дакҳинӣ (урду) сурат мегирифт. Пас, маълум мешавад, ки дар охири асри XIV забони урду рӯ ба инкишоф ниҳодааст [8, с.26].

Дар дигар ҳолат ҳам барои ташаккули забони урду сӯфиён асарҳои назмию насрӣ ва таълимоти худро ба шунавандагон бо ҳамин забон мерасониданд.

Ташаккул ва инкишофи забон ва адабиёти урдуро метавон ба якчанд давра ҷудо кард: аввалан, падидаҳои асарҳои мазмунан динӣ, ки ҳусни таваҷҷуҳаш нуктаи назари филологиро дар бар мегирад, он то охири вуҷудияти давлати Бахманиҳо идома дошт. Маълум аст, ки дар асри XV ин давлат ба панҷ қисм ҷудо шуд.

Махсусан, адабиёт ва санъат дар даврони салтанати сулолаи Одилшоҳон ва Қутубшоҳон, дар шаҳрҳои Биҷопур ва Гулқанда ба шаҳомати баланде расид. Ҳарду сулола баъдан аз тарафи сарлашкари Муғулони бузург Аврангзеб торумор карда шуданд.

Гарчанде зинаи ибтидоии адабиёти урду гузошта шуда бошад ҳам, аммо рушди воқеии он бо пурзӯршавии ҳокимигарии Биҷопур ва Гулқанда иттифоқ афтод. Дар ин давра дар шимоли Ҳиндустон адибони зиёде ба мисли Муҳаммад Ҷаясӣ, Кабир, Тулсидас, Сурдас ва дигарон, ки забони асарашон авадҳӣ ва браҷа буданд, эҷод мекарданд. Забони гуфтугӯйии *кҳари болӣ*, баъдан бо сабабҳои муайяни таърихӣ дар ҷануби Ҳиндустон паҳн гардид [11, с.27].

Рушдёбии адабиёт ва фарҳанги урду дар ҷануб вижагиҳои миллӣ дошт. Якчанд сабабҳое буданд, ки инкишофи забони урдуро дар ин минтақа муайян менамуданд. Бештар ҳукуматдорони ҷануб аз Деҳлӣ ҷудо шуда, мехостанд мустақил буда, ба марказ вобаста набошанд ва ҳукумати худро дошта бошанд.

Дигар ин ки дар замони феодализм бештари мақосид аз хости ҳокимон, хоҳишу табъи шахсии онҳо ба шоирони дарборӣ сарборӣ карда мешуд ва ба кадом намуди санъате, ки ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир менамуданд, дар байни мардум паҳн мегардид. Шоҳон аз навиштан ба забони урду низ фахр мекарданд.

Дар ҷануб барои рушду нумуи санъат шароитҳои хуб фароҳам оварда мешуданд. Нависандагон ва шоирон аз таъсири забони форсӣ-тоҷикӣ дар канор намонда бошанд ҳам, асарҳои худро ба забони модариашон менавиштанд [3, с.51].

Ҳамин тавр, дурӣ аз марказ (аз Деҳлӣ), умумияти муносибати ҳинду мусалмонон, оромӣ, фаъолияти адабии сӯфиҳо ва дигар омилҳо адабиёти урдуро дар ҷануби Ҳиндустон рӯ ба инкишоф ниҳоданд.

Пас аз бархамхӯрии давлати Баҳманиҳо дар Биҷопур, соли 1490 мустақилияти ҳокимигарӣ ба вуҷуд омад. Дар асри XVI давлати Баҳманиҳо ба якчанд хонигарӣ тақсим мешавад, ки Биҷопур ва Гулқанда низ аз ҷумлаи онҳо мебошанд, ки санъату адабиёт дар ин ду музофот бештар авҷу камол меёбад. Маҳз дар ҳамин ҷо назми урду бо номи «дакҳинӣ» рӯ ба инкишоф меоварад [11. с.34].

Ҳамин тариқ, дар тӯли асрҳои XIV-XVII маркази инкишофи адабиёти хаттӣ ба забони урду давлати мустақили ҷануби Ҳиндустон ба шумор мерафт. Вале ин чунин маъно надошт, ки он бо марказ ва анъанаҳои адабии он алоқае надошта, мустақилона инкишоф ёфта бошад. Дар ин ҷо анъанаҳои ибтидоии ташаккули адабиёти урдузабони Деҳлӣ дастгирӣ карда шуда, мактаби адабии Дакан (Дакҳан) онро чун пояи буҷаи худ истифода намуд. Аз тарафи дигар, риштаҳои равобит байни адабу фарҳанги шимолу ҷануб ҳеҷ гоҳ гусаста нашуда, балки дар шаклҳои гуногун фаъолият дошт ва ба инкишофи фарҳангу санъат, чи дар шимол ва чи дар ҷануб мусоидат кард. Нахустин адибони дузабонаи Дакҳан бештар онҳое буданд, ки фаъолияти адабиашон дар шимол ибтидо гирифта буд.

Дабистони адабии Биҷопур яке аз марказҳои адабӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ин дабистон адибону донишмандони зиёд зиндагӣ ва эҷод мекарданд, ки бо осори худ дар рушди таъриху фарҳанги адабиёти урду саҳми босазое гузоштаанд. Дар ҳар сурат ба мавриди аст, ки номҳои Нусратӣ («Гулшани ишқ»), («Таърихи Сикандарӣ»), Ҳошимӣ («Девон»-и Ҳошимӣ»), Малик Хушнуд («Ҳашт биҳишт»), Санъатӣ («Қиссаи Беназир»), Рустамӣ («Ховарнома»), Муқимӣ («Чандарбадан ва Моҳиёр») барин адибонро ёдовар шавем. Дар ин ҷо ҳатто, шоҳон ба забони урдуи он давр асарҳо меофариданд. Аз ҷумла, ин анъана дар сулолаи Одилшоҳон равшан ба чашм мерасад. Бисёре аз шоҳони сулолаи Одилшоҳон

шахсони олиму донишманд буданд ва аз гӯшаву канор олимону адибонро ба дарбор даъват мекарданд. Яке аз шоирон ва олимони ин сулола Иброҳим Одилшоҳ мебошад, ки тълифоти зиёде ба мерос гузоштааст, махсусан, «Наорас»-и ӯ («Нуҳ миҷоз») ва Алӣ Одилшоҳи II «Куллиёти Шоҳӣ» (1656-1673) дар адабиёти урду мақоми хосса доранд [5, с.46-47].

Мо ба адабиёти урдуи минтақаи ҷануб назар карда, ибтидои онро аз таҳқиқи эҷодиёти Хоҷа Банданвози Гесӯдароз, шогирди намоёни Насриддин Чароғи Деҳлавӣ, ки ӯ дар навбати худ давомдиҳандаи мактаби сӯфияи сӯфии машҳур Низзомуддин Авлиё буд, мебинем. Таърихи адабиёти урду шоир ва нависанда Хоҷа Банданвози Гесӯдарозро аввалин намояндаи дабистони адабии Дакан (Дакҳан) мешуморад.

Ҳаёти сиёсӣ ва адабие, ки дар Биҷопур вуҷуд дошт, метавон онро низ ба Гулқанда (Гулбарг) нисбат дод. Пас аз нимаи аввали асри XVI, яъне пас аз омадани сулолаи Қутубшоҳон ба сари ҳокимият, анъанаи баланд бардоштани эътибори дарбор идома дода шуд. Аз нуқтаи назари вазъи ин давраи адабиёти урду чунин бармеояд, ки охири асри XVI давраи инкишоф ва пурмаҳсули он аст, зеро дар ин давра аз шоирони мардумӣ сар карда, то ба шоҳон ба ин адабиёт шеър мегуфтанду асар меофариданд. Масалан, аз 8 шоҳи сулолали Қутубшоҳон 4-нафарашон адибони шинохта ва соҳибдевонанд. Аз ҳама намоёнтарин шоир, олим, сипаҳсолор ва саромади сиёсии ин сулола Муҳаммад Қули Қутубшоҳ мебошад [5, с.52].

Дар ин дабистон низ адибони зиёде умр ба сар мебурданд, ки дар рушди таъриху фарҳанг ва забону адабиёти урду бо осори худ саҳми босазое гузоштаанд ба мисли, Шоҳ Миронҷӣ «Шаҳодат-ул-ҳақиқат», «Марғуб-ул-қулуб» (Қалбҳои зебо); Мулло Ваҷҳӣ «Қутуб ва Муштарӣ», «Саб рас»; Ибни Нишотӣ «Пҳулбан»; Файз «Ризвоншоҳ ва Рӯҳафзо»; Ғаввосӣ «Сайфулмулук ва Бадеъулҷамол», «Тӯтинома», аз сулолаи Қутубшоҳон, шоир ва олим Муҳаммад Қули Кутубшоҳ «Куллиёт»-и Муҳаммад Қутубшоҳ ва Абдулоҳ Кутубшоҳ «Девон»-и Абдуллоҳ Кутубшоҳ ва бисёр дигар адибонро метавон ном бурд.

Яке аз шоирони машҳури ин мактаб Валии Аврангободӣ мебошад, ки бо номи «Бобои адибони урду» машҳур аст. Ашъори мунтахаби адиб якчанд маротиба нашр шудааст. Ховаршинос Гарсен де Тасен низ онро нашр намуда, ба он сарсухан навиштааст.

Эҷодиёти Валӣ исбот намуд, ки бо забони модарӣ ҳам шеърхои олӣ ва зебо навиштан мумкин аст. Чунончи:

Ai Vali, sahibi suxan ki zaban,
Bazmi ma'ni ki sham' raoshan hei [8, с.67].
Эй, Валии ширинкаломи соҳибсухан
К-аз забони ту базми маънӣ равшан аст.

Ё ин ки:

Vali Iran-o Turan mein hei mashhur,
Vatan gu us ka Gujjaratu Dakan hei [8, с.68].
Валӣ машҳур дар Эрону Тӯрон аст,
Лек ватан ӯро Гуҷаррату Дакан аст.

Шеърҳои Валӣ ба шоирони муосири Ҳиндустон ва Покистон Аҳмад Надим, Файз Аҳмад Файз, Алӣ Сардор Ҷаъфарӣ, Махдум Маҳиуддин ва дигарон намунаи эҷодиёташон буда, таъсири назаррасе ба назм ва забони адабиёти шимоли Ҳинд расонидааст.

Чун таъсироти тасаввуф дар асрҳои миёна дар адабиёти форсу тоҷик ва ҳамзамон, ба воситаи он дар урду бештар ба назар мерасад, бинобар ҳамин, адибони зиёде рӯ ба тасаввуф оварда, роҷеъ ба ин ҷараён асарҳои зиёде меофариданд. Шоҳ Миронҷӣ, яке аз аввалин адибони мутасаввуф буд, ки бо туфайли таблиғи ғояҳои тасаввуф ва бҳактӣ (якхудоӣ) ва истеъдоди фавқулодаи адабиаш унвони «Шамс-ул-ушшоқ»-ро соҳиб гаштааст. Асарҳои адибон хусусияти динӣ дошта, одатан бо сабки маъмулии муаллифони араб ва форсу тоҷик эҷод мешуданд.

Эҷодиёти адибони дабистонҳои Биҷопур ва Гулқандаро ҳоло дар тамоми марказҳои илми ҳиндушиносӣ ва эроншиносӣ, алалхусус, дар Покистон, Эрон ва Тоҷикистон амиқ

меомӯзанд. Асарҳои адибон қариб ба тамоми забонҳои ҳиндустонӣ, ба забонҳои аврупоӣ, аз ҷумла англисӣ, фаронсавӣ инчунин ба забони русӣ тарҷума шудаанд.

Ҳамин тариқ, забони дакҳинӣ ҳамчун аввалин шакли адабии ҳиндустонӣ дар Ҷануб мавриди истифода қарор гирифт ва дар он минтақа нақши забони байналмилалиро бозид. Дар рафти инкишофи сесадсолаи анъанаҳои адабӣ барои ташаккули забони адабии урду ва ҳиндӣ дар асоси лаҳҷаи *кхари болӣ* ва ё ҳиндустонӣ замина тайёр карда шуд. Адабиёти ба забони дакҳинии классикӣ эҷодшуда боиси пайдо шудани адабиёти урду дар Шимол гашт.

А Д А Б И Ё Т

1. Глебов Н.В. Адабиёти урду / Н.В. Глебов, А.С. Сухочев. – М., 1967. – 267 с.
2. Зограф Г.А. Вопросы формирования урду / Г.А. Зограф //Ученые записки ИВ АН СССР, Т. XIII. – М., 1958. – С.113-138.
3. Муҳаммад Боқир. Урдуи қадим дар Дакан ва Панҷоб / Боқир Муҳаммад. – Лоҳур, 1992. – 336 с.
4. Мухаммад Зейнулабиддин. Айин-е урду / Зейнулабиддин Мухаммад. – Карачи, 1962. – 167 с.
5. Салим Ахтар. Мухтасартарин таърихи адабиёти урду / Ахтар Салим. – Лоҳур, 1989. – 226 с.
6. Сухочев А.С. Аз достон то роман / А.С.Сухочев. – М., 1979. – 354 с.
7. Урду адаб ки таърих. – Лаҳор, 1991. - 406 с.
8. Ҳасани Қодирӣ. Достони таърихи урду / Қодирӣ Ҳасан. – Карочӣ, 1966. – 292 с.
9. Ҳусейн Муҳаммад Озод. Об-е ҳаёт / Озод Ҳусейн Муҳаммад. – Деҳлӣ, 2004. - 387 с.
10. Ҷамил Ҷолабӣ. Таърихи адабиёти урду / Ҷолабӣ Ҷамил. – Лоҳур, 1980. – 467 с.
11. Шаматов А.Н. Классический дакхини (южный хиндустани XVII в.) / А.Н. Шаматов. – М., 1974. – 245 с.
12. Эҳтишом С.Ҳ. Таърихи адабиёти урду / С.Ҳ. Эҳтишом. - М., 1961. – 321 с.

ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ АДАБИЁТИ УРДУ ДАР ҶАНУБИ ҲИНДУСТОН

Бешубҳа, васеъшавии робитаҳои фарҳангии шибаҳқораи Ҳинд ва ҳамкории наздики адабиёти урдузабон бо адабиёти дигар минтақаҳои Ҳиндустон мусоидат намуда, ба инкишофи ояндаи он таъсири самаранок расонидаанд, адабиёти урдуро аз лиҳози бадеӣ ва ғоявӣ ғанӣ гардонида, ба инкишофи ояндаи он мусоидат кардаанд. Дар мақолаи мазкур пайдоиш ва рушди забон ва адабиёти урду дар минтақаи ҷануби Ҳиндустон мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифта, муаллиф вожаҳои забони қаблии урдуро шарҳ дода, кӯшидааст бо далелҳои асосноку илмӣ заминаҳои ташаккул ва инкишофи адабиёти урдуро дар қисми ҷануби Ҳинд шарҳу тавзеҳ диҳад. Муаллиф оид ба омӯзиши забону адабиёти форсизабони Ҳинд, ки дар замони ҳукмронии форсизабонҳо дар Ҳиндустон яке аз адабиёти ғанию сермаҳсули қораи Ҳиндустон ба шумор мерафт ва имкон медиҳад, то аз вазъи забон, адабиёт, таърих ва фарҳанги мардуми Ҳинд бохабар бошем, таъсири он ба эҷодиёти адабони урдузабони Ҳинд маълумот медиҳад. Ҳамчунин, оид ба забони дакҳинӣ ҳамчун аввалин шакли адабии ҳиндустонӣ ва дар ҷануби Ҳиндустон мавриди истифода қарор гирифтан, таъсири осори адибони мактаби тасаввуфи форсу тоҷик ба адибони мактабҳои Биҷопур ва Гулқанда ва дар он минтақа нақши забони байналмилалиро бозидани он сухан рафта, дар рафти инкишофи анъанаҳои адабӣ барои ташаккули забони адабии урду замина тайёр карда шудан ва адабиёти ба забони дакҳинии классикӣ эҷодшуда боиси пайдо шудани адабиёти урду дар шимоли Ҳиндустон аз ҷониби муаллиф шарҳу тавзеҳ дода шудаанд.

Калидвожаҳо: Ҳинд, Дакҳан, Темуриёни Ҳинд, забони ҳиндавӣ, дакҳинӣ, урду, шеваҳои маҳаллӣ, осори адабӣ, иқтибосоти арабӣ-форсӣ-тоҷикӣ, мактаби адабӣ, тасаввуф, Биҷопур, Гулқанда.

ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ЛИТЕРАТУРЫ УРДУ В ЮЖНОЙ ИНДИИ

Несомненно, расширение культурных связей и тесное взаимодействие литературы на урду с литературами других регионов Индии оказали глубокое влияние на их будущее развитие; обогатили литературу урду и способствовали ее дальнейшему развитию. В этой статье исследуются происхождение и развитие языка и литературы на урду в южной части индийского субконтинента. Автор пытается с научными и обоснованными доводами анализировать существование этого языка и его официальноый статус среди других языков Индии и объяснить основы формирования и развития литературы урду на юге Индии. В статье анализируется изучение персоязычной литературы Индии, которая во времена персо-таджикского правлении на Индийском континенте являлась одной из богатейших лингвистических и культуроведческих литератур Индии и даются богатейшие сведения о языке, литературе, истории и культуре Индии, а также ее влиянии на литературное творчество коренных урдуязычных народов Индии. Подчеркивается роль языка дакхини как первого литературного индийского языка и его выступление в качестве международного языка на юге Индии и влияние литературных произведений персидско-таджикской школы на творчество литературоведов школ Биджапура и Гулканда. Автором комментируется, что в процессе развития литературных традиций литература, созданная в классическом дакхини, стала поводом для становления языка и литературы урду на Севере Индии.

Ключевые слова: Индия, Дакан, Империя Моголов, язык хиндави, дакини, урду, местные диалекты, литературные памятники, персо-арабские заимствования. литературная школа, суфизм, Биджапур, Гулканда.

BASES OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF LITERATURE URDU IN SOUTH INDIA

Undoubtedly, the expansion of cultural ties and the close interaction of literature in Urdu with the literature of other regions of India had a profound impact on its future development; enriched Urdu literature and contributed to its further development. This article explores the origin and development of the language and literature in Urdu in the southern Indian subcontinent. The author is trying, with scientific and well-grounded arguments, to analyze the existence of this language and its official status among other languages of India and explain the foundations of the formation and development of Urdu literature in southern India. The article analyzes the study of Persian-language literature of India, which during the Persian-Tajik rule in the Indian continent was one of the richest linguistic and kuditurovedicheskie literature of India and provide a wealth of information about the language, literature, history and culture of India, as well as its impact on the literary work of the indigenous Urdu-speaking peoples of India. It is emphasized on the use of the Dakhini language as the first literary Indian language and its performance as an international language in southern India, and the influence of literary works of the Persian-Tajik school on the works of literary scholars from Bijapur and Gulkand schools. The author comments that in the process of development of literary traditions, literature created in the classical Dakhini became the reason for the formation of the language and literature of Urdu in the North of India.

Key words: India, Dakan, Mughal Empire, Hindavi, Dakini, Urdu, local dialects, literary monuments, Persian-Arabic borrowings. literary schools, Sufism, Bijapur, Gulkanda.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидзода В.*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Мухаммадиев, 17/6. E-mail: **vays.saidzoda@mail.ru**. Тел.: **(+992) 939-99-60-65**

Сведения об авторе: ***Саидзода В.*** **–** Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, кандидат филологических наук, доцент кафедры филологии Юго-Восточной Азии. **Адрес**: 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **vays.saidzoda@mail.ru**. Тел.: **(+992) 939-99-60-65**

Information about the author: ***Saidzoda V.*** - Tajik State Institute of Languages named after S.Ulugzoda, Candidate of Philology science, Associate Professor, Department of Philology, Southeast Asia. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Muhammadieva, 17/6.6. E-mail: **vays.saidzoda@mail.ru**. Tel.: **(+992) 939-99-60-65**

УДК: 891.550-1:82

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА АШЪОРИ ВАТАНДӮСТОНАИ РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА

Миралиева С.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавзӯи Ватан ва ватандорӣ яке аз мавзӯъҳои таъсиргузори ҷаҳонӣ буда, дар ашъори шоирони гузашта ва муосири тоҷик низ аз ҷумлаи мавзӯъҳои асосӣ ба ҳисоб меояд. Адиберо пайдо кардан душвор аст, ки дар васфи Ватан, меҳру муҳаббат нисбат ба сарзамини аҷдодӣ ва арҷ гузоштан ба хоки муқаддас сатре ё мисрае нанигошта бошад. Дилхоҳ эҷодкор фикру ақоиди хеш, ҳиссиёту ҳаяҷон ва дарки ватандӯстии хешро ба риштаи назм ё наср кашидааст. Мавзӯи мазкур бо фарогирии оҳангҳои ватандориву соҳибватанӣ мавзӯи рақами яки адабу фарҳанги ҷаҳонӣ мебошад. Хосса дар адабиёти навини мо оғоз аз устод Айнӣ то кунун шоире набуда, ки сафҳаҳои нахустини дафтари аввали ашъораш бо ситоиши Ватан шурӯъ намешуда бошад [2, с.7].

Шеъри муосири тоҷикро шоирони номдоре муаррифӣ мекунанд, ки мавзӯи мавриди назар дар эҷодиёташон аз ҷумлаи мабоҳиси меҳварӣ буда, дар миёни онҳо яке аз чеҳраҳои дурахшонтарин Рустам Ваҳҳобзода мебошад. Рустам Ваҳҳобзода шоирест, ки қадамҳои аввалини эҷодиро дар охирҳои аҳди Шӯравӣ гузошта, вуруди рахшон ва ҳамешагии ӯ ба адабиёти тоҷик ба даврони пошхӯрии собиқ давлати Шӯравӣ, канда шудани низоми давлатдории ягона, оғози нофаҳмиҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва алангаи ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар рост меояд. Замони Истиқлолро Рустам Ваҳҳобзода ҳамчун шоири баркамол ва эҷодкори худогоҳ истиқбол гирифтааст. Вай аз ҷумлаи нахустин шоиронест, ки тақдири хешро бо тақдири таърихии Ватан бахшида, дар ситоиши дастовардҳои

Тоҷикистони соҳибистиқлол шеърҳо суруда, оид ба муқаддасоти миллӣ ҳам аз роҳи шеър ва ҳам аз тариқи нигоштани наср андешаҳои созандаи худро ироа кардааст.

Махсусияти муҳимми коргоҳи эҷодии Рустам Ваҳҳобзода аз он иборат аст, ки вай аз оғози ворид шудан ба майдони адабиёти тоҷик худро ҳамчун шоири баркамол ва соҳиби равиши хос дар шеъру шоирӣ муаррифӣ кардааст. Муваффақиятҳои беназири шоир дар арсаи эҷод ба фаъолиятҳои дигар, аз ҷумла, ба адабпажӯҳишӣ ва мунаққидиаш ҳам иртиботи амиқ дорад. Дар замони истиқлол мо Рустам Ваҳҳобзодаро ҳамчун шоире дармеёбем, ки аз маърифати илми шеъри гузашта бо хубӣ огаҳӣ дорад. Чуноне ки Абдушукури Абдусаттор дар мақолаи «Эҳёи суннати куҳани шеъри Ачам» ибрози ақида намудааст, "ошноӣ бо «Соқинома»-и Рустами Ваҳҳоб ин ҳақиқати маълумро бори дигар исбот мекунад, ки шоири ҳунарманд ва огоҳ аз гузаштаву имрӯзи таърихи шеъру шоирӣ барои баёни дарду ормонҳои инсони муосир метавонад аз қолабҳо ва навъҳои куҳан ва дар тӯли замони муайян аз миён рафтаи шеър низ истифода намояд, онҳоро ба тақозои замони нав мувофиқ созад, ба қолаб ё навъи куҳани шеъри Ачам умри дубора бахшад" [8, с.11].

Агар ба ҳамон равише, ки профессор А. Абдусаттор соқиномаи шоирро дар алоқамандӣ ба масъалаи суннат ва анъана баррасӣ кардааст, ба дигар эҷодиёти шоир ҳам муносибат бишавад, маълум мегардад, ки шоир дар заминаи суннати шеъру шоирии классикӣ ва огоҳӣ аз назарияҳои навини шинохти шеъри сара ва дидгоҳҳои шоирона ҳам дар қолабҳои суннатӣ ва ҳам жанрҳои ҷадиди шеърӣ шеърҳои мондагор офаридааст. Баррасии ин ҷиҳати коргоҳи эҷодии шоир ба сари худ масъалаи ҷудогона мебошад. Мо дар ин мақола перомуни ашъори ватандӯстонаи шоир баъзе мулоҳизаҳоямонро, ки дар натиҷаи баррасии ашъори шоир ҳосил гардидаанд, мартаҳ хоҳем кард.

Масъалаи мавриди назар дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода паҳнои васеъ дошта, аз оғози ба шоирӣ пардохтани ӯ то кунун зина ба зина идома дошта, аз шеъре ба шеъре уфуқҳои тоза касб мекунад.

Ватандорию ватандӯстдории ҳар як инсони соҳибдил аз дӯст доштани зодгоҳаш сарчашма мегирад. Устод Рустам Ваҳҳобзода низ дӯст доштани Ватан, эҳтирому садоқат ва арҷгузории Ватанро аз зодгоҳи хеш, ки деҳаи Капалии ноҳияи Тоҷикобод аст, оғоз намудааст. Капалӣ бо номи шоири боистеъдоди тоҷик Рустами Ваҳҳоб решапайванд аст [1, с.4].

Баъд аз Капалӣ мафҳуми муқаддаси дигар, ки ба номи он шоир ифтихор дорад, Тоҷикобод аст:

Не Самарқанду Бухоро аст,
Не ба таърих арзише дорад,
Не варо қасру кохи волост,
Лек номи пуразише дорад…
Гар ба таърих аз даричаи ҳақ
Бингарӣ, Шарқ Тоҷикобод аст… [1, с.4].

Барои шоир шаҳри Душанбе – пойтахти Тоҷикистону тоҷикони ҷаҳон мояи ифтихори бузург аст. Чунонки дар шеъри «Сомонгирд»-и шоир бармеояд, ин шаҳр барои ӯ ҳамчун мавзеи муқаддасест, ки сиришташ бо хамирмояи ахлоқу эҳсон тахмир шуда, дорои чунин авсоф ва вижагиҳо мебошад:

Шаҳри Сомонгирд шаҳри офтоб аст,
Шаҳри сабзи ормонҳост.
Гар раҳовардат ба лаб ошуфта ҳазёнест,
Дар ҳавои ошноипарвари ин шаҳр
Ё дуруде мешавад, ё барги лабханде.
Ҳар дарахте дар хиёбонҳои Сомонгирд
Шоҳиди сабзи муҳаббатҳои хоку осмон аст,
Шохсораш ошёни мурғи ирфон,
Соясораш хонақоҳи орифон,
Устодаш «Усто»-дон,

Бартарин обишхӯраш дарёи Қуруон аст.

Шаҳри Сомонгирд
Шаҳри симонию сангӣ нест,
Шаҳри имонист.

По фишурда бар лаби марзаш
Шоҳи Тирандоз,
Осмон бар дӯш,
Қабзаи рангинкамон дар даст,
Озарахши охирин дар шаст,
Чашм бар домони Таърих,
Бар фарозаш парфишон Симурғи Яктоӣ.

Рӯдакию Айнию Синову Фирдавсӣ –
Чор рукни кохи фарҳанги барӯмандаш,
Сарфароз андар миён Исмоили Сомон –
Хадевандаш,
Дасти девон кӯтаҳ аз девори тадбири баландаш.
Аҳли ин шаҳр аз табору тираи рӯшангарони
Қарни Хуршеданд,
Решаҳои ҷонашон аз торҳои нури Хоразму
Бухорову Самарқанд аст.
Сорбони Роҳи абрешим
Нарм монанди бирешим пои меҳроби ҳамовоӣ,
Посухи дасти гусастанро нахи бурротар аз шамшери Хӯқанд аст.

Шаҳри Сомонгирд – таъбири ҳумоюн аз Бухоро,
Шаҳри Сомонгирд – тафсири нигорин аз Самарқанд,
Шаҳри Сомонгирд – таскини ғами ҳичрони сангини Сиёвашгирд,
Уфқи субҳу шоми он рангинтар аз хуни Сиёвуш аст,
Қалъаи Афросиёбаш шаҳри хомӯш аст,
Ҳар гиёҳи рӯшанаш иксири биноист.

Шаҳри Сомонгирд
Соҳати рӯҳи ҷаҳонпаймои Мавлоно
Пойтахти Тоҷикистон аст.
Бурҷи хуршеди баланди Ориёно,
Ҳалқаи заррини пайванди Вароруду Хуросон аст [1, с.48-50].

Аз тасвирҳои гӯёи шеър бармеояд, ки дар ин ҷо сухан оид ба шаҳри Душанбест. Илова бар ин, аз тавзеҳи поварақии муаллифи шеър ҳам ин маънӣ возеҳ равшан мегардад: “Сомонгирд – манзур Душанбест, дар қиёси номҳое, чун Сиёвушгирд, Боругирд, Савсангирд ва ғайра” [1, с.48].

Шоир дар ин шеър аз диёри офтобӣ, аз гулу гулгаштҳои ҳамешабаҳори хиёбонҳо ва ҳавои рӯҳнавози ин шаҳри Ориёӣ, аз ҳар дарахти ин шаҳр, ки шоҳиди воқеаҳои таърихии гузашта ва соҳиби истиқлолият гаштани ин диёри куҳанбунёданд, аз маркази илму дониш ва макони олимону донишмандон будани он ва аз аҳолии ин шаҳр, ки решаҳояшон аз зиёиёни Хоразму Бухорову Самарқанданд ва аз чор сутуни адабиёти форсу тоҷик – Рӯдакию Айнӣ, Синою Фирдавсӣ, ки аз чор тарафи гулбоғҳои шаҳр муҷассамаи онҳо гузошта шуда ва дар мобайн Шоҳ – Исмоили Сомонӣ боифтихор қомат афрохтааст, сухан гуфта, ба ин восита ба равиши ҷадиде шаҳрро тавсиф менамояд. Шоир бо истифода аз имконоти санъати талмеҳ ба Шоҳи Тирандоз – номи яке аз баландтарин қуллаҳои ҷаҳон, воқеъ дар Бадахшони Тоҷикистон, ки тибқи ривоят Ораш аз он тир андохта марзи

Эронзаминро таъйин кардааст, ишора кардааст [3, с.75]. Шоир макони орифону донишмандон ва хонаи умеди тоҷикони ҷаҳону пойтахти Тоҷикистон будани шаҳри Душанберо донишмандонаю дақиққорона ва бо диди шоирона хеле барҷаста ва мукаммал нишон додааст.

Мувофиқи гуфтаи Гулрухсор Сафӣ дар муқаддимаи маҷмӯаи «Шаҳри Хуршед», «шеъри нахустини чопии Рустам соли 1980, замони донишҷӯ буданаш эҷод шудааст [1, с.5]. Ин шеър бо байтҳои зерин оғоз мешавад:

Маро «дилсанг» гуфтӣ, шаҳрзодо,
Дилам н-озурду озорат наҷӯяд,
Чӣ бок, ар дил бувад санги куҳистон?
Чу бар санги кӯҳистон гул бирӯяд.

Аммо Гулрухсор Сафӣ оғози эҷодиёти шоири ҷавонро соли 1982 медонад, ки бо шеъри «Меҳрнома» оғоз шудааст [1, с.6]. Маълум мешавад, ки шеъри нахустини шоир дар мавзӯи ватандорӣ суруда шудааст. Шеъри мазкур чунин аст:

Ба ҷуз меҳрат таманное надорам, Тоҷикистонам,
Умедам, орзуям, ифтихорам, Тоҷикистонам.
Агар тақвими умрам сафҳаи таърихи сахтат нест,
Надорад тозагие рӯзгорам, Тоҷикистонам…
Барои ман ту беш аз хонадоне нестӣ ҳаргиз,
Бадахшонам, Зарафшонам, Ҳисорам, Тоҷикистонам...
Ба ту пайванди ман то ҷовидон сарсабз хоҳад буд,
Чу мерӯяд гиёҳат бар мазорам, Тоҷикистонам… [1, с.6].

Дар ҳақиқат, агар ба назар бигирем, ки дар вақти гуфтани ин шеър расми маъмул тавсифи ватани ягонаи мардуми шӯравӣ – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии собиқ буду дар он замон дам аз ифтихороти миллӣ задан гуноҳ ҳисобида мешуд, ҷуръати шоири ҷавон даҳчанд намудор мегардад. Нуктаи муҳимми дигар дар пораи мазкур эъломи маромномаи эҷодии шоир тавъам бо Тоҷикистон мебошад, ки чунин садо медиҳад:

Ба ту пайванди ман то ҷовидон сарсабз хоҳад буд!

Дар бораи муҳтавои шеъри мазкур ду арзёбӣ мавҷуд мебошад, ки аввал ба Гулрухсор Сафӣ, дувум ба Ҳафиз Раҳмон тааллуқ дорад. Гулрухсор зимни муаррифии шеъри мазкур вижагиҳои онро аз назари ватанхоҳӣ чунин муайян кардааст: «Дар чакомаи зикршуда аз назари хонандаи қунунӣ на мавзӯъ нав аст, на шакли шеър, на тарзи ифода, аммо бисту шаш сол пештар, дар давроне, ки ҳамаро як ватан буду васфи он сархати кулли эҷодҳо, ба меҳани воқеии худ рӯйи суҷуд овардани шоири навқалам ҷуръат, самимият ва ифтихору ғурури хосаро тақозо мекард» [1, с.6].

Ҳафиз Раҳмон ин шеърро ин гуна маънидод намудааст: «…Тавъам донистани рӯзгорони шоиру меҳанаш, масъулияти бо ҳама сахтиҳову нармиҳояш ҳамтақдирии ватанро ба уҳда гирифтан намунаи волои эҳсоси фарзанди ватан будан аст...» [2, с.26].

Шеърҳои дар васфи Ватан – Тоҷикистон сурудаи Рустам Ваҳҳобзодаро нафароне, ки ба шеъри шоир ба дидаи тақриз нигаристаанд, аз нигоҳи тарзи баён ва тафаккуру тахайюли шоирона махсуси худи ӯ дарёфтаанд. Масалан, Низом Қосим, ки худ шеършиноси моҳир аст, шеъри зеринро «беҳтар аз садҳо шеъри тӯлониву муҷарради зиндабодӣ дар васфи ватан» донистааст:

Ин ба ҳақиқат бинависам, на маҷоз,
Ғурбат буду шаб буду ману шамъу гудоз,
Ашке, ки ба пои шамъ резон мешуд,
Чун нақшаи хоки Тоҷикистон мешуд [9, с.14].

Рустам Ваҳҳобзода аз ҷумлаи шоиронест, ки меҳри Ватанро дар ғурбат, дур аз Тоҷикистон, дар кишварҳои бегона ҳам таҷриба кардааст. Аз ин ҷост, ки шеърҳои дар васфи Тоҷикистон сурудаи шоир ба навъе ба сарнавишти худи ӯ ҳам алоқаи мустақим доранд. Шоир ҷавонии хешро танҳо дар Ватан эҳсос мекунад:

Тамоми саргузаштамро тавонам гуфт бо як ҳарф:
Зи оғӯши Ватан рафтам ҷавону пир меоям [9, с.14].

Рустам Ваҳҳобзода ба Тоҷикистон ба дараҷае иноятӣ махсус дорад, ки диди шоиронааш махсуси худи ӯ ва нотакрор аст. Дар байти зерин вожаҳои тоҷикиро дар ҳар забони дигари дунё ҳамчун шаҳрванди Тоҷикистон медонад:

Вожаҳои тоҷикӣ дар ҳар забони дигари дунё
Шаҳрванди Тоҷикистонанд.

Камол Насрулло дар заминаи байти боло ба хубӣ мушоҳида кардааст, ки «як сифате, ки ҳамеша дар ашъори Рустам Ваҳҳобзода ҳузур дорад, эҳсоси самимонаву ватандӯстона, парастиши Тоҷикистон аст:

Ҳар нигоҳи ман бар гулу гиёҳи ин ватан
Панҷаи навозиш аст.

Ва дар ин гуфтор ӯ забони худ, тасвирҳои худро дорад, ки хосси дигарон нест [9, с.10]. Камол Насрулло дар заминаи баррасиҳои ашъори ватандӯстонаи шоир мулоҳизаҳои судманди зиёде баён кардааст. Аз ҷумла, «Рустам Ваҳҳобзода, – мегӯяд Камол Насрулло, – ҳар боре, ки аз ватан сухан мекунад, шеърҳои ӯ маъниҳои амиқу ишораҳои баланди шоирона доранд ва бе заминаҳои табииву иҷтимоӣ нестанд. Аз ҷумла ин байт:

Кони санги сабурӣ ту, махзани обу нурӣ ту,
Осиё аз ту гардон аст дар ҳама Осиё, Меҳан.

Воқеан, бебаҳс байти барҷастаест дар тасвиру ситоиши меҳан. Симои кишвар, симои миллат бидуни тавсифҳои қолабӣ таҷассум меёбад, ки бе асоси табиӣ нест, зеро кишвари мо воқеан саргаҳи обҳову сарчашмаҳоест, ки аз онҳо дарёҳо дар поёноб шодоб мешаванд ва дар ин ҷо ин тасвир ишораҳои маънавӣ ҳам дорад:

То нахандад ба ҳоли ту душмани бадсиголи ту,
Санъати ошиқони туст гиряи бесадо, Меҳан…
Пояе ғайри пойи меҳр бар ситеғи ту поё нест,
Парчамат офтоби туст, матлаъи Ориё, Меҳан” [9, с.10].

Рустам Ваҳҳобзода дар баробари шоири боистеъдод будан муҳаққиқи шинохташуда низ мебошад. Ба ин ҷиҳати фаъолияти вай нафарони зиёде ишора карда, аз ин ҷиҳат ба заҳматҳои шоири муҳаққиқ арҷ ҳам гузоштаанд [1, с.5]. Бо ҳам омадани фаъолияти шоирию муҳаққиқӣ дар пешрафти амалияи эҷодияш низ мусоидат кардааст. Ба мушоҳидаи Гулрухсор Сафӣ, таҳқиқ идомаи шоирӣ буда, худи шоир, дар навбати худ, «хонанда ва муҳаққиқи хеш аст» [1, с.5].

Ҳунари шоирии Рустам Ваҳҳобзода пажӯҳиши алоҳидаро тақозо мекунад. Хусусан, ҳунари вожасозӣ, корбурди вожаҳои тозаи эҷодкардаи худи муаллиф, истифода аз вожаҳои фаромӯшшудаи классикие, ки имрӯз ба дард мехӯранд, корбурди бамавриди вожаҳои халқӣ ҷолибанд [1, с.11].

Сарчашмашиносии шеърҳои дар васфи Ватан – Тоҷикистон сурудаи Рустам Ваҳҳобзода паҳнои хеле васеъ дошта, аз адабиёти классики форсу тоҷик оғоз ёфта, бо фарогирии сурудаҳои ҳамнавъи шоирони ҷаҳон, ба шеъри устодони назми муосири тоҷик алоқаманд мешавад. Сарчашмашиносӣ ва таҳқиқи қиёсии ашъори ҳамнавъи адибони дигар мавзӯи баррасии мукаммали ҷудогонаест, ки бояд ба таври фарогир анҷом дода шавад. Аммо ҳамчун гузориши масъала мо ашъори дар васфи Ватан эҷодкардаи шоирро бо шеърҳои ҳамнавъи устод Мирзо Турсунзода ба таври қиёсӣ аз назар мегузаронем.

Нуктаи шоистаи дархӯри таваҷҷуҳ, қабл аз ҳама, дар он аст, ки мазмун ва дарки волои ҳисси ватандӯстии шоир бо байтҳои шеъри шоири маъруфи қитъаи Осиё – Мирзо Турсунзода ҳамвазн ва ҳамоҳанг аст. Махсусан, ҳамоҳангиро дар ин мисраъҳо дарёфтан мумкин аст:

Рустам Ваҳҳобзода:

Бӯи Ватан агар бирасад аз сухан маро,
Мисли қалам ба пойи сухан саҷда мекунам.

Мирзо Турсунзода:

Ман намедонам чӣ сон тасвир созам бо сухан
Рангу бӯи беназири дилкашатро, эй Ватан .

Ё дар ҷойи дигар:

Рустам Ваҳҳобзода:

Ватан то оҳаниндил шуд, дил аз оҳанрабо кардам,
Ба ҳар ҷое, ки рафтам, қутби рӯҳам Тоҷикистон аст.

Мирзо Турсунзода:

Ба мисли гӯшту нохун агарчи бо Ватан будам,
Валекин нисфи умри беҳтаринам дар сафар бигзашт.

Шоири ватансаро, ки аз таърихи халқу ватани худ ба хубӣ огоҳ аст, дар ашъораш аз воситаҳои тасвири бадеии гуногун, аз ҷумла санъати талмеҳ, фаровон истифода бурдааст. Як мисол меорем:

Шаҳри Хуршед ҳамон рамзи Хуросони шумост,
Ҷоми Ҷам навбате аз гардиши ирфони шумост.
Ҳаст дар хотами айём хутути дигаре,
Хизри Наврӯз ба тадбир Сулаймони шумост...
Синаи софи шумо макмани Синои шумо,
Бӯи райҳони шумо худ Абӯрайҳони шумост.
Нарм печида ба дасторчаи меҳри азал:
Дили раҳмини шумо нусхаи Қуръони шумост.
Ҳеҷ кас салтанати Ҷам зи шумо вонаситад:
Ишқи ирфони шумо ҳаст, ки Эрони шумост.
Санги кӯҳсори шумо хотами ҳикмат дорад,
Лахш то Вахш ҳама ҷилваи яздони шумост.
То набастед ба ҳам шаҳпари парвози хирад,
Кунҷи Юмгони шумо соҳати Юнони шумост.
Эй, ки аз нури шумо чашми маро биноист,
Ҷигарам порае аз лаъли Бадахшони шумост.
Чун барам қатра бар он қавм, ки Кавсар дорад,
Чӣ кунад ҳарфи маро он ки Паямбар дорад.

Шеърҳои дар васфи ватан эҷоднамудаи шоир аз назари фарогирии мазомин ва муҳтаво доманаи васеъ дошта, дар жанрҳои гуногун навишта шудаанд, ба мисли байт, маснавӣ, қасида, мусаммат, арӯзи нав, сапед, ғазалиёт, шеърҳои кӯтоҳ ва қитъаҳо, рубоиёт ва дубайтӣ.

Тибқи мушоҳидаи мо, дар маҷмӯаи «Салом» 753 байт ва дар маҷмӯаи «Шахри Хуршед» 630 байти ватанпарастонаи шоир гирд оварда шудааст. Ин шеърҳо бо номҳои «Ойинаи якрӯ», «Тоҷикистон», «Бухоро», «Ошёни меҳр», «Меҳани Наврӯз», «Сомонгирд», “Ихлос”, «Ватан», «Меҳан», «Ба пойи Бесутун», «Намози дил», «Тасбеҳи ишқ», «Ё соқӣ», «Меҳрнома», «Як ҳарф», «Пайғом» ва ғайраҳо чоп шудаанд. Маҷмӯаи «Сарводаи Ватан», ки дар он шеърҳои меҳанпарастонаи Рустам Ваҳҳобзодаро адабиётшинос Ҳафиз Раҳмон гирд овардааст, моро бо дунёи шеърҳои пурғановати шоир ошно месозад ва аз он гулистони шеър накҳати атрогини Ватан ба машом мерасад. Дар маҷмӯъ, маҷмӯаи мазкур фарогири 7 маснавию қасидаю мусаммат аст, ки 309 байтро дарбар мегирад, шеъри нав ва сапед 6 адад буда аз 90 байт, ғазалиёт 15 адад буда аз 135 байт, шеърҳои кӯтоҳ ва қитъаҳо 4 адад буда, аз 6 байт, рубоӣ 11 адад буда аз 22 байт ва дубайтӣ бошад, аз 3 адад иборат аст, ки 6 байти ашъори ватанхоҳонаи шоирро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, мавзӯи ватан ва ватандорӣ дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода яке аз мавзӯъҳои марказӣ буда, шоир ба ин мавзӯъ аз оғози фаъолияти шоириаш машғул гардида, дар даврaҳои баъдӣ ва то кунун ситоиши ватанро бо тарзу воситаҳои гуногун идома дода истодааст. Шеърҳои ватандӯстонаи шоир, бидуни истисно, хеле пурҳарорату самимӣ ва огоҳона аз тақдири таърихӣ ва дастовардҳои навини Тоҷикистон офарида шудаанд. Сар то сари эҷодиёти шоир саршор аз меҳри ватан, ифтихор ва сидқу вафо нисбат ба Ватани маҳбуб аст. Ӯ бо сабку услуби ба худ хос, аллакай, дар ин мавзӯъ мактаби эҷодии худро дорад. Ватан – Тоҷикистон барои шоир ҳама чиз аст ва болотар аз ҳама ҳастӣ, ҳатто аз худи шоир ҳам, ки ӯ фидоии Ватан будани худро холисона возеҳу

равшан ва хеле ҳассос нишон додааст. Ба як сухан, Ватан барои шоир волотарин гавҳари ҳастӣ, номуси инсонӣ, виҷдону имон маҳсуб меёбад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ваҳҳобзода, Р. Шаҳри Хуршед / Р. Ваҳҳобзода: муҳаррир ва муаллифи сарсухан Гулрухсор. – Душанбе: Фарҳангистони байналмилалии Шеъри Ҷаҳон, 2007. – 167 с.
2. Сарводаи ватан. Мунтахаби ашъори ватанияи Рустам Ваҳҳобзода: бо таҳқиқот, тавзеҳот ва интихоби Ҳафиз Раҳмон. – Душанбе: Паёми ошно, 2019. – 88 с.
3. Ваҳҳобзода, Р. Салом / Р. Ваҳҳобзода. – Душанбе: Адиб, 2015. – 256 с.
4. Ваҳҳобзода, Р. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии назми муосири тоҷик / Р. Ваҳҳобзода. – Душанбе: Адиб, 2009. – 200 с.
5. Ваҳҳобзода, Р. Шеър ва дониш / Р. Ваҳҳобзода. – Душанбе: Адиб, 2017. – 188 с.
6. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 327 с.
7. Кулиев, К. Поет всегда с людми / К. Кулиев. – М.: Сов. писатель, 1986. –188 с.
8. Абдусаттор, А. Эҳёи суннати куҳани шеъри Ачам / А. Абдусаттор // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2014. – №14 (1725). – С.11.
9. Қосим, Н. Бозгашти шоир / Н. Қосим // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2009. – №10 (184). – С. 14.
10. Насрулло, К. Ҳарфе ба лаб, як пора ҷон… (Ваалайка бар «Салом»-и Рустам Ваҳҳобзода) / К. Насрулло // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2017. –№28 (1895). – С. 10.

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА АШЪОРИ ВАТАНДӮСТОНАИ РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА

Шеъри муосири тоҷикро шоирони номдоре муаррифӣ мекунанд, ки мавзӯи Ватан ва ватандорӣ дар эҷодиёташон аз ҷумлаи мабоҳиси меҳварӣ буда, дар миёни онҳо яке аз чеҳраҳои дурахшонтарин Рустам Ваҳҳобзода мебошад. Дар ин мақола муаллиф андешаҳои хешро оид ба ашъори ватандӯстонаи ҳамин шоир баён кардааст. Рустам Ваҳҳобзода шоирест, ки тақдири хешро ба тақдири таърихии Ватан бахшида, дар ситоиши дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол шеърҳо суруда, оид ба муқаддасоти миллӣ ҳам аз роҳи шеър ва ҳам аз тариқи нигоштани наср андешаҳои созандаи худро ироа кардааст. Бино ба таҳқиқ ва натиҷагирии муаллифи мақола, мавзӯи ватан ва ватандорӣ дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода яке аз мавзӯъҳои марказӣ буда, шоир ба ин мавзӯъ аз оғози фаъолияти шоириаш машғул гардида, дар давраҳои баъдӣ ва то кунун ситоиши ватанро бо тарзу воситаҳои гуногун идома дода истодааст. Шеърҳои ватандӯстонаи шоир, бидуни истисно, хеле пурҳарорату самимӣ ва огоҳона аз тақдири таърихӣ ва дастовардҳои навини Тоҷикистон офарида шудаанд. Сар то сари эҷодиёти шоир саршор аз меҳри ватан, ифтихор ва сидқу вафо нисбат ба Ватани маҳбуб аст. Ӯ бо сабку услуби ба худ хос, аллакай, дар ин мавзӯъ мактаби эҷодии худро дорад. Ватан – Тоҷикистон барои шоир ҳама чиз аст ва болотар аз ҳама ҳастӣ, ҳатто аз худи шоир ҳам, ки ӯ фидоии Ватан будани худро холисона возеҳу равшан ва хеле ҳассос нишон додааст. Бо баррасии басомади ашъори ватандӯстона муаллиф муайян кардааст, ки дар маҷмӯаи «Салом»-и шоир 753 байт ва дар маҷмӯаи «Шаҳри Хуршед» 630 байти ватанпарастона гирд оварда шудааст. Маҷмӯаи «Сарводаи Ватан», ки дар он шеърҳои меҳанпарастонаи Рустам Ваҳҳобзодаро адабиётшинос Ҳафиз Раҳмон ахиран гирд овардааст, моро бо дунёи дигари шеърҳои пурғановати шоир ошно месозад.

Калидвожаҳо: Рустам Ваҳҳобзода, шеъри муосири тоҷик, муҳтаво, ашъори ватандӯстона, тақдири таърихии Ватан, Тоҷикистон.

НЕКОТОРЫЕ РАЗМЫШЛЕНИЯ ОТНОСИТЕЛЬНО ПАТРИОТИЧЕСКОЙ ПОЭЗИИ РУСТАМА ВАХХОБЗОДА

Современную таджикскую поэзию представляют известные поэты, в творчестве которых основным стержнем является тема Родины и любви к Родине и одним из его ярких представителей является Рустам Вахҳобзода. В данной статье автор изложил свои размышления относительно патриотической поэзии данного представителя современной таджикской поэзии. Рустам Вахҳобзода – это тот поэт, который воссоединил свою судьбу с исторической судьбой своей Родины и в своих стихах воспевая достижения суверенного Таджикистана, передает свои созидательные мысли и чаяния посредством сочинения стихов и прозаических произведений. Проводя свое исследование автор статьи приходит к выводу о том, что тема родины и патриотзма в творчестве Рустама Вахҳобзода является одной из центральных тем и поэт с самого начала своего творчества уделял большое внимаие данной тематике и в последующем продолжал воспевание родины различными поэтическими стилями и манерами. Патриотическая поэзия поэта выражается исключительно искренне и задушевно, с большой осведемленностью об исторической судьбе и новейших достижениях Таджикистана. Все творчество поэта пропитано любовью, гордостью и верностью к Родине. Он со свойственным ему стилем и манерой изложения уже имеет свою творческую школу. Родина – Таджикистан означет для поэта всю его сущность и он в своем творчестве показывает свою преданность Родине очень чётко и трептно. С рассмотрением частоты патриотической поэзии автор статьи определяет, что в сборнике «Салом» («Здравствуй») поэта собраны 753 бейта и в сборнике «Шахри Хуршед» («Город Солнца») 630 бейтов воспевающих Родину. Сборник «Сарводаи Ватан», в котором литературовед Хафиз Рахмон собрал патриотические сочинения Рустама Вахҳобзода, знакомит нас с другим миром разнообразия и великолепия его творчества .

Ключевые слова: Рустам Ваххобзода, современная таджикская поэзия, содержание, патриотическая поэзия, историческая судьба Родины, Таджикистан.

SOME REFLECTIONS REGARDING THE PATRIOTIC POETRY OF RUSTAM VAKHHOBZOD

Modern Tajik poetry is represented by famous poets, whose work is based on the theme of the Motherland and love for the Motherland, and Rustam Vakhkhobzoda is one of its brightest representatives. In this article, the author outlined his thoughts on the patriotic poetry of this representative of modern Tajik poetry. Rustam Vakhkhobzoda is the poet who reunited his fate with the historical fate of his homeland and in his poems singing the achievements of sovereign Tajikistan, conveys his creative thoughts and aspirations through the composition of poems and prose works. Carrying out his research, the author of the article concludes that the theme of homeland and patriotism in the work of Rustam Vakhkhobzod is one of the central themes and the poet from the very beginning of his work paid great attention to this topic and subsequently continued to chant the homeland with various poetic styles and manners. The poet's patriotic poetry is expressed exclusively sincerely and sincerely, with great knowledge of the historical fate and latest achievements of Tajikistan. All the poet's work is saturated with love, pride and loyalty to the homeland. He, with his characteristic style and manner of presentation, already has his own creative school. Homeland - Tajikistan means for the poet his whole essence and in his work he shows his devotion to the homeland very clearly and trepidno. Considering the frequency of patriotic poetry, the author of the article determines that 753 bates are collected in the poet's collection "Salom" ("Hello") and 630 bets are praised in the collection "Shakhri Khurshed" ("City of the Sun"). The collection "Sarvodai Vatan", in which the literary critic Hafiz Rakhmon collected the patriotic works of Rustam Vakhkhobzod, introduces us to another world of diversity and the splendor of his work.

Key words: Rustam Vakhkhobzoda, modern Tajik poetry, content, patriotic poetry, historical fate of the Motherland, Tajikistan.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Миралиева Сарварбӣ Толибовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯй. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рудаки, 17. Тел.: (+992) 917-67-71-11

Сведения об авторе: ***Миралиева Сарварби Толибовна*** – Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 917-67-71-11**

Information about the author: ***Miralieva Sarvarbi Tolibovna*** - Tajik National University, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel .: **(+992) 917-67-71-11**

УДК: 891.550

НАЗАРЕ БА ЭҶОДИЁТИ ИЛМИВУ АДАБИИ РАШИДУДДИНИ ВАТВОТ ВА МУХТАССОТИ ОН

Анварова М.Н.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Аз Рашидуддини Ватвот мероси гаронбаҳое боқӣ мондааст, ки ин осор боиси шуҳрати афзуни вай, чи дар замони худи ӯ ва чи дар таърихи адабиёти форсу тоҷик, гардидаанд. Қабл аз тавзеҳи мухтасари нигоштаҳои ӯ метавон нуктаеро таъкид кард, ки Рашидуддини Ватвот аз зумраи адибони зуллисонайн аст, ки таълифоти хешро ба ду забон форсӣ ва арабӣ ба қалам овардааст. Аз ин рӯ, аз нависандагон ва шоирони муътабари арабизабон ҳам маҳсуб меёбад, ки дар ташаккули ин адабиёт дар аҳди худ нақши муассир гузоштааст. Ба таври умумӣ, осори Рашидуддини Ватвотро суханварон ба таври зайл баршумурдаанд:

«Абкор-ул-афкор фӣ расоил-ул-ашъор». Ба навиштаи устод Сайид Нафисӣ ин китоб нахустин маҷмӯаест, ки дар он намунаҳое аз номаҳо ва ашъори Рашидуддини Ватвот гирдоварӣ шуда ва худи ӯ навишта: «Фароҳамоварандаи ин маҷмӯа Муҳаммад ал – Маарӣ ар- Рашид машҳур ба Ватвот ва онро ба чаҳор қисмат карда. Дар қисмати аввал нуҳ рисолаи тозӣ ва дар қисмати дувум нуҳ қасидаи тозӣ ва дар қисмати савум нуҳ рисолаи форсӣ ва дар қисмати чорум нуҳ қасидаи форсӣ овардааст». Ду нусха аз ин китоб, яке дар китобхонаи Истамбул ба шумораи 424 ва дигаре дар китобхонаи Нур Усмония дар Истамбул бо шумораи 3412/4 маҳфуз аст.

«**Ароис-ул-хавотир ва нафоис-ун-наводир**». Зоҳиран ин китоб маҷмӯаи дувум аз номаҳо ва ашъори Рашидуддини Ватвот ба шумор меравад. Чун дар муқаддимаи ин асар

низ худи муаллиф ба тартибе, ки дар маҷмӯаи аввал зикр намудааст, чунин оварда: «Тартиби китоб бар ду қисмат дода омада бад-ин тартиб. Қисми аввал бисту панҷ номаи тозӣ дар маъонии мухталифа ва руқъае чанд…қисми дувум бисту панҷ номаи форсӣ ва руқъае чанд ва номи китоб ««Ароис-ул-хавотир ва нафоис-ун-наводир». Ба навиштаи устод Сайид Нафисӣ аз ин китоб низ се нусхаи хаттӣ: яке дар китобхонаи Оясӯфия дар Истамбул ба шумораи 4015/1, дигаре низ дар ҳамин китобхона ба шумораи 4138 ва савумӣ дар китобхонаи Нури Усмония дар Истамбул ба шумораи 4312 маҳфузанд.

Албатта, маҷмӯан ба изофаи ду девон аз Ватвот 22 асар ёд мешавад, ки дар масоили мухталифе аз фунуну балоғат, фиқҳу масоили диниву фалсафӣ, амсолу ҳикам ба қалам омадаанд ва муҳимтарини онҳо ба тартиби зайл ном бурда мешаванд:

«Ҳадоиқ-ус-сеҳр фи дақоиқ-уш-шеър»

«Девон»-и арабӣ

«Наср-ул-маъонӣ» (Матлубу кули толиб мин ал-каломи Амир-ул-муъминин Алӣ ибни Абутолиб)

«Латоиф-ул-амсол ва тароиф-ул-ақвол» (Шарҳи форсии 281 масали арабӣ)

Маҷмӯаи расоили арабӣ

«Фасл-ул-хитоб»

«Алкалому-носиҳа вал ҳикаму-солиҳа»

«Ҷавоҳир-ул-қалоид ва завоҳир-ул-фароид» (Фароид-ул-қалоид)

«Луғати форсӣ манзуми мавсуф ба Ҳамду сано»

«Дурар-ул- ғурар»

«Сад калима» аз суханони худ ба арабӣ.

Бо ҳадафи баррасии мушаххаси мероси ин адиби номвар ба муаррифии бархе осори адабиву илмӣ ва таълифоти мухталифи он ба таври ҷудогона хоҳем пардохт.

«Ҳадоиқ-ус-сеҳр». Он чӣ, пеш аз ҳама, ба Рашидуддини Ватвот шуҳрати адабӣ овардааст, ҳамон китоби маъруфу муътабари ӯ «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» аст, ки дар илми шеър ба қалам омадааст. Аз муқаддимаи ин китоб, ки худи Ватвот навиштааст, маълум мешавад, он бо дастури Отсиз иншо гардидааст. Дар муқаддимаи асар омадааст, ки «рӯзе Отсизи Султон Ватвотро ба назди худ даъват карда, китоби санъатҳои шеърӣ «Тарҷумон-ул-балоға»-ро ба вай нишон дода, хоҳиш кардааст, ки дар ин мавзӯъ асар ба қалам оварад, ки навъе посух ба асари Родуёнӣ бошад» [9, с.55]. Аз иттилои Ватвот натиҷа метавон гирифт, ки ин китоб ҷавобе ба асари Муҳаммад Умари Родуёнӣ «Тарҷумон-ул-балоға» будааст. Аммо аз идомаи нигоришоти Ватвот дар муқаддимаи китоби худ маълум мешавад, ки вай ҳатто абёт ва шавоҳиди ин китобро нохуш қабул мекунад ва ихлоле дармеёбад ва ҳамин нукот муҷиби таваҷҷуҳ ба таълифи ин асар мегардад. Ватвот оварда: «Китобе дар бадеи шеър ба порсӣ ба ман намуд, нигаристам абёт ва шавоҳиди он китобро бас нохуш ёфтам, ҳамаро аз роҳи такаллуф ва аз рӯйи тағассуф фароҳам оварда ва назм карда, бо ин ҳама аз анвои залал ва ақсоми халал холӣ набуд, воҷиб шуд ба мани бандӣ, ки парвандаи он даргоҳ ва падидорандаи он боргоҳам, дар маърифати маҳосини назм ва насри ҳар ду забон–порсӣ ва тозӣ ин китоб пардохтан ва маҷмӯъ сохтан [9, с.3].

Ҳарчанд ки «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» посухе ба «Тарҷумон-ул-балоға» аст, аммо аксари муҳаққиқон ин китобро намунаи нахустини кутуби адабиётшиносӣ ба забони форсӣ ба шумор овардаанд. Дар канори ин, аксари китобҳое, ки дар саноеи бадеӣ то замони Рашидуддини Ватвот ба қалам омадаанд, аз миён рафтаанд ва аз рӯйи мутолиаи ин китоб мавҷудияти онон равшан мешавад. Ин осор «Тарҷумон-ул-балоға»-и Фаррухӣ, китоби «Канз-ул-ғароиб», нигоштаи Маншурӣ, ки аз ҷониби адабпажӯҳи дигари пешин Хуршедӣ шарҳе ҳам ба он навишта шуда будааст, ҳамчунин осори адабии «Абулҳасан Баҳромии Сарахсӣ» мебошанд, ки аз мавҷудияти онҳо тавассути китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Ватвот метавон маълумоте ба даст овард. Фарқияти дигари «Ҳадоиқ-ус- сеҳр» аз «Тарҷумон-ул-балоға» дар он зоҳир мешавад, ки агар дар асари Родуёнӣ асосан дар бораи санъатҳои бадеии форсӣ сухан равад ва асосан ин саноеъ бо шавоҳиди осори назмӣ тавзеҳ ёбад, дар китоби Ватвот шарҳу маънигузориҳои саноеи бадеӣ ҳам дар шеъри форсӣ ҳам дар шеъри

арабӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ғайр аз намунаҳои ашъори форсӣ ба сурудаҳои арабии шуаро низ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст.

Аз назари дигар, мисолҳои овардаи Ватвот танҳо дар шеър маҳдуд набуда, балки намунаҳое аз осори мансур низ оварда, бад-ин васила ҷойгоҳи саноеи бадеиро дар насри бадеии классикӣ ҳам муқаррар намудааст. Адабиётшиноси тоҷик Абдунабӣ Сатторзода андешаи Маликушшуаро Баҳорро дар мавриди «дар таърихи адабиёти Эрон фасле дар боби наср боз нашуда»-ро дуруст инкор намуда, менависад, ки «Мо ҳеҷ вақт баҳсе набуд, гуфта наметавонем. Зеро роҷеъ ба наср ба таври норавшан ва номукаммал бошад ҳам, ҳанӯз Рашиди Ватвот дар «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» дохил намудааст» [1, с.46].

Дар ин китоб ағлаби саноеи бадеии маъруф дар назму насри форсиву тоҷикӣ ва арабӣ мавриди тавзеҳ қарор гирифтаанд. Шеваи нигориши Рашидуддини Ватвот бар он асос ёфтааст, ки ӯ барои намуна ба ҳар як санъати бадеӣ пас аз тавзеҳи истилоҳи луғавӣ ва адабии он мисолҳое аз шуаро меоварад. Аммо ин чӣ мақбул аст, тавзеҳи мухтасари санъатҳои бадеӣ мебошад, ки ҳамин усули нигориш боиси шуҳрат пайдо кардани китоб миёни хоссу ом гардидааст. Лекин аз диди сабки таълиф ва қидмати нигориш «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» ба намунаҳои барҷастаи насри форсӣ чун «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, «Мақомоти Ҳамидӣ»-и Қозӣ Ҳамдуддини Балхӣ баробар аст, ки миёнаҳои қарни шашуми ҳичрӣ навишта шудаанд.

Қобили тазаккур аст, ки ҳарчанд китоб бо забони форсӣ таълиф гардидааст, аммо унвонгузории фаслу бобҳои он ба забони арабӣ аст. Масалан, ат- таҷнис, ал- иштиқоқ, ал-исҷоъ, ал-мутазод ва ғайра.

Бо вуҷуди баёни мухтасар ва камтар ҷой доштани назароти фардии Рашидуддини Ватвот шуҳрати китоби вай дар пояи «Тарҷумон-ул-балоға»-и Умари Родуёнӣ ва «Ал-муъҷам»-и Шамс Қайси Розӣ аз ҷумлаи китобҳои мӯътабар дар фанни шеър маҳсуб меёбад. Ҳанӯз Шамси Қайси Розӣ дар муқаддимаи китоби худ ба мақоми хоссаи ин асар ишорат намуда таъкид кардааст, ки ин китоби фоиданок аст ва мардум ба он рағбати тамом доранд [6, с.3]. Ҳатто ҳамин шуҳрати китоб дар асрҳои миёна боис шудааст, ки Шарифуддини Ромӣ дар асри XVI дар пайравӣ аз ин китоби Ватвот асаре бо номи «Ҳадоиқ-ул-ҳақоиқ» ба қалам оварад.

Аммо дар адабиётшиносии муосир дар мавриди манзалату мақоми ин китоб назарҳои мутазод баён шудаанд. Маликушшуаро Баҳор дар «Сабкшиносӣ»-и хеш мақоми ин китобро ба ин гуна тавзеҳ додааст: «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» аз кутуби илмие аст, ки дар ҳудуди нимаи қарни шашум таълиф гардидааст ва аз беҳтарин кутубе аст, ки то ба имрӯз дар илми бадеъ ба риштаи таълиф кашида шудааст» [4, с.401]. Аммо адабиётшиноси дигари эронӣ Қосими Тавсирконӣ дар муқаддимаи «Номаҳои Рашидуддини Ватвот» чунин менависад: «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» маъруфтарин муаллафоти Рашид аст, ки дар фанни бадеъ навиштааст. Ҳарчанд баъзе аз аҳли таҳқиқ ин китобро ба ҳадди муболиға ситудаанд, аммо ба ҳақ бояд гуфт, ки ин китоб на арзиши таҳқиқ дорад, ҳикоят аз диққати фикр ва имъони назари муаллиф бинмояд ва на дар боло бурдани фасоҳати забон хидмате ба адабиёти Эрон кардааст. Танҳо чизе, ки дар мазияти ин китоб метавон гуфт, ин аст, ки Рашид чун дар таълифи ин китоб аз равиши Родуёнӣ дар «Тарҷумон-ул-балоға» тақлид кардааст, бештар ба ибораҳои форсӣ гароида ва дар ин шева равиши шево ва дилписанд дар пеш гирифтааст, чунонки ин китоб метавонистааст аз ҷиҳати иборат барои муаллифони оянда сармашқе неку бошад» [8, с.10].

Бо таҳлилу баррасии андешаҳои Баҳор ва Қосими Тавсирконӣ адабиётшиноси тоҷик Абдунабӣ Сатторзода дуруст натиҷа мегирад, ки «Таҳлилу тадқиқи «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» бар он шаҳодат медиҳад, ки ҳам Маликушшуаро Баҳор ва ҳам доктор Қосими Тавсирконӣ андак муболиға намудаанд. Мо барои ин онҳоро ҳаргиз гунаҳкор намеҳисобем, зеро ки онҳо ҳеҷ гоҳ мақсади тадқиқи муфассали рисолаи номбурдаро надоштанд. «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашиди Ватвот на «беҳтарин китобе аст, ки то имрӯз дар илми бадеъ ба риштаи таълиф кашидааст ва на холӣ аз арзишҳои таҳқиқӣ мебошад [1, с.50]. Дурустӣ ва мантиқии андешаи адабиётшиноси тоҷик Абдунабӣ Сатторзода аз он ҷиҳат тасдиқ мешавад, ки воқеан Баҳор бештар аз диди сабкшиносӣ ба маърифати ин китоб руҷӯъ мекунад ва

Қосими Тавсирконӣ бошад, бо назари кулли ба яке аз намунаҳои осори Ватвот баҳо медиҳад, ки ин нукот ҳар ду аз баҳси меҳварӣ надоштани баррасии «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» дар пажӯҳишоти ин ду нафар дарак медиҳад. Аммо хулосаи Абдунабӣ Сатторзода беҳикмат нест, зеро мавсуф «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-ро дар рисолаи худ сирф аз диди адабиётшиносӣ ва ҷойгоҳи он дар таърихи назариёти адабии форсии тоҷикӣ баррасӣ намудааст ва ҳамин равиши тадқиқ имкон додааст, ки бо муқоисаву муқобалаи ин китоб бо осори дигари адабӣ ба чунин натиҷаи дурусти илмӣ бирасад.

Дар мавриди сабки асар бошад овардааст, ки «шеваи ин китоб дар наср монанди дигар муосирини ӯ содда ва устодона ва куҳнаву қадимӣ аст ва ғайр аз лафзи «дар», ки ғолибан ба ҷойи «андар» истеъмол шудааст [9, с.401-402]. Намунае аз насри «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» дар шарҳи «мутаъотифа», ки чунин овардааст, ба ин вижагии сабкии асари Ватвот ишорат мекунад:

“Ин санъат чунон бошад, ки як мисраъ тозӣ ва яке порсӣ ва раво бувад, ки як байт тозӣ ва яке порсӣ ва ё ду байт тозӣ ва ду порсӣ ва ё даҳ байт тозӣ ва даҳ порсӣ биёваранд” [9, с.402]. Равшанӣ ва равонии сабки насри Ватвот дар китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» аз ҳамин як ҷумла ошкор мегардад ва дар канори ин мутолиаи комили матни асар муайян месозад, ки Рашидуддин дар нигоштани китоби худ танҳо ба шарҳу тавзеҳи саноеи бадеӣ маҳдуд нест, балки ҷо-ҷо ҳикоёте аз рӯзгори шуаро ва нависандагони пешин меоварад, ки ин шева ҳам ба усули нигориш ва ҳам ба муҳтавои асари вай таъсире ҷолиб гузоштааст. Аз ҷумла, дар мавриди Абӯалӣ ибни Сино ин ҳикоят зикр шудааст, ки Баҳор ҳам онро ҳамчун намунаи насри Ватвот дар сабкшиносӣ интихоб кардааст:

«Ҳикоятест, ки Бӯалӣ Сино рӯзе дар бозор нишаста буд, рустоие бигузашт барраи баҳоие бар дӯш гирифта буд, Бӯалӣ пурсид ки: Барра ба чанд?

Рустоӣ гуфт: Ба диноре.

Бӯалӣ гуфт: Барра ин ҷо бигузор ва соате дигар боз ой то баҳо бидиҳам. Рустоӣ ӯро мешинохт гуфт ки: Ту Ҳакими олимӣ чаро бояд, ки ин миқдор надонӣ, ки барра дар муқобалаи тарозу бошад то баҳо барнасанҷӣ барра ба хона бибарӣ.

Бӯалиро аз он аҷаб омад ва ӯро изъофи баҳои барра бидод» [4, с.40].

Ватвот вақте то ин ҷо мерасад, баъд бо шеваи нигориши адабии худ ба тавзеҳи адабии ҳикояти мазкур мепардозад ва хусусиятҳои адабиву бадеӣ ва рамзу киноёти суханро дар матни ин ҳикояти овардашуда тавзеҳ медиҳад. Дар ин ҳолат мо ҳам ба сабки насри бадеӣ ва ҳам насри ба истилоҳ фаннии Ватвот рӯ ба рӯ мешавем, ки Баҳор ӯро яке аз саромадони ин навъи наср дар идомаи Абулмаъолии Насруллоҳ ва Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Ҳамидуддини Балхӣ медонад [4, с.248]. Дар идомаи гуфтори хеш Рашидуддини Ватвот чунин меоварад:

Акнун дар камоли латофати ин сухан бояд нигарист ҳоле хотири мардум ба барра равад, ки ҷонварест ва ба тарозу, ки бад-ӯ зар бисанҷанд ва мурод аз рустоӣ худ бурҷи ҳамал ва мизон бувад, чӣ ин ҳар ду баробари якдигаранд ва нодира гуфтааст аз ҷинси илми ҳукамо ва лоиқ ба ҳоли Бӯалӣ [4, с.40].

Аммо ба ҳар оин ҳамон шеваи нигориши содаву равон ва наздик ба насри аҳди Сомонӣ ҳам дар усули зикри ҳикоят ва ҳам тавзеҳи илмии насри Ватвот боқӣ мондааст, ки ҳар ду порчаи овардашуда ба ҳақиқати ин амр ишорат мекунанд.

Аз муҳимтарин арзишҳои адабии «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» он аст, ки дар он фузун бар маводи адабӣ роҷеъ ба саноеи бадеӣ иттилооте роҷеъ ба шоирону адибон ҷой дорад, ки қимати илмӣ касб карда, дар кушодани нукоти рӯзгор ва каломи суханварон нақши муассир доранд. Аз ҷумла, дар китоби Ватвот ахбори пурбор ва судманде дар бораи шуарое чун Қатрони Табрезӣ, Унсурӣ, Фаррухии Сиистонӣ, Маъсуди Саъди Салмон, ки аксаран ҳамасри ӯ ҳастанд, ҷой дорад. Фузун бар ин, абёте аз шоирон нақл шудаанд, ки ба ҷуз аз ҳамин китоб ҷое дигар ҳатто дар девони онҳо наомадаанд ва аз ин нигоҳ арзиши сарчашмавии китоб ба ҳукми тасҳеҳи мутуни нусахи девони шуаро ва барқарор намудани ашъори онон аз аҳаммияти шоистае бархӯрдор мебошад.

Нахустин нашри интиқодии «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» соли 1308\1890 бо кӯшиши Аббос Иқболи Оштиёнӣ дар Эрон ба нашр расидааст, аммо чандин нусхаҳои хаттӣ ва сангии он

дар китобхонаҳои мухталифи дунё мавҷуд мебошанд. Аз ҷумла, нусхае, ки Аббос Иқболи Оштиёнӣ таҳия ва ба нашр расонидааст, аз рӯйи се нусахе таҳия шудааст, ки якеро ӯ бо ҳидояти Аллома Муҳаммади Қазвинӣ аз китобхонаи Порис ба даст овардааст. Вале то замони нашри нусхаи таҳиянамудаи Аббос Иқболи Оштиёнӣ чаҳор нусхаи чопии ин китоб вуҷуд доштааст, аммо ҳеҷ як аз онҳо ба таври шоиста қобили истифода набудаанд. Дар канори ин, дар нусах ғалат ва иштибоҳоти фаровоне ҷой доштааст, ки танҳо Аббос Иқболи Оштиёнӣ бо ба даст овардани нусхаи қадимии китоб аз китобхонаи миллии Порис ва муқоисаи он бо нусахи дигар матни интиқодии «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-ро бо бартараф намудани куллияи ағлот ва иштибоҳот рӯйи чоп оварда. Нашри китоб бошад бо ёрии Сайид Абулраҳими Халхолӣ, нусхашиноси маъруф, ки нусхаи нодири девони Ҳофизро ҳам таҳия намудааст ва бо сармояи шахсии ҳамин донишманди номвар сурат гирифт.

Забеҳулло Сафо низ ба нашри чандинкаратаи ин китоб дар Эрон ишорат намудааст. Нашри нусхаи тоҷикистонии китоб ҳам бо эҳтимоми адабиётшиноси номии тоҷик Раҳими Мусулмониён сурат гирифтааст. Тарҷумаи русии китоб ҳам дар соли 1985 бо кӯшиши адабиётшиноси рус Н.Ю. Чалисова дар Маскав рӯйи чоп омадааст.

Аз муқаддимаи «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» маълум мешавад, ки Рашиди Ватвот рисолае дар мавриди арӯз низ бояд ба қалам оварда бошад. Ӯ нияти навиштани ин рисоларо чунин тавзеҳ додааст. «Агар дар аҷал то хайре бошад ва рӯзгор муҳлат диҳад ва тақдири яздонӣ ба вақфи муроди инсонӣ равад, китобе хоҳам сохт муҳит ба тамоми аснофи илми шеър: аз арӯз ва ақлоб ва қавофӣ ва маоюб ва маҳосини назму наср» [9, с.3].

Ҳарчанд ки таълиф шудан ё нашудани чунин асар ба қалами Ватвот мушаххасан таъйид нашудааст, аммо Қосими Тавсирконӣ дар муқаддимаи «Номаҳои Рашиди Ватвот» онро ҳамчун асари ин адиб бо номи «Рисола дар арӯз» мавриди нақду баррасӣ қарор дода, навиштааст, ки: «Рашид дар ин рисола бисту нуҳ баҳр аз буҳури аслӣ ва фаръии авзони шеъри форсӣ ва тозиро ба назм дароварда ва ҳар якро дар ду байт баён карда ва дар чанд калима тазаккур додааст, ки он вазн матрук аст ё мутадовил ва ё дар чӣ қисм аз шеър (ба ҳисоби навъ ё мавзӯъ) беҳтар омадааст. Масалан, дар баҳри ҳазаҷи макфуф гӯяд:

Чу макфуф дар рукни ҳазаҷ гашт дилафрӯз,
Бад-ин тарз буд, байт, ки гуфтем биёмӯз.
Мафоилу мафоилу мафоилу мафоил,
Хушат бодо ҳама умр, беҳат бодо ҳама рӯз.

Дар ин вазн ашъори порсӣ кам гуфтаанд, зеро ки ин матбӯъ нест [8, с.68]. Аз намунаҳои дигар осори насрии Рашидуддини Ватвот китобест, ки ба қавли Баҳор «сару таҳ надорад ва маълум нест, чӣ ном дорад» [4, с.400]. Аммо дар баробари ин, китоби дигари вай бо забони форсӣ бо номи «Наср-ул-маъоли мин каломи Амир Абитолиб Алӣ» ба шумор меояд, ки бо унвони «Сад калима» низ дар забони форсӣ шуҳрати тамом дорад. Асли ин китоб ба забони арабӣ буда, онро Амр ибни Баҳри Ҷоҳиз (вафот 255 ҳиҷрӣ) аз суханони Ҳазрати Алӣ ибни Абитолиб (р) интихоб карда будааст ва Рашидуддини Ватвот ба рӯзгори хеш ҳар яке аз ин суханонро аз насри тозӣ ба форсӣ ба назм дароварда, тарҷума ва тафсир намудааст. Аз сӯйи дигар, ҳамин мазмунро, ки аз каломи Алӣ ибни Абитолиб ба арабӣ ва форсӣ тарҷума ва тафсир мешавад, яъне, нахуст каломи Алӣ ибни Абитолибро ба забони арабӣ меоварад ва бо таъкиди «маънии калима ба порсӣ» тарҷума ва тафсири онро ба забони форсӣ аз номи худ меоварад. Ватвот дар поёни ҳар фиқра дар ҳудуди як қитъа ё дубайтие бо шеър тафсир мекунад. Ин китоб борҳо ба дасти чоп расидааст ва ба гуфтаи Баҳор ҳатто муддате дар мактабхонаҳо он дарс ҳам дода мешудааст [4, с.400]. Мурур ба намунае аз насру назми ин китоб шеваи нигориш ва сабки таълифи онро бозгӯӣ мекунад: **[**10, с.125] **اغنى الغنى العقل**

Маънии калима ба форсӣ: Ҳар киро хирад бошад ӯ тавонгартар аз ҳама молдорон бувад аз баҳри он ки (аз мол) агар ҳазина кунӣ мол кам гардад ва нест шавад ва аз хирад агар ҳазина кунӣ хирад биафзояд ва ҳар рӯз ба сабаби таҷрибат зиёдат гардад.

Қитъа:

Ин ки хоҳӣ тавонгарӣ пайваст,
То аз он раҳ расӣ ба меҳтарӣ.

Аз хирад ҷӯй меҳтарӣ зерок,
Нест ҳамчун хирад тавонгарӣ [10, фасли 84, с.125].

Забеҳулло Сафо низ дар ишорат ба шеваи нигориши Ватвот дар ин китоб навиштааст, ки «Насрулолӣ мин каломи Амир ул-муъминин Алӣ», ки дар ҳар як аз калимоти он Ҳазрат ба насри форсӣ тарҷума ва дар ду байт манзум шудааст. Чун ин маҷмӯа мутазаммини сад нукта аз Алӣ бинни Абӯ Толиб аст, ба «Сад калима» низ шуҳрат дорад [10, с.169].

Дар ин асар ҳам сабки равони таълиф ва баёни сода ҳам дар наср ва ҳам дар назми ӯ ба мушоҳида мерасад. Аз сӯйи дигар таваҷҷуҳи Рашидуддини Ватвот ба тарҷумаи ин китоб аз он ҳам шаҳодат медиҳад, ки вай танҳо маҳдуд ба суроиши қасидаҳои мадҳӣ ё нигориши номаҳо набуда, балки ба тарҷумаи осоре дар ахлоқ ва мазҳаб ҳам шуғл варзидааст, ки мақоми ӯро ҳамчун мутарҷим ва нависандаи забардасти асри худ бозтоб мебахшад. Аз назари дигар, ин асар ба танаввуъи мавзӯи таълифоти Рашидуддини Ватвот ҳам ишорат мекунад.

Китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» ҳамзамон дар таркиби “Девон”-и ӯ, ки бо тасҳеҳ, муқобала ва муқаддимаи устод Сайид Нафисӣ соли 1339 дар интишороти «Боронӣ» рӯйи чоп омадааст.

Номаҳои Рашидуддини Ватвот. Маъруфтарин таълифоти Рашидуддини Ватвот дар насри форсӣ маҷмӯи номаҳои ӯ ба шумор меравад, ки вобаста ба фаъолияти котибиаш ҳамчун сарвари девони расоил дар дарбори Отсиз пайванд дорад. Забеҳулло Сафо онро ҷоизи аҳаммияти бисёре донистааст. Нусхаи хаттии ин расоил дар музеи Осиёии Анҷумани илмҳои шаҳри Санкт-Петербург мавҷуд мебошад, ки ҳанӯз рӯйи чоп наомадааст. Аз рӯйи феҳристи ин номаҳо, ки дар музеи мазкур маҳфуз мебошанд, равшан мегардад, ки бахше аз онҳо ба таъбири Баҳор маснуъ ва мурассаъ мебошанд [4, с.401]. Аммо куллияи матни номаҳои Рашидуддини Ватвот ба забони форсӣ таълиф нашудаанд. Балки миёни расоили ӯ мо ба номаҳое дучор меоем, ки ба забони арабӣ иншо шудаанд ва Маликушшуаро Баҳор дар робита ба нашри онҳо дар Эрон ва усули нигоришашон таъкид мекунад, ки ғолиби онҳо чоп шуда ва метавон донист, ки ин нависанда низ аз онҳое аст, ки таҳти таъсири насри фаннии тозӣ қарор гирифта ва ин шеваро вориди насри форсӣ кардааст ва аз ин лиҳоз, бояд вайро аз пешравони насри фаннии форсӣ шумурд ва Баҳоуддини ибни Муҳаммади Насавиро низ аз пайравони ӯ маҳсуб дошт. [4, с.401].

Аз ин ишораи Баҳор муайян мегардад, ки таваҷҷуҳи Ватвот ба насри фаннӣ аз усули нигориши вай дар таълифоти арабиаш сарчашма мегирад, ки бар асоси огоҳии ӯ бар насри қадимаи арабӣ ба зуҳур расидааст. Аз ин рӯ, дар насри форсӣ бидуни тардид яке аз асосгузорони насри фаннӣ эътироф мешавад, бо он ки дар аксари нигоштаҳои вай равониву содагии насри аҳди сомонӣ ҳувайдост ва ин салосату содагӣ ҳатто ба ҳадде ҳам ҳаст, ки ҳифозати унсурҳои забонҳои қадимаи эронӣ, аз ҷумла суғдӣ ва калимаҳои мустаъмал дар насри аҳди сомонӣ дар насри ӯ ба мушоҳида мерасанд, ки теъдоде аз онҳоро Баҳор асосан аз рӯйи матни «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» бо тавзеҳ зикр намудааст. Аз ҷумлаи калимоти овардаи Маликушшуаро Баҳор инҳост:

Охшиҷ- зид, Офарин ва нафрин, мадҳу ҳаҷв, афтодан- зоил шудан, божгуна ё вожгуна- мақлуб ё акс, бахшиш ба маънии тақсим, бар банд – ва шох, пора-пора -муқаттаъ, паҳно- арз, чаҳорсӯ- мураббаъ, дарозно- тӯл, дурӯя муваҷҷаҳ, намудор- намуна [4, с.401-402].

Ҳадди услуби насри фаннӣ то ҷое дар нигоштаҳои Ватвот боло рафтааст, ки гоҳо ҳамин шеваи нигоришро ӯ дар шеър ҳам ба кор гирифтааст, ки ин амалаш мавриди накуҳиши тазкиранависон ва муҳаққиқон қарор дорад, ки дар ин маврид зимни баррасии хусусиятҳои ашъори Рашидуддин ручӯъ хоҳад шуд.

Маҷмӯаи номаҳои арабии Ватвот бошад, бори аввал зери унвони «Расоили арабӣ» соли 1987 дар Миср ба табъ расидаанд. Ахиран китоби номаҳои арабӣ, ки аз тарафи Муҳаммад Афандии Шофеӣ ҷамъоварӣ шудаанд, ҳамин сол дар сурати ҷудогона зери унвони «Номаҳои тозии Рашидуддини Ватвот» дар тарҷумаи форсӣ аз тарафи Маҳмуди Ҳайдарӣ дар донишгоҳи Ёсуҷи Ҷумҳурии Исломии Эрон ба дасти чоп расид. Тавре аз муқаддимаи ин китоб пайдост, Рашидуддини Ватвот номаҳои арабии худро дар айёми салтанати Хоразмшоҳиён ва подшоҳии падараш, подшоҳи бузург Элп Арслон ва ҷаддаш

ва подшоҳии Сайид ва Хушбахт Астари Хоразмшоҳӣ нигошта ва ба Дорулхилофаи Бағдод фиристодааст. Ин номаҳо ва ҳамзамон номаҳои форсии Рашидуддини Ватвот аз замони худаш то имрӯз шуҳрати фаровоне пайдо намуда омадаанд. Маҷмӯаи номаҳои форсии Ватвот бошад соли 1338\1919 бо эҳтимоми донишманди адабпажӯҳиши Эронӣ Доктор Қосими Тавсирконӣ аз чоп баромадааст. Таҳиягари мутуни ин номаҳо бар ин китоб муқаддимаи муфассале нигоштааст, ки он шарҳи ҳол ва нақди осори Ватвотро фаро мегирад.

Ҳамчунин, аз Ватвот кутубе бо номи «Абкор-ул-афкор», «Луғот-ул-Қуръон» низ то замони мо расидаанд, ки аз арзиши муҳимми адабиву илмӣ бархӯрдор мебошанд. Намунаҳои дигари насри ӯ «Туҳфат-ус-сиддиқин мин каломи Абӯбакри Сиддиқ», ки шабеҳ ба китоби «Сад калима» дар шарҳи каломи Абӯбакри Сиддиқ, «Фахр-ул-китоб мин каломи Умар ибни Афлон» мебошанд. Дар канори ин кутубе чун «Ғароиб-ул-калом фӣ рағоиб-ул-ҳикам», «Маният-ул-мутакаллимин ва ғаният-ул-мутаъаллимин», «Мафотеҳ-ул-ҳикам ва масобеҳ-ул-зилам», «Ҷавоҳир-ул-қалоид ва завоҳир-ул-фароид», «ал- фавоид-ул-амонияҳу», «Абкор-ул-афкор фӣ расоил-ул-ашъор» ва амсоли ин мебошанд, ки масоили ҷудогонаи бадеъ, шеър, ҳикмат ва амсоли инҳо дар онҳо тавзеҳ ёфтааст. Китобе, ки Рашиддудин Ватвот дар амсолу ҳикам навиштааст, «Ғурар-ул-ақвол ва дурар-ул-амсол» маҳсуб меёбад. Ҳамчунин аз ӯ луғатномае тариқи назм боқӣ мондааст, ки «Ҳамду сано» унвон дорад. Нигоштаҳои дигари адиб ва шоир «Фасл-ул-хитоб», «Унсул-лаҳфон», ки ин китобро ёддоштҳои Ватвот ҳам мегӯянд, маҳсуб меёбанд. Дар маҷмӯъ теъдоди расоил ва кутуби Рашидуддинро аз 15 бештар метавон баршумурд.

Дар канори «Ҳадоиқ-ус-сеҳр», номаҳои арабӣ ва форсӣ ва дигар осори мансур аз Рашидуддини Ватвот то замони мо кутуби манзум ба забони форсӣ ва арабӣ ва «Девон»-низ омада расидааст, ки аз қасоид, ғазал, рубоӣ қитъа ва ғайра иборат мебошад. Аз ҷумла, манзумае аз ӯ дар арӯзи порсӣ ба қалам омадааст, ки шомили шонздаҳ баҳр аз буҳури арӯзи порсӣ маҳсуб мегардад.

«Девон»-и ашъори форсии Ватвот бошад асосан ҳовии қасоид ва муқаттаъот мебошад. Ҳарчанд ағлаби қасоиди шоир ба ситоиши Отсизи Хоразмшоҳ ва вазирони дарбори ӯ, инчунин Султон Санҷари салҷуқӣ бахшида шудаанд, аммо дар ин девон қасида ва қитъаоту ғазалҳо низ ҷой доранд, ки ба мавзӯоти ахлоқӣ, талқини адлу субот ва амсоли ин бахшида шудаанд. Аз «Девон» - и ашъори Ватвот нусхаҳои фаровоне дар китобхонаҳои ҷаҳон мавҷуд аст, ки бештари онҳо дар китобхонаҳои Туркия ҷой гирифтаанд. Устод Сайид Нафисӣ девони шоирро бар асоси 9 нусхаи хаттии худи «Девон» ва 9 нусхаи маҷмӯае аз сафинаву баёзҳо ва тазкираҳое, ки дар онҳо ашъори Ватвот зикр шудаанд, тасҳеҳ намудааст.

Мақоми Ватвот дар густариши шеъри форсӣ ва арабӣ аз ҷониби ағлаби суханварон ва тазкиранигорон эътироф шудааст. Аз ҷумла, Ёқути Ҳамавӣ дар «Муъҷам-ул-удабо» дар ишорат ба ашъори Ватвот навиштааст, ки дар як байт дар баҳре аз арабӣ назм мекард ва байти дигар дар баҳри ҷудогона ба порсӣ ва ҳардуро имло менамуд. Дар идомаи сухани хеш Ёқути Ҳамавӣ шеъри арабии ӯро ба хубии насри вай дар он забон намедонад ва ӯ дар насри арабӣ ҳаққан аз машоҳири булағост ва «Муншаот»-аш дар радифи осори баргузидаи он забон аст [7, с.170].

Ҳамин тавр, бар асоси мероси бозмонда аз Рашидуддини Ватвот ин амр мусаллам мегардад, ки ӯ яке аз нависандагони забардаст, номанигор, мутарҷим ва шоири маъруфи аҳди худ буда, дар такмили насри фаннӣ ҳам ба забони форсӣ ва ҳам арабӣ хидматҳои мондагоре ба сомон расонидааст. Беҳикмат нест, ки бар асоси ҳамин ибтикорот ӯро асосгузор ва аз пешравони насри фаннӣ дар адабиёти форсу тоҷик номзад кардаанд. Дар канори ин, осори насрии ӯ ба масоили мухталифи адабӣ, бадеӣ, ҳикамӣ ва луғату арӯз бахшида шуда, ҳар яке ба зоти худ дорои аҳаммияти муҳимми адабӣ ва илмӣ мебошанд. Махсусан, маъруфтарин китоби вай «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» ба ҳукми нахустин намунаи насри адабӣ ва китоб роҷеъ ба саноеи бадеӣ дар адабиётшиносии форсӣ арзиши баландеро касб намуда, дар шинохти адабиёт, шеър ва афкори адабӣ нақши мунireро соҳиб мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Сатторзода А. Таърихчаи назариёти адабии форси тоҷикӣ / А. Сатторзода. - Душанбе: Адиб, 2001. - 142с.
2. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ.1. Бахши аввал / Забеҳуллоҳ Сафо; таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти Худоӣ Шарифов, Абдушукури Абдусаттор. –Душанбе, 2001. – 160 с.
3. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон / Забеҳуллоҳ Сафо; таҳия ва тавзеҳоти Саъдоншо Имронов, Бадриддин Мақсудов. - Душанбе: Деваштич, 2003. – 318 с.

4 .بهار، ملکالشّعرا . سبکشناسی ج. 2.3 / ملکالشّعرا بهار.-تهران: زوّار، 1372.-468ص.

5 .صفا ذبیحالله، تاریخ ادبیات در ایران و در قلمرو زبان فارسی/ج. 2 از مغانه قرن پنجم تا آغاز قرن هفتم هجری صفا ذبیحالله صفا ذبیحالله. تهران: فردوس، 1336/ 1128 ص.

6 .راضی شمس الدّین محمّد ابن قیس، المعجم فی مادی اشعاری العجم/ تصحیح محمّد ابن عبدالوهاب قزوینی، تهران:چاپخانه دانشگاه، 1338 / 497 ص.

7.الحموي، ياقوت. معجم الأدباء. 2 جلد / ترجمه عبدالمحمد آيتي. - تهران: سروش. 2002/1423/ 1391ص.

8 .وطواط رشید الدین ، نامههای رشیدالدّین وطواط/ با کوشش قاسم توسرکانی. تهران: انتشارات دانشگاه تهران، 1383

9 .وطواط رشید الدین، حدائق السّحر في دقائق الشعر/ مصحح عبّاس اقبال اشتياني.تهران:مؤسسه انتشارات کتابخانه طهور و کتابخانه سنایی-1362 / 153 ص.

10 .وطواط رشید الدین، مطلوب من کلّ طالب/ تصحیح محمود عابدي .قم: مؤسسه انتشارات سلمان فارسي، 203/1365ص.

НАЗАРЕ БА ЭҶОДИЁТИ ИЛМИВУ АДАБИИ РАШИДУДДИНИ ВАТВОТ ВА МУХТАССОТИ ОН

Дар мақола мероси гаронбаҳои Рашидуддини Ватвот, ки ин осор боиси шуҳрати афзуни вай чи дар замони худи ӯ ва чи дар таърихи адабиёти форсу тоҷик гардидаанд, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қабл аз тавзеҳи мухтасари нигоштаҳои ӯ метавон нуктаеро таъкид кард, ки Рашидуддини Ватвот аз зумраи адибони зуллисонайн аст, ки таълифоти хешро ба ду забон форсӣ ва арабӣ ба қалам овардааст. Аз ин рӯ, аз нависандагон ва шоирони муътабари арабизабон ҳам маҳсуб меёбад, ки дар ташаккули ин адабиёт дар аҳди худ нақши муассир гузоштааст. Бар асоси мероси бозмонда аз Рашидуддини Ватвот ин амр мусаллам мегардад, ки ӯ яке аз нависандагони забардаст, номанигор, мутарҷим ва шоири маъруфи аҳди худ буда, дар такмили насри фаннӣ ҳам ба забони форсӣ ва ҳам арабӣ хидматҳои мондагоре ба сомон расонидааст. Беҳикмат нест, ки бар асоси ҳамин ибтикорот ӯро асосгузор ва аз пешравони насри фаннӣ дар адабиёти форсу тоҷик номзад кардаанд. Дар канори ин, осори насрии ӯ ба масоили мухталифи адабӣ, бадеӣ, ҳикамӣ ва луғату арӯз бахшида шуда, ҳар яке ба зоти худ дорои аҳаммияти муҳимми адабӣ ва илмӣ мебошанд. Махсусан, маъруфтарин китоби вай «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» ба ҳукми нахустин намунаи насри адабӣ ва китоб роҷеъ ба саноеи бадеӣ дар адабиётшиносии форсӣ арзиши баландеро касб намуда, дар шинохти адабиёт, шеър ва афкори адабӣ нақши мунireро соҳиб мебошад.

Калидвожаҳо: адабиёти форсу-тоҷик, Рашидуддин Ватвот, арзиши адабӣ, осори назму наср, адабиёти арабизабон.

НАУЧНО- ЛИТЕРАТУРНОЕ НАСЛЕДИЕ РАШИДУДДИНА ВАТВАТА И ЕГО ОСОБЕННОСТИ

В статье рассматривается творческое наследия Рашидуддина Ватвата. От Рашидуддина Ватвата до наших дней сохранились многочисленные труды, благодаря которым он приобрел большую известность, как в своей эпохе, так и в истории персидско - таджикской литературы. Прежде чем анализировать литературное наследие трудов Ватвата, необходимо еще раз подчеркнуть, что литератор одинаково прекрасно владел как арабским, так и персидским языками, сочинял прозу и поэзию на двух языках. Поэтому он считается также авторитетным арабским поэтом и писателем, оказавшим заметное влияние на формирование и развитие арабоязычной литературы своей эпохи. Наравне с «Хада’ик ас-сихр», арабскими и персидскими посланиями, другими прозаическими произведениями от Рашидуддина Ватвата до наших дней дошли поэтические сочинения на персидском и арабском языке, в частности «Диван» литератора. Хотя касыды поэта в основном посвящены восхвалению Атсыза Хорезмшаха, визирей его двора, а также султана Санджара Салджукида и других, однако встречаются касыды, затрагивающие этико - нравственные проблемы, пропагандирующие справедливость и т.д. Таким образом, краткий анализ сохранившегося до наших дней творческого наследия Ватвата доказывает, что он был великим мастером прозы, автором прекрасных посланий, переводчиком и известным поэтом и оказал существенное влияние на совершенствование изящной прозы, как на персидском, так и на арабском языках. Не случайно его называют одним из основоположников и предводителей изящной прозы в персидско - таджикской поэзии. Наравне с этим, тематический диапазон его прозаических произведений очень широк и охватывает разные проблемы литературы, философии, лексикографии, аруза и др.

Ключевые слова: персидско-таджикская литература, Рашидуддин Ватват, литературная ценность, поэтическое и прозаическое наследие, арабоязычная литература.

SCIENTIFIC AND LITERARY HERITAGE OF RASHIDUDDIN VATVAT AND ITS FEATURES

The article deals with the creative heritage of Rashiduddin Vatvat. From Rashiduddin Vatvat numerous works have survived to the present day, thanks to which he gained great fame, both in his era and in the history of Persian - Tajik literature. Before analyzing the literary heritage of Vatvat's works, it is necessary to emphasize once again that the writer was equally fluent in both Arabic and Persian, wrote prose and poetry in two languages. Therefore, he is also considered an authoritative Arab poet and writer who had a significant impact on the formation and development of Arabic literature of his era. Along with "Hada-iq-al-sihr", Arabic and Persian letters, and other prose works of Rashiduddin Vatvat to have

survived poetic compositions in Persian and Arabic, in particular "Divan" of the writer. Although qasidas of the poet dedicated to praise of Khorezmshah Atsyz, his viziers of the court, and Sultan Sanjar Seljukid and other, but there are qasidas, involving ethical and moral issues, promote justice, etc. Thus, a brief analysis of the extant of the creative heritage of Vatvat proves that he was a great master of prose, author of the excellent messages, translator and renowned poet and had a significant impact in the improvement of fine prose in both Persian and Arabic. It is no accident that he is called one of the founders and leaders of fine prose in Persian - Tajik poetry. Along with this, the thematic range of his prose works is very wide and covers various problems of literature, philosophy, lexicography, aruz, etc.

Key words: Persian-Tajik literature, Rashiduddin Vatvat, literary value, poetic and prose heritage, Arabic literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Анварова Маърифат Нарзуллоевна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, х. Мавлонбеков 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru**. Тел.: **(+992) 927-67-36-63**

Сведения об автор: ***Анварова Маърифат Нарзуллоевна*** – Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры арабской филологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru**.
Тел.: **(+992) 927-67-36-63**

Information about the author: ***Anvarova Marifat Narzulloevna*** – Khujand State University named after B.Gafurov, candidate of philology, senior teacher at Arabic philology Department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru**. Tel.: **(+992) 927-67-36-63**

УДК: 891.550

ШЕЪРИ НАВ ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР ЭҶОДИЁТИ АЛИМУҲАММАД МУРОДӢ

Ҳасанов И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар баробари ашъори суннатӣ дар эҷодиёти А. Муродӣ «шеъри нав» ё ки нимоӣ ҷойгоҳи ба худ хосро касб намудааст. Ба ақидаи адиб Муҳаммадалии Аҷамӣ «Шоир дар жанрҳои гуногуни суннатӣ ҳунари худро таҷриба кардааст, аммо бояд гуфт, ки ӯ дар миёни ҳаводорони шеър бештар бо шеърҳои нимоияш шинохта шудааст [2, с.13]. Ашъори нимоии Муродӣ мавзӯъҳои гуногуни ҳаёти имрӯзаи халқамонро дар бар гирифтааст.

Дар бораи ашъори нимоии шоир адабиётшиноси эронӣ Алиасғари Шеърдӯст чунин хулоса кардааст: «Аз шеърҳои Муродӣ чунин бармеояд, ки ӯ бо шеъри нави Эрон ба хубӣ ошност. Метавон иддао кард, шеъри Муродӣ заминаи бумӣ надорад ва аз ҳамон забону фазои шеъри имрӯзаи Эрон бархӯрдор аст» [9, с.255-56].

Ба ин ақидаи муҳаққиқи эронӣ розӣ шудан норавост. Чунки таърихи шеъри нав ба гуфти адабиётшинос Шоҳзамон Раҳмон «Ба фикри мо, Садриддин Айнӣ дар минтақаи форсигӯён аввалин касест, ки мазмунҳои нави замониро дар шакли тозаву шево гузаронида, сабки нави инқилобӣ ихтиёр кард. Шеърҳои инқилобии ӯ «Марши ҳуррият», «Марсия», «Инқилоб», «Ба шарафи инқилоби Бухоро» намунаҳое буданд, ки пештар аз «Афсона»- и Нимо навишта шудаанд. Хусусан «Марши ҳуррият» ба оҳанги «Марселеза» соли 1918 дар кӯчаҳои Самарқанд хонда шуда, баъд ба рӯйи коғаз рехтааст [7, с.10-11].

Алимуҳаммад Муродӣ бошад, заминаи амиқи воқеӣ доштан ва ба ҳаёти халқи азизаш тавъам будани ашъорашро дар пешгуфтори «Хайрбоди баҳор» чунин овардааст: «Шеър маро ҳангоми каландзанӣ дар саҳро, суҳбат бо мардум, андешаву мушоҳидаҳои зиндагӣ, шодиву ғам дармеёбад ва маҷбурам мекунад, ки қалам ба даст гирам» [5, с.7].

Ҳангоме ки кас ба ашъори Муродӣ ошноӣ пайдо мекунад, дарк менамояд, ки заминаи ашъори ӯ назми ҳазорсолаи классикию муосир ва осори шифоҳии мардумамон мебошад. Адиб дар натиҷаи мушоҳидаҳои бардавоми зиндагӣ ва меҳнати бурдборонаи эҷодӣ хома ба даст мегирад.

Яке аз мавзӯъҳои марказӣ дар ашъори суннатӣ ва нимоии шоир тараннуми Ватан ва ватандорӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки дар сурудани ашъори нимоӣ шоир бештар ба

кӯтоҳбаёнӣ рӯ овардааст. Ба ақидаи профессор Кӯчаров А.: «Чунин фишурдаи тасвир, ки ба он шоир муваффақ гаштааст, аз хонанда завқи баланди бадеӣ ва қобилияти расои маънирасиро тақозо дорад, то ӯ муносибати нозуки рамзҳои бадеиро ба ҳаёти пуршӯри воқеӣ муайян карда, ба умқи маънигириҳои мусаввир расида тавонад» [3, с.10].

Чунончи:

Шаби фурсатшумор дар берун,
Хонабон буд шаби зулматсӯз.
Хоб гоҳо ба дидаҳо ҷо шуд,
Хонадорон чароғро куштанд [5, с.109].

Агарчи маънои чаҳорпора дар зоҳир сода ва одӣ менамояд, вале дар ботин маънии амиқи ватанхоҳиро дар худ таҷассум намудааст. Шоир ҳушдор месозад, ки қуввaҳои моҷароҷӯ (шаби фурсатшумор) ба марзу буми ватан роҳ наёбанд, бедорӣ ва ҳушёрии ватандорон (хонадорон) зарур аст, то зери ҳимояву дастгирии онҳо намояндагони ғамхори миллат (чароғи зулматсӯз) ватанро аз қуввaҳои аҳриманӣ ҳимоя намоянд.

Дар шеъри «Суфраи сагканда» бошад, шоир Ватанро ба суфра ташбеҳ дода мегӯяд, ки аз беаҳаммиятии кадбону суфра ба дасти саг афтодааст:

Ватан гуфтам,
Фиғоне аз дилам хест,
Куҷо буд,
Чашми кадбону куҷо буд,
Ки ин суфра ба дасти саг фитодаст? [6, с.80].

Дар чаҳорпораи «Давлати ватандорӣ» шоир тавассути истифодаи санъати саволу ҷавоб маънии баланди фалсафиро ғунҷондааст:

Аз ватанрафтагон чӣ меоранд?
–Сарвати пур зи хориву зорӣ.
Дар ватанмондагон чиро доранд?
–Давлати заҳмати ватандорӣ [6, с.95].

Дар шеъри «Даъвати иттиҳод» бошад, адиб ба Худо муроҷиат карда, таманнои якҷо шудани шохобҳоро дорад:

Худо,
Шохобҳоро боз дарё кун,
Ки дарё зеби дарёӣ надорад [6, с.110].

Як қисмати ашъори шоирро воқеаву ҳодисаҳои охири саддаи ХХ, ки ба сари халқамон омадааст, ташкил медиҳад. Ба ақидаи Ю. Акбаров «Шоири рӯзгори мо, шоире, ки худро ҳампояю ҳамсадои рӯзгорон ва ҳамдаму ҳамнафаси халқу ватани худ медонад, ҳаргиз дар чорсӯи зиндагӣ, дар гардишҳои бузурги таърих, дар ин рӯзгори муташанниҷ ва шӯрангез дақиқае лоқайду бетафовут буда наметавонад. Ҳамовозии гарму ҷӯшон ба рӯйдодҳои зиндагӣ ва файласуфона дарку таъбир кардани сабабу оқибатҳои он аз муҳимтарин хусусиятҳои шоири рӯзгорон аст» [1, с.7].

Муродӣ, ки ҳамқадаму ҳамзамони ин воқеаю ҳодисаҳои давр буд, албатта, аз тақдири халқу миллат худро канор гирифта наметавонист. Муноқишаҳои байнихудӣ садҳо нафар бегуноҳонро ба кӯйи ғарибӣ кашид. Садои дили онҳо дар шеъри Муродӣ чунин инъикос ёфтааст:

Худо роҳи ғарибиҳо шавад кӯр,
Намехоҳам,
Кафи хоки Ватанро,
Ғарибикуштае бо худ кунад гӯр [6, с.93].

Дар шеъри «Баҳори ҷангзада» бошад, шоир таассуроти худро, ки ҷанг дар фасли баҳор ба вуқӯъ омадааст, чунин ба риштаи назм кашидааст:

Ҳаво, ки тир меборад,
Ғами вофир меборад.
Баҳор имсол мегиряд,
Чу як ғамдор мегиряд.

Лаби як гул намехандад,
Худоё, хор мегиряд [6, с.74].

Дар шеъри «Ғами миёншикан» ба ақидаи Қулов Д. «Фоҷиаи нангини рӯз, гусели фарзанд ба роҳи охират, ки шоир онро «шаҳтӯй» меномад, тасвир шудааст [4, с.98]. Таносуби сухан, истифодаи калимаҳои ба ҳам наздик ва образҳои фоҷиавӣ дар ин пораи шеър хеле хуб истифода шудааст:

Хуршед наметофт,
Гӯйи, ки ҳаво чеҳраи ғамдарҷигаре буд.
Як дастаи сархам,
Бо дидаи пурнам зи роҳи намзада мерафт ғиревон,
Шаҳтӯйи писар бар сари китфи падаре буд [6, с.113].

Қисмати дигари ашъори нимоии шоирро мавзӯи сиёсӣ-иҷтимоӣ дар бар мегирад. Шоир тавассути кӯтоҳбаёнӣ, ки пешаи асосии эҷодиёти ӯ дар солҳои охир гардидааст, мазмунҳои баланди фалсафиро пешкаши хонанда мегардонад. Дар шеъри «Оташам» шоир муноҷоти бисёр аҷибу дилкашро, ки он дар забони мардум ҳамчун зарбулмасал (Парвардигоро ба номард муҳтоҷам накун) дар истифода қарор дорад, ба қалам додааст. Истифодаи зарбулмасал ҳусну қубҳи шеърро дучанд гардонидааст:

Оташам,
Оташам,
Хокистари сардам макун,
Эй Худо,
Эй Худо,
Муҳтоҷи номардам макун [6, с.85].

Дар шеъри «Умеди танҳоӣ» бошад, аз ҳолу аҳволи якдигар огоҳ нагардиданро хеле барҷаста тасвир намудааст:

Куки чашмам канд,
Кас намеояд.
Камбағал бе хеш аст [6, с.83].

Дар байти «Баҳори мардумхӯрон» бошад, шоир тавассути санъати ташбеҳ мазмуни баланди фалсафиро кашф карда:

Арақ мерезад аз рӯйи баҳору дона мекорад,
Чу деҳқон худ нахӯр, мардумхӯрон аст [6, с.80].

Дар байти «Ҳиҷобу зоҳиру ботин» шоир ба онҳое, ки имрӯз сатрпӯширо пеша кардаанд, гуфтанист:

Нагирад сатри аврат пеши бесатр,
Ҳиҷобу сатр агар дар дил набошад [6, с.70].

Ё худ агар шеъри «Тоқат»- и шоирро намояндаи кадом синну сол хонад, онро ба худ қабул менамояд:

Зиндагиро ранҷ додам шаст сол,
Офарин бар тоқаташ,
Таркам накард [6, с.71].

Мавзӯи ишқ низ дар шеърҳои нимоии шоир ҷойи махсусро касб менамояд. Шеъри «Илтиҷо» пурра фарогири ин матлаб мебошад:

Ҳамин як шаб,
Фақат як шаб
Чароғи рӯшани ман бош.
Ҳамин як шаб,
Фақат як шаб
Баҳори гулшани ман бош.
Ту ҷонӣ
Дар тани ман бош,
Ки метарсам «шаби дигар шаби мо нест» [6, с.75].

Тавре маълум гашт, Муродӣ дар эҷоди шеъри нав ба худ роҳу равиши хосса касб намуда, эҷоди он дар тарбияи насли наврас мавқеи махсусро ишғол намудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбаров Ю. Таҳқиқи шеър аз дидгоҳи нав / Ю.Акбаров. - Душанбе: Адиб, 2004. – 120 с.
2. Аҷамӣ М. Ватан оҳангаре дорад / М.Аҷамӣ // Адабиёт ва санъат. – 2016-15 декабр. – № 50 (1865).
3. Кӯчаров А. Фаввораи ҳунари шоир / А.Кӯчаров // Адабиёт ва санъат. – 2015- 30, юми июл. - № 31 (1794).
4. Қулов Д.Ҳ. Инъикоси воқеаҳои иҷтимоӣ- сиёсии Тоҷикистон дар назми солҳои 90-уми садаи XX / Д.Ҳ. Қулов. - Душанбе: Эр – граф, 2014. – 140 с.
5. Муродӣ А. Хайрбоди баҳор / А.Муродӣ. – Душанбе, 1999. - 168 с.
6. Муродӣ А. Моҳи хасрав / А.Муродӣ. - Душанбе: Адиб, 2012. - 176 с.
7. Раҳмонов Ш. Нимо ва пайравони шеъри озод / Ш. Раҳмонов // Адабиёт ва санъат. – 2016, 14-уми апрел. - № 15 (1830).
8. Сафаров Г. Бӯи гандум / Г. Сафаров //Адабиёт ва санъат. – 2016, 14-уми апрел. - № 15 (1830).
9. Шеърдӯст, А. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик / А.Шеърдӯст. – Душанбе: Адиб, 1997. - 270 с.

ШЕЪРИ НАВ ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР ЭҶОДИЁТИ АЛИМУҲАММАД МУРОДӢ

Мақолаи мазкур ба баррасии шеъри нав ва ҷойгоҳи он дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар баробари ашъори суннатӣ дар эҷодиёти А. Муродӣ «шеъри нав» ё ки нимоӣ ҷойгоҳи ба худ хосро касб намудааст.Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки қисмати дигари ашъори нимоии шоирро мавзӯи сиёсӣ-иҷтимоӣ дар бар мегирад. Як қисмати ашъори шоирро воқеаву ҳодисаҳои охири саддаи XX, ки ба сари халқамон омадааст, ташкил медиҳад.Муаллиф чунин фикрронӣ менамояд, ки Муродӣ, ки ҳамқадаму ҳамзамони ин воқеаю ҳодисаҳои давр буд, албатта, аз тақдири халқу миллат худро канор гирифта наметавонист. Муаллиф ба он ишорат менамояд, ки А. Муродӣ тавассути кӯтоҳбаёнӣ, ки пешаи асосии эҷодиёти ӯ дар солҳои охир гардидааст, мазмунҳои баланди фалсафиро пешкаши хонанда мегардонад. Дар шеъри «Оташам» шоир муноҷоти бисёр аҷибу дилкашро, ки он дар забони мардум ҳамчун зарбулмасал (Парвардигоро ба номард муҳтоҷам накун) дар истифода қарор дорад, ба қалам додааст. Истифодаи зарбулмасал ҳусну қубҳи шеърро дучанд гардонидааст. Муаллиф чунин хулосабарорӣ менамояд, ки шоир дар эҷоди шеъри нав ба худ роҳу равиши хосса касб намуда, эҷоди он дар тарбияи насли наврас мавқеи махсусро ишғол намудааст.

Калидвожаҳо: эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ, ашъори суннатӣ, баррасии шеъри нав, эҷоди шеъри нав, кӯтоҳбаёнӣ.

НОВЫЙ СТИХ И ЕГО МЕСТО В ТВОРЧЕСТВЕ АЛИМУХАММАДА МУРОДИ

Данная статья посвящена рассмотрению такой разновидности поэзии как новый стих и его месту в творчестве Алимухаммада Муроди. Автор подчёркивает, что на равне с традиционной поэзией в творчестве А. Муроди «новый стих» занимает особое место. Также автор подчеркивает, что другую часть белых стихов поэта составляют стихи на социально-политическую тематику. Также в них содержатся стихи посвященные событиям происходившим в конце XX века. Автор приходит к выводу о том, что Муроди, который был свидетелем и современником событий тех лет, не мог не сопрежевать своему народу. Автор указывает на то, что А. Муроди посредством коротких стихов, которые составляли основу его творчества в последние годы, предлагал высокие философские темы своему читателю. В стихотворении «Оташам» поэт посредством своего пера представил интересный захватывающий муноджот, который в народе используется как пословица (О Боже сделай так, чтобы ни от кого не зависеть). Использование пословицы придало стиху еще большее значение. Автор приходит к выводу о то, что поэт при создании нового стиха приобрел особую манеру и стиль изложения и его творчество занимает особое место в деле воспитания подрастающего поколения.

Ключевые слова: творчество Алимухаммада Муроди, традиционная поэзия, исследование нового стиха, сочинение нового стиха, лаконизм.

A NEW VERSE AND ITS PLACE IN THE WORKS OF ALIMUHAMMAD MURODI

This article is devoted to the consideration of such a variety of poetry as a new verse and its place in the work of Alimuhammad Murodi. The author emphasizes that on a par with traditional poetry in the works of A. Murodi, the “new verse” occupies a special place. The author also emphasizes that another part of the poet’s white verses is composed of poems on socio-political themes. They also contain poems dedicated to events taking place at the end of the twentieth century. The author comes to the conclusion that Murodi, who was a witness and contemporary of the events of those years, could not help but interfere with his people. The author points out that A. Murodi, through short poems that formed the basis of his work in recent years, offered high philosophical themes to his reader. In the poem “Otasham” the poet, through his pen, presented an interesting and exciting moonojot, which is popularly used as a proverb (O God, make sure that you do not depend on anyone). The use of the proverb gave the verse even greater significance. The author comes to the conclusion that the poet, when creating a new verse, acquired a special manner and style of presentation and his work occupies a special place in the education of the younger generation.

Keywords: the work of Alimuhammad Murodi, traditional poetry, the study of a new verse, the composition of a new verse, laconicism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳасанов Исматулло Саъдуллоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, устоди кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 918-15-38-95**

Сведения об авторе: ***Хасанов Исматулло Саъдуллоевич*** **-** Таджикский национальный университет, преподаватель кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 918-15-38-95**

Information about the author: ***Khasanov Ismatullo Sadulloevich*** **-** Tajik National University, teacher of the Tajik language department and methods of teaching the Tajik language and literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel .: **(+992) 918-15-38-95**

УДК: 891.5:891.45

АНЪАНАИ ЁДДОШТНАВИСӢ ДАР АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК ВА НАҚШИ АҲМАДИ ДОНИШ ДАР ОН

Исроилзода Ф.У.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллои Рӯдакӣ

Таърихи тамаддун, фарҳанг ва адабиёти тоҷик дар масири худ чандин даврaҳо ва анъанаю намунаҳоро аз сар гузаронидааст, ки ҳар яки онҳо ба худ хусусиятҳои хосро доро мебошанд. Дар адабиёти тоҷику форс аз замони одамушшуаро, сардафтари адабиёти классикии тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар назму наср суннатҳои устувор ба вуҷуд омаданд. Яке аз намунаи барҷастаи онҳо, ки то имрӯз боқӣ мондааст, “Сафарнома”-и шоир ва нависандаи забардасти тоҷик Носири Хусрав мебошад. Пас аз эҷоди “Сафарнома” анъанаи ёддоштнависӣ идома пайдо намуд. Сипас, асари муҳимтарини шоир ва орифи тоҷик Зайниддин Маҳмуди Восифӣ “Бадоеъ-ул-вақоеъ” ҳамчун намунаи олитарини анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти тоҷику форс арзи вуҷуд кард. Дар ин гуна асарҳо бисёре аз лаҳзаҳо ба мушоҳида ва боздиди худи муаллифон тааллуқ дошта, дар он муаллиф нақши асосиро мебозад. Баъдтар дар асри XIX мактаби ҷадидиён ва маорифпарварон бо сардории Аҳмади Дониш рӯйи кор омад ва дар ин давр як зумра асарҳое ба қалам омаданд, ки дар онҳо ҳам маҳсули сафарҳои анҷомдодаи муаллифон ва мушоҳидаҳои онҳо таҷассум ёфтаанд. “Наводир - ул - вақоеъ”-и Аҳмади Дониш, «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик» ё «Ғароиб-ул-хабар фи аҷоиб-ус-сафар»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, “Туҳфаи аҳли Бухоро”-и Мирзо Сироҷи Ҳаким, ки дар баробари фарогирии афкори маорифпарварӣ, мушоҳида ва бардоштҳои сафарҳояшонро фаро мегиранд, аз он ҷумлаанд. Осори мазкур аз намунаҳои барҷастаи асарҳои ёддоштии ин замон ба шумор мераванд. Дар қаламрави адабиёти муосири тоҷик бошад, нигориши ёддоштнависӣ аз асари маъруфи устод Садриддин Айнӣ шуруъ мешавад. Баъдан, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил ва дигарон ин навъи асарро ривоҷ бахшидаанд. Дар асрҳои охир, махсусан нақши Аҳмади Дониш дар идома додани анъанаи ёддоштнавсӣ хеле калон аст!

Тавре ки Х. Асозода, А. Саъдуллоев ва муҳаққиқони дигар таъкид кардаанд, дар охири асри 19 дар адабиёти тоҷик низ насри мустанад, ки ёддоштҳо як навъи он аст, ривоҷ пайдо кард.

Чунончи маълум гашт, мавзӯи “насри мустанад” дар асоси сарчашмаҳои воқеӣ дар қолаби очерк, ёддошт, сафарнома, роман ва амсоли инҳо эҷод карда мешавад. Аксарияти асарҳое, ки дар шакли жанри насри мустанад эҷод шудаанд, ба худ маъниву мазмуни санъаткорона касб намудаанд, ки “Ёддоштҳо”-и устод Садриддин Айнӣ намунаи барҷастаи онҳо мебошад. Оид ба жанр ва сабку услуби “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ, бисёре аз муҳаққиқон таҳқиқот бурдаанд, ки устод М. Шакурӣ низ яке аз беҳтаринони онҳост. Устод Шакурӣ роҳҳои пайдо гаштани маводи ёддоштиро дар эҷодиёти устод Айнӣ тазаккур дода, асоси онро ба воқеаҳои муҳимме, ки худи муаллиф дар ҳаёт дидааст, муқаррар месозад.

Тавре маълум гашт, жанри ёддошт бештар ба воқеиятҳои таърихӣ, ҳодисаҳову санадҳои ҳақиқӣ такя мекунад. Бинобар ин, унсурҳои насри мустанад дар жанри ёддошт зиёд ба чашм мехӯрад. А.Саъдуллоев оғози насри мустанади тоҷикро ба солҳои 90-уми қарни Х1Х марбут дониста, заминаи асосии ба миён омадани ин навъи эҷодро аз ба миён омадани "Наводир-ул-вақоеъ"-и Аҳмади Дониш дониста, ташаккули минбаъдаи онро низ ба ҳамин асар маҳсуб медонад.

Аз тарафи дигар, аз асарҳои жанри ёддоштӣ метавон макон, соли таваллуд ва маълумотҳои дигарро дар бораи нависанда пайдо намуд. Дар ин бора адабиётшиноси рус Я. И. Явчуновский навиштааст: ***"Адабиёти мустанад – ин роман, хотираҳо, ёддоштҳо, нақлҳои ҳуҷҷатӣ доир ба муайян кардани замон ва ҳаёти муаллифу қаҳрамон буда, сафарномаҳо, таҳқиқи қаҳрамон ва ҳодисаро нақл менамоянд"*** [3, с.140].

Асарҳои ёддоштӣ барои донистани мавқеияти навсанда, низ зарур мебошанд.

Аз ин лиҳоз, метавон зикр кард, ки дар ҳар ҷое, ки жанри адабии ёддошт мавриди истифода қарор мегирад, хонанда на танҳо воқеияти тасвиршударо дарк мекунад, балки роҷеъ ба фикру андешаҳои қаҳрамон ва фидокориҳову ҷоннисориҳояш дар бораи ҳимояти Ватан, эҳтироми инсон, дурусткорӣ ва амсоли инҳо ба андеша меравад. Гуфтан мумкин аст, ба ҳайси ҳуҷҷату аснод истифода шудани насри мустанад, ки барои тамоми осори мансури адабиёт тааллуқ дорад, бисёртар дар намунаҳои ёддоштнависӣ ва асарҳои тарҷумаи ҳол ба назар мерасад.

Яке аз чунин ашхоси пурмеҳнат ва дорои заковату хиради фавқулодда Аҳмад Махдуми Муҳандиси Дониши Бухороӣ мебошад. Ӯ дар замоне умр ба сар бурдааст, ки ҷамъияти инсонӣ дар замони пурталотуми бехирадӣ ва барҷомондагӣ қарор дошт. Дар нимаи дуюми асри ХIХ ва нимаи аввали асри ХХ Осиёи миёна, хусусан Бухорои амирӣ вазъи ногувори фарҳангӣ дошт. Ҳуҷумҳои паёпаи хонигариҳо ба ҳамдигар ҳазорон инсонҳои олиму фозилро аз миён бурда буд. Махсусан, дар аморати Бухоро баъди ба сари ҳокимият омадани амир Музаффархон масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ бисёр коста гашта буд. Аҳмади Дониш ин нуқтаро чунин зикр менамояд:

«***Ва билҷумла дар замони амир Музаффар тафовуте фоҳиш дар аморати Бухоро воқеъ шуд, ки рӯй ба таназзул ниҳод....»*****[4,с.63]**

Яке аз асарҳои барҷастатарин ва пурмаҳсултарини мутафаккир "Наводир - ул - вақоеъ"- ӯ мебошад. Ин асар заҳмати 15-сола ва маводи якумраи гирдовардаи муаллиф аст. Нависанда ба таълифи асар соли 1870 оғоз намуда, онро соли 1885 ба итмом расонидааст. Таълифи ин асар муаллифи онро миёни аҳди ҷомеаи онрӯзаи Бухоро хамчун адиби тавоно ва мутафаккири забардаст шиносонид. Муҳтавои асар дар маҷмӯъ аз муқаддима, 23 боб ва хулосаву феҳрасти луғат иборат буда, танҳо боби 15-уми он каме фарқ дорад. Боби мазкур «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» ном дошта, дорои муқаддима ва се боби ҷудогона мебошад. Мавзӯъҳои бобҳои асар гуногун буда, муаллиф кӯшиш намудааст, то андозае аз аҳвол ва аъмоли мардуми онвақта маълумот диҳад. Мундариҷаи асарро метавон чунин тақсимбандӣ намуд:

Муқаддима. Дар ин ҷо муаллиф сабаби таълиф шудани асарро бо мазмуну мундариҷаи он зикр мекунад.

Боби якум. «Дар таҳқиқи ҳуқуқи абавайн ва уқуқи онҳо».

Дар ин боб муаллиф дар мавриди эҳтироми падару модар, ҳаққу ҳуқуқи онҳо ва мақому ҷойгоҳи эшон маълумот додааст.

Боби дуюм. «Дар таҳқиқи матои дунё ва ҳақиқати муомилоти он».

Дар боби мазкур чигунагии асли матои дунё ва тарзу усули муомилот ва истифодаи онҳоро навиштааст.

Боби сеюм. «Дар таҳқиқи таърихи олам ва тафтиши ҳудусу қидам».

Аз номгузории боб маълум аст, ки дар бораи пайдоиш ва офариниши олам баҳс рафтааст.

Боби чаҳорум. «Дар иллати накбати уқало ва сабаби давлати суфаҳо».

Дар ин боб дар бораи сабабҳои азобу шиканҷа ва дар машаққат мондани оқилон ва дар роҳату фароғат зиндагонӣ кардани ҷоҳилон сухан рафтааст.

Боби панҷум. «Дар ҳикояти фаромӯшхона ва баёни қурби соат».

Дар боби мазкур оид ба ҳикояте сухан меравад, ки нависанда ҳамроҳи ҷамъе аз дӯстонаш дар маҷлисе нишаста ва ҳикоятеро гӯш карда ва ҳақиқати онро ба қалам кашидааст.

Боби шашум. «Дар ҳикояти Ҳоҷӣ ва манофеи сафар ва хислати занон». Доир ба сафари як марди Бухорие, ки ба саёҳат мебарояд ва бисёр тӯлонӣ сафар мекунад, сухан рафтааст.

Боби ҳафтум. «Дар ҳикояти Абулқосимбӣ ва сафари Русия».

Боби ҳаштум. «Дар сафорати Абдулкодирбек ва аҳоиби ҷашни Русия».

Боби нуҳум. «Дар хикояти гирдоби Искандар ва ғанои марди аҳамӣ».

Боби даҳум. «Дар таҳқиқи ишқу муҳаббати хақиқӣ ва маҷозӣ ва одоби ишқбозӣ».

Боби ёздаҳум. «Дар одоби никоҳ ва баёни хусусияти модаршӯ».

Боби дувоздаҳум. «Дар таҳқиқи қазову қадар»

Боби сездаҳум. «Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбҳову пешаҳо».

Боби чордаҳум. «Дар таҳқиқи рӯҳ ва нисбати тааллуқи он ба абдон».

Боби понздаҳум. «Рисола дар назми тамаддун ва таовун». Ин ягона боби «Наводир-ул-вақоеъ» аст, ки комилан мустақил буда, аз муқаддима, се фасл ва хотима иборат мебошад. Дар муқаддима сабабҳои пайдоиши одамӣ, хайри он ва ихтиёри ӯ дар чист... ва ғайра баҳс рафтааст.

Фасли аввал - «Дар фазилати аморат ва раёсат ва муомилати салотин бо Ҳақ».

Фасли дуюм - «Дар сулуки умаро бо сипоҳ ва ҳадаму ҳашам».

Фасли сеюм - «Дар тариқи раиятдорӣ ва фуқаропарварӣ варасидан ба ғаври муҳиммоти зердастон».

Хотима. Дар таъйини мулук ба нудамо ва муқаррабон. Дар ин рисолаи хурд оварда мешавад, ки инсон шарифтарин махлуқот аст. Хама чиз барои инсон офарида шудааст. Зоти инсон аз ақли шарифа ва нафси касифа мураккаб аст. Инсон бояд илму маърифат омузад ва аз рӯйи илму маърифат
ва ақлу фаросат роҳи дурустро паймояд.

Боби шонздаҳум. «Дар таҳқиқи ҳайати арз ва такаввуни маодин ва мо юносаба золика».

Боби ҳабдаҳум. «Дар фараҳи баъд аз яъс ва хумул».

Боби ҳаждаҳум. «Дар наводири ҳолоти ашхос, ки аз чанги сибоъ ҷастанд».

Боби нуздаҳум. «Дар таъбири рӯъёи ҳоила, ки далолат бар худуди воқеа мекард». Муаллиф доир ба хобҳои дидаи хеш ҳикоят мекунад. Ин хобҳо баъзе лаҳзаҳои шарҳиҳолии худи муаллиф низ ҳастанд. Яъне, бисёр лаҳзаҳои тарҷумаиҳолии Донишро низ равшан месозанд.

Боби бистум. «Дар таҳрири маъноии баъзе абёт, ки афозили аср истидъо намуда буданд». Дар ин боб Дониш баъзе байтҳои Бедилро шарҳу тавзеҳ медиҳад.

Боби бисту якум. «Ҳикояти бузинаи таббох».

Боби бисту дуюм. «Дар маънии ҳадиси «Сақф-ул-ҷаннати аршу-р-Раҳмони ва баёни ҳашру Нашр».

Боби бисту сеюм. «Дар ташхиси ахлоқи инсон».

Аҳмади Дониш дар ин боб менависад, ки инсон дар хулқу атвор мисли тилло ва нуқра аст, зеро тилло ва нуқра замоне тоза ба даст меоянд, ки аз чандин асбобҳову ускунаҳо гузаронида шаванд. Лаҳзаҳои тарҷумаҳолии Дониш дар асар хеле зиёданд. Аз оғози асар то ба анҷом расиданаш нақши эҷодкории ёддоштии Дониш мушоҳида карда мешавад.

Ин асар сабаб гардидааст, ки устод Айнӣ барин шахсияти маъруфро барои офаридани осори насрӣ таҳрика додааст. Устод Айнӣ мегӯяд: ***“Шиносоии ман ба “Наводир-ул-вақоеъ”-Аҳмади Дониш дар ман танҳо инқилоби фикриро пайдо карда намонд, балки дар сарам савдои насрнависшавиро ҳам андохт. Дар ҳамон вақт ман орзу мекардам, ки бояд кас насрнавис шавад ва агар ин мақсад ба даст дарояд, монанди Аҳмади Махдум насрнавис шавад, ки воқеаҳоро дар пеши хонанда муҷассам кунонида нишон дода тавонад”*** [5, с.453].

Аз ин нуқтаи назар маълум кардан мумкин аст, ки асари мазкур на танҳо ҳамчун намунаи нишондиҳандаи воқеаҳои ёддоштӣ, балки масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таърихӣ, ахлоқӣ ва тарбиявиро низ дар бар мегирад. Ҳарчанд асари мутафаккир ёддошти соф набошад ҳам, вале то ҷое мафкура ва ҳодисаҳои ёддоштиро дар бар мегирад ва худи Дониш кӯшиш намудааст, ки ҳодисаҳо ва воқеаҳоро ба таври ёддошт ба хонанда пешкаш намояд. Устод М.

Шакурӣ дар ин бора чунин менависад: ***“Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш асари ёддоштӣ набошад ҳам, ҳикояҳои ёддоштӣ дар ин асар хеле бисёр дучор меояд. Бисёр ҳикояҳои ӯ ҳикояҳои воқеӣ мебошанд, гоҳо худи муаллиф шоҳиди онҳост ва гоҳо аз кӣ шуниданашро қайд мекунад. Баъзе саргузаштҳои Дониш низ дар ин асар зикр ёфтааст. Ба ин маънӣ баъзе қисматҳои “Наводир-ул-вақоеъ” то як андоза хусусияти ёддоштӣ дорад”*** [6, с.36].

Инчунин, асари мазкурро метавон асари барҷастатарини таърихӣ ва ҳуҷҷатии даврони ҳукмронии амирони манғития номид, ки барои ислоҳу табаддули мактаби куҳна низ таъсир расонидааст. Устод Садриддин Айнӣ менависад: **«*Фақир ҳарчанд то ин дам аз матбуоту адабиёти навин бехабар будам, лекин як орзуи ислоҳи макотибу мадорис дар хотирам нохун мезад ва аз аҳволи ҷории онҳо нафрат доштам. Ин орзу ва ният ба ман ба воситаи мутолиа карданам «Наводир-ул-вақоеъ» ном китоби Аҳмад Маҳдуми Муҳандис Дониши Бухороӣ ва аз хондани китоби дигаре бо номи «Саёҳатнома»-и Иброҳимбек пайдо шуда буд*»** [7, с.22].

Аз ин нуқтаи назар маълум кардан мумкин аст, ки устод Садриддин Айнӣ ҷиҳати ба таърих ва табаддулоти давлатӣ тааллуқ доштани асарро зикр намуда, пеш омадани афкори таббаддулот ва дигаркунии макотибу мадорис ва ба ин васила тағйироти давлатиро барои дигарон нишон додан аз таъсироти маҳсули асари гаронбаҳои Аҳмади Дониш меҳисобад. Гуфтан кофӣ аст, ки аз замони ба даст омадани асари мазкур нисбат ба равишу усулу сабк ва то ҷое ҷиҳатҳои фалсафии асар аз ҷониби муҳаққиқону мунаққидон таҳқиқот анҷом дода шудааст, вале оид ба тарзи адабӣ ва бавижа ёддошт будани он то ҳол изҳори назаре мавҷуд нест. Албатта, устод М. Шакурӣ дар бораи хусусиёти таассуроти ёддоштии асар сухан гуфта, қайд кардаанд, ки асари мазкур агарчӣ ёддошт набошад ҳам, мавзӯоти ба ёддошт дахлдор дар он вуҷуд дорад.

Устод Муҳаммадҷон Шакурӣ навиштааст: ***“Дар «Ёддоштҳо» бештар аз ҳама ва равшантар аз ҳама анъанаҳои Зайниддини Восифӣ ва «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и ӯ, ки намунаи барҷастаи ёддоштнависии классикист, инчунин анъанаҳои Аҳмади Дониш ва «Наводир-ул-вақоеъ»-и вай, ки асосан ёддошт набошад ҳам, материали ёддоштиро фаровон дар бар гирифтааст, мушоҳида мешавад”*** [6, с.32].

Қобили зикр аст, ки аз гуфтаи устод Шакурӣ чун ёддошт истифода шудани “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш баръало маълум мебошад. Аз ин лиҳоз, асари ёддоштии Дониш гуфтани “Наводир-ул-вақоеъ” боиси баҳсу муноқиша нахоҳад шуд. Инчунин, дар давоми сухан намунаҳое, ки аз худи асари Аҳмади Дониш оварда мешавад, чун асари ёддоштӣ тасвир ёфтани “Наводир-ул-вақоеъ” маълум хоҳад шуд. Дар ҷойи дигар устод Шакурӣ мегӯяд: ***“Баъзе саргузаштх,ои Дониш низ дар ин асар зикр ёфтааст. Ба ин маънӣ баъзе қисматҳои “Наводир-ул-вақоеъ” то як андоза хусусияти ёддоштӣ дорад”*** [6, с.36].

Асарҳои Аҳмади Дониш ба монанди дигар нависандагон дорои ҷиҳатҳои адабӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ ва аз ҳама асоситараш ҳуҷҷатӣ ва аснодӣ мебошад. Устод Шакурӣ ба ин масъала диққат дода мегӯяд: ***“Дар «Наводир-ул-вақоеъ» якумин бор дар таърихи адабиёти классикии тоҷик образи чунин меҳнаткаши оддӣ пайдо шуд, ки қувваи азими ҷисмонӣ ва хислатҳои олии инсонии ӯ на дар шакли паҳлавонони афсонавӣ ва на ба тарзи романтикӣ, балки бо хусусиятҳои реалӣ, чун одами зинда тасвир ёфтааст”*** [6, с.38].

Такя ба андеша ва асноди дар боло зикршуда намуда, метавон асари офаридаи Аҳмади Донишро ҳамчун намунаи ёддоштӣ дар қарни XIX-XX номид.

Аҳмади Дониш ҳамчун шахсияти насиҳаткунанда дар асари мазкур андешаронӣ намуда, чандин нуқтаҳоро қайд мекунад, ки барои ҳамаи аҳли ҷомеа зарурӣ маҳсуб меёбад. Ӯ ин асарро барои дигарон ҳамчун дастуруламал боқӣ гузоштааст. Аҳмади Дониш дар боби **“Васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбу пешаҳо”** чунин мегӯяд: ***“Он чи муҳаррири сутурро дар умри панҷоҳ сол расида, аз неку бад он чи дида ва ба таҷрибат анҷомида, барои дастуруламал дар қайди забту сабт кашидем, то агар индалҳоҷат ва назди зарурат ба кор баранд”*** [8, с.465].

Дар ин ҷо мутафаккир истифода шудани андешаҳояшро чун барномаи зиндагӣ барои ҳар як шахс ташвиқ намудааст. Дар ҷойи дигари ҳамин боб хитоб ба фарзандонаш мегӯяд: ***«... Ман аз***

улуми русум (расмӣ) ба қадри вуқуф ба арабият (забони араб)...иктифо.... намудам ва дарс ва тадрис ва гирд овардани шогирдонро билмарра (тамоман) кореҳ будам (ногувор мешумурдам) ва ба ҳоли устодоне, ки пеши онҳо таламмуз мекардам (дарс мехондам), тараҳҳум меовардам (раҳмам меомад), ки «иноро чӣ доия (бар ин ташвиш ва ғавғо розӣ дошта?) манофеи дунявӣ ва ухравии эшонро аз китобҳо меҷустам, ҳамаро дар хусрон (гумроҳӣ) ва зиён медидам ва дар ташхиси маонии ваъдаҳо, ки дар фазилати илм ва аҳли он омадааст, мутараддид мешудам (дар шак меафтодам), ки «ал-илму изз-уд-дунё ва шараф-ул-охира- илм иззати дунё ва шарафи охират аст» гуфтаанд, мурод аз ин илм кадом илм бошад? Ҷамъ омадани муҳмале чанд нодон, беадабона ва нофаҳмида ғавғо бардоштан ва ҳар сари чанд гоҳе чанд табақ мавиз ва ҳалво ва танга, ки аз толибилми фақир (қашшоқ) ситонанд ва ба устоз диҳанд ва вай ба шодӣ ва фараҳ дар киса кунад...» **[8, с.706].**

Дар ин ҷо мутафаккир замони тадрису таълими замонаи хешро, ки дар ҳуҷраҳо баргузор мешуд, баён намудааст. Ин нуқта низ яке аз нуқтаҳои ҳассоси ёддоштӣ ба шумор меравад, зеро нависанда аҳвол ва рӯзгори худро ба таври аниқ ва чун хотира нақл намудааст. Аҳмади Дониш аслан ба чунин тарзи дарсгузарӣ муқобил буда, бар зидди ин равиши тадрис зиддият нишон додааст. Донишманд Аҳмади Дониш, ки асосан бо насрнависӣ шуҳрат пайдо кардааст, дар нигориши ин асар низ аз равияи насрии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ пайравӣ намудааст. Ин нуқтаро устод М. Шакурӣ чунин баён намудааст: ***“Дар байни Дониш ва Восифӣ доир ба баъзе масъалаҳои эҷодӣ робитае вуҷуд дорад. Ба номи “Бадоеъ – ул - вақоеъ” монанд будани асари асосии Аҳмади Дониш “Наводир – ул - вақоеъ”, монандии ҳикояи маймуни ҳушманд, баъзе сюжетҳоро аз ёддоштҳои Восифӣ гирифтани Дониш, ҳодисаи тасодуфӣ нест, балки ишорае ба ҳамин маънӣ мебошад. Аҳмади Дониш дар наср то як дараҷа ҳамон равияи Восифиро пайравӣ намуда, мувофиқи талаботи нави замон онро боз бештар инкишоф додааст”*** **[6, с.37].**

Маълум аст, ки мутафаккир Аҳмади Дониш анъанаҳои ёддоштии Зайниддин Маҳмуди Восифиро мавриди истифода қарор додааст, вале дар баъзе маворид баҳри худи Дониш илҳоми фавқулоддае ва баъзан аҳволи мардуми шарифашро дида, фикрҳои ислоҳталабӣ ба миён меомад, ки ба ин васила тавонистааст афкори хешро дар асари безаволаш баён кунад. Аҳмади Дониш дар баробари андешаҳои ислоҳталабӣ, як зумра оятҳо ва ҳадисҳоро барои далел ва субут ба кор бурдааст. Ба ин тарз баён кардани андешаҳои ӯро ҳам ба шакли ёддошт ва ҳам ба ҳайси як дастуруламал фаҳмидан мумкин аст. Ба таври мисол ӯ дар бораи салотин чунин мегӯяд: ***«подшоҳ филҳақиқат муздур ва ходими фуқарост, чунон ки агар дар қария (деҳа)-е аз ғалабаи дуздон ва шарирон (бадкирдорон) хавф бувад ва мардум шахсро ба қаровулӣ ва нигаҳбонӣ иттихоз кунанд (гиранд) ва мутасаддии обу нонаш шаванд, то шабро пос дорад ва бедор нишинад ва мутасаддии дафъаи хасм гардад, инчунин раоё (раияҳо) тафвиз ва таслими ушру хироҷ ва закот ба султон мекунанд, барои он аст, ки «нигаҳбонии мо кун ва оби моро бирасон ва роҳҳои моро аз ашроф (роҳзанон) пок дор, то моро фароғат бошад ва агар ту фориғ нишинӣ ба мо фароғат куҷо даст диҳад» [8, с.721].***

Аз ин нуқтаи назар низ исбот кардан мумкин аст, ки мутафаккир ҳолатҳои салотин ва омилони дарбори манғитияро ба таври хотирот нигоштааст ва ин худ ёддошт ба ҳисоб меравад. Ба андешаи мутафаккир, қудрат ва қуввати салотину умаро бояд бар хидмат намудан ва ҳоҷатбарор будан нисбат ба аҳолӣ ва раиятҳои хеш истифода шаванд, на бар зулму ситам ва зӯроварӣ намудану хор гардонидани аҳлу халқияташон. Донишманд андешаҳои худро дар осораш бепарда ва ба гунае чунон фош гуфтааст, ки шахсро дар тааҷҷуб меандозад. Ин нуқтаро муҳаққиқи тоҷик Ш.Абдуллоев чунин қайд менамояд: **«*Танқиди устод Аҳмади Дониш аз ҷаҳолат, ақибмондагии сиёсию маданӣ, психологияву хурофоти динӣ ва ғайраи Осиёи Миёна он қадар бепардаву ошкоро, он қадар кӯбандаву бетараҳҳум ва тунду тез аст, ки кас аз ҷасорат ва фошгӯиҳои ӯ дар ҳайрат мемонад. Ин ҳама нишондиҳандаи дараҷаи нафрати вай ҳамчун маорифпарвар ва рӯшанфикр нисбат ба тартиботи истибдодӣ ва ҷаҳолату разолати ҳокимияти манғитиён мебошад*»** [9, с.139].

Аҳмади Дониш ҳамчун шахси ватандӯсту башардӯст ва дорои сифатҳои инсонӣ ҷиҳати бартараф намудани ҷоҳиливу нодонӣ ва дар баробари ин, сохтани як ҷомеаи мутараққӣ ва соҳибфарҳанг кӯшиш намудааст дар асари безаволаш андешаҳои озодфикриро баён намояд. Андешаҳои ӯ аз ҳодиса ва рӯйдодҳову мушоҳидаҳои мамолики дунё, хусусан Россия қувват мегирифтанд. Ӯ дар он ҷо озодию соҳибэътиборӣ ва баробарҳуқуқии марду занро дида дар ҳайрат мемонд ва меандешид, ки чӣ вақт Бухорои амирӣ низ ба чунин тараққиёт рӯй меорад. Дониш иштирокашро дар яке аз маҷлисҳои шоҳигарии Россия чунин баён мекунад: ***«....Ва билҷумла шабе мутарҷим аз қибали вазир омада моро ба маҷлисе «Сурония» ном таклиф намуд. Бо чаҳор нафар дар он базм рафтем. Ва он маҷлисе будааст муҳтавӣ бар машоҳири хавотини муаззама ва маҳфиле муштамил бар маориф ва хавотини муҳтарама аз руасои Русия ва маҷмаъе пур аз занони моҳрухсору дӯшизагони тазарврафтор ва ҷавонони сарвқадду гулъизор ва гулписарони хуршедхад. Дар иморате рафеъ ва манеъи олии зарандуд даромадем, мабнӣ бар хонаҳо ва ҳуҷароти бисёр ва дарҳои ойинакорӣ ва аз ҳама дарҳо пардаҳои ҳарир фурӯҳишта муштамил ба кату каровати зарнигор ва зуруфу авонии тиллову нуқра, касталу санодили махмалгирифта ва ба ҳама хонаҳо қанодили тиллову нуқра ва булӯрӣ овехта ва ба ҳар деворе аз муқобилу паҳлу шамъдонҳое чандсара ва ойинаҳои ситабри бузур баробари қади одамӣ ниҳода. Ҳама деворҳо ва сақфу фарш мусаввару музайян ба нақшҳои аҷиба ва суратҳои ғариба…»*** **[4, с.261].**

Ин андешаҳои мутафаккирро метавонем айни ёддошт тасаввур кунем, зеро тамоми санъати эҷодии ёддоштӣ дар ин тасвирҳо дида мешавад. Ӯ дар идомаи афкори худ мегӯяд*: «Дар ин маҷлис дидем моҳрӯёни садафтиннату сарвқадони офтобталъат ҳамчун товуси нигорин ба ҳар тараф мехиромиданд ва чун ғизоли маст ба ҳар самт мечамиданд. Ва ҳар кадом чандин либоси ҳарир пӯшида, ки бадани нозанини эшонро ҳоил намешуд ва худи баданҳо низ аз ғояти назокату шаффофӣ ба дигаре сотир намегашт. Гӯё, Эзади таоло пайкари онҳоро аз оби соф, ё обгинаи шаффоф сиришта....»* [4, с.262].**

Аҳмади Дониш бо дидани ин гуна занону ҷавонон дар ҳайрат монда, Бухорои амириро дур аз фарҳанг мепиндорад ва ангушти ҳайрат дар даҳон мегузорад. Донишманд андешаашро чунин ба қалам медиҳад: ***«....Мо ҳама ҷамъе даҳон кушодаву чашмҳо боз монда мутаҳайир, ки «Ин чӣ ҷосту куҷост?!... Он паривашон мутааҷҷиб, ки ин гулон дар (ин) маҳфили рӯҳониён чӣ навъ даромадаанд ва девон бо париён чӣ шакл мумтазиҷ гашта?!», ба рӯйи мо тез мединанд ва ба аҷобати либосу ҳайати мо механдиданд. Ва мо ҳамчунон мутаҳайир ва бешуурона қадаме пеш мениҳодем ва ҷойи рафту нишасти (худ) намедонистем. Дар ин асно дасти булӯрӣ ба синаи мо меомад барои дурбош, ки «ҳало эй ифритиёни одамисират ва эй одамони ҳайвонсират, дониста пой ниҳед, ки домани нози мо ба ранги чатри товус замин кашон аст. Ва мо ҳар яке ба шакли товус масту хиромон, то домани моро ба пойи ноҳанҷори худ магазед ва ба қудуми шуми худ маёлонед! ….Тавозуъкунону ларзон қадаме чанд ақибтар мениҳодем, ҳам дар ин ҳол мушти нозанине ба пушти мо мехӯрд, ки «ҳон, эй бехирадон, таваққуф варзед ва воқиф бошед, ки бари симгуни мо ба барги гул ноз дорад, то ба хори мақдами нухусаттавъами худ мадарронед!***

…Саросема ба ақиб менигаристем... ба ранги бузинагон тамаллуқе мекардем ва ба даҳону забон ба ангушт ишора медодем, ки «мо безабонем ва аз саҳро расида говон ва ба русуму услуби шаҳрӣ шумо нодонон, маъзурамон доред» **[4, с.263-264].**

Аҳмади Дониш Бухорои амириро аз масъулият ҳис накардани руасо ва вузарову салотин дониста, тараққиёти мамолики Ғарбро ташвиқ ва таҳсин мекунад. Ӯ худ, ки дар мадрасаҳои Бухоро таҳсил карда буд ва ба қадри кофӣ аз улуми исломӣ бохабар буд, вале амал кардан ба оятҳову ҳадисҳоро ботинан меписандид, на зоҳиран. Аҳмади Дониш мегӯяд: ***«худи Амир Музаффар нафаронеро таъйин намуда буд, ки «....ҳар ҷо дӯшизае (духтари бокира) бошад, дарк кунанд ва ба давлатхона бибаранд, то султон тасарруф кунад, пас агар баъд аз ӯ ҳар киро майл ба издивоҷу имтизоҷи зан афтад, бояд ки дар ин давлатсаро эълон кунад, то аз давлатхона зане номзади ӯ шавад»*** **[10, с.50].**

Дар он замон, ки аморат гӯё исломӣ буд ва амири он низ бояд, ки шахси дорои улуми исломӣ ва пайрави оятҳову ҳадисҳо бошад. Аҳмади Дониш бо чашми худ мушоҳида мекард, ки чӣ гуна амирону вазирон аҳди ба Худо додаашонро мешикананд ва аз пардаи ислом истифода намуда, духтарони ба монанди гул парваридаи халқи ҷафокашро ба зӯр аз худ мекунанду пас аз ба мақсади нопоки хеш расидан онҳоро ба монанди коло ва матоъ гӯё мефурӯшанд, ба қаҳр омада, ҳамаи хидматгузорони дарборро маллокони бесаводу шахсони беорият мепиндорад ва мегӯяд: **«*Ҷамъияти ин табақа дар даргоҳи мулук (подшоҳон) ҳам аз он аст, ки эшон аз камоли коҳилӣ (танбалӣ) ва касолат (сустӣ) диданд, ки аз саранҷоми ҳеҷ кор бар намеоянд ва дар гузориши пешаҳо аз ақли ҷузвии андак чора нест ва он ақл дар зоти эшон мафқудуласар аст (асари ақл ҳам дар онҳо нест), гумон карданд, ки нони муфт дар хизмати султон аст, чунки хизмати султон мунзабит нест (бетартиб аст) ва ҳар кас он ҷо равад соҳиби аспу ҷома хоҳад шуд ва асперо савор шудан ва ба дорулумаро (даргоҳи амир) рафта саломе доданро ҳар лояъқиле (ҳар беақле) саранҷом тавонад дод, ё ҳамроҳи муддаӣ (даъвогар) ва муддаоалайҳ (ҷавобгар) ба деҳе баромадан, ки қатъи низои ҳасмайн (тарафайн) ғолибо (аксар) ба воситаи амин ва арбоб бувад коре саъб (сахт) ва душвор набувад...*» [8, с.713-714].**

Таваҷҷуҳ кунед дар ин ҷо айнан нутқи ёддоштӣ истифода шудааст. Албатта, Аҳмад Махдуми Дониш дар он замон давлатеро бе подшоҳ тасаввур карда наметавонист ва ҳамеша мехост аморати Бухоро низ ба худ як амири равшанфикру дорои сифати инсониро дошта бошад. Устод Айнӣ мегӯяд: **«*Аҳмад Махдум дар он вақт ҳеҷ гоҳ мамлакати беподшоҳро тасаввур намекард ва тасаввур карда ҳам наметавонист. Ниҳояти орзуи вай мамлакатдории подшоҳноки боинтизом буда, дар ин хусус сармашқи ӯ давлати Русия буд, ки вай дар тамаддун, дар интизом ва дар тараққӣ ҳазор дараҷа болотар аз мамлакатдории амири Бухоро буд.*

***Ин фикрҳо ва андешаҳои ӯ дар шароити амирии онвақтаи Бухоро, ки на танҳо дороии мамлакат, балки марду зани тамоми аҳолӣ ҳам ғулом ва канизи шахси амир шумурда мешуд, хеле фикри олӣ буд*» [5, с.456].**

Воқеан, андешаҳои инқилобӣ ва ислоҳталаби Аҳмади Дониш сабаб гаштааст, ки насли пас аз ӯ ба дунё омада, аз андешаҳои ӯ пайравӣ кардаанд. Мисоли барҷастатарини ин гуфтаҳо устод Садриддин Айнӣ мебошад. Ӯ дар баробари созиш додани андешаҳои ислоҳталабии Дониш, аз равиши насрнависӣ ва ёддоштнависии ӯ низ пайравӣ намудааст. Дар ҳақиқат, Аҳмади Дониш “Наводир - ул - вақоеъ”- ро тарзе офаридааст, ки ашхос бо мутолиа ва таҳқиқи он ба ҳаққоияти умқи нияти ислоҳталабии ӯ боварӣ ҳосил менамоянд ва ба ин васила фикрҳояшон такон меорад. Муҳаққиқ П.Гулмуродзода чунин мегӯяд: ***“Дар ташаккули адабиёти маорифпарварии тоҷик дар оғози садаи бистум чанд омил нақши муҳимме бозида, ки осори Аҳмади Дониш ва пайравонаш дар нимаи дуюми асри XIX чун заминаи қавии инқилоби фикрӣ ва пайвастани назария ба амалия дар аморати Бухоро мақому мавқеи назаррас дошт”*** [11, с.18].**

Воқеан, барои ифодаи лаҳзаҳои ногувор аз вазъу аҳволи хеш ва бо чунин лаҳну забони тез қудрати худбаҳодиҳии воқеӣ, ҷуръату ҷасорат ва хиради ҳақиқатбинро талаб менамояд ва ин донишманди бузургу нуқтасанҷ аз доштани чунин ҷасорату фасоҳат орӣ набуд.

Ҳамин тариқ, ба таври ёддошт итифода шудани асари безаволи мутафаккир “Наводир-ул-вақоеъ”, аз манфиат холӣ намебошад. Ӯ дар ин асар тавонистааст, андешаҳои худро ба таври мукаммал ва баёнгари ҳақиқат зикр намояд. Аҳмади Дониш чун шахси офарандаи асари ёддоштӣ ба воситаи “Наводир-ул-вақоеъ” ҳам шуҳрати беандоза пайдо намудааст ва ҳам ба сафи эҷодкорони осори ёддоштӣ дохил шудааст. Инчунин, ба хотири чун ёддошт истифода шудани асар анъанаҳои ёддоштнависии адибони адабиёти тоҷику форсро идома додааст. Осори донишманд, хосса “Наводир-ул-вақоеъ” баҳри ислоҳҷӯӣ ва баробарҳуқуқии мардум муфид мебошад. Дар баробари ин, метавон асари мазкурро чун ёддошт истифода намуда, аз аҳвол ва рӯзгори мардуми даврони Бухорои амирӣ ба хубӣ бохабар шуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Асосзода, Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он / Х.Асосзода. - Душанбе: Маориф, 1991. - 127 с.

2. А.Саъдуллоев. Хосияти адабиёт / Саъдуллоев А. - Душанбе: Адиб, 1988. - 256 с.
3. Явчуновский Я. Документализм в современной советской прозе / Я. Явчуновский // Советская литература. - Саратов, 1969. - 143 с.
4. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ / Аҳмади Дониш. Китоби 1-Душанбе: Дониш, 2017. - 462 с.
5. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Ҷ.7 / С. Айнӣ. - Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. - 648 с.
6. М. Шукуров. Хусусиятҳои ғоявии бадеии "Ёддоштҳо"-и Айнӣ / Шукуров М. - Душанбе: Нашриёти Дониш, 1966. - 246 с.
7. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро/ С. Айнӣ. - Теҳрон: Суруш, 1381ҳ.ш. – 22 с.
8. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ / Аҳмади Дониш. Китоби 2. - Душанбе: Дониш, 2017. – 955 с.
9. Абдуллоев Ш. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ / Ш.Абдуллоев. - Душанбе: Ирфон, 1994. – 152 с.
10. Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития / Аҳмади Дониш. - Душанбе: Сарват, 1992. – 180 с.
11. Гулмуродзода Пайванд. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон / Пайванди Гулмуродзода. - Душанбе: Ирфон, 2006. - 164 с.

АНЪАНАИ ЁДДОШТНАВИСӢ ДАР АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК ВА НАҚШИ АҲМАДИ ДОНИШ ДАР ОН

Дар мақолаи мазкур оид ба анъана ва усулҳои эҷодии жанри ёддошт сухан рафта, нақш ва мавқеи Аҳмади Дониш дар идома пайдо кардани он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Андешаронӣ ва тарзи эҷоди Аҳмади Дониш дар осораш, бахусус "Наводир-ул-вақоеъ"- комилан тарзу равиши ёддоштнависиро дар бар мегирад. Гуфтан бамаврид аст, ки Аҳмади Дониш, ки худ шахси ислоҳотҷӯ ва созандаи ҷомеи мутараққӣ буд, дар асари безаволаш "Наводир-ул-вақоеъ" нуқтаҳои ҳассоси давру замони худро моҳирона ба қалам додааст, ки худ шоҳиди он аҳвол ва рӯзгор мебошад. Гоҳо аз ҳаёт ва фаъолияти худ низ ба таври мисол сухан гуфтааст, ки ин низ барои чун ёддошт истифода шудани асари пурмаҳсулаш субут ба ҳисоб меравад. Нуқтаи назар ва афкори муҳаққиқон ва андешаҳои чун ёддошт эҷоднамудаи мутафаккир Аҳмади Донишро ҷамъбаст намуда, метавон чунин хулосабарорӣ кард, ки ба қавли худи ӯ осори гаронбаҳои пурмеҳнаташ монанди як дастуруламал дар байни оммаи мардум истифода мегардад. Асари безаволи донишманд Аҳмади Дониш тамоми ҷабҳаҳои ҷомеа ва аксари воқеаҳои зиндагонии нависандаро дар бар гирифтааст. Аз ин лиҳоз, асари мазкурро чун ёддошт ва тарзи эҷоднамудаи Аҳмади Донишро дар идома пайдо кардани санъати ёддоштнависӣ маҳсуб донистан аз манфиат холӣ нест.

Калидвожаҳо: Аҳмади Дониш, мутафаккири барҷаста, асари безавол, ёддоштнависӣ, ёддоштӣ, М. Шакурӣ, устод Айнӣ, "Наводир-ул-вақоеъ", масъалаҳои муҳим.

ТРАДИЦИЯ НАПИСАНИЯ МЕМУАРОВ В ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ И РОЛЬ АХМАДА ДОНИША В НЕЙ

В данной статье речь идет о традициях и творческих приёмах жанра мемуаристики, а также место и роль Ахмада Дониша в продолжении данной традиции. Рассуждения и стиль творчества Ахмада Дониша в его наследии, особенно в произведении "Наводир-ул-вакоеъ" имеет стиль мемуаристики. Нужно отметить, что Ахмад Дониш, который был реформатором и созидателем развитого общества, в своем бесценном произведении "Наводир-ул-вакоеъ" мастерски описал увязвимые точки периода своей жизни. Иногда, как пример, описывает свою жизнедеятельность, что свидетельствует о том, что его произведение является мемуарным. Подытоживая точку зрения и мысли исследователей, а также мемуарные произведения Ахмада Дониша, можно придти к выводу о том, что по мнению самого мыслителя его бесценное наследие должно служит как наставление для народных масс. Бесценное произведение Ахмада Дониша охватывает все стороны общественной жизн, а также некотрые события из жизни мыслителя. Поэтому, можно считать данное произведение Ахмада Дониша и стиль его написания как искусство написания мемуаристики в таджикской литературе.

Ключевые слова: Ахмад Дониш, великий мислитель, бесценное произведение, мемуаристика, М. Шакури, Айни, "Наводир-ул-вакоеъ", важные проблемы.

TRADITION OF WRITING MEMOIRS IN PERSIAN-TAJIK LITERATURE AND THE ROLE OF AHMAD DONISH IN IT

This article is about traditions and creative techniques of the memoir genre, as well as the place and role of Ahmad Donish in the continuation of this tradition. The reasoning and style of creativity of Ahmad Donish in his legacy, especially in the work "Navodir-ul-wakoe" has a memoir style. It should be noted that Ahmad Donish, who was a reformer and creator of a developed society, in his invaluable work "Navodir-ul-wakoe" masterfully described the vulnerable points of his life. Sometimes, as an example, he describes his life activity, which indicates that his work is a memoir. Summing up the point of view and thoughts of the researchers, as well as the memoirs of Ahmad Donish, we can conclude that, in the opinion of the thinker himself, his invaluable legacy should serve as a guide for the masses. The priceless work of Ahmad Donish covers all aspects of social life, as well as some events from the life of the thinker. Therefore, we can consider this work of Ahmad Donish and the style of his writing as the art of writing memoirs in Tajik literature.

Keywords: Ahmad Donish, the great thinker, priceless work, memoirs, M. Shakuri, Aini, "Navodir-ul-wakoe", important problems.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исроилзода Ф.У.*** - Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллои Рӯдакӣ, аспиранти кафедраи адабиёти классикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 21. Тел.: **(+992) 93-799-52-01; 985-51-52-01**

Сведения об авторе: ***Исроилзода Фатхуллохони Умарбой*** – Институт языка и литературы им. Рудаки АН РТ, аспирант кафедры классической литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. Тел.: **(+992) 93-799-52-01; 985-51-52-01**

Information about the author: ***Isroilzoda Fathullohoni Umarbo*** - Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, graduate student of the department of classical literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 21. Tel.: **(+992) 93-799-52-01; 985-51-52-01**

УДК: 891.550

ГУЛРУХСОР ВА ФОҶИАИ МИЛЛӢ

Д. Ҳафиззода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар инъикоси рӯйдоди нобасомони поёни садаи бистуми Тоҷикистон шеъри шоира Гулрухсор хеле назаррасу таъсирбахш аст. Шоира бо ҳама қудрат ва тавоноие, ки дорад, қалами худро зидди ин рӯйдоди нангини тоҷикон равона карда, мекӯшад, то хонандаи худро аз ҳақиқати ҳол огоҳонад, нишон диҳад, ки аз ин муноқиша киро суду зиёнест. Шеърҳои дар ин айём эҷоднамудаи шоира дар маҷмӯаҳои «Зодрӯзи дард» (1994), «Дар паноҳи сояи худ» (1997) ва китоби «Зан ва ҷанг» (2000) ҷамъоварӣ гаштаанд.

Моҳияти рӯ овардан ба фоҷиаи тоҷиккуши поёни садаи бистумро шоира чунин шарҳ медиҳад: «Бешубҳа «фоҷиаи тоҷик» баъди аз даст рафтани салтанати Сомониён, пурхунтарин, даҳшатноктарин ва печидатарин фоҷиаи миллии мост.

Шояд баъди гузашти садсолаҳо, пас аз сари мо, оламу одам ба дарки он бирасанд, сабабҳои дардноки онро таҳлилу таҳқиқ кунанд, ба дарки ваҳшати чашмнодиду гӯшношуниди бародар алайҳи бародар бирасанд, таърихи хунолуди «оташаки мурдаи озодихоҳон»-ро, ки ҳанӯз нависандаву хонанда надорад, варақ бизананду дер ҳам бошад, барои шаҳидони умеду шараф ашки гард аз дили бедард бирезанд, аммо шоҳидону бозингарону захмхӯрдагону иштирокчиёни ночору бечораи ин сангари доғу сангини бераҳмиву беёдӣ, алъон ба баҳо додан, таҳлилу таҳқиқ, доварӣ ва ҳукми одилонаву оқилонаи он гумон аст, қодир бошанд» [2, с.6].

Шеъри Гулрухсор дар поёни садаи бистум садои занест, ки аз жарфои саҳифаи таърих рӯзгори пурошӯбу пурхуни миллатро меҷӯяд ва роҳҳои наҷоти онро мекобад. Фоҷиаи тоҷиконро такопӯ мекунад ва баҳри ояндагон роҳ мекушояд. Шеъраш ноумедона ва маъюсона садо медиҳад, чун нолаву фиғони занест, ки дар вартае вомондааст. «Ачиб аст, ки ноумедии қарни бист баъд аз расидан ба истиқлол қувват ёфт. Ва ҳол он ки даврони истиқлол бояд умеди нав меовард. Вале ҳамчунон нашуд. Хавфе, ки ба сари миллат омадааст, дар охирин даҳаи сада бағоят афзуд ва афзоиши он ноумедии таърихиро қувват дод» [5, с.440].

Маҷмӯаи нахустини ба ҷанги шаҳрвандӣ бахшидаи Гулрухсор «Зодрӯзи дард» ном дорад, ки номи ин китоб ибораи маҷозиест ва гувоҳ аз дардномаи миллат медиҳад. Унвонии шеърҳо низ як навъ сароғози гуфтори дардолудаи фоҷиаи миллатро доранд. Чунончи: «Баҳори сармозада», «Дар санги мазори ғурамарге», «Ашки сари миҷғони бақоям», «Назми сармо», «Тоҷикистон сӯхт» ва чанде дигар. Баёни офариниши назми шоира хеле баландмазмун, равону суфта ва бадеияти балеғро дорост:

Ёрон чу ба ҷаҳл ҳамзабонӣ карданд,
Сангони Ватан марсияхонӣ карданд!
Занҳои фусурда гӯрковӣ карданд,
Тифлони гурусна мурдабонӣ карданд [4, с.243].

Тасвироти ноби шоирона дар ҳар яке аз мисраъҳои ин рубоӣ ба назар мерасад, ки мароми шоираро хеле рӯшан баён намудааст. Чунончи, «ба ҷаҳл ҳамзабонӣ кардан», «сангҳо марсияхонӣ кардан», «занҳо гӯркобӣ кардан» ва «тифлон мурдабонӣ кардан» бадеияти офаридаи шоира аст, ки дар тасвири мавзӯъ ба ӯ мадад расонидаанд. Дар ҳақиқат: «Шеъри Гулрухсор зодаи туғёни ҳиссиёти баланд аст ва ин ҳиссиёт аз қаъри дил аланга мезанад ва оташеро мемонад» [1, с.399].

Шоира боварӣ дорад, ки ҷанги байни тоҷикон, ҷанги худогоҳӣ ва худшиносии ин миллат аст ва ин набарди нангин хасми ӯро бар ӯ шиносонд:

Ҷанги тоҷик буд,
Ҷанги худхалосӣ
Ҷанги тоҷик буд,
Ҷанги худшиносӣ
Ҷанги тоҷик
Миллати садпораи тоҷикро,
Бар алайҳи хасми тоҷик,
Ҷовидон кафшер хоҳад кард,
Ҷовидон пайванд хоҳад кард [4, с.79].

Маҳкуми ин муноқиша на танҳо садои шоира Гулрухсор, балки ҳама ватандӯстонест, ки онро чун фоҷиаи миллат қабул намудаанд. Дар шеъри солҳои 90-уми шоирони тоҷик шеърҳои зиёдеро метавон барҳонд, ки муноқишаҳои солҳои навадум дар Тоҷикистонро маҳкум намуда, онро чун як амали разилона тасвир намудаанд. Ба қавли Низом Қосим:

Ҷанг ҳар ҷанге, ки бошад, ҳаққуш асту ноҳақ аст.
Ҷангҷӯ ҳар кас, ки бошад, ноҳақ асту аҳмақ аст [7, с.61].

Шеъри Гулрухсор дар ин айём эҳсосоти баланди шоиронаро доро буда, он чӣ мегӯяд, самимона ва беолоиш аст, нидоест ба сӯйи худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ:

Ватан,
Бо номи ту,
Бо нанги ту,
Бо ишқи маҷрӯҳи набарди ту,
Бинои шуҳрату шони туро
Бунёд хоҳам кард!
Ватан,
Аз сангҳои бар сарат бишкастаи фарзандҳои носазоворат,...
Туро обод хоҳам кард.
Туро обод хоҳам кард [2, с.58].

Образҳои шоиронаи шеъри индавраинаи Гулрухсор наву замонавӣ буда, офаридаи рӯзгори пуртакопую пуртаҳлукаи поёни садаи бист мебошад:

Дарахти гулфишони эътиқодамро,
Барои хеш чавкӣ кардаанд, чавкӣ, –
Табардастон.
Ба ишқи бегуноҳи Шайхи Санъон
Сархушу девона хандиданд, –
Гунаҳмастон… [2, с.40].

Дар ин қитъа калимаҳои «табардастон» ва «гунаҳмастон» образҳои шоиронаанд, ки аз забони фоҷиа сухан мегӯянд. Дар шеъри поён низ ибораҳои «фиғони дар остин», «сукути фоҷиа», «хурӯши дар мӯшт», «фиғони турнаҳои фирӯқ» ҳамин гуна образҳои фоҷиавӣ мебошанд:

Ман пайкари беназири ҳунарам,
Ки аз фиғони дар остин,
Ки аз хурӯши дар мушт,
Ки аз сукути фоҷиа,
Хешро бегазанд кардам бунёд.

Ман аз қаҳ-қаҳаи раъд,
Аз шитоби бод,
Аз фиғони турнаҳои фироқ,
«Дарднома» кардам эҷод [2, с.112].

Дарвоқеъ, шеъри Гулрухсор дардномаи миллат аст ва бо садои ҳазинона ва оҳанги ғамангез суруда шудааст. Ба қавли Аскар Ҳаким: «Садои умед аз рӯзгори хуш, ки баъди шабони дарози сиёҳ ва зимистони яхбандии орзуҳо бояд бирасад, дар як силсила шеърҳои Гулрухсор низ шунида мешавад, аммо ин умед дар бероҳаҳо роҳгум задааст. Аз ин рӯ, сухан ҳам аз ин садаи умед ба дард аст, ки ҷо дорад» [6, с.6]. Ин мазмунро дар пораи шеърии поён ба хубӣ метавон бархонд:

Дар сарам чатри барфу борон аст,
Дар танам ҷони хаста гирён аст.
Рӯзгорам.
Шаби зимистон аст,
Навбаҳорам
Ҳама зимистон аст, –
Эй Худо,
Кай баҳор меояд?! [2, с.97].

Шеъри Гулрухсор саршор аз муҳаббати Ватан буда, роҳнамоест дар худшиносиву худгоҳии миллӣ ва садоест аз маҳкуми ҷанги шаҳрвандӣ, бо овардани далел аз таърихи миллат ба хотири сабақ аз таърих. Яке аз сабабҳои муноқишаи байни тоҷиконро низ шоира маҳз ноогоҳӣ аз таърихи худ медонад. Ин ҷо ба маврид аст, таъкиди роҳбари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон, ки гуфтаанд: «Агар мо аз роҳи тайкардаи пур аз шебу фарози миллати хеш огоҳии комил медоштем ва аз хатоҳои содирнамудаи ниёгонамон сабақ мебардоштем, шояд тӯфони оташбори ҷанги граждани, ки бар сари халқи тоҷик омад, чунин ранги фоҷиавӣ намегирифт. Омӯхтани таърих танҳо ба хотири донистани гузашта нест, балки он дурнамоест, ки ояндаи миллат ва пешомадҳои давлатдориро равшан намуда, барои худогоҳии миллӣ, ваҳдату ягонагӣ ва рушду тафаккури таърихии наслҳои оянда хизмат мекунад» [7, с.5].

Шоира ба хубӣ муваффақ гаштааст, ин мавзӯъҳоро дар шеъри худ баррасӣ намуда, пешниҳоди хонандаи худ созад. Ин аст, ки ашъораш маҳбубияти хонандаро ба даст оварда, алоқамандони зиёди худро дорад.

Муҳаббати беандоза нисбат ба Ватан, ҳамеша ва дар ҳама ҳолат бо ёди ӯ будан, дар шеъри шоирони дар ғурбат монда бо як оҳанги ғамолуда садо медиҳад, ки хонандаро бетараф гузошта наметавонад.

Дар хонаи мо ҷуз ғами ту хони дигар нест,
Дар суфраи мо ҷуз аламат нони дигар нест.
Дар маҳфили мо содаву беҳуда нагирянд,
Дар навҳаи мо ҳарзаву ҳазёни дигар нест [6, с.7].

Чаҳорпораи боло намунаи барҷастаи шеъри ватандӯстонаи шоирони дар ғарибӣ монда мебошад, ки аз забони Гулрухсор бо як эҳсосоти баланд ва ғуруру ифтихор суруда шудааст. Хитобаи «мо»-и шоира ҳамаи онҳоест, ки қисмати талхи ғарибӣ насибашон гашта ва меҳру муҳаббати Ватани дар гирдоби ҷанги бародаркуш монда, чун дарде дар гулӯ онҳоро ҳамроҳӣ мекунад. Ҳамин мазмуни шеъри Гулрухсорро дар шеъри Хокироҳ низ бо мазмуни зер метавон бархонд:

Дур аз Ватанастему ба ғамҳош қаринем,
Бе ёди Ватан як нафасе кай бинишинем.
Чун дурри ятим ашки ятимон чу бирезад,
Эй кош, чунин ашк дигар бор набинем [2, с.7].

Дарвоқеъ, Гулрухсор вассофи ишқу муҳаббати самимонаи Ватан аст. Ба қавли шоира: «Ватан дар вуҷуди инсон аст, бо инсонии худ, бо нангу ори худ, бо орзуҳои худ, бо имони худ, бо бӯйи хоки диёр, бо ишқи сафои рӯдбори худ, аз пайи захмҳои сангҳояш, бо номи

хорҳои гулистонаш, бо ёди кӯдакии хеш, бо ҳароси марги пир ва орзуи насибаи орамидан дар ду ваҷаб хоки меросӣ.

Ҳамин ватанро гурезагони ваҳшатзада, чун охирин ганҷи ранҷу заҳмат бо худ бурданд, ҳамин Ватанро, озодӣ, ободӣ, истиқлол, камол ва «рушд»-и онро шоирон сурудаанд, ҳамин Ватанро, ки аз қаҳри Яздон ё ҷаҳли шайтон ба «маркази таҷрибаи аҳриманӣ» табдил ёфтааст, – чун ҷони булӯрин дар кафи ларзони ишқу умеду орзуҳои худ, ҳар як ватандор мехоҳад «зи бишкастан барад, то ношикастан» [4, с.5].

Шоира бо як андуҳи бузург аз он арзи дил кардааст, ки гарчанде аз Ватан дур рафта бошад ҳам, аммо натавонистааст аз ғами ӯ худро ҷудо кунад.

Бемутакко будам, Ватан,
Дар рӯзи мотамат.
Беҳамсадо будам, Ватан,
Дар вопасин дамат.
Бори Худо будам, Ватан,
Дар ҷанги душманат.
Аз ту ҷудо будам, Ватан,
Аммо на аз ғамат [2, с.65].

Ҳамин тавр, бозтоби муноқишаҳои сиёсӣ дар маркази эҷоди шеъри солҳои 90-уми шоира Гулрухсор қарор гирифта, қариб кулли шеърҳои ӯ бо такя ба шавқу завқи баланди эҷодӣ, истеъдоди баланди фитрӣ, огоҳии комил аз таъриху тамаддуни миллати хеш ва, пеш аз ҳама, дар худ доштани ғурури ватандорӣ, нангу номус ва ифтихори миллӣ ин мавзӯъро хеле хуб тасвир намудааст. Назми баландмазмун дар якҷоягӣ бо тасвир ва маъниофариҳои баланди шоирона, истифодаи моҳирона аз санъатҳои бадеӣ қимати шеъри Гулрухсорро хеле баланд бардоштаву қадру манзалати онро қарнҳо нигоҳ хоҳад дошт.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ / Х.Асозода. – Душанбе: Маориф, 1999. – 371 с.
2. Бурӣ Каримов. Таневу Ватане / Каримов Бурӣ. – М.: МКС,1996. – 127 с.
3. Гулрухсор. Зодрӯзи дард. – М.: Семетей, 1994. – 128 с.
4. Гулрухсор. Дар паноҳи сояи худ. – М.: Академия, 1998. – 256 с.
5. Гулрухсор. Зан ва ҷанг. – Душанбе: Девиштич, 2004. – 168 с.
6. Гулчине аз ашъори Гулрухсор Сафиева. -Теҳрон: Интишороти байналмилалии Алҳудо, 1373.-313 с.
7. Қосим Н. Қаламҳой / Н.Қосим. – Душанбе: Чархи гардун, 1998. – 158 с.
8. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / Бухороӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 455 с.
9. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум / Э.Раҳмонов. – Лондон, 1996. – 360 с.
10. Ҳаким А. Равандҳои шеър ва худогоҳии шоир / А.Ҳаким // Садои Шарқ. – 1996. – №9-12. – С. 3-16.

ГУЛРУХСОР ВА ФОҶИАИ МИЛЛӢ

Дар инъикоси муноқишаҳои поёни садаи бистуми Тоҷикистон шеъри шоира Гулрухсор хеле назаррасу таъсирбахш аст. Шоира бо ҳама қудрат ва тавоноие, ки дорад, қалами худро зидди ин рӯйдоди нангини тоҷикон равона карда, мекӯшад, то хонандаи худро аз ҳақиқати ҳол огоҳонад, нишон диҳад, ки аз ин муноқиша киро суду зиёнест. Ин рӯйдоди нобасомон ба ҷисму рӯҳи шоира таъсири амиқи худро гузоштааст ва онро дар шеъри индавраии ӯ бахубӣ метавон бархонд. Шеърҳои дар ин айём эҷоднамудаи шоира дар маҷмӯаҳои «Зодрӯзи дард» (1994), «Дар паноҳи сояи худ» (1997) ва китоби «Зан ва ҷанг» (2000) ҷамъоварӣ гаштаанд. Шеъри Гулрухсор саршор аз муҳаббати Ватан буда, роҳнамоест дар худшиносиву худгоҳии миллӣ ва садоест аз маҳкуми ҷанги шаҳрвандӣ. Шоира бахубӣ муваффақ гаштааст, ин мавзӯъҳоро дар шеъри худ баррасӣ намуда, пешниҳоди хонандаи худ созад. Ин аст, ки ашъораш маҳбубияти хонандаро ба даст оварда, алоқамандони зиёди худро дорад. Бозтоби муноқишаҳои сиёсӣ дар қатори шоирони маҳбуби кишвар монанди Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Рустами Ваҳҳоб, Фарзона, Алимуҳаммади Муродӣ, Сиёвуш ва чанде дигарон, дар маркази эҷоди шеъри солҳои 90-уми шоира Гулрухсор қарор гирифта, қариб дар кулли шеърҳои ӯ бо такя ба шавқу завқи баланди эҷодӣ, истеъдоди баланди фитрӣ, огоҳии комил аз таъриху тамаддуни миллати хеш ва, пеш аз ҳама, дар худ доштани ғурури ватандорӣ, нангу номус ва ифтихори миллӣ ин мавзӯъ хеле хуб тасвир гардидааст. Он чӣ дар шеъри ба ин мавзӯъ нигаронида эҷоднамудаи шоира Гулрухсор эҳсос мешавад, пеш аз ҳама, ҷасорати ӯст. Баҳои баланди мунаққидону адабиётшиносонро соҳиб гаштани шеъри Гулрухсор низ маҳз ҳамин ошкоргӯӣ ва ҷасорати шоирии ӯ мебошад.

Калидвожаҳо: Гулрухсор, шеър, шеъри шоира Гулрухсор, фоҷиаи миллӣ, огоҳии комил аз таъриху тамаддуни миллати хеш, бозтоби муноқишаҳои сиёсӣ.

ГУЛРУХСОР И НАЦИОНАЛЬНАЯ ТРАГЕДИЯ

Стихотворения поэтессы Гулрухсор являются очень значительными в отражении конфликтов конца двадцатого века в Таджикистане. Поэт, со всей своей силой и мощью, выступает против этого постыдного события таджиков и пытается информировать своих читателей о реальной ситуации, чтобы показать, кто виноват в этом конфликте. Это бурное событие оказало глубокое влияние на тело и душу поэтессы, и это хорошо читается в ее поэзии. Стихи, написанные поэтом в те дни, были собраны в сборниках «День рождения боли» (1994), «В тени ее тени» (1997) и книге «Женщина и война» (2000). Стихотворения Гулрухсора наполнены любовью к стране, они обращены к национальному самосознанию в период гражданской войны. Поэт добился успеха, обсуждая эти темы в своей поэзии и делая презентации для своих читателей. Поэтому, ее стихи заслужили любовь читателей и имеют много связей. Отражение политического конфликта самыми любимыми поэтами страны, такими как Лоик Шерали, Бозор Собир, Рустами Ваххоб, Фарзона, Алимухаммад Муроди, Сиявуш и другими, были в центре внимания Гулрухсор в 1990-х годах. Высокий уровень творчества, высокий природный талант, полное знание истории и цивилизации нации и, прежде всего, наличие патриотической гордости, чести и национальной гордости прекрасно иллюстрируют эту тему. В стихотворениях поэтессы Гулрухсор на эту тему чувствуется, прежде всего, ее смелость. Поэзия Гулрухсор была высоко оценена критиками и литературоведами, что подчеркивает открытость и смелость ее поэзии.

Ключевые слова: Гулрухсор, стих, поэзия поэтессы Гулрухсор, национальная трагедия, фољиаи миллї, полная информированность об истории и цивилизации нации, отражение политического конфликта.

GULRUHSOR AND THE NATIONAL TRAGEDY

The poem of the poetess Gulrukhsor is very significant and influential in reflecting the conflicts of the late twentieth century in Tajikistan. The poet, with all his strength and power, opposes this shameful Tajik event and tries to inform his readers about the reality of the situation in order to show who is to blame for this conflict. This stormy event had a profound effect on the body and soul of the poet, and it is well read in his poetry. Poems written by the poet in those days were collected in the collections “The Birthday of Pain” (1994), “In the Shadow of Her Shadow” (1997) and the book “Woman and War” (2000). Gulruhsor’s poem is filled with love for the country and a guide to national identity and the sound of civil war. The poet achieved success by discussing these topics in his poetry and making presentations to his readers. This is because his poems have earned the love of readers and have many connections. Reflection of political conflicts among the country's most beloved poets, such as Loik Sherali, Bozor Sobir, Rustami Wahhab, Farzon, Alimuhammad Murodi, Siyavush and others, were at the center of Gulrukhsor's poetry in the 1990s. The high level of creativity, high natural talent, full knowledge of the history and civilization of the nation and, above all, the presence of patriotic pride, honor and national pride perfectly illustrate this topic. In the poem of the poetess Gulrukhsor on this subject, her courage is felt first of all. The poetry of Gulrukhsor was highly appreciated by critics and literary critics, which is the openness and courage of her poetry. The emergence of political conflicts lies at the heart of the poetry of the 90s of Gulrukhsor’s poetry, almost all of his poems are based on high creative enthusiasm, high literary talent, full awareness of the history and civilization of his people, and, above all, their pride and patriotism. National dignity and national pride perfectly illustrate this topic.

Key words: Gulrukhsor, poetry, poetry of the poetess Gulrukhsor, national tragedy, milieu’s picture, full awareness of the history and civilization of the nation, reflection of political conflict.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Д. Ҳафиззода*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 918-82-61-29**

Сведения об авторе: ***Д. Хафиззода*** **–** Таджикский национальный университет, доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 918-82-61-29**

Information about the author: ***D. Hafizzoda*** - Tajik National University, assistant professor of the Tajik language and methods of teaching the Tajik language and literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 918-82-61-29**

УДК: 482(С53)

АСПЕКТЫ ЛИТЕРАТУРНОГО АНАЛИЗА БЛАГОРОДНОГО ПРОИСХОЖДЕНИЯ ЖЕНЩИНЫ В КЛАССИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Шоева Н.А., Каюмджанова М.М.
Таджикский технический университет им. М.С. Осими

Внутренняя суть мифологических легенд и преданий является базой для политических, социальных и исторических событий и культурного и литературного движения, что привлекает наше внимание к истокам представлений и мыслей, к историческому пониманию взглядов на женский образ. На этой почве возникает правомерный вопрос: почему сочинения наших поэтов по своей тематике полностью совпадают с сочинениями авторов из других стран и их описания и изображения возлюбленных имеют много схожих особенностей? Многим может представляться, что такое единство и похожесть выражения влюбленности в нашей поэзии является повтором стихотворных описаний и ограниченным характером газелей (в целом, наших стихов) в силу небольшого количества описаний, метафор и аллегорий. Однако истинное признание женщины-Богини Анахиты состоит в том, что все эпитеты, принадлежащие этой Богине-женщине, олицетворяются в описаниях и эпитетах, подобранных поэтами для восхваления своих возлюбленных. Другими словами, Анахита - архетип или древнейшая святыня нашей поэзии [18, с.133], доказательством священного и вечного олицетворения которой в “любви” является именно женщина.

Чистое представление о любви и влюбленности в нашем литературном мышлении никогда не концентрировало свое внимание на описательных наименованиях полов. Вероятно, уподобление любви богине-женщине воды, то есть Анахите, к особым достоинствам которой принадлежали чистота и очищение, есть показатель способа мышления и осознания нашими далекими предками понятий “любовь” и “женщина”. Если вникнуть во внутреннюю суть лирических газелей наших предков, можно достоверно убедиться, что возлюбленная поэта, только лишь вступив на незапятнанное лоно стихотворения, особождается от своих половых особенностей и приобретает настолько платонические черты, что начинает притягивать к себе автора стихотворения как воспевающего свое божество человека. Это божество подобно Анахите, источнику силы, красоты и мудрости.

Если рассматривать процесс формирования и развития литературного мышления наших предков в отношении женщины, то можно прийти к такому логическому выводу, что ценность женской личности в социальном и художественном мышлении нашего народа не носила неопределенный характер (например, в соответствии с методом “Человек по природе добр”, “Плохих людей не существует” и т.д.), она представляется конкретной и естественной. То есть с самого начала неопределенное понимание человеческой личности на пути осознания благородного происхождения женщины оказало глубокое созидательное влияние на мифологическое, а позже художественное мышление наших предков, что во многом поучительно.

Женщина с самого начала предстала как сложная с точки зрения нравственности, сущность, и это ее качество в связи с другими раскрывается в атмосфере общества. Свобода ее личности в литературе является залогом ее конкретного и реалистичного изображения, что уходит корнями в историю [17, с.180-181].

В “Обоняшт”/“Осенней молитве” пятой части, мы видим, что Аурамазда восхваляет Анахиту в Ориёвидже. “О, Ардависур Анахита! О, добро! Дай мне успешности, чтобы пречистый Зардушт (Заратустра) дал мне возможность убедить Пурушасба в том, чтобы он начал мыслить по моей религии, начал говорить на моем языке и у него было поведение, свойственное моей религии. И Ардависур Анахита... дала успешности Аурамазде и исполнила его желание” [2, с.141-142].

Доктор Алиризо Музаффари, комментируя этот документ, пишет следующее: “Можно представить, что при написании этой части Яштов (молитв), просьбу об успешности Аурамазда адресует Анахите в силу своей скромности, однако можно также представить, что при написании этой части Яштов у зороастрийских иранцев сохранилось представление о силе и мощи Анахиты, которыми она обладала в период до появления Заратустры” [18, с.136]. На основе этого, пользуясь находкой автора в ценной книге “Признание самосознания иранской женщины”, можно добавить, что в начале формирования верований в Бога в нашем первичном обществе (народов иранского происхождения), вероятно, Великому Богу, какими именами или эпитетами его ни называли, было противоестественно присваивать женские или мужские имена, так как показатель самки и самца необходим для продолжения рода.

Этот нежный юноша-бог и девушка-богиня были ответственны за такие виды деятельности, которые в последующие исторические периоды в обществе народов иранского происхождения привели к развитию мышления и вероисповедания этого народа, в силу того, что они унаследовали культуру и верования, оказавшиеся под влиянием распределения задач в работе по управлению страной среди нескольких богов мужчин и женщин. Таким образом, появилась группа божеств женского и мужского происхождения с различными именами и поведением. Среди группы божеств женского происхождения богини Хурдод, Мурдод, Сипандормуз и Анахита в мышлении народа обладают более древними корнями. Подобно тому, как Митра в верования нашего народа обладает таким же статусом. Поэтому для того, чтобы правильно и реалистично восстановить художественное мышление в персидско-таджикской литературе и культуре, нам необходимо обратиться к трем важным и нетленным источникам – эпическому, мистическому, нравственному и лирическому литературному наследию.

Наши предки еще в древние времена признавали высокий авторитет женщины, считали непереоценимым ее место в управлении государственными делами, воспитании потомства. Такого рода народные взгляды, конечно, не могли не повлиять на формирование художественного мышления, и это более всего отразилось в эпическом наследии персидско-таджикской литературы.

В эпическом произведении мужчина является главой семейства, политиком и деятелем социальной сферы. Эта особенность принадлежит не только эпическим произведениям персидско-таджикской литературы. В «Шахнаме» все вертится вокруг орбиты силы и мужества. В греческих эпических произведениях, в частности «Илиаде» и «Одиссее» Гомера, совершенный человек Ахилл был самым могущественным мужчиной. Поэтому большинство исследователей эпических произведений описывают некое подобие мужской этики патриархального строя [18, с.163].

Несмотря на то, что «Шахнаме» - это продукт патриархального периода и роль и место мужчины в нем преобладает, она не является «произведением, направленным против женщины» [16, с.12].

В целом, необходимо отметить, что притом, что Н.Саркоров в своей статье «Женщина – мать и ее основополагающее место в «Шахнаме» Фирдоуси» ведет полемику о статусе женщины в великом произведении Фирдоуси с позиции ее положения в обществе, все же он не раскрывает полностью ее особую миссию, которую женщина исполнила в свое время» [20, 127]. К счастью, по данной теме завершено много исследований, в которых анализируются различные вопросы, связанные с женской темой. В этом русле можно упомянуть о таких произведениях, как «Женский облик в «Шахнаме» Дабира Сиёки, «Женские образы в этике эпической мифологической литературы» Ахмада Мухаммади, «Женские образы в культуре Ирана» Джалола Саттори, «Рассмотрение статуса и значения женщины в истории Ирана» Носира Такмили Хумоюн, «Признаки матриархальных отношений в нескольких браках из поэм «Шахнаме» Фирдоуси» Маздопура и других. В этих трудах решены многие вопросы, связанные с бытием женщины в литературном наследии. На основе наследия по данной теме и свежих наблюдений мы столкнулись с явственной точкой зрения и мнением Фирдоуси о женщине и ее

человеческой сущности, что, по сути, способствует раскрытию вопроса свободы и индивидуальной исключительности женщины как жизнеутверждающей силы.

Суть литературного суждения Фирдоуси о женщине определяет его отношение к этой «меҳрубон ёр» / “нежной подруге” (Фирдоуси). Женщина в поэтическом изображении эпического произведения занимает высокое положение, как женщина-мать, ее человеческий образ является эталоном красоты и чистой любви. В этой великой книге женский облик невозможно видеть «кроме как стыдливый и целомудренный, сердце – кроме как преисполненное любви и заботы, ее мысли – кроме как многогранные и самоотверженные, ее действия – кроме как честные и правдолюбивые, а ее жизненное кредо – кроме как отважность и удачливость» [15, 28].

Фирдоуси иногда отдает предпочтение женской свободе и данную тенденцию доказывает на примере вступления женщины в брак. В «Шахнаме» в противовес браков, принятых в системах патриархального строя, превалируют браки с чужими людьми. Даже можно столкнуться со сценами, когда женщина, несмотря на свою праведность, может быть инициатором объяснения в любви и выбрать понравившегося ей мужчину, подобно тому, как девушка выбирает среди многих сватающихся одного суженого. В «Шахнаме» образцом свободы девушки в выборе супруга выступает Тахмина - мать Сухраба и супруга Рустама. В «Шахнаме» наблюдаются также и другие случаи, указывающие на мнение Фирдоуси о женской свободе. Муж после брака недолгое время остается с супругой и уезжает на чужбину. Другим интересным обстоятельством в видении Фирдоуси является то, что «женщина имела право опираться на царский трон при условии, что она должна принадлежать к царскому роду и ее мать также должна быть царских кровей. Например, в одной из поэм произведения Ҳумой - дочь Бахмана достигает власти. История также свидетельствует о наличии женщин-правительниц в конце периода Сасанидов» [19, с.93].

Как отмечалось ранее, взгляд Фирдоуси на женскую личность, прежде всего, сконцентрирован на «эмансипации поведения и поступков личности» (Д.С.Лихачёв). Личность ломает нормы и стереотипы. Примером этого может служить человеческая позиция Судобы, Ширин и Гардуи, поведение которых осуждается. Осуждение этих женщин языками других, а не языком Фирдоуси, само по себе является свидетельством вышесказанного, и это явление не должно удивлять нас. Как в осуждении Судобы Рустам говорит Кайковусу:

Сиёвуш зи гуфтори зан шуд ба бод,
Хуҷиста зане, к- ӯ зи модар назод.

Подстрочный перевод:

Словами женщин был Сиявуш повержен,
Счастлива та женщина,
которую мать не произвела на свет.

В «Шахнаме» есть и другие идеи, доказывающие связь мысли Фирдоуси с жизненной действительностью и правдивостью художественного изображения. Группа отцов, царей и богатырей из «Шахнаме», услыхав о любви своих дочерей к кому-либо, от избытка отцовских чувств к своим дочерям и из боязни разлуки с ними начинает ругать и проклинать их и считает девушку источником скорби. Царь Йемена, Михраб - отец Рудабы, Афрасиаб - отец Манижи, византийский кесарь - отец Катоюн принадлежат к числу таких родителей. Однако общий взгляд автора «Шахнаме» достаточно четко и выпукло выражен в следующем его бейте:

Чу фарзанд бошад ба ойину фарр,
Гиромӣ ба дил бар, чи мода чи нар.

Подстрочный перевод:

Когда дитя воспитанно и благонравно,
Сердечно уважай его, хоть самка, хоть самец.

Конечно, Фирдоуси иногда в «Шахнаме» допускает «крепкое словцо о вреде женщин» [19, с.29], которое выражает состояние общества его времени, то есть такого рода слова Фирдоуси являются признаками недалекого и черствого отношения общества и века поэта к женщине.

Другой важный момент заключается в том, что Фирдоуси в женщине видит и приветствует не только мужественность, а напротив, “большинство женщин “Шахнаме” (Синдухт, Рудоба, Манижа, Фарангис и ...) выступают как яркие образцы женственности. Они описаны в состоянии крайней возвышенности, величия и даже священности, их женская сущность переполнена... и любовью, и уважением, и внешней, и внутренней красотой” [16, 120].

Женщины в изображении Фирдоуси обладают естественной и действительной индивидуальностью. Каждой из них присущи особый внутренний мир и особый облик, их манеры гармонируют с их внутренней сутью, кроме того они несут в себе миссию, с исполнением которой в каждом обществе может справиться только женщина. За исключением Гурдофарид и Гардуи, сестры Бахрома Чубина, которые действительно являются воинственными женщинами-героинями, остальные женские образы в поэмах произведения играют реалистичные роли примерных жен и дочерей семейства [19, с.72].

Взгляды Фирдоуси в отношении женщин богатырского и исторического периодов “Шахнаме” разнятся. В художественном восприятии Фирдоуси женщины аристократического сословия отличаются от представительниц других классов. Однако наряду с этим, положение царицы было не менее низким, чем положение царя [19, с.93]. Женщины из других сословий, подобно сословиям ремесленников и земледельцев, в художественном сознании Фирдоуси обладали полной свободой, они не жили на женской половине, не носили паранджи, работали наравне и наряду с мужчинами и свободно общались с народом [19, 92].

Таким образом, с предельной смелостью можно заключить, что женщина в художественном сознании Фирдоуси выражает мышление, нравственность и культуру цивилизованного и правового общества. Во всяком случае, одной из причин вечности и проникновенности “Шахнаме” Фирдоуси является его благоговение перед утонченной душой женщины и через посредство этого соответствие художественной мысли с жизненной действительностью.

Конечно, взгляды авторов литературных произведений о женщинах и методы их изображения в истории нашей этики сформировались в течение политических и социальных периодов, влияние которых на художественное сознание Фирдоуси нельзя отрицать.

Рассматривая вопрос о грубом и черством отношении Фирдоуси к женскому полу, необходимо провести более полный анализ данного вопроса. Фирдоуси словами Исфандиёра к матери Катоюн говорит:

Чу бо зан паси парда бошад ҷавон,
Бимонад маниш пасту тира равон.

Подстрочный перевод:

Когда с женою молодой муж уединится,
И телом он ослабнет, и разум помутнится.

Ответ Сиёвуша отцу также принадлежит к числу такого рода черствости:

Чи омӯзам андар шабистони шоҳ,
Ба дониш занон кай намоянд роҳ.

Подстрочный перевод:

Чему могу я научиться в царской спальне,
Разве может женщина показать путь к знанию.

Если Фирдоуси в преимущественном большинстве случаев воспевает женщину как созидательницу сил добра, основоположницу жизни и всего бытия, как продолжательницу человеческого рода и связующую нить всех положительных чувств и эмоций жизни, то в отдельных случаях он относится к женщине как к живому человеку и не всегда здоровой рассудком и мудрой личности. Поэт, создавая отрицательные образы женщин, наводит читателя на мысль о недолговечности зла, подложности и лживости. Порой положительное порой отрицательное изображение образа женщины в “Шахнаме” связано с основной идеей произведения – противостоянием двух противоборствующих сторон – добра и зла (Ахримана и Аурамазды)” [11, с.248].

Такое понимание долгие годы было в моде в таджикском литературоведении, особенно при комментарии положительных и отрицательных образов. Однако правда заключается в том, что “основа образа подготавливается намного раньше, до появления художественного образа, подобно тому, как момент осознания красоты в труде человека рождается раньше самого искусства» [14, 3].

Если обратиться к истории, то выясняется, что общество и человечество постоянно сталкивались со становлением и низложением, застоями и переменами. Всякий раз их накрывали и неожиданно отступали волны событий. При каждом новом веянии политических событий в социальной сфере расстановка сил на политической арене сменяла свои декорации. Однако зеркало истории при этом неизменно покрывалось ржавчиной насилия над человеком (неважно, женщиной или мужчиной).

Исследование женской эмансипации в таджикской литературе, особенно в таджикских повестях, ставит вопрос об эмансипации личности, который можно интерпретировать как эмансипацию поведения “действующей личности произведения”. Такого рода женские личности ломают традиционные нормы нравственности, которые сформировались и укреплялись на протяжении тысячелетий, и образуют новое течение художественного восприятия действительности в признании женской эмансипации.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Абӯҳомид Имом Муҳаммади Ғазолӣ. Насиҳат-ул-мулук / Абӯҳомид Имом Муҳаммади Ғазолӣ. – Теҳрон, 1389. – 246 с.
2. Авесто. Номайи минуйии оини Зардушт / Мураттиб: Ҷалили Дӯстхоҳ. – Теҳрон: Марворид, чопи шашум, 1366. – 540 с.
3. Адабиёти советӣ. – Душанбе: Маориф, 1968. – 360 с.
4. Адгамова, Г.И. Проблемы освобождения женщины в творчестве Галимжана Ибрагимова: автореферат канд. дисс. / Г.И. Адгамова. – Казань, 1963. – 23 с.
5. Аминова, С. Образи занони мубориз дар эҷодиёти Садриддин Айнӣ / С. Аминова // Шарқи сурх. – 1958. – №1. – С.135-150.
6. Архипов, В. Герой и его время.// Михаил Алексеев. Хлеб – имя существительное / В. Архипов. – Москва: Советская Россия, 1973. – С.9-15.
7. Бабель, А. Женщина и социализм / А. Бабель. – Москва: Гос. издательство политической литературы. – Москва, 1959. – 592 с.
8. Бақозода, Ҷ. Ҳиссиёти олӣ ё сохта? / Ҷ. Бақозода // Нависанда ва идеали замон. – Душанбе: Адиб, 1987. – С. 101-109.
9. Бахтин, М.М. Литературные критические статьи / М.М. Бахтин. – Москва: худ. литература, 1986. – 542 с.
10. Бектош, Н. Садриддин Айнӣ ва эҷодиёти ӯ / Н. Бектош. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1933. – 60 с.
11. Бобокалонова, Ҷ. Зан ва замон / Ҷ. Бобокалонова. – Душанбе: Адиб, 2002. – 270 с.
12. Богданов, А. Вопросы социализма / А. Богданов. – Москва, 1990. – 561 с.
13. Бочаров, А. Глубины образа / А. Бочаров // Юность. – 1975. – №5-6. – С. 80-79.
14. Дабири Сиёқӣ, Муҳаммад. Чеҳраи зан дар «Шоҳнома» // Фирдавсӣ. Зан ва трожедӣ. / Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. – Кобул: Китобсарои Кобул, 1365. – С. 224.
15. Дабири Сиёқӣ, Муҳаммад. Чеҳраи зан дар «Шоҳнома» // Фирдавсӣ. Зан ва трожедӣ / Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. – Кобул: Китобсарои Кобул, 1365. – С. 224.
16. Исломии Надӯшан, Муҳаммадалӣ. Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар «Шоҳнома» / Муҳаммадалӣ Исломии Надӯшан. – Теҳрон: интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1347. – 452 с.
17. Лихачев, Д.С. Развитие русской литературы X – XVII веков. Эпохи и стили: Избранные работы в трёх томах / Д.С. Лихачев. – Ленинград: Художественная литература, 1987. – Т.1. – С. 24-260.
18. Музаффарӣ, А. «Оноҳито»- куҳанулгуи маъшуқаҳои эронӣ / А. Музаффарӣ // Маҷмӯаи мақолоти нахустин ҳамоиши миллии эроншиносӣ; 27-30 хурдоди 1381. Адабиёти Эрон, ҷилди дуввум. – С. 133 -153.
19. Муҳаммадӣ, А. Симои зан дар адаби ҳамосӣ ва асотирӣ // А. Муҳаммадӣ // Фарҳанг ва зиндагӣ. – 1354. – №19-20. – С. 70-99.
20. Саркоров, Н. Зан, модар ва ҷойгирии ӯ дар асоси «Шоҳнома» / Н. Саркоров // Садои Шарқ. – 2007. – №2. – С. 127-141.

ҶАНБАҲОИ ТАҲЛИЛИ АДАБИИ АСИЛЗОДАГИИ ЗАНОН ДАР АДАБИЁТИ КЛАССИКӢ

Дар мақола кӯшиш ба харҷ дода шудааст, то нишон диҳанд, ки тамоми ҷомеаи инсонӣ бояд ба зан мақоми олиро пешниҳод созад. Лекин аз оғози таърихи инсоният ва то имрӯз чунин воқеа ба вуқӯъ наомадааст ва чи хеле

Яке аз тадбирҳои дигари ҳукуматӣ, ки барои рушди соҳа созгор аст, омодасозии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ мебошад. Солҳои охир бо назардошти кам будани кадрҳои баландихтисоси забондони соҳа дар якчанд муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсуси кишвар ихтисосҳои сайёҳӣ ташкил шуд. Аз рӯйи маълумоти Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [12] феълан дар мамлакат дар 20 мактаби олӣ ихтисосҳои вобаста ба соҳаи сайёҳиро омода мекунанд. Бояд гуфт, ки мутахассиси соҳаи сайёҳӣ барои ҷалби сайёҳон, муаррифии маконҳои таърихӣ, мавзеъҳои тамошобобу диданӣ, нишон додани меҳмоннавозии мардум ва амсоли ин нақши муҳим мебозад. Тавре мутахассиси соҳаи сайёҳӣ М. Қодирова навиштааст: «Бе мутахассиси хуб, агар ҳазорҳо иншоот бунёд намоем ҳам, сайёҳӣ ба дараҷаи даркорӣ рушд нахоҳад кард. Зеро барои меҳмоннавозии сатҳи олӣ, муаррифии дуруст, ҷалби бештари ҷаҳонгардон ва бо ин васила ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, мутахассисони сатҳи баланд лозиманд» [6]. Дар бозори байналмилалии сайёҳӣ хизматрасонии сифатнок ба сайёҳон муҳим арзёбӣ мешавад. Бинобар ин, сифат ва фарҳанги хизматрасонӣ дар рушди сайёҳӣ «аслиҳа»-и пуркувват ба шумор меравад. Ҳанӯз дар маҳалҳо барои пазироӣ ва роҳбаладӣ кадрҳои забондону соҳибкасб намерасанд ва ин яке аз мушкилоти соҳа маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин мавзӯъ дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» матлаби Нигина Раҳмон таҳти унвони «Сайёҳӣ. Чанд паҳлуи як проблема», рӯйи чоп омадааст. Муаллиф дар баррасии проблемаҳои мавҷудаи соҳа ба фикри мутахассисон такя намуда, аз ҷумла афзудааст: «яке аз проблемаҳо аз ҷониби донишҷӯён ба таври зарурӣ азхуд накардани забонҳои хориҷӣ мебошад. Илова бар ин, дарсҳо танҳо дар шакли аудиторияви сурат мегиранд, яъне донишҷӯён ҳангоми таҳсил аз дарсҳои амалӣ бенасибанд. Ба ин хотир, хуб мебуд дарсҳои амалӣ гузаронида шаванд ва онҳо бевосита дар минтақаҳои туристӣ сурат гиранд. Худ тасаввур кунед, донишҷӯе, ки мавзеъҳои сайёҳиро аз наздик намебинад, чӣ гуна дар хусуси онҳо ба сайёҳон маълумот медиҳад? Бешубҳа, ин омил метавонад барои омодасозии кадрҳои ҳирфаии туризм мусоидат намояд» [9]. Ӯ масъалаи набудани пойгоҳи ба талаботи замон ҷавобгӯро дар кафедраҳои дахлдор ба миён гузошта, пешниҳод мекунад, ки мутахассисони ҷавон барои таҷрибаомӯзӣ ба хориҷи кишвар фиристонда шаванд.

Ба назари ин муаллиф омили дигаре, ки метавонад барои беҳтар омоданамоии мутахассисон мусоидат кунад, ҳамкории субъектҳои хоҷагидори туристӣ бо муассисаҳои таълимии соҳаи мазкур мебошад.

Ҳамин тавр, дар мақолаи мазкур масъалаи омоданамоии кадрҳои соҳаи сайёҳӣ бо камбудию норасоиҳо ва роҳҳои бартарафсозии онҳо дар такя ба андешаҳои мутахассисони соҳа ва устодони кафедраҳои тахассусӣ баррасӣ шудааст, ки басо рӯзмарра аст.

Рӯзномаи “Ҷавонони Тоҷикистон” низ ба мавзӯи омодакунии кадрҳои соҳаи сайёҳӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, чанд хабар ва матолиби таҳлилӣ чоп намудааст. Ба далели фикр дар матлаби “Барои рушди туризм чӣ бояд кард?” [4] кадрҳои соҳаи сайёҳӣ ҳамчун захираҳои инсонӣ маънидод гардида, инкишофи сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ дар шароити муосир бо захираҳои табиӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва захираҳои меҳнатӣ алоқаманд дониста шудааст. Дар мақола барои худтакмилдиҳии кормандони ширкатҳои сайёҳӣ чанд маслиҳати муфид ироа гардидааст. Аз ҷумла, ба ширкатҳо ҷиҳати такмили фаъолият ҷанбаҳои асосии муносибат ба корманд, ба мисли пуштибонӣ намудан аз кори гурӯҳӣ, ташкили барномаҳои омӯзишӣ, баррасинамоии инсонҳо ҳамчун захира ва ба ҳамин монанд, ки дар ҳамаи бандҳо корманд-мутахассис-инсонро ба мадди аввал мегузоранд, пешниҳод намудаанд, ки басо омӯхтанист.

Аз мутолиаи ин гуна матлабҳо метавон хулоса бароварда, ки сайёҳӣ ҳамчун соҳаи фаъолият аз тарафи инсонҳо барои инсонҳо эҷод шудааст ва он меҳмоннавозиро тақозо дорад. Ҳеҷ захираи дигаре наметавонад эҳсоси меҳмоннавозиеро, ки мо дорем, иваз намояд. Ба ин маънӣ, ки захираи асосии инкишофи туризм инсон ва қобилияти ӯ мебошад.

Ҳамин тариқ, тамоми чорабиниҳои алоқаманд ба рушди соҳа, мавзеъҳои таърихию рекреатсионӣ, ҷолибияти сайёҳӣ ва дигар тадбирҳоро пайваста тавассути ВАО намоиш додан аз вазифаҳои асосии рӯзноманигорон маҳсуб меёбад, зеро рушди сайёҳиро бе кори таблиғотӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст ва яке аз ҷузъҳои асосии ҷалби сайёҳон ба кишвар ин тарғибот аст. Тамоми чора ва тадбирҳои ҳукуматие, ки ба соҳаи сайёҳӣ алоқамандand, дар саҳифаҳои нашрияҳои даврӣ инъикос гардида, тариқи масъалагузорӣ роҳҳои ҳалли онҳо нишон дода шудааст. Бояд гуфт, ки маводи нашрии рӯзномаҳо бояд ба принсипҳои касбӣ ба мисли боэътимодӣ; пуррагии инъикос ва мақсаднокӣ мувофиқ бошанд то ба андеша ва афкори хонанда таъсир расонида тавонанд. Натиҷаи кори рӯзноманигорӣ ин мусаввараи олам аст, ки дар маводи иттилоотӣ, таҳлилӣ ва публитсистию бадеӣ таҷассум мегардад, менигорад муҳаққиқи соҳаи журналистика Н.П. Кравченко. Ба шарофати ин мусаввара образи муайяни ҳокимият, давлат ва сиёсат намудор мегардад [5]. Бояд иброз намуд, ки дар маводи вобаста ба сайёҳии рӯзномаҳои мавриди таҳқиқ образи Тоҷикистон ва брендҳои сайёҳии он муаррифӣ ва таҷассум гардидаанд, ки ба воситаи он метавон дар ташаккули афкори ҷомеа таъсир расонд.

Умуман, дастгирии давлатӣ пайдо намудани соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон ба дарки моҳияти омилҳои ба рушди сайёҳӣ мусоидаткунанда пайвастагии зич дорад, зеро қатъи назар аз шакли зоҳиршавӣ сайёҳӣ ба баланд бардоштани имиҷи мусбати давлат мусоидат мекунад. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди сайёҳӣ тадбирҳои муассире рӯйи кор омадаанд, ки иҷрои саривақтӣ ва босифати онҳо барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ вобаста ба ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар, таъсиси ҷойҳои корӣ, тақвият бахшидани сайёҳии дохилӣ ва инфрасохтори соҳа мусоидат мекунад. Дар баробари ин, дар инъикоси ин силсилачорабиниҳо дар васоити ахбори омма ва хоссатан матбуоти даврӣ нақши нашрияҳои расмии «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» хеле бориз аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳар як тадбири ҳукуматии барои рушди сайёҳӣ равонагардида дар саҳифаҳои ин нашрияҳо дастгирӣ ва баррасӣ гардидаанд. Махсусан, рӯзномаи «Ҷумҳурият» соли 2018 бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» озмуни мақолаи беҳтаринро эълон кард, ки дар он ба ҷуз журналистон олимону бостоншиносон, адибон ва намояндагони дигар касбу кор дар жанрҳои гуногуни публитсистӣ мавод пешниҳод ва чоп кардаанд, ки дорои мундариҷаву муҳтавои ғанӣ буда, таърихи сайёҳӣ, афкори адибони классику муосир дар бораи сайёҳӣ, сафарномаҳо, муаррифии мавзеъҳои таърихӣ ва дигар ҷанбаҳои соҳаро фарогир аст. Ин гуна матолиб, бидуни шубҳа, барои муаррифии кишвар ҳамчун мамлакати сайёҳӣ хидмат карда метавонанд.

Ҳамин тавр, таваҷҷуҳи ҷомеаи кишвар ба сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисоди миллӣ зарурати аз ҳарвақта бештар рӯ овардан ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ, муносибати одилона ва некбинона ба имкониятҳои он, омода кардани кадрҳои

баландихтисоси соҳа, хизматрасонии сатҳи ҷаҳонӣ ва муаррифии ҳадафноку дурусти мавзеъҳои сайёҳиро ба миён овардааст. Барои амалисозии ин раванд, пеш аз ҳама, маърифати муносибат ба иқтидори сайёҳӣ, таърихию фарҳангӣ, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, табиати нотакрор ва ҳифзи муҳити экологӣ, фарҳанги меҳмонпазириро бояд тақвият бахшид, ки аз ҳама воситаи дастрастарин дар пиёдасозии ин ҳадафҳо ВАО мебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ // Ҷумҳурият. – 2017. –22 декабр. – №: 258.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ // Ҷумҳурият. – 2018. – 26 декабр. – №: 256.
3. Баҳодур Б. Шаҳритуз. Муаррифгари сайёҳии таърихӣ / Б. Баҳодур, М. Баҳром // Ҷумҳурият. –2018. – 11 декабр. –№ 244.
4. Барои рушди туризм чӣ бояд кард? // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2016. – 28 октябр.
5. Кравченко Н.П. Реализация новых функций журналистики в государственных СМИ / Н.П. Кравченко // Медийные стратегии современного мира. Материалы второй международной научно-практической конференции. Краснодар, 2008. – 34-37 с.
6. Қурбон Ш. Туризм. Аз мутахассисони ғайрикасбӣ то нобуди хатсайрҳои нав / Ш. Қурбон // Ҷумҳурият. – 2015. – 15 август. – №: 143
7. Мавлонов Х. Хоҷа оби гарм: Имкониятҳо бештар мешаванд / Х. Мавлонов, Б. Каримзода // Ҷавонони Тоҷикистон. –2018. – 5 март.
8. Нақши Истиқлолияти давлатӣ дар рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ». Дар Душанбе таҳти ин ном Конференсияи илмӣ – амалӣ баргузор гардид (манбаи электронӣ) http://khovar.tj/2019/09/na-shi-isti-loliyati-davlat-dar-rushdi-so-ai-sajyo-va-unar-oi-mardum-dar-dushanbe-ta-ti-in-nom-konferensiyai-ilm-amal-barguzor-gardid/ (санаи истифода: 05.09.2019).
9. Раҳмон Н. Сайёҳӣ. Чанд паҳлуи як проблема / Н. Раҳмон // Ҷумҳурият. –2017. – 18 декабр. – №: 255.
10. Созмонҳои хориҷӣ тавсия медиҳанд, ки сайёҳон аз Тоҷикистон боздид намоянд. (манбаи электронӣ) http://khovar.tj/2019/01/sozmon-oi-hori-tavsiya-medi-and-ki-sajyo-on-az-to-ikiston-bozdid-namoyand-financial-times-um-urii-to-ikistonro-ba-r-jhati-asht-kishvari-arzandai-sayo-at-dar-soli-2019-shomil-namud/ (санаи истифода: 14.01.2019)
11. Туризм и СМИ объединяют усилия для оказания поддержки сектору в трудные времена. (электронный ресурс) Режим доступа: http media. unwto. org (дата обращения 12.03.2019).
12. Ҳисоботҳо [манбаи электронӣ] *URL:* http://ntc.tj/tj/imd-1/hisobotho/117-muassisahoi-oli-kasbi/830-oli.html (санаи истифода: 12. 09.2019).

НАҚШИ МАТБУОТ ДАР ТАРҒИБИ ТАДБИРҲОИ ҲУКУМАТӢ ДОИР БА РУШДИ САЙЁҲӢ

Дар мақола тадбирҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рушди сайёҳӣ ва нақши матбуоти даврӣ дар тарғиб ва инъикоси онҳо таҳлил гардидааст. Муаллифон дастгирии давлатӣ пайдо намудани соҳаи сайёҳиро дар Тоҷикистон муҳим дониста, онро барои баланд бардоштани имиҷи мусбати давлат мусоидаткунанда меҳисобанд. Тамоми чорабиниҳои алоқаманд ба рушди соҳа, мавзеъҳои таърихию рекреатсионӣ, ҷолибияти сайёҳӣ ва дигар тадбирҳоро пайваста тавассути ВАО намоиш додан ва таблиғ кардан аз вазифаҳои асосии рӯзноманигорон маҳсуб меёбад. Зеро яке аз ҷузъҳои асосии ҷалби сайёҳон ба кишвар тарғибот маҳсуб меёбад ва рушди сайёҳиро бе кори таблиғотӣ тасаввур кардан ғайриимкон буда, дар ин амал нақши матбуоти даврӣ назаррас аст. Таҳлилу баррасии мушаххаси маводи нашрияҳои расмии «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» собит месозад, ки нақши матбуоти даврӣ дар инъикос ва тарғиби чорабиниҳои ҳукуматии рушддиҳандаи соҳаи сайёҳӣ бориз аст. Нашрияҳои даврӣ то ҳадди имкон тавонистаанд, ки ҳар як тадбири ҳукуматии барои рушди сайёҳӣ равонагардидаро дар саҳифаҳои худ интишор намуда, дар заминаи он омилҳои рушди сайёҳиро мавриди баррасӣ қарор диҳанд ва ба ин васила дар ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ, баланд бардоштани маърифати меҳмонпазирии аҳолии кишвар мусоидат намоянд. Бояд гуфт, ки дар маводи вобаста ба сайёҳии рӯзномаҳои мавриди таҳқиқ образи Тоҷикистон ва брендҳои сайёҳии он муаррифӣ ва таҷассум гардидаанд, ки ба воситаи он метавон дар ташаккули афкори ҷомеа таъсир расонд.

Калидвожаҳо: матбуоти даврӣ, сайёҳӣ, соҳаи сайёҳӣ, тадбирҳои ҳукуматӣ, муаррифии мавзеъҳои сайёҳӣ, тарғибот, мавод, афкори хонанда, таҳлил, баррасӣ, инъикос.

РОЛЬ ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ В ПРОПАГАНДЕ ПРАВИТЕЛЬСТВЕННЫХ МЕРОПРИЯТИЙ ПО РАЗВИТИЮ ТУРИЗМА

В данной статье рассматриваются и анализируются вопросы, связанные с мерами, принимаемыми Правительством Республики Таджикистан по развитию туризма, и роли периодической печати в их популяризации и освещении. Авторы считают важным поддержание государством сферы туризма в Таджикистане и считают ее способствующей положительному имиджу государства. Одной из основных задач журналистов является

регулярное освещение и продвижение в средствах массовой информации всех событий, связанных с развитием отрасли туризма, историко-развлекательных объектов, туристических достопримечательностей и других мероприятий. Потому что одной из основных составляющих привлечения туристов в страну является пропаганда, и невозможно представить развитие туризма без пропагандистской деятельности, и в этой работе роль периодической печати значительна. Конкретный анализ и обзор публикаций официальных газет Республики Таджикистан, таких как «Джумхурият» и «Джавонони Тоджикистон», доказывает, что роль периодической печати в отражении и пропаганде правительственных мер по развитию туризма очень важна. Периодические издания, по мере своих возможностей, публикуют на своих страницах сообщения о действиях правительства по продвижению сферы туризма, учитывая при этом факторы развития туризма, и тем самым способствуя привлечению иностранных и отечественных туристов и улучшению гостеприимства населения страны. Следует отметить, что материалы, посвященные туризму, в исследуемых газетах представляют и его туристические бренды Таджикистана, благодаря которым можно влиять на формирование общественного мнения.

Ключевые слова: периодическая печать, тема туризма, сфера туризма, правительственные мероприятия, представления туристических местностей, пропаганда, материал газеты, мнения читателя.

ROLE OF THE PERIODIC PRINTING IN THE ADVANCE OF GOVERNMENTAL EVENTS FOR THE DEVELOPMENT OF TOURISM

This article discusses and analyzes issues related to measures taken by the Government of the Republic of Tajikistan for the development of tourism, and the role of periodicals in their promotion and coverage. The authors consider it important that the state maintains the tourism sector in Tajikistan and considers it to contribute to a positive image of the state. One of the main tasks of journalists is the regular coverage and promotion in the media of all events related to the development of the tourism industry, historical and entertainment facilities, tourist attractions and other events. Because one of the main components of attracting tourists to the country is propaganda, and it is impossible to imagine the development of tourism without advocacy, and in this work the role of periodicals is significant. A specific analysis and review of the publications of the official newspapers of the Republic of Tajikistan such as “Jumkhuriyat” and “Javononi Tojikiston” proves that the role of periodicals in reflecting and promoting government measures to promote tourism is very important. To the extent possible, periodicals publish on their pages all the actions of the government to promote the tourism sector, taking into account the factors of tourism development, and thereby helping to attract foreign and domestic tourists and improve the hospitality of the country's population. It should be noted that materials on tourism in the newspapers studied represent and reflect the image of Tajikistan and its tourism brands, thanks to which it is possible to influence the formation of public opinion.

Key words: periodicals, the theme of tourism, tourism, government events, representations of tourist areas, propaganda, newspaper material, reader opinions.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Муродов Мурод Бердиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуот. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 93-425-15-32**
Абдуллоева Машҳура Нематовна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи матбуот. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. E-mail: abdulloieva71@mail.ru.
Тел.: **(+992) 93-808-09-95**

Сведения об авторах: ***Муродов Мурод Бердиевич*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры периодической печати. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 93-425-15-32**
Абдуллоева Машхура Нематовна – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры периодической печати. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **abdulloieva71@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-808-09-95**

Information about the authors: ***Murodov Murod Berdievich*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department the press. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Tel.: **(+992) 93-425-15-32**
Abdulloeva Mashhura Nematovna – Tajik National University, applicant for the faculty of the press department of journalism faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **abdulloieva71@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-808-09-95**

УДК: 070 (575.3)

МАТБУОТИ МАҲАЛЛӢ ВА РАҚОБАТ ДАР ШАРОИТИ НАВ

Қутбиддинов А.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар як нигоҳи маҷмӯӣ чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки мавқеъ ва домани густурдаи классикии матбуот торафт коста мегардад. Ҳарчанд баъзе падидаҳо маълум бошанд ҳам, аммо ин ҳукм қатъӣ нест ва матбуот дар умри зиёда аз чорсадсолаи худ чандин монеаҳову мушкилоту буҳронҳоро паси сар кардааст. Дар таърихи матбуоти ҷаҳонӣ шадидтарин сензураҳо алайҳи матбуот вуҷуд дошт ва ин сензураву маҳдудияту фишорҳо ҳеҷ гоҳе матбуотро аз байн бурда натавонистааст ва нахоҳанд бурд. Аммо омилҳои марбут ба рақобат ҳамеша таҳдид ба ҳастиву бақои матбуот доранд. Чанд садсола фазову майдонҳои иттилоотӣ дар ихтиёри матбуот қарор дошт. Дар ин замина инҳисороти матбуотро низ муҳаққиқон мункир нестанд ва чунончи пайдоиши радиоро аввалин таҳдид ба маҳдудияти фаъолияти матбуот донистаанд: «Монополияи газетаро аввалин бор ихтирои Маркони ва Попов (ихтирои радио) халалдор намудааст» [1, с.14]. Радио дар тӯли мавҷудияташ аудиторияи хосро соҳиб гардид, аммо натавонист, ки вазифаҳову имконоти матбуотро барҳам занад. Имконоти матбуот (ҷиҳати такрор ба такрор хондану дидани он, аксу суратҳо, аз даст ба даст гаштани он ва ғ.) таъсири худро аз даст надод. Баъдтар телевизион дар майдони рақобатҳо фаъол гардид ва ин шакли нави воситаи ахбор дар қиёс бо радио шумораи аудиторияи матбуотро ба маротиб камтар намуд. Ҳатто буҳронҳои алоҳидаеро барои матбуоти фаъоли кишварҳои ғарбӣ дар солҳои шастуми асри гузашта ба вуҷуд оварда буд. Ин василаи нави ахбору иттилоъ низ ба мавҷудияту бақои матбуот чандон таъсири густурдаву амиқ нагузошт ва матбуот қариб ҳашт даҳсола дар радифи телевизион фаъолият карда тавонист. Акнун шурӯъ аз оғози солҳои навадуми асри гузашта василаи нави иртиботиву ахборӣ бо номи Интернет ба миён омад. Хуб ё бад аст, ки ин восита дар қиёс бо радиову телевизион теъдоди аудиторияи худро ба маротиб бештар кард. Дар ин раванд ҳатто телевизиону радио низ ба мушкилоти аз даст додани аудитория мувоҷеҳ мебошанд. Журналистикаи чандрасонаӣ имрӯз василаи ягонаи мавҷудияти радиову телевизион гардидааст. Зеро интернет воситаест, ки имкони ҳар кадом шакли дигари воситаҳои ахборро соҳиб гардидааст. Муҳаққиқ С. А. Михайлов бо назардошти ин паҳлуҳо бо як навъ оҳанги ҳушдору изтироб ҳолати хатарнокеро бозгӯ кардан мехоҳад: «Асри 21 асри мифологияи электронӣ мешавад ва нафасҳои онро эҳсос карда истодаем» [4, с.125]. То кадом ҳад ин афсонаҳо амалӣ мегарданд, вақт нишон медиҳад. Дуруст аст, ки эҳсоси нафасҳои ин таҳаввулот, аллакай, барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ошкору маълум аст. Аксаран мо ба умеди аудиторияи куҳансол худро таскин мебахшем ва аз аудиторияи насли ҷавон сарфи назар менамоем. Ба ҳар сурат раванди пуртаҳаввули ҷаҳонишавӣ дар ҷараёни мавҷҳои худ паҳлуҳои мусбат низ дорад: «Тамоюли дигар имрӯз «сабзидан»-и матбуоти алоҳида аст, ки дар ин радиф матбуоти маҳаллӣ истисно намебошад» [1, с.74]. Ё дар мавриди дигар табиати устувори муҳити хабарии маҳалҳо зикр карда мешавад: «…вобаста ба ҷустуҷӯи ахбор дар бораи ҳаёти маҳаллӣ хеле зуд шумораи рӯзномаҳои шаҳрӣ афзудааст» [1, с.70].

Дар ҳамаи ин ҷараёнҳо матбуоти маҳаллӣ истодагарӣ дорад. Равандҳои нави сиёсиву иҷтимоӣ хоҳу нохоҳ дар ташаккулу таҳаввули ин навъи матбуот нақши чашмрас доранд, ки масалан, онро дар доираи як навъ қиёси матбуоти замони шӯравию Тоҷикистони мустақил дида метавонем. Маҳз дар ин гуна шароити нав матбуоти маҳаллӣ манфиат ва таваҷҷуҳи хонандаро дар мадди аввал қарор медиҳад. Маълум аст, ки равандҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба шакливазнамоии сиёсати редаксионии матбуоти хурд – рӯзномаҳои ноҳияҳо ва шаҳрҳои хурд таъсири худро гузоштанд. Барои нигоҳ доштани хонанда ва аз даст надодани он матуботи маҳаллӣ худро ба шароити нав мутобиқ мекунад. Бо вуҷуди дигар гаштани сохтор, феълан матбуоти маҳаллӣ саҳнаи собиқи худро, ки омили паҳншавии он буд, аз даст додан намехоҳад. Ин саҳна ҳамон рӯҳияи бозтоби авзои

маҳал мебошад, ки, дар ҳақиқат, дигаргун кардани он то ҳадде тасаввурнашаванда мебошад. Омилҳову қонуниятҳои рақобат феълан дар инкишофу таҳаввули ин навъи матбуот таъсири амиқи худро доранд. Дар як навъ шинохти қиёсӣ чунин хулосае ҳосил шуда метавонад, ки матбуоти маҳаллӣ аз нимаи солҳои навадуми асри гузашта то кунун дар давраи гузариш ва табдили хосият қарор гирифтааст. Бо назардошти ин ҳолатҳо имрӯз матбуоти маҳаллӣ дар се ҷабҳа – муносибат ба аудитория, муносибат бо ҳокимият ва муносибат бо муроқибон дар майдони тиҷорати ахбор устувор будан мехоҳад. Раванди доираҳои рақобат ба чунин ҳолате оварда истодааст, ки якҷояшавии якчанд газета суръат пайдо менамояд. Дар заминаи ин иттиҳод чунин шиору фаҳмише ба миён омада истодааст, ки он марбут ба фазои иттилоотии Ғарб мебошад, ки чун як ҷараёни таҳмилӣ ба фазову муҳити мо ворид шудааст: «Доштани газетаҳои камтари хуб, аз молик будан ба номгӯи матбуоти бад беҳтар аст» [12, с.21].

Истилоҳи «газетаҳои камтар» робитаи бештар ба фазои иттилоотии маҳал дорад. Сифату иқтидори онро доираи талаботи аудиторияи маҳал муайян карда метавонад. Аз ҷониби дигар, мавҷуд набудани рӯзномаҳои зиёд дар маҳалҳо ин ҳолати иҷбории онҳост, ки бо ҷой надоштани шароити мусоид доиман дар як сатҳи инкишоф қарор доранд. Ақидае низ вуҷуд дорад, ки матбуоти ба қавле марказӣ низ бовариву эътимоди худро нисбат ба хонанда торафт аз даст медиҳад, ки дар рақобатҳои алоҳида ғолиб будани матбуоти маҳаллиро нишон медиҳад. Ин равандро дар тамоми ҷаҳон, ҳатто дар кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ низ дидан мумкин аст. Муҳаққиқ С.М. Гуреевич нисбати ин тамоюл чунин андешаро ба миён мегузорад: «Падидае ба назар мерасад, ки дар Русия теъдоди рӯзномаҳои ба истилоҳ байналмилалӣ рӯ ба коҳиш овардаанд. Тиражи онҳо кам шуда истодааст ва дар муқобили мушкилоти молиявӣ истодагарӣ карда наметавонанд. Онҳо дар рақобат бо матбуоти маҳаллӣ нотавон будани худро нишон медиҳанд. Аз ҷониби дигар, тиражи матбуоти минтақавию шаҳрӣ рӯ ба афзоиш аст. Сокинони минтақаҳои дури Русия харидану хондани рӯзномаҳои маҳаллии худро афзал мешуморанд. Онҳо майли бештар ба ахборе доранд, ки зиндагии маҳалли онҳоро фаро гирад» [1, с.73]. Албатта, дар муҳиту фазои иттилотии Русия мафҳуми «матбуоти байналмилалӣ» ба дигар манзур истифода мешавад. Даҳҳо халқияти дар ин кишвар сукунатдошта ниёз ба матбуоте доранд, ки мо онро бо мазмуни байналмилалӣ мепазирем. Бо ин ҷиҳат матбуоти маҳаллӣ бо истифода аз фурсат мехоҳад, ки холигаҳҳоро пур намояд. Қонунияти бозори иттилоотӣ муносибати аудиторияро нисбат ба ҳамагуна расона тағйир дод ва маълум аст, ки аз муносибати хонандагон ба рӯзнома тақдири он низ ҳал мешавад. Ҳар як нашрия чи амалеро ихтиёр накунад ва чи сиёсатеро пеш набарад, барояш ҳадафу мароми асосӣ нигоҳ доштани тиражу зиёд кардани он ба шумор меравад, ки ахиран ин ҳолат мавҷудияту фаъолияти матбуоти маҳаллиро душвор менамояд. Ин ҳолат бештар марбут ба рақобатҳоест, ки чандин даҳсолаҳо боз шиддат пайдо карда истодааст. Дар солҳои шастуму ҳафтодуми асри гузашта, рақобати шадид дар миёни худи матбуот вуҷуд дошт, ки ин равандро бештар хосси ҷамъияти ба истилоҳ сармоядорӣ медонистанд. Ба таври мисол чунин раванд бо номи «… мутамарказшавии соҳибият ва ВАО» [6, с.28] дар Аврупо боис гардид, ки теъдоди рӯзномаҳои ҳаррӯза кам шаванд ва бештари онҳо сарфи назар аз хусусияти таъйинотии худ дучори мушкили шадиди молиявӣ гарданд. Дар баробари ин, васоити электронии ахбор низ фишори худро бештар мегардонид. Табиист, ки дар ин ҳолат рақобатҳо барои пойдор мондан пурзӯр мешаванд. Акнун ин раванд хосси ҷомеаҳои пасошӯравӣ гаштааст ва натанҳо матбуоти маҳаллӣ, балки нашрияҳои марказиву миллӣ низ дар чунин як ҳолати душвор қарор гирифтаанд. Алалхусус, рӯзномаву маҷаллаҳо бо мушкилоти зиёд мехоҳанд, ки аудиторияи классикии худро аз даст надиҳанд. Имрӯз барои матбуоти маҳаллӣ низ чунин рисолат ва ҳадаф чун дигар навъи матбуот истисно нест: «Ҷамъияти минтақаву маҳал (журналистони маҳаллӣ) онро барои худ асос сохтаанд, ки ҳамкории доимии худро бо аудитория кам накунанд, ба он манфиатдоранд, ки газетаҳои онҳоро намояндагони наслҳои гуногун мутолиа намоянд, анъанаи обуна шудан ба матбуоти маҳаллӣ аз насл ба насл идома ёбад» [8, с.9]. Имрӯз ногузир аст, ки аз бозорҳои иттилоотии хурд ёдовар шавем, ки он ҳатто дар минтақаҳо ба таври худ шакл пайдо

кардан мехоҳад. Дар як қаламрав, вилоят ва минтақаву водии муайян ин ҳолат рақобати маълумеро низ ба вуҷуд оварда истодааст. Дар чунин шароит баъзан омилҳои манфии дурнамои матбуоти маҳаллиро ишора менамоянд, ки дар рақобат тобовар нестанд. Хусусият, таъйинот, сифат ва дигар омилҳои мавҷудияти матбуоти маҳаллиро омӯхта, муҳаққиқон ба чунин хулоса омадаанд, ки матбуоти маҳаллӣ умри бардавом надорад: «Ягон рӯзномаи марказӣ аз сатҳи баланди нигоҳи худ ба олами атроф «поин фаромадан намехоҳад. Ин ҷиҳат умри тӯлонии онро таъмин менамояд» [9, с.62]. Таъкиди боло марбут ба масъалаи доманаи васеъ пайдо кардани матбуоти марказӣ нигаронида шудааст. Ҷиҳати дигар он аст, ки минтақаҳои саноатии пешрафта то ҳадде имкон доранд, ки дар муқобили ин гуна матбуоти «худписанд» истодагарӣ намоянд. Вобаста ба шароит ва муҳити мусбати иқтисодӣ пешравию таҳаввули матбуоти баъзе минтақаҳо дар ҳама мамолик чашмрас мебошад. Зеро аз таърихи пайдоиши матбуот маълум аст, ки иқтисод, тиҷорат ва сармоя ба таври ҳамеша муҷиби пайдоиш ва ташаккули ҳама гуна шаклҳои васоити абори омма аз ҷумла, матбуот мебошад. Дар ин радиф матбуоти маҳаллӣ низ қарор мегирад. Ҳамин ҷиҳат аст, ки матбуоти маҳаллӣ низ чун як шаклу ҷузъи бузурги матбуот дар сабқатҳо ақибмонда будан намехоҳад. Рӯзномаи маҳаллӣ соҳиби «фазои маҳаллии воқеият нест, аммо сатҳи маҳаллии инкишофи равандҳо вуҷуд доранд…» [11, с.110], ки дар асоси он фаъолияти матбуоти маҳаллӣ самт ва шакл пайдо менамояд. Дар майдону бозигоҳи рақобат навъҳои мухталифи матбуот аз хурдтарин имконот истифода бурдан мехоҳанд. Масалан, ҷойи инкор нест, ки яке аз омилҳои бақои ҳар як навъи васоити ахбори омма истифодаи реклама дар қолабҳои мухталиф аст. Шояд дар муҳити ахбории мо ин тамоюл чандон амиқ ба назар нарасад, вале дар муҳити русӣ онро як роҳи зинда мондани (способ выживания) ҳамон навъи матбуот меҳисобанд.

Агар имрӯз дар ҷумҳурии мо аз шумори каму доираи маҳдуди аудиторияи матбуоти маҳаллӣ андеша равад, аммо дар баъзе вилоёти Русия аз беҳисоб будани матбуоти маҳаллӣ таъкид менамоянд. Як навъ пешрафту таҳаввул доштани он низ зикр карда мешавад: «Аудиторияи шаҳрӣ бо назардошти талаботи хонанда амал карда, дар бозори иттилоотии шаҳр мавқеи худро пайдо кардан мехоҳад» [9, с.61]. Дар фазои иттилоотии Русия теъдоди нашрияҳои маҳаллӣ кам нестанд. Омили аслии зиёд будани ин навъи матбуот рақобати он ба навъҳои дигари матбуот (марказӣ, миллӣ, расмӣ, соҳавӣ, корпоративӣ ва ғ.) мебошад. Дар ин рақобат омилҳои зиёд амсоли маҳорати касбӣ, доираи таъсири хабар, шаклҳои пешниҳоди мавод, ба назар гирифтани доираи табъу завқи аудитория, усулҳои баррасии масъала, сабку услуби хосса бо назардошти «иқлими иттилоотӣ» [3, с.50] ва амсоли он нақши умда доранд. Мубориза барои вақти холии аудитория беш аз пеш суръат мегирад ва хоҳад гирифт. Ҳамин аст, ки дар ин ҷараён нақши амиқтарро матбуоти маҳаллии хусусӣ ичро карда метавонад. Албатта, дар ин маврид фазои сиёсии маҳал низ мусоидат карда метавонад, ки ба таври ҳамеша қолаби сиёсии василаи ахбор нигоҳ дошта мешавад. Вақте фазои мусоиди иқтисодии маҳал ба таври бояду шояд вуҷуд надорад, ягона, ё якчанд нашрияҳои маҳаллӣ маҷбур мешаванд, ки дар баробари таблиғу ташвиқи анъанавӣ аз як навъ рекламаҳои пӯшида (пиарсозӣ) истифода баранд. Ин ҷиҳатро то ҳадде тамаллуқ низ баҳогузорӣ кардан мумкин аст, аммо аз ҷониби дигар, онро ба сифати қонунияти бозори иқтисодӣ ҳам пазируфтан ҷоиз мебошад. Ин ҷо дар назар дошта мешавад, маводи фармоишии дар офаридани чеҳра ва бозгӯи мусбати масъалаи муайян мусоидаткунанда. ВАО-и маҳаллӣ баъд аз солҳои навадуми асри гузашта зинаи гузариш ва як навъ зинда монданро паси сар карда истода бошад ҳам, вале имрӯз тавонистааст, баъзе монеаҳоро паси сар намояд. Аз ҷумла, бо нишондоди фармоишиву супоришӣ амал кардани он як падидаи ошкор аст. Бо ин гуна хосият радиоҳо ва телевизионҳои маҳаллӣ ва оҷонсиҳои хабарии хусусӣ имрӯз дар минтақаҳо дар сохтани фазои иттилоотии хос нақш бозида истодаанд. Ҳарчанд ин фазоро шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ зери таъсир қарор додаанд, вале қисмати муайяни аҳолӣ то ҳанӯз ба ВАО-и маҳаллӣ бовариву эътимод доранд.

Дар ҷараёни ин ҳама таҳаввулот, ки иртиботи бештар ба қонуниятҳо рақобат доранд, имрӯз рӯзномаи маҳаллӣ чеҳраи навро пайдо кардан мехоҳад. Вазъ то ҳаддест, ки ин

рӯзнома дар раванди мушкилоти иқтисодии ҷомеа бо ҳама нотавонмандиҳо осебпазир гаштааст. Чунин мушоҳида мешавад, ки дар аксар ноҳияҳо барои пурра аз байн нарафтани он талош доранд: «… имрӯз ҳолати матбуоти маҳаллӣ андешаи будан ё набуданро ба миён мегузорад» [5, с.44]. Ақидаи боло баёни он воқеиятест, ки баъзе нашрияҳои шаҳру ноҳияҳо дар як ё чанд моҳ як шумора ба табъ мерасанд. Вобаста ба имконоти техникии пешрафта имрӯз кори онро ҳатто як нафар пеш бурда истодааст. Буҷаҳои маҳаллӣ иқтидор надоранду пур намешаванд. Дотатсияи давлатӣ имрӯз онро на пурра мурда боқӣ мегузорад ва на пурра онро зинда менамояд. Ин ҳолатро танҳо ба вақҳи ба вуҷуд наомадани холигаҳи иттилоотӣ махсус ба вуҷуд овардаанду нигоҳ медоранд. Агар дар саҳифаҳои матбуоти марказӣ робита бо сармоя тамоюли инкишоф дониста шавад, имрӯз дар матбуоти маҳаллӣ робита бо сармоя (истифодаи эълону реклама) як падидаи нодир аст.

Ислоҳоти матбуоти маҳаллӣ вақтро мехоҳад ва ҳолати онро якбора дигар кардан ниҳоят душвор аст. Масалан, агар тираж якбора зиёд карда шавад ҳам, маънои онро надорад, ки рӯзнома аз буҳрон раҳо ёфтааст. Дар ин самт бояд аз масъалаи «бетарафӣ ва бетаваҷҷуҳии хонандагон нисбати матбуоти маҳаллӣ» [5, с.43] низ ёдрас гардид. Яъне, таваҷҷуҳ ва талабот ба таври ҳамеша дар баланд гаштани сифату миқдор таъсир дорад. Дар ин самт имрӯз муҳтаво, махсусан, маводу маҳсули ахбории таваҷҷуҳсоз нақши аслиро иҷро карда метавонад. Синну соли калони муҳаррирон нуқси аслӣ нест, зеро онҳо донишҳову таҷрибаҳои муайянро соҳибанд. Аммо онҳо чун тарбиядидагони сохту идеологияи шӯравӣ наметавонанд, ки худро ба ҷараёни нави иттилоотӣ мутобиқ намоянд. Набудани кадрҳои ҷавони ихтисосманд ва ҳамзамон корчаллон рӯзномаи маҳаллиро дар бозмондагӣ қарор додааст. Бо чор, ё ҳашт саҳифаи қоғази пастсифати аз даврони шӯравӣ боқимонда наметавон, ки онро дар рақобатҳо тобовар гардонид. Ба ин мазмун дар рақобатҳо фаъол будан, ё набудани матбуоти маҳаллӣ ба чунин масъалаҳо робита дошта метавонад:

1. Мавҷудияти ҳамагуна василаи ахбор дар шароити кунунӣ робитаи амиқ ба соҳибият, ба сармояи мустақил дорад, ки ағлаб онро матбуоти маҳаллӣ молик нест;

2. Ҷараёни ҷаҳонишавӣ чунин шароитеро ба миён овардааст, ки фазову муҳити иттилоотии маҳалҳо ташаккул ёфта истодаанд, ки ин як навъ имкон дар бақои матбуоти маҳаллӣ буда метавонад;

3. Баланд гаштани касбият ва маҳорати эҷодӣ дар роҳи дарки табъу завқи аудитория ҷузъи комили раҳо ёфтан аз надоштани хонанда ба ҳисоб меравад, ки феълан онро матбуоти маҳаллӣ молик нест;

4. Таъминоти молиявӣ ва техникӣ аз ҷониби муаассисоне, ки қонуниятҳои бозори иттилоотиро дарк менамоянд, шарти асосии дар рақобат тобовар будани матбуоти маҳаллӣ ба ҳисоб меравад;

5. Қонунияти ҳамчун як воситаи истеҳсолоти сармоядорӣ будани васоити ахбори омма дар самтҳои алоҳида нишон медиҳад, ки ҳанӯз дар фазову муҳити иттилоотии мо ин ҷараён суръат надорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Гуревич, С.М. Газета: Вчера, сегодня, завтра: Учебное пособие для вузов / С.М. Гуревич. – М.: Аспект Пресс, 2004. – 228 с.
2. Ворошилов В.В. Журналистика. Базовый курс: Учебник / В.В. Ворошилов. – СПб.: Изд-во Михайлова В.А. 2004. – 700 с.
3. Журналистикаи байналхалқӣ-9: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 2009. – 180 с.
4. Михайлов С.А. Современнаяи зарубежная журналистика: Учебник / С.А.Михайлов. – СПб.: Изд-во Михайлова В.А., 2005. – 320 с.
5. Муродов М.Б. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М.Б. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 224 с.
6. Нуралиев, А. Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ / А.Нуралиев. – Душанбе, 2001. – 224 с.
7. Полетаев Э. Рӯзноманигории байналхалқӣ: роҳнамо барои муаллифон аз Осиёи Марказӣ / Э.Полетаев. – Душанбе, 2005. – 280 с.
8. Кислая Л.Н. Редакционная политика районной прессы: на примере газет Новосибирской области: автореф. дис… канд. филол.наук / Л.Н.Кислая – Екатеринбург, 2008.

9. Аникина М.Е. Типология периодической печати. (Под редакцией доктора филогических наук, профессора М.В.Шкондина, кандидата филогических наук, доцента Л.Л.Реснянской): Учеб. пособие./. М.Е.Аникина, В.В. Баранов и др. - М.: АСПЕКТ ПРЕСС, 2009. – 236 с.
10. Усмонов И.К. Назарияи публитсистика / И.К. Усмонов. – Душанбе, 1999. – 99 с.
11. Фомичева, И.Д. Журналистика и аудитория: теоритические проблемы и опыт изучения городские СМИ и пропаганды / И.Д.Фомичева. – М.: Изд-во Московского университета, 1976. – 158 с.
12. Херман Майн. Средства массовой информации в Федеративной Республики Германии (перевод М. Бальё, Т. Манеевич) / Майн Херман. – М.: 1996. – 158 с.

МАТБУОТИ МАҲАЛЛӢ ВА РАҚОБАТ ДАР ШАРОИТИ НАВ

Дар ин мақола дар бораи дар рақобатҳо тобовару фаъолу нофаъол будани матбуоти маҳаллӣ сухан меравад. Матбуот дар умри зиёда аз чорсадсолаи худ чандин монеаҳову мушкилоту буҳронҳоро паси сар кардааст ва менамояд. Омилҳои марбут ба рақобат ҳамеша таҳдид ба ҳастиву бақои матбуот доранд. Радиову телевизион дар тӯли мавҷудияташон натавонистанд, ки вазифаҳову имконоти матбуотро барҳам зананд. Дар ҳамаи ин ҷараёнҳо матбуоти маҳаллӣ истодагарӣ дорад. Равандҳои нави сиёсиву иҷтимоӣ хоҳу нохоҳ дар ташаккулу таҳаввули ин навъи матбуот нақши чашмрас доранд ва равандҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба шакливазнамоии сиёсати редаксионии матбуоти хурд – рӯзномаҳои ноҳияҳо ва шаҳрҳои хурд таъсири худро гузоштанд. Барои нигоҳ доштани хонанда ва аз даст надодани он матуботи маҳаллӣ худро ба шароити нав мутобиқ мекунад. Бо вуҷуди дигар гаштани сохтор саҳнаву минбари худро аз даст додан намехоҳад. Ин саҳна ҳамон рӯҳияи бозтоби авзои маҳал мебошад, ки дигаргун кардани он то ҳадде тасаввурнашаванда мебошад. Дар як навъ шинохти қиёсӣ чунин хулосае ҳосил шуда метавонад, ки матбуоти маҳаллӣ аз нимаи солҳои навадуми асри гузашта то кунун дар давраи гузариш ва табдили хосият қарор гирифтааст. Бо назардошти ин ҳолатҳо имрӯз матбуоти маҳаллӣ дар се ҷабҳа – муносибат ба аудитория, муносибат бо ҳокимият ва муносибат бо муроқибон дар майдони тиҷорати ахбор устувор будан мехоҳад. Дар ҷараёни ин ҳама таҳаввулот, ки иртиботи бештар ба қонуниятҳо рақобат доранд, бо назардошти осебпазириҳо имрӯз рӯзномаи маҳаллӣ чеҳраи навро пайдо кардан мехоҳад. Ба ин мазмун дар рақобатҳо фаъол будан, ё набудани матбуоти маҳаллӣ ба масъалаҳои доштани сармояи мустақил, ташаккули фазову муҳити иттилоотии маҳалҳо, баланд гаштани касбият ва маҳорати эҷодӣ, дарки табъу завқи аудитория, таъминоти молиявӣ ва техникӣ аз ҷониби муаассисон, дарки қонунияти ҳамчун як воситаи истеҳсолоти сармоядорӣ будани васоити ахбор робитаи амиқ дорад.

Калидвожаҳо: рақобат, устувор, фаъолият, маҳаллӣ, матбуот, тиҷорат, иртибот, аудитория, фарҳанг, реклама, забон, муносибат, раванд, сармоя, муҳит.

МЕСТНАЯ ПРЕССА И НОВАЯ КОНКУРЕНЦИЯ В НОВЫХ УСЛОВИЯХ

В статье анализируется состояние местной прессы в условиях развития новых технологий, глобализации в экономической и политической сферах, пассивная или активная позиция местной периодической печати в освещении проблем социальной жизни. Отмечается, что местная пресса в своей истории неоднократно сталкивалась с подобными проблемами. Однако, как активный субъект политики на областном уровне, она всегда занимала особое место, что отмечается и сегодня. Появление новых технологий, новой конкуренции является угрожающим фактором для существования местной прессы. Однако, по мнению автора данной статьи, каждый вид СМИ выполняет свою функцию, в том числе и местная пресса. Радио и телевидение в истории своего существования не смогли выполнить те функции, которые выполняет местная периодическая печать и не смогли занять ее место. Местная пресса по сей день не теряет свой статус, хотя новые политические и социальные процессы, так или иначе, оказывают влияние на ее развитие. Политические факторы, особенно в последние годы, во многом определяют редакционную политику, как в областях, так и в небольших городах. Данное явление автор объясняет как адаптацию местной прессы к новой политической и экономической жизни. Местная пресса, несмотря на новое политическое и экономическое влияние, не меняет свою позицию по отношению к местному населению, поскольку является “трибуной народа”, изменение этого положения практически невозможно. Однако сравнительный анализ показывает, что начиная с 90-х годов прошлого века, местная пресса изменилась и сегодня находится на переходном этапе своего развития. В связи с этим, сегодня местная пресса стремится к тому, чтобы сохранить свой статус на трех уровнях: по отношению к своей аудитории, по отношению к власти, а также сохранить достойное место при конкуренции в рыночной экономике. Это проявляется в том, что местная пресса не только объективно отражает происходящие события, но и, с целью сохранения статуса, опирается на новые лица на своих страницах. Пассивная или активная роль местной прессы в конкуренции во многом зависит от ее финансового положения, развития информационного поля в области, в которой она функционирует, развитие навыков и профессиональности журналистов, обеспечение аудитории нужной информацией, соблюдение действующих законодательств в области СМИ.

Ключевые слова: конкуренция, укрепление, деятельность, местная, пресса, торговля, отношения, аудитория, культура, реклама, язык, взаимоотношения, процесс, имущество, пространство.

THE LOCAL PRESS: COMPETITION IN A NEW ATMOSPHERE

This article will contain discusses about the competitions, endurances, activeness and inactiveness of local press. The press during its above four hundred years of life has passed many barriers and will pass them further. The factors of race always threaten the entity and eternity of press. The broadcast and television during once existence could not stop the functions and opportunities of press. In all these process the local press resists. New political and social processes undoubtedly have significant role upon the progress of such press. Given process can influence the editorial policy of small press-cities and districts newspapers. For not losing once audience and keeping them the local press corresponds to the new conditions. In spite of changing the structure the local press does not want to lose its tribune. In a comparative cognition it can be concluded that from the half of 90s of last century up today the local press is in the transition period and it is changing its features. Whereas of these situations today the local press aims to be stable in three directions: relative to audience, regarding authority and relative to competitors. In the process of all these formations, in spite of detriments, today the local press goals to gain new look. In this respect the activeness of the local press has deep relations with the issues of independent capital availability, formation of space and informational atmosphere of the region, the rise of proficiency and creativity, understanding the interests and desire of the audience, the technical and financial equipment by the founders, realizing the law, that the mass media is the means of capitalism productions.

Key words: competition, stable, activity, local, press, trade, relationship, audience, culture, advertisement, language, regard, process, capital, atmosphere.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. E-mail. ADAB-75@mail.ru

Сведения об авторе: ***Кутбиддинов Абдулмумин Хошимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail. ADAB-75@mail.ru

Information about the author: ***Qutbiddinov Abdulmumin Hoshimovich*** - Tajik national University, Cand.Phil.Sci., the associate professor of the International Journalism department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail. ADAB-75@mail.ru

УДК: 007:370 (575.3)

ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР МАТБУОТИ СОҲАВӢ
(дар мисоли нашрияи «Барои маорифи коммунистӣ» солҳои 1932- 1938 (ҳоло «Омӯзгор»)

Ноилшоҳ Нурализода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар масъалаи саводнокӣ ва соҳибмаърифат кардани аҳолии кишвар нақши матбуоти соҳавӣ бузург аст. Ба таъбири доктори илми филологӣ, профессор Мурод Муродов, «дар низоми матбуоти даврии тоҷик нашрияҳои соҳавӣ на танҳо мавқеи муҳим, балки таърихи тӯлонӣ доранд. Дар саргаҳи ин типи матбуот нашрияҳои соҳаи маориф қарор доранд» [8, с.78]. Дарвоқеъ, нашрияҳои соҳавӣ, хусусан соҳаи маориф, аз оғози фаъолият ба масъалаи таълиму тарбия ва баланд бардоштани маърифати тамоми қишрҳои ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, доир ба мушкилоту пешравиҳо дар ин самт навиштаҷоти ҷолибу хонандаиро пешкаши хонандагон менамоянд.

Нахустин шумораи рӯзномаи соҳаи маориф «Барои маорифи коммунистӣ» (ҳоло ҳафтаномаи «Омӯзгор») 20 июли соли 1932 аз чоп баромад. Муҳаррири масъули он адабиётшинос Баҳром Сирус таъйин гардид, ки пеш аз ин дар маҷаллаҳои «Раҳбари дониш» ва «Инқилоби маданӣ» фаъолият намуда буд ва дар ин самт таҷрибаи ғанӣ дошт ва то охири ҳамон сол 11 шумораи он ба нашр расид. Мутаассифона, шумораҳои соли аввали онро мо аз ягон китобхонаҳои шаҳри Душанбе пайдо карда натавонистем ва бастаи соли 1933 ҳам нопурра аст.

Соли 1933 шумораи аввалини «Барои маорифи коммунистӣ» (аз 4 - уми январ, дар формати А-2), дар чор саҳифа бо имзои муовини муҳаррири масъул Содиқӣ чоп шудааст, ки дар он рақами умумии 12 дарҷ шудааст ва аз ин маълум мегардад, ки соли 1932 11

шумораи он чоп гардидааст. Дар қисмати болои рӯзнома шиори машҳури давраи Шӯравӣ «Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо як шавед», ки дар ҳамаи нашрияҳои матбуоти ҳамон давр маъмул буд, ҷой дода шудааст. Аз муҳтавои шумораҳои соли дуюм метавон мавзӯю муҳтавои шумораҳои соли аввалро мушаххас кард. Маълум мегардад, ки дар солҳои аввал вазифаву мақсади ҳамаи нашрияҳо ба масъалаи маҳви бесаводӣ иртибот дошта, яке аз ҳадафҳои таъсиси рӯзномаи соҳавӣ ҷалби наврасону ҷавонон ба мактаб ва соҳибмаълумоту бомаърифат намудани тамоми қишри ҷомеа маҳсуб меёфт. Масъалаи маҳви бесаводӣ дар солҳои бистуму сиюм ва ҳатто чилуму панҷоҳум на танҳо аз мавзӯъҳои меҳварии рӯзномаву маҷаллаҳои соҳаи маориф, балки ҳамаи намуди матбуоти даврӣ ба ҳисоб мерафт. Ба таъкиди доктори илмҳои филологӣ, профессор Аъзамҷон Азимов, «Рӯзномаҳоро ҳамчун китоб, дастурамал ва васоити маҳви бесаводӣ истифода мебурданд» [1, с.6].

Аз соли 1933 то нимаи аввали соли 1935 вобаста ба масъалаи маҳви бесаводӣ дар ҳар шумораи «Барои маорифи коммунистӣ» навиштаҷоти зиёде рӯий чоп омадааст. Сипас, аз нимаи дуюми соли 1935 инъикоси масъалаи мазкур то андозае рӯ ба коҳиш овардааст. Бо вуҷуди ин, то охири солҳои сиюм ин мавзӯъ мунтазам пайгирӣ гардида, матолиби ҷолибу хонданӣ ва омӯзанда ба чоп расидааст. Аз соли 1936 ҳар моҳ як маротиба ҷадвали сатҳи маълумотнокии аҳолӣ пешкаши хонандагон мегардад.

Масалан, дар мақолаи «Сохтмони мадании Тоҷикистон дар панҷсолаи якум» (шумораи №1, аз 4 январи соли 1933) дар баробари дастовардҳои таълиму тарбия ба масъалаи маҳви бесаводӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Бояд қайд кард, ки факту далел ва рақамҳое, ки дар мақолаҳои он солҳо оварда шудааст, комилу боварибахш намебошанд, зеро факту рақамҳо баъзан аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд, ки ин хонандаро ба шубҳа меорад. Ба андешаи инҷониб, аз як тараф набудани омори дақиқ бошад, аз ҷониби дигар, адами техникаву технологияи замонавӣ хатои фаннӣ буда метавонад.

Дар мақолаи фавқуззикр омадааст, ки солҳои 1924 - 25 дар Тоҷикистон ҳамагӣ 41 муаллим буд, дар соли якуми панҷсолаи якум (1928 - 29) шумораи муаллимон ба 393 ва ҳоло (1933) ба 4 ҳазор нафар расидааст. Дар масъалаи маҳви бесаводӣ зикр шудааст, ки: «4 соли гузашта бесаводии 250236 нафарро нест кардем» [2]. Аксари далелу рақамҳо ба хотири гузориш пешниҳод шудааст, ки таҳлили амиқи он нишон додааст, ки дар охири солҳои сиюм худи ҳизб ва давлат ҳам иқрор мешаванд, онҳое, ки аз сафи бесаводон ба чаласаводон ва баъд ба босаводон гузаштаанд, воқеан, босавод нагардидаанд. Дар масъалаи мазкур як қатор мақолаҳои таҳлилӣ ва танқидӣ низ дар нашрия ба чоп расида, масъалаи мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, дар мақолаи танқидии «Мактаби Шоҳмансур ақиб мемонад» паҳлуҳои гуногуни масъалаи маҳви бесаводӣ баррасӣ шудааст. Таъкид мегардад, ки мактаби деҳаи Шоҳмансур дорои ду синфхона ва хонандагони хурдсол буда, мушкилоти зиёд доштааст. Мактаб бо барномаи таълимӣ, нақшаи кор, плани календарӣ таъмин набуда, омӯзгорон бо салоҳдиди худ дарс гуфта, дар як вақт курси шабонаи маҳви бесаводӣ амал мекунад. Мудири мактаб, ки масъули таълими курси маҳви бесаводӣ мебошад, вазифаашро содиқона иҷро намекунад, як ароба ҳезум ва карасини барои курс ҷудошударо ба хонааш бурдааст: «Колхозчиёне, ки ба умеди хондан, бесаводии худро дур кардан бо дилу ҷон ҷамъ мешаванд, ноумед ба хонаҳои худ бармегарданд. Шуъбаи маорифи шаҳр (Сталинобод) аз дидани ин камбудиҳо чашм пӯшидааст» [2].

Аз муҳтавои навиштаҷот бармеояд, ки яке аз хусусиятҳои матбуоти он замон истифодаи зиёди шиорҳо маҳсуб меёбад, ки ба масъалаи маҳви бесаводӣ нигаронида шудаанд. Аз ҷумла, шиори «То соли 1937 як нафар бесавод намонад» дар ҳар як шумораи рӯзномаи «Барои маорифи коммунистӣ» мушоҳида мегардад.

Аз мазмуну мундариҷаи рӯзномаи «Барои маорифи коммунистӣ» бармеояд, дар баробари масъалаи маҳви бесаводӣ дар рӯзнома ҳамчунин, ба кори усулҳои таълим, тарбия, методикаи таълим, беҳбудии сифати таҳсилот, тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода шудааст. Масъалаҳои мазкур аз маҷаллаҳои аввалини Комиссариати маориф - «Дониш ва омӯзгор», «Дониш-биниш», «Раҳбари дониш» сар

карда, то ба имрӯз дар саҳифаҳои нашрияҳои соҳавии маориф мавзӯи асосӣ ва баҳсу мунозираҳо мебошанд. Яъне, вазъи кори таълиму тарбия ва таъмини сифати он ҳамеша зери назорат ва таваҷҷуҳи кормандони нашрияҳо қарор дошт. Ба таъкиди муҳаққиқ А. Азимов, «Рӯзномаҳо дар саҳифаҳои худ усули дарсдиҳӣ, барномаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ чоп намуда, семинарҳо ва курсҳо ташкил менамуданд. Рӯзномаҳои «Барои маорифи коммунистӣ», «Васияти Ленин», «Газетаи муаллимон», маҷаллаи «Бо роҳи ленинӣ», «Инқилоби маданӣ» ва ғайраҳо дар ин самт хеле пешсаф буданд» [1, с.39].

Дар мақолаи калони методӣ бо номи «Муаллим бояд ба ҳар як дарс бо хубӣ тайёрӣ бубинад» омадааст, ки «дар асоси қарордоди ҳизб аз 25 августи соли 1932 «дар мактабҳои ибтидоӣ ва миёна шакли асосии ташкил намудани корҳои омӯзишӣ бояд иборат аз дарс додан дар як гурӯҳ бо ҷадвали муайян ва бо ҳайати муқаррарии хонандагон бошад… Ин директива протсесси педагогиро бо роҳи дуруст андохта, роли роҳбарикунандаи муаллимро махсусан қайд менамояд, инчунин, вайро дар ҳаққи сифати кори омӯзиш, дар ҳаққи малака ҳосил намудани ҳар як хонанда бевосита масъул месозад» [3]. Тавре мебинем, оид ба кори методӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба се масъала равона шудааст: 1) дарс додан дар як гурӯҳ; 2) бо ҷадвали муайян; 3) бо ҳайати муқаррарии хонандагон.

Сипас, пурсида мешавад, ки оё дар муддати сол ин ҳадаф иҷро гардид? Оё дарс, дар ҳақиқат, шакли асосии ташкили машғулияти омӯзишӣ гаштааст? Ба ақидаи омӯзгорон, ин масъала дуруст ҳаллу фасл нашудааст.

Бо мақсади иҷрои талаботи мазкур омӯзгорон ҷиддӣ вазифадор карда мешаванд: «Дарси бад тайёркардашуда, дарсе, ки аз тарафи муаллим ба хубӣ тайёр карда нашудааст, бояд ҳамчун браки педагогӣ ҳисоб карда шавад ва ин хел муаллим-браккор (бадкор) мебошад» [3]. Вазифа гузошта мешавад, ки барои беҳбудии кори омӯзиш, хусусан, дар гурӯҳҳои ҷудогона таъҷилан «методе кор карда шавад, ки мувофиқи хусусияти синнусолии хонандагон истифода карда шавад» [3].

Хулоса мешавад, ки «Мактаб бояд ба бачагон дониши системавӣ-асосҳои илмро бидиҳад» [3]. Мақолаи мазкур бо дастуру пешниҳодҳои муҳим, аз қабили зарурияти омодагии муаллим ба дарс, истифодаи асбобҳои аёнӣ, ҷавобгарии муаллим барои хуб гузаронидани дарс ҳоло ҳам аҳаммияти худро гум накардааст.

Таълиму тарбия яке аз масъалаҳои муҳимми фаъолияти на танҳо аҳли маориф, балки тамоми қишрҳои ҷомеа мебошад. Дар рӯзномаи «Барои маорифи коммунистӣ» таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст.

«Дар бораи манъ кардани ба тамошои шабона даромадани бачаҳо

Қарори маҷбурии Совети шаҳрии Сталинобод, аз 8-уми декабри соли 1936, №12, шаҳри Сталинобод.

Ба сабаби он ки аз тарафи маъмурияти тамошогоҳҳо барои ба тамошои шабона даромадани бачаҳо рухсат дода мешавад, Совети шаҳрии Сталинобод қарор мекунад:

1. Даромадани тамоми бачаҳое, ки то 16 сол нарасидаанд, ба тамошое, ки аз соати 8 бегоҳӣ сар карда мешавад (тамошоҳо дар театр, кино, клуб, цирк, эстрада ва ғайра) манъ карда шавад.

2. Ба маъмурияти ҷойҳои тамошо, ки барои даромадани бачагон ба тамошои шабона рухсат додаанд, ҷазои маъмуриятӣ монда шавад-штраф то 100 сӯм ва ё кори маҷбурӣ то 30 рӯз.

3.Назораткунӣ аз болои иҷро кардани ин қарор ба органҳои милитсия ва шуъбаи шаҳрии маорифи халқ супорида шавад.

4.Ин қарор баъд аз ду рӯз аз вақти чоп шудани ӯ ба қувва даромада ва дар миқёси шаҳри Сталинобод паҳн карда мешавад.

Раиси Совети шаҳр: Розиқов

Ҷонишини котиби масъул: Витко» [4].

Маълум мегардад, ки мушкилоти имрӯзаи ҷомеаи мо беш аз 80 сол пеш низ вуҷуд доштааст. Қарори мазкур дар бораи роҳ надодан ба сайругашти шабонаи кӯдакон дар ҷойҳои дилхушӣ, истироҳат ва ғайра ҳоло ҳам эътибори худро гум накардааст. Баъди гузашти солҳо дар замони соҳибистиқлолӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

масъулияти падару модар дар таълиму тарбия фарзанд» (соли 2011) қабул гардид, ки ин масъала ба таври возеҳ дар он инъикос ёфтааст.

Оид ба усулҳои тарбия мақолаҳое низ ҷой дода шудаанд, ки оҳанги пешниҳоду дархост, маслиҳат ва интиқодӣ доранд. Аз ҷумла, мақола таҳти рубрикаи «Аз таҷрибаи муаллим» [5] хеле ҷолиб мебошад. Дар он омадааст, ки дар мактаби рақами 1-и пойтахт Содиқов ном бача мехонд, дарсгурез, беинтизом буд ва аз дуздӣ ҳам рӯй намегардонд. Муаллими ҳамин мактаб Ҷабборӣ қисса мекунад, ки аз оғози соли равон тарбияи ӯро бо ташаббуси хеш ба зимма гирифтааст. Сабаби ин ҳолатро муаллим дар он медонад, ки тарбияи ҳақиқии педагогӣ аз тарафи муаллимони пешина ба талабот ҷавоб дода наметавонист. Ҳатто, онҳо қароре баровардаанд, ки Содиқов бо сабаби «ислоҳнашавӣ» аз мактаб бароварда шавад. Воқеан, то ба имрӯз баъзе муаллимон ва роҳбарони мактабҳо роҳи ягонаи аз хонандагони дарсгурез, бетарбия ва бадхон халос шуданро аз дур кардани онҳо аз мактаб медонанд. То ба ҳол дар шаҳри Душанбе ҳодисаҳои аз як мактаб ба мактаби дигар ронда шудани хонандагон ба назар мерасад. Дар натиҷаи саъй ва кӯшиши омӯзгор хонандаи зикршуда ба сафи пешқадамон дохил шуд. Хулоса, «ҳама гап-хуб шудан ва бад шудани талаба ба гардани муаллим ва инчунин, ба падару модар вобаста мебошад» [5].

Ҳамин муаллиф, муаллими фанни ҳисоб Ҷабборӣ дар мақолаи дигари худ «Зарбдорӣ шарафи ман аст» ба ин мавзӯъ баргашта, қайд мекунад, ки яке аз нишонаҳои зарбдорӣ ба пеш кашидани хонандагони қафомонда аст. Хонандаеро мисол меорад, ки чӣ тавр ӯро касе ба роҳи рост дароварда натавонист, тарбияи хонандаро ба зиммаи худ гирифта, ба сафи пешқадамон дароварда. Маслиҳат медиҳад, ки, пеш аз ҳама, бо бача муносибати нағз доштан лозим аст. Вақте хонанда тарбия дидааст, хонишаш ҳам хуб мешавад. Аз 32 нафар хонандани синфи ӯ 17 нафарашон аълохон будаанд. Ҳамон солҳо (1936-37) ҳаракати стахановӣ дар мамлакат авҷ гирифта буд. Аз мақола бармеояд, ки аҳли маориф низ аз ин ҳаракат дар канор намондааст. Стахановчигӣ, яъне, ба натиҷаҳои истеҳсолии баланд ноил гаштан дар байни аҳли маориф низ ҳамовозӣ пайдо карда буд. Муаллимон шумораи хонандагони аълохонашонро зиёд мекардаанд ва барои ин дастовардҳояшон бо мукофоту унвонҳо қадршиносӣ мешуданд.

Баъди соли 1940 ба масъалаи тарбия ва алоқаи мактаб бо волидон таваҷҷуҳи бештар равона шудааст. Мақолаи З. Расулӣ бо номи «Падару модар ба тарбияи бачаҳои худ ҷавобгаранд» аввалин мавод дар мавзӯи зикршуда мебошад. Дар мақола омадааст: «Дар кори таълим додан ва тарбия кардани бачаҳо чӣ қадар ҷавобгарии мактаб ва муаллим калон бошад, ҳамон қадар падару модар ҳам ба ин кор ҷавобгаранд. Барои он ки бачаҳои мо, дар ҳақиқат, нағз хонанд, дар мактаб ва берун аз мактаб интизомнок бошанд, дар ин ҷо алоқаи падару модарон бо мактаб, бо муаллимон якҷо корбарии онҳо зарур аст… Ҳатто, чунин падару модарон ҳастанд, ки ба ҷойи хондан ва тарбия кардани бачаҳои худ ба хондани онҳо монеъгӣ мекунанд, бачаҳои худро ба корҳои хоҷагии худ банд карда, аз мактаб мемонанд…» [6].

Дар суханронии раиси СКХ РСС Тоҷикистон М.Қурбонов [7] қайд шудааст, ки нишондоди анҷумани 18-уми ҳизб оид ба таълими ҳатмии 7-сола дар деҳот ва 10-сола дар шаҳр то охири панҷсолаи савум (1942) бояд анҷом дода шавад. Корҳои тарбиявиро на танҳо бо шогирдон, балки бо падару модарон низ бурдан лозим аст. Бо падару модарон оид ба масъалаи тарбияи фарзандон лексия ташкил бояд кард. Чунин лексияҳо, аллакай, дар Сталинобод, Ленинобод, Панҷакент, Ӯротеппа, Конибодом гузаронда шудаанд. Ҳамчунин, роҳбари ҳукумат изҳор доштааст, ки баъзе муаллимон чунон дарси зиёд ба уҳда мегиранд, ки ба кори тарбия вақт намеёбанд. Масалан, директори мактаби миёнаи нопурраи деҳаи Чорбоғ, ноҳияи Варзоб Ҳусейнов ҳар рӯз 8 соат дарс медодааст. Пурсида мешавад, ки вай кай ба кори тарбия вақт меёбад?

Роҳандозии мусобиқа дар ҳама соҳаҳо воситаи асосии корбарии замони Шӯравӣ дониста мешавад, ки на танҳо дар истеҳсолот, балки дар соҳаҳои иҷтимоиёт, аз ҷумла, маориф низ босамар истифода мешуд ва онро мусобиқаи сотсиалистӣ номгузорӣ карданд. Дар шумораи нахустини соли 1933 хабарҳо зери сарлавҳаҳои «Мусобиқа бо роҳи мактаби

ибтидоӣ», «Мусобиқа бо роҳи муборизаи маҳви бесаводӣ», «Мусобиқа бо роҳи клуб ва қироатхонаҳо», «Мусобиқа сар шуд» ва ғайра чоп шудааст.

Масъалаи мусобиқа ва зарбдорӣ минбаъд ҳам пайгирӣ шуда, то давраи бозсозӣ ҳамчун яке аз шаклҳои мубориза барои ба даст овардани натиҷаҳои хуб дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ маъруф буд ва ин масъала дар саҳифаҳои газетаи соҳавии аҳли маориф ҷойи махсуси худро дорад.

Мушоҳида мегардад, ки ҳадафи ташкили мусобиқа ба даст овардани натиҷаҳои беҳтар дар кори таълиму тарбия, зиёд намудани сафи аълохонҳо буд. Ин масъала дар солҳои минбаъда низ пайгирӣ гардида, дар даврони истиқлолияти давлатӣ, солҳои 2011-2012 ҳафтаномаи «Омӯзгор» таҳти унвони «Чӣ тавр аълохон шудан мумкин аст?» ном маводи калонҳаҷмро оид ба роҳҳои аълохоншавӣ аз забони русӣ тарҷума ва ба нашр расонд.

Ҳамин тариқ, нахустин рӯзномаи аҳли маорифи кишвар «Барои маорифи коммунистӣ» (ҳоло «Омӯзгор») аз оғози таъсисёбӣ ҳамқадами замон будааст ва инро ҳам дар ном ва ҳам дар мазмуну мундариҷаи он баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Дар бархӯрди марҳилаҳои таърихӣ ва ҷараёни инкишоф ҳамеша инъикоси масъалаҳои муҳимми мактабу маорифро ҳадафи асосии худ қарор дода, дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дар соҳаи маориф, илму фарҳанг, маънавиёт нақши бориз гузоштааст. Тавассути нашрия аҳли маорифи кишвар аз асноди ҳуқуқии соҳаи маориф ва дастурҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Вазорати маориф бархӯрдор шуда, фаъолияти худро ба низом даровардаанд, таҳкиму тақвият бахшидаанд ва дар баробари ин, афкору андешаҳои худро аз тариқи нашрия оид ба бурду бохт ва проблемаҳои мавҷуда ва ислоҳи онҳо пешниҳод кардаанд.

Аз омӯзиши шумораҳои аввали нашрия бармеояд, ки маҳаки асосӣ ва мавзӯи навиштаҳои он ба рушди соҳаи маориф нигаронида шудааст. Дар робита ба ин, нақши нашрия дар баррасиву арзёбии масъалаҳои инқилоби маданӣ - маҳви бесаводӣ, фарогирии насли наврас ва наслҳои ҷавону калонсол ба таҳсил, таълиму тарбия, бунёди иншооти соҳаи маориф, таълифу чопи китобу барномаҳои таълим, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ, усулу шеваҳои таълим, тарғибу ташвиқи таҷрибаи омӯзгорони пешқадам, баланд бардоштани савияи касбии омӯзгорон, ташаккули афкори илмиву педагогӣ, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносию худогоҳӣ ва амсоли инҳо баръало мушоҳида мегардад. Ва ин баёнгари он аст, ки нашрия аз оғози таъсисёбӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ рисолату вазифаҳои худро вобаста ба тақозои замон ва рушду тараққиёти ҷомеа иҷро намуда, дар таъмин ва баланд бардоштани маърифати хонандагонаш, ки ағлаби онҳоро аҳли маориф ташкил медиҳад, нақши муҳим гузоштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов, А. Матбуот ва маҳви бесаводӣ (1928-1940) / А. Азимов. –Душанбе: Ирфон, 2013. – 88 с.
2. Барои маорифи коммунистӣ, 1933. – 4 январ.
3. Барои маорифи коммунистӣ, 1933. – 2 апрел.
4. Барои маорифи коммунистӣ, 1937. – 3 январ.
5. Барои маорифи коммунистӣ, 1937. – 12 июн.
6. Газетаи муаллимон, 1940. – 29 феврал.
7. Газетаи муаллимон, 1941. – 1 январ.
8. Муродов, М. Рисолати «Омӯзгор» / М. Муродов // Аз се шохаи як илм. – Душанбе: Аржанг, 2014. – С.65-72.
9. Муродов М. Маърифати омӯзгор / М. Муродов // Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ. - Душанбе: Истеъдод, 2017. – С.76-86.
10. Нуралиев, А. Журналистикаи советии тоҷик / А.Нуралиев, А.Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов. – Душанбе, 1989. – 174 с.

ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР МАТБУОТИ СОҲАВӢ

Дар мақола бо такя ба осорӣ илмӣ нақши матбуоти соҳавӣ, аз ҷумла, «Барои маорифи коммунистӣ» (ҳоло «Омӯзгор») дар баланд бардоштани маърифатнокӣ ва маҳви бесаводӣ дар як давраи муайяни таърихӣ ба далоилу арқоми воқеӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Дар оғоз таъсиси нашрия мақсади асосии саводнок намудани мардум маҳсуб меёфт ва муаллиф ба хулосае мерасад, ки бештари навиштаҷоти он давра ба мавзӯю масоили мактабу маориф ва маҳви бесаводӣ нигаронида шуда буданд. Дар ин давра саҳми рӯзнома ба масъалаҳои маҳви бесаводӣ, ҷалби насли наврас ва наслҳои ҷавону калонсол ба таҳсил, таълиму тарбия, бунёди иншооти соҳаи маориф, таълифу чопи китобу барномаҳои таълим, таъмини

муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ, усулу шеваҳои таълим, тарғибу ташвиқи таҷрибаи омӯзгорони пешқадам, баланд бардоштани савияи касбии омӯзгорон, ташаккули афкори илмиву педагогӣ, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносию худогоҳӣ ва амсоли инҳоро фаро гирифтааст. Маълум мегардад, ки дар оғоз дар баланд бардоштани маърифатнокии аҳли ҷомеа, сифати таълим, дар бартараф намудани мушкилоти соҳа, роҳу методу усулҳои пешқадами таълим ҳамчуни оинаи сухан хидмат кардааст. Дар маҷмӯъ, пажӯҳишгар зимни баррасии масъалаҳои таълиму тарбия ва муҳтавои нашрия дар як давраи муайяни таърихӣ ба хулосаи мушаххаси илмӣ мерасад, ки нашрияи мазкур дар бедории афкор ва соҳибмаълумоту саводнок гардидани тамоми қишрҳои ҷомеа заминаи воқеӣ гузоштааст.

Калидвожаҳо: нашрия, нашрияҳои соҳавӣ, маориф, таҳқиқ, таҳлил, муаллиф, нақш, таълим, тарбия.

ОТРАЖЕНИЕ ПРОБЛЕМ ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ В ОТРАСЛЕВЫХ ПЕРИОДИЧЕСКИХ ИЗДАНИЯХ

В статье с опорой на научное наследие рассмотрена и проанализирована роль отраслевых периодических изданий, в том числе газеты «Для коммунистического образования» (ныне «Омӯзгор») в деле повышения образованности и ликвидации безграмотности в определенный исторический период с реальными фактами и примерами. В начале целью учреждения издания было обучение грамоте населения и автор приходит к выводу о том, что большинство материалов издания того периода было посвящено теме и проблемам образования и ликвидации безграмотности. В тот период работа издания была направлена на рассмотрение и решение проблем ликвидации безграмотности, привлечение молодого поколения и взрослых к обучению и воспитанию, создание образовательных учреждений, издание учебников и учебных пргограмм, обеспечение образовательных учреждений преподавательскими кадрами, методам и способам обучения, пропаганде опыта передовых преподавателей, поднятие профессиального уровня преподавателей, формирование научно-пеагогической мысли, повышение патриотического потенциала, уровня самосознания и самопознания населения. Становится очевидным, что в начале газета послужила делу повышения просвещенности общества, качества обучения, устранения проблем в сфере образования, внедрения передовых методов и способов обучения. В общем, исследователь при рассмотрении отражения проблем обучения, воспитания в газете «Для коммунистического образования» (ныне «Омӯзгор») в определенный исторический период приходит к конкретному научному выводу о том, что данное издание заложил фундамент в деле пробуждения передовой мысли и повышения уровня образованности всех слоев общества.

Ключевые слова: издания, отраслевые издания, образование, исследование, анализ, автор, роль, обучение, воспитание.

REFLECTION OF PROBLEMS OF TEACHING AND EDUCATION IN INDUSTRIAL PERIODIC EDITIONS

Based on the scientific heritage, the article examines and analyzes the role of industry-specific periodicals, including the newspaper For Communist Education (now Omzgor) in improving education and eliminating illiteracy in a certain historical period with real facts and examples. In the beginning, the goal of the publication was to educate the population on literacy, and the author comes to the conclusion that most of the materials of the publication of that period were devoted to the topic and problems of education and the elimination of illiteracy. At that time, the work of the publication was aimed at addressing and solving the problems of eliminating illiteracy, attracting the young generation and adults to training and education, creating educational institutions, publishing textbooks and training programs, providing educational institutions with teaching staff, teaching methods and methods, promoting the experience of leading teachers , raising the professional level of teachers, the formation of scientific and pedagogical thought, increasing patriotic potential, the level of self-awareness and self-knowledge of the population. It becomes obvious that at the beginning the newspaper served to increase public awareness, quality of education, eliminate problems in the field of education, introduce advanced teaching methods and methods. In general, the researcher, when considering the reflection of the problems of training and education in the newspaper “For Communist Education” (now Omzgor), during a certain historical period, comes to the concrete scientific conclusion that this publication laid the foundation for awakening advanced ideas and raising the level of education all walks of life.

Key words: publications, industry publications, education, research, analysis, author, role, training, education.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нурализода Ноилшоҳ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи матбуоти даврӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рудаки, 17. E-mail: **noilsho@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-849-05-05**

Сведения об авторе: ***Нурализода Ноилшох*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры периодической печати. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **noilsho@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-849-05-05**

Information about the author: ***Nuralizoda Noilshoh*** **-** Tajik National University, applicant for the department of periodicals. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **noilsho@mail.ru.** Phone: **(+992) 93-849-05-05**

УДК: 891.550

УФУҚҲОИ ЭҶОД ДАР ЖАНРИ ТОК-ШОУ

Азизов Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Замоне рӯҳияи иттилоотии телевизион дар мадди аввал қарор дошт ва эътимоди аудитория низ аз нигоҳи журналистон қаноатмандкунанда буд. Таҳаввулоти замон дар доираи воситаҳои дигари пахш ва нашри иттилоот ин вазифаро маҳдуд гардонид. Табиист, ки дар чунин ҳолат ҳар як воситаи иттилоот роҳҳои дар рақобат тоб овардан ва пойдор монданро ҷӯё мешавад. Дар робита ба ин ҳолат рисолати телевизион самти навро пайдо кард ва акнун таъйиноти фароғативу андармонсозии телевизион ба маротиб боло рафтааст: «Телевизион ба як василаи фароғатӣ табдил шудааст, ки фикри оммаро аз бекорӣ, болоравии нарх ва аъмоли террористӣ дур менамояд, зеро худи ҷомеа майл ба фароғат дорад… Дар он шоу-барномаҳои сиёсӣ ҷойгузини ҳамагуна баҳсҳо мегарданд» [11].

Дар баробари ин, дар як навъ фарогирии умумӣ гуфтан мумкин аст, ки телевизион ба сифати яке аз бахшҳои фаъоли ВАО мақоми худро аз даст додан намехоҳад ва «нақши идеологиву фарҳангсозӣ» [5, с.227] -и он вобаста ба талаботи ҷаҳони феълӣ боқӣ мемонад. Фаъолияти телевизион дар Тоҷикистон аз 1959 оғоз гардидааст. Аз он сана то ба имрӯз кормандони Телевизиони тоҷик мактаби домангустурдаро ба вуҷуд оварда, дар заминаи он дар робита ба таҷрибаву ҷаҳонбиниҳо аз жанрҳои гуногуни телевизионӣ истифода намудаву барнома омода месозанд. «Рӯзи аввал дар телевизиони навтаъсис 3-4 дақиқа навигариҳо ва баъд филми бадеии «Чароғ дар кӯҳсор»-и «Тоҷикфилм» бо забони тоҷикӣ намоиш дода шуд. Ҳаҷми умумии барномаҳои бегоҳирӯзии телевизиони миллии навтаъсиси Тоҷикистон ҳамагӣ яку ним соат идома меёфт» [6, с.165]. Агар нахустин рӯзи пахши барномаҳо доираи яку ним соатро ташкил медода бошад, пас имрӯз он ба 15-16 соат ва аз он бештар расидааст. Агар он вақт Тоҷикистон соҳиби як шабакаи телевизионӣ ба ҳисоб мерафт, имрӯз (2018) хушбахтона ҳафт шабакаи сартосарӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистон ва берун аз он барнома пахш мекунанд. Ба миён омадани шабакаҳои телевизионӣ дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама, мактаби журналистикаи телевизиониро тақвият бахшидааст, ки алҳол дар ҳоли такмил қарор дорад. Ин ҳукм ба рисолати иҷтимоии он робита дорад: «Журналистика воқеан дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа нақши барҷастае дорад: вай эҳтиёҷоти ҷомеаро, аз шахси алоҳида сар карда, то гӯруҳҳои калони он ба таври фаврӣ ва ҳамаҷониба ба ахбори хислати иҷтимоию сиёсӣ дошта таъмин мекунад, тавассути иттилооташ ба шуури одамон таъсир мерасонад, ақидаи онҳоро бедор мекунад, мафкураашонро савқ мебахшад, онҳоро ба ҳаракат меорад» [7, с.6].

Дар шароити ҷаҳонишавии феълӣ ҷомеа рӯ ба рушд аст ва телевизион низ ҳамқадами ин ҷомеа рушд мекунад. Дар ҳамбастагӣ бо таҳаввулоти замон дар телевизион низ жанрҳои тоза рӯйи кор меоянд ва имрӯз яке аз жанрҳое, ки бештар дар шабакаҳои дохиливу хориҷӣ истифода мешавад ток-шоу мебошад. Дар замони имрӯз ток-шоу на танҳо як бахши телевизионӣ, балки ҳамчун як оинаи истиқлолхоҳи ҷилои унсурҳои мусбату манфии ҷамъиятӣ дониста мешавад. Зеро ҷанбаи аслии ток-шоу кашф ва пешниҳод кардани мушкилоти ҷомеа дар доираи серҳудуд мебошад. Ҷойи инкор нест, ки «… ток-шоу бо иштироки даъватшавандагон ба студия…» [5, с.227] шакл пайдо карда, имкони фаро гирифтани паҳлуҳои зиёдро дорад. Дар фаъолияти телевизионӣ на ҳамаи жанрҳо мақоми густурдаро соҳиб мегарданд. Як хосияти раванди ҷаҳонишавии муосир он аст, ки бештари мушкилоти дар ҷомеа ҷойдошта хислати ҷамъиятӣ- сиёсӣ доранд. Ҳамин аст, ки дар барномаҳои ток-шоуи шабакаҳои давлатҳои мутараққӣ бештари мушкилот аз нигоҳи сиёсатдонҳо матраҳ мешавад. Он нуқта низ мавриди зикр аст, ки дар аксари барномаҳои шабакаҳои ватанӣ нигоҳи ҷанбаҳои сиёсӣ доманаи маҳдудро соҳиб аст. Ба ин

вачҳ барномаҳои ток-шоуро дар Тоҷикистон наметавон сирф сиёсӣ номид. Андешаи мазкурро дар қиёс бо телевизионҳои Русия гуфтан мумкин аст, ки дар онҳо масъалаҳои доғи сиёсии дохиливу хориҷӣ ба майдони баҳс кашида мешаванд. Дар умум бошад, омӯзишу таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки ин гуна барномаҳо (ток-шоу) бештар хислати сиёсиву фарҳангӣ доранд. Имрӯз ток-шоу дар кишварҳои бузурги дунё доман паҳн мекунад, характер иваз мекунад. Аслан рушди ин жанр аз нигоҳи аввал вобаста ба фарҳанги ҳар миллат сурат мегирад. Муҳаққиқи тоҷик И.Мирзоев менависад: “...тарзи интихобу барномасозии Телевизиони Тоҷикистон аз телевизионҳои Амрикову Русия бояд тафовут дошта бошад. Зеро ҳар як миллат таъриху тамаддуну фарҳанг, расму оин ва анъанаҳои қадимаю аҷдодии худро дорад» [6, с.117].

Чунин ба назар мерасад, ки имрӯз ток-шоу дар рақобат бо дигар жанрҳои телевизионӣ ғолиб аст ва қонунияте низ вуҷуд дорад, ки рақобат барои ташаккули ин жанр мусоидат кардааст. Ба назари инҷониб чунин раванди мураккаб бештар ба табъу завқи аудитория робита дорад. Муҳаққиқ А. Саъдуллоев гузашти вақт ва рушди замонро ба назар гирифта менависад, ки «…феълан ин жанр дар тамоми шабакаҳои телевизионӣ ба ҳукми ғосиб тамоми барномаҳоро фаро гирифтааст [8, с.80]. Ҷойи инкор нест, ки дар бештаре аз кишварҳои бузург вобаста ба шароити мусоиди озодбаёниву гуногунфикрӣ ингуна барномаҳо диданиянд. Дар яке аз суҳбатҳои худ журналист Леонид Якубович гуфта буд: «Агар мо имрӯз аз телевизиони хонаи худ наворро хомӯш намоем, дилхоҳ барномаро метавонем танҳо гӯш кард ва донист, ки он ҷо ки сухан мекунад. Ин гуна набояд бошад, зеро ин телевизион аст».

Эроди зикршуда ба масъалаи пешниҳоди барномаҳои ток-шоу ва саҳнаи онҳо ишора менамояд. Ҳамчун анъанаи роиҷ дар барномаи ток-шоу як саҳна истифода мешаваду кайҳо бинанда медонад, ки гӯяндаи сухан дар куҷо қарор дорад. Аз ҷониби дигар, меҳмонони аксари барномаҳо такрор мешаванд, ки бинанда аз ин сохтакорӣ ба таври амиқ огаҳ аст. Ҷараёни минбаъдаи барномаро дар олами тафаккури худ эҳсос менамояд. Ин ҷиҳат аз сифати пасти барнома ва дараҷаи нокифояи касбияти муаллифи барнома ҳам дарак медиҳад. Масъалаи «… ба манфиати худ истифода карда тавонистан ва ба манфиати худ истифода карда натавонистани барнома» [2, с.47] нишон медиҳад, ки бояд шоумен, пеш аз ҳама, таҷрибаи касбиро соҳиб бошад. Маълум аст, ки бо чунин аҳвол журналист ё шоумен наметавонад, ки ҳамқадами замона бошад ва талаботи фазои иттилоотиро дарк намояд.

Барномаҳое, ки хусусияти шоуро доранд, то ҳадде заминаҳои таърихиро соҳибанд. Мутахассисон пайдоиши жанри ток-шоуро дар Телевизиони Тоҷикистон ба солҳои 70-уми қарни XX хос медонанд. «Ҳанӯз дар солҳои 70-80-и қарни гузашта баъзе унсурҳои жанри ток-шоу дар барномаҳои Телевизиони Тоҷикистон эҳсос карда мешуд. Барномаҳои «Чойхонаи дилкушо», клуби телевизионии «Дугонаҳо», «Ғалаба муборак» (бахшида ба иҷрои плани пахтасупорӣ), «Чароғаки солинавӣ», «Маърифат», «Офарин» ва ғайраҳо, ки ҳамон солҳо аз ҷониби гурӯҳҳои гуногуни эҷодӣ таҳия ва пахш мегардиданд, дар худ бисёр хусусиятҳои шоу барномаҳоро таҷассум менамуданд. Лекин кормандони эҷодии онҳо дар бораи жанри телевизионии ток-шоу тасаввуроти мукаммал надоштанд» [6, с.117-118].

Ҳамзамон маҳдудиятҳои баёни афкорро ба инобат гирифтан лозим аст, ки сарфи назар аз таъйиноти ягонаи идеологӣ журналистони алоҳида ғайримақсаднок марзҳои афкорро убур менамуданд. Дар ин самт хусусияти фарҳангии барномаҳо дар мадди аввал қарор мегирифт. Бо мурури замон намоишҳои дигари телевизионӣ дар қолабу доираи жанри ток-шоу ба миён меомаданд ва рӯз то рӯз хусусиятҳои бештари жанриро касб менамуданд. Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ин жанр дар шабакаҳои ватанӣ бештар гардид ва дар пахши худ хусусияти оммавӣ пайдо кард. Ба фаъолият оғоз намудани шабакаи фарҳангии Сафина (ТВС) сабаби бештар гардидани барномаҳои фарҳангиву тафреҳӣ дар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон гардид. Онҳоро бо барномаҳои ток-шоуи имрӯзаи ғарбӣ қиёс кардан душвортар бошад ҳам, вале унсурҳои алоҳидаи ин жанр дар онҳо таҷассум ёфтааст. Он замон тариқи Телевизиони

Тоҷикистон барномаҳои «Фарҳанг ва мардум», «Оила», «Гули маҳтоб», «Ниқоб», «Дар нимароҳ», «Нигоҳи комил», «Сиёҳу сафед», «Суҳбати мардона» ва дигар барномаҳо пахш мегардиданд, ки ба таври назаррас дар худ хусусиятҳои жанри ток-шоуро доштанд. Баъдтар, дар шабакаи тозатаъсиси «Сафина» низ як қатор барномаҳо аз қабили «Паймон», «Кастинг», «Имконият», «Нигоҳи зан» ва дигар барномаҳо ба миён омаданд, ки тавонистанд хусусиятҳои тозаи ин жанрро дарбар гиранд. Чун аксари кормандони «Телевизиони Сафина» ҷавонон буданд, ин барномаҳо нисбатан аз нигоҳи тоза омода гашта, аз навоварии эҷодӣ гувоҳӣ медоданд. Маҳз дар солҳои 2007-2014 ин жанр дар «Телевизиони Сафина» бештар ташаккул ёфта, дигар муаллифони барномаҳои телевизионӣ онро намунаи пайравӣ қарор медоданд. Дар оғози шаклгирӣ барномаҳои «Аркон», «Айёми шубоб аст», «Хонадон», «Ҷамъу тарҳ», «Вақт довар аст», «Панҷгонаи беҳтарин» рӯйи эфир омаданд, ки бинандаи кам надоштанд. Дар ин оғоз дар шабакаҳои ватанӣ як силсила барномаҳои дигар дар қолаби умумии жанри шоу рӯйи кор меомаданд, ки аслан мақсади фароғатиро доштанд. Ба ин гурӯҳ барномаҳои «Биёед бихандем», «Маликаи хушхиром», «Ҳазлниюш» ва даҳҳои дигарро дохил намудан мумкин аст.

Аз рӯйи хосият ва таъйиноти комили ин жанр чунин бармеояд, ки дар 3-4 соли охир (2015-19) дар шабакаҳои ватанӣ барномае дар қолаби ток-шоу, ки тавонад бинандаро ҷалб ва ё мунтазир намояд, дида намешавад. Актуалӣ набудани мавзӯъ ва ҷой надоштани баъзе ҷузъиёти ҳангомасоз монеаи аслии рушд наёфтани он аст. Заъфи рӯҳияи иттилоотӣ, маҳдудияти марзи андеша, касбияти нокомил, имконоти маҳдуди техникӣ ва дигар ҷузъиёти худсензура низ намегузоранд, ки ин жанр инкишофи бомаром дошта бошад. Муҳаққиқи тоҷик Иброҳим Усмонов менависад: «Бе таблиғ ва бе нашри навигарӣ журналистика соҳаи мустақили иҷтимоӣ буда наметавонад» [7, с.6].

Табиист, ки дар муқоиса бо матбуоту радио аҳли ҷомеа роҳҳои ҳалли мушкилоти худро дар барномаҳои телевизион ҷӯё мегардад. Барои ӯ назди касе барои маслиҳат рафтан лозим намеояд ва дар доираи аудиторияи дар барномаи ток-шоу вуҷуддошта ба аксар саволҳои худ ҷавоб меёбад. Маслиҳати равоншинос, ҳуқуқшинос, ҷабрдида, шоҳидон, мутахассис ва дигар ҷанбаҳо дар доираи як барномаи ток-шоу маҷмӯӣ мешаванд ва ин ҳама муҳимтарин ҷузъёти ин жанр эътироф шудаанд. Мантиқи ток-шоу он нест, ки журналист аз як тараф ҷонибдорӣ намояд ва дар маҳкум кардани ҷониби дигар талош кунад. Рисолати муаллифи чунин барнома аз «…манфиати бинандаи умум ҳимоят кардан аст» [5, с.192]. Ба таври силсила давом ёфтани як чунин барнома ин васеъ гаштани аудиторияи он дар давоми солҳо мегардад («Пусть говорят»).

Яке аз умумиятҳое, ки миёни барномаҳои шабакаҳои ватанӣ ва хориҷӣ дар ток-шоу дида мешавад, ин монандии барномасозӣ ва як навъ пайравӣ ба қолаб мебошад. Таъйинот ва хосияти жанр нишон медиҳад, ки шакли барномасозӣ аз ҳамон модели секунҷа: шоумен, мутахассис ва аудитория иборат аст. Вале унсур ва фарқияти комиле, ки аз нигоҳи мазмуну мундариҷа миёни ин барномаҳо ба назар мерасад, ин таҷассуми фарҳангӣ миллӣ мебошад. Дар тавозуни рӯҳия ҳеҷ вақт барномаи ток-шоуи Амрико ба Русия ва аз Русия ба Тоҷикистон дараҷаи якхела дошта наметавонад. Интихоби макону муҳити сабт, зоҳиру ҳаракати шоумен, ҷузъиёти декаратсия ва оҳанги баҳсу муҳокима дар ҳар кадом мутафовутанд ва қолаби ҳатмии такрор ҳеҷ гоҳ мувофиқи мақсад гардида наметавонад. Ток-шоуҳои русӣ (бо имкони дастрасии забон) имрӯз дар ҳудуди ИДМ барои аксари журналистон намунаи беҳтарини қолабсозӣ ба шумор мераванд. Барои тавзеҳ ва ташхиси умумӣ чанде аз барномаҳои бонуфузи телевизионҳои русиро дида мебароем.

1.«Большая стирка» (ОРТ). Барномаи мазкур ҳамчун намунаи озодбаёнӣ ба майдон омада, то охири соли 2004-ум дар эфир пахш мегардид. Ин барнома аз рӯзи душанбе то панҷшанбе ҳар рӯз соати ҳабдаҳ дар эфир мерафт. Ровии барнома Андрей Малахов буд. Дар ҳар як шумораи барнома як мавзӯи хосси иҷтимоӣ, ки барои бисёриҳо ошно буд, интихоб мегардид. Аз ин мавзӯъҳо ҷузъиёти умда интихоб гашта, доираи баҳс ба вуҷуд меомад. Масалан, дар муносибатҳои оилавӣ мавзӯъҳои «… роҳ ёфтан ба дили мард тариқи меъдаи ӯст», «… бо ҳамин зебогиям ман ҳамсар намеёбам», «… ҳусни зан душмани

аввалини ӯст» ва амсоли он дар ҷомеа валвалаи хосро ба миён меоварданд. Ҳамин гуна мавзӯъҳои ба зиндагии ҷомеа наздик интихоб мешуданд ва дар ҳар як барнома 5-6 нафар шахсиятҳои шинохта даъват мегардиданд, ки ба ин восита ҳусну қубҳи барнома баланд мегардид. Аудиторияи фаъол ва эҳсосу ҳаяҷону ҷуръат боис мешуд, ки тамоми меҳмонон майлу хоҳиши суҳбат карданро пайдо намоянд. Чунин барномае, ки ҳар ҳафта 4-5 маротиба дар эфир бошад дар телевизионҳои ватанӣ дида намешавад.

2. «Поле чудес» (ОРТ). Барномаи мазкур миёни дигар барномаҳо мақоми хоссаро дорад. Зеро беш аз 20- сол аст, ки рӯйи эфир аст ва дар аксар манотиқи ҷаҳон онро тамошо менамоянд. Пойдевор ва лоиҳаи барнома дар солҳои навадуми асри гузашта аз ҷониби журналист Влад Листев гузашта шуда буд. Меҳмонону иштирокдорони барнома низ аз давлатҳои дуру наздик даъват мешаванд. Ровии барнома Леонид Якубович мебошад. Барнома ҳар ҳафта рӯзи чумъа соати нуздаҳу панҷоҳ дақиқа ба вақти Руссия пахш мегардад. Дар барнома одамони гуногунмиллату гуногункасб ширкат мекунанд ва аз рӯйи шартҳои барнома маҳорати худро нишон медиҳанд. Иштирокчиёни бозӣ (“Майдони муъҷизот”) забони русиро медонанд.

3. «Что хочет женшина» (РТР). Барнома фароғатӣ буда, ҳар ҳафта аз рӯзи душанбе то панҷшанбе пахш мешавад. Ровии барнома Елена Яковлена мебошад. Мавзӯи аслии барнома проблемаҳои рӯзгор аст. Ду қаҳрамони аслӣ дорад ва табиист, ки паҳлуи мусбату манфӣ ба миён меояд. Дар рафти барнома аудитория низ метавонад нақш дошта бошад ва муҳокимаву баҳсу саволҳо мавзӯъро ҳаллу фасл мегардонанд.

4. «Принцип домино» (НТВ). Барномаи мазкур ҳамарӯза аз душанбе то панҷшанбе соати шонздаҳу бист дақиқа пахш мегардад. Вақти барнома як соат аст. Ровиёни он Елена Ханга ва Елена Старостина мебошанд. Мавзӯи барнома як ҷиҳати умдаро дар бар гирифта, пиромуни мушкилоти он мутахассисон ва аҳли аудитория суҳбат менамоянд.

5. «Свобода слова» (НТВ) Барномаи мазкур яке аз барномаҳои сотсиологӣ-сиёсӣ дар НТВ мебошад, ки ҳар рӯзи паҷшанбе соати нуздаҳу сиву панҷ дақиқа дар ҳаҷми 1 соату 20 дақиқа пахш мешавад. Гуногунмавзӯӣ дар он риоя гардида, ҳар ҳафта дар барнома масъалаи мубрам ва тозатарини иҷтимоӣ ба баҳс кашида мешавад. Дар ин барнома 150 нафар меҳмонони аудитория ва чанд нафари дигар мутахассисон ширкат менамоянд, ки нуқтаи назари гуногун доранд.

6. «Однокашники» (канал ТВ С) то соли 2003 бо чунин унвон ҳар ҳафта рӯзи чоршанбе пахш мегардид ва онро чун як барномаи такмилёфта дар қолаби талаботи фазои фарогир номидан мумкин аст. Дар барнома ҳамсинфон ҷамъ мешуданд ва перомуни зиндагии яке, ки муваффақ шудааст, суҳбат мекарданд. Аз рӯзҳои мактабии худ ёд мекарданд. Барномаи мазкур баъдтар номи «От всей души»-ро мегирад ва баъди чанди дигар номи «Старая квартира», ҳоло бошад зери унвони « Жди меня» маълуму маъруф аст.

7. «Культурная революция» (Культура). Барномаи мазкур масоили ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва бахусус муаммоҳои фарҳангу тамаддунро дар бар мегирад. Ин барнома ҳар ҳафта рӯзи чоршанбе соати бисту яку бисту панҷ дақиқа пахш мегардад ва ровигии онро Михаил Швыдков ба уҳда дорад. Рӯҳияи барнома бештар бо мавқеи якҷониба сурат мегирад ва манфиатҳои ҷониби муайян ҳимоя карда мешавад. Ин барнома барандаи ҷоизаи ТЭФИ-2002 дар бахши барномаҳои ток-шоу мебошад.

Ин тафсилу маълумоти маҳдуди ток-шоуҳои русӣ дар мисоли телевизионҳои минтақавию музофотии ин кишвар ниҳоӣ нест. Ин ҷо барномаҳое, мисол оварда шуданд, ки нақшу пойдеворе дар пайдоиши ток-шоу дар шабакаҳои Русия гузоштаанд ва барномаҳои дигарро намунае дар қолаби онҳо пазируфтан мумкин аст. Дар нигоҳи аввал маълум нест, ки кадоме аз ин барномаҳо дар шаклбандӣ ва ё мазмуну муҳтавои худ пешниҳоди тозае доранд. Аз ҷониби дигар, дар такя ба баъзе паҳлуҳо ва ҷузъиёти барномасозиҳо гуфтан мумкин аст, ки барномаҳои номбаршуда бо назардошти табъу завқи омма таҳия шудаанд, ки он марбут ба хосияти равонии барномаҳо мебошад. Ин масъала аз нигоҳи пажӯҳишгарони рус собит гардидааст. Омӯзиши назариявии

мутахассисон Ителъсон Л.Б («Лекции по общей писихологии») ва Соколова Е. Е («Тринадцать диологов о писихологии») вобаста ба сохтори ҳар як барнома ва фаъолияти шоумен пешниҳод шудааст. Муҳаққиқони мазкурро бештар хосияти таъсири равонии барномаҳо ҷалб намудаанд, ки муҷиби дигаргунии афкори иҷтимоӣ мешаванд. Таҷрибаву таҳқиқҳо мушаххас намудаанд, ки нуфузи ҳар як барномаи ток-шоу аз интихоби мавзӯъ ва қаҳрамон вобастагии бештар дорад. Чунин тавозун сабаб мешавад, ки нақши телевизион дар идора намудани шуури ҷамъиятӣ уфуқҳои нав ба нав пайдо намояд. Маҳз телевизион метавонад ва имкон дорад, ки ба фаъолияти одамон дигаргунӣ ворид намояд ва вобаста ба ҳунару касбияти корманди он дар татбиқи идеяҳо мусоидат намояд: «…донистани нозукиҳои нутқ ва калом, дар ҷилои идея кумак мерасонад» [1, с.76]. Ин масъала аз нигоҳи кормандони собиқадори телевизиони тоҷик низ чун маҳсули мактаби таҷриба баён гардидааст: «Ба воситаи экран бо бинандагон суҳбат кардан дигар асту рӯ ба рӯ бо иштирокчиёни барнома дар дохили студия дигар аст» [10, с.11]. Бо назардошти ҷузъиёти боло чунин натиҷае ҳосил мешавад, ки ток-шоу ҷузъи ҷудонопазири телевизиони муосир гаштааст. Ҳунари комили шоумен ва маҳбубияти нуфузи намунае аз ток-шоуҳо симои комили як телевизионро ба вуҷуд меоваранд. Доираи эътирофи моҳият ва арзиши иҷтимоии ток-шоу васеъ аст. Ҷомеаи маданиву фарҳангӣ дар суроғи чунин барнома (жанр) аст ва он аз бисёр ҷиҳатҳо бозгӯи сатҳи маънавии ҷомеа низ дониста мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдусаломова Р. Наттоқ чеҳраи телевизион. [Матн] / Р.Абдусаломова. – Душанбе, 2008. - 226 с.
2. Журналистикаи байналхалқӣ – Х (маҷмӯи мақолаҳо). - Душанбе, 2019. - 204 с.
3. Сафарова М. Телевидение и его влияние на общественное мнение: Монография / М.Сафарова. - Душанбе, 2018. - 204 с.
4. Хоҷазод С. Таърихи телевизиони Тоҷикистон: Монография / С.Хоҷазод. – Душанбе, 2007. - 288 с.
5. Хамидиён И/ Содержательное и жанровое многообразие на таджикском телевидение: Монография / И.Хамидиён, Б. Абдурахим. - Душанбе, 2018. - 256 с.
6. Мирзоев И. Рукни чорум [Матн] / И. Мирзоев. – Душанбе, 2012. – 212 с.
7. Усмонов И. Журналистика. Қ.4 [Матн] / И.Усмонов. - Душанбе, 2011. - 473 с.
8. Саъдуллоев А. Асосҳои журналистикаи телевизион [Матн] / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе. – 2010. – 108 с.
9. Большая ситирка. - 1-й телеканал Россия. - Май, 2004.
10. Кузнецов М. Практическая психология PR и журналистики. - М.Кузнецов, И.Цыкунов. - М.: РИП-холдинг, 2004. - 148 с.
11. Newspaper «Mond». - Paris, 1987. - 18 apr.

УФУҚҲОИ ЭҶОД ДАР ЖАНРИ ТОК-ШОУ

Дар ин мақола дар бораи таъйинот, сохт ва моҳияти жанрии ток-шоу сухан меравад. Аз нигоҳи моҳият ва доираи ҳадафмандӣ жанри мазкур шарҳ дода шуда, баъзе заминаҳои таърихии он баён карда мешавад. Аз назари муаллиф таҳаввулоту тавлиди жанрҳои нав ин, пеш аз ҳама, тараққиёти рӯзафзуни ҷомеа ба ҳисоб рафта, ба таври ногузир жанрҳо қолабҳои наву устуворро соҳиб шудан мехоҳанд. Ҷаҳони муосир дар пайи рушду таҳаввулоти чашмрасе қарор дорад ва дар ҳамбастагӣ бо таҳаввулоти замон дар телевизион низ жанрҳои тоза рӯйи кор меоянд ва имрӯз яке аз жанрҳое, ки бештар дар шабакаҳои дохиливу хориҷӣ истифода мешавад, ток-шоу мебошад. Ба андешаи муаллиф дар замони имрӯза ток-шоу на танҳо як бахши телевизионӣ, балки ҳамчун як оинаи истиқлолхоҳи ҷилои унсурҳои мусбату манфии ҷамъиятӣ эътироф гардидааст. Ин омил ба он марбут аст, ки ҷанбаи аслии ток-шоу кашф ва пешниҳод кардани мушкилоти ҷомеа дар доираи васеъ ба ҳисоб меравад. Ток-шоу жанре дониста мешавад, ки бо иштироки даъватшавандагон ба студия шакл пайдо карда, ба таври оҷил имкони таъсир ба шуури ҷомеаро соҳиб аст. Барномаҳои дар ин тарҳ ба вуҷудомада шаклу қолаби яксон надоранд ва яке аз умумиятҳое, ки миёни барномаҳои шабакаҳои ватанӣ ва хориҷӣ дар ток-шоу дида мешавад, ин монандии барномасозӣ ва як навъ пайравӣ ба қолаби ҳамдигар мебошад. Вале унсур ва фарқияти комиле, ки аз нигоҳи мазмуну мундариҷа миёни ин барномаҳо ба назар мерасад, ин таҷассуми фарҳангӣ миллӣ мебошад, ки ин ҷараён суръати хоссеро ҳам дарбар мегирад. Ҳамчунин, дар тавозуни рӯҳия ҳеҷ вақт барномаи ток-шоуи Амрико ба Русия ва аз Русия ба Тоҷикистон дараҷаи якхелаву монандро соҳиб нестанд. Аз интихоби макону муҳити сабт оғоз карда, то оҳанги баҳсу муҳокима дар ҳар кадом мутафовутанд. Ҷойи инкор ҳам нест, ки ток-шоуҳои русӣ имрӯз дар ҳудуди ИДМ барои аксари журналистон намунаи беҳтарини қолабсозӣ ба шумор мераванд. Мақола бо он хулоса карда мешавад, ки ҳунари комили шоумен ва маҳбубубияти нуфузи намунае аз ток-шоуҳо симои комили як телевизионро ба вуҷуд меоварад, ки бозгӯи доираи эътирофи моҳият ва арзиши иҷтимоии ток-шоу аст.

Калидвожаҳо: ток-шоу, ҳунар, омма, ҷаҳонишавӣ, ташаккул, афкор, бинанда, баҳс, дарк, ҳадаф, телевизион, таърих, саҳна, доира, завқ.

ТВОРЧЕСКОЕ НАПРАВЛЕНИЕ В ЖАНРЕ ТОК-ШОУ

В этой статье говорится о назначении, структуре и сущности жанра ток-шоу. Этот жанр объясняется с точки зрения его сущности, а также исторических предпосылок. С точки зрения автора, эволюция и развитие новых жанров - это, прежде всего, результат прогрессивного развития общества. И в этой связи, устоявшиеся жанры неизбежно должень быть заменены новыми формами выражения. Современный мир находится на пике значительных событий и технологических разработок. И в связи с развитием телевидения появляются новые жанры. Сегодня одним из наиболее часто используемых жанров на отечественных и зарубежных телеканалах является ток-шоу. По мнению автора, современные ток-шоу признаны не только частью телевизионного вещания, но и становятся зеркалом, отражающим как позитивные, так и негативные проявления в общества. Это по большей части определяется тем, что жанр ток-шоу выявляет и выносит на широкое обсуждение различные социальные проблемы общества. Ток-шоу - это жанр, в котором приглашенные эксперты в студии могут не просто обсуждать текущие проблемы в обществе, но и непосредственно влиять на общественное сознание. Программы, созданные в этом формате, довольно разнообразны. Между тем, одной из общих черт отечественных и зарубежных телеканалов является то что, такие ток-шоу схожи в своем программировании и выбранном формате. Тем не менее, присутствуют моменты, которые различают эти программы по содержанию, это национально-культурное наполнение, которое также задает определенный темп ток-шоу. Кроме того, можно отметить то, что американское ток-шоу не может однозначно подойти для российской аудитории, так же как и российский формат для Таджикистана. Все зависит от многих деталей, которые различаются между собой такими моментами, как выбор места записи, аудитории в студии, и даже эмоциональный тон обсуждений. Для многих журналистов СНГ российские телешоу сегодня являются лучшим примером проведения программ в жанре ток-шоу. В статье делается вывод о том, что от навыков и харизмы самого телеведущего зависит многое в ток-шоу. И популярность такой программы связана с ее социальной ориентированностью.

Ключевые слова: ток-шоу, искусство, масса, глобализация, формирование, мнение, видение, дебаты, восприятие, цель, телевидение, история, сцена.

THE CREATIVE DIRECTION IN THE GENRE OF TALK SHOW

In this article says about the appointment, structure and the essence of talk show genre. This genre is explained from the point of view of its essence, as well as historical prerequisites. From the point of view of author, the progress and developing of new genres, first of all this is the result of Progressive development of society. And in this connection, established genres will inevitably search for new forms of expression. The modern world is at the peak of significant events and technological developments, and in connection with developing of Television new genres appears. Today one of the most frequently used genres on domestic and foreign TV channels is talk-show. According to the author, modern talk shows are recognized not only as part of television broadcasting, but also become a mirror reflecting both positive and negative manifestations in society. This is largely determined by the fact that the genre of talk shows identifies and makes widely discussed various social problems of society. Talk show is the genre where the invited experts on the studio can, not only discuss the current problems in society, but directly influence public consciousness. Programs created in this format are not uniform. Meanwhile, one of the common features between domestic and foreign TV channels is that such talk shows are similar in their programming and the chosen format. Nevertheless, there are moments that distinguish these programs by content and this is a national-cultural content, which also sets a certain rate of talk show. In addition, it can be noted that the American talk show can not be unambiguously suitable for the Russian audience, as well as the Russian format for Tajikistan. Everything depends on many details, and differ among themselves, such moments as the choice of the place of recording, the audience in the studio, and even the emotional tone of the discussion. For many " Commonwealth of Independent States "(CIS) journalists, Russian TV shows today are the best example of conducting programs in the genre of talk shows. The article concludes that the skills and charisma of the TV presenter himself depend on much in the talk show. And the popularity of such a program makes the television show socially oriented.

Key words: Talk show, art, mass, globalization, formation, opinion, vision, debate, perception, purpose, television, history, stage.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Азизов Фирӯз*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти факултети журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **f.azizi@bk.ru**.
Тел.: **(+992) 93-805-50-08; 880-48-50-08**

Сведения об авторе: ***Азизов Фируз*** - Таджикский национальный университет, аспирант факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **f.azizi@bk.ru**.
Тел.: **(+992) 93-805-50-08; 880-48-50-08**

Information about the author: ***Azizov Firuz*** - Tajik National University, the aspirant of Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **f.azizi@bk.ru**. Tel.: **(+992) 93-805-50-08; 880-48-50-08**

УДК: 07 (575.3)

МАФҲУМ, СИФАТҲОИ КАСБӢ ВА МАХСУСИЯТИ ФАЪОЛИЯТИ МУҲАРРИРИ ТЕЛЕВИЗИОН

Исматуллои Ҳабибулло Нарзуллозода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар замони кунунӣ касбҳо мухталифанд. Яке аз дигаре бо ин ё он ҷузъиёт фарқ мекунад. Лекин сарчашмаи ҳамаи касбҳои мавҷуда аз фазо ва вақт, рушди бемайлони соҳаҳои амалкунанда ва ба вуҷуд омадани сохторҳои муосир маншаъ мегирад. Ҷомеаи муосир тақозо мекунад, ки ин ё он соҳа ва ё ихтисоси нав ба вуҷуд оянд.

Фаъолияти муҳаррирӣ дар ВАО, хусусан дар телевизион аз соҳаҳоест, ки акнун барои даҳсолаҳо амал менамояд. Ҳар як самт ва ихтисоси амалкунанда бо мурури замон рушд мекунаду ба худ хусусияти касбиро касб менамояд. Дар ҳоле, ки муҳаррир дар кори телевизион аз нафарони муҳим маҳсуб ёбад, пас, зарур аст, ки касбияти ӯ низ муайян шавад. Аммо пеш аз он ки сари ин масоил баҳс кунем, зарур аст перомуни маънои аслии калимаи муҳаррир ва аз куҷо пайдо шудани ин касб ё ихтисос сухан гӯем.

Дар фарҳанги забони тоҷикӣ, қисми 1, калимаи «муҳаррир» ба чунин тарз ифода шудааст: «Муҳаррир: 1. нависанда, муаллиф: муҳаррири ин авроқ, муҳаррири сутур; 2. Он ки навиштаҳои каси дигарро пеш аз чоп месанҷад ва лозим шавад, ислоҳ медарорад: муҳаррири адабӣ, муҳаррири китоб; 3. Роҳбари нашрия, ки муайян кардани мундараҷаи он дар салоҳияти ӯст: муҳарири рӯзнома: муҳаррири техникӣ, ходимаи идораи рӯзномаву маҷалла ё нашриёт, ки масъули назорат ва ҳалли масъалаҳои техникии нашрия (аз қабили тарзи чоп, саҳифабандӣ) мебошад [5, с.902].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ин калима истилоҳи нав набуда, аллакай, солҳост амал мекунад. Ба сифати муҳаррир шахсе фаҳмида мешавад, ки ин ё он матлабро менависад, таълиф ва таҳрир мекунад. Аксар вақт вазифаи муҳаррир таҳрири матлаби омодагардида мебошад. Яъне, тамоми барномаҳое, ки имрӯз дар телевизион ҷило медиҳанд, ҳатман дар онҳо кори муҳаррир дида мешавад.

Дар китоби «Рӯзноманигории мустақил» омадааст: «Муҳаррир «чашмони дувум»-анд, ки ҷиҳати дарёфти хато ва носаҳеҳӣ дар мавод кумак мерасонанд. Дар иборaи мазкур задаи мантиқӣ маҳз дар вожаи дувум аст, зеро журналист қабл аз пешниҳоди мавод бо муҳаррир, бояд онро аз назар гузаронанд» [2, с.75].

Аз ишораи боло бармеояд, ки навиштани матн кори муаллифи барнома ва журналист ҳам шуда метавонад, вале то ба эфир баромадан, бояд ҳатман муҳаррир ба таҳрири он машғул шавад. Муҳаррир бояд ҳамаи далелҳоро бодиққат санҷида, бовар ҳосил кунад, ки тарзи баён бетарафона ва беғаразона аст. Муҳаррирони соҳибтаҷриба нисбат ба матлабе, ки ҷиҳати баррасӣ ба онҳо пешниҳод мешаванд, муносибати шубҳаомез карда, аз чаҳорчӯби матлаб назар афканда, маводро ба риштаи таҳрир мекашанд.

Муҳаққиқ И.М.Кемарская ишора мекунад, ки: «Телевизионный редактор – профессия малоизученная. Формально она существует давно как одна из телевизионных специальностей наравне с ассистентом режиссера или с инженером видеомонтажа. Но в список творческих профессий упорно не попадает…» [3, с.10]. Мавсуф меафзояд, ки муҳаррир дар рӯйхати ихтисосҳои телевизионӣ қаблан набуд, аз ӯ танҳо ҳамчун директор ё роҳбар шинохта мешуд, ки кулли фаъолиятро ба танзим медароварад. Гарчанде, ки коргардон, наворбардор, коргардони овоз ва пешбарандаи барнома маъмул буд. Лекин мо бо такя бо суханони боло зикр менамоем, ки муҳаррир аз аввали фаъолияти телевизион буд, аммо бо номҳои гуногун масалан, рӯзноманигор, журналист, пешбарандаи барнома ва ғайраҳо, ки ҳамаи ин об мехӯрад аз ҷӯйбори муҳаррир, яъне асос муҳаррир - таҳриркунанда аст. Чунки зери унвони муҳаррир имрӯз дар телевизион воҳиди корӣ вуҷуд дорад, аммо журналист ва рӯзноманигор не. Ҷойи дигар И.М. Кемарская менависад, ки муҳаррир ин истеҳсолкунандаи маводи аслӣ дар телевизион аст: «Редактор на телевидении – это, безусловно, изготовитель оригинальной, единичной продукции» [3, с.9].

Пас, муҳаррир дар телевизион асоситарин нафарест, ки метавонад истеҳсолкунандаи мавод бошад, матн нависад, таҳрир кунад ва ба бинанда пешниҳод созад.

Бо вуҷуди ин, мутаассифона, имрӯз дар телевизион кори муҳаррир камранг ба назар мерасад. Яъне, матни эҷодкардаи муаллиф, ки дар як вақт муаллиф – журналист маҳсуб меёбад, рӯйи эфир иҷозат дода мешавад ва чунин матҳо нисбатан харобанд аз нигоҳи таҳррири матн. Аз дигар самт назар афканем, он муаллифону журналистоне, ки имрӯз фаъолияти пурсамар доранд, иддао мекунанд, ки худ хатмкардагони факултаҳои журналистика ва филологияанду аз таҳрири матн ва ба қолаби муайян даровардану амиқсозии жанри мавод хуб огоҳанд.

Чун дар кори телевизион вазифаҳо муайяну мушаххас шудаанд, зарурат пеш омад, ки касбияти онҳо низ муқаррар карда шавад ва ин касбият метавонад тавоноии кори онҳоро муайян намояд.

Муҳаққиқ Д.Поттер дар ин назар аст, ки «Муҳаррир бояд дорои донишу малакаҳои гуногун, саводи комил, инчунин қобилияти мутобиқшавӣ ба вазъи тағйирёбанда ва фаъолияти муассир дар шароити ташаннуҷи рӯҳиву асабониятро дошта бошад» [2, с.71].

Акнун сухан сари масъалаи касбияти муҳаррир меравад. Муносибати касбӣ, пеш аз ҳама, маҷмӯи донишҳои ҳирфаӣ, донистани қонуниятҳои эҷод аст. Қонуниятҳои эҷоди журналистӣ табиати категориявии ба ҳам тобеъро доранд. Дар он ҳуқуқ ба қонун, матн ба жанр, жанр ба факт, факт ба воқеа, воқеа ба ҷомеа, ҷомеа ба муносибати инсонҳо алоқаманд аст [8, с.8].

Дарвоқеъ, муҳаррир нафаре дониста мешавад, ки бояд дорои дониши амиқ бошад ва аз касбияти худ дарак диҳад, зеро ӯ таҳриргар аст, ислоҳкунанда аст ва баъд аз нигоҳи охирини ӯ мавод ба ҷомеа пешкаш мешавад. Касбияти кори муҳаррир дар он ифшо мегардад, ки дид, шуурнокӣ ва мақсаду идеяи худро дошта бошад. Муносибати ӯ ба ҷомеа метавонад фазоеро ба вуҷуд биёрад ва онро муҳаррир метавонад бо истифода аз касбияти худ дар доираи жанрҳои журналистӣ ва қонуниятҳои он таҳлил ва таҳрир намояд ва дар натиҷа барномаҳои рангорангу ҷолибро пешниҳод кунад, ки фарқкунанда бошанду аз қонунҳои амалкунанда дар соҳа, васеъ истифода бурда, фаъолияти ҳамарӯзаи худро ба роҳ монад.

Дар ҳамин доира муҳаққиқ М.Муродов зикр менамояд: «…бехабар аз анъанаҳои касбӣ ва амиқ дарк накардани рисолати рӯзноманигорӣ боис гардид, ки гоҳо нафароне, ҳамчунин шогирдоне, ки ду-се матолиберо дар матбуоти даврӣ интишор намудаанд, худро журналисти баркамол меҳисобанд ва ба таҷрибаи ин мактаби бесобиқа ба чашми кам менигаранд. Онҳо гумон мекунанд, ки дар журналистика навишта тавонӣ шуд, донистани касбияту риояи меъёрҳои журналистӣ чандон муҳим нест» [8, с.9].

Ин ақидаи муҳаққиқ асос дорад ва моро зарур аст, ки дар рафти навиштани мақола ба фаъолияти муҳаррирон назар афканем. Пеш аз ҳама, барои касбияти кори муҳарриро муайян кардан зарур аст, ки аз фаъолияти муҳаррирони собиқадори соҳаи телевизион бохабар гардем. Мисоли равшанаш фаъолияти пурсамари Обид Ҳомидов, аввалин директори телевизиони «Тоҷикистон» шуда метавонад.

Обид Ҳомидов, аввалин директори телевизиони «Тоҷикистон» Зайнаб Ғуломова, Холиқ Келдиёров, Ӯлмасой Мухторова, Иброҳим Атахонов ва Пӯлодой Азимоваро аз нафарони нахустин медонанд, ки ба ҳайси муҳаррир ба кор шурӯъ намудаанд. Искандар Мирзоев дар китоби «Рукни чорум» исми Иброҳим Раҳматов ва Акбар Ҷӯраевро илова намуда, қайд менамояд, ки «инҳо аз аввалинҳоеянд, ки маълумоти филологӣ доштанд ва ба кор қабул гардиданд» [4, с.6].

Муҳаққиқ С. Хоҷазод дар китоби «Таърихи телевизиони Тоҷикистон» номҳои Бобо Ҳоҷӣ, Меҳмон Бахтӣ, Қутбӣ Киром, Баҳром Фирӯз, Сайф Раҳимзодӣ Афардӣ, Абдулло Қодирӣ, Фотеҳ Исҳоқӣ, Шоҳин Боев, Салимшо Ҳалимшо, Муҳиддин Хоҷаев, Ато Ҳамдам Равшани Ёрмуҳаммад, Раҷаб Мардон, Раҳмон Остон, Мазҳамшоҳ Муҳаббатшоев, Иноят Насриддин ва Асадулло Саъдуллоевро ҳамчун нафароне ном мебарад, ки дар вақтҳои муайян дар телевион кор намудаанд [6, с.8].

Солҳои нахустини таъсисёбии телевизион дар Тоҷикистон агар муҳаррирон ба беҳбудии хоҷагии халқи мамлакат, ҷамъоварии ҳосили пахта, кишту кор дар саҳро, рушди фермерӣ ва муайян намудани беҳтарин говчӯшзан дар ин ё он шаҳру навоҳии кишвар мароқ зоҳир менамуданд, солҳои навадум бошад, муҳаррирон он мавзӯъҳоеро пайгирӣ мекарданд, ки доғи рӯзи ҳамонвақта маҳсуб меёфт. Дуруст аст, ки бо пош хӯрдани давлати Шӯравӣ самт, фаъолият, давлатдории ҳар халқият ба тобишу ранг гирифтани зимомони вақт ба роҳ монда мешуд, лекин пиёда кардани равишу самти алоҳида ба ҳар абарқудрат муяссар намегардид. Чунки то аз байн рафтани давлати абарқудрати Шӯравӣ назарҳо ҳама як буданду самту равиш муайян. Акнун ҷудоиандозӣ, мустақилиятро ба даст оварданд ва садҳо масоили ба ҳамин монанд, дар фазои ҳамонвақта ба амал меомаданд. Дар ин миён шахси ҳақиқатҷӯй, иҷрокунандаи амалҳои на шахсӣ, балки ҷамъиятӣ ин муҳаррир буд, ки метавонист бо пешниҳоди андешаи солиму созанда вазъиятро ором созад.

Аз ин рӯ, муҳаррирон пайваста пайгири мавзӯъҳои сулҳу оштии миллӣ, якпорчагии давлат ва баргардонидани гурезагон ба Ватан ва монанди инҳо буданд. Ин аст, ки дар ин миён бо ба даст овардани соҳибистиқлолии кишвар соли 1991, дар телевизиони «Тоҷикистон» Шералӣ Мустафоқулов ба ҳайси муҳаррири нозукбину дурандеш ва бо ҷасорат тавонист силсилабарномаро бо номҳои муайян ва дар вақтҳои муайян бо унвонҳои гуногун омода созад. Мазмуни барномаҳои таҳиягардида низ ба номашон мувофиқат мекунанд. Масалан, барномаи аввал бо унвони «Во ғарибӣ» таҳия карда шудааст, ки пайваста садои дили ғарибон ба бинанда пешниҳод карда мешуд. Муҳаррир пайваста кӯшиш менамуд, ки воқеъбинона барномаро омода созад. Яъне, ин барнома на бо гапи хушку холии ин ё он нафар таҳия мегардид, балки муҳаррир бевосита бо сафар ба хоки Афғонистон ва дидор кардан бо тоҷикони ғарибу дур аз ватан суҳбатҳо ороста, рози дили онҳоро ифшо месохт. Барномаи дигари муҳаррир «Бозгашт» аст. Умед ба зиндагии оянда, қадам ниҳодан ба хоки аҷдодӣ, рӯй овардан ба осоиштагиву оромӣ ва билохира дар дили ғарибони дурафтода аз ватан шуълаи умедро афрӯхтану онҳоро дилгарм кардан ба зиндагӣ, ҳаёти осоишта ва ба макони пешину дӯстони пешин ва ҳалқаи ёру бародар ва фарзандону оила. Барномаҳои таҳиянамудаи муҳаррир Шералӣ Мустафоқулов рамзӣ буданд, ҳама пай дар пай, лекин мазмун, мақсад, маром, рафтору кирдор як, яъне баргардонидани гурезагон ба ватан ва фазои амну амонӣ ва сулҳу суботро фароҳам овардан ба кулли ҷомеа. Барномаи дигар «Аз блокноти журналист» унвон дорад, ки ин барнома низ ҳамоно аз ҷӯйбори барномаҳои пешин об мехӯраду ҳадаф низ як аст. Лекин дар солҳои воқеан мудҳиш аз соли 1992-ум то 1997-ум таҳия намудани чунин силсилабарномаҳо дар фазои ҳамонвақта кори осон набуд. Ин муҳаррир тавонист аз баҳри ҷонаш гузашта, баҳри ҷилои касбаш, муносибату дили гарм доштан ба касбаш чунин барномаҳоро таҳия ва пешниҳоди бинандаи телевизион намояд ва дар ҳамон вақт ин барномаҳо умдатарин ва сербинандатарин маҳсуб меёфтанд. Касбияти журналистика дар ниҳоди Шералӣ Мустафоқулов ҳамоно зиёд гардид ва мавсуф тавонист бо пешниҳоди ду филми мустанади телевизионӣ «Шуълае баъд аз ғуруб» ва «Вақт довар аст» аз касбияти худ дарк диҳад. Агар имрӯз ҳамаи рӯзноманигорон бо такя ба давру замони фаъолияташон чунин корҳоро анҷом диҳанд, воқеан касбияти кори муҳаррирӣ, рӯзноманигорӣ ва журналистӣ дар сатҳи зарурӣ нигоҳ дошта мешавад ва ҳатто рушд ҳам мекунад. Зеро имрӯз дар кишвар шабакаҳои телевизионӣ низ зиёд гардиданд ва ин самараи Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллист. Бо рушд кардани соҳа касбҳо низ метавонанд рушд кунанд.

3 сентябри соли 2005 Муассисаи давлатии телевизиони Сафина, 4 сентябри соли 2006 Муассисаи давлатии телевизиони кӯдакону наврасон Баҳористон, соли 2008-ум телевизиони Ҷаҳоннамо, соли 2015 ду телевизион - «Синамо» ва «Варзиш» ба фаъолият оғоз намуданд. Акнун махсусияти фаъолияти муҳаррир дар телевизион аз рӯйи самт ва ё формати таъсисёфтаи ҳамон телевизион сурат мегирад. Зеро, телевизионҳои таъсисёфта ҳар яке самти муайяни худро доранд.

Муҳаррирон дар телевизионҳои кишвар оғоз аз соли 2000-ум ба васфи арзишҳои миллӣ, дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати сартосариву нақш ва мавқеи зан дар кишвар ва хизматҳои хастанопазири Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шуруъ намуданд.

Журналист С.Бақозода бо пешниҳоди силсилабарномаи «Президенти мардумӣ» тавонист тариқи телевизиони «Тоҷикистон» аз муваффақиятҳои Пешвои миллат ва дасти ёрӣ дароз кардани ӯ ба сокинон ҳарф занад. Зеро, нақш ва мавқеи Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Пешвои тоҷикони дунё дар давлатдорӣ басо назаррас ва нотакрор аст.

Метавон барномаи «Шаббода»-и Нигинаи Муъминро мисол овард, ки муҳаррир, дарвоқеъ, ба ҳайси як масъул, муҳаррири касбӣ, соҳиби барнома, ҷилавгар ва матраҳкунандаи масоил ба воситаи баранда барномаро ҷолибу рангин менамояд. Ин барнома тариқи телевизиони «Сафина» ба бинанда пешниҳод мешуд ва, албатта, баҳси мавзӯъ адабӣ-фарҳангӣ буд. Аз музаффарият, муваффақият ва рушди адабиёт сухан мегуфт. Муддате, ки рӯйи эфир буду ба бинанда ғизои маънавӣ дод, касбияти кори муҳаррирӣ баръало дида мешуд. Мантҳои суфтаву равон, печ дар печи адабӣ омода мешуданд ва барандагон низ, ки донишҷӯёни факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буданд, бо мусоҳиб эҳтиромона суҳбат менамуданд. Гуфтаҳои болоро метавон бо андешаи устодони соҳа С.Гулов ва М.Ҷумъаев тасдиқ намуд, ки дар китобашон «Муқаддимаи журналистика» менависанд: «…муҳаррир дар радиову телевизион иттилоъро коркард карда, такмил медиҳад ва мувофиқан, дар васоити электронӣ баранда ё наттоқ матни омодашударо қироат менамояд» [1, с.87].

Муҳаррире, ки мо барномаҳояшро номбар намудем, албатта, мувофиқ аст ба андешаи муҳаққиқони соҳаи журналистика ва нафарест, ки барномаҳояш такмил меёбад, таҳрир мешавад ба воситаи пешбарандаи барнома ба бинанда пешниҳод мегардад.

Фаъолияти муҳарририи Нигинаи Муъмин пурсамар аст. То ҳол мавсуф барномаҳои «Нози Хаёл» ва «Вожазори маъонӣ»-ро низ пуртаъсир пешниҳоди бинанда гардонида истодааст ва касбияти кори муҳарририи он назаррас эҳсос мегардад.

Дар телевизиони «Баҳористон» метавон журналистон Каримҷон Бурҳонов, Сиёвуш Хидирзода ва Рухшона Қуддусоваро ба ҳайси муҳаррирони намунавӣ ном бурд. Зеро ин нафарон ба маънои томаш таҳриргарӣ мекунанду пешбарандаи барнома нафари дигар аст.

Муҳаррир Сиёвуш Хидирзода барномаҳои «Аз сомонаи Телевизиони Баҳористон», «Нодир», «Бо ҳам меёбем» - ро таҳия менамояд. Ин барномаҳо ба худ ровии махсус дорад. Сиёвуш Хидирзода муаллиф ва таҳриргар - ташкилотчии барнома маҳсуб меёбад. Касбият дар кори муҳарририи мавсуф ба назар мерасад, зеро барномаҳои омодагардида характери ҷумҳуриявӣ доранду ба формати қабулнамудаи телевизиони «Баҳористон» мувофиқанд, ба ибораи дигар, хосса барои ин шабака омода мешавад.

Мафҳум, сифатҳои касбӣ ва махсусияти фаъолияти муҳаррири телевизион дар он зоҳир мегардад, ки аз барнома бинанда ба худ чизе гирифта тавонад. Дар таҳияи барнома фаъолияти муҳаррир зарур аст. Барномаро метавонад журналист омода созад, аммо журналист-муҳаррир бошад, ровӣ метавонад барномаро пеш барад, лекин бояд дар кори он маҳсули эҷоди муҳаррир дида шавад.

Чун вазифаи муҳаррир таҳрир кардани мавод ба шумор меравад ва таҳлилгар маҳсуб меёбад, ҷоиз аст, ки муҳаррир бевосита дар экрани телевизион барномаҳои таҳлилиро омода ва пешниҳоди бинандагон гардонад. Зеро ин барномаҳо ба худ хусусияти хос дошта, аз ровӣ ва пешбарандаи барнома маҳорати баланди касбӣ, таҳлилгарӣ ва ҷаҳонбинии васеъро талаб мекунад ва ҳамаи ин гуфтаҳо дар симои муҳаррир дида мешавад. Муҳаққиқ А. Азимов низ роҷеъ ба ин масоил дар васоити таълимии таълифнамудаашон «Маҳорати журналистикаи таҳлилгари телевизион» қайд намудаанд: «Нақши таҳлилгари телевизион дар таъсирбахшии аудитория хеле бузург буд ва ҳоло ҳам ҳаст…журналисти таҳлилгар ҳар як факту рақам, рафти воқеа, муҳиммияти мавзӯъро дарк намояд, суханро ҳамеша санҷида, баркашида, ба бинандагон гӯяд» [7, с.40]. Ҳамзамон, номбурда Александр Бовен, Фарид Сайфул-Мулуков, Валентин Зорин, Юрий Зорин, Александр Каверзнев ва Ю.В. Фокинро аввалин таҳлилгарони телевизиони давраи Шӯравӣ ном мебарад.

Акнун дар телевизионҳои мо низ беҳтарин муҳаррирон ба ҳайси таҳлилгари ин ё он масоил шинохта мешаванд. Таи чанд сол Абдуғаффор Камолов бо барномаҳои таҳлилии «Мо ва минтақа», «Дидгоҳ», «Тафсир» рӯйи эфири телевизион буд. Садриддин Шамсуддинзода низ бо барномаи таҳлилии «Тафсир» диққати бинандаро ба худ ҷалб менамуд. Имрӯз бошад, яке аз таҳлилгарони хуби сиёсӣ дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» Барно Соҳибова дониста мешавад.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки мафҳум, хусусияти фаъолияти муҳаррир ба сифати касбии он алоқамандӣ дорад ва онро наметавон ба таҳияи як мақолаи илмӣ таҳлил намуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Гулов С. Муқаддимаи журналистика. Дастури таълимӣ / С.Гулов, М.Ҷумъаев. – Душанбе, 2016. – 176 с.
2. Поттер Д. Рӯзноманигори мустақил / Д.Поттер. – Душанбе, 2011. – 148 с.
3. Кемарская И.М. Телевизионный редактор / И.М. Кемарская. – Москва, 2015. – 154 с.
4. Мирзоев И. Рукни чорум. Ёдоштҳо аз Телевизиони Тоҷикистон / И.Мирзоев – Душанбе: «Деваштич», 2006. – 228с.
5. Фарҳанги тасвири забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2015. – 951с.
6. Хоҷазод С. Таърихи телевизиони Тоҷикистон / С.Хоҷазод. – Душанбе, 2009. – 158 с.
7. Азимов А. Маҳорати журналистии таҳлилгари телевизион (васоити таълимӣ) / А. Азимов. – Душанбе, 2013. – 88 с.
8. Журналистика ва замони муосир (маҷмӯи мақолаҳои илмӣ) Бароришu 1. – Душанбе, 2013. – 128 с.
9. Саъдуллоев А. Асоҳои журналистикаи телевизион / А.Саъдуллоев, М.Шоев - Душанбе, 2010. – 109 с.
10. Ҳамидов И. Социально-просветительские функции телевидения / И. Хамидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2015. – №4/3 (167). – С. 302-310.
11. Саъдуллоев А. Асосҳои журналистикаи телевизион / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2005. – 96 с.
12. Ҳамидов И. Имиджмейкинг ва нақши телевизион дар шаклгирии он / И. Ҳамидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2017. – №4/5. – С. 280-283.

МАФҲУМ, СИФАТҲОИ КАСБӢ ВА МАХСУСИЯТИ ФАЪОЛИЯТИ МУҲАРРИРИ ТЕЛЕВИЗИОН

Муҳаррир бояд дорои донишу малакаҳои гуногун, саводи комил инчунин қобилияти мутобиқшавӣ ба вазъи тағйирёбанда ва фаъолияти муассир дар шароити ташаннуҷи рӯҳиву асабониятро дошта бошад. Бо назардошти он ки тӯли даҳсолаи охир фаъолияти муҳаррир мутаносибан тағйир ёфт ва барои маънидодкунии илмии кори муҳаррир дар телевизион зарурат пеш омадааст, таҳҳиқи мавзӯи мазкур актуалӣ арзёбӣ мегардад. Имрӯз дар Тоҷикистон даҳҳо ширкатҳои давлатию хусусии телевизионӣ амал мекунанд, ки дар воҳиди кориашон вазифаи муҳаррир доранд. Аз ин рӯ, таҳқиқи истилоҳ ва вазифаҳои муҳаррири телевизионӣ дар шароити муосир муҳим аст. Вазифаи муҳаррири телевизионӣ солҳои охир рӯ ба дигаргунӣ ниҳод. Солҳои тӯлонӣ ин вазифа зери соя буда, ҳатто дуюмдараҷа менамуд, аммо тағрибаи даҳсолаи охир нишон медиҳад, ки табиати фаъолияти муҳаррири телевизионӣ тағйир ёфта, имрӯз ӯ ба яке аз нафарони асосӣ дар таҳияи барномаҳо гардидааст. Дар ин мақола муаллиф оид ба мафҳум, сифатҳои касбӣ ва махсусияти фаъолияти муҳаррири телевизион ҳарф зада, бо мисолҳои мушаххас таъкид мекунад, ки муҳаррир нафари дар телевизион асоситарин ва метавонад, ки истеҳсолкунандаи мавод бошад, матн нависад, таҳрир кунад ва ба бинанда пешниҳод созад. Ҳамчунин, муаллиф дар бораи нақши муҳаррирон дар телевизиони «Тоҷикистон» дар солҳои аввали Истиқлолият сухан меронад.

Калидвожаҳо: муҳаррир, телевизиони «Тоҷикистон», Истиқлолият, таҳрир, драматургия, муаллиф, сабт, сенарист.

ПОНЯТИЕ, ПРОФЕССИОНАЛЬНЫЕ КАЧЕСТВА И ОСОБЕННОСТИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ТЕЛЕВИЗИОННОГО РЕДАКТОРА

На телевидении позиция редактора появилась по аналогии с наличием такой же позиции в кинопроизводстве. Все редакторы работали в штате, и это принципиально отличало их от авторов – сценаристов, драматургов, которые были «внештатниками» и приглашались на конкретный фильм или программу по договору. Авторы создавали содержание программы, контент, как сказали бы сейчас. Сценаристы считались людьми творческими, но как бы «второсортными». Следом за идеологией шли жесткие эстетические критерии, опиравшиеся на каноны господствовавших тогда художественных вкусов. Редактор обязан был следить за этическим и эстетическим уровнями произведения - это он вносил правки в сценарий и в готовый фильм. Часто эти правки были очень субъективными, так как оценки зависели как от пристрастий самого редактора, так и от самых разнообразных «общественных требований», высказываемых всеми уровнями руководства студий и высших инстанций. Кроме того, редактор отвечал за достоверность содержания произведения. Если оставить в стороне идеологию, то на практике это сводилось к «железной» необходимости проверки всех сообщаемых в эфир фактов, к выработке особой профессиональной привычки обязательно искать подтверждение любой используемой информации. Ни одна из документальных и научно-популярных программ, ни один телефильм не могли быть сданы без визы консультанта, и редактор обязан был понимать аргументацию приглашенного для этого специалиста и уметь

разговаривать с ним на одном языке. В несколько измененном виде эти навыки востребованы и сегодня, например, при работе с заказными темами и с самими заказчиками. С редактора также спрашивали и за возможную неоднозначную интерпретацию программы, которой мог быть чреват просмотр. Такой подход настраивал каждого редактора на мощнейшую самоцензуру, на перестраховку. Но одновременно он вырабатывал привычку проверять, кем и как будет восприниматься разной аудиторией любая содержащаяся в программе информация, вся программа в целом и ее отдельные части.

Ключевые слова: редактор, телевидение «Таджикистан», независимость, редакция, драматургия, автор, съемка, сценарист.

CONCEPT, PROFESSIONAL QUALITIES AND FEATURES OF ACTIVITY OF THE TELEVISION EDITOR

On television the position of the editor appeared by analogy with existence of the same position in film production. All editors worked in the state, and it essentially distinguished them from authors – screenwriters, playwrights who were "freelancers" and were invited to the concrete movie or the program for the contract. Authors got contents of the program, content as would tell now. Screenwriters were considered as people creative, but kind of as "second-grade". After ideology there were rigid esthetic criteria leaning on canons of the art tastes dominating then. The editor was obliged to watch ethical and esthetic levels of the work - it he made changes in the scenario and in the ready movie. Often these changes were very subjective as estimates depended both on addictions of the editor, and on the most various the "public requirements" stated by all levels of the management of studios and the highest authorities. Besides, the editor was responsible for reliability of contents of the work. If to lay aside ideology, then in practice it came down to "iron" need of check of all facts reported in air, to development of a special professional habit it is obligatory to look for confirmation of any used information. Any of documentary and popular scientific programs, any television movie could not be handed over without visa of the consultant, and the editor was obliged to understand the argument invited for this expert and to be able to talk to him in one language. In a little changed look these skills are demanded and today, for example during the work with custom subjects and with customers. From the editor asked also for possible ambiguous interpretation of the program with which viewing could be fraught. Such approach adjusted each editor on the most powerful self-censorship, on the most various reinsurances. But at the same time he developed a habit to check who and as will perceive by different audience any information which is contained in the program, all program in general and its separate parts.

Key words: editor, television Tajikistan, independence, editorial office, dramatic art, author, shooting, screenwriter

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исматуллои Ҳабибулло Нарзуллозода*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. E-mail: umedjon08@inbox.ru. Тел.: **(+992) 985-04-93-79**

Сведения об авторе: ***Исматуллои Хабибулло Нарзуллозода*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **umedjon08@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 985-04-93-79**

Information about the author: ***Ismatulloi Habibullo Narzullozoda*** - Tajik National University, graduate student of Department of television and broadcasting faculty of journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **umedjon08@inbox.ru.** Tel.: **(+992) 985-04-93-79**

УДК: 902+07+05+371+004+37 тоҷик

СОМОНАҲО ВА ҲАССОСИЯТҲОИ АХЛОҚИ МИЛЛӢ

Раҳимҷонов Х.У.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Масъалаи муносибат бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ, ки дар он асосан ба стандартҳои байналмилалии этикаи касбии журналист такя мешавад, дар журналистикаи муосир ниҳоят мубрам аст, зеро дар ҳама санадҳои байналмилалии марбут ба этикаи касбии журналист риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ шарти муҳимми муваффақияти дарозмуддати воситаҳои ахбори омма дониста мешавад. Ин нукта муҳим аст, ки ҳама санадҳое, ки хислати худтанзимкунанда доранд, дар асоси омӯзиши таҷрибаи чандинсолаи матбуот ва дигар воситаҳои ахбор ба амал омада, бо мақсади ҳимояи шаъну шарафи журналистон ва эътибори касбии онҳо, ҳифзи моҳияти рисолати касбӣ тартиб ёфта, барои ҳамовозӣ ва эътирофу риоя пешниҳод мегарданд. Дар шароити имрӯзаи фаъолияти воситаҳои ахбор, ба назари мо, риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ чун зарурати ногузир арзи вуҷуд мекунад,

зеро рақобат миёни расонаҳо - талоши пешгомӣ дар пешниҳоди матолиб ва кӯшиши ҳар чӣ бештари ҷалби аудитория имрӯз маҳз тавассути риояи меъёрҳои ахлоқӣ метавонад имконпазир бошад, чун дар ин маврид сухан сари эътимод қарор мегирад ва эътимод бастагӣ ба меъёрҳои ахлоқӣ дорад; яъне, дурустсуханӣ, муносибати боэҳтиромона, бидуни ғараз пешниҳод намудани матлаб, ба ҳангома ва иттилои носаҳеҳ дода нашудан аз омилҳои муҳимми дарёфти эътимод маҳсуб мешаванд.

Ин нукта аз ҷониби муҳаққиқони соҳа низ зикру таъкид шудааст, ки риоя нагардидани меъёрҳои ахлоқӣ ва ба ҳангома рӯй овардан оқибати хуб надорад. Муҳаққиқ Д.С. Авраамов менависад: “Меъёр чорчӯбаи аввалини ахлоқи касбист. Маҳз ҳамин барои ҷомеа муҳим будан ва вариантҳои маъмулии рафторро муаяйн мекунад. Бинобар ҳамин, таркибҳои меъёриро дар мадди аввал бояд гузошт” [1, с.73]. Муҳаққиқон С. Гулов ва М. Ҷумъаев дар “Муқаддимаи журналистика” менависанд, ки “...фаромӯш кардани принсипҳои этикӣ баъзан барои журналист оқибатҳои нохуб оварда метавонад” [3, с.141]. Муҳаққиқ Бахтиёри Қутбиддин менависад: “бисёриҳо гумон мекунанд, ки ҳангомаҷӯёна навиштан далериву шуҷоат аст. Як қисми хонандаҳо бошанд, амиқ дарк карда наметавонанд, ки ин гуна навиштаҳо чӣ мантиқу ҳадафе дар пай доранд. Як қиёси одиро бояд зикр намуд. Ҳангома ва иғво дар навишта мисоли амали он шӯрапӯштест, ки роҳи таъсир ба муҳиту дарёфти шуҳратро хеле хуб медонад” [6, с.85]. Ӯ сухани худро шарҳ дода, менависад, ки ин шӯрапӯштро дар ҷамъият аксарият мешиносанд ва ин шинохт шинохти нафратдор аст, яъне ошкору ниҳон ба ӯ ва аъмолаш нафрин мефиристанд.

Муҳаққиқи соҳа Суҳроби Мирзоалӣ менависад, ки “журналист аввалин шахсест, ки аз рӯйдод, моҳияти он огаҳӣ меёбад. Ин шарафи бузург аст, вале ба чунин шараф ноил шудан осон нест” [7, с.176].

Мутриба Бобоҷонова, ки ба таҳқиқи вазъи риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар ВАО-и минтақавӣ машғул аст, менависад, ки “риоя нашудани меъёрҳои ахлоқӣ ҳангоми таҳия ва пахши маводи журналистӣ ва дар онҳо ҷой доштани аломатҳои фисқу фуҷур, ифроти шаҳват, бадахлоқӣ боиси костагии фарҳанги миллӣ гардида ва оқибат ба сатҳи маънавию тарбиявии аҳолии кишвар таъсири манфӣ гузоштани он мумкин аст” [2, с.29]. Мо низ ба ин назар ҳастем, ки дар маводи журналистӣ ҷой доштани на танҳо аломатҳои фисқу фуҷур, балки дар шакли ошкоро мавҷуд будани онҳо оқибати бештар аз онеро дорад, ки зикраш рафт.

Имрӯзҳо дар мисоли муносибат бо яке аз масъалаҳои нозуки ахлоқӣ – робитаҳои маҳрамона чунин ба назар мерасад, ки кормандони сомонаҳо ба ҳангома таваҷҷуҳ карда, баъзан меъёрҳои ахлоқи касбиро сарфи назар мекунанд. Ин гуна намунаҳоро мо дар матлабҳои сомонаи akhbor.com, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мавод интишор медиҳад, мушоҳида мекунем.

Сомонаи akhbor.com 11-июни соли 2018 зери унвони “Видео: Ҳангоми зино ба даст афтодани як марду як зан дар Фархор” хабар дод. Дар ин матлаб, ки матни кӯтоҳ дошт, аслан маълумотномаи ҳамон навори видеоӣ буд ва пас аз он навори видео бо навиштаҷоти “Видео”. Ин навор дар доираи на танҳо меъёрҳои ахлоқи касбӣ, балки дар доираи одоби тоҷикона намеғунҷид. Бо замони гузашта муносибат кардани мо ба он хотир аст, ки ин матлаб дигар дар сомона вуҷуд надорад; пок карда шудааст. Хеле хуб аст, ки имрӯзҳо тавассути шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ имкони мустақими вокуниш ба матлабҳои интернетӣ ҳаст. Ҳарчанд бархе сомонаҳо низ чунин имкониятро ба хонандагон пешниҳод мекунанд; “баёни ақида”, “назари шумо” барин навиштаҷоти зери матлабҳо бо ин мақсад созмон дода шудаанд, вале номҳои мустаор ва на чандон воқеӣ эътимоднокии назарҳоро камтар менамояд. Аз ин рӯ, дар шабакаҳои иҷтимоӣ вокуниш нишон додани хонандагон бо ному насаби айнии худ, ки ҳамчунон имконияти муайян намудани мавқеъ ба дигар хонандагонро медиҳад, бисёр муносиб ва корагар аст.

Масалан, рӯзноманигор Комрони Аслон дар саҳифаи фейсбукиаш бо ҳадафи нишон додани мавқеи худ ин матлаби сомонаи akhbor.com-ро бознашр карда, дар муроҷиат ба

муассиси сомона навишт: “Дар ин хабар бояд талаботи этикаи касбиро риоя мекардед. Нишон додани ин гуна наворҳо хилофи этикаи касбӣ аст. Ин андешаи банда мебошад”.

Дар вокуниш ба ин амали ӯ чанд тани дигар, аз ҷумла, рӯзноманигорон назари худро баён карда, мавқее, ки мо дорем, тақвият бахшидаанд. Ба гунаи мисол, Ҳарамгули Қодир менависад, ки “вақтҳои охир ҳолатҳои ҷогахоб ахборсоз шудаанд. Аҷаб, ин ягон сиёсат ё мағзшӯии афкори ҷомеа аст? Ё журналистон рисолати худро фаромӯш кардаанд?!” Корбари дигар Шавкат Бадеъзода ба масъала фаротар муносибат карда, менависад, ки “ин чи дониста ва чи нодониста аст, вале қонуне ҳаст бо ифодаи русӣ “закон обратного эффекта”, ки кори худ мекунад”. Исфандиёри Назар ба ин амали Комрони Аслон шӯхиомез муносибат карда, вале дар ишора ба мавқеи ӯ ҳарфи ҷиддиеро мегӯяд: “Ва онро такрор овардан ҳам айни ҳамон айбро дорад”. Мо низ ба мавқеи К. Аслон мувофиқем, вале ба он ки наворро такроран ва пеш аз муассиси сомона ба шабакаи иҷтимоӣ кашидааст, мувофиқ нестем, зеро имкон буд, ки бидуни бознашри айнани хабар аз сомона танҳо зикр кардан ки ҳамин гуна хабаре бо навор пахш шудааст ва хилофи одоби инсонист, кифоя буд.

Ҳафтае қабл аз ин ҳамин сомона бо унвони “Боздошти келини хона ҳангоми зино бо марди бегона” хабар дода буд, ки он ҳам навори видеоӣ дошт. Ин ду хабар, ки дар фосилаи на чандон тӯлонӣ бо навори видеоӣ дар ин сомона пайдо шуданд, моро водор намуда, то ба ин масъалаи нозуки ахлоқӣ таваҷҷуҳ намоем. Ба назари мо, омили ҳангомасозии ҳолатҳои мазкур барои сомона боис гардида, ки ба онҳо таваҷҷуҳ намояд ва ҳатто аз пешниҳоди навори фаҳш низ худдорӣ накунад. Барои тарроҳи сомона маълум аст, ки чунин мавзӯъҳои барои ҷомеа ҳассос диққатҷалбкунанда аст, аз ин рӯ, истифода бурдан мехоҳад. Аз ҷониби дигар, паиҳам ба ин мавзӯъ рӯй овардан низ ҳадафи дигареро дар пай дошта метавонад, ки қобили мулоҳиза аст. Ҳатто дар ҷомеаи Ғарб, ки барояш мавзӯъҳои эротикӣ чандон ҳассос нест, аъмоли ношоистаи шахсони алоҳида, ки дар ҷомеа нафари муқаррарӣ ҳастанд, ҳеҷ гоҳ хабарсоз буда наметавонад, зеро омили сенсатсионӣ надорад. Агар чунин амал аз ҷониби шахсиятҳои дар ҷомеа матраҳ сар занад, пас дар ин маврид ба он таваҷҷуҳ мешавад ва муҳокимаҳо сурат мегиранд.

Дар ҷомеаи суннатии мо, ки аз нигоҳи эътиқодӣ зино ва зинокориро шадидан маҳкум мекунад, нисбат ба ин гуна хабарсозиҳо бо ҳассосият муносибат мешавад. Баъдан, ҳамон ҳолате ки доир ба ҷомеаи ғарбӣ гуфтем, ин ҷо низ мавқеъ пайдо мекунад, яъне аъмоли нафарони алоҳида наметавонад баёнгари вазъи куллии ҷомеа бошад ва чун омили хабарсоз баромад кунад.

Паиҳам ба ин мавзӯъ рӯй овардани akhbor.com чунин мазмунро дорад, ки онро метавон ба самте равона сохтани афкор номид. Яъне, бо пахши чунин хабарҳои ҳангомавӣ ва наворҳо бонги хатар задан аз он ки дар ҷомеа чунин ҳолатҳо зиёд шудаанд ва шудан доранд. Албатта, ҷойи инкор надорад, ки дар ҷомеаҳо инсонҳо яксон нестанд, гуногунанд, вале дар ҷомеаҳои суннатӣ қонунҳои нонавиштае ҳаст, ки тавассути он ҷомеа худро танзим менамояд. Баъдан, ҷойи таассуф дорад, ки ба ифодаи Ҳарамгули Қодир, “журналистон рисолати худро фаромӯш кардаанд ва “ҳолатҳои ҷогахоб”-ро хабарсозӣ менамоянд” ва бо ин роҳ ҳадафҳои геополитикҳоро, ки мақсади вайрон намудани низоми ҷомеаҳои суннатиро доранд, амалӣ менамоянд.

Шоистаи таъкид аст, ки маҳз ҳамин вокуниши тунд дар шабакаи иҷтимоии Facebook.com боиси фавран тоза шудани навори мазкур дар сомона гардид. Ҳамчунин, навори “келини хона” низ бо эълони он ки бо хоҳиши наздикони келин аз сомона гирифта мешавад, пас аз ду рӯз ғайб зад. Шоистаи зикр аст, ки ин навор низ дар шабакаҳои иҷтимоӣ мавриди баррасии ҷиддӣ қарор гирифта буд ва аксарият онро маҳкум намуданд. Яъне, вокуниши ҷомеа ба чунин хабарҳо натиҷаи дилхоҳ ба бор овард ва андешаи моро собит намуд, ки ба чунин мавзӯъҳои ҳассос эҳтиёткорона муносибат бояд кард.

Боиси таассуф аст, ки бо вуҷуди чунин вокунишҳои шадид ва таъсирҳои бевосита пас аз чанде муассиси сомонаи мазкур ҳамаро ба боди фаромӯшӣ медиҳад ва боз ҳам аз паси

чунин хабарҳои “доғ” мегардад. Масалан, хабаре бо унвони “Келини хона бо марди бегона ба даст афтод” [8] дар санаи 25 июни соли равон, ки ин ҳам навори видеоӣ дорад, пахш гардид. Навори видеоӣ тавре дар оғози хабар ба таври ҳангомаҷӯёна зикр мешавад, аз шабакаҳои иҷтимоӣ гирифта шудааст: “Видеои бо марди бегона ба даст афтодани келини як оила дар Тоҷикистон ду рӯз пеш дар Интернет нашр шуд ва ҳоло дар саросари Тоҷикистон дар телефонҳои мобил чарх мезанад. Кай ва дар куҷо сабт шудани ин видеои дудақиқагӣ маълум нест, вале навор аз лаҳзае шурӯъ мешавад, ки чанд марди зоҳиран хешованди наздики шавҳари зан нимашаб вориди хонаи хоби торики ӯ мешаванд ва чароғро рӯшан мекунанд, ки зан ҳамроҳи як марди бегона аст”.

Ҳангомаҷӯёна будани ин хабар дар он аст, ки мегӯяд, дар сар то сари Тоҷикистон дар телефонҳои мобил чарх мезанад. Ҳол он ки тавре аз мушоҳидаи бархӯрди хонандагон, шарҳҳои онҳо дар шабакаи иҷтимоии Facebook.com, ки муассиси сомона бознашр кардааст, бармеояд, аксарият тавассути akhbor.com аз он огоҳ шудаанд. Ин навор низ бо таъсири вокунишҳои тезу тунд пас аз як рӯз аз сомона гирифта шуд. Ҳатто назарҳое пайдо шуданд, ки пахши чунин хабарҳоро дар akhbor.com номуносиб донистанд, дар муроҷиат ба муассиси сомона иброз доштанд, ки чунин сомонаи ҷиддӣ ва манбаи ахбор барои аксарият дар дохилу хориҷи кишвар набояд ба сатҳи матбуоти зард поён ояд. Ба назари мо, яке аз сабабҳои ба ин мавзӯъ рӯй овардани сомонаи мазкур шояд донистани мавқеи хонандагон ва бархӯрди онҳо бошад, чун мехоҳад ба ин васила самти фаъолияташро “васеътар” намояд.

Мо ба ин назар ҳастем, ки вақте сомонаи akhbor.com ҳамчун воситаи ахбор барои омма баромад мекунад, бояд ба оддитарин талаботи касбӣ риоя мекард. Аз нигоҳи аввал эҳсос мегардад, ки моҳияти иттилоъ дар ин “хабарҳо” аслан вуҷуд надорад. Дар бораи аҳаммияти иҷтимоӣ ва формати таҳияи хабар ҳоҷати сухан нест.

Дар муқоиса ба ин, сомонаи радиои “Озодӣ”, ки хабарҳои сенсатсионии akhbor.com - “Таҷовузи духтари ҳафтсола дар Ҳисор” [9], “Оғози тафтиши қазияи таҷовуз ба номуси духтари ҳафтсола дар Ҳисор”-ро, ки 17 ва 18-уми июни соли равон паиҳам дар ин сомона пайдо шуданд, пайгирӣ кардааст, ба моҳият ва аҳаммияти иҷтимоии хабар таваҷҷуҳ намуда, онро дар шакли муфассал пешниҳод намудааст. “Таҷовузи духтари 7-сола боиси барканории ду мудири мактаб шуд” [10] - хабари “Озодӣ” аст, ки чунин моҳият дорад. Ҳарчанд ин хабар низ бо хислати шаҳвонӣ ва моҳияташ даҳшатбор аст, вале воқеияте аст, ки ҷойи инкор надорад, зеро чунин ҷинояти нангин дар ҳоли маълум гардидан набояд беҷазо монад.

Ҳарчанд сомонаи радиои “Озодӣ” дар муқоиса бо akhbor.com рисолати худро медонад, аммо дар хабарҳои он низ ҳангоми инъикоси масъалаҳои нозуки ахлоқӣ саҳлангорӣ мушоҳида мешавад. Масалан, дар хабари ҳангомавии “Зане, ки 10 мардро олудаи СПИД кард, 1 сол зиндонӣ шуд” [11] маълумоти носаҳеҳ нашр шудааст. Мо ба он назарем, ки вобаста моҳияти иҷтимоӣ нашри ин хабар зарурат дошт, вале бо назардоштии нозукии ахлоқиаш то пурра муайян шудани дурустии маълумот бояд сабр мешуд.

Аз баррасии мавзӯи мазкур ва таҳлили мисолҳои мушаххас мо ба натиҷае расидем, ки дарки он масъалаҳои ахлоқӣ ниҳоят нозуканд ва бо онҳо эҳтиёткорона муносибат кардан, барои беҳбудии кори рӯзноманигорон мусоидат мекунад ва онҳоро дар назди хонандагон дар ҳолати ногувор намегузорад.

АДАБИЁТ

1. Авраамов Д.С. Профессиональная этика журналиста: учебное пособие / Д.С. Авраамов. – М.: Изд-во МГУ, 1999. – 224 с.
2. ВЭА ва армонҳои миллӣ (маҷмӯи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2015. – 158 с.
3. Гулов С. Муқаддимаи журналистика / С.Гулов., М.Ҷумъаев. – Душанбе, 2017. – 176 с.
4. Журналистикаи байналхалқӣ. Қисми VI (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2014. – 144 с.
5. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи Мӯҳсинӣ. Рисолаи Ҳотамия / Ҳусайн Воизи Кошифӣ. – Душанбе, 1991. - 320 с.

6. Қутбиддин Б. Роҳ ба сӯйи эҷод / Б. Қутбиддин. – Душанбе, 2015. – 108 с.
7. Мирзоалӣ С. Хабар: Аз Машриқ то ба Мағриб / С. Мирзоалӣ. – Душанбе, 2009. – 196 с.
8. Келини хона бо марди бегона ба даст афтод [Манбаи электронӣ] URL: http://akhbor.com/-p6509-168.htm (санаи истифодабарӣ: 25.06.2018)
9. Таҷовуз ба номуси духтари ҳафтсола [Манбаи электронӣ] URL: http://akhbor.com/-p6422-170.htm (санаи истифодбарӣ: 17.06.2018)
10. Таҷовузи духтари 7-сола боиси барканории ду мудири мактаб шуд [Манбаи электронӣ] URL: www.ozodi.org/a/29325090.html (санаи истифодабарӣ: 04.07.2018)
11. Зане, ки 10 мардро олудаи СПИД кард, 1 сол зиндонӣ шуд [Манбаи электронӣ] URL: https://www.ozodi.org/a/29416531.html (санаи истифодабарӣ: 08.08.2018).

СОМОНАҲО ВА ҲАССОСИЯТҲОИ АХЛОҚИ МИЛЛӢ

Дар ин мақола муаллиф яке аз муҳимтарин масъалаҳои журналистикаи тоҷикро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки ин дарки моҳияти рисолати касбӣ аз ҷониби онҳо мебошад. Таъкид мекунад, ки масъалаи муносибат бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ, ки дар он асосан ба стандартҳои байналмилалии этикаи касбии журналист такя мешавад, дар журналистикаи муосир ниҳоят мубрам аст, зеро дар ҳама санадҳои байналмилалии марбут ба этикаи касбии журналист риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ шарти муҳимми муваффақияти дарозмуддати воситаҳои ахбори омма дониста мешавад. Дар такя ба андешаҳои муҳаққиқони шинохтаи соҳа зикр мешавад, ки меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва санадҳои худтанзимкунии фаъолияти журналистӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи чандинсолаи матбуот ва дигар воситаҳои ахбор ба амал омада, бо мақсади ҳимояи шаъну шарафи журналистон ва эътибори касбии онҳо, ҳифзи моҳияти рисолати касбӣ тартиб ёфта, барои ҳамовозӣ ва эътирофу риоя пешниҳод мегарданд. Муаллиф таъкид менамояд, ки дар шароити имрӯзаи фаъолияти воситаҳои ахбор риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ чун зарурати ногузир арзи вуҷуд мекунанд, зеро рақобат миёни расонаҳо – кӯшиши аввалин будан дар пешниҳоди иттилоъ ва кӯшиши ҳар чӣ бештари ҷалби аудитория имрӯз маҳз тавассути риояи меъёрҳои ахлоқӣ метавонад имконпазир бошад, чун дар ин маврид сухан сари эътимод қарор мегирад ва эътимод ба меъёрҳои ахлоқӣ сахт алоқаманд аст. Яъне, сухани дурусту саҳеҳ, муносибати боэҳтиромона, бидуни ғараз пешниҳод намудани матлаб, ба ҳангома ва иттилои носаҳеҳ дода нашудан аз омилҳои муҳимми дарёфти эътимод маҳсуб мешаванд.

Калидвожаҳо: журналистика, журналист, матбуот, рисолати касбӣ, аудитория, риоя, меъёрҳои ахлоқӣ, эҳтиром, дурустӣ, саҳеҳӣ, ғараз/

САЙТЫ И ВОСПРИИМЧИВОСТЬ НАЦИОНАЛЬНОЙ МОРАЛИ

В этой статье автор рассмотрел один из важнейших вопросов журналистики в Таджикистане, который является наглядным свидетельством их профессиональной миссии. Он подчеркивает важность работы над профессиональной этикой, в которой он опирается, прежде всего, на международные стандарты профессиональной этики, что является очень важным требованием журналистики, поскольку все международные документы, связанные с профессиональной этикой журналистики, соответствуют моральным стандартам профессиональной этики, и являются важнейшим компонентом долгосрочного успеха СМИ. Автор подчеркивает, что по мнению известных исследователей, стандарты профессиональной этики и саморегулирования журналистской деятельности основаны на многолетней работе средств массовой информации и других источников и направлены на защиту профессиональных устремлений журналистов и их профессиональной репутации. Автор подчеркивает, что в нынешнем состоянии средств массовой информации соблюдение этических стандартов очень важно, потому что конкуренция между средствами массовой информации - первая попытка представить информацию и усилия большинства аудитории сегодня возможна посредством этики, поскольку в этом случае она основана на доверии и в значительной степени опирается на этические нормы. То есть правильное, точное, честное отношение, предоставление материальной и невербальной информации является важным фактором доверительного управляющего метода работы.

Ключевые слова: журналистика, журналист, пресса, профессиональный, ответственность, аудитория, соблюдение, этические нормы, уважение, правильность, пристрастие.

SITES AND SUSCEPTIBILITY OF NATIONAL MORALITY

The author emphasizes, in the opinion of well-known researchers, the standards of professional ethics and self-regulation of journalistic activities are based on studying several years of the media and other media and are aimed at protecting the professional aspirations of journalists and their professional reputation for presentation and confirmation. The author emphasizes that in the current state of media compliance with ethical standards is very important, because competition between the media is the first attempt to present information and the efforts of the majority of the audience today is possible through ethics, because in this case it relies on trust and largely relies on ethical standards. That is, correct, accurate, honest attitude, the provision of material, and non-verbal information is an important factor in the trust of the trustee. The author emphasizes that in the current state of the media, compliance with ethical standards is very important,

because competition between the media is the first attempt to present information and the efforts of the majority of the audience today is possible through ethics, because in this case it is based on trust and largely based on ethical standards. That is, the correct, accurate, honest attitude, the provision of material and non-verbal information is an important factor in the trust management method of work.

Key words: journalism, journalist, press, professional responsibility, audience, compliance, ethical standards, respect, correctness, addiction.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳимҷонов Х.У.*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, (сотрудник) ҳамкори кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **khushdil_09@list.ru.** Тел.: **(+992) 934-89-26-56**

Сведения об авторе: ***Рахимджонов Х.У.*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, сотрудник кафедры ТВ и радиовещании факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **khushdil_09@list.ru.** Тел.: **(+992) 934-89-26-56**

Information about the author: ***Rahimjonov Kh.U.*** - Tajik National University, a Candidate of Sciences in Philology, a teacher-colleague in the TV and radio department of the faculty of journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **khushdil_09@list.ru.** Tel.: **(+992) 934-89-26-56**

УДК: 070 (575.3)

ТАСНИФОТИ МАВЗӮИИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР ЧАҲОРЧӮБАИ АРЗИШҲОИ УМУМИБАШАРӢ ДАР РӮЗНОМАИ “ҶУМҲУРИЯТ” ВА ҲАФТАНОМАИ “ОЗОДАГОН”

Шодихони Назар
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Миллат – ин як организми воҳиди иҷтимоӣ аст, ки дар заминаи забону фарҳангу арзишҳои миллӣ, густариши равобити иқтисодию иҷтимоӣ байни маҳалҳо, ба вуҷуд омадани бозори миллӣ ташаккул меёбад. Миллат на танҳо такягоҳи ҷомеа аст, он ҳамчунон мардумро бо неъматҳо ва хадамоте таъмин менамояд, ки ҳамагон ба онҳо ниёз доранд, вале ҳеҷ кас ба танҳоӣ наметавонад онҳоро ҳосил кунад. Дар ҷое, ки миллат шакл гирифта бошад, маъмулан, фардҳои ҷомеа худро мансуби он организми воҳид медонанд, забону фарҳанг ва арзишҳои миллии худро гиромӣ медоранд ва барои ободию амнияти сарзамину ҳаммиллатҳояшон омодаи фидокорӣ мебошанд. Дар миёни фардҳои миллат эҳсоси ҳамбастагию бародарӣ вуҷуд дорад ва маъмулан, онҳо бо якдигар ҳамкорию рафоқат мекунанд. Дар ташаккулёбии миллат ҳадафи асосӣ пешрафт кардану ба пояи миллат расидан аст. Дар ин давра, маъмулан, ҳисси худшиносию миллатгароӣ авҷ мегирад, хусусан дар ҷое, ки дар роҳи ташаккулёбии миллат мушкилоту мамониятҳо мавҷуд бошад. Масалан, дар ҷое, ки халқ озоду соҳибихтиёр набошад, зери фармони бегонагон қарор дошта бошад ва арзишҳои миллӣ дар хатар бошанд. Дар чунин ҳолат ҳадафи асосӣ аз ба даст овардани истиқлолият ва эҷоди давлати миллӣ иборат аст. Пас аз касби истиқлолият, ба таҳкиму тақвияти пояҳои давлати миллӣ ва таъмини амнияти он мепардозанд.

Сад шукр, ки ба мардуми тоҷик ин истиқлолият насиб гардид ва имрӯз мардуми ин кишвар дар фазои ободу осоиштаи Ватан барои мустаҳкам намудани пояи истиқлолияти кишвар ва ривоҷу равнақ додан ба масъалаҳои миллӣ ҷаҳду талош карда истодаанд. Барои сохтани давлати миллие, ки дар байни дигар кишварҳою халқҳо пурра инъикоскунандаи фарҳанг, расму ойин, маданият ва тамаддуни хеш бошад, ҳар фарди он кишварро зарур аст, ки баҳри ҳимояи расму оин ва фарҳанги миллати хеш фидокор бошанд. Хусусан, дар замони ҷаҳонишавӣ, ки аксарият миллату давлатҳо аз байн рафта истодаанд.

Дар матбуоти миллии мо солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият масъалаҳои худшиносии миллӣ дар ҷаҳорчӯбаи арзишҳои умумибашарӣ ба инобат гирифта намешуд.

Зеро пояҳои давлатдорӣ фалаҷ гардида буд ва натанҳо халқи одӣ, балки зиёиёни кишвар низ дар фикри ғизои моддӣ буданд, на маънавӣ. Ҳамин сабаб буд, ки бисёр арзишҳои миллии миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ беҳимоятгар монданд. Зимни пайгирии мавзӯи мазкур дар матбуот, хусусан рӯзномаи "Ҷумҳурият" ва ҳафтаномаи "Озодагон", ки мо корро дар ду нашрия дар солҳои 2008-2018 ба риштаи таҳлил кашидем, маълум мегардад, ки аз ин ду нашрия яке нашрияи расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пурра аз арзишҳои умумибашарии миллати тоҷик ҳимоят карда наметавонад. Ҳафтаномаи "Озодагон" бошад, озодии суханро баҳри дигарандешӣ шиор қарор дода, ба онҳое, ки зиддӣ арзишҳои миллати тоҷик ҳарф мезананд, минбар медиҳад.

Мутаассифона, як қисми равшанфикрон ин минбарро истифода намуда, бар ин назаранд, ки тоҷикон то ҳол миллат нашудаанд, ки бар зарари идеология ва арзишҳои миллӣ аст. Бо ин гуна андешаву ифтихор, ки дар матбуот ба табъ мерасад, наметавон насли ояндаро дар як рӯҳия ба ҳам овард. Бо ин гурӯҳ оё метавон миллату давлат сохт? Ҳаргиз на! Ин тоифаро равшанфикри миллат гуфтан ҳам дуруст нест. Агар мо миллат намебудем, кайҳо таърих моро фаромӯш мекард, имрӯз соҳиби давлат намебудем. Дар солҳои 2008-2018 ин масъала каме дар матбуоти хусусии тоҷик мушоҳида мешавад. Хушбахтона, онҳое, ки хизмати хоҷагони хориҷиашонро ба ҷо овардан мехостанд, ба ҳадаф нарасиданд. Баъди пайдо гардидани ин мавзӯъ рӯзномаи "Ҷумҳурият" ҳамчун нашрияи расмии Ҳукумати Тоҷикистон ба онҳое, ки иддао доштанд, ки бо таърифу балегӯиҳо ба ҷое намерасем, посухе гардонида матлабе аз чоп бароварда, ки дар он чунин омадааст: "Равшанфикрони мо ҳар қадар аз фарҳанги башардӯстона ва гуманистиямон ифтихор кунанд, ҳақ доранд. Ҳамзамон ҳақ доранд, ки барои ин садоқат ва хидмати бузургонашон ба арзишҳои умумибашарӣ агар на, барои худ, барои фарҳанги худ, кишвари худ, миллати вориси ин фарҳанги инсонсоз ва саодатпартаву сулҳпарвар интизори ҳаққу ҳуқуқ бошанд, ақаллан аз лиҳози маънавӣ, ақаллан аз лиҳози эҳтиром ва эътирофи воқеии ҳаққи истиқлол ва ҳувияти муҳтарами ин миллат ва кишвар. Дар акси ҳол ин фарҳанг дар фазо муаллақ мемонад ва шиори дурӯғини ҷараёнҳо ва неруҳое қарор мегирад, ки таҳти арзишҳои волои умумибашарии осори гузаштагонамон аҳдофи хубу дақиқ ҳисобшуда ва маҳдуди худро дар ростои «таъмини манофеи миллии» худ пиёда мекунанд [26, 18. 11. 2014].

Дар аксар матолибе, ки дар ҳафтаномаи "Озодагон" ба табъ расидаанд, дар баробари он ки дифо аз манфиятҳои миллӣ аст, инчунин хусусияти иғвобардорию ночиз нишон додани миллати тоҷик мушоҳида мешаванд. Дар баробари он ки рӯзномаю маҷаллаҳои мо пуштибонӣ аз фарҳанг ва расму ойни бегона мекунанд, рӯзноманигор Адолати Мирзо мақолае зери номи «Садои шикастаи истеъмор» ба нашр расонидааст, ки мазмуну моҳияти ин мавод он аст, ки мо бояд пуштибонӣ аз давлатҳои хориҷ накунему ба масъалаҳои миллии хеш диққати аввалиндараҷа диҳем.

«Ва замоне, ки як расонаи мо аз Русия, дигаре аз Амрико ва сеюми аз Туркистон пуштибонӣ мекунад ва ҳадафи он мамоликро мегӯяд, тафаккури воҳиди миллӣ куҷо шакл мегирад, бар мабнои чӣ ва чӣ гуна? Агар фардо ман дар нашрияи худам «Афғонистони имрӯз» (агарчанде бояд далели муштараки фаровон ва як миллат-тоҷик будани мардумони аслии ду сарзамин ин кор айбе надорад), дигар «Ӯзбакистони имрӯз» савуми «Амрикои фардо» таъсис кунад, ормони ин Ватан куҷо мемонад? Магар мешавад, бар ивази пул ва сарват, имконотро назири Ватан, миллат, дин, модар ва мероси падар аз ёд бурд, бахусус агар падар ибратомӯзи сад устод бошад?» [17, с.144].

Ҳафтаномаи «Озодагон» дар қатори дигар рӯзномаҳои хусусӣ маводҳое менависад, ки хусусияти тиҷоратиашон кам нестанд. Дар чунин ҳол дар саҳифаҳои асосӣ ҷойи масъалаҳои худшиносиро масъалаҳои тиҷоратӣ банд мекунанд. Дар ҳоли зиёд шудани маводҳои тиҷоратӣ дар ҳафтанома аксар нафароне, ки мехоҳанд ҳадафҳои ғаразноки худро ба омма расонанд, пардапӯшона тарғиб мекунанд. Аксар рӯзномаҳои хусусии мо аз ҷониби хориҷиён сарпарастиӣ мешаванду аз ҳисоби грантҳои хориҷӣ истифода мебаранд.

Зимни таҳлилу мушоҳидаҳо муайян шуд, ки аксар маводҳое, ки дар солҳои 2015-2018 хусусияти иғвоангезӣ доранду дар онҳо масъалаҳои миллӣ ба инобат гирифта нашудаанд, аз радиоҳои «Озодӣ» ва Би-Би-Си дар саҳифаҳои ҳафтаномаи "Озодагон" ҷой дода шудааст. Ва ин нашрияҳо масъалаҳои худшиносию ватандӯстонаро ба нафъи худ истифода мекунанд. Агар расонаҳои хусусии мо яке аз Русия ва дигаре аз Амрико ва савум аз Туркистон пуштибонӣ мекунад ва дар дигар ҳафтаномаҳо онҳоро бознашр кунанд, тафаккури воҳиди миллиро чигуна метавон ба миён оварда.

Рӯзномаи "Ҷумҳурият" ҳамчун модари ҳамаи рӯзномаҳои тоҷик, ки дар тарғиби андешаҳои миллӣ нақши калон дорад, баъди якчанд мавзӯҳои муҳимми барои миллат саривақтӣ ки дар солҳои 2014-2015 ба миён омад ва аксар ҳафтаномаҳо аз инъикоси он худдорӣ намуданд, матлаберо зери сарлавҳаи "Афзалият ба ҳифзи манофеи миллӣ" аз чоп бароварда. "... Дар муқоиса бо хабарнигорони дилхоҳ мамолики пасошӯравӣ баъзе аз журналистони тоҷик то андозае аз пуштибонии арзишҳо ва ҳадафҳои роҳбурдии миллӣ худдорӣ меварзанд. Ҳол он ки маҳз муттаҳидии эшон сари масъалаҳои муҳим метавонад ба манфиати давлату миллат бошад.

Барои мисол, Иттифоқи журналистони Тоҷикистон дар масоили ҳалталаби миллӣ, ба мисли сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун, фишорҳои Русия болои Тоҷикистон, марзбандию раҳбандиҳои кишвари ҳамсояи Ӯзбекистон шоистаи таҳсин аст. Аммо чунин менамояд, ки баъзе аз гурӯҳҳои журналистӣ думболи ҳангома рафта, ормонҳо, манфиатҳои давлатӣ, амнияти миллӣ ва дигарҳоро фаромӯш мекунанд. Баръакс, бештар кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то аз ин ҳодисаҳо хабари нави ҳангомавие созанд ва зудтар ба сайт гузоранд ё дар рӯзнома нашр кунанд" [31, 22. 07. 2014].

Масъалаи дигаре, ки дар байни нашрияҳои хусусӣ, махсусан ҳафтаномаи "Озодагон" зиёд ба назар мерасад, аз масъалаҳои миллӣ, ки дар доираи арзишҳои умумибашарӣ пешорӯи ҷомеа меоянд, рӯзноманигорон истифода бурда валвала месозанд. Ҳол он ки ҳар як рӯзноманигорро зарур аст, ки дар инъикоси масъалаҳои миллӣ бисёр эҳтиёткор бошад. Имрӯз дар замони ҷаҳонишавӣ ин миллату давлат эҳтиёҷ ба тарғибу ташвиқ дорад. Бояд, ки ҳам нашрияҳои давлатӣ ва ҳам хусусӣ саҳми арзандаи хешро дар инъикоси масъалаҳои миллӣ ва тарғибу ташвиқи миллату давлати хеш дар арсаи ҷаҳонӣ гузоранд. Мутаассифона, вақте як нашрияи хусусии мо аз масъалаи миллӣ валвала месозад, ҳамон мавод дар рӯзномаҳои мустақили дигар бознашр мешавад. Азбаски ин мавзӯъ дар нашрияҳои хусусии мо якҷониба баҳогузорӣ мешавад, мутасаддиёни соҳа, ки муаззафанд барои омма ҳақиқати ҳолро гуянд, рӯ меоранд ба рӯзномаҳои давлатӣ, ки "Ҷумҳурият" аз фаъолтарини онҳо дар солҳои 2008 -2018 ба ҳисоб меравад. Дар ҳодисаи Содиқов, ки масъала ба арзишҳои миллӣ рабт дошт, аксар ҳафтаномаҳо аз Содиқов пуштибонӣ намуданд. Ҳол он ки 17-уми июни соли 2014 дар изҳороти Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон дар ВМКБ дақиқ зикр шуда буд, ки Александр Содиқов дар пайи иҷрои супориши хадамоти махсуси (ҷосусии) яке аз давлатҳои хориҷӣ ба Хоруғ рафтааст. Ҳафтаномаи "Озодагон" дар шумораи 25-уми июни соли 2014 матолиберо бо сарлавҳаи иғвоангезона «4500 олим аз Ятимов раҳоии Содиқовро талаб доранд» ба нашр расонид. Ва аксар ҳафтаномаҳои хусусӣ аз он ҷонибдорӣ намуданд. Рӯзномаи "Ҷумҳурият" барои амиқ инъикос намудани вазъият ва дифои манфиатҳои миллӣ вокуниш чоп намуд.

"Таассуфангез аст, вақте дар ҷомеаи мутамаддин миёни мафҳумоте чун «манфиатҳои миллӣ» ва «мушкилоти сиёсӣ, иқтисодӣ - иҷтимоӣ» фарқ гузошта наметавонанд. Ва агар чунин камбуде дар миёни пешқадамтарин қишри ҷомеа – аҳли қалам эҳсос гардад, пас вой бар ҳоли миллат. Албатта, сухан дар бораи тамоми қаламбадастон намеравад, вале қарзи ҳар яки онҳо ислоҳи иштибоҳи ҳамдигар аст. Ба навиштани ин сатрҳо хабари сомонаи «Озодагон» аз 25-уми июни соли ҷорӣ таҳти сарлавҳаи «4500 олим аз Ятимов раҳоии Содиқовро талаб доранд» водорам кард. Чаро? Зеро дар қазияи боздошти Александр Содиқов, сухан маҳз сари манфиатҳои миллӣ меравад. Сомонаи «Озодагон» ҳамарӯза даҳҳо хабару матлаб дар интиқоди Ҳукумати Тоҷикистон, масъалаҳои сиёсӣ ва

мушкилоти иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар нашр мекунад, ки бо аксари далелҳо розиам ва даъвое надорам. Лекин нашр намудани хабари болоӣ собит месозад, ки ҳайати корбарону дастандаркорони сомона тавре дар боло ишора шуд ё ба умқи масъала сарфаҳм нарафтаанд ё дониста манфиати бегонагонро дар баҳси зуҳуркарда ҳимоят доранд...

Тавре дар мисоли «Озодагон» дидем, ҳанӯз ба мафҳуми манфиатҳои миллӣ сарфаҳм нарафтаем. Зарба ба ин манфиатҳоро интиқоди ҳукумати амалкунанда мепиндорем. Аз ҷониби дигар, агар дидаю дониста ба чунин иқдоме даст мезанем, пас ҳуқуқи маънавӣ надорем, ки худро шаҳрванди ин кишвару фарзанди ин миллат хонем. Онҳоеро, ки ба ин андеша розианд, барои муттаҳидшавӣ дар роҳи ҳифзи манфиатҳои миллӣ даъват мекунам. Биёед дар чунин лаҳзаҳо аз як гиребон сар барорем. Зеро дар шароити тағйирёбии босуръати ҷаҳони навин, он давлатҳое худро нигоҳ дошта метавонанд, ки иродаю қудрати ҳифз кардани манфиатҳои миллии худро дошта бошанд” [30, 07. 2014].

Дар замони муосир, давлатҳои абарқудрат такя ба равандҳои ҷаҳонишавӣ намуда, фарҳангҳои мухталиф ба забон ва фарҳанги тоҷикӣ таҳдидҳо ворид карда истодаанд. Матбуоти моро зарур аст, ки баҳри дифо аз манфиатҳои миллат (фарҳанг, забон, расму оин, анъанаҳои миллӣ, суннатҳои аҷдодӣ) ба худ қабои тоҷикона ба бар намояд. Мутаассифона, имрӯз зиёд ба назар мерасад, ки аксар нашрияҳои мо дар забони навишт аз лаҳҷаҳои давлатҳои дигар бештар истифода мекунанд. Ин мушкилот дар солҳои 2008-2018 бештар аст, ки зиёиёни тоҷикро зарур аст, ки ҳарчи зудтар сари ин мавзӯъ андеша намоянд. Аз ин рӯ, ба назари мо, забони миллӣ бояд дар мағзу устухони зиёиёни тоҷик ҷой гирад, то ки барои барқарор шудани фазои тоҷикона замина фароҳам ояд.

Дар масъалаи ҳифз ва поку беолоиш нигоҳ доштани забони модарӣ, ҳамчун забони давлатӣ нашрияи «Озодагон» низ як қатор мақолаҳо чоп кардааст, ки аз манфиатҳои миллии кишвар ҳимоя намудааст. Ҳафтаномаи «Озодагон» мавзӯъҳои сиёсӣ, масъалаҳои миллӣ ва диниро ҳамеша пайгирӣ намудааст. Аммо дар аксар маводҳое, ки аз ҷониби кормандони ин нашрия ба табъ мерасанд, тарзи навишти онҳо тақлид ба лаҳҷаи забони эронӣ аст, ки ҳангоми хондани матолиб хонанда барои пурра аз худ кардани маводи чопшуда, бе луғат танқисӣ мекашад. Ин масъалае мебошад, ки дар бисёр мавридҳо мутахассисони соҳа низ инро ҳамчун эроди ҷиддӣ ба гурӯҳи эҷодии нашрия расонидаанд. Профессор Иброҳим Усмонов низ ин нуктаро дар мақолаашон кушоду равшан баён намудаанд. Аммо ин мушкилот дар нашрияи “Озодагон” зиёд ба назар мерасад.

«Имрӯз ҳар кадом рӯзномаи тоҷик «забони худ»-ро дорад. Ҳатто баъзе мухбирон бо шеваи деҳаи худ мақола менависанд... Гумон мекунед, ҳарчи зиёдтар калимаҳои арабӣ, истилоҳоти дар Эрон истифодашавандаро истифода баред, ҳамон қадар миллатпарасттар мешавед. Не. Ин фикр дуруст нест. Америкоиҳо, австралиягиҳо, ҳиндустониҳо забони англисҳоро истифода мебаранд, аммо бо мушаххасаҳои худ. Мо забони дигаронро не забони худамонро истифода мебарем, забонеро, ки маҳз дар муҳити худамон тавлид ва инкишоф ёфтааст, фаромӯш накунед, ки ин забонро шоҳони сомонӣ дарӣ карданд, на шоҳони дигар. Калимаҳо ва истилоҳу ибораҳои маъмул дар Эрон ва Афғонистон низ ба мо бегона нестанд. Аммо калима ва ибораҳои шевои тоҷикӣ, ки аз онҳо устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ истифода кардаанду ин тарзи навишт, бузургтарин донандаи забонҳои эронии нимаи аввали асри ХХ Сайид Нафисиро ба ваҷд овардааст, чӣ ҷойи шарм ва айб дорад? Ё оби дари хона тира аст?» [23, 01. 09. 2007].

Албатта, ин гуфтаҳо беасос нестанд, зеро воситаҳои ахбори омма сарчашмаи асосии забондониву забономӯзии аҳли ҷомеа мебошанд. Аз ин рӯ, барои рушду инкишофи забони тоҷикӣ (давлатӣ) матбуоту нашриёт, радиову телевизион нақши муҳим мебозанд. Чун хурду калони ҷумҳурӣ рӯзномаву маҷалла мехонанд ва ин суханрониву сухандонӣ, гӯйишу тарзи ифодаи маънӣ барои онҳо сабақ мегардад.

Нуқтаи дигари муҳим дар инъикоси масъалаҳои миллӣ дар доираи арзишҳои умумибашарӣ, ки дар нашрияҳои мазкур ҳангоми таҳлил бисёр нозук буд, ин муаррифии чеҳраҳои намоёни миллат дар арсаи байналмилалӣ аст. Ҳафтаномаи “Озодагон” ҳарчанд

ин масъалаҳоро ҳадафмандона ва ба хотири нишон додани нуқси Ҳукумати кишвар пайгирӣ намояд ҳам, аз тарафи дигар ҳисси ифтихорро дар замири хонанда бедор мекунад. Дар солҳои 2015-2018 чунин ба назар мерасад, ки нисбати солҳои қаблӣ мавзӯи варзиш дар ҳафтанома васеътар инъикос шудааст. Дар ин солҳо аксар чеҳраҳои ҳафтанома варзишгароне мебошанд, ки аз миллати тоҷиканду дар давлатҳои дигар зиндагӣ ва дар мусобиқаҳои варзишӣ ҳунарнамоӣ мекунанд. Новобаста дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ аз кадом давлат ҳунарнамоӣ кардан ҳафтаномаи “Озодагон” онҳоро фарзанди миллати тоҷик муаррифӣ намудааст. Ё варзишгароне, ки муқими дигар давлатанд ва дар мусобиқаҳои байналмилалӣ зери Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунанд. Онҳо аз сабаби бо тими мунтахаби Тоҷикистон якҷо набудан аз назари нашрияҳои давлатӣ махсусан “Ҷумҳурият” дар солҳои 2008-2018 дур мондаанд. Дар ин самт зимни таҳлил бартарияти ҳафтаномаи “Озодагон” ба чашм мерасад.

Дар аксар ҳолатҳо зиёиёни тоҷик дар дохили Тоҷикистон аз бузургони миллат “ифтихор” мекунанд. Чун масъала хусусияти арзишҳои умумибашариро гирифт, ҳама муҳри хомӯшӣ ба лаб мезананд. Инро метавон дар мисоли нобиғаҳои миллати тоҷик Ҷалолуддини Балхӣ дид. Чанде қабл масъалаи Ҷалолуддини Балхӣ ба мавзӯи умумибашарӣ табдил ёфт. Давлатҳои Туркия ва Афғонистон бо далелу аркомҳои худ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ исбот кардан мехоҳанд, ки Ҷалолуддини Балхӣ нобиғаи онҳо аст. Яке дар Қуния дафн шуданашро далел мераванду дигаре дар Балх ба дунё омаданашро. Аммо матбуоти тоҷик бетарафиро ихтиёр кард. Зимни таҳлил ҳам дар рӯзномаи “Ҷумҳурият” ва ҳам ҳафтаномаи “Озодагон” ягон матлаб пайдо нашуд, ки аз тоҷик будани Ҷалолуддини Балхӣ пуштибонӣ шуда бошад. Масъалаи мазкурро журналист ва коршинос Машраби Абдулло дар сомонаи иҷтимоии фейсбук чунин шарҳ дод: “Тоҷикон ба бузургони дигар миллату ақвом эҳтиёҷ доранд, аммо нафаре аз бегонагонро аз хеш напиндоштаанд. Бӯалиро на фақат туркони салҷуқӣ, балки дигарон низ чун худ муаррифӣ бинмудаанд. Ҳанӯз дар аҳди Шӯравӣ барои соҳиб шудан ба мероси маънавии пури Сино халқҳо бо ҳамдигар бархӯрд доштанд ва нависандагонро бар ивази маблағ мефармуданд, ки бузургони қуруни гузаштаро аз қавми онон номнавис кунанд. Ин анъана имрӯз низ идома меёбад ва дар набарди фарҳанграбоии муосир тоҷикон истисно ҳастанд, чунки онҳо ягона миллате маҳсуб мешаванд, ки дар таърихи башар беш аз дигарон нобиға офаридаанд. Туркон Мавлавии Балхиро низ ҷаҳд намуданд аз табори хеш муаррифӣ бинмоянд, аммо ин дурӯғ дар сатҳи ҷаҳонӣ истиқбол нашуд” [29, 18. 11. 2018 https://web.facebook.com/?_rdc=1&_rdr].

Тавре дар боло ишора намудем, ҳафтаномаи “Озодагон” озодии баёнро сипар интихоб намуда, ба онҳое низ минбар медиҳад, ки зидди арзишҳои умумибашарии миллати тоҷик ва таҳқири нобиғаҳои миллат ҳарф мезананд. Ин масъала дар соли 2014 зиёдтар ба назар мерасад. Ҳангоми таҳлил дар як чанд шумораи ҳафтанома маводҳое нашр шудаанд, ки бузургии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айниро инкор мекунанд. Профессор Масрури Абдуллоҳ дар ҳафтаномаи “Озодагон” ба маводҳое, ки дар онҳо Айнӣ ночиз нишон дода шудааст посух гуфтааст: “Дардовар аст, ки устод Садриддин Айнӣ дар байни мо тоҷикон мухолифону бадбинон дорад. Ин худ гувоҳ аз худношиносӣ, худбехабарӣ ва билохира худносипосии мост...

Иддае аз мо устод Айниро намедонанд ва ё донистан намехоҳанд, ки шахсияти ӯро таҳқир мекунанд, ба мероси адабиву илмиаш камбинона нигоҳ мекунанд, нақши ӯро дар наҷоти миллии тоҷикон нодида мегиранд ва ба он баҳои нодурусту муғризона медиҳанд. Барои чунин муносибати худ ҳеч далелу асосу бурҳоне надоранд ва ин бадбинӣ аз муқтазои табиаташон бармеояд. Аз ҷумла, ӯро бе ҳеч гуна далелу асосу бурҳон ба ивази хат гунаҳкор мекунанд ва хоҳиш ё қувваи ақлоние надоранд, ки худ ин раванди мураккабро биёмӯзанд ва гумони ботили худро нисбат ба Айнӣ дигар кунанд, зеро шахсият ва осори ӯро чашми дидан надоранд. Мухолифатҳои бадбинона нишонгари он

ҳастанд, ки иддае чун миллати воҳид ташаккул ёфтани тоҷиконро намехоҳанд ва ба арзишҳои мафкураи миллӣ-давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол (аз ҷумла ба Қаҳрамонони миллӣ), ки ҳадафаш шакл додани худогоҳиву худшиносии миллист, зид мебошанд. Ба ин ё он баҳона ба пастзании шахсияту осораш даст мезананд. Ин дафъа вокуниши бадбинонаи Асрор (ва ӯ баринҳо) аз он сар зада, ки як нафар корманди расмии сафорати Тоҷикистон дар Эрон пешниҳоди номгузории кӯчаеро дар Теҳрон ба номи Айнӣ кардааст. Эрониҳо ин пешниҳодро чӣ гуна мепазиранд, ин кори онҳост, аммо пешниҳоди як тоҷикро дар мавриди Айнӣ тоҷики дигар инкор бикунад, пас, ин ҷо гап танҳо сари пешниҳод нест. Ин як баҳонаест, барои нишон додани бадбинӣ ва заҳрчаконии навбатӣ нисбати қаҳрамони миллату давлат, ки солҳои охир аз ҷониби гурӯҳе мушоҳида мешавад. Аммо мақсад аз навиштани ин матлаб даъвати бадбинон ба дӯст доштани устод Айнӣ нест, зеро ин кори бефоида аст, ҷаҳли мураккабро бо як-ду матлаб дигар кардан имкон надорад. Аслан банда ба матлабу вокунишҳои бадбинони устод Айнӣ, хоҳ шоири халқӣ бошаду хоҳ Асрор аҳаммият намедиҳам…”. [28, 12. 05. 2014].

Чун моҳияти мавзӯи мо ба масъалаҳои худшиносии миллӣ тобиши арзишҳои умумибашарӣ додан аст, вале зимни таҳқиқ муайян гардид, ки масъалаи мазкур ба таври зарурӣ дар матбуоти тоҷик, махсусан ҳафтаномаи “Озодагон” инъикос намешавад. Ҳангоми таҳлил дар рӯзномаи “Ҷумҳурият” шумораи №: 147, ки аз 26.07.2018 аз чоп баромадааст, Ҳабибулло Раҷабов, профессори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ аз навиштаҳои вазири корҳои хориҷии Ҳиндустон Мубашшир Ҷовид Акбар иқтибос овардааст, ки мавзӯи мазкур дар бедор гаштани ҳисси худшиносии миллии хонанда нақши бориз мебозад. Зеро фарзанди миллати тоҷикро на худамон, балки дигарон васф кардаанд. «Мо имрӯз фарзанди арзандаи олам Бобоҷон Ғафуровро ёд карда истодаем. Чаро, ки ӯ ба тамоми дунё тааллуқ дорад. Мо барои чӣ номи Ғафуровро азиз медорему қадр мекунем? Чунки ӯ дар бадали ду даҳсола директори Институти шарқшиносии Маскав буду ба инкишофи дӯстии халқҳои Осиё диққати махсус медод. Даҳҳо олимони ҳиндро даъват кард, ки риштаҳои дӯстии Ҳиндустону Осиёи Марказиро омӯзанд. Яке аз чунин олимони ҳинд Раҳул Санкритяян мебошад. Мо барои чунин олимони тарбияткардааш аз ӯ миннатдорем. Китоби пуразиши вай - «Тоҷикон» саҳифаҳои дурахшони таърихи фарҳангии халқи тоҷикро аз давраи антиқа то навин инъикос намуда, дар он равобити қадимаи Осиёи Марказию Ҳиндустонро низ пурра нишон додааст» [32, 26. 07. 2018].

Зиёд ба назар мерасад, ки ҷавонони кишвар аз таъриху фарҳанги миллат камтар хабар доранд. Дар баъзеи онҳо ҳатто ифтихори милливу соҳибдавлатӣ мушоҳида намешавад, баръакс аз кишварҳои пешрафтаву муқтадир бо ифтихор ёд мекунанд. Ин зуҳурот барои бақои миллати мо оқибати ногувор дорад. Мо дар ин масъала ҷавонони кишварро куллан гунаҳкор карданӣ нестем. Зеро тарғибкунандаи идеяи миллӣ ва худшиносию ватандӯстӣ вазифаи асосии рӯзномаҳо ва умуман ВАО мебошад. Матбуот чӣ қадар аз миллату давлат сухан ронад, насли ҷавон ва оянда ҳамон қадар дар рӯҳияи худшиносию худогоҳӣ ба воя мерасанд. Матбуот бояд ҳамчун як манбаи боэътимод ва боварибахш барои шаҳрвандони миллат бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуқодири Раҳим. Оинаи миллат / Абдуқодири Раҳим. - Душанбе: Эҷод, 2005 – 208 с.
2. Аюбзод С. Сад ранги сад сол / С. Аюбзод. – Прага, 2002 – 345 с.
3. Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна / Ғафуров Бобоҷон. – Душанбе: Ирфон, 1983. - Қ.1. – 704 с.
4. Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон. Охири асрҳои миёна ва давраи нав / Ғафуров Бобоҷон. - Душанбе: Ирфон, 1985. – Қ.2. - 416 с.
5. Бобохонов М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон / М.Бобохонов. - Душанбе: З. Камолиддин, 1999. - 463 с.
6. Дарси хештаншиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1989. - 272 с.
7. Дарси хештаншиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1991. - 400 с.

8. Иброҳим Усмонов. Сарнавишти “тоҷикон” / Усмонов Иброҳим. - Душанбе: Сармад-Компания, 2015. – 48 с.
9. Иброҳим Усмонов. Правда о таджиках / Усмонов Иброҳим. - Душанбе: Ирфон, 2006. – 160 с.
10. Иброҳим Усмонов. Таҳкими сулҳ ва таҳаввулоти Тоҷикистон / Усмонов Иброҳим. – Душанбе: Матбуот, 2016. - 672 с.
11. Мирзоалӣ Ҷӯраев. Аз Бухоро то Самарқанд / Ҷӯраев Мирзоалӣ. - Душанбе: Кайҳон, 2013. – 211 с.
12. Муқаддима ба назарияи миллатшиносӣ (маҷмӯаи мақолаҳо). - Душанбе: Ирфон, 2012. - 245 с.
13. Маъруф Раҷабӣ. Таҳқиқи таърих - таҳқиқи характер / Раҷабӣ Маъруф. - Душанбе: Адиб, 1990. – 192 с.
14. Раҳмонов Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби 3. Аз Ориён то Сомониён / Эмомалӣ Раҳмонов. - Душанбе: Ирфон, 2006. - 228 с.
15. Раҳмонов Эмомалӣ. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат / Эмомалӣ Раҳмонов. - Душанбе: Ирфон, 2002. - 512 с.
16. Ҳотамов Н. Халқи тоҷик (аз соли 60-уми асри XIX то соли 1924) / Н.Ҳотамов. – Душанбе: Амри илм, 2001. - 360 с.
17. Ҷовид Муқим. Радиои БИ-БИ-СИ: Дирӯз ва имрӯз / Ҷовид Муқим. - Душанбе: Деваштич, 2006. - 144 с

С А Р Ч А Ш М А Ҳ О

18. Абдуллоҳ Ф. Давлат ҳама з-иттифоқ хезад / Ф. Абдуллоҳ // Ҷумҳурият. – 10. 02. 2007.
19. Асадуллоев И. Болохона / И. Асадуллоев // Ҷумҳурият. – 27. 05. 2008.
20. Абдулмуъмини Шерхон. Вазорати фарҳанг ба куҷо менигарад / Шерхон Абдулмуъмин // Миллат. – 24. 09. 2009.
21. И.Усмонов. Дар бораи ифтихори миллӣ / Усмонов И. // Адабиёт ва санъат. - 23.04.2004.
22. Камол Насрулло. Либоси миллӣ ва дин / Камол Насрулло //АМИТ “Ховар”. - 04.02.2016.
23. И. Усмонов. Миллат ва нафақат / Усмонов И. // Миллат. - 2007, 1 сентябр.
24. Усмонов И. Миллат ва нафақат / И.Усмонов // Миллат. - 01. 09. 2007.
25. Усмонов И. Арзишҳои миллӣ муқаддасанд / И.Усмонов // Омӯзгор. - 11. 04. 2008.
26. Рустами Ваҳоб. Бегонапарастӣ амри тақдир нест / Рустами Ваҳоб // Ҷумҳурият. – 18. 11. 2014 ноябри соли 2014.
27. Роғунро метавонем бисозем, агар бо ҳам бисозем! // Миллат. – 10. 12. 2009.
28. Масрури Абдуллоҳ. Оғози баҳс инҷост / Масрури Абдуллоҳ // Озодагон.- 12. 05. 2014
29. Машраби Абдулло. Бузургонро худатон нафурушед / Машраби Абдулло // https://web.facebook.com/?_rdc=1&_rdr
30. Соҳиб Назарзода. «Озодагон». Содиқов ва манфиатҳои миллӣ / Соҳиб Назарзода // Ҷумҳурият. - 3.07.2014.
31. Сухани гуфтанӣ // Ҷумҳурият. - 10. 03. 2012; Фарҳанги миллӣ меҳвари истиқлол аст // Ҷумҳурият. - 18. 11. 2014; Розу ниёз. // Ҷумҳурият. - 09. 01. 2014; Мурод М. Дар роҳи дарёфти эътимод / М.Мурод // Ҷумҳурият. - 13. 04. 2018;
32. Ҳусайни Шоҳпур. Афзалият ба ҳифзи манофеи миллӣ / Ҳусайни Шоҳпур // Ҷумҳурият. – 22.07.2014 .
33. Ҳабибулло Раҷабов. Раҳул Санкритяян - сафири фарҳанги Тоҷикистон дар Ҳиндустон / Раҷабов Ҳабибулло //Ҷумҳурият. - 26.07.2018. №: 147.

ТАСНИФОТИ МАВЗӮИИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР ЧАҲОРЧӮБАИ АРЗИШҲОИ УМУМИБАШАРӢ ДАР РӮЗНОМАИ “ҶУМҲУРИЯТ” ВА ҲАФТАНОМАИ “ОЗОДАГОН”

Дар мақолаи мазкур таснифоти мавзӯии худшиносии миллӣ дар чаҳорчӯбаи арзишҳои умумибашарӣ дар рӯзномаи “Ҷумҳурият” ва ҳафтаномаи “Озодагон” мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ кӯшиш намудааст, ки мавзӯи худшиносии миллиро дар чаҳорчӯбаи арзишҳои умумибашарӣ дар нашрияҳои мазкур таҳлил намояд. Дар ин мақола оид ба мафҳумҳои худшиносӣ ва худшиносии миллӣ сухан рафта, муаллиф бо такя ба сарчашмаҳо кӯшиш намудааст, ки мафҳуми калимаҳои мазкурро шарҳ дода, нақши рӯзномаи расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҷумҳурият” ва ҳафтаномаи “Озодагон”-ро дар тарғибу ташвиқи мавзӯи мазкур миёни ҷомеа муайян созад. Нақши матбуот дар ташаккул ва пойдории ҳар як миллату давлат ва муаррифии он миллат дар баробари дигар халқҳо, махсусан дар замони ҷаҳонишавӣ хеле муҳим аст. Инчунин, муаллиф андешаи олимону муҳаққиқони тоҷикро, дар мавзӯи худшиносии миллӣ дар доираи арзишҳои умумибашарӣ, ки дар ду нашрияи болозикр давоми солҳои 2008 -2018 аз чоп баромадаанд, иқтибосҳои зиёд овардааст, ки паҳлуи таҳлилии мақолаи мазкурро ғанӣ гардонидааст. Ба назар мерасад, ки давоми солҳои 2008-2018 мақолаву суҳбатҳо ва хабару гузоришҳо атрофи мавзӯи худшиносии миллӣ дар матбуоти тоҷик, махсусан рӯзномаи “Ҷумҳурият” ва ҳафтаномаи “Озодагон” зиёд аст. Зиёиёни кишвар сари ин мавзӯъ андешаронии зиёд намудаанд, ки ҳамаи он тариқи матбуот ба омма расида, дар бедории ҳисси миллии насли ҷавони кишвар таъсиргузор аст. Дар мақола қайд мегардад, ки дар замони ҷаҳонишавӣ матбуоти моро зарур аст, ки баҳри поку беолоиш нигоҳ доштани забони модарӣ, фарҳанг, расму оини мардумӣ, ки аз қаъри асрҳо аз ниёгонамон ба насли даврони соҳибистиқлол боқӣ мондааст, бештар ҳарф зананд, дар бедории худшиносии насли имрӯз саҳмгузор бошанд. Чуноне ки матбуоти пешин ин хизматро сарбаландона анҷом дода буд. Маврид ба зикр аст, ки чун мавзӯи худшиносии миллӣ ба худ хусусияти умумибашарӣ касб намуд, матбуоти моро зарур аст, ки ба насли оянда бояд ин

мафҳумро таблиғ кунанд, ки зери ин мафҳум дӯст доштани Ватан, якдигарфаҳмӣ ва иттифоқӣ ифода ёбад ва инҳоро насли баъдина дар амал иҷро намоянд. Ҳамзамон, ҳангоми таҳлил дар мақола иқтибосҳое ҷой дода шудааст, ки баъзе рӯзноманигорон мавзӯи мазкурро нодида гирифта, ҳангоми таҳлили масъалаҳои худшиносии миллӣ дар ҳафтаномаҳои хусусӣ аз ин мавзӯъ ба хотири пиёда сохтани баъзе андешаҳои гурӯҳи манфиатхоҳ ҳангома сохта, арзишҳои миллиро поймол намудаанд. Аз ин рӯ, муаллиф дар қисмати поёни мақола ба муассисони рӯзнома ва рӯзноманигорон ва дигар кормандони ВАО пешниҳод мекунад, ки дар инъикосу тарғиби масъалаҳои худшиносии миллӣ дар чаҳорчӯбаи арзишҳои умумибашарӣ манфиатҳои миллату давлатро ба назар гиранд ва дар ин раванд зиракии сиёсиро аз даст надода, баҳри дифои манфиатҳои миллии хеш саҳмгузор бошанд.

Калидвожаҳо: матбуот, худшиносӣ, арзишҳои умумибашарӣ, чаҳорчӯба, худшиносии миллӣ, мафҳум, истиқлолият, ҷаҳонишавӣ, рӯзноманигорон, миллат, ВАО, ҷаҳонишавӣ, забон, фарҳанг, рӯзнома, ҳафтанома, “Ҷумҳурият”, “Озодагон”.

КЛАССИФИКАЦИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОПОЗНАНИЯ В РАМКАХ ОБЩЕЧЕЛОВЕЧЕСКИХ ЦЕННОСТЕЙ В ГАЗЕТАХ «ДЖУМХУРИЯТ» И «ОЗОДАГОН»

Эта статья рассматривает тему национального самосознания в рамках общечеловеческих ценностей в газетах «Джумхурият» и «Озодагон». Автор попытался проанализировать тему национального самосознания в рамках общечеловеческих ценностей в этих публикациях. В данной статье основное внимание уделяется понятиям национального самопознания и национализма, автор попытался опираться на источники, чтобы объяснить значение этих терминов и роль официальных газет Республики Таджикистан «Джумхурият» и «Озодагон» в формировании устойчивости нации и государства и представлении нации особенно важные во времена глобализации. Кроме того, авторы привели многие цитаты таджикских ученых и исследователей на тему национального самосознания и универсальных ценностей. В статьях, которые были опубликованы в период с 2008 по 2018 год, и проанализировали их. Так, за 2008-2018 годы появилиось много статей, репортажей и репортажей на тему национального самосознания в таджикской прессе, особенно в газетах «Джумхурият» и «Озодагон». Лидеры страны провели долгожданную дискуссию по вопросу о средствах массовой информации, что особенно важно для молодого поколения страны. В статье отмечается, что во времена глобализации наша пресса обязана поддерживать чистоту родного языка, культуры, обычаев и традиций как никогда раньше. Важно отметить, что, поскольку тема национального самосознания стала особенно актуальной, от нашей прессы требуется, чтобы следующее поколение продолжило эту традицию, которая лежала в основе концепции патриотизма, объединения поколений. В то же время, анализируя эту статью, автор отмечает, что некоторые журналисты игнорируют этот вопрос, анализируя при этом вопросы национальной самопомощи в частных дискуссиях по этой теме. Поэтому автор анализирует некоторые статьи газеты, которые отражают и пропагандируют национальные проблемы самосознания в рамках общечеловеческих ценностей, интересов нации и государства, а также в связи с этим отсутствием политической ясности, защиты своих национальных интересов.

Ключевые слова: пресса, самопознание, общечеловеческие ценности, национальная самооценка, концепции, независимость, глобализация, журналисты, национальность, средства массовой информации, газеты, газета, Jumhuriyat, Ozodagon.

CLASSIFICATION OF THE NATIONAL SELF-KNOWLEDGE IN THE FRAMEWORK OF UNIVERSAL VALUES IN THE NEWSPAPER "JUMHURIYAT" AND "OZODAGON"

This article has been analyzed on the theme of national self-consciousness in the framework of universal values in the newspaper "Jumhuriyat" and "Ozodagon" newspaper. The author tried to analyze the topic of national self-consciousness in the framework of universal values in these publications. This article focuses on the concepts of national self-knowledge and nationalism, the author has tried to rely on sources to explain the concept of these words and to play the role of the official newspaper of the Republic of Tajikistan "Jumhuriyat" and "Ozodagon" in the promotion of the subject between the community. The role of the press in the formation and sustainability of each nation and state and its presentation to the nation as well as other nations is particularly important in the time of globalization. Also, the authors made much of the quotations from the Tajik scholars and researchers on the subject of national self-consciousness in the universal values that were published in the two-part period in the period from 2008 to 2008, contributed to the analysis of this analytical hypnosis. It seems that over the years 2008-2018 the articles, reports and reports about the subject of national self-consciousness in the Tajik press, especially the newspaper "Jumhuriyat" and "Ozodagon". The country's leaders have taken a long-awaited debate over the issue of the media, which is influential in the sense of the national sense of the country's young generation. The article notes that in the time of globalization, our press is required to maintain the pure language of the mother tongue, culture, customs and traditions more than ever from our ancestors to the independent generation of generations, in the awakening of the patriarchal generation they are contributing. As the previous press wa done, this was a great deal. It is important to note that, as the theme of national self-consciousness has become a universal feature, our press is required that the next generation should propose this concept that underpinned the concept of patriotism, self-understanding and unifying and the subsequent generation to practice. At the same time, when analyzed in the article, some quotes have noted that some journalists ignore this question, while analyzing the national self-help issues in private discussions on this topic for some. The opinions of the beneficiaries have been stamped and they have violated the national

values. Therefore, the author submits to the following sections of the article to the founders of the newspaper and journalists and other media workers, who reflect and propagate national issues of self-consciousness within the universal values of the interests of the nation and state, and in this regard lack of political clarity, defense of their national interests.

Key words: press, self-knowledge, universal values, concepts, national self-concept, concepts, independence, globalization, journalists, nationality, mass media, newspapers, newspaper, Jumhuriyat, Ozodago.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шодихони Назар*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи матбуот. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **volnik-8585@mail.ru.** Тел.: **(+992) 908-85-85-93**

Сведения об авторе: ***Шодихони Назар*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры печатий. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17.

Information about the author: ***Shodikhoni Nazar*** - Tajik National University, Doctoral Ph.D of the Department the press. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **volnik-8585@mail.ru.** Tel.: **(+992) 908-85-85-93**

УДК: 070 (575.3)

МАВЗӮЪ ВА МУНДАРИҶАИ МАТБУОТИ МАҲАЛЛӢ

Қутбиддинов А.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Матбуоти маҳаллӣ мавзӯъ ва мундариҷаи хос дорад. Он ҳамеша кӯшиш менамояд, ки мавзӯъҳои муҳимми иҷтимоии маҳалро фаро гирад. Матбуоти маҳаллӣ дар замони шӯравӣ аз мавзӯъ танқисӣ надошт. Фаъолияти ҳар як нашрия дар тақсимбандии хос ва дар мутобиқат ба нақшагирии мавзӯъҳо сурат мегирифт. Дар марҳилаи охири ташаккули матбуоти маҳаллӣ ҳарчанд доираи мавзӯъҳо кам гардида бошад ҳам, тақрибан ҳамон ҳолатест, ки дар замони қабл аз истиқлол вуҷуд дошт. Ҳар як нашрия дар доираи паҳншавии худ табиатан мавзӯъҳои худро пайдо менамояд: «Дар байни аудиторияи шаҳриву ноҳиявӣ фарқе дида шавад ҳам, аммо гоҳо дар муҳити илмии Русия истилоҳи «горрайонка» низ истифода мешавад, ки аз ягонагии самти ҳадафу фаъолияти онҳо дарак медиҳад» [7, с.61].

Истилоҳи “горрайонка” (шаҳриву ноҳиявӣ) ҳамчун маъмултарин навъи матбуоти маҳаллӣ бо садодор будани худ як омил дар пайдо кардани мавзӯот дар маҳал мебошад. Дар ин роҳ ин гуна матбуот талош менамояд, ки вобаста ба табиати фазои маҳал ва иқлими иттилоотӣ аз ҳаёти корхонаҳову хоҷагиҳо матолиб ба нашр расонад. Ҷашни корхона, ғолибияти хоҷагӣ дар мусобиқаҳо, баргузории конфронсу нишастҳо, ҷашнвораи шахсиятҳои маҳал, қаҳрамонии фарзандони маҳал ва амсоли он дар як маҳал дар ин гуна матбуот инъикоси пайваста доранд. Дар раванди пайдошавии мавзӯот ва мавҷудияти он истифодаи жанрҳои хос мусоидат менамоянд, ки дар такя ба таҷрибаи солҳо то ҳол мавқеи худро аз даст надодаанд. Ҳисобот аз ҷаласаҳои мақомоти иҷроияи ҳукумат, хабарҳои аз ҷараёни корҳои кишоварзӣ, мусоҳиба бо пешқадамони истеҳсолот, лавҳаву очерк дар бораи шахсиятҳои маҳал ва чанде дигар қолаби асосии жанрҳову мавзӯоти ҳаёти маҳал ба шумор меравад. Ин раванду ҷараён даҳсолаҳо боз идома дорад. Ингуна мавзӯотро бо хосияти зоҳирӣ низ шинохтану пазируфтан мумкин аст. Бархӯрди доимии неруҳои мухталифи ҷамъиятиву равонӣ боис мешавад, ки муаллиф аз хати кашида берун ояд, иқлими иттилоотӣ ва қаламрави ҷуғрофии фазои иттилоотиро сарфи назар кунад. Чунки дар ин ҳолат масъалаи таҳқиқи рангорангии ҳаёти иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд ва муаллиф дар моварои интихобҳои зиёде қарор мегирад. Албатта, барои ӯ дар ин маврид масъалаҳои озодии баён, омилҳои мусоидаткунандаи ин озодиҳо ва амсоли ин чун ҷузъиёти созанда ба кор мераванд. Дар маҷмӯъ фаъолмандии иҷтимоии муаллиф пайваста вуҷуд дорад ва дар партави он майли ӯ ба мавзӯоти мухталиф пайдо мешавад. Муаллифи матолиби матбуот таърихнигори фаъолест, ки воқеиёти ҳаррӯзаи фаъолияти фарҳангиву

сиёсиву иҷтимоиро меомӯзаду ба он баҳо медиҳад: «Матбуот – қисмати таърихи ҳаррӯзаи ҳаёти инсоният, муносибатҳои иҷтимоӣ ва фаъолиятҳои сиёсист» [8, с.138]. Корманди нашрия аз мушоҳидаи рӯйдодҳо натиҷагирӣ менамояд ва дар асоси онҳо инкишофи минбаъдаи ҳаводисро нишон медиҳад. Бо назардошти ин ҷиҳатҳо муаллиф имкон пайдо менамояд, ки ба равандҳои иҷтимоӣ дар робита бошад. Дар акси ҳол муаллиф дар тангнои мавзӯӣ боқӣ монда, чизе мегӯяд, ки аслан ба он ҷомеа ниёзе надорад.

Ҳайати эҷодии рӯзномаи маҳаллӣ рукни асосии комёбиву пешрафти рӯзнома дар шароити кунунӣ ба шумор меравад. Як сифати шинохтаи ҳайати эҷодии рӯзномаҳои маҳаллӣ имрӯз хусусияти баланди эҷоди публитсистии онҳост. Набудани оҷилияту фаврияти баланд дар рӯзномаҳо ба ин ҷиҳат бештар мусоидат кардааст. Мақолаҳои таблиғиву ташвиқӣ, очерку лавҳаҳои симосоз ва ҳаҷву мутойиботи алоҳида доир ба мавзӯъҳои идеологӣ, меҳнату қаҳрамониҳову бунёдкориҳо ва баъзе унсурҳои манфии ҳаёт саҳифаҳои онҳоро оро медиҳанд. Ҳарчанд маҳдудияти истифодаи публитсистика дар саҳифаҳои матбуоти маҳаллӣ ба назар расад ҳам, аммо ин публитсистика дар шаклу қолаби нав пайдо шудан мехоҳад. Ин дар навбати аввал омехташавии жанрҳо ва риоя нагардидани қолабҳои жанрӣ мебошад, ки бештар барои дарёфти мавзӯот истифода мешаванд.

Сарфи назар аз суръати бошиддати ҷаҳонишавӣ рӯзномаҳои маҳаллӣ кӯшиш мекунанд, ки дар такя ба таҷрибаву ҷаҳонбиниҳои даврaҳои қаблӣ пойдории худро нигоҳ доранд. Анъанаҳои таърихиро зинда нигоҳ доштани анъана таън нест ва дар аксар ҳолат фаъолияти рӯзномаро беҳтар низ месозад. Ин хусусиятҳо дар матбуоти маҳаллии имрӯзи мо чун як мерос боқӣ мондааст, ки ин равандро мо марбут ба тақозои замони гузариш медонем. Дар ин ҷода омилҳову анъанаҳои мушаххасеро низ метавон ном бурд, ки дар ин навъи матбуот аз замони гузашта боқӣ мондаанд. Масалан, яке аз шартҳои матбуоти маҳаллӣ аз пайи мактуби танқидӣ шудан буд, ки дарёфти ҳақиқати ҳолро талаб мекард. Аз пайи мактуби танқидӣ рафтан замзамаи оҳанги иҷтимоӣ бошад ҳам, вале барои кормандон як омили беҳтарини пайдо кардани мавзӯотест, ки аҳли ҷомеа онро меписандад. Ба таъбири С.М. Гуревич “почтаи редаксия сарчашмаи аслии мавзӯъ ва иттилоъ аст” [1, с.159]. Дар заминаи мактуби шикоятӣ ва ё интиқодӣ таҳия намудани матлаб ва интишори он обрӯву нуфузи нашрия дониста мешуд. Як хусусияти матбуоти маҳаллӣ ба мактубҳои хонандагон такя намудан, аз иттилооти онҳо истифода кардан, онҳоро манбаи омӯзиш ва таҳияи матолиби публитсистӣ қарор додан аст. Ин усул нисбатан кам бошад ҳам, дар матбуоти имрӯз ба назар мерасад. Робита бо хонандагон ҳам дар гузашта ва ҳам имрӯз як падидаи симосоз барои рӯзномаи маҳаллӣ ба ҳисоб меравад. Зеро ин навъи матбуот чун оинаи маҳал имкони бештари инъикоси проблемаҳои фарҳангиву иҷтимоии деҳотро дорад. Бо назардошти ин вазифа редаксияи нашрияи маҳаллӣ муваззаф аст, ки нақши фарҳангиву адабии рӯзномаро баланд бардорад. Табиати фарҳангиву маънавии матбуот масъалаи нав нест ва матбуоти маҳаллӣ дар тӯли мавҷудияти худ дар самти худшиносиву тақвияти фарҳангии ҷомеа нақши созгор дорад: «Матбуоти маҳаллӣ созандаи арзишҳои фарҳангӣ низ ҳаст» [2, с.47]. Хонанда матбуотро асрҳо боз ҳамчун як минбари намунаи ибрат барои худ қабул кардааст. Дар баробари адабиёт аз матбуот низ хонанда забону фарҳангу одоб меомӯзад. Матбуот минбарест, ки бо талқини худ ба забони гуфтугӯӣ таъсири амиқи пайваста дорад. Тавассути матбуот ҷомеа ба таври оҷилу маҷмӯӣ аз фарҳанги имрӯзу гузаштаи худ воқиф мегардад. Муҳаббати хоссеро нисбат ба ин ё он падидаи фарҳангӣ пайдо менамояд. Аз ҷузъиёти фарҳангии аз дастдодашуда воқиф мешавад ва эҳтирому эътиқоди муайяни худро нисбат ба фарҳанги муосири миллат пайдо менамояд. Замоне дар ин роҳ мухбирони ҷамоативу ғайриштатӣ ҷалб мегардиданд ва аз офаридаҳои шоирону навқаламони ҷавон фаровон истифода мебурданд. Дар асоси он маҳфилҳои адабӣ ташкил мегардиданд. Чунин маҳфилҳо кам ҳам бошанд, дар баъзе ноҳияҳои дурдасти кишвари мо амал менамоянд. Ин маҳфилҳо як манбаи хуби дарёфти мавзӯот ба шумор мераванд. Ҷашнҳову солгардҳо, муҳиммияти фарҳангии мавзеъҳои таърихӣ, мақбараҳову зиёратгоҳҳо, минтақаҳои сайёҳӣ дар маҳал, инкишофи санъату ҳунармандӣ дар нуқтаҳои дурдаст ва амсоли он доираи

мавзӯоти фарҳангӣ мебошанд, ки имрӯз дар инъикоси онҳо бештар тобиши публитсистӣ созгор аст.

Баъзан чунин ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки гӯё матбуоти маҳаллӣ ниёзмандӣ ба мавзӯоти муҳимми иҷтимоӣ дорад. Ин ҳолатро, аз як ҷониб, алоқамандии шадиди матбуот бо ҷомеа низ гуфта метавонем: «Рисолати матбуот дар навбати аввал пайванди амиқ доштани он бо ҷомеа мебошад. Матбуот мансуби ҷомеа аст ва табиист, ки ҳар гуна тағйироти ҷомеа дар матбуот бетаъсир намемонад. Ин арзиши матбуот аст, ки равандҳои сиёсӣ ташаккул меёбанд ва дар гуногунрангии ҳаводиси сиёсӣ нақш мегузоранд» [6, с.57]. Бо назардошти нақш гузоштан дар равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва гуногунрангии ҳаводиси сиёсӣ рӯзнома мавқеи иҷтимоии худро муайян карда метавонад. Ин хосиятро низ мо бештар дар замони шӯравӣ медидем. Дар ин самт матбуоти марказӣ, ки доираи бузургтару иқтидорманд дошт, фаъолияти идораи нашрияҳои маҳаллиро чун зинаи поёнии матбуот мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор медод ва кормандони онро ба мақсади такмили ихтисос ба идораҳои худ ҷалб менамуд. Гӯё матбуоти маҳаллӣ ба таври ногузир ба назорате ниёз дошт. Таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки дар ин раванд ҳолатҳои иҷборӣ вуҷуд дошта бошанд ҳам, дар алоқамандӣ ба он ниёзмандие, ки дар боло ишора гардид, рӯзномаҳои маҳаллӣ мундариҷоти худро бо матолиби нашрияҳои милливу марказӣ низ ғанӣ мегардонанд. Ин ҳолат танҳо марбути матбуоти маҳалли мо нест. Дар назарияи шинохти матбуоти маҳаллӣ дар Олмон чунин тавсиф ба назар мерасад: «Нашрияҳои маҳаллӣ... мундариҷаи бештари нашрияро аз саҳифаҳои матбуоти асосӣ таҳия мекунанд» [10, с.21]. Гуфтан мумкин аст, ки марзу ҳудуди қатъии риояшаванда дар масъалаи мавзӯот ва мундариҷоти матбуоти маҳаллӣ дар тамоми ҷаҳон вуҷуд надорад. Ба ин мазмун фаъолияти фарҳангиву адабии ин гуна нашрияҳо, ки марбут ба мавзӯоту мундариҷоти саҳифаҳои онҳо буд, мушоҳидаву баҳо дода мешуд ва мешавад.

Доираи мавзӯъ ва мундариҷоти матбуоти маҳаллӣ маҳдуд нест. Танҳо бо назардошти вазъи буҳронӣ ва дигар мушкилоти мавҷуда ин навъи рӯзнома талош мекунад, ки мавзӯъҳои навро ҷӯё гардад. Бо ҳама масъалагузориҳову дарёфти мавзӯот ҳамагуна нашрия танҳо як матлаб дорад, ки он дар байни хонандагон пайдо кардани маҳбубият мебошад. Чандон қатъӣ гуфта наметавонем, ки имрӯз дар саҳифаҳои матбуоти маҳаллӣ харобии мавзӯъ ба назар мерасад. Нашрияҳои нисбатан фаъолу зинда дар сабқатҳо ақиб мондан намехоҳанд ва дар ин роҳ аз усулҳои гуногуни дарёфти мавзӯъ истифода мебаранд: «…Онҳо очерку лавҳаҳоеро истифода мекунанд, ки ба таърихи таъсиси нашрияашон бахшида мешавад. Навиштаи собиқадорони худро бештар нашр мекунанд. Аз ҳама муҳим онҳо аз номаҳои хонандагон истифода мекунанд» [5, с.165].

Дар ҳамбастагӣ ба нишондодҳои назариявӣ чанде аз хусусиятҳои дар боло номбаршударо дар мисоли нашрияи “Зиндагӣ”-и ноҳияи Ишкошим дидан мумкин аст. «Зиндагӣ» нашрияи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ишкошими Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон мебошад. Таърихи фишурдаи он чунин аст: “Соли 1949 ба сифати нашрияи кумитаи ноҳиявии ҳизби коммунисти Тоҷикистон ва шӯрои намояндагони халқи ноҳияи Ишкошими вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон бо номи «Бо роҳи комунизм» таъсис ёфта, аз 14 ноябри ҳамон сол интишор мешавад. Аз 28 июли соли 1959 то 28 январи соли 1966 бо сабаби барҳам хӯрдани ноҳия чопи он қатъ гардид. 28 январи соли 1966 чопи рӯзнома дубора бо номи «Васияти Ленин» ба роҳ монда шуд. Соли 1992 номи «Зиндагӣ»-ро гирифтааст” [4, с.174].

Дар пешбурди кори рӯзнома сардабирони гуногун дар солҳои мухталиф нақш гузоштаанд: “Аввалин сармуҳаррир Дӯстмамад Бахтиёров будааст, ки солҳои 1949-1954 ин вазифаро ба дӯш доштааст. Баъдан Рашидбеков Қаландар (1954 -1958), Муллоев Ғуломмаҳмад (1958-1960), Якубов Султоншоҳ (1966-1971), Бодурхонов Гулобхон (1971-1986), Ҳасанов Абдулҷон (1986-1987), Мамадсаидов Чоршанбе (1987-1991), Раҳмонов Қувватбек (1991-1993), Шоҳҷонов Шоҳҷон (1993-1996), Қуйбек Шарифзода (1996-2003; 2009-2013), Сангмамадова Моҳира (2003-2009), Ҷумахон Назарбеков (2013-2015) вазифаи сармуҳарририи нашрияро иҷро кардаанд. Аз соли 2015 Басгул Отамбекова (Б. Ҳотамӣ) сармуҳаррири нашрия мебошад” [4, с.175].

Имрӯз бо вуҷуди хеле дур қарор гирифтани ноҳия аз маркази ҷумҳуриву вилоят рӯзнома чоп мешавад. Он зери шиори «Кори бемашварат наку н-ояд» дастуру қарорҳои ҳукумати ноҳия, ҳаёти иҷтимоии маҳал ва масъалаҳои мубрами рӯзро инъикос намуда, рӯҳи як маҳалли дурдасти кӯҳистонро дар худ ҷо додааст. Сармуҳаррири нашрия Басгул Отамбекова хатмкардаи ДДХ (Хуҷанд) мебошад ва ҷавон аст. Рӯзнома панҷ нафар корманд дорад, ки ҳамагиро ҷавонон ташкил медиҳанд ва ин тамоюли нек аст. Дилафрӯз Шердилова (котиби масъул), Маҳмадҷон Исоев (мудири шуъба), Руқия Одинаева (мухбир) ва Хоним Шамъиева (ҳуруфчин) кори рӯзномаро пеш мебаранд.

Дар назди рӯзнома маҳфиле бо номи «Гулафшон» амал менамояд, ки адибони гӯшаву канори ноҳияро канори ҳам меорад. Аъзоёни маҳфилро қаламкашони хурду бузурги ноҳия ташкил медиҳанд. Дар ин маҳфил намунаҳои эҷод таҳлилу баррасӣ гардида, аксари онҳо дар рӯзнома нашр карда мешаванд. Аммо маҳфил соле як бор баргузор мешавад, ки дурии роҳу шароити шадиди кӯҳистон робита дорад.

Рӯзнома дар як сол 12 шумора ба табъ расида, мутаносибан 750 нафар обуначӣ дорад. Аҳолии ноҳия аз 16 ҳазор нафар иборат аст ва шумораи обуначиён дар қиёс бо тиражи рӯзнома чандон нигаронкунанда нест. Бастаҳои рӯзнома дар чанд соли охир нигоҳ дошта шаванд ҳам, аммо бойгонии рӯзнома аз солҳои пеш на дар ноҳия ва на дар маркази вилоят вуҷуд надоранд. Дар масъалаи мавод рӯзнома танқисӣ надорад. Дар як гӯшаи бинои идора қуттии арзу шикоятҳои шаҳрвандон овезон аст, ки ин ҳам як манбаи таъмини мавод барои рӯзнома мебошад. Тавассути арзномаву навиштаҳо мухбирони нашрия ба гӯшаву канори ноҳия рафта, бо корафтодаҳову ҳоҷатмандон суҳбат менамоянд. Мавзӯъҳои нав ба нав барои нашрия пайдо мешаванд ва ин робитаи рӯзномаву хонандаро таъмин менамояд. Дар рафти шиносоӣ бо бастаҳои рӯзнома маълум мешавад, ки кормандони он дар такя ба завқи эҷодӣ саҳифаҳои онро ороиш медиҳанд. Рӯзнома аз рубрикаҳову гӯшаҳои гуногун истифода бурда, зиндагии маҳалро дарҷ кардан мехоҳад. Дар бораи собиқадорони ҷангу меҳнат, ҳунармандони мардумӣ, омӯзгорону ашхоси барӯманди ноҳия ба таври пайваста матолибро ба нашр мерасонад. Вобаста ба ҷараёни рӯз нашрия аз рубрикаҳои мухталиф ба монанди «Соли 2017 – Соли ҷавонон», «Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор»», «Сухани сармуҳаррир», «Ёднома», «Зикри хайр», «Шамъи хотира» ва ғайра истифода мекунад.

Мавзӯъ ва мазмуни матолиби рӯзнома фарогири муҳити маҳал мебошад ва хонанда дар бораи расму анъанаҳои Ишкошим, авзои иқтисодиву иҷтимоӣ, вазъи кишоварзиву саноатӣ ва амсоли он маълумоти заруриро пайдо карда метавонад. Масалан, дар мақолаи Убайд Партоев бо номи «Худшиносии миллӣ ва нақши расму оин барои ҷалби сайёҳон» («Зиндагӣ», №4, 29.03.2018) ду омили муваффақияти рӯзномаро дида метавонем. Дар навбати аввал ин ифодаи рӯҳи маҳал мебошад. Хонанда дарк менамояд, ки «навдаи тари бедро дар тарқиши сақфи хона гузоштан ва пойбарҷо будани он то наврӯзи дигар» чӣ ҳикматеро дар худ фаро мегирад. Ё таъбиру ибораҳои «шогун баҳор», «гулпартоии кадбонуи хона», «ранги сафеди хона» ва монанди ин ҳар кадом аз таърихеву фоли неке ҳикоят мекунанд, ки бардошти маънавии хонанда буда метавонанд. Қисматҳои «Наврӯз ҷашни ориёист» ва «Суннатҳои наврӯзии Ишкошим» дар мақола ин мавзӯъро пурра месозанд. Сониян, нашрия дар мутобиқат ба талаботи рӯз, ки имсол Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мебошад, ин матлабро ба нашр расонидааст.

Дар мавриди ҳамнавоӣ бо оҳанги рӯз дар мақолаи дигар таҳти унвони «Дӯстии таърихию абадӣ» («Зиндагӣ», №4, 29.03.2018), ки ба қалами Алифшо Шоализода мансуб мебошад, мавзӯи муҳимми рӯз – дӯстию равобити Тоҷикистону Ӯзбекистон матраҳ гардидааст. Бартарии ин нигошта дар он аст, ки он аз ҷониби муаллифе навишта шудааст, ки як замоне дар Ӯзбекистони ҳамсоя таҳсилу зиндагӣ кардааст. Меҳмоннавозиву дӯстии қадимии ин халқҳо, робитаҳои рӯзмарра ва умумиятҳои фарҳангиро аз наздик дидааст. Муаллиф ҳамчун собиқадори меҳнат, хатмкардаи Дорулмуаллимини шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар солҳои 1955-1957 мебошад. Ҳамчун собиқадоре, ки 57 сол ба касби омӯзгорӣ машғул будааст, дӯстии ин ду халқро бо мисолҳои муъҷазу фаҳмо пеш меорад. Тасмими рӯзнома хеле хуб аст, ки дӯстии ин ду халқро аз забони як собиқадори

кӯҳистони дурдаст, тарғибу ташвиқ менамояд. Ҳамбастагии маҳал ва ҷумҳуриву берун аз он хеле нозукона ба миён омадааст. Муаллиф андешаҳои худро дар партави қиёсҳои замонӣ ба роҳ гузоштааст, ки хеле таъсирбахшанд.

Нигоштаи «Умре дар хидмати халқ» («Зиндагӣ», № 4, 29.03.2018), ки ба қалами Б.Отамбекова тааллуқ дорад, лавҳаест, ки дар он ҳунари чеҳранигории муаллиф ба назар мерасад. Нигошта бо он хуб аст, ки ҳаҷми кӯтоҳ дорад. Дар маҷмӯъ, ин навишта хосиятҳои жанри лавҳаро ба худ гирифтааст, аммо бо он ки қаҳрамони он дар қайди ҳаёт нест, то ҳадде ба эссе монанд шудааст. Чунин лавҳаҳо дар саҳифаҳои нашрия кам нестанд.

Гузорише бо номи «Мусобиқаҳои варзишии Наврӯз» («Зиндагӣ», №4, 29.03.2018), ки ба қалами Гулнора Шердилова таалуқ дорад, рӯҳияи ахборӣ дошта, дар бораи баргузор гардидани мусобиқаҳои идона дар маркази ноҳия нақл менамояд. Дар гузориши мазкур аксҳо низ истифода гардидаанд. Дар саҳифаи чорум ба табъ расонидани ин гуна матолиб анъанаи дерини матбуоти ноҳиявист, зеро ин саҳифа бештар хусусияти тафреҳиву фарҳангиро ба худ касб менамояд. Рубрикаи «Бо килки сармуҳаррир» низ як навъ навоварив навҷӯйии рӯзнома ба ҳисоб рафта метавонад. Ин рубрика дар арафаи иду ҷашнҳо бештар истифода гардида, ҳамчун минбари сармуҳаррир дар он беҳтарин ва ҷолибтарин ҷузъиёт ишора мегардад. Чунончи дар арафаи Соли нави мелодӣ, Иди бонувон, Ҷашнҳои Наврӯзӣ ва амсоли он бо фарогирии оҳанги рӯз рубрикаи мазкур фаъол будааст. Муҳтавое, ки дар матлаби зери ин рубрика пеш оварда мешавад, ҷараёни зиндагии имрӯзаро фаро гирифта, дар ҳамоҳангӣ ба сиёсати Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон мураттаб мешавад.

Бастаҳои рӯзномаро дар чанд соли охир варақ зада, дарк намудан мумкин аст, ки он, дар ҳақиқат, таърихномаи ҳаёти маҳал мебошад. Дар бораи олимону пажӯҳишгарон, нависандагону шоирон, омӯзгорону мураббиён, варзишгарону санъаткорон, ҳунармандону косибон, собиқадорону пирони рӯзгордида, фарзандони шоистаи диёр, ки феълан дар қайди ҳаёт нестанд ва амсоли даҳҳо мавзӯоти дигар матолибе таҳия шудаанд, ки нишондиҳандаи набзи ин ноҳия дар даврaҳои гуногун мебошанд. Дар бораи ваҳдату дӯстӣ, рафоқату бародарӣ, меҳнатдӯстиву садоқатмандиҳо, ватанпарастиву худшиносиҳо, ахлоқи шоиставу тарбияи накуи фарзандон дар ин рӯзнома матолиби мухталифро дучор омадан мумкин аст, ки таъсирбахшу мондагор мебошанд. Албатта, гоҳ-гоҳе ба назар расидани ноқисиҳои забониву услубӣ, маҳдудияти андешаҳо, таҳлилҳои сатҳӣ ва такрори қолабии мавзӯот, якнавохтии саҳифаҳову дизайни заиф ва баъзе ҷузъиёти дигар наметавонад, ки заҳмати кормандони як нашрияеро, ки ҳамагӣ ҷавононанд, барҳам занад. Пурмазмун гардидани матбуоти маҳаллӣ, қабл аз ҳама, дар бештар нашр гардидани шумораҳои он аст. Ба моҳномаву фаслномаву гоҳнома табдил ёфтанашон хатари ҷиддӣ дорад. Ин, пеш аз ҳама, ба вуҷуд омадани холигаҳи иттилоотӣ дар маҳалҳо аст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ холигаҳи иттилоотӣ аз ҷониби идеологияҳои таҳмилӣ ҳамеша мавриди ҳадафу зарбаҳо қарор мегирад. Тарғибу ташвиқи идеологияи давлатӣ танҳо вазифаи матбуоти марказӣ нест. Татбиқи ин сиёсат дар маҳалҳо бештар тавассути нашрияҳои ноҳиявӣ сурат мегирад. Таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ майли бештар ба васоити ахбори маҳаллӣ доранд. Ин ҷараён дар фазои мо низ ногузир аст. Дар акси ҳол бо истифода аз ин холигаҳҳо тарғибу ташвиқи сиёсатҳои таҳмилии зараровар бештар мегардад.

Бо назардошти ин ҳолатҳо матбуоти маҳаллӣ имрӯз аз мавзӯъҳои иҷтимоиву сиёсӣ, ватандӯстӣ, худшиносиву ҳувияти миллӣ, мавзӯи сохтмон ва бунёдкориҳо, таҳсилу маориф, оилаву тарбияи фарзандон ва даҳҳои дигар ба таври фаровон истифода мебарад. Бояд гуфт, ки дар меҳвари амиқи ҳама ҳадафҳои мавзӯӣ инсон қарор мегирад. Таҳқиқи оламу замони нав ва ташхиси оламу замони куҳан дар иртибот ба фаъолияти инсон сурат мегирад. Таҷаммӯи шуғлу фаъолияти инсонӣ дар матолиби гуногун имкон пеш меорад, ки хосияти равонии ҷомеа ташхис гардад. Ҳолати имрӯза таҳлилу баррасӣ ва дурнамои бақову ташаккули ин ҷомеа бозгӯ шавад. Боз ҳам он ақида талқин мешавад, ки имрӯз сифати иҷтимоии навиштаҳо (публитсистика) дараҷаи хосро соҳиб аст. Раванди ғасби

мафкура дар шароити ҷаҳонишавӣ муҳиту фазои маҳалро низ водор сохтааст, ки тобишҳои нав ба навро соҳиб гардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Гуревич, С.М. Газета: Вчера, сегодня, завтра: Учебное пособие для вузов / С.М.Гуревич. – М.: Аспект Пресс, 2004. – 228 с.
2. Дар моварои сухан: маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ. – Душанбе, 2005. – 94 с.
3. Михайлов С.А. Современная и зарубежная журналистика: Учебник / С.А.Михайлов. – СПб. : Изд-во Михайлова В.А., 2005. – 320 с.
4. Муродов, М. Матбуоти маҳаллии Тоҷикистон / М.Муродов ва диг. – Душанбе, 2018. – 200 с.
5. Олешко В.Ф. Журналистика как творчества / В.Ф. Олешко. – М.: «РИП-холдинг», 2005. – 222 с.
6. Саъдуллоев А. Жанрҳои таҳлилии матбуот / А.Саъдуллоев, П.Гулмуродозода. – Душанбе, 1994. – 57 с.
7. М.Е. Аникина. Типология периодической печати (Под редакцией доктора филогических наук, профессора М.В.Шкондина, кандидата филогических наук, доцента Л.Л.Реснянской): Учеб. Пособие / М.Е.Аникина, В.В. Баранов и др. - М.: АСПЕКТ ПРЕСС, 2009. – 236 с.
8. Ученова, В.В. Публицистика и политика / В.В.Ученова. – М.: Политиздат, 1973. – 231 с.
9. Фомичева, И.Д. Журналистика и аудитория: теоритические проблемы и опыт изучения городские СМИ и пропаганды / И.Д. Фомичева. – М.: Изд-во Московского университета, 1976. – 158 с.
10. Херман Майн. Средства массовой информации в Федеративной Республики Германии (перевод М. Бальё, Т. Манеевич) / Майн Херман. – М.: 1996. – 158 с.

МАВЗӮЪ ВА МУНДАРИҶАИ МАТБУОТИ МАҲАЛЛӢ

Дар ин мақола дар бораи доираи мавзӯиву мундариҷавии матбуоти маҳаллӣ сухан меравад. Матбуоти маҳаллӣ мавзӯъ ва мундариҷаи хос дошта, мехоҳад, ки мавзӯъҳои муҳимми иҷтимоии маҳалро фаро гирад. Дар замони шӯравӣ матбуоти маҳаллӣ аз мавзӯъ танқисӣ надошт. Дар марҳилаи охири ташаккули матбуоти маҳаллӣ доираи мавзӯъҳо камтар гардид. Ҷашни корхона, ғолибияти хоҷагӣ дар мусобиқаҳо, баргузории конфронсу нишастҳо, ҷашнвораи шахсиятҳои маҳал, қаҳрамонии фарзандони маҳал ва амсоли он дар як маҳал дар ин гуна матбуот инъикоси пайваста доранд. Жанрҳо низ мундариҷаву мавзӯъро маълум карда метавонанд. Ҳисобот аз ҷаласаҳои мақомоти иҷроияи ҳукумат, хабарҳои аз ҷараёни корҳои кишоварзӣ, мусоҳиба бо пешқадамони истеҳсолот, лавҳаву очерк дар бораи шахсиятҳои маҳал ва чанде дигар қолаби асосии жанрҳову мавзӯоти ҳаёти маҳал ба шумор мераванд. Иқлими иттилоотӣ ва қаламрави ҷуғрофии фазои иттилоотӣ низ омили аслии муайян кардани мавзӯъҳои рӯзномаи маҳал мебошанд. Ин ҷиҳатҳоро дар мисоли нашрияи “Зиндагӣ”-и ноҳияи Ишкошим дидан мумкин аст. Рӯзнома аз рубрикаҳову гӯшаҳои гуногун истифода бурда, зиндагии маҳалро дарҷ кардан мехоҳад. Нашрия аз рубрикаҳои мухталиф ба монанди «Соли 2017 – Соли ҷавонон», «Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор»», «Сухани сармуҳаррир», «Ёднома», «Зикри хайр», «Шамъи хотира» ва ғайра истифода мекунад. Дар бораи олимону пажӯҳишгарон, нависандагону шоирон, омӯзгорону мураббиён, варзишгарону санъаткорон, ҳунармандону косибон, собиқадорону пирони рӯзгордида, фарзандони шоистаи диёри ноҳия матолиб интишор менамояд, ки нишондиҳандаи набзи ин ноҳия дар аст. Бо назардошти ин ҳолатҳо матбуоти маҳаллӣ имрӯз аз мавзӯъҳои иҷтимоиву сиёсӣ, ватандӯстӣ, худшиносиву ҳувияти миллӣ, мавзӯи сохтмон ва бунёдкориҳо, таҳсилу маориф, оилаву тарбияи фарзандон ва даҳҳои дигар ба таври фаровон истифода мебарад ва дар меҳвари амиқи ҳамаи онҳо инсон қарор мегирад.

Калидвожаҳо: матолиб, ватандӯстӣ, худшиносӣ, маҳаллӣ, матбуот, диёр, муколама, аудитория, фарҳанг, чеҳра, забон, набз, раванд, завқ, инъикос.

ТЕМАТИКА И СОДЕРЖАНИЕ МЕСТНОЙ ПРЕССЫ

В статье анализируется тема и содержание материалов местной прессы. Отмечается, что местная пресса, имея конкретную тему и определенное содержание, стремится отражать социально-важные вопросы. В Советском Союзе в местной прессе практически отсутствовали темы критического характера. На последнем этапе развития в местной периодической печати наблюдается ограничение проблем, касающихся социальной и политической жизни общества. Сегодня такие темы, как празднование значимых событий в жизни предприятия, победа хозяйства в производственном соревновании, юбилей знаменитых лиц, работающих в этой области, героизм конкретной личности, которые отражает местная пресса, имеют одинаковый тон. Содержание материалов также можно определить жанром. Отчет по результатам областного собрания, информация о хозяйственных делах, интервью с передовыми героями области, панорама и очерк о знаменитых лицах области являются основными жанрами, определяющими тему и содержание местной прессы. К факторам, определяющим тему и содержание местной прессы можно добавить информационное пространство и территорию, на которой они функционируют. Примером служит газета “Зиндаги” (“Жизнь”), действующая в районе Ишкошим. Социальная и политическая жизнь населения в газете отражается под рубриками “2017 г. – Год молодежи”, “Международное десятилетие действий «Вода для жизни”, “Слово редактора”, “Мемуары”, “Благое упоминание”, “Свеча воспоминаний” и т.д. Газета также публикует материалы ученых, исследователей, писателей и поэтов, артистов и ремесленников, пожилых и опытных людей, преподавателей, спортсменов, авторитетных и достойных лиц района, что является основным

фактором, определяющим тематику и содержание газеты. Местная пресса, отражая такие темы, как самопознание, патриотизм, строительство, учение и образование, воспитание детей в семье, а также политические и социальные темы стремится быть активным участником информационного поля в современном мире.

Ключевые слова: тема, патриотизм, самопознание, местная, пресса, сравнение, аудитория, культура, лицо, язык, пульс, процесс, интерес, отражение.

THE SUBJECT AND CONTENT OF THE LOCAL PRESS

In the presented article the discussion will be around the local press's subject and content. The local press aims to hold the particular subject and content, that contains the important social issues of a specific region. The local press hadn't shortage in subject during the Soviet area. In the late phase of the local press formation the range of subjects became less. Manufacture celebration, farm victory, holding meetings, the celebrations of local figures, the heroism of local population and et cetera in a certain region are constantly covered in such press. The genres also can identify the content and subject. Reports from the meetings of the executing agency, news on the process of agriculture works, interview with the advanced manufacturer, feature stories about the local figures and some other are the main structure of genres and local life issues. The informational climate and geographical area of the information space are as well the major factors in identifying the subjects of local newspaper. These features can be seen in the case of "Zindagi" ("Life") newspaper of Ishkashim district. The paper with the usage of different rubrics and columns aims to cover the local life. The newspaper uses various rubrics, such as: "2017-the year of youth", "International Decade "Water for Sustainable Development", "The chief editor's word", "Obituary", "Kind mention", "Candle memoirs" and etc. The newspaper publishes articles about the scientists and explorers, writers and poets, teachers and nurses, sportsmen and artists, masters and craftsmen, experienced old generations and the worthy children of the district. In view of these state today the local press covers the social and political, patriotism, self-recognition and national mentality, the themes of constructions, education, family and child-rearing and other dozens issues. The central character of all these subjects is person.

Key words: articles, patriotism, self-recognition, local, press, native, dialogue,audience, culture, figure, language, pulse, process, desire, coverage.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. E-mail. ADAB-75@mail.ru

Сведения об авторе: ***Кутбиддинов Абдулмумин Хошимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail. **ADAB-75@mail.ru**

Information about the author: ***Qutbiddinov Abdulmumin Hoshimovich*** - Tajik national University, Cand.Phil.Sci., the associate professor of the International Journalism department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail. **ADAB-75@mail.ru**

УДК: 659.1

РОЛЬ И МЕСТО ИНФОРМАЦИОННЫХ АГЕНТСТВ В СИСТЕМЕ СМИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Абдуллозода М.А.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

I

Можно ли считать информационные агентства самостоятельным типом средств массовой информации - ныне является одним из важнейших вопросов теории журналистики. Появление такой теоретической проблемы в журналистской науке связано с небывалым ранее влиянием на массовую аудиторию ежечасных (и даже ежеминутных) новостей и других материалов, распространяемых информационными агентствами через их собственные сайты и социальные сети. Это привело к тому что, как утверждает

Ю.А. Погорелый, «в настоящее время информационные агентства находятся в самом центре системы средств массовой информации» [8, с.51].

Основная часть исследователей, хотя и признают то обстоятельство, что на современном этапе развития информационное агентство приобрело самостоятельный характер, в то же время указывают на его инфраструктурную особенность. Другая часть ясно и четко подчеркивает, что

на сегодняшнем этапе своего развития информационное агентство трансформировалось в самостоятельный вид СМИ наряду с другими традиционными медиа – периодической печатью, радио и телевидением.

Э.В. Могилевская так формулирует функциональную особенность современного информационного агентства: «С зарождением и развитием цифровых технологий, спутниковой связи, слиянием компьютерных и коммуникационных технологий и, что важнее всего, появлением Интернета, информационным агентствам пришлось пересмотреть существовавшую организацию и режим работы, подтверждая тем самым статус динамично развивающихся средств массовой информации» [8]. Как видим, Э.В. Могилевская определяет статус информационного агентства как «динамично развивающиеся СМИ», подтверждая тем самым, мысль Ю.А. Погорелого о том, что действительно ныне «информационные агентства находятся в самом центре системы средств массовой информации».

Другой исследователь О. Лащук недвусмысленно отмечает, что «информационные агентства стали самым настоящим средством массовой информации» [4, с.59]. Е.Л. Вартанова, Г.В. Вирен, Т. И. Фролова не только отмечают, что «по существу информационные агентства являются средствами массовой информации» [1, с.14], но они, по их мнению, являются также «особыми СМИ» [1, с.15]. Такую «особость» они видят в двух признаках: во-первых в том, что «в отличие от практически всех других СМИ, работают для аудитории, которую невозможно ограничить никакими рамками»; и во-вторых, что они могут хранить информацию, а потому «базы данных информационных агентств стали сегодня весьма важными для их работы, они востребованы подписчиками и приносят определенную коммерческую выгоду самим агентствам» [1, с.18].

